ISSN 2308-054X

ПАЁМИ

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИҶОРАТИ ТОҶИКИСТОН

Маҷаллаи илмӣ

ВЕСТНИК

ТАДЖИКСКОГО ГОСУДАРСТВЕННОГО УНИВЕРСИТЕТА КОММЕРЦИИ

Научный журнал

HERALD

TAJIK STATE UNIVERSITY OF COMMERCE

Scientific journal

4/1(43)/2022

ISSN 2308-054X

ПАЁМИ

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ
ТИҶОРАТИ ТОҶИКИСТОН

ВЕСТНИК

ТАДЖИКСКОГО ГОСУДАРСТВЕННОГО
УНИВЕРСИТЕТА КОММЕРЦИИ

HERALD

OF THE TAJIK STATE
UNIVERSITY OF COMMERCE

4/1(43)

Душанбе, 2022

ПАЁМИ ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ТИҶОРАТИ ТОҶИКИСТОН

«Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон» аз соли 2011 ба табъ мерасад

ВЕСТНИК ТАДЖИКСКОГО ГОСУДАРСТВЕННОГО УНИВЕРСИТЕТА КОММЕРЦИИ

«Вестник Таджикского государственного университета коммерции» публикуется с 2011 года

Сармуҳаррир
Ректори ДДТТ Назарзода Х.Х.

Главный редактор
Ректор ТГУК Назарзода Х.Х.

Муовини сармуҳаррир
Шаропов Фарҳод Разоқович

Заместитель главного редактора
Шаропов Фарход Разокович

АЪЗОЁНИ ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ

Адамов Н.А.	д.и.и., профессор, ОАО «ИТКОР», ш. Москва
Аминов И.А.	д.и.и., дотсент, ДИС ДДТТ, ш. Хуҷанд
Амонова Д.С.	д.и.и., профессор, ДМТ, ш. Душанбе
Ҷабборов А.Д.	д.и.и., профессор, ДДТТ, ш. Душанбе
Исраилов М.	д.и.и., профессор, ДСҚР, ш. Бишкек
Рачабов Р.К.	д.и.и., профессор, ДДТТ, ш. Душанбе
Тарасова Е.Е.	д.и.и., профессор, ДКМБ, ш. Белгород
Улмасов Р.У.	д.и.и., профессор, ДСРТ, ш. Душанбе
Шаропов Ф.Р.	д.и.и., дотсент, ДДТТ, ш. Душанбе
Кудратов Н.А.	д.и.ҳ., доцент, ДДТТ, ш.Душанбе
Султонов З.С.	н.и.и., дотсент, ДДТТ, ш. Душанбе

ЧЛЕНЫ РЕДАКЦИОННОЙ КОЛЛЕГИИ

Адамов Н.А.	д.э.н., профессор, ОАО «ИТКОР», г. Москва
Аминов И.А.	д.э.н., доцент, ИЭТ ТГУК, г. Худжанд
Амонова Д.С.	д.э.н., профессор, НУТ, г. Душанбе
Джабборов А.Д.	д.э.н., профессор, ТГУК, г. Душанбе
Исраилов М.	д.э.н., профессор, КРСУ, г. Бишкек
Раджабов Р.К.	д.э.н., профессор, ТГУК, г. Душанбе
Тарасова Е.Е.	д.э.н., профессор, БУПК, г. Белгород
Ульмасов Р.У.	д.э.н., профессор, РТСУ, г. Душанбе
Шаропов Ф.Р.	д.э.н., доцент, ТГУК, г. Душанбе
Кудратов Н.А.	д.ю.н., доцент, ТГУК, г. Душанбе
Султонов З.С.	к.э.н., доцент, ТГУК, г. Душанбе

© ***Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон***
Таджикиский государственный университет коммерции

МУНДАРИҶА

ИЛМҲОИ ИҚТИСОДӢ, СОҲИБКОРӢ ВА СОҲАИ ИҶТИМОӢ		
1.	**Нидоев Н.Ф.** Муносибатҳои нави иқтисоди институтсионалӣ: зарурат ва имкониятҳои истифодабарӣ дар шароити ҳозира	7
2.	**Рачабов Р.К., Холов З.А.** Ҷабҳаҳои назариявии системаи пардохти меҳнат ва ҳавасмандгардонии кормандони корхона	17
3.	**Газибеков С. А., Джамолиддинов С. Р.** Асосҳои илмии танзими бозорӣ ва давлатии рақобат дар бозори молҳои истеъмолӣ	25
4.	**Саидов С.С., Мачидзода Д.М.** Имкониятҳои васеъ намудани шуғли аҳолии деҳот дар чорчӯбаи муносибатҳои бозорӣ	31
5.	**Ҷамшедов М.Ҷ.** Татбиқи амалии ислоҳоти иқтисодӣ дар соҳаи бозори истеъмолӣ ва савдо	40
6.	**Қурбонов А.Р., Сафаров Ҷ.А.** Таҷрибаи хориҷии соҳибкории инфиродӣ ва истифодаи он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон	52
7.	**Валиев Н. Ш., Мухторзода С.С.** Рушди фаъолияти соҳибкории хурд ва хусусиятҳои хоси он дар савдои чакана	57
8.	**Усманова Т.Ҷ., Азимов Н.Ҳ.** Усулҳои танзими муҳоҷирати интеллектуалӣ ҳамчун асоси ташаккулёбии иқтидори креативии қувваи корӣ	64
9.	**Муқаддасзода Ф.М.** Баъзе ҷанбаҳои назариявию амалии таназзул дар иқтисодиёт	71
10.	**Машокиров Дж.Н., Шаропов Ф.Р.** Коммуникатсияи ахбори омма дар вазъияти рушди туризм	74
11.	**Досиев М. Н.** Нақши мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар рушди босуботи соҳибкории экологӣ	79
12.	**Икромов Ф.Н.** Таҳлили вазъи қарзҳои бонкӣ ва ҷараёни идоракунии хавфҳои он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон	85
13.	**Ғаюров Ғ.Ҳ., Ҳалимов Л.М., Сафаров М.М.** Таъсири хавфи қарзӣ ба нишондиҳандаҳои молиявии низоми бонкӣ	95
14.	**Ҷамшедов М.Ҷ., Исмонов М.А.** Сайёҳӣ – самти муҳими таъминкунандаи рушди иқтисоди миллӣ	102
15.	**Мариншоев М.М.** Такмили омилҳои инноватсионии рушди корхонаҳои савдои чакана	108
16.	**Гулов И.Ҳ., Аминов И.** Таҳияи барномаҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ механизми асосии сиёсати иҷтимоӣ дар минтақа	113
17.	**Мирзоалиев А.А., Муродова М.И.** Муносибат ба ташкили баҳисобгирии истеҳсол ва фурӯши маҳсулот дар муассисаҳои тиҷорати тарабхонавӣ	120
18.	**Мизробов С.С.** Хусусиятҳои инноватсионии рушди соҳибкории саноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон	131
19.	**Мачидов А.А.** Татбиқи усули индексии таҳлил дар омӯзиши таркиби бозори меҳнат	138
20.	**Марупова Н.Ш.** Таҳияи барномаҳои иҷтимоӣ дар шароити рушди инноватсионии Тоҷикистон	142
21.	**Юнусова М.М.** Мавқеи фанни назарияи иқтисодӣ дар омода намудани иқтисодчиён	150
22.	**Абдуллоев А.Б.** Ҷанбаҳои назариявии бозори хизматрасониҳои тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар кишвар	154
23.	**Ғафуров С.Х.** Методҳои идоракунии давлатии рушди индустриалӣ-инноватсионии корхонаҳои саноатӣ	157
24.	**Гафарова М.Т., Машокиров Ҷ.Н.** Таҳқиқи оморӣ ва равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар соҳаи сайёҳӣ	165
25.	**Алихонзода Шоҳрух.** Хусусиятҳои идораи зиддиинҳисорӣ дар соҳаи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон	172
26.	**Икромов Н.Қ., Икромов Ф.Н.** Нақши қарзҳои бонкӣ дар раванди саноатикунонии рушди иқтисодиёти миллӣ	179
27.	**Асомуддини Р.К., Арабов Ф.П.** Механизми идоракунии истифодаи экологӣ-иқтисодии захираҳои замин дар соҳаи кишоварзӣ	187
28.	**Мирсаидов Ф.А.** Проблемаҳои иҷтимоии муҳоҷирати таълимӣ	194

29.	**Мирзоалиев А.А.** Равишҳои методологии идоракунии рушди рақамии сармояи инсонӣ	200
30.	**Содиқов Р.Ҳ.** Усулҳои баҳодиҳии хавфҳои хоҷагидорӣ	210
31.	**Ашуров И.С., Абдуллаева М.Р., Шарипов Х.П.** Сиёсати пулию қарзӣ хамчун омили рушди самарабахши иктисодӣ	217
32.	**Машокиров Ҷ.Н.** Асосҳои назариявию амалии баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ бо назардошти омили сармояи инсонӣ	222
33.	**Муртазоқулов М. Р.** Ташаккули технологияҳои иттилоотию ҳисоббарор дар Тоҷикистон	231
34.	**Алимова М.А.** Самтҳои асосии инкишофи мутаносиби бозори хадамоти иттилоотӣ дар асоси равиши захиравӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон	237
35.	**Мирзоалиев Ё.А.** Имкониятҳои татбиқи буҷети чандирӣ дар низоми идоракунии муассисаҳои таълимӣ	243
36.	**Урунова С.А.** Омилҳои асосии ба рушди мерчендайзинг таъсиркунанда дар корхонаҳои савдои чакана	250
37.	**Субҳонқулов И.А.** Таҳлили статистикӣ сифатҳои ҳавасмандгардонии моддии коркунони ташкилотҳои кооперацияи матлубот	257
38.	**Ҳалимов Л.М. Исупова Б.И.** Беҳдошти хизматрасониҳои замонавии бонкӣ	262
39.	**Туйчиқулов З.Ҷ., Алимов Ҷ.Ш.** Ҳолати муосир ва тамоюлҳои асосии рушди нишондиҳандаҳои хизматрасониҳои таълимӣ - рақамӣ	266
40.	**Давлятов Э.М.** Суботи сиёсӣ ҳамчун заминаи рушди сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон	274
41.	**Мирзоалиев А.А., Холиқова П.И.** Рушди иқтидори кадрӣ дар иқтисодиёти рақамӣ	279
42.	**Шералиев Э.Н., Халифазода Саидаҳтам, Бахтиер Султон.** Ҷанбаҳои назариявии ташаккул ва такмили низоми маъмурикунонии андоз дар шароити муосир	283
43.	**Бобоев Ҷ.И.** Роҳҳои такмилдиҳии амалиёти қарзии бонкҳои тиҷоратӣ	289
44.	**Пӯлотов Б.Б.** Таҳлили вазъи сармоягузорӣ ва динамикаи ҷалби сармоягузорӣ дар минтақа	294
45.	**Усманова Т.Ҷ., Газиев М.Н.** Ҳадафҳои асосии сиёсати пулию қарзии муосири Тоҷикистон	300
46.	**Қудратов Р.Р., Турсунова М.И.** Рушди соҳибкории хурду миёна дар минтақаи қувваи кориаш барзиёд	306
47.	**Рустамов Р.У.** Таҳаввули назарияҳо оид ба иқтидори меҳнатии аҳолӣ ва хусусиятҳои таркибии он	312
48.	**Баротзода Ш.М., Муҳаммади А., Назарова Н.С.** Арзёбии хатарҳои сармоягузорӣ дар корхонаҳои энергетикии вилояти Хатлон	319
	ИЛМҲОИ ГУМАНИТАРӢ	
1.	**Гайратов Т.М., Ҳакимов Ш.Ш.** Системаи байналмиллалии муқовимат бо муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир ва моддаҳои психотропӣ	333
2.	**Ашуров М.Н.** Технологияи рақамӣ ва зарурияти он дар рушди корҳои илмӣ-тадқиқотӣ	337
3.	**Ҷ ононов С., Абдуллозода Н.А.** Сатҳи омӯзиши сиёсати хориҷии ҷумҳурии тоҷикистон дар адабиёти ватанӣ	345
4.	**Максумова Н.Д.** Саҳми Муҳаммад Закариёи Розӣ дар пешрафти илми табиатшиносӣ ва риёзӣ	355
5.	**Исмоилов Ш.М.** Гузариши рақамии омӯзгор дар шароити раванди таълими муосир	359
6.	**Сияров Қ. М.** Заминаҳои таърихии пайдоиш ва рушди консепсияи «қувваи нарм» дар муносибатҳои байналмилалӣ	363
7.	**Шарипов М.И., Султонов Т.З.** Инъикоси масъалаҳои экологӣ дар таълимотҳои динӣ	368
8.	**Олимӣ А.Р.** Муайян кардани заряди хоси заррaҳо бо усули майлкуни дар майдони магнитӣ (моделсозии компютерӣ)	373
	Маълумот оид ба муаллифон	384
	Маълумот барои муаллифон	389

СОДЕРЖАНИЕ

	ЭКОНОМИЧЕСКИЕ НАУКИ, ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВО И СОЦИАЛЬНАЯ СФЕРА	
1.	**Нидоев Н.Ф.** Новые отношения институциональной экономики: необходимость и возможности использования в современных условиях	7
2.	**Раджабов Р.К., Холов З.А.** Теоретические аспекты системы оплаты труда и стимулирования работников предприятия	17
3.	**Газибеков С. А., Джамолиддинов С. Р.** Научные основы рыночного и государственного регулирования конкуренции на рынке потребительских товаров	25
4.	**Саидов С.С., Маджидзода Д.М.** Возможности расширения занятости сельского населения в рамках рыночных отношений	31
5.	**Джамшедов М.Дж.** Проведения экономической реформы в сфере потребительского рынка и торговли	40
6.	**Курбонов А.Р., Сафаров Дж.А.** Зарубежный опыт индивидуального предпринимательства и его использование в Республике Таджикистан	52
7.	**Валиев Н. Ш., Мухторзода С.С.** Развитие малого предпринимательства и его особенности в розничной торговле	57
8.	**Усманова Т.Дж., Азимов Н.Х.** Методы регулирования интеллектуальной миграции как основа формирования креативного потенциала рабочих сил	64
9.	**Мукаддасзода Ф.М.** Некоторые теоретические и практические аспекты рецессии в экономике	71
10.	**Машокиров Дж.Н., Шаропов Ф.Р.** Медиакоммуникации в контексте развития туризма	74
11.	**Досиев М. Н.** Роль органов государственной власти в устойчивом развитии экологического предпринимательства	79
12.	**Икромов Ф.Н.** Анализ банковских кредитов и процессов управления его рисками в Республике Таджикистан	85
13.	**Гаюров Г.Х., Халимов Л.М., Сафаров М.М.** Влияние банковского кредитного риска на финансовые показатели банковской системы	95
14.	**Джамшедов М.Дж., Исмонов М.А.** Туризм – важное направление в развитие национальной экономики	102
15.	**Мариншоев М.М.** Совершенствование инновационных факторов развития предприятий розничной торговли	108
16.	**Гулов И.Х., Аминов И.** Разработка социально-трудовых программ основной механизм социальной политики в регионе	113
17.	**Мирзоалиев А.А., Муродова М.И.** Подходы к организации учета производства и реализации продукции в заведениях ресторанного хозяйства	120
18.	**Мизробов С.С.** Инновационные особенности развития промышленного предпринимательства в Республике Таджикистан	131
19.	**Маджидов А.А.** Применение индексного метода анализа при изучении структуры рынка труда	138
20.	**Марупова Н.Ш.** Разработка социальных программ в условиях инновационного развития Таджикистана	142
21.	**Юнусова М.М.** Место экономической теории в подготовке экономистов	150
22.	**Абдуллоев А.Б.** Теоретические аспекты рынка физической воспитания и спортивных услуг в стране	154
23.	**Гафуров С.Х.** Методы государственного управления индустриально-инновационным развитием промышленных предприятий	157
24.	**Гафарова М.Т., Машокиров Дж.Н.** Статистические исследования и социально-экономические процессы в сфере туризма	165
25.	**Алихонзода Шохрух.** Особенности антимононального управления в промышленной сфере Республики Таджикистан	172
26.	**Икромов Н.Қ., Икромов Ф.Н.** Роль банковских кредитов в индустриальном процессе развития национальной экономики	179
27.	**Асомуддини Р.К., Арабов Ф.П.** Механизм управления эколого-экономического использования земельных ресурсов в сельскохозяйственной отрасли	187
28.	**Мирсаидов Ф.А.** Социальные проблемы образовательной миграции	194

29.	**Мирзоалиев А.А.** Методологические подходы к управлению цифровым развитием человеческого капитала	200
30.	**Содиков Р.Х.** Методы оценки хозяйственных рисков	210
31.	**Ашуров И.С., Абдуллаева М.Р., Шарипов Х.П.** Денежно-кредитная политика, как фактор эффективного развития экономики	217
32.	**Машокиров Дж.Н.** Основы теоретико практическое повышение человеческого капитала	222
33.	**Муртазокулов М. Р.** Развитие информационно-вычислительных технологий в Таджикистане	231
34.	**Алимова М.А.** Основные направления сбалансированного развития рынка информационных услуг на основе ресурсного подхода в Республике Таджикистан	237
35.	**Мирзоалиев Ё.А.** Возможности применения гибкого бюджета в системе управления образовательных учреждений	243
36.	**Урунова С.А.** Основные факторы влияющие на развитие мерчендайзинга на предприятиях розничной торговли	250
37.	**Субхонкулов И.А.** Статистический анализ качества материального стимулирования персонала организаций потребительской кооперации	257
38.	**Халимов Л.М., Исупова Б.И.** Совершенствование современных банковских услуг	262
39.	**Туйчикулов З.Дж., Алимов Дж.Ш.** Современное состояние и основные тенденции развития показателей цифровых образовательных услуг	266
40.	**Давлятов Э.М.** Политическая стабильность как основа развития инвестиций в Республике Таджикистан	274
41.	**Мирзоалиев А.А., Холикова П.И.** Развитие кадрового потенциала в цифровой экономике	279
42.	**Шералиев Э.Н., Халифазода Саидахтам, Бахтиер Султон.** Теоретические аспекты формирования и развития механизма налогового администрирования в условиях рыночной экономики	283
43.	**Бобоев Ч.И.** Пути совершенствования кредитных операций коммерческих банков	289
44.	**Пулатов Б.Б.** Анализ инвестиционной ситуации и динамика привлечения инвестиций в регионе	294
45.	**Усманова Т.Дж., Газиев М.Н.** Основные цели современной денежно-кредитной политики Таджикистана	300
46.	**Кудратов Р.Р., Турсунова М.И.** Развитие малого и среднего предпринимательства в трудоизбыточном регионе	306
47.	**Рустамов Р.У.** Эволюционные теории трудового потенциала населения и ее характеристики	312
48.	**Баротзода Ш.М., Мухаммади А., Назарова Н.С.** Оценка рисков инвестирования в энергетические предприятия Хатлонской области	319
	ГУМАНИТАРНЫЕ НАУКИ	
1.	**Гайратов Т.М., Хакимов Ш.Ш.** Международная система противодействия незаконному обороту наркотических средств и психотропных веществ	333
2.	**Ашуров М.Н.** Цифровые технологии и их необходимость в развитии научно-исследовательских работ	337
3.	**Джононов С., Абдуллозода Н.А.** Степень изучения внешней политики республики таджикистан в отчественой литературе	345
4.	**Максумова Н.Д.** Вклад Мухаммада Закариа Рази в развитие естественных наук и математики	355
5.	**Исмоилов Ш.М.** Цифровая трансформация преподавателя в условиях современного образовательного процесса	359
6.	**Сияров К. М.** Исторические предпосылки возникновения и развития концепции «мягкой силы» в международных отношениях	363
7.	**Шарипов М.И., Султонов Т.З.** Отражение экологических проблем в религиозных учениях	368
8.	**Олими А.Р.** Определение удельного заряда частиц методом склонение в магнитном поле (компьютерное моделирование)	373
	Сведения об авторах	384
	Памятка для авторов	389

ИЛМҲОИ ИҚТИСОДӢ, СОҲИБКОРӢ ВА СОҲАИ ИҶТИМОӢ
ЭКОНОМИЧЕСКИЕ НАУКИ, ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВО И СОЦИАЛЬНАЯ СФЕРА

УДК 338 339 339.5

Нидоев Н.Ф.

МУНОСИБАТҲОИ НАВИ ИҚТИСОДИ ИНСТИТУТСИОНАЛӢ: ЗАРУРАТ ВА ИМКОНИЯТҲОИ ИСТИФОДАБАРӢ ДАР ШАРОИТИ ҲОЗИРА

Дар ин мақола таҳлили муфассали вазъият ва рушди муносибатҳои нави иқтисодиёти институтсионалӣ бо нишондоди вазифа, зарурият ва имкониятҳои истифодабарии он дар замони муосир дар асоси танзими давлатии иқтисодиёти кишвар вобаста ба такмили нишондиҳандаҳои иҷтимоию иқтисодӣ оварда шудааст. Дар баробари ин, бо дарназардошти дурнамои рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва такмили танзими давлатии иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон, беҳтаркунии риояи меъёрҳои маъмурӣ бо истифодабарии самаранокии қонунгузории ҷорӣ пешниҳод карда шудаанд.

Вожаҳои калидӣ: иқтисодиёти институтсионалӣ, иқтисодиёти неинституцсионалӣ, танзими давлатии иқтисодиёт, харочоти муомилот, муносибатҳои агентӣ, проблемаҳои «принципиал-агент», унсурҳои ҳуқуқи моликият.

Нидоев Н.Ф.

НОВЫЕ ОТНОШЕНИЯ ИНСТИТУЦИОНАЛЬНОЙ ЭКОНОМИКИ: НЕОБХОДИМОСТЬ И ВОЗМОЖНОСТИ ИСПОЛЬЗОВАНИЯ В СОВРЕМЕННЫХ УСЛОВИЯХ

В данной статье проводится подробный анализ состояния и развития новых отношений институциональной экономики с указанием задач, необходимости и возможностей ее использования в современных условиях на основе государственного регулирования экономики страны посредством улучшения показателей социально-экономического развития. При этом, с учетом перспектив социально-экономического развития и совершенствования государственного регулирования экономики Республики Таджикистан, а также улучшения соблюдения административных норм предлагается эффективное использование действующего законодательства.

Ключевые слова: институциональная экономика, не институциональная экономика, государственное регулирование экономики, транзакционные издержки, агентские отношения, проблемы «принципала-агента», элементы права собственности.

Nidoev N.F.

NEW RELATIONS OF INSTITUTIONAL ECONOMY: NEED AND POSSIBILITIES OF USE IN THE CURRENT CONDITIONS

This article provides a detailed analysis of the state and development of new relations of the institutional economy, indicating the tasks, necessity and possibilities of its use in modern conditions on the basis of state regulation of the country's economy by improving the indicators of socio-economic development. At the same time, taking into account the prospects for socio-

economic development and improvement of state regulation of the economy of the Republic of Tajikistan, as well as improving compliance with administrative norms, it is proposed to effectively use the current legislation.

Key words: institutional economics, non-institutional economy, state regulation of the economy, transaction costs, agency relations, "principal-agent" problem, elements of property rights.

Мутобиқи пешниҳоди олимон ва мутахассисон, институтсионализм ё иқтисоди институтсионалӣ мактаби назариявии иқтисодиест, ки ба воситаи истифодабарии таҳаввули институтҳои иҷтимоии одамон, аз қабили анъана, ахлоқ, тафаккур, ҳуқуқ, оила, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, давлат ва ғайра таъсири бевоситаро ба ташаккул ва рафтори иқтисодии онҳо роҳандозӣ менамояд.

Торстейн Веблен асосгузори иқтисоди институтсионалӣ маҳсуб шуда, ӯ тавонистааст, ки на “ақли инсонӣ”, балки одами “зинда”-ро мавриди баррасӣ қарор дода, кӯшиш кардааст, ки чӣ гунагии рафтори ӯро дар бозор муйян намояд. Мафҳумҳои асосии асари Торстейн Вебленро, ки соли 1899 дар «Назарияи синфи бекор» пайдо шуда буд, ба назар гирифта, метавон ба чунин хулоса омад, ки: «Институтҳо асоси рафтори иктисодӣ мебошанд» [11].

Торстейн Веблен асосгузори иқтисоди институтсионалӣ ҳисобида шавад ҳам, истилоҳи "иқтисоди институтсионалӣ" дар соли 1919 аз ҷониби Уолтон Хейл Гамильтон дар мақолааш, ки дар маҷаллаи «American Economic Review» - «Шарҳи иқтисодии Амрико» нашр шудааст, арзи ҳастӣ намудааст [13].

Дар охири асри XX истилоҳи нави иқтисоди институтсионалӣ - қисми таркибии назарияи иқтисодии неоклассикӣ ташаккул ёфта, он бо иқтисоди анъанавии институтсионалӣ тафовути ҷиддии методологӣ бахшид.

Чи тавре, ки аз энсиклопедияи озод - википедиа, бармеояд - иқтисоди нави институтсионалӣ ё институционализми нав як мактаби муосири назарияи иқтисодии самти неоклассикӣ буда, ҳеҷ гоҳ бо иқтисодиёти анъанавии институтсионалӣ айниятдор набудааст [3].

Асосҳои назариявии иқтисоди институтсионалии нав дар асоси мақолаи «Табиати фирма»-и Роналд Коуз соли 1937 нашр шуда бошад ҳам [9], таваҷҷӯҳи асосӣ ба ин соҳа танҳо дар охири солҳои 70-уми асри XXI дар Иёлоти Муттаҳида ва сипас дар Аврупо пайдо шудааст. Истилоҳи нави иқтисоди институтсионалиро Оливер Уильямсон таҳия ва ба олами илм ворид кардааст [12].

Инчунин, дар ташаккули институтсионализми нав нақши пешбарандаро иқтисоддонҳои мактаби Чикаго (Р. Коуз, Г. Демсетз, Р. Познер, В. Нисканен) ва мактаби Вирҷиния (Ҷ. Бюкенен, Г. Туллоч, Ҷ. Бреннан) бозиданд. Ҷамъияти Байналмилалии Иқтисоди Институтҳои Нав бошад, соли 1997 таъсис дода шудааст [1].

Таҳлилҳои гузаронида шуда, имконият медиҳанд, ки мафҳуми илмии институтсионализмро аз назари ду ҷабҳа омӯзем:

- «институтсияҳо» - меъёрҳо, урфу одатҳо ва рафтор дар ҷомеа;

- «институтҳо» - муқаррар кардани меъёрҳо ва расму оинҳо дар шакли қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар корхона, ташкилот ва муассисаҳо.

Дар асл, маънои равиши институтсионалӣ бо таҳлили категория ва равандҳои иқтисодӣ дар шакли соф маҳдуд нашуда, таҳлили дохил намудани институтҳоро бо дарназардошти ба назар гирифтани омилҳои ғайрииқтисодӣ дар бар мегирад. Яъне институтсионализм на танҳо категория ва равандҳои иқтисодиро дар шакли соф, балки институтҳоро бо муайян намудани омилҳои ғайрииқтисодӣ таҳлил ва дарбар мегирад.

Равишҳои илми институтсионалӣ хусусиятҳои асосии чаҳор соҳаи маъмултарини иқтисоди институтсионалиро дар бар мегирад: назарияи муносибатҳои агентӣ, назарияи рафторӣ, назарияи эволютсионӣ ва назарияи ҳуқуқи моликият.

Ҳамаи назарияҳои дар боло зикршуда имкон медиҳанд, ки самаранокии ҳамкории агентҳоро дар доираи ҳар як муассисаи иқтисодӣ ба назар гирифта, ба онҳо дараҷаи муайяни универсалӣ диҳанд.

Асоси ин назария проблемаи истилоҳи «агенти асосӣ» мебошад, ки ба мавҷудияти ҳама гуна амалҳо ва асимметрияи иттилоотиро байни муштариҳо аз ҷониби принсипал ва иҷрокунандаи онҳо агентҳо роҳандозӣ менамоянд. Назарияи муносибатҳои агентӣ дар солҳои 70-ум асри XX -ум ба вуҷуд омада, намояндагони намоёни он С. Росс, Ҷ. Мирлис ва Ҷ. Стиглиц мебошанд. Ба ин маъно, ин назарияро метавон як варианти рушди назарияи иттилоотии аз ҷониби Кеннет Ҷозеф Эрроу, иқтисоддони амрикоӣ, барандаи Ҷоизаи ёдбуди Алфред Нобел дар соҳаи иқтисод барои соли 1972, якҷоя бо Ҷон Хикс "барои саҳми навоварашон дар назарияи мувозинати умумии иқтисодӣ ва назарияи некӯаҳволӣ таҳия кардашуда, бояд арзёбӣ кард [7].

Моҳияти илмии проблемаи ба истилоҳ «агенти асосӣ» бошад дар он аст, ки дар фаъолият онҳо амалҳои иҷрошавандаи муштариро нисбат ба иҷрокунанда дар асоси асимметрияи иттилоотӣ байни амалҳои принсипал ва иҷрокунандаи онҳо, яъне аз ҷониби агентҳо роҳандозӣ шуда, ҳамин тариқ, заминаи робитаҳои қаввии дуҷониба байни муштарӣ ва иҷрокунанда асос ёфта, оид ба муомилот ва шартҳои муҳими иҷроиши саривақтии он маълумоти мушаххас ба даст оварда мешавад.

Моҳияти иимии проблемаи «принципиал-агент» бошад, дар он аст, ки дар аксари мавридхо муштарӣ нисбат ба иҷрокунандаи бевосита дар бораи моҳияти муомилот ва шартҳои муҳими иҷрои он маълумоти пурра надорад. Фармоишгар бошад, дорои мушкилоти возеҳ баёншуда ва идеяи умумии ҳалли он аст, аммо тамоми ҷузъиёт ва нозукиҳои кор танҳо ба пудратчӣ маълум аст, зеро танҳо вай дорои дониши махсус ва зарурии барои роҳандозӣ кардани онҳоро дорад.

Масалан, ба духтури дандон муроҷиат карда, мо наметавонем амалҳои ӯро бо ҳама тафсилот дуруст арзёбӣ кунем ва маҷбурем, ки ба салоҳияти ӯ эътимод намоем. Ҳамин тавр, мо ҳангоми ҳалли масъалаҳои дорои хусусияти ҳуқуқӣ низ ба андешаи ҳуқуқшинос ҳамин тавр такя карда, бовар мекунем.

Ҳамин тариқ, асимметрияи иттилоотӣ, яъне тақсимоти нобаробари иттилоот дар байни принципал ва агент боиси суст шудани имкониятҳои назорат аз болои иҷрокунанда гашта, дар натиҷа, агент имконият баръаксро пайдо карда, амалҳои корфарморо метавонад идора кунад.

Барои барасмият даровардани гуфтаҳои боло метавон қайд кард, ки натиҷаи ниҳоии амалҳои агент, ки аз ҷониби принципал ба агент супурида шудааст, ин саъю кӯшиши вазифавии агент дар ҳолатҳои тасодуфӣ мебошад. Ин дар ҳоле амал мекунад, ки иҷроиши функсияи сифатӣ аз ҷониби шахсияти агент, самаранокии назорат ва ҳавасмандкуниро роҳандозӣ менамояд.

Тарафдорони институтсионализм мегӯянд, ки неоклассикҳо аз ҳаёти воқеии одамон ҷудо шудаанд, зеро нархҳо, масалан, бо рақобати озод муайян карда намешаванд, зеро дар асл чунин таъсир вуҷуд надорад. Дар ҷаҳони имрӯза, ки аксарияти хоҷагидорони фаъол ба муносибатҳои иқтисодии байни агентҳо (аз ҷумла: истеъмолкунандагон, соҳибкорон, хоҷагиҳои хонаводагӣ, фирмаҳо) вобастаанд, мубодилаи молу захираҳо ба онҳо имконият медиҳанд, ки чӣ аз тарафи агентони алоҳидаи иқтисодӣ ва чӣ аз тарафи тамоми ҷамъият ба ҳаҷми калони истеъмолоти мол ва хизматрасониҳо муваффақ бошанд.

Дар амалияи фаъолияти иқтисоди институсионалӣ бошад, равандҳои тақсимоти меҳнат, тақсими ваколатҳо, тақсимоти вазифаҳо боиси он мегарданд, ки амали як агент ба амали дигараш вобаста гардида, дар натиҷа ба ташкили муносибатҳои иқтисодӣ проблемаҳои ҳамоҳангсозии амалиёти шахсони алоҳида ё ташкилотро ба мадди аввал мегузорад. Аз ин рӯ, танҳо кори мутобиқшудаи ҳамаи иштироккунандагони муносибатҳои иқтисоди институсионалӣ самараи фаъолияти хоҷагиро баланд бардошта метавонад.

Масъалаи мувозинат ва мутаносибии муносибатҳои иқтисодӣ, масъалаи асосии назарияи иқтисодии институтсионалӣ буда, иқтисоди институтсионалӣ хусусиятҳои асосии чунин муносибатҳоро ошкор намуда, имконияти роҳҳои ҳалли мушкилиҳои ҳангоми ҳамкориҳои субъектҳои иқтисодӣ ба миён омадаро муайян ва роҳандозӣ менамояд.

Имрӯзҳо омӯзиши масъала ва проблемаҳои иқтисоди институтсионалӣ тамоми соҳаҳои хоҷагии халқ, аз ҷумла мақомоти гумрукро низ фаро гирифта, боисрор ба татқиқоти тамоми ҷанбаҳои фаъолияти иҷтимоию иқтисодӣ, муносибатҳои нави иқтисодиёти институтсионалиро бо нишондоди вазифа, зарурият ва имкониятҳои истифодабарии он дар бар гирифтааст.

Дар Барномаи миёнамуҳлати рушди мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020 – 2024, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 1 ноябри соли 2019, №537 тасдиқ гардидааст, вазифа ва самтҳои асосии рушди мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистонро бо дарназар доштани таъсири танзими гумрукӣ ҳамчун васоити танзими давлатии фаъолияти савдои хориҷӣ ба раванди ҳамгироӣ дар фазои иқтисодиёти байналмилалӣ муайян намудааст [2, саҳ. 3].

Дар зербанди 11, банди 2-и Барномаи миёнамуҳлати зикргардида, дар робита ба вазъият ва рушди муносибатҳои нави иқтисодиёти институтсионалӣ бо имкониятҳои истифодабарии мушкилоти алоҳидаи рушди институтсионалӣ ва техникии мақомоти гумруки ҷумҳурӣ, ҳалли худро наёфтанд, то ки барои пурра ва куллан мутобиқ шудан ба таҷрибаи савдои мунтазам тағйирёбанда имкон диҳанд ба коҳишёбии самарабахши маъмуригардонии гумрукӣ, рақобати бевиҷдонона ва ба афзоиши интиқоли ғайриқонунии мол тавассути сарҳади гумрукию бозори дохилӣ роҳ наёфтани молҳои воридотии пастсифат ва зуҳуроти дигари манфӣ оварда нарасонад [2, саҳ. 7-9].

Аз ин рӯ, ба номгӯи мушкилоти асосӣ ва имкониятҳои истифодабарии рушди институтсионалӣ ва техникии мақомоти гумруки ҷумҳурӣ, чунин камбудиҳо ба мушоҳида мерасанд:

- қафомонии ҷиддӣ аз таҷрибаи кории муосир, ки огоҳонии пешакӣ оид ба амалиёти тиҷорати хориҷӣ, истифодаи дастгоҳҳои системаи пайгирӣ намудани масири гардиши мол ва воситаҳои нақлиётро дар бар мегирад;

- фаъолияти нопурраи низоми идоракунии таваккал, набудани дарки нақши пешбарандаи низоми идоракунии таваккал;

- сатҳи баланди дучоршавии расмиёти гумрукӣ ба равандҳои коррупсионӣ, ки воридоти маблағҳоро ба буҷети давлатӣ ба таври назаррас коҳиш медиҳанд;

- истифодаи нопурраи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ, ки метавонанд ба расмиёти назорат ва барасмиятдарории гумрукӣ таъсири манфӣ расонанд;

- пурра истифода набурдани имкониятҳои ҷалби сармоягузории мустақими хориҷӣ ва воситаҳои шарикии давлату бахши хусусӣ барои рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар соҳаи гумрук ва соҳаҳои ба он наздик;

- сатҳи нокифояи таъминоти таҳлилию иттилоотии фаъолияти мақомоти гумрук;

- ҳамоҳангии нокифояи амалҳо байни мақомоти гуногуни давлатии амаликунандаи назорати сарҳадӣ;

- набудани дарки равшани нақши муосири мақомоти гумрук ҳамчун ҳамоҳангсози ҳамаи расмиёти содироту воридот ва транзити мол, аз ҷумла ҳангоми амалисозии назорати сарҳадӣ;

- рушди нокифояи муносибатҳои дуҷониба бо иштирокчёни фаъолияти иқтисодии хориҷӣ, махсусан дар масъалаҳои иҷрои санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор;

- дар сатҳи пасти иттилоотонӣ қарор доштани таъмини иштирокчиёни фаъолияти иқтисодии хориҷӣ ва тарафҳои дигари манфиатдор оид ба расмиёти гумрукӣ, меъёрҳои қонунгузории гумрукӣ, аз ҷумла хизматрасониҳои тавассути технологияҳои иттилоотӣ пешниҳодшаванда;

- сатҳи нокифояи рушди инфрасохтори гумрукӣ ва инфрасохтори назорати сарҳадии истиснокунандаи такроршавии вазифаҳои назоратӣ;

- ба таври кофӣ мавҷуд набудани маблағҳои худӣ барои рушди технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва инфрасохтори гумрукию назорати сарҳадӣ;

- пешбурди кори пастсифат дар соҳаи ҳимояи ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ дар робита ба набудани иқтидори кофӣ;

- имкониятҳои маҳдуди иттилоотикунонии воҳидҳои сохтории мубориза бар зидди ҳуқуқвайронкуниҳои гумрукӣ ва коррупсия;

- дар бисёр ҳолатҳо истифодаи бесамари захираҳои техникӣ ва инсонӣ.

Омӯзиши масъала ва мушкилоти проблемаҳои иқтисоди институтсионалӣ дар бахши воқеии иқтисодиёт ва мақомоти гумрук имконият медиҳад, ки моҳияти онҳоро пурра ба таври зайл таҳқиқ намоем:

- хусусиятҳои фарқкунандаи таҳлили институтсионалӣ дар соҳаҳо, хусусан дар бахши воқеии иқтисодиёт ва мақомоти гумрук;

- принсипҳои ташаккули муносибатҳои байни субъектҳои иқтисодӣ;

- институтҳои иқтисодӣ ва нақши онҳо дар бахши воқеии иқтисодиёт;

- мафҳумҳои хароҷоти муомилот ва аҳамияти онҳо дар иқтисодиёти муосир;

- муайян намудани афзалият ва нуқсонҳои муассисаҳои иқтисодӣ, ба монанди: фирма, бозор ва давлат.

Омӯзиши проблема ва мушкилиҳои иқтисоди институтсионалӣ, инчунин боиси тадқиқи чунин падиҳо мегардад:

- зарурияти мавҷудияти муассисаҳои гуногуни иқтисодӣ;

- чӣ гунагии алоқамандии сатҳи хароҷоти муомилотӣ ва хусусиятҳои он;

- проблемаҳои асосии муносибатҳои иқтисодӣ вобаста ба душвориҳои бастани шартномаҳо дар шароити номуайянӣ, асимметрияи ахбор ва пароканда шудани ҳуқуқи моликият;

- низоми арзишҳо ва меъёрҳои ғайрирасмии рафтори одамон дар муносибатҳои иқтисодӣ;

- мавҷудияти ширкатҳо ва сабабҳои маҳдудияти имкониятҳои рушди онҳо;

- имкониятҳои бозор бо мақсади танзими механизми универсалии ҳамоҳангсозии фаъолияти иқтисодӣ;

- зарурияти муносибатҳои давлатӣ барои иктисодиёт ва аҳамияти он барои муносибатҳо;

- сабабҳои қабул нақардани қарорҳои самаранок аз ҷониби мақомоти давлатӣ барои танзим ва назорати муносибатҳои хочагӣ ва фирмаҳои алоҳида;

- зарурати ба амалоии тағйиротҳои институтсионалӣ дар вектори асосии рушди ҷомеа.

Натиҷаи омӯзиши муносибатҳои нави иқтисоди институтсионалӣ дар амалияи фаъолияти хоҷагидориҳои мамлакатҳои таррақикарда, зарурат ва имкониятҳои истифодабарии чунин малакаҳоро дар шароити ҳозира ба даст овардааст:

- ҳисобкунии ҳаҷми хароҷоти муомилот;

- таҳлили сатҳи хароҷоти муомилот ҳангоми ташкили муомилот;

- баҳисобгирии хароҷоти муомилот ҳангоми қабули қарорҳои иқтисодӣ;

- нишон додани омилҳое, ки ба имконияти бастани шартнома бо субъектҳои робитаҳои иқтисодӣ таъсир мерасонанд;

- пешгӯии пайдоиши мушкилоти эҳтимолӣ дар муносибатҳои иқтисодӣ дар асоси атрибутҳои муомилот, паҳншавии иттилоот ва тақсимоти ҳуқуқи моликият;

- баҳодиҳии хароҷоти шахсии кормандон ва идоракунии онҳо бо мақсади самаранокии кори корхона;

- таҳлили роҳҳои беҳтаркунии муносибатҳои иқтисодӣ дар доираи фирма, бозор ва давлат.

Ҳамин тариқ, агар, ба таърихи пайдоиши назарияи институтсионалӣ ҳамчун як самти илми иқтисод назар афканем, он дар охири асри XIX ва ибтидои асри XX, ҳангоми устувор гаштани муносибатҳои бозорӣ дар кишварҳои пешрафта, арзи ҳастӣ намудааст. Маводи бои таҷрибавии иқтисодчиён дар рафти мушоҳидаи фаъолияти иқтисодии субъектҳои гуногуни фаъолияти иқтисодӣ ба даст оварда, ба олимон имконият доданд, ки ҳангоми ҷамъоварӣ ва хулосабарорӣ ба дахлнопазирии асосҳои назарияи иқтисодии неоклассикӣ шубҳа пайдо кунанд. Чи тавре, ки дар боло қайд кардем, аввалинҳо дар байни ин олимон Т. Веблен [11] ва Д. Коммонс [5] буданд.

Т. Веблен таъкид мекард, ки воқеиятҳои иқтисодӣ ва назарияи иқтисодии замонаш бо ҳамдигар носозгориҳои зиёде доранд. Вай аввалин маротиба мафҳуми «институтҳо»-ро ба назарияи иқтисодӣ ҳамчун қонунҳои нонавишта, меъёрҳо ва санадҳои рафтори одамон ҳангоми муомила бо ҳамдигар дохил намудааст. Масалан, инсон, ба ақидаи ӯ, дигар сарчашмаи доимо амалкунандаи фоидарасони озодӣ чуноне, ки инро намояндагони классикони мактаби иқтисодӣ муаррифӣ мекарданд, набуда, балки шахси дар шароити муайяни иҷтимоию фарҳангӣ ташаккул ёфта мебошад. Аз ин ҷо, озодии амали ӯ бо зарурати риояи меъёрҳои муайяни рафтораш дар муҳити мавҷуд будаи қабул кардашудаи атрофиёнаш маҳдуд мегардад. Т. Веблен ангезаи асосии рафтори инсонро воситаи баланд бардоштани мақоми ичтимоии ӯ дар ҷомеа медонист. Қисми зиёди тадқиқотҳои ӯ ба омӯзиши истеъмоли намоишкорона ё барҷаста бахшида шудаанд.

Д. Коммонс анъанаҳои Т. Вебленро идома додаа, таҳқиқотҳои ӯ дар бораи институтҳои иқтисодӣ, аз ҷумла, дар бораи корпоратсияҳо ва иттифоқҳои касаба ва ба таҳлили нақши онҳо дар ҳамоҳангсозии амалиёти шахсони алоҳида, ки рафторашон нисбат ба ҳамдигар дар бисёр маврид антагонистӣ аст, нигаронида шудаанд. Ба ақидаи Д. Комонс, институтҳо ҳамчун системаи қоидаҳо ва меъёрҳои рафтор имкон медиҳанд, ки ихтилофоти воқеӣ ва эҳтимолии байни одамон бартараф карда шуда, барои кори самараноки онҳо замина фароҳам меоварад.

Ҳамзамонони Т. Веблен ва Д. Коммонс - Максимилиан Карл Эмил Вебери олмонӣ, маъруф ба номи Макс Вебер - ҷомеашинос, файласуф, муаррихи сиёсӣ ва иқтисодчӣ, проблемаҳои фарогиртарро таҳқиқ карда, асарҳои ӯ масъалаҳои тафовути муносибатҳои иқтисодии аҳолиро бо дарназардошти динҳои гуногун (англиканизм, протестантҳо, католикҳо, ва исломгароӣ) дар бар гирифтааст. Дар асоси онҳо ӯ вуҷуд доштани шаклҳои доимии муътадили мутақобилаи субъектҳои хоҷагидориро, ки дар ҷараёни инкишофи таърихӣ ташаккул ёфта, дар урфу одат ва қоидаҳои рафтори онҳо ифода ёфтаанд, исботи худро ёфтаанд. Аз муҳимаш он аст, ки риояи қоидаҳо дар сатҳи эътиқодҳои дохилӣ ё вобаста ба таҳдиди таъсири мушаххаси беруна дар мавриди вайрон карда шуданашон, кафолат дода мешуданд [8].

Хизмати дигари Макс Вебер дар васеъгардонии сарҳади ҳавасмандгардонии фаъолияти иқтисодии одамон дониста мешавад. Намояндагони назарияи неоклассикӣ чунин мепиндоштанд, ки шахсе, ки ба муносибатҳои иқтисодӣ ворид мешавад, нисбат ба мақсадҳои пешгирифтааш оқилона рафтор мекунад. Бо ибораи дигар, фард роҳи расидан ба ҳадафашро тарзе интихоб мекунад, ки соддатар ва ё камхарҷтар бошад. Макс Вебер исбот кард, ки на ҳама қарорҳо бо таъсири бартарии ҳадафҳо қабул карда мешаванд. Ноил шудан ба ҳадафҳои ниҳоӣ бо мавҷудияти душвориҳои системаи арзишҳои ахлоқӣ, арзишҳои эстетикии шахс ва ҳолатҳои эмотсионалӣ ҳангоми қабули қарор, бо дарназардошти тамоюли душвори рафтор дар доираи муносибатҳои маъмулии одамон сурат мегиранд. Аз тарафи дигар, ҳамаи ин доираи рафтори имконпазирро барои ҳалли вазифаи функсионалии объективии додашуда, хеле маҳдуд менамояд.

Дар солҳои охир мутаффакирон, илимон ва иқтисоддонҳо ҳангоми ворид гардидан ба муносибатҳои нави иқтисоди институтсионалӣ бо дарназардошти зарурат ва имкониятҳои истифодабарӣ бештар ба хусусиятҳои умумӣ ва самтҳои неоинститутсионализм аҳамият медодагӣ шуданд. Вале диққати асоси ба марҳилаи сеюми

хусусиятҳои умумии неоинститутсионализм ва самти он, ки аз солҳои 70-уми асри XX оғоз меёбад, бештар аст.

Дар робита ба ин, институционализми минбаъда дар доираи муносибатҳои нави иқтисодӣ бо дарназардошти зарурат ва имкониятҳои истифодабарӣ дар ду самт инкишоф меёбад:

- неоинституционализм;
- иқтисодиёти нави институтсионалӣ.

Сарфи назар аз шабеҳии зоҳирӣ дар номҳо, сухан дар бораи равишҳои куллан гуногун ба таҳлили институтҳо меравад. Барои таҳлили муфассали минбаъда мо бояд сохтори назарияи илмии онро донем. Дар самти рушди соҳаҳои мухталиф дилхоҳ назария ду ҷузъро дар бар мегирад:

- ядрои сахт;
- қабати муҳофизатӣ.

Аз ин рӯ, изҳороте, ки асоси қатъии таълимотро ташкил медиҳанд, бояд дар ҷараёни ҳама гуна тағйирот ва такмилҳое, ки бо рушди назария ҳамроҳ мешаванд, бетағйир боқӣ монад. Ҳамзамон бо ин, онҳо ба он принсипҳое такя мекунанд, ки ҳар як муҳаққиқи татбиқкунандаи ин назария, новобаста аз шадидии интиқоди мухолифон, ҳақ надорад онро рад намояд. Аз тарафи дигар, назарияи нигоҳдории қабати муҳофизатӣ ҳангоми рушд ба ислоҳоти доимӣ ниёз дорад.

Ҳамин тариқ, намояндагони тамоюли иқтисоди неоинститутсионалӣ, асосан инҳо ба шумор мераванд: Р. Коуз, Р. Познер, Ҷ. Стиглиц, О. Уилямсон, Д. Норт, Ҷ. Бьюкенен, Г. Таллок. Ин тамоюл дар соли 1937 аз ҷониби Роналд Коуз дар мақолааш «Табиати фирма» оғоз шуда бошад ҳам, аммо то солҳои 1970-ум неоинститутсионализм дар канори иқтисодиёт боқӣ монда буд. Дар аввал ин тамоюл, танҳо дар ИМА инкишоф ёфт, вале дар солҳои 80-уми асри XX иқтисоддонҳои Аврупои Ғарбӣ ва дар солҳои 90-уми асри XX иқтисоддонҳои Аврупои Шарқӣ низ ба ин раванд ҳамроҳ шуданд. Неоинститутсионализм сатҳи муҳофизатии ядрои сахти неоклассикҳоро бетағйир гузошта, танҳо паи ислоҳи қабати муҳофизатӣ қарор дорад.

Гузашта аз ин, неоинституционалистҳо бидуни даст кашидан аз воситаҳои анъанавии микроиқтисодӣ кӯшиш мекунанд, ки омилҳоеро шарҳ диҳанд, ки онҳо қабатҳои берунии неоклассикӣ буда, аз ҷумла, меъёрҳои рафтор, қонунҳои оила ва идеологияро дарбар мегиранд.

Дар асл бошад, таҳлилҳои гузаронида шуда, ба мо бадастоварии тағйиротҳои қабати муҳофизатиро бо чунин шаклҳои зуҳурот имконият дод:

- шаклҳои васеътари моликият баррасӣ шуда, дар баробари моликияти хусусӣ, моликияти коллективӣ ва давлатиро таҳлил ва дар бар гирифта, боиси ба дастоварии самаранокии муқоисавии онҳо дар таъмини муомилоти бозор гардид;
- дар доираи мафҳуми хароҷоти иттилоотӣ, ҷорӣ гардидани хароҷоте, ки бо роҳи ҷӯстуҷӯ ва гирифтани маълумоти алоқамандand бо муомилоту вазъи бозор баррасишаванда;
- дар баробари хароҷотҳои истеҳсолӣ эътирофи ба вуҷудоии хароҷотҳои аз муомилот ба вуҷудоянда.

Дар амалия ва адабиёти муосир сохтори умумии назарияи илмӣ бо чунин самтҳои асосии иқтисодиёти неоиститусионалӣ вобаста ба омӯзиши арбобони давлатӣ ва сиёсатмадорон тавсиф карда мешавад:

- таърихи нави иқтисодӣ;
- назарияи интихоби ҷамъиятӣ;
- рафтори иҷора дар шароити иқтисоди бозорӣ;
- назарияи хароҷоти муомилот;
- назарияи шартномаи оптималӣ;
- назарияи ҳуқуқи моликият.

Дар ин бора, изҳороти Уинстон Леонард Черчиллро ба ёд овардан ба мақсад мувофиқ аст: "Фарқи байни арбоби давлатӣ ва сиёсатмадор дар он аст, ки сиёсатмадор ба интихоботи оянда ва арбоби давлатӣ ба насли оянда эътиқод мекунад" [13].

Асосгузори неоинститутсионализм Р. Коуз дар лексияе, ки бахшида ба ӯ додани Ҷоизаи Нобел дар соҳаи иқтисод, ба назарияи анъанавӣ барои аз зиндагӣ ҷудо буданаш эродҳо кардааст: «Он чӣ, ки омӯхта мешавад, системаест, ки дар шуури иктисодчиён зиндагӣ мекунад, на дар ҳақиқат». Р. Коуз хизмати шоистаи худро дар «исботи зарурати фаъолияти системаи иктисодие, ки ӯро метавон сохтори институтсионалии истеҳсолӣ номид», мебинад [9]. Маҳз баъди омӯзиши сохтори институтсионалии истеҳсолот ба илми иқтисодӣ имконияти таҳияи мафҳумҳои хароҷоти муомилот, ҳуқуқи моликият ва муносибатҳои шартномавӣ гардид

Бояд тазаккур дод, ки эътироф намудани хизматхои шоёни неоинститутсиалисон дар сазовор шудани онҳо ба Ҷоизаи Нобел дар бахши иқтисод изҳор гардид, аз ҷумла:

- соли 1986 ба Ҷеймс Бюкенен;
- соли 1991 ба Рональд Коуз;
- соли 1993 ба Дуглас Норт;
- соли 2001 ба Ҷозеф Стиглиц;
- соли 2009 ба Оливер Вилямсон.

Дар Федератсияи Россия бошад, муносибатҳои нави иқтисоди институтсионалӣ бо нишондоди вазифа, зарурият ва имкониятҳои истифодабарии он дар замони муосир ба души намояндагони он, ба монанди: Р.И. Капелюшников, Р. Нуреев, А. Олейник, В.М. Полтерович, А.Е. Шаститко, Е.А. Бренделева - мебошад.

Новобаста аз зиёд гардидани шумораи намояндагони муносибатҳои нави иқтисоди институтсионалӣ дар сохторҳои умумии назарияи илмӣ ва самтҳои асосии иқтисодиёти неоиститусионалӣ, дар Федератсияи Россия ва дигар мамлакатҳои посошӯравӣ, аз ҷумла дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар амалия онҳо ба назарияи ҳуқуқи моликият ва назарияи хароҷоти муомилот бешрар аҳаммият медиҳанд.

Дар ин ҷо, ба фири мо ба ёд овардани назарияи ҳуқуқи моликият ва аз чунин муқарраротҳо иборат буданаш, басанда аст:

- назарияи ҳуқуқи моликият;
- категорияи молу мулк;
- маҷмӯи ҳуқуқи моликият;
- рӯйхати Оноре.

Низоми ҳуқуқии моликият дар назарияи неоинститутсионалӣ ҳамчун маҷмӯи тамоми қоидаҳое, ки дастрасиро ба захираҳои камёб танзим мекунанд, фаҳмида мешавад. Чунин меъёрҳоро на танхо давлат, балки дигар механизмҳои чамъиятӣ - урфу одат, принципҳои ахлоқӣ, суннатҳои динӣ низ мукаррар ва ҳифз карда метавонанд. Гузашта аз ин, тибқи таърифҳои мавҷуда, ҳуқуқи моликият ҳам объектҳои ҷисмонӣ ва ҳам объектҳои ғайримоддиро дар бар мегирад.

Аз нуқтаи назари ҷомеа, ҳуқуқи моликият ҳамчун «қоидаҳои бозӣ» амал карда, муносибатҳои байни агентҳои алоҳидаро ба тартиб меорад. Аз нуқтаи назари агентҳои инфиродӣ, онҳо ҳамчун "бастаи ваколатҳо" барои қабули қарорҳо дар бораи як манбаи мушаххас зоҳир карда мешаванд. Ҳар як чунин «баста»-ро метавон чунон тақсим кард, ки як қисми ваколатҳо ба як шахс ва қисми дигар онҳо ба шахси дигар тааллуқ дошта бошад.

Соли 1961 ҳуқуқшиноси британиёӣ Артур Оноре як бастаи ҳуқуқҳои моликияти ҷудонашаванда ва такрорнашавандаро пешниҳод кард. Мутахассисони иқтисоди институтсионалӣ ҳама гуна мубодилаи молро ҳамчун мубодилаи ҳуқуқи моликият ба онҳо дониста, ҳуқуқи моликият ва тавсифи онҳоро аз рӯи ақидаҳои Артур Оноре ба чунин гуруҳҳо тақсим намудаанд:

- *аз рӯи ҳуқуқи моликият ба*: ҳуқуқ ба моликият, ҳуқуқи истифодабарӣ, ҳуқуқи идоракунӣ, ҳуқуқ ба даромад, ҳуқуқи соҳибихтиёрӣ, ҳуқуқ ба бехатарӣ, ҳуқуқ ба мерос,

ҳуқуқ ба ҷовидонӣ, ҳуқуқ ба ҷавобгарӣ дар шакли ситонидани ҷарима, манъи истифодаи зараровар, бозгаши ҳуқуқи вогузоршуда.

- *аз рӯи тавсифи ҳуқуқҳо ба:* ҳуқуқи истисноии назорати ҷисмонӣ аз болои молҳо, ҳуқуқи истифодабарии хосиятҳои фоиданокии мол барои худ, дастрасӣ доштан ба ҳуқуқи муайян ба истифодаи мол, ҳуқуқи истифодабарӣ аз натиҷаҳои истифодаи неъмат, истеъмол кардан, тағйир додан ё нобуд кардани неъмат, ҳуқуқ ба муҳофизат аз экспроприатсияи молҳо ва зарар аз муҳити беруна, бегона кардан, ҳуқуқи додани сарват бо роҳи мерос ё васият, ҳуқуқи вақти номаҳдуди неъматҳоро нисбат ба моликият доштан, уҳдадории истифодаи неъмат тарзе, ки ба моликият ва ҳуқуқҳои шахсони дигар зарар нарасонад, имконияти ситонидани мол ҳангоми пардохти қарз, ҳуқуқи «баргашти табиӣ»-и ваколатҳо пас аз гузаштани мӯҳлати интиқол, ҳуқуқи истифодаи муассисаю механизмҳо баҳри ҳимояи ҳуқуқҳои поймолшуда.

Гузашта аз ин, муносибатҳои нави иқтисодиёти институтсионалӣ зарурият ва имкониятҳои истифодабарии ҳуқуқҳои моликиятро, ки маънои рафтории маҷозӣ доранд, ба интихоби шахсони алоҳида таъсир расон мебошанд. Бо ин мақсад, онҳо баъзе паҳлу ва тарзҳои корҳоро ташвиқ карда, дигаронро бо роҳи манъкунӣ ё баландтар кардани хароҷотҳо пахш намуда, бо ин восита, ба интихоби шахсони алоҳида таъсиррасон будани худро мефаҳмонанд.

Хамин тариқ, ба унсурҳои асосии бастаи ҳуқуқи моликият дар доираи муносибатҳои нави иқтисодиёти институтсионалӣ, чунин падидаҳо дохил мешаванд:

1. Додани ҳуқуқи тамоми ваколатҳои қаблӣ;
2. Истисно кардани ҳуқуқи агентҳои дигар аз дастрасӣ ба манбаъ;
3. Гирифтани даромад аз ҳуқуқи истифодашуда;
4. Истифодаи ҳуқуқи захиравӣ.

Саҳми асосгузорони назарияи ҳуқуқи моликият ва поягузории иқтисоди институтсионалӣ дар таърихи рушди андешаи иқтисодии он хеле бузург аст. Барои мисол, Рональд Гарри Коуз чунин ақидаро тарафдорӣ кардааст: «Агар ҳуқуқи иҷрои амалҳои муайянро харидан ё фурӯхтан мумкин бошад, дар ниҳоят онҳоро шахсоне ба даст меоранд, ки имкониятҳои истеҳсол ё тақсимоти ба онҳо додашударо қадр мекунанд. Дар ин раванд, ҳуқуқҳои бадаст оварда шуда, аз ҷониби Рональд Гарри (соли 1910) ба қисмҳо тақсим ва тавре ҷамъбасту пешниҳод карда мешаванд, ки даромади ба даст оварда шудаи Гарольд Демсетс Коуз аз арзиши бозорӣ (соли 1930) баландтар шавад» [9]. Ба ибораи дигар, сухан дар бораи таксимоти ба ном Парето - самарабахшии тақсимоти захираю неъматҳо, меравад.

Ричард Познер бошад, ақида дорад, ки: «Новобаста аз он, ки ҷаҳон нобуд мешавад ё не, татбиқи қонун набояд маҷмӯи абстрактии қоидаҳо бошад, балки бояд ба Армен Алберт кӯмак кунад, ки ҷаҳонро ба тартиб дарорад» [4]. Ричард Познер Алчиан тарафдори А. Алчиан ва Гарольд Демсетс буда, ин масъалаҳои зикргардидаро чунин арзёбӣ мекунад: «Шаҳрҳоро метавон ҳамчун бозорҳое, ки дар моликияти давлатӣ қарор доранд ё фирмаҳои ба ҳеҷ кас тааллуқ надоштро ҳамчун бозори моликияти хусусӣ бояд қабул кард. Аз ин рӯ, фирма ва бозори оддиро метавон ҳамчун рақобати байни бозори моликияти хусусӣ ва бозорҳои ҷамъиятӣ баррасӣ кард. Бозор бошад, аз нуқсонҳои ҳуқуқи моликияти ҷамъиятӣ дар ташкил ва истифодабарии захираҳои моддии пурқимат азоб мекашад» [4].

Мушаххасоти ҳуқуқи моликият бештар аз проблемаҳои вайроншавии ҳуқуқӣ моликият вобаста буда, шарти зарурии фаъолияти босамари бозор муайянкунии дақиқ ё мушаххаси ҳуқуқи моликият мебошад. Ҳуқуқи моликият ҳар қадар аник муайян ва боэътимодтар ҳифз карда шавад, ҳамон қадар робитаи байни амали агентони иқтисодӣ ва некӯаҳволии онҳо зичтар мешавад. Бо ин роҳ, мушаххасот ба қабули қарорҳои аз ҳама камхарҷтар ва самаранок мусоидат мекунад. Падидаи баръакс - норавшании ҳуқуқи моликият дар ҳолати ба амал меояд, ки онҳо нодуруст муқаррар карда шуда, бесамар ҳифз карда мешаванд ва ё ба навъҳои гуногуни маҳдудият дучор мешаванд.

Дар робита ба ин, Р.И. Капелюшников баъзе навъҳои норавшании ҳуқуқи моликиятро муайян кардааст: «…ҳифзи суст, муассисаи номуайян ва мавҷудияти маҳдудиятҳои зиёд» [6]. Зарурати мушаххас муайян намудани ҳуқуқи моликият дар мавридхои ба миён омадани кам будани фоида, муқаррар намудани сарҳади аниқ дар объекти молу мулк, инчунин ҳангоми истиснои дастрасии шахсони дигар ба ин неъматҳо ба даст оварда мешавад.

Масъалаи асосии ин назария аз он иборат аст, ки мушаххаскунии ҳуқуқи моликият озод набуда, хароҷоти зиёдро талаб мекунад. Дурустии мушаххасот аз тавозуни фоида ва хароҷоте, ки ҳангоми таъсис ва ҳифзи ҳуқуқҳои муайян ба даст оварда мешавад, вобаста аст. Аз ин рӯ, ҳама гуна пойдории ҳуқуқи моликият мушкил буда, дар иқтисодиёти воқеӣ онро бо эътимоди мутлақ пурра муайян ва ҳифз кардан ғайри имкон аст.

Таҳлилҳои гузаронида шуда ба мо имконият медиҳанд, ки аз назарияи ҳуқуқи моликият як қатор хулосаҳои муҳимро ҷудо намоем:

1. Ҳар қадар маҷмӯи ваколатҳое, ки ба захираҳо вобастаанд, васеътар бошанд ва ҳар қадар ҳуқуқҳои моликият арзишмандтар бошанд, арзиши онҳо ҳамон қадар баландтар аст;

2. Ҳар қадар ҳуқуқҳои моликият норавшан ва дақиқ набошанд, хароҷоти муомилот ҳамон қадар зиёдтар аст;

3. Ҳар қадар ҳуқуқҳои моликият пурра ҳифз нашуда бошанд, боиси мушкилоти зиёди берунӣ мегарданд.

Ҳамин тариқ, таҳлили муфассали вазъият ва рушди муносибатҳои нави иқтисоди институтсионалӣ бо нишондоди вазифа, зарурият ва имкониятҳои истифодабарии он дар шароити ҳозира вобаста ба такмили дурнамои рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва мукаммалгардонии мақомоти гумрук дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти танзими давлатии содироту воридот, беҳтаркунии фаъолияти муассисаҳои савдо ва хизматрасонии маишӣ, бояд бо роҳҳои зерин амалӣ карда шаванд:

- вобаста ба вазъи ҷомеаи ҷаҳонӣ ва таъсири омилҳои берунӣ ба иқтисоди кишвар, зарурати таҳти назорати қатъӣ қарор гирифтани таъмини нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ ва тақвияти фаъолияти муназзами ҳамаи соҳаҳо ба амал омадааст;

- иҷрои саривақтии нишондиҳандаҳои Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ ва таъмини консепсияҳо, барномаҳои давлатӣ ва татбиқи самараноки лоиҳаҳои давлатии сармоягузорӣ бо дарназардошти муносибатҳои нави иқтисоди институтсионалӣ ва имкониятҳои истифодабарии он дар шароити ҳозира ба миён омадааст;

- беҳтаркунии назорати доимии бамеъёргирии техникӣ, стандартизатсия, тасдиқи мутобиқат ба талаботи санадҳои меъёрии технологӣ ва бақайдгирию сертификатсияи молҳо;

- таҳияи тадбирҳои зарурии истеҳсолу захираҳои кофии маводи хӯрокворӣ ва амалӣ намудани чорабиниҳо ҷиҳати дастгирии молистеҳсолкунандагони ватанӣ ва саноатикунонии соҳаҳои истеҳсолӣ.

АДАБИЁТ

1. Армен А. Алчиан "Неопределенность, эволюция и экономическая теория". Журнал политической экономии. JSTOR 1827159. - 1950. - №58. – С. 211–221.

2. Барномаи миёнамуҳлати рушди мақомоти гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2020 – 2024. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 ноябри соли 2019, №537. - Душанбе: КВД “Манбаа”-и ХГназдиҲҶТ, 2019. - 147 саҳ.

3. Википедиа, энсиклопедияи озод /https: // ru. wikipedia. org/wiki /New_institu tional_economics.

4. Гарольд Демсетс Парадигма прав собственности, 1967; Экономическая теория фирмы: семь критических комментариев», 1995.

5. Джон Роджерс Коммонс (John Rogers Commons) «Рабочие и администрация» (1913), «Промышленная доброжелательность» (1919), «Правовые основы капитализма» (1924), «Институциональная экономическая теория» (1934), Институциональная экономическая теория» (1934) /https: //bstudy. net /681447/ ekonomika /dzhon_kommons.
6. Капелюшников Р.И. Экономическая теория прав собственности. - М.: ИМЭМО, 1990. - 90 с.
7. Кеннет Ҷозеф Эрроу (Kenneth Joseph Arrow). Коллективный выбор и индивидуальные ценности. - ISBN 5-7598-0250-X (англ. Social Choice and Individual Values, 1951). - М.: ГУ ВШЭ, 2004. -204 с.;
8. Максимилиан Карл Эмил Вебер Вебер М. Работы М. Вебера по социологии, религии и культуре / ИНИОН, Всесоюзный межведомственный центр наук о человеке при президиуме АН СССР. - Вып. 2. - М.: ИНИОН, 1991. - С. 183—248.
9. Рональд Гарри Коуз Природа фирмы, 1937; Фирма, рынок и право, 1993;
10. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 декабри соли 2016, №636.-Душанбе, 2016.-104 саҳ.
11. Торстейн Веблен Теория праздного класса /https://yandex.ru /search/? clid =1882628&text =торстейн + веблен+ институционализм &l10n =ru&lr=10318.
12. Уильямсон, Оливер Итон «Рынки и иерархия: анализ и антитрестовские выводы» (Markets and Hierarchies: Analysis and Antitrust Implications, 1975) /https: // ru. wikipedia. org/wiki/ Уильямсон, _ Оливер_Итон.
13. Уолтон Хейл Гамильтон Текущие экономические проблемы (1915; Институциональный подход к экономической теории (1919)) /«American Economic Review» /https: // ru. abcdef. wiki /wiki/ Walton _ Hale_Hamilton.
14. Черчилль, Уинстон /Уинстон Леонаард Спеенсер Черчилль/. «Размышления и приключения» (Thoughts and Adventures). -1932; Защита империи: Автобиография /Великие правители. Пер. с англ. - ISBN 978-5-699-53642-9. - М.: Эксмо, 2012. - 480 с.
15. Эрроу К. Дж., Гурвиц Л., Удзава Х. Исследования по линейному и нелинейному программированию (англ. Studies in Linear and Non-linear Programming, 1958). - М.: Издательство иностранной литературы, 1962. - 334 с.

УДК 331.101

Пешгузарии суръати афзоиши аҳолии деҳот аз суръати афзоиши аҳолии шаҳр ба шуғли аҳолӣ ва сатҳи бекорӣ таъсири худро гузошт. Аз ҷадвали 4 мушоҳида намудан мумкин аст, ки вазни қиёсии бекорони расман қайдшуда дар шумораи умумии аҳолӣ дар солҳои 2005 – 2020 коҳиш ёфтааст. Вале вазни қиёсии бекорони расман қайдшудаи минтақаҳои деҳот дар шумораи умумии бекорони расман қайдшуда афзоиш ёфта, дар соли 2020 71,15 % ташкил намудааст, ки ин нишондиҳанда дар соли 2005 ба 67,61 % баробар мебошад. Дар ин маврид бояд қайд намуд, ки бозори меҳнати деҳот асосан барои кормандони сатҳи тахассусмандашон пастро дар бар мегирад. Дар ин ҷода таклифот асосан аз ҳисоби кормандони сатҳи пасти маълумот ва ё омодасозӣ, ки дар бахши воқеӣ ба даст оварда шудааст, таъмин карда мешавад. Дар ҳолатҳои барзиёд шудани қувваи корӣ нисбат ба талоботи он бекорӣ ба вуҷуд меояд.

Ҷадвали 4.

Таҳлили шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳазор нафар [4]

	2005	**2010**	**2015**	**2020**
Аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон	6842,2	7621,2	8551,2	9506,3
шуғлдошта	2111,7	2233,3	2379,7	2506.2
бекорон	43,645	48,145	55,502	48,967
бекорон дар деҳот	29,510	31,812	40,566	34,838
вазни қиёсии бекорон дар шумораи умумии аҳолӣ, %	0,64	0,63	0,65	0,52
вазни қиёсии бекорон дар деҳот дар шумораи умумии бекорон, %	67,61	66,08	73,09	71,15

Дар натиҷаи гузаронидани таҳлили индексӣ қайд намудан мумкин аст, ки суръати афзоиши аҳолии машғулбудагон аз суръати афзоиши бекорон баланд мебошад. Ҳамзамон, бояд қайд намуд, ки суръати афзоиши бекорон дар деҳот қарийб бо суръати афзоиши машғулбудагон баробар буда, дар соли 2015 пешгузарии онро мушоҳида намудан мумкин

аст. Яъне дар давраи аз соли 2010 то соли 2015 сатҳи бо шуғл таъмин шудани аҳолӣ, махсусан аҳолии деҳот коҳиш ёфтааст. Маҳз, афзоиши шумораи аҳолӣ дар ин давра 1,12 баробарро ташкил менамояд. Дар ин давра, яъне дар соли 2015 сатҳи бекорони расман қайдшуда нисбат ба соли 2010 1,15 баробар зиёд гаштааст ва сатҳи бекорон дар деҳот 1,28 баробар афзоиш ёфтааст, ки афзоиши машғулбудагон дар ин давра 1,07 баробарро ташкил медиҳад. Дар давраи аз соли 2015 то соли 2020 коҳишёбии сатҳи бекоронро мушоҳида кардан мумкин аст, ки индекси тағйирёбии он 0,88 буда, индекси тағйирёбии бекорон дар деҳот 0,86 мебошад. Барои муқоиса индекси тағйирёбии машғулбудагонро баррасӣ кунем, нишондиҳандаи мазкур дар ин давра 1,05 мебошад ва индекси тағйирёбии шумораи аҳолӣ ҳам аз рӯи шумораи умумӣ ва ҳам аз рӯи аҳолии деҳот ба 1,11 баробар аст. Ин далолат медиҳад, ки дар давраи аз соли 2015 то соли 2020 сатҳи бекории расман қайдшуда воқеан коҳиш ёфтааст .

Ҷадвали 5.

Индекси тағйирёбии шуғли аҳолӣ

Нишондиҳандаҳо	2005	2010	2015	2020
индекси занҷирии тағйирёбии машғулбудагон	1	1,06	1,07	1,05
индекси занҷирии тағйирёбии бекорон	1	1,10	1,15	0,88
индекси занҷирии тағйирёбии бекорон дар деҳот	1	1,08	1,28	0,86
индекси базисии тағйирёбии машғулбудагон	1	1,06	1,13	1,19
индекси базисии тағйирёбии бекорон	1	1,10	1,27	1,12
индекси базисии тағйирёбии бекорон дар деҳот	1	1,08	1,37	1,18

Боиси қайд аст, ки ба даст овардани мувозинат дар самти шуғли аҳолӣ ва танзими омодасозии касбии гуруҳҳои алоҳидаи аҳолӣ, ҳамзамон танзими шароитҳои меҳнат, баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ лозим мебошад. Чорабиниҳои мазкур бо роҳи ташкили корхонаҳои шакли фаъолияташон гуногун дар минтақаҳои деҳот амалӣ гардонида мешаванд, ки ин барои ҳаллу фасл намудани як қатор масъалаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ низ мусоидат менамояд.

Дар шароити барзиёдии таклифоти меҳнат аз талоботи он васеъ намудани ҳудуди ҷалби меҳнат дар доираи саноати коркардкунанда, сохтмон ва самти хизматрасонии истеҳсоливу иҷтимоӣ ба мақсад мувофиқ мебошад. Нокифоягии чунин ҷойҳои корӣ ва сатҳи на он қадар баланди донишҳои касбии аҳолии деҳот боиси ба вуҷуд омадани номутаносубии байни бозорҳои қувваи кории деҳот ва ҷойҳои корӣ мегардад.

Сохтори соҳавии шуғли аҳолии коршоями деҳот, ки дар айни ҳол ташаккул ёфтааст, инъикоскунандаи сохтори истеҳсолии такрористеҳсоли агросаноатӣ ба шумор меравад.

Дар мамлакати мо истеҳсолоти аграриро бо дар назардошти хусусиятҳои хос – минтақаҳои кӯҳӣ ва наздикӯҳӣ, шароитҳои гуногуни табиӣ-иқлимӣ баҳогузорӣ намудан лозим аст, ки вазъи бозори меҳнат дар деҳот вобаста ба шакли истифодабарии замин вобастагӣ дорад. Тақсимоти оқилонаи захираҳои замин ва самаранокии истифодабарии он бо баробарии афзоиш додани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот, сарчашмаи ягонаи ҷойгиркунии қувваи корӣ ва таъмини шуғли аҳолии деҳот маҳсуб меёбад.

Барои нигоҳдории деҳот чун зерсилсилаи ҷамъият, ки на танҳо функсияи истеҳсолӣ, балки дигар як қатор функсияҳои муҳимро низ иҷро менамояд, ба роҳ мондани таҳқиқи васеъи шуғли аҳолии деҳот ва коркарди самтҳои нави ҷалби захираҳои меҳнатӣ зарур

мебошад. Танҳо дар асоси рушди устувори соҳаҳои иқтисодиёт ташкили ҷойҳои нави корӣ ва таъмини кормандон бо музди меҳнати баланд имконпазир мегардад.

Дар истеҳсолоти кишоварзӣ, махсусан дар пахтакорӣ ва сабзавоткорӣ, сатҳи сарфи меҳнат хеле баланд мебошад, ки аввало аз сабаби ғайрисамаранок истифода намудани воситаҳои техникӣ ва суръати пасти ҷорикунии шаклҳои пешқадами ташкили истеҳсолоту меҳнат, талафи зиёди вақти корӣ ва ғайраҳо ба вуҷуд меояд.

Дар мамлакати мо тақрибан 3/4 ҳиссаи аҳолии деҳот бо истеҳсоли маҳсулоти озуқаворӣ ва омодасозии ашёи хоми кишоварзӣ барои саноати коркардкунанда машғул мебошад, ки дар давлатҳои тараққикарда шуғл асосан ба коркард ва фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ равона карда мешавад. Дар ҳолати ҷорӣ намудани таҷрибаи мазкур дар шароити маҳаллӣ, аҳолии деҳот метавонад бо ҷойҳои нави корӣ, музди меҳнати баланд ва шароити мусоиди меҳнатӣ таъмин гардад. Чорабинии мазкур барои таъмини шуғли аҳолии деҳот мусоидат хоҳад кард. Ҳамзамон, минтақаҳои деҳот, дар муқоиса бо минтақаҳои шаҳр, бо маҳдуд будани робитаҳои мутақобили соҳаҳо ва сатҳи пасти зичии аҳолӣ фарқ мекунанд. Меҳнате, ки дар кишоварзӣ иҷро карда мешавад, шакли дастиро дорад. Аз ин лиҳоз аҳолии дар деҳот истиқоматкунанда мунтазам бо меҳнати кишоварзӣ машғул мебошад, ки тавассути меҳнати мазкур комёбиҳои назаррас дар самти рушди иҷтимоиву иқтисодии деҳот ғайриимкон мегардад.



Расми 3. Модели баланд бардоштани сатҳи шуғли аҳолӣ

Бо баробарии рушди бозори меҳнати деҳот суръати озодшавии захираҳои меҳнатӣ дар натиҷаи ихтисоршавии ҷойҳои корӣ дар истеҳсолоти кишоварзӣ низ афзоиш меёбад. Бинобарин, яке аз самтҳои муҳимтарини сиёсати аграрӣ ин ҷалби қувваи кории барзиёди дар кишоварзӣ машғулбуда барои кор ба саноат ва соҳаи хизматрасонӣ мебошад. Дар ин маврид, ташкили ҷойҳои нави корӣ тавассути кушодани корхонаҳои хурд, ки дорои технологияҳои муосир мебошанд, лозим мебошад. Бояд дар назар дошт, ки корхонаҳои мазкур на танҳо таъиноти коркарди маҳсулотҳои кишоварзӣ дошта бошанд, балки барои рушди ҳунарҳои мардумӣ, устохонаҳо, шаклҳои гуногуни меҳнати хонагӣ ва ғайраҳо

мусоидат намояд. Барои рушди самти мазкур кӯмаки давлат лозим аст, ки дар давлатҳои мутараққӣ барои рушди ва нигоҳдории он субсидияҳои давлатӣ равона карда мешаванд. Таҷрибаи гузариш ба иқтисодиёти бозорӣ нишон медиҳад, ки бе кӯмаки давлат рушди шаклҳои хурди хоҷагидориро таъмин намудан ғайриимкон мегардад. Тавассути кӯмаки давлат ва самаранок ташаккул додани иқтисодиёти деҳот сатҳи шуғли аҳолӣ, даромад ва сатҳи зиндагии онро баланд бардоштан мумкин аст. Ҳамзамон барои ҷалби замин ба гардиши кишоварзӣ, таъмини вазъи экологии деҳот ва ғайраҳо мусоидат менамояд.

Барои баланд бардоштани сатҳи шуғли аҳолӣ амалӣ гардонидани як қатор чорабиниҳо лозим мебошад [1, 215], ки дар расми 3 модели баланд бардоштани сатҳи шуғли аҳолӣ нишон дода шудааст.

Васеъ намудани шуғли аҳолии деҳот дар шароити муосир бо рушди бахши воқеии иқтисодиёт ва соҳибкории хурд, инчунин тафриқасозии соҳавии иқтисодиёт алоқаманд мебошад. Дар ин самт соҳаи кишоварзӣ мавқеи худро дошта, яке аз сарчашмаҳои асосии шуғли аҳолии деҳот маҳсуб меёбад. Ба самтҳои ҷалби захираҳои меҳнатӣ барои таъмини шуғли аҳолии деҳот дохил намудан мумкин аст: беҳтар намудани шароити корӣ дар деҳот; таъмини шароит барои рушд ва тафриқасозии иқтисодиёти деҳот; ҳамгироии агробизнеси миқёсан калон ва хурд; рушди иттиҳодияҳо; ҳавасмандкунии шуғли ғайрикишоварзӣ, аз ҷумла сайёҳии деҳот; такмилдиҳии иқтидори содиротӣ дар комплекси агросаноатӣ; рушди кишоварзӣ ва ғайраҳо.

Боиси зикр аст, ки дар минтақаҳои деҳотии мамлакат инфрасохторҳои мусоид барои рушди деҳот ва соҳаҳои бо он алоқамандбуда сохта шудааст, ки роҳҳои автомобилгарду оҳан, хатти интиқоли барқ, қубур ва дигар иншоотҳои ирригатсионӣ обтаъминкунӣ ва ғайраҳоро номбар намудан мумкин аст. Дар марҳилаи ҷории рушд дар қаламравии Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути самаранок истифода намудани имкониятҳои истеҳсолии мавҷуда, пурзӯр намудани нақш ва аҳамияти соҳибкории бо минтақаҳои деҳот алоқамандбуда сатҳи некӯаҳволии аҳолии деҳотро баланд бардоштан мумкин мебошад. Самти дигари рушди деҳот бевосита бо ҷалби сармоягузориҳо алоқаманд мебошад. Барои ба баст овардани натиҷаҳои назаррас дар рушди деҳот мавҷудияти захираҳои табиӣ ва шароитҳои мусоиди иқлимӣ аҳамияти хоса доранд.

АДАБИЁТ

1. Едренкина Н.М. Основные направления повышения уровня занятости и доходов сельского населения // Вестник НГАУ. – 2016. - №4(40). – С. 212-217.
2. Постнова М.В., Смирнова Е.А., Александрова Н.Р. Специфика занятости сельского населения региона и факторы, ее определяющие // Экономика труда. – 2020. – Том 7. – № 12. – С. 1217-1234.
3. Раҳимзода Ш. Иқтисодиёт ва мушкилиҳои идоракунии он дар шароити нави хоҷагидорӣ// Иқтисодиёти Тоҷикистон. 2022. № 1. С. 21-28.
4. Тоҷикистон: 30 соли истиқлолияти давлатӣ. Маҷмӯаи оморӣ. – Душанбе: АОПҶТ. 2021, 702.

УДК: 339.72 +336.7+ 338.367 (575.3)

Ҷамшедов М.Ҷ.

ТАТБИҚИ АМАЛИИ ИСЛОҲОТИ ИҚТИСОДӢ ДАР СОҲАИ БОЗОРИ ИСТЕЪМОЛӢ ВА САВДО

Дар мақола мақсади асосӣ, вазифа ва самтҳои афзалиятноки ислоҳоти иқтисодии бозори истеъмолӣ ва соҳаи савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди пажуҳиш қарор дода шудааст. Бештар аҳаммияти хосса ба шарҳу тавзеҳи мафҳумҳои поягии соҳаи муомилоти мол: «бозор», «бозори истеъмолӣ», «вазъи бозори молҳо», «қобилияти пардохттавонии тақозо», «арзаи молҳо», «нархҳои бозорӣ», «инфрасохтори бозори дохилии молҳо ва хизматрасониҳо» ва дигар вожаҳо диққат дода, номувофиқ омадани баъзе аз андешаҳои мухталиф ба назар мерасад. Ба таври мушаххас афкори олимон-иқтисоддонон мавриди омӯзиш қарор гирифта, оид ба баъзе мафҳумҳои ба ин мавзуъ алоқаманд фикру андешаҳои судманд ибрози ақида гардидаанд. Бозор - ин соҳаи муомилоти мол бо пул ва баръакс мебошад. Бинобар ин, бозори истеъмолӣ, яке аз ҷузъиётҳои махсуси иқтисоди бозорӣ, ҳамчун нишондиҳандаи асосии муайянкунандаи рушди иҷтимоӣ-иқтисодии мамлакат ва бунёди воҳидҳои ҳудудии он дар амалияи иқтисодӣ ва иҷтимоии иқтисоди миллӣ нақш ва мавқеи пешбарадаро соҳиб мебошад.

Важаҳои калидӣ. бозор, бозори истеъмолӣ, вазъи бозори молҳо, қобилияти пардохттавонии тақозо, арзаи молҳо, нархҳои бозорӣ, инфрасохтори бозори дохилии молҳо ва хизматрасониҳо, савдои дохилӣ, гардиши чаканаи мол, фурӯшандаҳо, харидорон, миёнаравҳо, истеҳсолгарон, истеъмолгарон, мубодила, муомилоти мол.

Джамшедов М.Дж.

ПРОВЕДЕНИЯ ЭКОНОМИЧЕСКОЙ РЕФОРМЫ В СФЕРЕ ПОТРЕБИТЕЛЬСКОГО РЫНКА И ТОРГОВЛИ

В статье рассмотрено основные цели, задачи и приоритетные направления экономической реформы в сфере потребительского рынка и торговли в Республике Таджикистан. Особое значение в данной работе придается понятийного аппарата базовых экономических категорий и терминов сфера товарного обращения: «рынок», «потребительский рынок», «конъюнктура рынка товаров», «платежеспособный спрос», «предложение товаров», «рыночная цена», «инфраструктура внутреннего рынка товаров и услуг» и др. встречаются нередко несовпадение мнений и взглядов ученых-экономистов и специалистов. Подробно изучены точки зрения ученых-экономистов, уточнены, дополнены и развиты определение понятия отмеченных категорий, непосредственно связанных с данной теме исследования**.** Рынок - это сфера товарного обращения денег на товары и наоборот. Поэтому потребительский рынок является - важнейшей составляющая и особый вид рыночной экономики, которая выступает основным индикатором уровня социального и экономического развития страны и его составных территориальных образований, на практике переплетаются экономические и социальные составляющие национальной экономики.

Ключевые слова. рынок», потребительский рынок, конъюнктура рынка товаров, платежеспособный спрос, предложение товаров, рыночная цена, инфраструктура внутреннего рынка товаров и услуг, внутренняя торговля, розничный товарооборот, продавцы, покупатели, посредники, производители, потребители, обмен, товарное обращения.

Jamshedov M.J.

OF THE ECONOMIC REFORM IN THE SPHERE OF THE CONSUMER MARKET AND TRADE

The article discusses the main goals, objectives and priority areas of economic reform in the consumer market and trade in the Republic of Tajikistan. Particular importance in this work is attached to the conceptual apparatus of basic economic categories and terms of the sphere of commodity circulation: "market", "consumer market", "conjuncture of the goods market", "effective demand", "supply of goods", "market price", "infrastructure of domestic the market of goods and services", etc., there is often a discrepancy between the opinions and views of economists and specialists. The points of view of scientists-economists have been studied in detail, the definition of the concept of the noted categories, directly related to this research topic, has been clarified, supplemented and developed. The market is the sphere of commodity circulation of money for goods and vice versa. Therefore, the consumer market is - the most important component and a special type of market economy, which is the main indicator of the level of social and economic development of the country and its constituent territorial entities; in practice, the economic and social components of the national economy are intertwined.

Keywords: market**,** consumer market, market conditions for goods, effective demand, supply of goods, market price, infrastructure of the internal market for goods and services, domestic trade, retail turnover, sellers, buyers, intermediaries, producers, consumers, exchange, commodity circulation.

Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 омадааст: «Мақсади олии рушди дарозмуддати Тоҷикистон баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолии мамлакат тавассути таъмини рушди устувори иқтисодӣ ба ҳисоб меравад» [11, с.9]. Аз ин лиҳоз, таҳқиқи назариявӣ, методологӣ ва вазифаҳои амалии рушди бозори молҳои истеъмолӣ ва хизматрасонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳам дар зинаи инкишофи пай дар пайи рушди иқтисод ва ҳам дар даврaҳои дарозмуддат моҳияти муҳимми иҷтимоӣ дорад.

Бозори молҳои истеъмолӣ - ҷузъи муҳим ва таркибии иқтисоди миллӣ, дар раванди мубодила, муносибатҳои молию пулӣ ва умуман такрористеҳсоли васеъ ба ҳисоб рафта, узван бо дигар зинаҳои ҳамин раванд, фаъолияти густурда дошта, бо дарназардошти дигар бахшҳои он барои ба даст овардани рушди босуръати иқтисодӣ ва қонеъ намудани қобилияти пардохттавонии талаботи аҳолӣ бо молу хизматрасониҳо беҳад нақши босазо дорад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ соли 1991 ҳамчун давлати мустақил, қатъиян ба татбиқи дигаргунсозиҳои иқтисодӣ тариқи гузаштан аз иқтисоди нақшавию фармонфармоӣ ба низоми муносибатҳои бозорӣ гузаронидани ислоҳоти иқтисодиро пеш аз ҳама, кулли соҳаҳои иқтисод, хусусан бозори молҳои истеъмолӣ ва ташкилкунандаи он - савдои дохилии иқтисоди бозорӣ маҳсуб меёбад. Вазъияти зиддиятнок ва ҷой доштани камбудию норасогиҳо дар давраи ибтидоии татбиқи ислоҳоти иқтисодӣ он ба сатҳи некуаҳволии аҳолӣ таъсири манфӣ расонид ва инчунин ба нақшу омилҳои моҳияти иҷтимоидошта боиси пастравии тези рушди иқтисодии кишвар гардид.

Барои баромадан аз ҳолати бавуҷудомадаи басо мушкил ва ноил шудан ба рушди босуботи иқтисодӣ, тадриҷан баланд бардоштани самаранокии иқтисоди миллӣ ва соҳаҳои афзалиятноки он дар татбиқи дигаргунсозиҳои ҷиддӣ дар сиёсати иқтисодии Ҳукумати мамлакат бояд тағйиротҳои нав ҷорӣ мегардид. Ин дар навбати худ, якҷо бо вазифаҳо оид ба рушди ислоҳоти иқтисодӣ, аз омӯзиш ва таҳқиқи назарияҳои илман асоснокшуда, ҷанбаҳои илмӣ - методологӣ ва амалии бозори молҳои истеъмолӣ ва хизматрасонӣ, ҳамчун

қисмати таркибии муҳим ва ҳаётбахшандаи иқтисоди бозорӣ, ки саҳми он соли 2020 дар маҷмуи маҳсулоти дохилии кишвар 11,4 %-ро ташкил намуд.

Дар мақола дар асоси таҳлили комплексӣ, динамика ва рушди нишондиҳандаҳои асосии макроиқтисодӣ ва тамоюлҳои мусбати рушди он мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст (ҷадв.1).

Ҷадвали 1

Динамикаи тағйирёбии нишондиҳандаҳои макроиқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 1991-2020 [10, с.10-11, с.12-13, с.14-15, с.16-17, с.18-19].

Нишондиҳандаҳо	Солҳо							Соли 2020 нисбат ба[1]	
	1991	1995	2000	2005	2010	2015	2020	с.2000, мар-ба	с.2015, мар-ба
1. ММД бо нархҳои муқоисавӣ, млн. сомонӣ	13,4	69,8	1786,8	7206,6	24707,1	50977,8	82543,7	46,2	1,6
2. Маҳсулоти саноатӣ, бо нархҳои с. 2020, млн. сомонӣ	13540,0	6091,0	5704,0	9930,0	11344,0	16116,0	30890,0	5,4	1,9
3.Маҳсулоти кишоварзӣ (бо нархҳои с. 2020), млн. сомонӣ	16275,6	9055,0	9522,3	14598,3	19994,3	27628,9	37616,6	3,9	1,4
4. Шумораи аҳолии доимӣ дар охири сол, ҳаз. нафар	5505,6	5701,4	6264,6	6842,2	7621,2	8551,2	9506,3	1,5	111,2%
5.Даромади пулии аҳолӣ, млн. сомонӣ	10,5	45,8	1004,6	3816,0	13256,0	25569,8	65347,0	65,0	2,6
6.Хароҷоти пулии аҳолӣ, млн. сомонӣ	10,0	40,4	909,9	3857,2	13948,5	34968,0	72547,2	79,7	2,1
7.Ҳаҷми гардиши чаканаи мол (бо нархҳои с.2020), млн. сом.	х	3516,2	3750,1	7587,0	12032,8	20366,6	27024,8	7,2	1,3
8.Хизмати пулакии аҳолӣ, (бо нархҳои с.2020), млн. сомонӣ	11985,6	1612,8	2535,0	5794,5	10002,2	13405,4	13205,2	5,2	98,5%
9.Гардиши савдои хориҷӣ, ҳамагӣ, млн. доллари ИМА аз ҷумла:	131,1	1558,5	1459,3	2238,8	3851,6	4326,2	4557,8	3,1	105,4%
- Содирот	67,9	748,6	784,3	908,7	1194,7	890,6	1406,9	1,8	1,6
- Воридот	63,2	809,9	675,3	1330,1	2656,9	3435,6	3150,9	4,7	91,7%
10. Вазни қиёсии воридот нисбат ба гардиши савдои хориҷӣ, бо фоиз*	48,2	52,0	51,4	59,4	69,0	79,4	69,1	+ 20,0	- 10,3
11. Вазни қиёсии савдои дохилӣ нисбат ба ҳаҷми ММД мамлакат, бо фоиз*	х	29,8	11,1	55,8	32,4	29,7	32,7	+2,9	+ 3,0

1. Ҳисоби муаллиф

Тибқи нишондодҳои ҷадвали 1 дар соли 2020 нисбат ба соли 2000-м (маротиба): ҳаҷми маҳсулоти дохилӣ 46,2, маҳсулоти саноатӣ – 5,4, кишоварзӣ бошад – 3,9 афзоиш ёфтаанд. Ин нишондиҳандаҳо нисбат дар соли 2020 дар муқоиса бо соли 2015 мутаносибан 1,6 – 1,9 ва 1,4 маротиба афзуданд, ки бешубҳа, дастоварди муҳим ва назаррас аст.

Аз рақамҳои ҳисоботи омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мушоҳида кардан мумкин аст, ки таҳлили нишондиҳандаи мутлақи ММД, суръати афзоиши онро дар солҳои 1991-2020 ва тамоюли динамикаи рушди

бемайлонро нишон медиҳад. Кулли ин нишондодҳои макроиқтисодӣ бо худ дар алоқамандӣ буда, на танҳо ҳаҷми ММД мамлакат, балки ҳаҷми умумии гардиши чаканаи мол, тағйирёбии ҳолати савдо ва бозори молҳои истеъмолриро нишон медиҳад.

Мувофиқи андешаҳои инҷониб, камбудиҳои дар соҳаҳои иқтисоди миллӣ ба вуҷудомада, дар асоси таҳқиқоти солҳои охир гузаронидашуда собит намуд, ки давраи татбиқи воқеии ислоҳоти иқтисодӣ бо сабабҳои зерин ба миён омадааст:

Якум, дар давраи иқтисоди нақшавию маъмурӣ талаботи қонуниятҳои объективии иқтисодӣ: арзиш, тақозо, арза ва инчунин иқтисоди озоди бозорӣ ва механизмҳои он пурра ба назар гирифта намешуданд. Одатан дар раванди нақшагирии иқтисодӣ дар масъалаи пурра қонеъ намудани талаботи истеъмолгарони ниҳоӣ омӯзиши бозор ва талаботи аҳолиро дар мадди назар намегирифтанд, сарватҳои иқтисодӣ самаровар истифода намешуданд.

Дуюм, истифодаи маҳдуди муносибатҳои фаъоли молию пулӣ мушоҳида мегардид ва иқтисоди пӯшида бо низоми воқеан муттамарказонидаи нақшагирӣ ва таъминоти моддию техникӣ ба монеаю маҳдудиятҳои васеъ рӯ ба рӯ шуд, воситаҳои истеҳсолот ва савдои бозори молҳои истеъмолӣ аз рӯйи фондҳои молии марказӣ ва реҷаи тақсимоти он фаъолият мекард. Камбудиҳои ҷойдошта ба шароити воқеӣ ва ба рушди бозори молҳо дар савдо, инчунин соҳаи саноату кишоварзӣ таъсири манфӣ мерасонд. Аҳолӣ бошад вақти зиёди худро ба ҷустуҷӯи маводи истеъмолӣ беҳуда сарф мекард. Ин ҷараён камчинию норасоии молу маҳсулот дар бозорҳои гуногуни молӣ ва рушди тамоюлҳои афзалиятнок, вобастагии савдои дохилӣ аз молҳои истеъмолии воридотӣ, бештар ба назар мерасид.

Сеюм, мавқеи моликияти ҷамъиятӣ, пеш аз ҳама дар назар дошта мешавад моликияти давлатӣ, маҳдудсозии ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон дар фаъолияти иқтисодӣ, сатҳи пасти рушди иқтисодӣ ва болоравии сатҳи раванди рукут дар иқтисод пурра сабабгор дониста шуд.

Воқеан дур шудани кормандон аз ҳуқуқи доштани моликият ба воситаҳои истеҳсолот, норасогии шароитҳои баробар барои доштани амвол, мавҷуд набудани ҳавасмандии мустақими фардии кормандон дар афзуншавии натиҷаҳои ниҳоии фаъолияти меҳнат, амалан ба паст гардидани сатҳи ҳосилнокии меҳнат ва самаранокии иқтисод таъсири бад расонид.

Чаҳорум, беҳад муттамарказонии унсурҳои асосии механизми хоҷагидорӣ ва дар ин раванд фаъолияти нақшагирӣ чун бахши асосии марказӣ дар низоми иқтисодии нақшавию фармонфармоӣ ба истиснои ғоя ва мазмуни фаъолияти мутақобилан судманди робитаҳои хоҷагии шартномавӣ ҳам ба таври уфуқӣ ва ҳам амудӣ бо усули – «аз боло ба поён» роҳандозӣ мешуд он ба фаъолияти минбаъади хоҷагиҳо таъсири манфӣ расонидааст.

Панҷум, услубҳои бесамараи сарватҳои молиявии давлатӣ дар лоиҳаҳои азими кишвар, дар бештари ҳолатҳо онҳо ба манфиати иҷтимоию иқтисодӣ мамлакат фаъолияти хуб ва бо самар надоштанд.

Ба андешаи мо таҳқиқоти илмию амалӣ ва воқеии ҳолати бозори молҳои хӯрокворӣ, таъмини бехатарӣ ва қонеъ гардонидани талаботи харидории аҳолӣ ба молҳои истеъмолӣ ва хизматрасониҳо бештар аҳаммияти махсус дода шудааст.

Бозори хӯрокворӣ - соҳаи муносибатҳои молию пулӣ ва унсурҳои муҳимми он - арза, тақозо, нарх, рақобат, инчунин истифодаи низоми муносибатҳои иқтисодии махсус дар байни субъектҳои асосии бозор – ба монанди истеҳсолгарони мол, корхонаҳои савдо ва соҳибкорони инфиродӣ, аз як ҷониб ва истеъмолгарон (аҳолӣ ва истеъмолгарони коллективӣ) - аз ҷониби дигар, ба шумор мераванд.

Мақсади асоси бозори истемолӣ аз ташкили хариду фурӯши молҳои хӯрокворӣ бо иштироки воситаҳои пулӣ (нақдӣ ва ғайринақдӣ) барои пурра қонеъ гардонидани талаботи доимоафзоянда ва эҳтиёҷоти истеъмолгарон бо маводи ғизоӣ тибқи номгӯйи

нишондодашудаи молу маҳсулот, миқдори муайян, сифат ва нархи бозорӣ маҳсуб меёбад.

Бозори молҳои хӯрокворӣ - ин яке аз қисматҳои муҳимми муносибатҳои молию пулии корхонаҳои кишоварӣ, яъне истеҳсолгарони асосии маҳсулот дар бозор ва шакли талаботи харидории аҳолӣ баромад мекунанд.

Ба субъектҳои асосии бозори мазкур: хоҷагиҳои хонаводагӣ - воҳиди иқтисодӣ дар ҳайати як ё якчанд шаҳрванд, ки ба истеҳсоли маводи ғизоӣ, фурӯш ва истеъмоли он сару кор доранд; корхона - субъекти хоҷагидории бозорӣ; давлат - ҳамчун субъекти мустақили идоракунӣ баромад мекунанд.

Доир ба пешрафт ва рушди иқтисодӣ метавон дар бораи андозаи воқеии истеъмоли маводи ғизоӣ ба ҳар як сари аҳолӣ нисбат ба меъёри тавсиявии истеъмол ба ҳисоби, кг/дар як сол аз рақамҳои ҷадв.2 маълумот пайдо намуд [10, с.419; 447; 451].

Ҷадвали 2. Ҳаҷм ва таносуби истеҳсолоти ватании молҳо ва воридот

Номгӯйи маводи ғизоӣ	**Ҳаҷми ҳисобии эҳтиёҷот ба молҳои хӯрокворӣ, ҳаз. тонна**	**Истеҳсолоти ватании молҳои хӯрокворӣ, ҳаз. тонна**	**Воридоти молҳо, ҳаз. тонна**	**Ҳаҷми умумии пешниҳодоти воқеии молҳои хӯрокворӣ, ҳаз. тонна (сатри 3+ сатри 4)**	**Ҳиссаи истеҳсолоти маҳсулоти худӣ дар ҳаҷми умумии ресурсҳои молӣ, % [(сатри 3 : сатри 5) х100]**
1	**2**	**3**	**4**	**5**	**6**
1. Маҳсулоти нонӣ	1215,9	1561,4	1084,8	2646,2	59,0
2. Картошка	399,4	1022,5	17,1	800,0	97,9
3. Сабзавот ва полезиҳо	1260,3	2479,4	14,9	2505,4	99,4
4. Меваҳо	692,3	467,8	21,1	654,4	96,7
5. Равғани растанӣ	106,5	23,9	92,6	116,5	25,8
6. Қанд	276,0	-	101,1	101,1	-
7. Гӯшт ва маҳсулоти гуштӣ	603,5	150,1	48,4	172,8	72,0
8. Шир ва маҳсулоти ширӣ	2396,3	1020,9	8,6	958,6	99,1
9. Тухм, ҳазор дона.	1943,6	983,1	194,4	535,8	63,7

* **Ҳисоби муаллиф**

Аз иттилооти ҷадвали 2 маълум мешавад, ки соли 2020 сатҳи бехатарии озуқаворӣ, яъне таносуби истеҳсоли ватании молҳо нисбат ба ҳаҷми умумии сарватҳои молӣ бештар дар маводҳои ғизоии зерин (ба ҳисоби фоиз): сабзавоту полезиҳо-99,4, шир ва маҳсулоти ширӣ-99,1, картошка-97,9, мевагиҳо-96,7, гӯшт ва маҳсулоти гӯштӣ-72,0, тухм-63,7 ва маҳсулоти нонӣ-59,0.

Эҳтиёҷоти қанд пурра (100%) аз ҳисоби молҳои воридотӣ қонеъ гардонида мешавад. Аз меъёри муқарраршуда пастар дар гурӯҳи равғани растанӣ - 25,8%, мушоҳида мешавад, ҳол он ки дар ҷумҳурӣ ҳамаи имконияту захираҳои ҷалбнашуда хеле зиёданд ва таъмини бехатарӣ, истиқлолияти озӯқаворӣ ва бехатарии ин номгӯйи маҳсулоту молҳо, пеш аз ҳама аз ҳисоби истеҳсоли ватании равғани пахта дар корхонаҳои саноатии ҷумҳурӣ мавҷуд мебошанд.

Ба сифати тадбирҳои таъмини бехатарии озуқаворӣ истифодаи тавсияҳои зеринро муфид арзёбӣ менамоям:

1. Таҳия ва тасдиқи низоми тадбирҳои барномавӣ, ташкилӣ, техникӣ, иқтисодӣ ва ҳуқуқӣ, ки ба ҳавасмандгардонии рушди суръатноки истеҳсоли маводҳои ғизоии асосӣ, ки дар ҷумҳури имконияту захираҳои амалинашудаи иқтидори иқтисодӣ, пеш аз ҳама дар низоми КАС, саноати хӯрокворӣ шароити муфиди таъмини бехатарии озуқаворӣ ва рушди ҳамгироии дохилии соҳавӣ ва байниминтақавӣ пайдо хоҳад гардид.

2. Таҳкими васеи номгӯйи маҳсулоти хӯрокворирo дар асоси фаъолгардонии сиёсати воридотивазкунии маҳсулоти кишоварзӣ (хушкмеваҳо, сабзавоти тару тоза, меваҳо, полезиҳо, лимон, асал, ангур ва ғайра).

3. Инкишофи шаклҳои кооперативии истеҳсолӣ, хусусан бунёди шаклҳои кластерӣ ва инноватсионии ташкили истеҳсолот, парвариш ва фурӯши номгӯйи маҳсулоти серҳосил ва сермаҳсули кишоварзӣ ва саноати коркарди маҳсулоти кишоварзӣ дар асоси истифодаи намудҳои технологияи муосири инноватсионӣ ва техникаи пешқадами ҷавобгӯ ба талаботи стандартҳои байналмилалӣ.

Таҳия ва қабули қарор оид ба андозаи тарифҳои имтиёзноки боркашонии автомобилӣ ва роҳи оҳани молҳои хӯрокворӣ, инчунин паст кардани сатҳи гаронии андозҳо барои ҳавасмандгардонии корхонаҳои кишоварзӣ, ки фаъолияти суръати баланди содиротию воридотивазкуниро нисбати молҳои ватанӣ дар бозорҳои ҳудудӣ ва молҳои хӯроквории ҳамсоякишварҳоро бояд дастгирӣ намоянд.

Ҳаллу фасли муваффақонаи масъалаҳои иҷтимоӣ - иқтисодӣ ба таври бояду шояд аз таҳлил ва баҳодиҳии вазъи бозори ҳудудии молҳои хӯрокворӣ вобастагии ногусастанӣ дорад.

Дар давраи ҳозира муҳиммияти таҳқиқоти ҳолати муосири бозори молҳои истеъмолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва таҳияи самтҳои консептуалии рушди марҳилаҳои минбаъда он дорои аҳаммияти афзоишёбанда мебошад.

Ба андешаи мо, гузариш ба иқтисоди бозорӣ ин раванди тӯлонӣ ва хеле мураккаб буда, аз ин рӯ он на яку якбора ё на бо як ҷаҳиши бузург, балки тадриҷан, марҳилаҳо ба марҳила гузаронида мешавад. Айнан чунин роҳу равишро Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намудааст.

Масъалаҳои поягии рушди иқтисод, ташаккулёбии низоми хоҷагидории бозорӣ, танзими давлатӣ шаклу намудҳои бозор, соҳаи савдо, саноат, КАС, нақлиёт ва соҳаҳои мухталифи хизматрасонӣ ва дигар масоили назарияи иқтисодӣ мавриди таҳқиқоти олимони иқтисоддони хориҷивию ватанӣ сурат гирифтааст, ки дар онҳо ба моҳияти мафҳумҳои иқтисодӣ ба монанди «бозор», «иқтисоди бозорӣ», «бозори молҳои истеъмолӣ» ва ғ. андешаву назари хосси хешро ибрози ақида намудаанд.

Дар адабиёти муосири иқтисодии ватанию хориҷӣ оид ба мафҳумҳои бозор, муносибатҳои бозорӣ, механизми бозории менеҷмент ва консепсияҳои ба он алоқаманд ва мулоҳизаҳои хеле гуногун мавҷуданд. Ба андозаи зиёд, онҳо бо ҳадафҳо ва вазифаҳое муайян карда мешаванд, ки ҳар як муҳаққиқи мушаххас дар ҳар як ҳолати мушаххас дар назди худ мегузорад. Ҳамин тавр, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессори Академияи илмҳои Россия В.И. Видяпин ва Г.П. Журавлев, чунин мешуморанд, ки "бозор ҳамчун категорияи иқтисодӣ маҷмуи муносибатҳои мушаххаси иқтисодӣ ва робитаҳои байни харидорон ва фурӯшандагон, инчунин миёнаравҳои тиҷоратӣ оид ба ҳаракати мол ва пул мебошад, ки манфиатҳои иқтисодии субъектҳои муносибатҳои бозор ва таъмини мубодилаи маҳсулоти меҳнатиро таъмин менамояд" [15, с.85].

Доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор А.В. Орлов дуруст ва оқилона тасдиқ мекунад: "бозор мураккабтарин системаи муносибатҳои байни истеҳсолгарон ва истеъмолгарон, робитаҳои иқтисодии онҳо, аз ҷумла мустақими бисёрҷониба бо иштироки миёнаравҳо мебошад" [9, с.263].

Тавре ки аз муқоисаи ин ду ақида дида мешавад, олимон-иқтисоддонҳо ба таври дуруст бозорро ҳамчун система ва маҷмуи муносибатҳои иқтисодӣ ва робитаҳои байни

истеҳсолгарон ва харидорони мол арзёбӣ мекунанд, албатта, бо иштироки ҳатмии миёнаравон ва пул ба миён меояд.

Дар айни замон, "бозор инчунин ҳамчун механизми иқтисодӣ тавсиф карда мешавад, ки моҳиятан манфиатҳои фурӯшандагон ва харидоронро бо бастани шартномаҳо байни онҳо дар мавриди хариду фурӯши молҳо пайваст мекунад" [15, с.85].

Дар китоби дарсии хеле маъмули "Иқтисоди сиёсӣ" бозор ҳамчун "мубодила тибқи қонунҳои истеҳсоли мол ва гардиши пул ташкил карда шудааст"[15, с.85].

Шарҳи комилан дигари мафҳумҳои "бозор" ва "иқтисоди бозорӣ" дар кори муҳаққиқони дигар дидан мумкин аст. Онҳо чунин мешуморанд, ки «иқтисоди бозорӣ ин иқтисоди субъектҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ озод, мустақил ва ба бозор нигаронидашуда мебошад. Чӣ қадар ва чӣ гуна молҳоро истеҳсол кардан, бо кадом нархҳо фурӯхтан, ба кӯчо сармоягузорӣ кардан лозим аст - ҳамаи ин на бо фармоиш аз боло, балки бо механизми махсуси ҳамкории байни талаботу пешниҳод, меъёри фоида, фоизи қарзҳо, саҳмияҳо ва асъорҳо муайян карда мешавад" [4, с.20].

Чунин ба назар мерасад, ки ҳар яке аз таърифҳои дар боло баррасишуда миқдори муайяни ҳақиқатро дар бар мегиранд ва онҳо ғояи асосиро таъкид мекунанд, ки бозор воқеан низоми бисёрҷабҳаи иқтисодист, ки хусусиятҳои маъмултарин дорад ва дар айни замон, дар робита ба фурӯш муносибатҳои иқтисодӣ мавҷуданд маҳсулоти иҷтимоӣ тавассути табодули даромадҳои пулии аҳолӣ барои мол ва хизматрасонӣ; робитаҳо байни истеҳсолгарон ва истеъмолгарони ниҳоии молҳо; дар ниҳоят, раванди истеъмоли шахсӣ сурат мегирад.

Аз нуқтаи назари бархе аз муҳаққиқон, "бозор як муассисаи иҷтимоию иқтисодӣ мебошад, ки ба фурӯшандагон ва харидорон имконияти тамосро барои амалисозии амалиёти мутақобилан судманд фароҳам меорад" [2, с.136].

Ҷолиби диққат боз як нуқтаи назари дигаре аст, ки мувофиқи он "бозор ҳамчун маҷмуи амалиётҳои хариду фурӯши молҳо муайян карда мешавад" [1, с.88].

«Барои фаъолияти бомуваффақияти бозор, пеш аз ҳама, татбиқи шаклҳои гуногуни моликият ба воситаҳои истеҳсолот (хусусӣ, коллективӣ ва давлатӣ) ва фароҳам овардани инфрасохтори бозор талаб карда мешавад» [6, с.10-11].

Дар робита ба ин категорияи иқтисодӣ нуқтаҳои дигар низ ҳастанд. Намояндагони онҳо чунин мешуморанд, ки «бозор ин марҳилаест, ки дар он намоишнома дар бораи ҳамкории ҳамаи онҳое, ки қарорҳои иқтисодӣ қабул мекунанд, намоиш дода мешавад» [6, с.11].

Аммо «бозор макони ҷуғрофӣ нест, ин ҳамкории фурӯшандагон ва харидорон ҳангоми фурӯш ва хариди молҳо дар асоси муайян кардани нархҳо ва миқдори молҳо (талабот ва пешниҳод) ба миён ояд. Ин воситаи тақсимоти стихиявии захираҳои иқтисодӣ - меҳнатӣ ва воситаҳои истифодаи онҳо аст, ки мувофиқи иродаи истеъмолгарон амалӣ карда мешавад» [3, с.24].

Тибқи маълумоти проф. Б.А. Рейзберг, «бозор маҷмуи молҳо - муносибатҳои пулӣ мебошад, ки дар натиҷаи фурӯш ва хариди молҳо ва хизматҳо ба вуҷуд меояд, ба ин васила ҳамкории се омили асосии иқтисодиро барқарор мекунад. Онҳо давлат, ширкатҳо ва хонаводаҳо мебошанд. Бозор инчунин ба муносибатҳои иқтисодӣ, қонунҳо ва принсипҳои бозор асосёфта мебошад » [5, с.242].

Ҷолиби диққати профессор Р.М. Нуриев: "бозор ин як системаи муносибатҳоест, ки дар он робитаҳои харидорон ва фурӯшандагон ба ҳадде озоданд, ки нархҳои ҳамон маҳсулот ба зудӣ баробар мешаванд". Ҳамзамон, "ин ҳама гуна созишномаҳоест, ки бо кӯмаки онҳо харидорон ва фурӯшандагони мол дар мавриди хариду фурӯши ин мол тамос мегиранд" [7, с.80].

Омӯзишу таҳқиқи адабиёти тарҷумашудаи хориҷӣ доир ба ин масъала нишон медиҳад, ки иқтисодшиносони хориҷӣ низ ба ин нуқтаи назар пойбанданд, гарчанде ки онҳо ба тафсири истилоҳи «бозор» муносибати хоси худро низ доранд. Ҳамин тавр, дар яке аз

китобҳои нашршуда қайд карда мешавад, ки «бозор танҳо як механизм ё дастгоҳест, ки байни харидорон ё барандагони талабот ва фурӯшандагон ё таъминкунандагони молҳо ё хизматҳо робита барқарор мекунад» [8, с.53]. Аммо, муҳаққиқи дигар К.Эклунд чунин мешуморад: «бозор ҷоест, ки ҳар рӯз миллионҳо истеъмолгарон ва ҳазорон корхонаҳо байни худ мулоқот мекунанд ва дар бораи нархи ҳамаи он молҳо ва хизматрасониҳои хариду фурӯш ба мувофиқа мерасанд» [14, с.71]

Тавре ки аз гуфтаҳои муҳаққиқони гуногун дида мешавад, дар адабиёти муосири иқтисодӣ бозор, ҳамчун унсури ҷудонашавандаи ҷараёни такрористеҳсолкунии ҷамъиятӣ ва объекти идоракунӣ, аз мавқеъҳои комилан гуногун, вале дар маҷмуъ одилона тафсир карда мешавад. Аммо, аксарияти онҳо, моҳиятан, бозорро ҳамчун соҳаи зуҳури муносибатҳои муайяни иқтисодӣ, ки бо мубодилаи молҳо ва хизматҳо бо иштироки бевоситаи пул алоқаманданд, шарҳ медиҳанд. Дар ин робита, бозори молҳо ва хизматҳо нақши миёнарав ва пайванди байни истеҳсолот ва тақсимоти натиҷа, аз як тараф ва истеъмоли шахсӣ, аз тарафи дигар мебошад.

Барои муайян кардани мундариҷаи гуногунҷабҳа ва бисёрзабонаи бозор ва муносибатҳои бозорӣ донистани шартҳои асосӣ ё принсипҳои фаъолияти муваффақонаи иқтисоди бозорӣ зарур мебошад.

Аз ин рӯ, қайд кардан бамаврид аст, ки яке аз принсипҳои муҳимтарин ва асосии таъмини озодии фаъолияти иқтисодӣ ва соҳибкорӣ мустақилият ва манфиати субъекти бозор дар татбиқи ниятҳои худ, интихоби роҳи ҳалли мушкилоти фаъолияти иқтисодӣ мебошад. Маълум аст, ки дар ин ҳолат, таъмин намудани ҳуқуқҳо ва кафолатҳои баробар ба ҳамаи иштирокчиёни бозор дар раванди фаъолияти мустақили иқтисодӣ, бо таваккал ва масъулияти муайян, вале бешубҳа бо таваҷҷуҳ ба беҳбуди натиҷаҳои кор аҳаммияти ҳалкунанда пайдо мекунад.

Қайд кардан зарур аст, ки дар амал озодии соҳибкорон дар иқтисоди бозорӣ наметавонад мутлақ бошад. Ин раванд бо назардошти талаботи санадҳои меъёрии ҳуқуқии ҳар як кишвар, ки дар он ҳукумати кишвар масъулияти таҳия ва дар амал татбиқ намудани стратегияи аз ҷиҳати илмӣ асоснокшудаи таҳия ва татбиқи сиёсати иқтисодиро барои давраи муайян ба зимма дорад, маҳдуд аст.

Гуфтан ҷоиз аст, ки муносибатҳои бозорӣ натиҷаи рушди тӯлонии таърихӣ мебошанд ва истифодаи онҳо, бешубҳа, на танҳо фароҳам овардани заминаи муносиби ҳуқуқӣ ва иқтисодӣ, инфрасохторҳои рушдёфта ва фаъолияти соҳибкориро, балки ташкили системаи муассири мустақим ва бозпас, робитаҳо байни ҳамаи иштирокчиёни бозор, пеш аз ҳама байни истеҳсолгарони молҳо ва истеъмолгарони охирин - аҳолиро дар назар дорад.

Тавассути фаъолияти самарабахши низоми бозор мубодилаи тиҷории натиҷаҳои фаъолияти субъектҳои хоҷагидорӣ, қонеъ гардонидани талаботи шахсӣ, коллективӣ ва иҷтимоӣ ба амал меояд. Молҳое, ки истеҳсолгарон (фурӯшандагон) барои фурӯш дар бозор пешниҳод мекунанд ва эҳтиёҷоти харидорон ба ин молҳои дар бозор пешниҳодшаванда ду унсури асосии бозорро ташкил медиҳанд - талабот ва пешниҳод, ки одатан бояд бо ҳамдигар зич ҳамкорӣ кунанд, аммо дар айни замон фаъолона ширкат варзад - нархҳое, ки бояд ҳарчи бештар озод ва дастрас бошанд, ба субъектҳои хоҷагидор барои ба даст овардани фоидаи кофӣ шароит ва кафолат медиҳанд.

Ҳамин тариқ, ба андешаи мо, механизми фаъолияти бозор, ки манфиатҳои истеҳсолкгарон ва истеъмолгаронро дар раванди ҳалли санадҳои хариду фурӯши молҳо ва хизматҳо омезиш медиҳад, ҳамчун омили ҳавасмандгардонӣ дар марҳилаҳои ибтидоӣ ва ниҳоии такрористеҳсоли васеъ ва истеъмоли шахсӣ амал мекунад. Дар айни замон, бозор воситаи ғайрифаъол буда наметавонад, балки баръакс омили тавоное мебошад, ки ба рушди тамоми марҳилаҳои дигари такрористеҳсоли ҷамъиятӣ таъсир мерасонад, ки ин пеш аз ҳама танҳо дар сурати самаранок кор кардани механизми бозор, ҳамкории наздики талаботҳои самарабахш бо пешниҳоди молҳо ва хизматҳо бо иштироки фаъоли механизми нарх имконпазир аст.

Тавре ки маълум аст, яке аз унсурҳои муҳимми механизми бозории менеҷмент нарх мебошад, ки тағйирёбии сатҳи он дар муддати муайян бешак дар ҳаҷм ва сохтори талабот ва пешниҳоди мол инъикос меёбад. Дар ҳамин ҳол, ин таъсир тавассути призмаи манфиатҳои мушаххаси иқтисодии истеҳсолгарон ва истеъмолгарони сершумор дар бозори молҳо ва хизматҳо бештар мушоҳида мешавад. Дар навбати худ, талабот ва пешниҳод, тағйирёбии арзиши онҳо ба сатҳи нархҳои бозорӣ (мувозинат) низ ба таври назаррас таъсир мерасонанд.

Бояд тазаккур дод, ки талабот ва пешниҳод ҳамчун ду унсури асосии низоми бозор ва аз ин рӯ механизми бозор робитаи функсионалӣ доранд ва бо нарх, ҳамчун унсури сеюми бозор, ҳамкории зич доранд. Масалан, афзоиши пешниҳоди молҳои нав дар бозор, чун қоида, боиси афзоиши муайяни ҳаҷми талабот мегардад. Аз тарафи дигар, зиёд ё кам шудани арзиши талаботи самараноки аҳолӣ ба молҳои алоҳида метавонад тағйироти назаррас дар ҳаҷми пешниҳоди молро ба бор орад. Аз ин рӯ, раванди фаъолияти самараноки механизми бозор танҳо дар ҳолати ҳамкории зич байни талабот ва пешниҳоди мол ба амал меояд, аммо он бо истифодаи фаъолонаи механизми нархҳои озод дар бозор вобаста аст.

Муносибати мутавозин ва вобастагии талабот ва пешниҳод бо истифодаи фаъолонаи омили ҳассостарини нархҳо ба мол ва таҳлили системавӣ ва ба ҳам алоқаманди ҳар се унсури таркиби механизми бозории идоракунии талабот, пешниҳод ва нархҳо шарти идоракунии самарабахши раванди ташаккул ва рушди бозори молҳои истеъмолӣ, хизматрасонӣ, барометрӣ иқтисодии шароити бозор ва татбиқи сиёсати иҷтимоии мебошад.

Мо чунин мешуморем, ки бозор ҳамчун соҳаи зуҳуроти муносибатҳои муайяни иқтисодӣ мустақиман идоракунии самараноки талабот ва пешниҳодро талаб мекунад. Аммо ҳамчун як ҷузъи ҷудонашавандаи раванди мубодила, байни истеҳсолот ва истеъмоли шахсӣ, ки воқеан робитаи зичро таъмин мекунад, таваҷҷуҳи ҳар як иштирокчии мустақими муносибатҳои бозаргониро барои ноил шудан ба ҳадафҳо ва вазифаҳои худ афзоиш медиҳад.

Дар айни замон, бозор вазифаи танзимгари доимии сатҳи рушди истеҳсолот ва гардиши молро иҷро мекунад. Дар шакли умумитарин, тавассути ҳамкории бозории талабот ва пешниҳод, иқтисоди бозор ба сармоягузории самарабахши сармоя дар байни бахшҳои иқтисоди миллӣ мусоидат мекунад, мувофиқи даромади пулии истеъмолгарон ҳаҷми зарурии фурӯши молҳо ва хизматрасониҳоро муайян мекунад.

Дар айни замон, истеъмолгарони сершумори молҳо ва хизматҳо ҳамчун иштирокчиёни фаъоли муносибатҳои бозорӣ баромад мекунанд. Истеъмолгарон ҳамчун "шахси асосӣ"-и бозор ҳамчун мутахассисоне амал мекунанд, ки мутобиқати воқеии маҳсулоти истеҳсолшударо ба манфиатҳо ва ниёзҳои шахсии онҳо муайян мекунанд.

Ҳамин тариқ, муқоисаи воқеии хароҷоти истеҳсолии инфиродӣ бо арзишҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ таъмин карда мешавад ва имконпазир мегардад, ки саволе муайян карда шавад, ки ин нишондиҳандаҳо аз рӯйи сатҳи хароҷот ба ҳам наздиканд ё баробаранд. Пас аз санади фурӯши мол дар бозор, раванди ҷуброни воқеии хароҷот барои истеҳсол ва фурӯши мол ба амал меояд ва илова бар ин, фоида бояд ҳамчун натиҷаи ниҳоии молиявии фаъолияти иқтисодӣ ва дар маҷмуъ, истеҳсолоти ҷамъиятӣ ба таври васеъ амал мекунад.

Ҳамин тариқ, идоракунии бозор тамоми унсурҳои асосии онро дар бар мегирад, дар ҳоле, ки дар шароити бозор талаботи меъёрӣ - самараноки зарурӣ ва дараҷаи қаноатмандии ҳадди аксар аҳаммияти ҳалкунанда доранд. Ба андешаи мо, баланд бардоштани нақши танзим ва ҳамоҳангсозии давлат дар бозорҳои мол ҳалли муассири мушкилоти иҷтимоию иқтисодиро пешбинӣ мекунад, яъне:

- таҳия ва татбиқи сиёсати зиддиинҳисорӣ, экспертизаи лоиҳаҳои қонунҳо дар бораи фаъолияти бозори мол ва рушди рақобат;

- омода кардани тавсияҳо бо мақомоти ҳокимияти давлатӣ оид ба татбиқи чораҳо оид ба маҳдуд кардани фаъолияти инҳисории истеҳсолгарон;

- таҳия ва андешидани чораҳо оид ба азнавсозии корхонаҳои соҳаҳои истеҳсол ва гардиши молҳои истеъмолӣ;

- ҷорӣ намудани фармонҳои ҳатмӣ барои додан ё бекор кардани литсензияҳо, квотаҳо ва тағйирот дар сатҳи тарифҳои гумрукӣ ба сохторҳои идоракунии давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллӣ;

- қабули корор дар бораи ҷарима ба субъектҳои соҳибкорӣ ва ҷазои маъмурӣ нисбати роҳбарони корхонаҳо, соҳибкорони инфиродӣ, инчунин шахсони мансабдори мақомоти идоракунии хоҷагӣ.

Дар иқтисоди гузариш амалияи танзими давлатии бозори дохилии маҳсулоти истеъмолӣ ва хизматрасониро амалӣ кардан лозим аст.

Танзими бозор, ба андешаи мо, ин як системаи мураккаби тадбирҳоест, ки давлат дар самти танзими муносибатҳои бозорӣ, кам кардани оқибатҳои манфии шаклҳо ва усулҳои нави идоракунӣ, ҳифзи иҷтимоӣ, пеш аз ҳама гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ ва фароҳам овардани заминаҳои самараноки рушди иқтисоди бозорӣ мебошад. Шаклҳои танзими бозор метавонанд гуногун бошанд - ҳуқуқӣ, молиявӣ, иқтисодӣ ва ғайра.

Дар ин робита фароҳам овардани заминаи қонунгузорӣ барои танзими давлатии фаъолияти савдо дар бозори молҳо ва хизматрасониҳо аҳаммияти калон дорад.

Механизмҳо ва усулҳои меъёрию ҳуқуқии танзим санадҳои қонунгузорӣ - меъёриро дар бар мегиранд, ки қоидаҳои муайяни фаъолияти самараноки бозорро муқаррар мекунанд. Онҳо мақсад доранд, ки муносибатҳои бозаргониро ба низом оранд, ба онҳо шаклҳои мутамаддин диҳанд, пешгирӣ аз сӯиистифода, ҳимояи манфиатҳои истеъмолгарон ва тамоми ҷомеаро дар бар гиранд.

Шаклҳо ва усулҳои дигари танзими бозор мавҷуданд: истифодаи муносиби меъёрҳои андоз, қарз ва сатҳи фоизи онҳо, фароҳам овардани шароити гуногуни имтиёзноки маблағгузорӣ дар татбиқи самтҳои афзалиятноки пешрафти илмӣ-техникӣ, татбиқи тадбирҳои самарабахши баланд бардоштани сатҳи воқеӣ даромадҳои пулии аҳолӣ.

Ҳамзамон, танзими давлатии нархҳо барои баъзе намудҳои мол (орд, нон, равғани растанӣ, шир ва маҳсулоти ширӣ ва ғ.), Дастгирии молиявии истеҳсолгарони баъзе намудҳои маҳсулот, масалан, хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ), соҳибкорони истеҳсолии инфиродӣ ба вазъи бозор таъсири назаррас мерасонад.

Раванди танзими бозори молҳои истеъмолӣ, пеш аз ҳама, ба таҳкими механизми ҳифзи иҷтимоии табақаҳои осебпазири аҳолӣ, пардохтҳои кафолатнок дар шакли музди меҳнати ҳадди ақал, нафақа ва кумакпулӣ равона карда шудааст, инчунин паст кардани сатҳи бекорӣ дар ҳудуди иҷозатдодашуда дар кишвар.

Дар ҳамин ҳол, як қатор вазифаҳои иқтисодиро, ки ҳоло ба зиммаи мақомоти давлатӣ гузошта шудаанд, худи бозор бомуваффақият ҳал карда метавонад. Ба инҳо дохил мешаванд: боз ҳам беҳтар кардани сифати маҳсулот, афзоиши ҳаҷми истеҳсол ва фурӯши маҳсулоти ватанӣ мувофиқи талабот, муқаррар намудани сатҳи танзимшавандаи нархҳо барои намудҳои алоҳидаи мол ва хизматрасониҳо. Дар айни замон, як қатор вазифаҳои дорои хусусияти миллӣ, бинобар камбудиҳои ошкоршуда, бозор наметавонад онҳоро бомуваффақият ва бо самаранокии баланд иҷро кунад. Дар байни онҳо ташаккули таносубҳои асосии макроиқтисодӣ, татбиқи тағйироти амиқи сохторӣ дар иқтисод, қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти фаврии истеъмолгарон ва табақаҳои камбизоати аҳолӣ, рушди илмҳои бунёдӣ, маориф, тандурустӣ, ташкили системаи боэътимоди амнияти иқтисодии бозори дохилии истеъмолӣ. Ҳалли ҳамаи ин вазифаҳо иштироки фаъолтари давлат ва мақомоти онро талаб мекунад.

Ҳамин тариқ, дар ҷамъбаст аз гуфтаҳои боло бояд изҳор дошт, ки гузариши Тоҷикистон аз иқтисоди нақшавию маъмурӣ ба муносибатҳои бозаргонии иҷтимоӣ раванди объективӣ ва табиӣ, самти асосии рушди иқтисодии кишвар буда, барои баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ нигаронида шудааст. Роҳи ташаккули иқтисоди бозаргонии

мутамаддин алтернативаи дигаре надорад ва аз ин рӯ, ислоҳоти бозор бояд пайваста, дар заминаи ҳамаҷониба ва марҳилаҳои гуногун гузаронида шаванд.

Таҳқиқи масоили ташаккул, таҳлили комплексии вазъи муосир ва таъмини рушди устувори бозори молҳои истеъмолӣ дар алоқамандии зич бо омӯзиши асосҳои назариявию методологӣ ва хоҷагидории бозорӣ дар шароити муносибатҳои навини иқтисодӣ хеле мубрам ва муҳим ба ҳисоб мераванд. Дар баробари ин бояд зикр намуд, ки ҳалли ин масъала гуногунпаҳлӯ буда, баррасии ҳамаҷониба, хулосагирӣ ва қабули қарорҳои оқилонаи идориро талаб менамояд. Ба саҳми донишмандон доир ба ин таҳлили ҷузъҳои таркибии ин бозор - савдо чун ташкилкунандаи он нигоҳ накарда ҳоло ҳам дар ин ҷода камбудиҳо ва мушкилотҳои зиёд ҷой доранд, ки зарурати давра ба давра аз байн бурдани онҳо тақозои замони муосир аст.

Таҳқиқи асосҳои назариявию методологӣ ва таҳлили комплексии бозори молҳои истеъмолӣ дар Тоҷикистон ва минтақаҳои алоҳидаи он нишон дод, айни замон дар пешбурди ҳамин фаъолияти афзалиятнок ва муҳимми иқтисоди миллӣ камбудӣ, мушкилотҳои ҳалношуда ва баҳсноки иқтисодӣ хеле зиёд ба назар мерасанд, ки рушди босуботи иқтисодиро ба оқиб мекашанд.

Ба қатори нуқсону норасоиҳо ва масъалаҳои ҳалталаби ин намуди бозор инҳоро шомил кардан ниҳоят ҷоиз аст: сатҳи нокифояи ташаккули инфрасохтори бозори дохилии молҳои истеъмолӣ; ба талаботи замони муосир ҷавобгӯ набудани сатҳ ва сифати хизматрасонӣ дар субъектҳои савдо, хӯроки умумӣ, кооператсияи матлубот ва дигар шабакаҳои муосири савдои чаканаи шакли моликияташон гуногун, аз ҷумла дар савдои хусусӣ; дар бозор нокифоя будани молҳои истеҳсоли корхонаҳои саноатию кишоварзии ватанӣ; сифати пасти баъзе номгӯйи молҳое, ки бо ҳар роҳу восита ба бозори дохилии истеъмолӣ ворид мегарданд; болоравии нигаронкунандаи сатҳи нархҳои шартномавӣ ва чаканаи номгӯйи молҳои озуқаворӣ ва ғайриозуқаворӣ; ба талаботи замона ҷавобгӯ набудани сатҳи касбии кормандони соҳа, дониш ва салоҳиятнокии тахассуси онҳо; сатҳи пасти истифодаи навоварӣ ва технологияҳои замонавӣ дар субъектҳои бозори маводи истеъмолӣ ва соҳаи савдои дохилӣ; ҷалби сармоягузории ватанию хориҷӣ, муҳиммияти истифодаи самараноки онҳо; мушкилоти баланди сатҳи андозҳо ва бо фоизҳои нисбатан дастнорас пешкаш намудани қарзи бонкҳои тиҷоратӣ дар кишвар, низоми номукаммали танзими давлатии бозор, нуфузи зиёд пайдо намудани миёнаравҳои ғайрирасмӣ дар бозори молҳои истеъмолии кишвар ва минтақаҳои он, рақобати пасти бозорӣ ва муаммоҳои дигар маҳсуб мешаванд, ки ҳаллу фасли саривақтии онҳо, ба андешаи мо андешидани чораю тадбирҳои мушаххаси ҳуқуқӣ, ташкилӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, техникию технологӣ, илмӣ ва қабули қарорҳои асосноки идоракунӣ ба хотири тақвияти рушди устувори бозори мазкур ниёзи воқеъӣ доранд.

Таҳлили анҷом дода нисбати иқтисоди бозори молҳои истеъмолӣ ва соҳаи савдои дохилӣ собит менамояд, ки айни замон ҳиссаи он дар ташаккули ҳаҷми истеҳсоли маҷмуи маҳсулоти дохилӣ соли 2020 ба 11,4% баробар шуд. Вале имкониятҳои то ҳанӯз истифоданашудаи ин соҳаи иқтисоди миллӣ хеле бузург арзёбӣ мегардад. Дар ояндаи миёна ва дарозмуддат таҳияи ҳатмии самтҳои афзалиятдор ва барномаҳои махсуси сатҳи ҷумҳурӣ, вилоятӣ, шаҳрӣ ва ноҳиявӣ боз ҳам ногузир шуда, дар заминаи ин тақозоӣ харидории аҳолӣ ба молҳои истеъмолии таркибашон васеъ, босифат ва нархҳои дастрас пурратар қонеъ гардида, дар натиҷа ҳамаи ин сатҳи некуаҳволии аҳолӣ бемайлон баланд хоҳад шуд. Кулли масъалаҳои зикршудаи дорои аҳаммияти иҷтимоӣ ва иқтисодӣ мебошанд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки дар заминаи таҳлили муқоисавӣ муқаррар ва исбот шудааст, ки дар солҳои соҳибистиқлолии давлатӣ дар бозори молҳои истеъмолӣ ва соҳаи савдо ба суръати миёнасолона нисбат ба дигар кишварҳои ИДМ рушд кард, ки аз сиёсати собитқадамонаю ҳадафманди Ҳукумати Тоҷикистон шаҳодати воқеӣ медиҳад. Суръати афзоиши ҳаҷми умумии гардиши чаканаи мол дар савдои чакана, корхонаҳои хӯроки умумӣ ва дигар сарчашмаҳои ташаккули савдои молҳои истеъмолӣ дар мамлакат ба ҳисоби

миёнасолона баробар бо суръати 6,5–7,0 % афзоиш намуд. Суръати баланди гардиши чаканаи мол ба афзоиши сатҳи истеъмоли маводи хӯрокворӣ ва ғайрихӯрокворӣ ва дар маҷмуъ дар ташкили ҷараёни фаъоли фаровонгардонии бозори молҳои истеъмолӣ бо маҳсулоти ниёзи мардум дар ҳудуди кишвар аз ҳисоби дар корхонаҳои истеҳсолии ватанӣ, молҳои воридотӣ аз хориҷи кишвар ва инчунин афзоиши бемайлони даромадҳои пулии аҳолӣ дар амал мушоҳида менамояд.

Бозори молҳои истеъмолӣ ва хизматҳо дар татбиқи амалӣ низоми муносибатҳои бозорӣ ва ислоҳоти иқтисодӣ воқеан мавқеи назаррасро ишғол мекунад ва намуди инкишофёфтаи муносибатҳои молию пулӣ воқеан тақдирсоз ва дорои аҳаммияти муассир, омили таъсиррасон дар таъмини сатҳи шоистаи зиндагии аҳолӣ ва рушди босуръати иқтисодию иҷтимоии кишвар маҳсуб мешавад.

АДАБИЁТ

1. Борисов Е.Ф. Основы экономики: Учебник. - М.: Юрист, 1999.
2. Гребников П.И., Леусский А.И., Тарасеевич Л.С. Микроэкономика: Учебник/Общ.ред. Л.С. Тарасеевич. Изд. 2-е, перераб. и доп. - СПб.: Изд-во СПбУЭФ, 1998.
3. Грузинов В.П. и др. Экономика предприятия. Учебник для вузов. - М.: Банки и биржи, ЮНИТИ, 1998.
4. Казаков А.П. и Минаев М.В. Экономика. Учебный курс по основам экономической теории. - М.: ГНОМ-ПРЕСС, 1999.
5. Курс экономики/Под ред. А.И. Райзберга. - М.: ИНФРА-М, 1997.
6. Макконнелл К.Р. и Брю С.Л. Экономикс: принципы, проблемы и политика. В 2 т.: Пер. с англ. 11-го изд. Т.1. -М.: Республика, 1992.
7. Нуреев Р.М. Курс микроэкономики: Учебник для вузов. - М.: Изд. группа НОРМА-ИНФРА. -М, 1999.
8. Локшин Р. План и потребительский рынок//Экономист. - 1991. - №5
9. Орлов А.В. Товары и услуги. -М.: Экономика, 1990.
10. Омори солонаи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Маҷмуаи оморӣ **[Матн]**//Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2021.
11. Политическая экономия/Кол.авторов. - М.: Политиздат, 1988.
12. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2030. -Душанбе, 2016.
13. Тоҷикистон: 30 - соли истиқлолияти давлатӣ. Маҷмӯаи оморӣ//Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистан. - Душанбе, 2021.
14. Эклунд К. Эффективная Экономика. Шведская модель: Экономика для начинающих и не только для них. Пер с швед. - М.: Экономика, 1991
15. Экономическая теория (Политэкономия)/Под общей ред. акад. Видяпина В.И. и акад. Журавлевой Г.П. - М.: ИНФРА-М, 1999.

УДК 334.78

Қурбонов А.Р., Сафаров Ҷ.А.

ТАҶРИБАИ ХОРИҶИИ СОҲИБКОРИИ ИНФИРОДӢ ВА ИСТИФОДАИ ОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар асоси таҳлили таҷрибаи хориҷии соҳибкории инфиродӣ дар мақолаи мазкур ҷиҳатҳои фарқкунандаи он дар мамлакатҳои омӯхташуда муайян карда шуда, баъзе аз хусусиятҳои онҳо барои истифода дар низоми соҳибкории инфиродӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод гардид. Инчунин масъалаи танзим ва дастгирии давлатии фаъолияти соҳибкории инфиродӣ ва тартиби андозбандии он дар мамлакатҳои мухталифи хориҷӣ мавриди омӯзиш қарор дода шуд. Истифодаи таҷрибаи хориҷии дастгирии молиявии фаъолияти соҳибкорони инфиродие, ки дар соҳаи истеҳсолӣ фаъолият менамоянд, қобили қабул шуморида шуда, дигар паҳлуҳои қонунгузорӣ дар мамлакатҳои ҳамсоя барои истифода дар Тоҷикистон пешниҳод гардид.

Калимаҳои калидӣ: соҳибкорӣ, соҳибкории инфиродӣ, андозбандии фаъолияти соҳибкорӣ, таҷрибаи хориҷӣ, дастгирӣ ва танзими давлатии фаъолияти соҳибкорӣ, патент, шаҳодатнома, андоз аз даромад, андози иҷтимоӣ ва бақайдгирӣ.

Курбонов А.Р., Сафаров Дж.А.

ЗАРУБЕЖНЫЙ ОПЫТ ИНДИВИДУАЛЬНОГО ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВА И ЕГО ИСПОЛЬЗОВАНИЕ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

На основе анализа зарубежного опыта индивидуального предпринимательства в данной статье определены его отличительные черты в изучаемых странах, а некоторые их особенности предложены для использования в системе индивидуального предпринимательства в Республике Таджикистан. Также был изучен вопрос регулирования и государственной поддержки индивидуальной предпринимательской деятельности и порядка ее налогообложения в различных зарубежных странах. Использование зарубежного опыта финансового обеспечения деятельности индивидуальных предпринимателей, работающих в производственной сфере, было признано приемлемым, а для использования в Таджикистане были предложены различные аспекты законодательства соседних стран.

Ключевые слова: предпринимательство, индивидуальное предпринимательство, налогообложение предпринимательской деятельности, зарубежный опыт, государственная поддержка и регулирование предпринимательской деятельности, патент, свидетельство, подоходный налог, социальный налог и регистрация.

Kurbonov A.R., Safarov J.A.

FOREIGN EXPERIENCE OF INDIVIDUAL ENTREPRENEURSHIP AND ITS USE IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

Based on the analysis of foreign experience of individual entrepreneurship, this article identifies its distinctive features in the countries under study, and some of their features are proposed for use in the system of individual entrepreneurship in the Republic of Tajikistan**.** The issue of regulation and state support of individual entrepreneurial activity and the procedure for its taxation in various foreign countries was also studied. The use of foreign experience of financial support for the activities of individual entrepreneurs working in the manufacturing sector was

considered acceptable, and various aspects of the legislation of neighboring countries were proposed for use in Tajikistan.

Key words: entrepreneurship, individual entrepreneurship, taxation of entrepreneurial activity, foreign experience, state support and regulation of entrepreneurial activity, patent, certificate, income tax, social tax and registration.

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар оғози қарни XX ва то солҳои навадуми қарни XX ҳамчун аъзои комилҳуқуқи ИҶШС иқтисоди нақшавӣ-сотсиалистиро истифода менамуд. Дар он замон гарчи иқтисодиёт қавӣ буд, аммо муносибатҳои соҳибкорӣ барои шахсони воқеӣ аз ҷониби қонунгузорӣ иҷозат дода намешуд, ҳарчанд аҳолӣ метавонист бемалол маҳсулоти наздиҳавлигии худро дар бозорҳо савдо намояд. Бо баробари ба даст омадани Истиқлолияти давлати Ҷумҳурии Тоҷикистон низ, ба мисли дигар ҷумҳуриҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ сохти иқтисоди бозориро пеш гирифт, ки дар он барои машғул шудан ба фаъолияти соҳибкорӣ барои шахсони воқеӣ заминаи мусоид фароҳам омад.

То имрӯз дар ин самт Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор чораҳои муассирро андешида, заминаи мусоидро барои фаъолияти соҳибкорони инфиродӣ фароҳам овардааст. Бо вуҷуди он муваффақиятҳое, ки дар самти ташкили фаъолияти соҳибкорони инфиродӣ дар даврони соҳибистиқлолӣ ба даст омадааст, мушкилиҳо низ мавҷуданд, ки бо истифодаи таҷрибаи мамлакатҳои хориҷӣ роҳҳои ҳалли онро ёфтан имконпазир аст.

Таҷрибаи бойи мамлакатҳои пешрафтаи дунё, ки сохти иқтисоди бозориро пеш гирифтаанд, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳандозӣ гашт, ки он дар принсипҳои дахолат накардани давлат ба фаъолияти иқтисодии дилхоҳ субъектҳои бозор асос ёфтааст[6].

Аз бомуваффақият рушд ёфтани соҳибкории инфиродӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин бармеояд, ки кор дар ин самт хуб ба роҳ монда шудааст ва гувоҳи он ба қариб 400000 нафар расидани соҳибкорони инфиродӣ дар ҷумҳурӣ мебошад.

Албатта, бо роҳи аз таҷрибаи бойи мамлакатҳои пешрафтаи дунё истифода намудан, корро дар ин самт тақвият додан имконият дорад. Махсусан таҷрибаи мамлакатҳои ҳамсоя, ки аз рӯи менталитет бо мо наздиктаранд, бояд мавриди омӯзиш қарор дода шаванд.

Дар ин ҷодда таҷрибаи Ҷумҳурии Ӯзбекистон қобили таваҷҷӯҳ аст, ки дар ин кишвар соҳибкорони инфиродӣ дар як муддати муайян аз оғози фаъолият соҳиби имтиёзҳои гуногунанд. Мувофиқи барномаҳои давлатӣ соҳибкорони инфиродӣ аз қарзҳои дарозмуддат ва имтиёзнок истифода мебаранд, ки махсусан барои ташкили фаъолияти соҳибкорони навтаъсис мафиатнок аст. Соҳибкорони инфиродӣ дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон метавонанд бо низоми соддакардашуда ё низоми умумӣ фаъолият намоянд.

Нисбати фаъолият бо низоми соддакардашуда, маҳдудиятҳои алоҳида мавҷуд буда, гардиши мол, кор ва хизматрасонии чунин соҳибкор дар як сол бояд аз 1 миллиард сум зиёд набошад. Гузариш аз низоми соддакардашуда ба низоми умумӣ ихтиёрӣ буда, дар ҳолати гардиши солонаи соҳибкор аз 1 милиард сум зиёд нагаштан, он метавонад бо низоми соддакардашуда фаъолият намуда, маблағи андозро бо меъёри муайянкардаи Ҳукумати Ӯзбекистон, ки бо сум ифода ёфтааст пардохт намояд.

Соҳибкорони инфиродие, ки солона то 1 миллиард сум гардиш доранд аз андозҳои фоида, аз арзиши иловашуда ва андоз аз моликияти ғайриманқул озод мебошанд ва онҳо андоз аз даромади шахсони воқеиро ба андозаи муайяншуда пардохт менамоянд [1]. Дар ҳолати дигар андозсупоранда метавонад даромади худро ҳисоб намуда, аз он 6% андоз аз гардишро пардохт намояд.

Ҳангоми бақайдгирии давлатии соҳибкорони инфиродӣ дар Ӯзбекистон як қатор имтиёзҳо пешбинӣ шудаанд, ки он дар давоми як рӯз бақайд гирифтани соҳибкорони инфиродиро дар бар мегирад. Миқдори кирояи коргарон низ барои соҳибкороне, ки тибқи низоми соддакардашуда фаъолият менамоянд, бояд аз 5 нафар зиёд набуда, барои савдо ва хӯроки омма масоҳати фаъолият низ маҳдуд карда шуда, ба ин гуна соҳибкорон воридот

мамнуъ буда, дар ҳолати гузаронидани амалиёти воридотӣ онҳо бояд бе ташкили шахси ҳуқуқӣ ба низоми умумии андозбандӣ гузаранд [1].

Таҷрибаи Федератсияи Россия низ мавриди таваҷҷӯх аст, чунки сохтори иқтисодӣ ва қонунгузорӣ дар ин самт ба мо наздиктар аст.

Дар ФР ба мисли Тоҷикистон низоми патентӣ ва низоми соддакардашудаи андоз амал менамояд, ки низоми патентӣ аз мо хело фарқкунанда аст. Мисол, дар ФР соҳибкорони инфиродие, ки тибқи патент фаъолият менамоянд, метавонанд то 15 нафар коргарро киро намоянд, инчунин фаъолияти статсионарӣ дар савдо ва хӯроки омма иҷозат дода мешавад, фақат андозаи он бояд аз 150 м^2 зиед набошад [1]. Меъёри андоз низ муқаррар карда шудааст, ки он 6%-и даромади дар назардоштаро ташкил менамояд. Даромади дарназардоштаро минтақаҳои мамлакат аз рӯи фаъолиятҳои муайянкардаи Кодекси андози Федератсияи Россия муайян намуда, мувофиқи он дар баъзе аз минтақаҳо меъёри андози даромад ба сифр баробар аст.

Агар соҳибкори инфиродӣ коргаронро киро намояд, андозҳоро аз музди меҳнат супорида, пардохтҳои суғуртавиро низ ба буҷетҳои маҳали фаъолият пардохт менамояд. Аз музди меҳнати кормандон андоз аз даромади шахсони воқеӣ 13% (15% агар даромади солонаи коргар аз 5 млн. зиёд бошад), пардохтҳои суғуртавӣ ба фонди нафақа 22%, суғуртаи тиббӣ – 2,9% ва суғуртаи иҷтимоӣ – 2,95% пешбинӣ шудааст. [1].

Дар Ҷумҳурии Қазоқистон бақайдгирии соҳибкорони инфиродӣ тариқи электронӣ хуб ба роҳ монда шуда, соҳибкорон дар муҳлати кӯтоҳтарин бо пешниҳоди ҳуҷҷатҳои алоҳида ва пур намудани анкета ба қайд гирифта мешаванд. Дар Ҷумҳурии Қазоқистон чор низоми андозбандии соҳибкорони инфиродӣ бо шаклҳои зерин амал менамоянд [2];

1. Низоми махсуси иҷтимоии андозбандӣ дар заминаи патент;
2. Низоми махсуси андозбандӣ дар асоси эъломияи соддакардашуда;
3. Низоми махсуси андоз бо истифодаи тарҳҳои муайяншуда;
4. Низоми умумии андозбандӣ.

Низомҳои махсус вобаста ба бузургии гардиши солонаи соҳибкорони инфиродӣ амал намуда, вобаста ба ҳаҷми он соҳибкорон бо ин ё он низоми андозбандӣ фаъолият менамоянд. Фақат тибқи низоми умумии андозбандӣ фаъолият намудани соҳибкорони инфиродӣ ихтиёрӣ аст. Ҳангоми фаъолият бо низоми патентӣ барои соҳибкорони инфиродӣ маҳдудиятҳои зерин муқаррар карда шудааст [2]:

-кордиҳанда буда наметавонанд;

-фаъолияти савдо манъ аст;

-гардиши солонаи мол, кор ва хизматрасонӣ аз маблағи муайянкардаи Ҳукумати Ҷумҳурии Қазокистон бояд зиёд набошад ва ғайра.

Дар умум соҳибкори инфиродӣ дар Ҷумҳурии Қазоқистон бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ наметавонад дар бахшҳои аудиторӣ, суғуртавӣ ва фаъолияти муҳофизавӣ ба қайд гирфта шавад.

Дар мамлакатҳои тараққикардаи ҷаҳон тартиби фаъолияти соҳибкорони инфиродӣ чунин аст: Дар Ҷумҳурии Федералии Олмон соҳибкории инфиродӣ шакли маъмултарини фаъолияти соҳибкорӣ ба ҳисоб рафта, дар заминаи он қисмати асосии ММД ташаккул меёбад.

Бақайдгирии соҳибкорони инфиродӣ содда буда, ба тариқи электронӣ амалӣ карда мешавад. Дастгирии давлатии соҳибкорони инфиродӣ дар Олмон хуб ба роҳ монда шуда, ҳимояи иҷтимоӣ кафолат дода, дар давраҳои аввали фаъолият имтиёзҳои андозӣ ва маблағгузории давлатӣ низ барои фаъолияти соҳибкорони инфиродӣ пешбинӣ шудааст. Низоми андозбандии фаъолияти соҳибкорони инфиродӣ дар Олмон чун дар дигар мамлакатҳои мавриди тадқиқот қарор ёфта, соддакардашуда ва умумӣ мебошад ва соҳибкор ихтиёран бо ин ё он низом фаъолият менамояд. Ҳангоми истифодаи низоми соддакардашуда гардиши солона на бояд аз 50 ҳаз. евро зиёд бошад [3]. Аз ҷониби онҳо андоз аз савдо пардохта мешавад.

Дар ШМА бизнеси хурду миёна шакли маъмултарини бурдани бизнес буда, аз 4/3 ҳиссаи ММД мамлакат дар ҳамин соҳа ташаккул меёбад. Дар ҳамин замина соҳибкории инфиродӣ низ нақши муассир дошта аз имтиёзу дастгириҳои фаровони давлатӣ бархурдор мебошанд. Соҳибкорони инфиродӣ дар ШМА низоми соддакардашударо истифода бурда, ҳисоботи худро низ бо шакли соддакардашуда пешниҳод менамоянд. Суғуртакунии фаъолият барои соҳибкорони инфиродӣ дар ШМА ҳатмӣ буда, дар ҳолати муфлисшавӣ воситаи хуби дастгирии молиявии онҳост. Соҳибкорони инфиродӣ ҳангоми истифодаи низоми соддакардашудаи андозбандӣ андоз аз даромади шахсони воқеӣ бо меъёри 12,4% (аз фоидаи андозбандишаванда) ва андози иҷтимоӣ бо меъёри 2,9% пардохт менамоянд [4]. Ба масъалаи бурдани ҳисоботи даромаду хароҷоти соҳибкорони инфиродӣ талабот қатъӣ буда, соҳибкор бояд сари вақт ҳар семоҳа ҳисоботи худро пешниҳод намояд.

Низоми идеалии андозбандии фаъолияти соҳибкорони инфиродӣ дар мамлакати Гурҷистон амал менамояд, ки агар гардиши солонаи соҳибкор то 7500 евро бошад, меъёри андози даромади он ба сифр баробар аст ва агар гардиши солона зиёда аз 7500 то 175000 евро бошад, андози даромад ба 1% баробар мешавад [4]. Як шахси воқеӣ метавонад ба якчанд намудҳои фаъолият машғул шавад.

Дар ҷадвали зерин намудҳои фаъолият ва андозбандии соҳибкорони инфиродӣ дар мамлакатҳои гуногуни дунё мавриди баррасӣ мегардад, ки чунин аст:

Ҷадвали 1. Намудҳои фаъолият ва андозбандии соҳибкорони инфиродӣ дар мамлакатҳои гуногун ва андозбандии онҳо.

Мамлакат	Намудҳои фаъолияти СИ	Андозбандӣ
Тоҷикистон	Патент ва шаходатнома	Ҳудуди максималии фаъолият тибқи патент то 200000 сомонӣ дар як сол. Андози даромад ва андози иҷтимоӣ бо маблағи муайяншуда. Ҳудуди максималии фаъолият бо шаҳодатнома то 1млн. дар як сол. Андози соддакардашуда 6% аз даромади умумӣ ва андози иҷтимоӣ 1%. аз даромади умумӣ
Россия	Патент, низоми соддакардашудаи андоз	Ҳудуди максималии фаъолият барои соҳибкорони инфиродӣ бо низоми соддакардашудаи андоз то 219,2 млн. рубл (барои соли 2022) дар як сол пешбинӣ мешавад. [1]. Истифодаи низоми соддашуда пардохти ААИ-ро талаб наменамояд. Ба ҷои андоз даромади шахсони воқеӣ андози соддакардашуда аз 6 то 8% аз даромади умумӣ вобаста ба ҳаҷми гардиши солонаи мол, кор ва хизматрасонӣ муқаррар карда мешавад. Агар фаъолият ба роҳ монда нашавад маблағи патентро бояд пардохт намуд, зеро объекти андоз дар ин маврид даромади дарназарбуда маҳсуб мешавад на даромади фактӣ.
Узбекистон	Патент, низоми	Низоми соддакардашуда, гардиши мол, кор ва хизматрасонии соҳибкори

	соддакардашудаи андоз ва низоми умумӣ	инфиродӣ дар як сол то 1 миллиард сум. маблағи андозро Ҳукумати Ӯзбекистон, вобаста аз намуди фаъолият муайян менамояд. Дар ҳолати дигар андозсупоранда метавонад даромади худро ҳисоб намуда, аз он 6% андоз аз гардишро пардохт намояд. Низоми умумӣ, ки тибқи он андозҳои фоида, аз арзиши иловашуда ва андоз аз моликияти ғайриманқул пардохт мешаванд. [1].
Қазоқистон	Патент, низоми махсуси андозбандӣ дар асоси эъломияи соддакардашуда, низоми умумии андозбандӣ.	Патент; -даромади умумии солона бояд аз 300-каратаи ҳадди аққали музди меҳнат зиёд набошад, ба кироя коргар ҳақ надорад. Маблағи патент аз ҷониби Ҳукумат муқаррар карда шуда, коэфисиентҳо истифода бурда мешаванд. Низоми махсуси андозбандӣ дар асоси эъломияи соддакардашуда; -дар давоми соли андозӣ даромади умумӣ бояд то 1 400-каратаи ҳадди аққали музди меҳнат бошад, миқдори коргарони кироя то 25 нафар. Низоми умумии андозбандӣ пардохти андозҳои зеринро дар бар мегирад; Андози даромади фардӣ - 10%; Андози иҷтимоӣ аз даромади шахсӣ — 2-нишондиҳанда барои ҳисобҳо, ААИ - 12%.[5].

Дар як қатор мамлакатҳои дунё низоми патентӣ амал наменамояд ё тартиби он дигар буда, соҳибкор метавонад коргари кироя дошта бошад ва ҳисоботи андозӣ пешниҳод намояд, ки чунин тартиб дар Ҷумҳурии Тоҷикистон қобили қабул аст.

Ба ғайр аз ин аз андозҳо озод намудани соҳибкорони инфиродии навтаъсис дар як муддати муайян (як сол ё ду сол), ки дар як қатор мамлакатҳо истифода бурда мешавад, метавонад барои пешрафти фаъолияти чунин соҳибкорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон боис гардад.

Инчунин, таҷрибаи хориҷии бақайдгирии электронӣ, ки дар мамлакати Гурҷистон амал менамояд, қобили қабул шуморида мешавад, зеро он чунин бақайдгириро соддаю осон намуда, ҳар гуна ҳодисаҳои номатлубро аз байн мебарад.

АДАБИЁТ

1. Сомонаи интернетӣ: https://www.moedelo.org/club/article-knowledge/individualnyj-predprinimatel-vse-ob-ip-prostym-azykom. Санаи мурочиат 8.12.22.
2. Сомонаи интернетӣ: https://pravosite.kz/articles/post/1904-individualnoe-predprinimatelstvo-v-kazahstane. Санаи мурочиат 9.12.22.
3. Сомонаи интернетӣ: https://www.tupa-germania.ru/biznes/chastnyj-predprinimatel-v-germanii.html. Санаи мурочиат 7.12.22.

4. Сомонаи интернетӣ: https://internationalwealth.info/offshore-business-abroad/individualnyj-predprinimatel-v-ssha. Санаи мурочиат 9.12.22.
5. Сомонаи интернетӣ: https://visasam.ru/emigration/pereezdsng/nalogi-ip-v-kazhstane.html. Санаи мурочиат 11.12.22.
6. Султонов З.С. Приоритетные направления инфраструктурного обеспечения малого предпринимательства Республики Таджикистан в условиях рынка/ Кабиров Ш.О., Султонов З.С.// Вестник Центра стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан. Таджикистан и современный мир. ISSN 2075-9584. – Душанбе, 2019, № 5(68). - С.163-169.

УДК 379.85:33 (575.3)

Валиев Н. Ш., Мухторзода С.С.

РУШДИ ФАЪОЛИЯТИ СОҲИБКОРИИ ХУРД ВА ХУСУСИЯТҲОИ ХОСИ ОН ДАР САВДОИ ЧАКАНА

Дар мақолаи мазкур асосҳои рушди соҳибкории хурд ва хусусиятҳои хоси он дар савдои чакана дида баромада шудааст. Диққати асосӣ ба хусусиятҳои хоси рушди соҳибкории хурд дар савдои чакана дода шудааст. Самтҳои асосӣ ва фунсияҳои асосии соҳибкории хурд дар савдои чакана ва вазифаи асосии он муайян карда шудааст. Роҳҳои ҳалли мушкилотҳо дар раванди рушди фаъолияти соҳибкории хурд дар савдои чакана ҷой доранд пешниҳод гардидааст.

Вожаҳои калидӣ: соҳибкории хурд, мушкилотҳо, дастгирии давлатӣ, рушди соҳибкории тиҷоратӣ, савдои чакана, хусусиятҳо

Валиев Н. Ш., Мухторзода С.С.

РАЗВИТИЕ МАЛОГО ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВА И ЕГО ОСОБЕННОСТИ В РОЗНИЧНОЙ ТОРГОВЛЕ

В данной статье рассматриваются основы развития малого бизнеса и его специфика в розничной торговле. Акцент сделан на специфике развития малого бизнеса в сфере розничной торговли. Определены основные направления и основные функции малого бизнеса в розничной торговле и его основная задача. Предложены пути решения проблем в процессе развития малого бизнеса в розничной торговле.

Ключевые слова: малый бизнес, проблемы, государственная поддержка, развитие торогового предпринимательства, розничной торговли, особенности.

Valiev N. SH., Mukhtorzoda S.S.

DEVELOPMENT OF SMALL BUSINESS AND ITS FEATURES IN RETAIL TRADE

This article discusses the basics of small business development and its specifics in retail. The emphasis is on the specifics of the development of small business in the retail sector. The main directions and main functions of small business in retail trade and its main task are determined. Ways of solving problems in the process of development of small business in retail trade are proposed.

Key words: small business, problems, state support, development of retail business, retail trade, features.

Соҳибкории хурд дар савдои чакана як намуди махсуси фаъолият мебошад, ки ба ташкили раванди фурӯши мол ва хизматрасонӣ ба истеъмолкунандаи ниҳоӣ асос ёфтааст. Ба андешаи мо, рушди соҳибкории хурд дар савдои чакана ҳадди ақал риояи ду шарти асосиро талаб мекунад:

1. мавҷудияти тақозои нисбатан мӯътадил ба молҳои фурӯхташуда (аз ин рӯ, маълумот дар бораи бозор доштан зарур аст);

2. бо нархи паст харидани мол аз истеҳсолкунандагон, ки ба соҳибкорони тиҷоратӣ имкон медиҳад то хароҷоти муомилотро пӯшонанд ва фоида ба даст оранд.

Дар фаъолияти соҳибкории хурд дар савдои чакана мол ва фурӯши он барои соҳибкор омили муайянкунандаи тиҷорат мебошад.

Соҳибкории хурд дар савдои чакана пеш аз ҳама ба он тавсиф карда мешавад, ки нақши ҳалкунандаро дар ин намуди фаъолият амалиёти моливу пулӣ мебозанд [2]. Инҳо мундариҷаи асосии соҳибкории тиҷоратиро ифода менамоянд. Вале бояд қайд кард, ки дар шуури аксари одамони шӯравӣ дар бораи савдо ва тоҷирон ақидаҳои манфӣ низ ташаккул ёфта буд, яъне фаъолияти зидди ҷамъиятӣ, муфт, ғайриқонунӣ ва инчунин баъзан ҳамчун фаъолияти қаллобӣ дониста мешуд. Ин нуқтаи назар решаҳои таърихии ба идеология асосёфта дорад.

Табиист, ки гузариш ба низоми нави хоҷагидорӣ, хусусигардонии савдо, рушди моликияти хусусӣ ба рушди соҳибкории хурд дар савдои чакана мусоидат намуданд.

Нақшаи умумии фаъолияти соҳибкории хурд дар савдои чакана аз бисёр ҷиҳатҳо ба нақшаи фаъолияти соҳибкории истеҳсолӣ шабоҳат дорад. Фарқият дар он аст, ки дар соҳибкории хурд дар савдои чакана таъмин намудани захираҳои истеҳсолии марбут ба истеҳсоли маҳсулот вуҷуд надорад, захираҳои моддии соҳибкор аз ҷониби ӯ дар шакли маҳсулоти тайёр харида шуда, сипас ба истеъмолкунанда фурӯхта мешавад. Ҳамин тариқ, воҳиди истеҳсолӣ аз байн бардошта мешавад ва ҷойи онро воҳиди гирифтани мол иваз мекунад.

Нисбати муносибати соҳибкор бо харидор, онҳо ҳам барои фаъолияти истеҳсолӣ ва ҳам тиҷоратӣ хусусияти умумиро нигоҳ медоранд ва дар ҳар сурат, соҳибкор бояд молҳои худро фурӯшад.

Маълум аст, ки дар шароити соҳибкории тиҷоратӣ қувваи корӣ ва воситаҳои истеҳсолии ҷалбнамудаи соҳибкор характери хос доранд [5], зеро онҳо барои анҷом додани савдо ва амалиёти бевоситаи ба он пешбинишуда равона карда шудаанд.

Фаъолияти тиҷоратӣ шарти муҳими фаъолияти бозори истеъмолӣ ҳамчун соҳаи соҳибкории тиҷоратӣ мебошад, ки дар он пул ба мол иваз карда мешавад ва баръакс.

Фаъолияти тиҷоратӣ равандҳои вобаста ба хариду фурӯши мол, қонеъ кардани талаботи харидорон, кам кардани хароҷот ва ба даст овардани фоидаро дар бар мегирад. Ҳангоми харид ва таҳвили маҳсулот таҳқиқоти бозорӣ гузаронида шуда, алоқаҳои хоҷагидорӣ бо таъминкунандагон барқарор карда мешаванд ва амалиётҳои тиҷоратӣ анҷом дода мешаванд, ки ба қарордодҳои тиҷоратӣ, бастани шартномаҳо ва табодули молу пул нигаронида шудаанд. Ҳама гуна фаъолияти тиҷоратӣ мутобиқи шароити бозор ва муҳити муайяни берунӣ ба амал бароварда шуда, қарорҳои тиҷоратӣ амалӣ карда мешаванд. Ҳангоми иҷрои вазифаҳои муайяни тиҷоратӣ қонунҳои иқтисодии бозор, сиёсати молиявӣ ва ҳуқуқи тиҷорат ҳамчун асос гирифта мешаванд.



Расми 1. Принсипҳои асосии фаъолияти соҳибкории хурд дар савдои чакана

Мавқеи муҳимро дар иқтисоди муттамадини бозорӣ, соҳибкорӣ дар соҳаи савдои чакана ишғол менамояд. Ин навъи соҳибкорӣ аз нуқтаи назари соҳибкоре, ки дорои маблағи назаррас нест ва ҷалби сармоягузориҳои калонро интизор нест, ҷолибтар мебошад. Сабаби ин дар он аст, ки таъсиси корхонаи тиҷоратӣ нисбат ба дигар корхонаҳои саноатӣ маблағи камтарро талаб мекунад, масалан, таъсиси корхонаи саноатӣ, инчунин далели он, ки дар савдо шумо метавонед зудтар даромад ба даст оред, яъне мӯҳлати баргардонидани маблағҳо дар корхонаи савдо нисбат ба дигар намудҳои фаъолияти соҳибкорӣ хеле кӯтоҳтар аст.

Расми 2. Мақсадҳои фаъолияти соҳибкории хурд дар савдои чакана

Барои он, ки моҳияти соҳибкориро дар соҳаи савдо беҳтар дарк намоем, чунин мафҳум, ба монанди фаъолияти тиҷоратиро ба назар гирифтан лозим аст.

Асоси фаъолияти савдо ин хариду фурӯши молҳо бо роҳи тағйир ёфтани шакли арзиш мебошад [6]. Хариду фурӯши молҳо аз таъминкунандагон, ки дар асоси тиҷорат сохта мешаванд, тамоми равандҳои тиҷоратро дар бар намегиранд. Сухан дар бораи ҳама ҷабҳаҳои фаъолияти тиҷоратӣ, ки истеҳсол, тарғиб, тақсимот ва фурӯши маҳсулотро дар бар мегирад, меравад.

Таҳқиқоти масъалаҳои илмӣ–нзариявии ташаккул ва инкишофи савдои дохилӣ дар шароити муосири иқтисодӣ нишон дод, ки новобаста аз миқдори зиёди асарҳои илмии нашркардаи донишмандони хориҷӣ ва ватанӣ дар доираи ин мавзӯи мубрами иқтисодию иҷтимоӣ айни замон ақидаҳои хело гуногун ва зиддиятнок ҷой доранд. Алалхусус, нисбати чунин истилоҳҳои поягии соҳаи савдои молҳои истеъмолӣ, ба монанди “Савдо”, “Тиҷорат”, “Савдои дохилӣ”, “Савдои хориҷӣ”, “Савдои чакана”, “Хӯроки умумӣ” ва моҳияти дигар вожаҳои иқтисодии ба онҳо наздик то ҳол фикру андешаҳои гуногун ва баҳснок вуҷуд доранд.

Таърифҳои зиёди фаъолияти тиҷоратӣ мавҷуданд, ки онро аз ҷабҳаҳои гуногун тавсиф мекунанд. Дар кори таҳқиқотии худ мо маъмултаринашро пешниҳод мекунем:

Тиҷорат - "савдо, тиҷорат, ҳунарҳои тоҷирон" [4. С. 35]

Бояд тазаккур дод, ки дар Луғати тафсири забони русӣ вожаи “Савдо” ба таври зерин маънидод шудааст: “Фаъолияти хоҷагидорӣ оид ба муомилоти молӣ, харид ва фурӯши онҳо” [7. С. 12]. Таърифи додашуда ба фикри мо моҳият, мазмун ва вазифаҳои савдоро пурра дар бар намегирад. Зеро, ки савдо гарчанде воситаи муомилоти молӣ ва хариду фурӯши молу маҳсулот маънидод шавад ҳам, аммо моҳият, заминаҳои ташаккул, таҳавулли рушд, шаклу намудҳои хос, нақш ва аҳамияти иқтисодию иҷтимоӣ дорад. Функсияҳои он дар шароити муосир мазмуни сифатан нав пайдо кардаанд.

Дар ин робита бо нуқтаи назари муҳаққиқи ватанӣ Шаропов Ф.Р. ҳамфикр мебошем, ки дар таҳқиқоти худ савдоро аз рӯи мазмун ва таъиноти вазифавии худ ҳамчун соҳаи муҳим ва мустақили иқтисоди бозорӣ, намуди махсуси фаъолияти соҳибкорӣ ва шакли муомилоти мол ва меҳнати ҷамъиятӣ баррасӣ намудааст [9. С. 5].

Масалан, оид ба маънои вожаи “Савдо” ва “Тиҷорат” дар сарчашмаҳои гуногуни адабиёти иқтисодӣ, аз ҷумла қомусномаҳои фарҳангӣ ва қонунҳои амалкунандаи соҳавӣ фикру андешаҳои зерин зикр шудаанд (ҷадвали 1).

Ҷадвали 1.

Тавзеҳи истилоҳоти “Савдо” ва “Тиҷорат”

№ Р/Т	Муаллиф ё таҳрирнамоянда	Шарҳи истиллоҳи савдо ва тиҷорат	Сарчашмаи адабиёт ё манбаъ
1.	Муҳаммадорифи Ғафсӣ	“Тиҷорат – бозаргонӣ, хариду-фурӯши мол ва хадамот, махсусан ба паймонаи зиёд ба ҳайси як пеша ва ба манзури фоидагирӣ хоҳ миллӣ бошад ё байналмилалӣ”.	Қомуси иқтисодӣ. Муҳаммадорифи Ғафсӣ, Кобул, соли 1974, С. 104
2.	Муин Муҳаммад	“Савдо ... бидеҳ, биситон, доду ситад ва бозаргонӣ мебошад”.	Муин Муҳаммад. Фарҳанги форсӣ. Комилтарин фарҳанги форсии якљилдӣ / Муин Муҳаммад. - Теҳрон, 1388 (1910). – 1615 с.
3.	Алиакбари Деҳхудо	“Тиҷорат – доду ситод кардан, хариду фурӯши ҳар навъ коло, савдогарӣ, бозаргонӣ, савдо ва муомилот аст”.	Фарҳанги Деҳхудо. Алиакбари Деҳхудо. - Теҳрон, ба забони форсӣ. – 1373 (1994). - 67265 с.
4.	Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи савдо ва хизматрасонии маишӣ»	“ҳар шахсе ки кори тиҷоратиро ба ӯҳда дорад ё аз аҳли тиҷорат аст, аз номи худ ба фаъолияти тиҷорати шуғл меварзад ва онро чун пешаи ҳамешагӣ қарор медиҳад, тоҷир аст” (тарҷумаи муаллиф).	Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи савдо ва хизматрасонии маиши” аз 19 марти соли 2013. - ш. Душанбе, - № 943.
5.	Дар зери таҳрири М.Ш. Шакурӣ., В.А. Капранов., А. Маъсумӣ., Р. Ҳошим.	“Савдо - тиҷорат, хариду фурӯш, харидан, фурӯхтан аст”.	Фарҳанги забони тоҷикӣ (аз асри Х то ибтидои асри ХХ) иборат аз ду ҷилд. Ҷилди 2, Москва: нашриёти “Советская инциклопедия: 1969.- С. 169.

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи савдо ва хизматрасонии маишӣ», ки 19 марти соли 2013, таҳти № 943 қабул гардидааст, дар боби 1 моддаи 2 мафҳуми савдо ҳамчун “...фаъолияти шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ оид ба муносибатҳои

хариду фурӯши молҳои истеҳсолгардида, коркард ё харидшуда, инчунин иҷрои кору хизматрасонии маишӣ вобаста ба фурӯши маҳсулотмуайян шудааст” [3. С. 5].

Дар фарҳанги асосии забони тоҷикӣ, ки соли 1983 аз ҷониби олимону донишмандони маъруфи Тоҷикистон – академики АИ Ҷумҳурии Тоҷикистон, профессорон Шакурӣ М., Осимӣ М., Капранов Ю., Масъумӣ Н., Деҳотӣ А. ва дигарон таҳрир гардида, ба нашр расидааст, истилоҳи савдо аз нигоҳи иқтисодӣ чун муродифи калимаи тиҷорат маънидод карда шудааст. Чунин шарҳи категорияи иқтисодӣ шаҳодат аз он медиҳад, ки ҳарду истилоҳ бо ҳамдигар муродиф буда, истифодаи онҳо нисбати якдигар ягон зиддияте надорад, гарчанде дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бештар калимаи савдо ва ба таври расмӣ баъзан вожаи тиҷорат ё истифодаи он бо истилоҳи иқтисод, яъне “тиҷоратӣ – иқтисодӣ”, ҳатто аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар нутқу суханрониҳояшон дар мавридҳои гуногун ва дар саҳифаҳои матбуоти даврӣ ҳангоми мулоқотҳои дуҷонибаю бисёрҷониба бо роҳбарони давлатҳои дигар, конфронсҳо ва дар маърӯзаҳои шахсони масъули давлатӣ истифода мешаванд.

Ҳама ҷузъҳои фаъолияти тиҷоратӣ: харид, нигоҳдорӣ, тақсимоти молҳо бо унсурҳои хоси онҳо - фаъолияти тиҷоратиро ҳамчун низом ифода мекунанд [8].

Расми 3. Функсияҳои асосии соҳибкории хурд дар савдои чакана

Ба андешаи А.Виноградов функсияҳои асосии фаъолияти тиҷоратии корхонаҳои савдо аз омӯзиши талабот ва шароити бозор, ҷустуҷӯ ва интихоби молрасонҳои қобили қабул, ташкили алоқаҳои хоҷагидорӣ, хариди молҳо, таҳияи сиёсати номгуйи молҳо, ташкил ва баргузории ярмаркаҳо, намоишгоҳҳои савдо, фурӯш, назорат аз болои иҷрои шартнома, фурӯши яклухт, пешбурди хариду фурӯши мол, ташкили воридоти мол, манбаи

оперативии захираҳои мол, таблиғи молҳо ва хизматҳо, амалиёти воридотӣ ва содиротӣ, хизматрасонӣ ба муштариён иборатанд [1. С. 234].

Фаъолияти соҳибкорӣ дар савдои чакана хусусиятҳои хоси худро дорад. Дар байни онҳо вазни қиёсии бештари воситаҳои гардон; мавҷудияти доираи васеи номгуйи молҳо, хизматҳо барои фурӯш ба муштариён; парокандашавии калони ҳудудии корхонаҳо; набудани сохторҳои мутамарказ; сатҳи баланди рақобат байни субъектҳои соҳибкорӣ; ҳиссаи зиёди субъектҳои соҳибкории хурд фарқ карда мешаванд.



Расми 4. Марҳилаҳои асосии рушди фаъолияти соҳибкории хурд дар савдои чакана

Ақидаҳои О.М. Мороз ва Б.А. Рейсберг, ки бо ҳам мувофиқ мебошанд мавриди зикр аст, ки дар шароити муосир фаъолияти тиҷоратӣ аз доираи тиҷорати мустақим берун рафтааст: “Корхонаи тиҷоратӣ инчунин дорои омезиши функсияҳои истеҳсолӣ ва савдо мебошад. Инро таҷрибаи корхонаҳои калон, ки шабакаи мағозаҳои ширкатии худро доранд, тасдиқ мекунанд. Ин тасодуфӣ нест, зеро низоми маркетингие, ки ба иқтисодиёти бозорӣ хос аст, татбиқи сикли пурраи ҳаёти маҳсулотро аз идеяи пайдоиши он сар карда, то ба истеъмолкунандаи ниҳоӣ, масалан, дар мағозаи махсус таъмин мекунад”.

Соҳибкории хурд дар савдои чакана дар тақвияти равандҳои иқтисодӣ нақши назаррас дорад, аз ҷумла: он ташкили бозори мутавозинро таъмин менамояд, ба ташаккули таносуби оптималии байни истеҳсолот ва бахшҳои ба он алоқаманд мусоидат менамояд, талаботро ба мол муайян мекунад, соҳибкории истеҳсолиро ҳавасманд менамояд, гардиши молии самаранокро таъмин мекунад, эҳтиёҷоти аҳолиро ба мол ва хизматрасонӣ қонеъ мекунад, фаъолияти субъектҳои бозор буда, дар ташаккули даромадҳои давлатӣ ва маҳаллӣ саҳми муносиб мегузорад.

Бо назардошти шароити хоҷагидории бозорӣ ва васеъ шудани моҳияти фаъолияти хоҷагидорӣ ва тиҷоратии субъектҳои хоҷагидорӣ, марҳилаҳои асосии фаъолияти соҳибкории хурд дар савдои чакана инҳоро дар бар мегиранд.

Тавре ки мо мебинем, марҳилаҳои асосии фаъолияти соҳибкории хурд дар савдои чакана ва вазифаҳои фаъолияти тиҷоратӣ тибқи гуфтаи А.М.Виноградская хеле ба ҳам монанданд, ки ин имкон медиҳад хулоса барорем, ки мафҳум ва робитаи наздики мафҳумҳои савдо ва фаъолияти тиҷоратӣ ва фарогирии охирин ба даст оварда шаванд.

Соҳибкории хурд дар савдои чакана дар асоси принсипҳои зерин амалӣ карда мешавад:

• мустақилияти ташкилӣ ва хоҷагидорӣ - мустақилият ва озодии интихоб аз ҷониби субъектҳои хоҷагидорӣ шаклҳои ташкилию ҳуқуқӣ ва намудҳои фаъолияти савдо, хусусияти муносибатҳо бо дигар субъектҳои бозор, ихтисос ва номгуйи гуногуни корхонаҳои савдо, усулҳои хизматрасонӣ ба мизоҷон;

• ошкоро - дастрасӣ ба хизматрасониҳои савдо барои ҳамаи категорияҳои истеъмолкунандагон, афзалияти баррасии манфиатҳои онҳо;

• шаффофият - дастрасӣ ба хизматрасониҳои савдо барои ҳамаи категорияҳои истеъмолкунандагон, дар мадди аввал нигоҳ доштани манфиатҳои онҳо;

• тамаддун - сатҳи баланди хизматрасониҳои савдо;

• худтаъминкунӣ - баргардонидани хароҷотҳои субъектҳои хоҷагидорӣ дар ҷараёни фаъолияти савдо, пешгирии муфлисшавӣ ва қобилияти пардохти молиявии корхонаҳо;

• рақобатпазирии субъектҳои хоҷагидорӣ - фаъолияти самаранок дар муҳити рақобат ва муборизаи рақобат, ба шарте ки ягон қонунгузории зиддиинҳисорӣ вайрон карда нашавад;

• танзимнамоӣ - вокуниши дахлдори бахши савдо ба таъсири ҳамоҳангсозӣ ва ислоҳи омилҳои беруна тавассути низоми танзими ҳуқуқӣ, илмӣ-техникӣ, сармоягузорӣ ва дигар механизмҳои танзими давлатӣ;

• масъулияти баланди моддӣ ва молиявии шарикон барои иҷрои вазифаҳояшон.

Функсияи асосии соҳибкории хурд дар савдои чакана фурӯши молҳо ба аҳолӣ, тағйир додани шаклҳои арзиши мол тавассути мубодилаи молҳо вобаста ба даромади истеъмолкунандагон дониста мешавад. Дар натиҷаи амалиёти хариду фурӯши молҳо дар савдои чакана, фурӯши ниҳоии молҳои истеҳсолшуда ба аҳолӣ сурат мегирад.

Таҳлилҳои анҷомдодаи мо аз он гувоҳӣ медиҳанд, ки мушкилотҳои зерин дар раванди рушди фаъолияти соҳибкории хурд дар савдои чакана ҷой доранд ва роҳҳои ҳалли онҳо аз тарафи сохторҳои дахлдор ба мақсад мувофиқ мебошад:

• номукаммалии низоми андозбандӣ ва андозситонӣ барои субъектҳои гуногуни фаъолияти соҳибкорӣ;

• кифоя набудани маблағҳои молиявӣ;

• ноустуворӣ ва номукаммалии қонунҳои амалкунанда ва ҳамоҳанг набудани онҳо бо дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ;

• болоравии нархи ашёи хом, молҳои истеъмолӣ ва қувваи барқу газ;

• нархи баланди таҷҳизоту техникаи муосир;

• дахолати баъзан беасоси мақомоти идоракунии маҳаллӣ ва сохторҳои алоҳида ба фаъолияти соҳибкорони соҳаи истеҳсолӣ ва тиҷоратӣ.

Барои расонидани кӯмак ба соҳибкорон дар ҳалли мушкилоти номбаршуда истифодаи усулҳои зеринро ҳангоми истифодаи механизми дастгирии давлатии соҳибкории хурд дар савдои чакана ба мақсад мувофиқ мешуморем:

- танзими ҳамкорӣ байни маъмурияти шаҳрдорӣ, ноҳияҳо ва сохторҳое, ки барои амалӣ намудани дастгирии давлатӣ ваколатдоранд;

- такмили заминаи меъёрию ҳуқуқӣ, татбиқи қонунҳои амалкунанда ва қабули қарорҳои дахлдор дар ин бобат;

- амалӣ гардонидани механизми шарикии давлат ва сектори хусусӣ, рушд ва такмили дастгирии молиявӣ, андоз ва амволии соҳибкорӣ;

- таҳия ва татбиқи барномаҳо, лоиҳаҳои рушд ва дастгирии соҳибкорӣ.

Ҳамин тариқ, бояд дарҷ намоем, ки дар ҳақиқат субъектҳои соҳибкории хурд дар савдои чакана бо такмили низоми амалкунандаи дастгирии давлатӣ ва ҷамъиятии соҳибкорӣ бештар ниёз доранд.

АДАБИЁТ

1. Виноградов А. Проблемы российской розницы: начнем с форматов [Текст] / А. Виноградов // Конъюнктура товарных рынков. - 2006. - № 4. - С. 748.
2. Қомуси иқтисодӣ. Муҳаммадорифи Ғафсӣ, Кобул, соли 1974, С. 104
3. Қонуни иқтисодӣ. Муҳаммадорифи Ғафсӣ, Кобул, соли 1974, С. 104нков.ынков. Виноградов // Конъюнктура товарных рынко
4. Луғати тафсирии В.И.Дал
5. Муин Мухаммад. Фарханги форси. Комилтарин фарҳанги форсии якҷилди / Муин Мухаммад. - Техрон, 1388 (1910). – 1615 с.
6. Султонов З.С. Исследование подходов к оценке качества услуг предприятий розничной торговли/ Мариншоев М.М., Султонов З.С.// Вестник Таджикского государственного университета коммерции. - Душанбе: «Точир», 2019. №4(29). - С. 90-103.
7. Толковый словарь русского языка / Под ред. Д.Н. Ушакова. — М.: Гос. ин-т "Сов. энцикл."; ОГИЗ; Гос. изд-во иностр. и нац. слов., 1935-1940. (4 т.)
8. Фарҳанги Деҳҳудо. Алиакбари Деҳҳудо. - Теҳрон, ба забони форсӣ. – 1373 (1994). - 67265 с.
9. Шаропов Ф.Р. Управление социально-экономическим развитием розничной торговли: теория, методология, стратегия. Ф.Р. Шаропов. Автореферат диссертации на соискание ученой степени доктора экономичекских наук. – Душанбе. – 2018. – С. 55

УДК 325.1+004.89+331.56(045)=222.8

Усманова Т.Ҷ., Азимов Н.Ҳ.

УСУЛҲОИ ТАНЗИМИ МУҲОҶИРАТИ ИНТЕЛЛЕКТУАЛӢ ҲАМЧУН АСОСИ ТАШАККУЛЁБИИ ИҚТИДОРИ КРЕАТИВИИ ҚУВВАИ КОРӢ

Дар марҳилаи муосир гузариш ба иқтисодиёти бозоргонӣ, рушди босуръати саноатикунонии Ҷумҳурии Тоҷикистон гувоҳӣ медиҳад, ки ташаккулёбии иқтидори креативии қувваи корӣ нақши муҳимро дорост. Дар мақолаи мазкур усулҳои танзими муҳоҷирати интеллектуалӣ ва таъсири онҳо ба ташаккулёбии иқтидори креативии қувваи корӣ дар бозори меҳнати ҷумҳурӣ баррасӣ карда шудааст. Бояд қайд кард, муҳоҷирати кадрҳои баландихтисос ин як ҷузъи ҷудонашавандаи муҳоҷирати меҳнати шуда истодаанд, ки пешгирии сатҳи чунин намуди муҳоҷират боиси таъмини шуғли пурмаҳсул инчунин истифодабарии кадрҳои эҷодкор дар бозори меҳнатро ташкил менамояд.

Калид вожаҳо: муҳоҷирати интеллектуалӣ, иқтидори креативӣ, иқтидори креативии қувваи корӣ, корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, инноватсия, технологияҳои муосир, кадрҳои баландихтисос, сармоягузорӣ.

Усманова Т.Дж., Азимов Н.Х.

МЕТОДЫ РЕГУЛИРОВАНИЯ ИНТЕЛЛЕКТУАЛЬНОЙ МИГРАЦИИ КАК ОСНОВА ФОРМИРОВАНИЯ КРЕАТИВНОГО ПОТЕНЦИАЛА РАБОЧИХ СИЛ

На современном этапе перехода к рыночной экономике, стремительного развития индустриализации Республики Таджикистан видно, что важную роль играет формирование креативного потенциала рабочей силы. В данной статье рассматриваются методы регулирования интеллектуальной миграции и их влияние на формирование творческого потенциала рабочей силы на рынке труда республики. Следует отметить, что миграция высококвалифицированных кадров становится неотъемлемой частью трудовой миграции, что снижает уровень данного вида миграции, что приводит к обеспечению продуктивной занятости и использованию креативных кадров на рынке труда.

Ключевые слова: интеллектуальная миграция, креативный потенциал, креативного потенциала рабочей силы, научно-исследовательские работы, инновация, современные технологии, высококвалифицированный персонал, инвестиция.

Usmanova T.J., Azimov N.H.

METHODS OF REGULATION OF INTELLECTUAL MIGRATION AS A BASIS FOR FORMATION OF CREATIVE POTENTIAL OF WORK FORCES

At the present stage of transition to a market economy, the rapid development of the industrialization of the Republic of Tajikistan, it is clear that the formation of the creative potential of the workforce plays an important role. This article discusses the methods of regulating intellectual migration and their influence on the formation of the creative potential of the labor force in the labor market of the republic. It should be noted that the migration of highly qualified personnel is becoming an integral part of labor migration, which reduces the level of this type of migration, which leads to the provision of productive employment and the use of creative personnel in the labor market.

Keywords: intellectual migration, creative potential, creative potential of the workforce, scientific research work, innovation, modern technologies, highly qualified staff, investment.

Дар марҳилаи муосир гузариш ба иқтисодиёти бозоргонӣ гувоҳӣ онро дорад, ки ҳамзамон солҳои охир таваҷҷӯҳи олимони соҳаи ватанӣ ба дарк ва моҳияти мафҳуми назариявии масъалаҳои муҳоҷирати интеллектуалӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ мегардад. Бояд қайд кард, муҳоҷирати кадрҳои баландихтисос ин як ҷузъи ҷудонашавандаи муҳоҷирати меҳнати шуда истодаанд, ки пешгирии сатҳи чунин намуди муҳоҷират боиси таъмини шуғли пурмаҳсул дар бозори меҳнатро ташкил менамояд.

Дар замони ҳозира мафҳуми “муҳоҷирати интеллектуалӣ” асосан равандҳои ба хориҷи кишвар рафтани олимон ва кадрҳои баландихтисосро тавсиф мекунанд. Аммо зикр кардан лозим аст дар мубоҳисаи илмӣ таърифи ягонаи пурмазмуни падидаи муҳоҷирати интеллектуалӣ вуҷуд надорад. Олимони соҳа одатан ҳаракати байнисарҳадии мутахассисони илмию техникиро ва баъзан шахсони креатив инчунин донишҷӯён, ки дар хориҷа таҳсил мекунанд ба муҳоҷирон дохил мекунанд.

Тавре М.Кастеллс қайд мекунад барои мутахассисон ва олимоне, ки дар бахшҳои коркарди таҳқиқоти инноватсионӣ, муҳандисии муосир, менеҷменти молиявӣ ва хизматрасониҳои навтарин дар бахшҳои соҳибкорӣ, бахши илмию техникӣ машғуланд, барои ин гуна шахсон бозори ҷаҳонии меҳнат вуҷуд дорад. Аз ин рӯ, ба назари муҳаққиқ марзҳои давлатӣ барои ҳаракати муҳоҷирони интеллектуалӣ монеаи ҷиддӣ эҷод намекунанд [2].

Ба фикру мулоҳизаҳои М. Кастеллс, сиёсатшиносӣ амрикоӣ Р. Рейч розигӣ баён намуда чунин иброз дошт. Дар бозори ҷаҳонии меҳнат олимон, таҳқиқотчиён, профессорони донишгоҳҳо, муҳандисон, ҳуқуқшиносон, маркетологҳо ва ғайраҳоро, ки муҳоҷирони дорои зеҳн ва қобилияти креативӣ доранд, дучор мешаванд [3]. Дар натиҷа коршиносоне, ки дар ин самт кору фаъолият мекунанд ба хулосае меоянд, ки муҳоҷирони баландихтисос элитаи мушаххаси муҳоҷиратро ташкил медиҳанд [4].

Дар раванди таҳқиқотҳои ғайриоддии ҷанбаҳои консептуалии муҳоҷирати кадрҳои баландихтисос ба омӯхтани алгоритми муҳоҷирати интеллектуалии пешниҳод намудаи номзади илмҳои сиёсӣ Н.Н. Ҳасбулатова такия хоҳем кард. Минбаъд, барои мукаммал дарк кардани моҳияти асосии муҳоҷирати интеллектуалӣ, мо ба типологияи муҳоҷирати интеллектуалии пешниҳод кардаи пажӯҳишгар дар ҷадвали 1. таваҷҷӯҳ зоҳир мекунем.

Ҷадвали 1.

Типологияи муҳоҷирати интеллектуалии қобилияти креативидошта*

№	Меъёрҳо	Хусусиятҳо
1.	Самти ҷараёни муҳоҷират	▪ эмигрантҳо ва имигрантҳои зеҳнӣ;
2.	Вақти истиқомат дар кишвари вурудшуда	▪ муҳоҷирати меҳнатии (муваққатии) зеҳнӣ; ▪ муҳоҷирати доимии зеҳнӣ (кӯчонидан);
3.	Ихтисоси муҳоҷирон	▪ муҳоҷирати олимон, муҳаққиқон ва кормандони илмӣ; ▪ муҳоҷирати таълимӣ; ▪ муҳоҷирати намояндагони фарҳангӣ; ▪ муҳоҷирати кормандони баландихтисос; ▪ муҳоҷирати мутахасисоне, ки идеяҳои навоварона тавлид мекунанд ва онҳоро мустақилона ё бо кӯмаки давлат, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва ғайраҳо амалӣ мегардонанд.
4.	Сатҳи касбӣ	▪ ҷараёни умумии муҳоҷирати зеҳнӣ; ▪ муҳоҷирони боистеъдодтарин инчунин ходимони илму фарҳанг

***Манбаъ:** Таҳияи муаллифон дар асоси Хасбулатова Н. Н. Политическое регулирование международной интеллектуальной миграции в условиях глобализации. Дисс. канд. полит, наук. -М.: РАГС, 2010. - С. 40; Мижинский, М. Ю. Управление миграцией сверхкомпетентных специалистов как стратегия выигрыша в условиях глобального экономического кризиса // Оборонный заказ. 2008. - № 21 / 1П1р:/Ду\у\у.о2акаг.ги/1п(1ех.рЬр?1ю=21&з1=150.

Таҳлилҳо аз рӯи ҷадвали мазкур ба мо имкон дод, ки ҳамаи муқаррароти дар боло зикр шударо метавонем бо чунин хулосабарорӣ, мафҳумҳои муҳоҷирати интеллектуалиро ҷудо кард:

1. муҳоҷирати интеллектуалӣ дар мадди аввал кадрҳои баландихтисоси илмӣ, илмию педагогӣ, муҳаққиқон, олимон, таҳқиқотчиёни илмӣ инчунин дар умум шахсони креативро ташкил менамояд;

2. дар доираи консепсия ё назарияи “фирори мағзҳо” муҳоҷирати кадрҳои баландихтисос ё муҳоҷирати зеҳнӣ ҳамчун талафи сармоя ё аз даст додани қисми фаъоли иқтидори креативии қувваи кории умумии кишварҳои интиқолкунандаи чунин намуди муҳоҷират арзёбӣ мешавад [1];

3. ин навъи муҳоҷират метавонад тамоми академияи захираҳои кишварро дар мисоли муҳоҷирони аз олами ҳунар ҳамчун элитаи шахсони қобилияти креативӣ дошта, ки ба

муҳоҷирати интеллектуалӣ алоқаманд аст, ифода мекунад. Мо метавонем ду ҷиҳати асосии ин намуди муҳоҷиронро арзёбӣ кунем:

- ҳангоми рафтани ҳар як мутахассиси кишвар, ки дар кишварҳои худ ба фаъолияти зеҳнӣ ва эҷодкорӣ (креативӣ) машғул буданд;
- муҳоҷирати мутахассисони эҳтимолӣ - донишҷӯён, унвонҷӯён, таҷрибаомӯзон, олимони таҳқиқотӣ, муҳандисон, маркетологҳо ва ғайраҳо дохил мешаванд, ки шумораи кормандон дар фаъолияти асосӣ (илмӣ-техникӣ) қарор доранд дар диаграммаи 1-ум дида мебароем;

Диаграммаи 1.

Шумораи кормандон дар фаъолияти асосӣ (илмӣ-техникӣ)



***Манбаъ:**Таҳияи муаллифон дар асоси Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2021. саҳ. 111.

Таҳлилҳо нишон дод, ки дар солҳои охир шумораи унвонҷӯён, пажӯҳишгарон, ки бо корҳои илмӣ таҳқиқотӣ машғул ва соҳиби ин унвони илмии гаштанд, амалӣ назаррас буда, боиси хушнудист. Аммо дар самти ҷараёни муҳоҷирати байналмилалӣ чунин намуди шахсони дорои иқтидори эҷодӣ дошта, нисбат ба солҳои баъзисӣ фаъолтар шуда истодааст, ки ба ақидаи бисёре аз иқтисоддонҳои либералӣ, сарҳадҳои кушода барои некуаҳволии модии тамоми ҷомеаи ҷаҳони муфид мебошад. Аммо аз ин ба хулосае омадан мумкин нест, ки ба далели боз шудани марзҳо рафту омади озоди иқтидори креативии қувваи корӣ барои кишварҳои интиқолкунандаи муҳоҷират хуб мешавад балки барои кишварҳои қабулкунанда чунин намуди муҳоҷирони интеллектуалӣ муфиднок мегардад.

Олими амрикоӣ Х.Донован [8] таъкид мекунад, ки муҳоҷирати интеллектуалӣ - ин ба шахсоне, ки аз рӯи касбу кор асосан бо ғояҳо сарукор доранд, маҳсуб буда фикру андешаҳои онҳо дар рӯи қоғаз ё бо овози баланд сабт мегардад.

Дар натиҷаи омӯзиши адабиётҳои иқтисодӣ [7] гуфта метавонем, ки иқтисодиёти муосири кишварҳои пешрафта ва кишварҳои дар соҳаи саноат қарор дошта ба инноватсия, интеллектуалии зеҳнӣ ва иқтисодиёти дониш асос ёфта мебошанд, ки иқтисодиёти инноватсиони ё иқтисодиёти нав бо номи креативӣ маълум шуда истодааст ташкил медиҳад, ки чунин фаъолиятҳоро дорост:

1. дар ҷараёни инноватсия;
2. дар бораи мунтазам такмил додани технологияи муосир;
3. дар истеҳсол ва содироти маҳсулоти баланди технологии дорои арзиши иловагии инчунин содироти худи технологияҳо.

Мо гуфта метавонем, ки соҳаи КИТ яъне дастовардҳои илмию техникӣ ва татбиқи амалии натиҷаҳои инноватсионии онҳо, боиси рушди муосири иқтисодӣ, сатҳи таъмини амнияти миллӣ, сатҳи рақобатпазирии кишварҳо ҳамчунин дар муносибатҳои баробарҳуқуқиро дар ҷомеаи ҷаҳонии иқтисодиёти ҷаҳонӣ муайян мекунанд. Дарвоқеъ қайд кардан лозим аст, солҳои 80-ум то имрӯз қисми асосии афзоиши маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ (ММД) дар кишварҳои рушди саноат қарор дошта аз ҳисоби донишҳои нави илмӣ ташаккул меёбад, ки дар технология, воситаҳои нави истеҳсолот, мутахассисон ва ташкили истеҳсолот таҷассум ёфтааст, ташкил медиҳад.

Ин далелҳо гувоҳи онро дорад, ки ҳафтгонаи бузурги кишварҳои ҷаҳонӣ беш аз 80%-и бозори маҳсулотҳои технологии баландро яъне илмталабро таҳти назорат доранд [6].

Барои омӯзиши иқтидори илмию техникӣ одатан ҷузъҳои алоҳидаи функсионалии аз қабили нишондиҳандаҳои кадрӣ, моддию техникӣ, иттилоотӣ, ихтирокорӣ, лоиҳаҳои инноватсионӣ, инчунин маблағгузориҳо дар самтҳои мазкур, ҳаҷми сармоягузорӣ (хароҷот ва маблағгузории асосӣ) таҳлил ва арзёбӣ карда мешаванд.

Таҷрибаи хориҷӣ нишон медиҳад, ки ин механизм ба шаклҳои мустақим ва бавоситаи танзим асос ёфта, бо истифода аз усулҳои дахлдори маъмурию иқтисодӣ татбиқ карда мешавад, ки самтҳои истифодабарии онҳо аз ҳамдигар дар кишварҳои донорӣ ва қабулкунанда фарқияти ҷиддӣ доранд. Усулҳои асосии танзими муҳоҷирати байналмилалии интеллектуалӣ дар ҷадвали 2 ба низом оварда шудаанд.

Ҷадвали 2.

Усулҳои танзими муҳоҷирати байналмилалии интеллектуалӣ*

Усулҳои маъмурӣ		**Усулҳои иқтисодӣ**	
№	**Кишварҳои донорӣ**		
1.	Талаботи қатъии қонунӣ нисбати фирмаҳои миёнараве, ки ба ҷалби муҳоҷирони меҳнатӣ машғуланд	1.	Гузаронидани сиёсати ҳавасмандгардонии интиқоли маблағҳо аз хориҷа.
2.	Маҳдудияти додани шиносномаҳои хориҷӣ	2.	Пешниҳоди имтиёзҳо аз рӯи пасандозҳои асъори хориҷӣ ва имтиёзҳои гумрукӣ барои муҳоҷирони меҳнатии баргашта
3.	Манъи (бевосита ё бавосита) рафтани баъзе категорияҳои коргарон.	3.	Фурӯши коғазҳои қиматноки бе андоз ба муҳоҷирон.
		4.	Субсидияҳои давлатӣ ба корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва таҷрибавии конструкторӣ (КИТваТК)
4.	Муқаррар намудани муҳлати кории ҳатмӣ дар мамлакат баъди хатми таҳсил аз ҳисоби маблағи давлат	5.	Таҳияи барномаҳои ҷойҳои корӣ барои муҳоҷирони меҳнатии баргашта
5.	Квотаи эмигрантҳо	6.	Додани қарз ва имтиёзҳо ба муҳоҷирони баргашта, ки барои сохтмон, харидории манзили истиқомат ва кушодани тиҷорати шахсии худ ҳастанд

6.	Бақайдгирии ҳатмӣ	7.	Истифодаи олимон – собиқ шаҳрвандони кишвар ҳамчун миёнарав дар раванди байналмиллалии интиқоли технология.
		8.	Бартараф кардани маҳдудиятҳо ба сармоягузории мустақими хориҷӣ (СМХ) дар илм
		9.	Ташкили иттифоқҳои минтақавӣ
		10.	Ташкили лабораторияҳои меҳмонон
		11.	Вусъат додани ҳамкории байналхалқӣ дар соҳаи илм.
Кишварҳои қабулкунанда			
1.	Интихоб аз рӯи низоми хол	1.	Ҳавасмандгардонии молиявӣ барои ба ватан баргардонидани категорияҳои муайяни муҳоҷирон
2.	Квотаи имигрантҳо	2.	Таъмини кӯмаки молиявӣ ҳангоми рафтан аз кишвари қабулкунанда
3.	Маҳдудиятҳои молиявӣ	3.	Омӯзиши касбӣ дар кишвари қабулкунанда, ки ба кишвари донорӣ нигаронида шудааст
4.	Меъёрҳои синну соли	4.	Ҳавасмандгардонии рушди иқтисодии кишварҳои донорҳо
5.	Меъёрҳои тахассуси касбӣ	5.	Додани грантҳо барои корҳои илмӣ - таҳқиқотӣ дар институтҳои миллӣ
6.	Манъи қабули муҳоҷирони кории хориҷӣ ба вазифаи муайян дар сурати мавҷуд будани мутахассисони дахлдор дар бозори меҳнати дохилӣ	6.	Маблағҳо барои рушди КИТваТК (аксарият дар муассисаҳои ғайридавлатӣ)
7.	Аъзоёни иттифоқи касаба	7.	Субсидия барои мутахассисони баландихтисос
8.	Санҷиши дониши забон	8.	Сатҳи баланди музди меҳнати кормандони илмӣ
9.	Доштани таҷриба дар соҳаи мушаххас	9.	Кӯмак ба муҳоҷирони баргашта дар мутобиқ шавии онҳо ба кишвари худ

Манбаъ: Таҳияи муаллифон дар асоси М.А. Бондарь “Международная интеллектуальная миграция: теория, методология исследования и особенности регулирования». Белорусский экономический журнал №1*2014 стр.94.

Тавре мебинем, ки дар механизми танзими муоҷирати интеллектуалии хориҷӣ кишварҳои донорӣ ва кишварҳои қабулкунанда аз усулҳои маъмурӣ ва иқтисодӣ истифода мебаранд. Бо вуҷуди ин, кишварҳои қабулкунанда, чун қоида бо бештар захираҳои назарраси молиявӣ нисбат ба кишварҳои донор имкони ворид намудани маблағҳои миқёси калон ба фаъолиятҳо оид ба ҷалби сармояи зеҳнӣ доранд. Инчунин кишварҳои дорои чунин намуди муҳоҷирон, метавонанд пешниҳоди грантҳо барои кор кардан ба корҳои илмӣ - таҳқиқотии институтҳои миллӣ бо таъмини музди меҳнати баланд ва субсидияҳо, ки барои ҳаллу фасл кардани пурсишҳои сотсиологӣ ҷудо мекунанд, таъмин менамоянд.

Барои бартараф кардан ва роҳ надодани фирори мағзҳо ба хориҷа якчанд самтҳоро баррасӣ мекунем, ки барои тағйир ёфтани иқтисодиёти кишвар ҳамоҳангии калон дорад:

1. таъмини ҷалби сармоягузории кишвар ба иқтидори креативии қувваи корӣ;
2. таъмини техника ва технологияи нав ба кормандони соҳаи КИТ ва ТК фаъолият дошта;
3. баланд бардоштани дараҷаи некуаҳволӣ ва устувории молиявии аҳолии эҷодкор;
4. баланд бардоштани ҳавасмандгардонии муҳоҷирони интеллектуалӣ дар кишвари донорӣ.

Дар айни замон илм яке аз соҳаҳои муҳимтарини истеҳсолии ҷамъият буда, ба тараққиёт ва пешравии тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятии мамлакат таъсири бевосита мерасонад. Маҳз “фирори мағзҳо” яъне муҳоҷирони интеллектуалӣ ҳам аз ҷиҳати мусбӣ ва ҳам манфӣ яке аз сабабҳои асосии тафовути назарраси рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва илмию техникии кишварҳо мегардад.

Маҳз ба хотири муҳоҷирати мутахассисони соҳибихтисос дар соҳаҳои мухталифи илмӣ, ки аксари олимон мутахассисони эҳтимолӣ, яъне донишҷӯёнро низ ба ин гурӯҳ шомил мекунанд, “мероси миллӣ”, шуури кишварро аз даст медиҳанд. Ҳамаи ин ба суръати тараққиёти на танҳо минтақаҳо, балки тамоми мамлакатҳо таъсири калон мерасонад.

Л.Г.Леденева чунин қайд мекунад, муҳоҷирати интеллектуалӣ як категорияи махсусан муҳими муҳоҷирати иқтисодӣ буда ба вазъи иқтидори илмии кишвар, на танҳо дар муддати кӯтоҳ балки дар рушди дарозмуддат низ таъсири калон мерасонад [5].

Вобаста ба гуфтаҳои муҳақиқон бармеояд, ки дар шароити рушди технологияи муосир гузариш ба иқтисодиёти бозоргонӣ истифода бурдани иқтидорҳои қувваи кории креатив инчунин роҳ надодан ба муҳоҷирони интеллектуалӣ, ки аксари онҳоро таҳқиқотчиёни илмӣ, олимон ва умуман кадрҳои баландихтисос ташкил медиҳад, барои коркарди бозёфтҳои илмӣ, такмилӣ минбаъда ва ба талаботи бозори ҷаҳонӣ мутобиқ кардани маҳсулотҳои илм талаби онҳо дар дохили бозори меҳнати кишвар чорабиниро кардан лозим аст.

АДАБИЁТ

1. Bernstein, J. H., Shuval, J. T. Occupational Continuity and Change Among Immigrant Physicians from the Former Soviet Union in Israel // International Migration. 1996. Vol. 33. - № 1. - P. 3-25.
2. Castells, M. The Rise of the Network Society. Vol. 1. of The Information Age: Economy, Society and Culture. 2006. - P. 23.
3. Reich, R. The Work of Nation: Preparing Ourselves for 21-Century Capitalist. - New- York. 2002. - P. 24- 27
4. В демографическом подходе можно выделить четыре основные теории: 1) общую теорию народонаселения (А. Сови), 2) теорию демографического перехода (Ф. Ноутстойн, В. Зелинский, Л. Таба, Р. Эпплеард, Ж.-Кл. Шене и др.), 3) концепцию «второго демографического перехода» (Д. ван де Каа), затрагивающую влияние демографического процесса на современное развитие стран Евросоюза, 4) концепцию «нулевого сальдо международной миграции» (Л. Бувье, Д. Постон).

5. Леденева Л.Г. Интеллектуальная миграция в России: характерные особенности // Человек и труд. – 2014. – № 11. – С. 73-77.
6. Путь в XXI век: стратегические проблемы и перспективы российской экономики. - М.: Экономика, 1999. - С. 10-12.
7. Раҳимзода Ш., Ашуров М.Н. Ташаккули инфрасохтори бозор ва мушкилиҳои рушди он//Иқтисодиёти Тоҷикистон. 2021. № 4-2. С. 30-35.
8. Супрун, В. А. Интеллектуальный капитал: главный фактор конкурентоспособности экономики в XXI веке / В. А. Супрун. - М.: URSS, 2006. - 190 с

УДК 330

Муқаддасзода Ф.М.

БАЪЗЕ ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВИЮ АМАЛИИ ТАНАЗЗУЛ ДАР ИҚТИСОДИЁТ

Дар мақолаи мазкур ҷанбаҳои назариявию амалии таназзули иқтисодӣ баррасӣ гардида, ҳолату аломатҳои стагфлиятсия дар иқтисоди кишварҳои Иттиҳоди Аврупо ва Россия таҳлил ва самтҳои хавфу таҳдидҳои эҳтимолӣ ба иқтисоди кишварҳои Осиёи Миёна мушаххас карда шудааст. Омӯзиши амиқи вазъият ва омилҳои эҳтимолии таъсиррасон ва саривақт бознигарӣ намудани нақшаву барномаҳои кутоҳмуддат ва миёнамуҳлати рушди иқтисоди миллӣ муҳим арзёбӣ мегардад.

Вожаҳои калидӣ: пастравӣ ва таназзул дар иқтисодиёт, буҳрони иқтисодию молиявӣ, қонуниятҳои иқтисоди бозорӣ, «стагфлятсия»-и иқтисодиёт.

Мукаддасзода Ф.М.

НЕКОТОРЫЕ ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ И ПРАКТИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ РЕЦЕССИИ В ЭКОНОМИКЕ

В данной статье рассмотрены теоретические и практические аспекты экономической рецессии. Проанализирован состояние и признаки экономической стагфляции в странах Евросоюза и России, уточнены направления возможных рисков и угроз для экономики стран Центральной Азии. Наконец, предлагается углубленное изучение ситуации и возможных влияющих факторов и своевременный пересмотр краткосрочных и среднесрочных планов и программ развития народного хозяйства.

Ключевые слова: спад и рецессии в экономике, финансово-экономический кризис, законы рыночной экономики, стагфляция.

Muqaddaszoda F.M.

SOME THEORETICAL AND PRACTICAL ASPECTS RECESSION IN THE ECONOMY

This article discusses the theoretical and practical aspects of the economic recession. The state and signs of economic stagflation in the countries of the European Union and Russia are analyzed; the directions of possible risks and threats for the economy of the Central Asian countries are clarified. Finally, an in-depth study of the situation and possible influencing factors and a

timely revision of short-term and medium-term plans and programs for the development of the national economy are proposed.

Key words: recession and recession in the economy, financial and economic crisis, market economy laws, stagflation.

Таҳлили масъалаҳои назариявии рушду пастравӣ ва таназзул дар иқтисодиёт собит менамояд, ки фишори омилҳои номатлуби таъсиррасони глобалӣ ба ҷараёнҳои иқтисодӣ боиси тағйирёбии тамоюлҳои мусбӣ ба манфӣ гардида, буҳронҳои иқтисодиву тиҷоратӣ ва молиявӣ дар даврaҳои кутоҳмуддат, миёнамуҳлат ва дарозмуддат ба амал меоянд.

Буҳрони навбатии мносибатҳои иқтисодиву тиҷоратӣ ва сармоягузорӣ идома ва натиҷаи бархурди манфиатҳои глобалӣ дар байни кишварҳои абарқудрат ба ҳисоб рафта, пас аз таъсири пандемияи Ковид-19 рӯйдодҳои сиёсию иқтисодии соли 2022 ва маъмулан васеъ истифодашавии муҷозоту маҳдудиятҳо нисбат ба ашёи хом, хусусан манбаъҳои энергетикии Россия ҷараёни барқароршавии рушди иқтисодии кишварҳои оламро халалдор гардида истодааст.

Ба андешаи мо, дар чунин шароит косташавии эътимоди кишварҳои олам ба тартиби амалкунандаи муносибатҳои молиявии ҷаҳонӣ, ки пас аз Ҷанги дуюми Ҷаҳон дар як фосилаи таърихӣ ҳамчун танзимкунандаи муносибатҳои иқтисодиву тиҷоратӣ хизмат намуд, аз як тараф ва аз ҷониби дигар, фаъолшавии фалсафаи инкори инкор дар байни кишварҳои абарқудрат ба тадриҷан муташаниҷ гардидани шароитҳои логистикиву молрасонӣ ва низоми ҳисоббаробаркуниву пардохтҳо мусоидат карда истодааст.

Дар натиҷаи барҳамхӯрии қонуниятҳои иқтисоди бозорӣ иқтисодиёти аксари кишварҳои минтақаи Аврупо ва Руссия ба таназзул (рессесия) наздик гардида, пастравии нишондиҳандаҳои истеҳсолӣ ва болоравии сатҳи таваррум аз аломатҳои «стагфлиятсия»-и иқтисодӣ гувоҳӣ медиҳад.

Тавре дар ҳисоботи Бонки Ҷаҳонӣ оид ба дурнамои рушди иқтисоди ҷаҳон зикр мегардад, воридшавии иқтисоди ҷаҳонӣ ба чунин марҳалаи рушд ва сатҳи баланди таваррум хавфи дучоршавии иқтисоди кишварҳои гуногунро ба стагфлятсия баланд карда истодааст, ки барои кишварҳои дорои даромади миёна ва паст хатарнок мебошад [5].

Тибқи адабиётҳои иқтисодӣ «стагфлятсия»-и иқтисодиёт ин ҳолатест, ки таназзул ва пастравии истеҳсолот, барҳамхӯрии ҷойҳои корӣ ва болоравии тадриҷии нархҳо (таваррум) ба вуҷуд меояд. Яъне чунин ҳолат бебаҳс ба пастравии сатҳу сифати зидагии аҳолӣ таъсири калон расонида метавонад.

Аз ҷумла, олими амрикоӣ Нуриэль Рубини (буҳрони ҷаҳонии молиявии соли 2008-ро пешгӯи кардааст) зикр менамояд, аломатҳои «стагфлятсия» дар иқтисоди як қатор кишварҳои ҷаҳон аллакай арзи ҳастӣ дорад ва дар давраи миёнамуҳлат сатҳи баланди таваррум пешбинӣ мегардад [1].

Тавре зикр мегардад, мафҳуми «стагфлятсия» аввалин маротиба аз ҷониби вазири молияи Британияи Кабир Иен Маклеод соли 1965 истифода гардида, солҳои 70-уми асри ХХ маъмулан ҳамчун давраи «стагфлиятсия» дар як қатор кишварҳои ҷаҳон арзёбӣ карда мешавад [8].

Тибқи арзёбии Хазинаи Байналмилалии Асъор фаъолнокии иқтисодии ҷаҳон сустшавии васеъ ва якбораи ғайриинтизориро дучор гардида истодааст, ки дар он сатҳи таваррум аз сатҳи мушоҳидавии якчанд даҳсолаи охир боланд мебошад. Буҳрони арзиши зиндагӣ, муташаниҷшавии шароитиҳои молиявӣ дар минтақаҳои зиёд, низои байни Россия ва Украина ва идомаёбии пандемияи Ковид-19 ба дурнамои рушд таъсири назараси манфӣ мерасонад. Тибқи дурнамо, рушди иқтисоди ҷаҳонӣ аз 6,0 фоиз дар соли 2021 то 3,2 фоиз дар соли 2022 ва 2,7 фоиз дар соли 2023 коҳиш меёбад, ки ин нишондиҳандаи рушд аз соли 2001 инҷониб (ба истиснои буҳрони ҷаҳонии молиявӣ ва марҳалаи вазнини пандемияи ковид-19) рушди сусттарин мебошад [6].

Аз ҷониби дигар, тибқи пешгӯии Комиссияи Аврупо таназзул (ретсессия) дар Иттиҳоди Аврупо (ИА), минтақаи Евро ва кишварҳои алоҳидаи Аврупо дар семоҳаи чоруми соли 2022 оғоз мегардад. Дар робита ба ин, комиссари аврупо оид ба масъалаҳои иқтисодӣ П.Ҷентилонӣ зикр намудааст, ки иқтисоди Иттиҳоди Аврупо ва минтақаи Евро дар семоҳаи IV-и соли 2022 ва семоҳаи I-и соли 2023 пастрафта, ба таназзули техникӣ ворид мешавад. Ҳамин тавр, Иттиҳоди Аврупо барои соли 2023 дурнамои рушди маҷмӯи маҳсулоти дохилии ИА ва минтақаи Евроро то 0,3% кам кардааст (дар дурнамои баҳорӣ рушди 2,7% пешгӯӣ шудааст) [2].

Инчунин, ИА дурнамои рушди иқтисоди Россияро тағйир дода, пастравии онро 5% арзёбӣ намудааст (дар дурнамои баҳорӣ пастравии мазкур 10,4 пешгӯӣ шудааст) [2].

Тибқи арзёбиҳои Хазинаи байналмилалии асъор дар солҳои 2022-2023 рушди иқтисодиёти Россия манфӣ гардида, он ба таназзули (ретсесияи) амиқ мутаваҷҷеҳ мегардад [3].

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки Бонки Аврупоӣ ба хотири пешгирии таваррум ва дар маҷмӯъ пастравии рушди иқтисодӣ аз механизми монетарии танзим истифода намуда, тадриҷан меъёри қарзиро баланд намуда истодааст. Вале ба андешаи мо, мудохилаи барзиёд ба қонунияти иқтисоди бозорӣ дар шароити зикршуда боиси пастравии нишондиҳандаҳои истеҳсолӣ ва косташавии сатҳи зиндагии аҳолӣ мегардад.

Зеро мушоҳидаҳо нишон медиҳанд, ки доираҳои соҳибкорӣ дар шароити номуайянии муносибатҳои беруна ва номусоидшавии фазои соҳибкорию сармоягузорӣ фаъолият намуда истодаанд, ки таҳдиду хатарҳои эҳтимолӣ маҳдудсозии фаъолият ва роҳандозии стратегияи ҳимоявиро ба амал меорад.

Аз ҷониби дигар, таъсири буҳрони иқтисодиву молиявии кишварҳои аврупо ва Россия ба давлатҳои дар ҳоли табодул ба иқтисоди бозорӣ, хусусан кишварҳои Осиёи Миёна низ ногузир мебошад.

Аз ҷумла, таъсири номатлуби муносибатҳои сиёсию иқтисодии ҷаҳони муосир тавассути коҳишёбии шароитҳои тиҷоратию молиявӣ, сармоягузорӣ, ҳамкориҳои илмию техникӣ, гардиши технологияи муосир ва муҳоҷирати меҳнатӣ ба миён омада, дар натиҷа эҳтимолияти интиқоли ноустувории нархҳо, таваррум ва умуман ретсессия ба иқтисоди кишварҳои дигар ба миён омадааст.

Тавре, ки дар боло қайд гардид, ба андешаи мо, таназзул ва пастравии истеҳсолот ва болоравии тадриҷии нархҳо таварруми истеҳсолию истеъмолӣ ва барҳамхӯрии ҷойҳои кориро мусоидат намуда, хавфи «стагфлятсия»-и иқтисодиро ба миён меорад.

Муссалам аст, ки дар аксар кишварҳои минтақа барномаву нақшаи чорабиниҳои пешгирии хавфҳои таъсири буҳрони иқтисодӣ амалӣ гардида истодааст ва ин амалҳо то андозае сатҳи таъсири номатлубро ба иқтисоди миллӣ коҳиш хоҳад дод.

Вале торафт тағйирёбии тарзу усулҳои муборизаҳои иқтисодию молиявии байни кишварҳои абарқудрат ва пуркувватшавии муҷозотҳо (санксияҳо) ба содироти ашёи хом аз Россия ва технологияҳо ба Россия эҳтимолияти боз ҳам гаронтар гардидани шароити муносибатҳои тиҷоративу иқтисодӣ ва истеҳсолӣ дар давлатҳои минтақаи Евро ва Иттиҳоди давлатҳои мустақилро ба миён меорад.

Тибқи адабиётҳои иқтисодӣ тамоюли дигари хатарнок ин пастравии фавқулоддаи таваррум мебошад, ки дар натиҷа коҳишёбии фаъолияти соҳибкорӣ ва фаъолнокии иқтисодии аҳолӣ, гузариши аҳолӣ ба реҷаи сарфаи маблағҳо ва коҳишёбии истеъмолот ба вуқӯъ меояд [4;7].

Бояд зикр намуд, ки омилҳои дар боло зикршуда ба амалишавии нишондиҳандаҳои барномаҳои рушди иқтисоди миллӣ эҳтимолияти таъсири номатлуб дошта, тавассути косташавии нишондиҳандаҳо дар самтҳои фаъолияти иқтисоди беруна зуҳур меёбанд.

Дар баробари ин, зуҳури омилҳои номатлуби мазкур ба рушди соҳибкорию сармоягузорӣ монеа гардида, ба дурнамои нишондиҳандаҳои рушди соҳаҳои алоҳидаи иқтисоди миллӣ таъсири бевосита мегузорад.

Дар маҷмӯъ, дар шароити ноустувории муносибатҳои тиҷоративу молиявӣ ва номуайянии дурнамои анҷоми буҳрони сиёсию иқтисодии муосир омӯзиши амиқу мунтазами вазъият ва омилҳои эҳтимолии таъсиррасон ва саривақт бознигарӣ намудани нақшаву барномаҳои кутоҳмуддат ва миёнамуҳлати рушд ба манфиати иқтисоди миллӣ хоҳад гардид.

АДАБИЁТ

1. Nouriel Roubini. The Stagflation Threat Is Real. -Эл. ресурс. –Режим доступа: https://www.project-syndicate.org/commentary/mild-stagflation-is-here-and-could-persist-or-deepen-by-nouriel-roubini-2021-08.
2. Еврокомиссия заявила о начале рецессии в Европе в последнем квартале года. - Электронный ресурс: режим доступа: - https://iz.ru/1424045/2022-11-11/evrokomissiia-zaiavila-o-nachale-retcessii-v-evrope-v-poslednem-kvartale-goda.
3. МВФ: экономика России вошла в "глубокую рецессию" и будет сокращаться в 2022-2023 годах. -Электронный ресурс: режим доступа: -https://www.finam.ru/publications/item/mvf-ekonomika-rossii-voshla-v-glubokuyu-retsessiyu-i-budet-sokrashchatsya-v-2022-2023-godakh-20221014-1843.
4. Оба хуже. Почему разгон и замедление инфляции одинаково вредны для российской экономики. -Электронный ресурс: режим доступа: - https://lenta.ru/articles/2016/03/25/deflation.
5. Перспективы развития мировой экономики/ Доклад Всемирного Банка. –Эл. рес. – Режим доступа: http://wrld.bg/PCIz50HpOIa.
6. Перспективы развития мировой экономики: противостояние кризису стоимости жизни /Международный валютный фонд. -Электронный ресурс: режим доступа: - https://www.imf.org/ru/Publications/WEO/Issues/2022/10/11/world-economic-outlook-october-2022.
7. Рахимзода Ш. Экономика Таджикистана: состояние и перспективы развития// Евразийский юридический журнал**.** 2021. № 7 (158). С. 129-133.
8. Татьяна Рыбакова. Стагфляция — великая и ужасная. Почему 2020-е так похожи на 1970-е. -https://republic.ru/posts/101921.

УДК 338.48

Машокиров Дж.Н., Шаропов Ф.Р.

МЕДИАКОММУНИКАЦИИ В КОНТЕКСТЕ РАЗВИТИЯ ТУРИЗМА

В стати дано понятие медиакоммуникация в туризме, сформулировано определение туристического кластера, приведена характеристика медиакоммуникация в туризме**.** Авторам изложены ключевые особенности медиакоммуникация в экономические развития туризма. В конечном итоге автор**а**м статьи сделан вывод о возможности интенсивного развития туризма через инновационную деятельность.

Ключевые слова: туризм, турист, медиакоммуникация, развития, экономика, медиа, инновация, PR, СМИ.

Машокиров Дж.Н., Шаропов Ф.Р.

КОММУНИКАТСИЯИ АХБОРИ ОММА ДАР ВАЗЪИЯТИ РУШДИ ТУРИЗМ

Дар мақола мафҳуми коммуникатсияи ВАО дар туризм дода шуда, мафҳуми кластери туристӣ мураттаб гардида, хусусиятҳои коммуникатсияи ВАО дар туризм оварда шудаанд. Муаллиф хусусиятҳои асосии усулҳо ва коммуникатсияҳоро дар рушди иқтисодии туризм нишон медиҳад. Дар ниҳоят, муаллифи мақола дар бораи имкони рушди интенсивии туризм тавассути фаъолияти инноватсионӣ хулоса баровардааст.

Вожаҳои калидӣ: туризм, сайёҳӣ, медикоммуникатсияи, рушд, иқтисод, ВАО, инноватсия, PR, АО.

Mashokirov J.N., Sharopov F.R.

MEDIA COMMUNICATIONS IN THE CONTEXT OF TOURISM DEVELOPMENT

In the article, the concept of media communication in tourism is given, the definition of a tourist cluster is formulated, and the characteristics of media communication in tourism are given. The author outlines the key features of methods and communication in the economic development of tourism. Ultimately, the author of the article made a conclusion about the possibility of intensive development of tourism through innovative activities.

Key words: Tourism, tourist, medical communication, development, economy, media, innovation, PR, mass media.

В современном мире медиа стали неотъемлемой частью общественного развития. Активное развитие международного туризма порождает соответствующий рост и расширение спектра туристических медиа разных уровней и направлений как в Таджикистан, так и за рубежом, ориентированных на отечественную аудиторию.

Туристическая сфера больше всего требует именно информационной работы (сбора, обработки, анализа, создания новой информации, распространения информационных продуктов и услуг), а это значит, что и туристический, и медийный сектор имеют схожие принципы существования. Такое взаимодействие и взаимодополнение приводят к тому, что многие субъекты туристской деятельности работают не только информационными посредниками (медиа), но и заказчиками, создателями и контент-редакторами туристско-информационного поля. В этом кроется ряд преимуществ и недостатков, поскольку использование медиакоммуникаций (в основном виртуального медиапространства, прессы, телевизионных) будет постоянно наталкиваться на необходимость агитировать (пиар), рекламировать информационно-туристические продукты и услуги, а такая информационная деятельность не имеет ничего общего с журналистикой. С другой стороны, туристский продукт и является информационным по своей сути, а сфера медийного распространения – органической дистрибюционной возможностью. Средства массовой информации выполняют несколько важных функций, одной из которых является распространение среди широкой аудитории информационных продуктов [1]. Они одновременно становятся медиапродуктами, созданными в соответствии с потребностями целевого аудиторного сегмента и рассчитанными на поддержание устойчивого интереса к медиааудитории. Туристическая информация, распространенная в печатных изданиях, радио и телеэфирах, интернет-пространстве приобретает признаки того СМИ, где она представлена. Другими словами, формирование (концепция, стиль, идея, формат, художественно-техническое воплощение) обнародованных медиапродуктов будет различаться в зависимости от того, какой медиа привлечен. Обратимся к примерам, чтобы показать эти отличия. Первыми в поле зрения попадают интернет-медиа. Это, конечно,

неудивительно, ведь современный мир насквозь пронизан «щупальцами» всемирной паутины. Туристическая информация в сетевом пространстве может представляться в вариантах баннерной и другой интернет-рекламы, популярных туристических проектов, сайтов туристских фирм, специализированных порталов для турменеджеров разных уровней [2].

Связи с общественностью в сфере путешествий и туризма играют ключевую роль в том, чтобы туристская компания оставалась заметной в своей области. Без надлежащего PR большинство людей даже не узнают, что представляет собой ваш бренд и чем он занимается. Вот несколько способов создать отличный PR самостоятельно, даже не нанимая профессиональное агентство.

Люди путешествуют дальше и чаще, чем когда-либо прежде. Таким образом, у компании – бренда нет другого выбора, кроме как стараться изо всех сил, чтобы выделиться на этом конкурентном рынке.

Связи с общественностью PR - одна из важных вещей, влияющих на туризм. Это относится к предоставлению общественности информации о субъекте, предлагая им что-то захватывающее и заслуживающее внимания.

Связи с общественностью охватывают традиционные отношения со СМИ, создание контента и инициативы в социальных сетях. Это долгосрочная стратегия-постоянное присутствие повышает осведомленность и узнаваемость, а также помогает туристским компаниям достигать целей по доходам.

Несмотря на свою важность, связи с общественностью по-прежнему рассматриваются многими брендами как менее важная часть комплекса маркетинга.

Нет ничего более ложного, чем это к - PR, независимо от отрасли, нужно относиться серьезно и с правильной стратегией.

Очень важно хорошо представить свой бренд, чтобы увеличить количество бронирований, привлечь клиентов и создать положительную репутацию, которая повлияет на эффективность туристского компания.

PR в путешествиях приносит ценные связи со СМИ. СМИ регулярно публикуют, например, списки лучших отелей для посещения - используйте это в своих интересах и убедитесь, что ваш бизнес находится в этом. Такая позитивная реклама создает доверие и помогает создать положительный имидж [3].

PR может быть полезным инструментом продвижения. Обзоры в благах и пресс-релизы - отличный способ рассказать историю вашей компании в увлекательной и самоуверенной манере. Чтобы добиться успеха, не нужно быть слишком настойчивым. Они могут помочь вам завоевать доверие и узнаваемость бренда.

PR упрощает процесс повышения узнаваемости вашего бренда. Поддерживая благотворительные организации или организуя специальные мероприятия, вы можете легко продвигать свой бренд и повышать узнаваемость.

PR обеспечивает большую связь с аудиторией. Все действия не останутся неактуальными для целевой аудитории. Это окупится в будущем. PR может помочь общаться с заинтересованными сторонами. Деятельность по связям с общественностью может помочь поддерживать хорошие отношения со всеми заинтересованными сторонами, например, инвесторами или даже сотрудниками.

Туризм и путешествия - это несколько иная отрасль, чем другие (но та, в которой есть много возможностей для действий). Следующие советы полезны в целом, но вы также можете найти те, которые особенно хорошо работают в вашей области [4].

Чтобы добиться успеха на этом высоко-конкурентном туристском рынке, взгляните на некоторые действия, которые помогут туристским компаниям достичь поставленных бизнес – целей:

1. Имейте сильную стратегию в социальных сетях

Это может вас совсем не удивить, но обратите пристальное внимание на свою стратегию в социальных сетях. Интернет стал для путешественников самым популярным каналом для бронирования поездок - как никогда прежде, путешественники пользуются Интернетом и мобильными устройствами, 83% туристы теперь предпочитают бронировать путешествия онлайн. От общих данных, обзоров до захватывающих фотографий курортов и отелей - каждая деталь имеет значение, чтобы побудить их к покупке.

Это легко сказать, но часто трудно сделать на самом деле. Мы все настолько привыкли к нашим собственным платформам социальных сетей, что трудно выйти за пределы своей зоны комфорта.

Бесполезно просто размещать сообщения в Facebook или Instagram - если вы хотите получить действенные результаты, вам нужно более внимательно изучить каждую платформу и посмотреть, какие возможности они вам предлагают.

2. Делайте ставку на локальные персонализированные сообщения

Вы не можете быть везде одновременно. Так что не пытайтесь продавать свою компанию во всех уголках мира - сосредоточьтесь на конкретных областях и людях, которые там живут. Индивидуальный подход имеет большое значение, особенно когда вы пытаетесь повысить узнаваемость вашего бренда среди путешественников. Имейте в виду, что маркетинг из уст в уста довольно популярен в индустрии туризма. Поймите свою целевую аудиторию, и клиенты должны четко знать, как создать сообщение, которое их убедит.

3. Сотрудничайте с известными путешественниками и влиятельными лицами.

Изучите влиятельных лиц и бренды, связанные с демографической группой, к которой вы стремитесь, и выясните, как вы можете сотрудничать с ними и получить доступ к ним. Есть много инфлюенсеров, напрямую связанных с туристической индустрией (от нано-инфлюенсеров до топовых). Большинство из них работают в Instagram, но очень часто распространяют свою деятельность и на другие платформы.

Привлечение партнеров для помощи в туристической кампании может быть отличной идеей. Но прежде чем начать, убедитесь, что вы обратились к нужному человеку, который принесет больше трафика и повысит узнаваемость бренда [5].

4. Сосредоточьтесь на мобильных устройствах

Порядка 70% путешественников исследуют поездки на своих смартфонах. Даже если вы привыкли ориентироваться на пользователей настольных компьютеров, имеет смысл создать пару версий вашего сайта – одну специально для маленького экрана. Наличие мобильной версии вашего веб-сайта позволит вам оставаться впереди конкурентов и гарантировать, что пользователи смогут найти все, что им может понадобиться на ходу.

5. Создавайте видеоконтент

Видео — отличный способ привлечь внимание потребителей и помочь им представить себе, каково это — отдыхать на пляже, кататься на лыжах по свежему снегу или путешествовать по норвежским фордам.

Все мероприятия по связям с общественностью можно усилить за счет привлекательного и креативного контента. Создавайте видео, используя самое качественное оборудование, которое у вас есть. Это не обязательно должен быть профессиональный монтаж или анимация, но он должен хорошо выглядеть. Это фантастическая возможность продемонстрировать 360-градусные изображения пункта назначения с высоким разрешением, позволяя пользователю представить себя в пункте назначения путешествия.

6. Взаимодействуйте с потенциальными клиентами

PR — это не только мероприятия, забота об общем имидже вашей компании и т. д. Нельзя забывать об одном из самых важных факторов — вашей аудитории. Недостаточно дать им увлекательный контент и опыт. Чтобы позаботиться о своем положительном имидже в Интернете, необходимо взаимодействовать со своей аудиторией.

Таким образом, может создать положительный клиентский опыт и сохранить постоянных клиентов.

7. Отслеживайте упоминания вашего бренда в социальных сетях

Мы знаем, что сложно отслеживать все упоминания и реагировать как можно быстрее. Однако подумайте о том, чтобы протестировать инструмент социального мониторинга, если это слишком сложно для вас, и вы хотите упростить свою работу. Это решение, которое уведомит вас, как только кто-то упомянет ваш бренд, и автоматически определит настроение упоминаний. Он также предоставляет готовые отчеты, полные ценных данных, которые вы можете создать за считанные минуты. Такое отслеживание в режиме реального времени помогает вам более эффективно управлять своим присутствием в Интернете и всей PR-кампанией.

8. Измеряйте результаты своих усилий

Что произойдет, если вы проводите PR-кампанию для своей туристической компании и вдруг замечаете, что коэффициент конверсии снизился. Прежде чем вносить какие-либо изменения, важно оценить результаты своих усилий. В противном случае вы можете потерять много денег без необходимости.

9. Как разработать PR-стратегию в туриндустрии

Ведение бизнеса в индустрии туризма может быть очень сложным из-за текущего рынка. Если вы ведете бизнес, связанный с путешествиями, вы, вероятно, уже знаете, что рынок перегружен и что выделиться из толпы становится все труднее. С развитием бюджетных авиакомпаний, экотуризма и крупных онлайн-платформ, таких как Tripadvisor или Expedia, конкуренция становится жесткой. Интеграция связей с общественностью в ваш маркетинговый комплекс - отличный способ изменить ситуацию и привлечь к себе внимание. Вот наши главные советы по разработке эффективной PR-стратегии в индустрии туризма. В PR время очень важно. Это особенно верно для индустрии туризма, поскольку это сезонный сектор. Вот почему, чтобы эффективно использовать свою PR-стратегию, вам абсолютно необходимо планировать заранее. По сути, PR-календарь будет соответствовать вашему деловому календарю. Записывайте каждое событие, специальное предложение или новость, происходящую в бизнесе [6].

Например, вы решили сделать специальное предложение в июне для людей, которые хотят отправиться в отпуск перед самыми популярными летними месяцами (июль и август). Подумайте, какие PR-инструменты вы могли бы использовать для продвижения вашего специального предложения.

ЛИТЕРАТУРА

1. Машокиров Дж.Н. Современное состояние и основные направления развития рынка туристских услуг в Республике Таджикистан // Вестник Технологического университета Таджикистана – Душанбе, 2021. – № 4 (47). – С. 209-218.
2. Машокиров Дж.Н. Развитие рынка туристских услуг в Республике Таджикистан/ Шаропов Ф.Р., Машокиров Дж.Н.// Вестник Таджикского государственного университета коммерции. – Душанбе, 2021. – № 3 (37). – С. 52-60.
3. Машокиров Дж.Н., Шаропов Ф.Р. Исследование спроса и предложения на рынке туристских услуг // Вестник Таджикского государственного университета коммерции. Научный журнал. Душанбе: ТГУК, 2020. - №4/1 (33). С. 20-27.
4. Машокиров Дж. Н., Синяк. Н.Г. Туризм и его воздействие на экономики Республики Таджикистан // Научный журнал «Экономика Таджикистан» Институт экономики и демографии Академии наук Республики Таджикистан. Душанбе: ИЭДАНРТ, 2018. - №1. С. 70-80.

5. Машокиров Дж.Н. Опыт Испании на мировом рынке туристских услуг // Вестник Таджикского государственного университета права, бизнеса и политики (научно-теоретический журнал). Серия общественных наук. - Худжанд: 2016. - №2. (67) С. 32-41.
6. Машокиров Дж.Н. Некоторые проблемы развития рынка туристских услуг в Республике Таджикистан // Вестник Таджикского национального университета (научный журнал). Серия экономических наук. Часть 1. Душанбе: «Сино», 2014. - № 2/10 (152). С. 252-257.

УДК 35+336: 574(575.3)

Досиев М. Н.

НАҚШИ МАҚОМОТИ МАҲАЛЛИИ ҲОКИМИЯТИ ДАВЛАТӢ ДАР РУШДИ БОСУБОТИ СОҲИБКОРИИ ЭКОЛОГӢ

Дар мақола нақши мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар рушди босуботи соҳибкории экологӣ ва таъсири он ба беҳтар намудани вазъи иқтисодию иҷтимоӣ ва муҳити зисти маҳалҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ карда шудааст. Таъкид шудааст, ки нақши мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар самти муҳити зист ниҳоят муҳим буда, метавонад ба тариқи ташкил намудани фаъолияти соҳибкории экологӣ дар маҳалҳо мушкилоти мавҷудаи аҳолиро дар бахши экология рафъ намоянд. Чунин ҳисобида мешавад, ки Соҳибкорӣ дар бахши экология самтҳои афзалиятноки гуногунро дар бар гирифта, тибқи санадҳои меъёрию ҳуқуқии соҳаи муҳити зист ва талаботи меъёрҳои экологӣ фаъолият менамояд ва оид ба беҳтар намудани ҳолати экологии маҳалҳо, инчунин ташкил намудани ҷойҳои нави корӣ мусоидат менамояд.

Калидвожаҳо: худидоракунии маҳаллӣ, соҳибкории экологӣ, танзими давлатӣ, дастгирии давлатӣ, муҳити зист, вазъи экологӣ, рушди иқтисодӣ, мушкилоти экологӣ, бехатарии экологӣ.

Досиев М. Н.

РОЛЬ ОРГАНОВ ГОСУДАРСТВЕННОЙ ВЛАСТИ В УСТОЙЧИВОМ РАЗВИТИИ ЭКОЛОГИЧЕСКОГО ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВА

В статье рассматривается органов государственной власти в устойчивом развитии экологического предпринимательства и его влияние на улучшение экономических, социальных и экологических условий регионов Республики Таджикистан. Подчеркнуто, что роль органов государственной власти в сфере экологии чрезвычайно важна, и они могут решить существующие проблемы населения в сфере экологии путем организации природоохранной хозяйственной деятельности на местах. Считается, что предпринимательство в сфере экологии включает в себя различные приоритетные направления, действует в соответствии с нормативно-правовыми актами окружающей среды и требованиями экологических нормативов, способствует улучшению экологического состояния населенных пунктов, а также созданию новых рабочих мест.

Ключевые слова: местное самоуправление, экологическое предпринимательство, государственное регулирование, государственная поддержка, окружающая среда, экологическая ситуация, экономическое развитие, экологические проблемы, экологическая безопасность

Dosiev M. N.

THE ROLE OF STATE AUTHORITIES IN THE SUSTAINABLE DEVELOPMENT OF ENVIRONMENTAL ENTREPRENEURSHIP

The article discusses public authorities in the sustainable development of environmental entrepreneurship and its impact on improving the economic, social and environmental conditions of the regions of the Republic of Tajikistan. It is emphasized that the role of state authorities in the field of ecology is extremely important, and they can solve the existing problems of the population in the field of ecology by organizing environmental economic activities on the ground. It is believed that entrepreneurship in the field of ecology includes various priority areas, acts in accordance with environmental regulations and the requirements of environmental standards, contributes to the improvement of the ecological condition of settlements, as well as the creation of new jobs.

Key words: local self-government, environmental entrepreneurship, state regulation, state support, environment, ecological situation, economic development, environmental problems, environmental safety.

Дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодиёт ва баланд гардидани хатарҳои экологӣ дар минтақаҳои ҷаҳон фаъолияти соҳибкории экологӣ яке аз омилҳои асосии беҳтар намудани вазъи муҳити зист дар маҳалҳои кишвар ба шумор меравад.

Мусаллам аст, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди соҳибкории хурд ва миёна ҳамчун яке аз самтҳои асосии фаъолият дар ҳаёти иқтисодии давлат диққати аввалиндараҷа зоҳир менамояд [5;10].

Аз ин рӯ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатиро лозим меояд, ки барои беҳтар намудани ҳолати экологии маҳалҳо диққати зарурӣ зоҳир намуда, барои амалӣ гардидани ин ҳадаф ташкил ва рушди соҳибкории экологиро дар маҳалҳо бояд роҳандозӣ намоянд. Зеро қайд намудан зарур аст, фаъолияти соҳибкории экологӣ аз як тараф вазъи экологии маҳалҳоро баланд бардорад, аз тарафи дигар барои рушди иқтисодию иҷтимоии мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва таъмин намудани сатҳи шуғл саҳми босазо гузошта метавонад [2].

Ба ҳамагон маълум аст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои аввали ба даст омадани истиқлолият муноқишаи шаҳрвандӣ ба вуҷуд омад, ки дар натиҷа ба вазъи экологии аксари минтақаю маҳалҳои кишвар таъсири манфии худро расонид.

Ҳамин тариқ, бо мақсади беҳтар гардондани вазъи экологии минтақаю маҳалҳои кишвар аз тарафи Ҳукумати ҷумҳурӣ як қатор санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, аз ҷумла Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот», аз 5 августи соли 2009, таҳти №549, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ», аз 5 январи соли 2008, таҳти №347, Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ҳифзи муҳити зист, дар бораи ҳифзи олами ҳайвонот, дар бораи ҳавои атмосфера, Кодекси оби Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғайраҳо ба тасвиб расиданд, ки оиди беҳтар гардондани вазъи санитарию экологӣ ва ҳифзи муҳити зист аҳамияти басо муҳим доранд.

Илова бар ин, бояд тазаккур дод, ки тайи солҳои охир бо ташаббуси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, махсусан Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар тамоми манотиқ ва маҳалҳои кишвар ба тариқи ҳашарҳои дастаҷамъона дар мамлакатамон ниҳолҳои зиёди сояафкан ва мевадиҳанда шинонда мешавад, ки ин амали нек ба беҳтар гардидани вазъи экологӣ дар маҳалҳо таъсири мусбат мерасонад. Аммо бинобар сабаби бе нигоҳубин мондан аксари ниҳолҳо хушк мегарданд.

Аз ин рӯ, бояд зикр намуд, ки нақши мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар ин самт ниҳоят муҳим буда, метавонанд ба тариқи ташкил намудани фаъолияти соҳибкории экологӣ дар маҳалҳо мушкилоти мавҷударо рафъ намоянд.

Зеро барои ҳалли ин масъалаи ташвишовар соҳибкории экологӣ метавонад парвариш ва нигоҳубини ниҳолҳои шинондашударо зери назорати қатъӣ гирад, усулҳои нави назорат ва нигоҳубини ниҳолҳоро ба роҳ монда, дар беҳтар гардидани вазъи экологию иқтисодии маҳалҳои кишвар саҳм гузорад. Он қодир аст, ки маҳалҳои Тоҷикистонро аз буҳрони экологӣ раҳоӣ бахшида, ба рушду нумӯи иқтисоди мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ мусоидат намояд [3].

Бинобар ин, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатиро зарур аст, ки бо мақсади беҳтар намудани вазъи экологии маҳалҳои дар ҳудудашон буда дар ҳамкорӣ бо мақомоти худидоракунии маҳаллӣ ташаккул ва рушди босуботи соҳибкории экологиро ба роҳ монанд. Таҷрибаи пешқадами давлатҳои абарқудрати хориҷӣ нишон медиҳад, ки ҳанӯз аз солҳои 70-уми асри гузашта оид ба экология ва соҳибкории экологӣ қонунҳо ва санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ қабул гардида, дастгирӣ ва танзими давлатии соҳибкорӣ дар ҳифзи экология ба роҳ монда шудааст ва бо ин васила ҳолати экологии минтақаҳои дар ихтиёрбудаашонро беҳтар намудаанд.

Масалан, дар аввали солҳои 70-уми асри гузашта дар Ҷопон санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ оид ба ҳифзи муҳити зист ва ташкили соҳибкории экологӣ қабул гардида буд.

Инчунин, дар Ҷопон қабл аз дигар мамлакатҳо, соли 1973 қонун дар бораи экспертизаи моддаҳои нави химиявӣ ва соли 1988 қонун дар бораи экспертизаи умумии экологӣ мавриди амал қарор гирифта буданд. Ва метавон гуфт, ки дар замони ҳозира дар самти соҳибкории экологӣ Ҷопон дар ҷои аввал меистад [8].

Аз ин лиҳоз, ба мо зарур аст, ки бо назардошти таҷрибаи пешқадами мамлакатҳои абарқудрат дар тамоми минтақа ва маҳалҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон рушди соҳибкории экологиро ҳамаҷониба ба роҳ монда, дар хубтару беҳтар гардидани вазъи экологии мамлакати худ саҳмгузор бошем.

Мутахассисон бар он ақидаанд, ки ҷамъоварӣ, ба намудҳо ҷудо кардан, коркард ва истифодаи партовҳои корхонаҳои саноатӣ ва маишӣ тиҷорати басо фоидаовар ба шумор меравад.

Яъне, соҳибкороне, ки ба фаъолияти соҳибкории экологӣ машғуланд, метавонанд партовҳои корхонаҳои саноатӣ, маишӣ ва аҳолии маҳалҳоро баъди коркард ба маҳсулоти тайёр табдил дода, ба фурӯш бароранд, инчунин маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза истеҳсол намуда, дар солимии аҳолӣ ва беҳтар намудани вазъи экологии маҳалҳо саҳми муносиб гузошта метавонад.

Маҳз соҳибкории экологӣ метавонад роҳҳои самаранок истифодабарии партовҳоро ҷустуҷӯ намуда, мушкилоти мавҷударо ба нафъи давлату ҷомеа ҳал намояд.

Яъне, дар сурати рушду нумӯи фаъолияти соҳибкории экологӣ дар маҳалҳои кишвар партовҳои зиёде, ки сабаби пайдоиши бемориҳои сироятӣ мегарданд, бо технологияи нав ва усулҳои муосири техникӣ коркард ва истифода бурда мешаванд.

Зикр бояд кард, ки ҳоло бо вуҷуди ҳамаи заҳмату талошҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои беҳтар намудани вазъи экологии маҳалҳои кишвар омилҳое низ вуҷуд доранд, ки сабаби паст гардидани рушди бонизоми экологию иқтисодӣ дар минтақаҳо мегарданд.

Аз ин лиҳоз, бамаврид аст, ки баҳри бартараф намудани омилҳои мавҷуда барои фаъолияти соҳибкории экологӣ аз тарафи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бояд шароитҳои мусоид фароҳам оварда шавад. Барои ин зарур аст, ки дар баробари ташаккули базаи мукаммали қонунгузории ин соҳа ба соҳибкороне, ки технологияҳои нав ворид сохта, ба коркарди партовҳо машғул мешаванд, имтиёзҳо диҳем.

Инчунин, зарур аст, ки дар доираи татбиқи сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба дастгирии соҳибкории хурду миёна ба соҳибкории экологӣ аҳамияти махсус дода, ба рушду нумӯи он мусоидат намудан лозим аст. Дар баробари ин, ҳамзамон дар рушди худидоракунии маҳаллӣ ташкил намудани бозори маҳсулоти экологӣ (РЭП), бозори технологияҳои экологӣ (РЭТ) ва бозори хизматрасонии экологӣ (РЭУ) аз манфиат холӣ

нест. Барои рушди соҳибкории экологӣ дар мақомоти худидоракунии маҳаллӣ ва дар амал татбиқ намудани ҳадафҳои соҳибкороне, ки ба ин ҷода қадам мениҳанд, нақши бозори кору хадамот ва бозори маҳсулоти экологӣ ниҳоят муҳим аст. Зеро барои бо ҷои кор таъмин намудани шаҳрвандони маҳал чӣ дар доираи соҳибкорӣ ва чӣ дар бозорҳои кору хадамоти экологӣ имкониятҳои фаровон фароҳам меоянд.

Аз ин рӯ, ба мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии маҳаллӣ зарур аст, ки бо истифода аз шароити мавҷуда ва фазои сулҳу ваҳдат тамоми имкониятҳоро истифода бурда, баҳри таҳким ва рушду нумӯи соҳибкории экологӣ заминаҳои мусоид фароҳам оваранд, то ин ки табиати биҳиштосои ҳар як маҳали Ватани маҳбубамонро аз ҳар гуна моддаҳои зарароварии заҳролуд нигоҳ дошта, баҳри баланд бардоштани вазъи экологию иқтисодии он камари ҳиммат бандем.

Соҳибкорӣ дар бахши экология самтҳои афзалиятноки гуногунро дар бар гирифта, тибқи санадҳои меъёрию ҳуқуқии соҳаи муҳити зист ва талаботи меъёрҳои экологӣ фаъолият менамояд [4].

Ҳамин тавр, бояд қайд кард, ки аз нуқтаи назари таҳқиқот, идоракунии фаъолияти соҳибкории экологӣ фаъолияти мақсаднок ва устувор оид ба ташкили муносибатҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва экологии тарафайн ба шумор рафта, ба натиҷаҳои назаррас ва ҳадафҳои пешбинишуда оварда мерасонад.

Маврид ба ёдоварист, ки дар байни омилҳои беруна барои идоракунии самараноки фаъолияти соҳибкории экологӣ дар маҳалҳо ва минтақаҳои кишвар мавҷудияти қонунҳо ва санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ, инчунин, такмили қонунгузорӣ дар бахши соҳибкорӣ ва муҳити зист ба ҳисоб мераванд.

Мавриди зикр аст, ки бо назардошти таҷрибаи пешқадами мамолики хориҷӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ бояд бонкҳои тиҷоратӣ ва давлатӣ дар якҷоягӣ бо мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии маҳаллӣ бо соҳибкороне, ки дар бахши экология фаъолият менамоянд, ҳамкориро мустаҳкам намуда, дар пиёда намудани сиёсати давлатӣ оид ба ҳифзи муҳити зист саҳми арзандаи хешро гузоранд.

Аз раванди таҳқиқот бармеояд, ки барои такмили идоракунии давлатӣ оид ба рушди соҳибкории экологӣ дар маҳалҳои кишвар пеш аз ҳама, танзими санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ нақши муносиб дошта, инчунин, дастгирии бонкҳои кишвар дар раванди амалӣ намудани сиёсати давлатӣ оид ба рушди бахши хусусӣ, махсусан, соҳибкории экологӣ манфиатовар арзёбӣ мегардад [1].

Ба ақидаи мо, раванди танзим, ҳифз ва дастгирии соҳибкории экологӣ дар минтақаҳо ва маҳалҳои кишвар чунин самтҳоро дар бар мегирад:

- мукаммалгардонии санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ва қонунгузорӣ оид ба рушди бахши хусусӣ;
- муқаррар намудани имтиёзҳои гумрукӣ ва андозӣ барои рушди соҳибкории экологӣ;
- ташкил намудани фондҳои дастгирии фаъолияти соҳибкорӣ дар бахши муҳити зист;
- ба роҳ мондани усулҳои содакардашудаи бақайдгирӣ ва пешниҳоди ҳисоботи молиявӣ;
- ҷудо кардани қитъаҳои замин ва додани моликияти давлатӣ барои истифода дар раванди фаъолияти истеҳсолӣ.

Бо назардошти ин дастгириҳо метавон қайд намуд, ки ҳангоми рушди соҳибкории экологӣ раванди ташкили ҷойҳои нави корӣ дар тамоми манотиқи кишвар пурзӯр, вазъи муҳити атроф ва сатҳу сифати зиндагии мардум беҳтар мегардад.

Бо назардошти устуворӣ ва рушди идоракунии фаъолияти соҳибкории экологӣ дар минтақаҳои мамлакат риояи талабот ва қоидаҳои экологӣ, инчунин меъёрҳои сифат ва талаботи мувофиқ ба маҳсулоти истеҳсолшуда ва хидматҳои экологӣ ҳатмӣ буда, дар ҷараёни муносибатҳои иқтисодию истеҳсолӣ нақши муҳимеро ифода менамояд.

Илова бар ин, устувории маблағгузорӣ, ҳолат ва иқтидори бозори экологӣ, имтиёзҳои молиявӣ ва андоз, мавҷудияти талабот ва пешниҳод, ба молҳои аз ҷиҳати

экологӣ тоза, даромаднокии маҳсулот ва хадамоти экологӣ ба рушди бемайлони фаъолияти соҳибкорӣ дар бахши муҳити зист таъсири мусбӣ расонида метавонад.

Чунин ҳисобидан ба маврид аст, ки идоракунии давлатии фаъолияти соҳибкорӣ дар бахши муҳити зист ба рушди иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологии маҳалҳо ва минтақаҳо мусоидат намуда, дар ташкил намудани ҷойҳои нави корӣ ва беҳтар намудани вазъи экологии минтақаҳои кишвар саҳми арзанда гузошта метавонад [4].

Дар баробари ин, барои беҳтар гардондани вазъи экологӣ дар минтақаҳо ва маҳалҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳамчунин, бо мақсади такмили заминаҳои ҳуқуқӣ, меъёрӣ ва экологӣ дар раванди гузариши мамлакат ба модели пешбинишудаи рушди устувори экологию иқтисодӣ туфайли санадҳои таҳиягардида ва қабулшудаи меъёрию ҳуқуқӣ дар соҳаи экология ва ҳифзи табиат муваффақиятҳои назаррас ба даст омаданд.

Бояд зикр намуд, ки ташаккули соҳибкории экологии замонавӣ дар мақомоти худидоракунии маҳаллӣ яке аз омилҳои муҳимтарини барномаҳои рушди устувори иқтисодии мамлакат буда метавонад.

Истеҳсоли маҳсулоти аз ҷиҳати экологӣ тоза, кор ва хизматрасониҳои таъиноти ҳифзи табиатдошта самти асосии фаъолияти соҳибкории экологӣ дар тамоми минтақаҳо ва маҳалҳои кишвар ба шумор меравад.

Омӯзиши таҷрибаи мамлакатҳои хориҷа оид ба рушди соҳибкории экологӣ дар минтақаҳо шаҳодат аз он медиҳад, ки соҳибкории экологӣ дорои иқтидори баланд буда, имкони истифодаи механизмҳои худташаккулёбии соҳаро дар бахши экология, хусусан, агар дар ин маврид аз тарафи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии маҳаллӣ дастгирии босамар ёбад, ба вуҷуд меорад [9].

Соҳибкории экологие, ки аз ҷониби мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии маҳаллӣ танзим ва дастгирӣ карда мешавад, на танҳо тиҷорати бонуфӯз, балки фоидаовар низ маҳсуб меёбад.

Аз раванди таҳқиқот бармеояд, ки барои такмили идоракунии давлатӣ оид ба рушди соҳибкории экологӣ, пеш аз ҳама, танзими санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ нақши муносиб дошта, инчунин, дастгирии бонкҳои кишвар дар раванди амалӣ намудани сиёсати давлатӣ оид ба рушди бахши хусусӣ, махсусан, соҳибкории экологӣ манфиатовар арзёбӣ мегардад [11] .

Ба андешаи мо, барои рушду нумӯи фаъолияти соҳибкории экологӣ бояд, пеш аз ҳама, маърифати экологоии шаҳрвандонро дар маҳалҳо баланд бардошта, навсозии низоми таълимро дар ин самт таҳия ва ҷорӣ намоем.

Мусаллам аст, ки Дар Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот» [6] ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ» [7] шаклҳои иштироки аҳолӣ дар баамалбарории худидоракунии маҳаллӣ ифода ёфтааст, аммо аз моҳият ва мазмуни онҳо аксарияти аҳолии маҳал то ҳол ба таври пурра хабардор нестанд.

Ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳот ҳамчун мақомоти худидоракунии маҳаллӣ дар Тоҷикистон ҳанӯз ҳамчун мақомоти мустақил шинохта нашудааст ва дар умум ваколатҳо ва вазифаҳои ҳокимияти давлатиро дар сатҳи маҳал иҷро мекунад. Ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳот асосан ба аҳолӣ хизматрасониҳои маъмурӣ, коммуналӣ ва иҷтимоиро мерасонад. Дар самти хизматрасонии маъмурӣ Ҷамоатҳо, асосан барои додани маълумотномаҳо оид ба ҳолати шаҳрвандон, бақайдгирии вазъи оилавӣ ва амволӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ, ҷойи истиқомат, ҷамъоварии андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ маъсул мебошанд. Расонидани хизматрасониҳои коммуналӣ (масалан, таъминоти об, қувваи барқ, идоракунии корҳои хоҷагӣ-манзилӣ ва ғайраҳо) ва таъмини тартиботи ҷамъиятиро бар дӯш доранд [12].

Дар ин замина бояд қайд намуд, ки агар дар сатҳи ҷамоатҳои шаҳрак ва деҳот фаъолияти соҳибкории экологӣ хуб ба роҳ монда шавад, хизматрасониҳои экологӣ ба талаботи меъёрҳои муҳити зист роҳандозӣ карда мешаванд, инчунин дар деҳот маҳсулоти

аз ҷиҳати экологӣ тоза истеҳсол шуда, ҳамзамон аҳолии деҳот бо ҷойи кор таъмин мегарданд.

АДАБИЁТ

1. Будникова Ю. Е. Понятие и признаки предпринимателпльской деятельности, связанной с использованием природных ресурсов [Текст] / Ю. Е. Будникова // Труды Института государства и права Росийской академии наук//- 2014 - №2. с. 14-25.
2. Досиев М. Н., Мукаммалгардонии ташкил ва рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар бахши экология [Текст] /М.Н. Досиев, // Паёми ДДТТ 3(32), Душанбе -2020. с. 53-58.
3. Достиев.М.Н.- Нақши соҳибкории экологӣ дар рушди босуботи экологию иктисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, // Илм ва муҳити инноватсионӣ. Маводҳои конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ (25-26 апрели соли 2014), Донишгоҳи технологии Тоҷикистон // - Душанбе «ЭР-граф» 2014 с -135, 136 9.
4. Достиев.М.Н.– Экологические проблемы современной экономики, //Вестник Технологического университета Таджикистан.//- Душанбе, 2016.-№2(27). –с.77-81.
5. Комилов, С.Д., Забиров. Н. Предпринимательство: основы развития и государственное регулирование [Текст] / С.Д. Комилов, Н. Забиров. –Душанбе, 2004. -213 с.
6. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот», аз 5 августи соли 2009, таҳти №549 // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2009, №7-8, мод.503.
7. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ», аз 5 январи соли 2008, таҳти №347 //Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, соли 2008, №1 қисми 2, мод. 12.
8. Модельный закон «Об основах экологического предпринимательства» [Принят на пятнадцатом пленарном заседании Межпарламентской Ассамблеи государств - участников СНГ] (постановление № 15-6 от 13 июня 2000 года) [Электронный ресурс]. URL: http://docs.cntd.ru/document.
9. Развитие экологического предпринимательства за рубежом [Электронный ресурс]. URL: http://lektsii.org/8-20026.html.
10. Султонов З.С. Приоритетные направления инфраструктурного обеспечения малого предпринимательства Республики Таджикистан в условиях рынка/ Кабиров Ш.О., Султонов З.С.// Вестник Центра стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан. Таджикистан и современный мир. ISSN 2075-9584. – Душанбе, 2019, № 5(68). - С.163-169.
11. Филичева Т.П. Проблемы развития экологического предпринимательства // Территория новых возможностей. Вестник Владивостокского государственного университета экономики и сервиса. 2018. Т. 10. № 1. с. 51-56.
12. Шоисматуллоев Ш., Қодиров З. Қ. Худидоракунии маҳаллӣ ва иштироки шаҳрвандон дар ҳалли масъалаҳои маҳаллӣ Маҷаллаи «Ахбори Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ». «Дониш»-Душанбе. 2017, №2 (246).

УДК: 336.77.067

Икромов Ф.Н.

ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИ ҚАРЗҲОИ БОНКӢ ВА ҶАРАЁНИ ИДОРАКУНИИ ХАВФҲОИ ОН ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Да мақола таҳлили вазъи қарзҳои бонкӣ ва ҷараёни идоракунии хавфҳои он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оварда шудааст. Аз нуқтаи назари муаллиф бонкҳо локомотиви муҳими рушди иқтисодиёти миллӣ ба ҳисоб рафта, низоми фаъолияти онҳо ҳамчун муҳаррики пешбарандаи иқтисодиёти давлат, субъектҳои хоҷагидорӣ ва шахсони дигар амал мекунанд. Идоракунии хавфҳои қарзи бонкӣ аз чунин нишондиҳандаҳо, ба монандӣ қарзҳои қолабӣ, қарзҳои ғайриқолабӣ, қарзҳои шубҳанок, қарзҳои хавфнок ва қарзҳои беэътимод вобастагӣ дорад. Дар ҳолати дуруст баҳогузорӣ ва кам намудани хатарҳои ин нишондиҳандаҳо эҳтимолияти хавфи қарзи бонкӣ низ кам мегардад.

Калидвожаҳо: бонк, қарз, хавф, идоракунӣ, қарзи бонкӣ, бозор, хизматрасонӣ, бозори хизматрасонии бонкӣ, бозори хизматрасонии қарзи бонкӣ, хавфи бонкӣ, қарзҳои қолабӣ, қарзҳои ғайриқолабӣ, қарзҳои шубҳанок, қарзҳои хавфнок, қарзҳои беэътимод ва ғайра.

Икромов Ф.Н.

АНАЛИЗ БАНКОВСКИХ КРЕДИТОВ И ПРОЦЕССОВ УПРАВЛЕНИЯ ЕГО РИСКАМИ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

В статье представлен анализ состояния банковских кредитов и процесса управления рисками в Республике Таджикистан. С точки зрения автора, банки рассматриваются как важный локомотив развития национальной экономики, а их система деятельности выступает в качестве движущей силы экономики государства, хозяйствующих субъектов и других лиц. Управление банковским кредитным риском зависит от таких показателей, как проблемные кредиты, неработающие кредиты, сомнительные кредиты, рискованные кредиты и неработающие кредиты. В случае правильной оценки и снижения рисков этих показателей снижается и риск банковских кредитов.

Ключевые слова: банк, кредит, риск, управление, банковский кредит, рынок, услуга, рынок банковских услуг, рынок банковских кредитных услуг, банковский риск, стандартные кредиты, нестандартные кредиты, сомнительные кредиты, рискованные кредиты, ненадежные кредиты и др.

Ikromov F.N.

ANALYSIS OF BANK LOANS AND ITS RISK MANAGEMENT PROCESSES IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

The article presents an analysis of the state of bank loans and the risk management process in the Republic of Tajikistan. From the author's point of view, banks are considered as an important catalyst for the development of the national economy, and their system of activities acts as the driving force of the economy of the state, economic entities and other persons. Bank credit risk management depends on indicators such as problem loans, non-performing loans, doubtful loans, risky loans and non-performing loans. If the risks of these indicators are properly assessed and reduced, the risk of bank loans is also reduced.

Keywords: bank, credit, risk, management, bank credit, market, service, banking services market, banking credit services market, bank risk, standard loans, non-standard loans, dubious loans, risky loans, unreliable loans, etc.

Дар давраи гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ бонкҳои тиҷоратӣ яке аз лакамативи муҳими рушди иқтисодиёти миллӣ ба ҳисоб рафта, низоми фаъолияти онҳо ҳамчун муҳаррики пешбарандаи иқтисодиёти давлат, субъектҳои хоҷагидорӣ ва шахсони дигар амал мекунанд. Беҳуда нест, ки онро низоми хунгарди иқтисодиёти ҳар як кишвар низ мегӯянд. Аз нуқтаи назари муҳақиқон «бозори хизматрасонии бонкӣ ҳамчун низоми хунгарди инсон буда, зиёдатии воситаҳои молиявиро бо ҷустуҷӯи истифодаи нисбатан самаранок байни соҳаҳои истеҳсолот ва субъектҳои хоҷагидорӣ тақсим менамояд»[6].

Тамоюли бозори хизматраслниҳои бонкӣ дар иқтисоди миллӣ нақши ҳалкунандаро иҷро менамояд[3-5]. Низоми фаъолияти бонкӣ ба ҳукумат ва корхонаҳо имкон медиҳад, ки доираи манбаъҳои молиякунонии худро бе иштироки воситаҳои буҷетӣ, худмаблағгузорӣ ва қарзгириҳои байнибуҷетӣ васеъ намоянд. Таҷрибаи давлатҳои ҷаҳон нишон медиҳад, ки дар давраи аввали асри 21, бозори хизматрасонии қарзи бонкӣ манбаи асосии захираҳои маблағгузоришаванда дар давлатҳои саноатӣ гардид. Яке аз ҳадафи бонк ин иваз шудани пасандоз ба сармоя буда, он ба раванди босуботи иқтисодӣ ба андозаи муайян ва некуаҳволии аҳолӣ мусоидат менамояд.

Аз нуқтаи назари Икромов Н.Қ. «бонкҳои тиҷоратӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз даврони аввали соҳибистиқлолӣ ва гузаштан ба иқтисоди бозорӣ ҳамчун низоми ташаккулёфта ба ҳисоб меравад, чунки бонкҳо дар давраи Иттиҳоди Шӯравӣ қариб ба як қисми давраҳои ҳаёти иқтисодиро, ба монанди таъсисёбӣ, рушди ҷаҳишнок, фоидаи барзиёд ва муфлисшавӣ гузаштанд»[7]. Аз ин лиҳоз, дар давраи иқтисоди бозорӣ ҷараёни рушди низоми бонкӣ ба амалиётҳои ғайрифаъол аҳамияти ҷиддӣ дода намешуд, чунки онҳо нисбат ба амалиётҳои фаъол дуюмдараҷа ба ҳисоб мерафтанд.

Албатта, дар рушди иқтисоди миллӣ муносибатҳои қарзӣ ба воситаи бонкҳо ба таври васеъ истифода мегарданд, чунки бонк яке аз сохторҳои муҳим ва ҷудонашавандаи иқтисоди бозорӣ буда, таъсири мусбию манфияш ба рушди фаъолияти соҳибкорӣ, низоми ҳисоббаробаркуниҳои пулӣ ва азнавтақсимнамоии сармояҳо мерасад. Барои амиқ намудани гуфтаҳои боло, мо дар мадди аввал нишондиҳандаҳои қарзи бонкии низоми бонкии Тоҷикистонро дида мебароем.

Ҳамин тариқ, тамоюли рушди бозори бонкӣ нишон медиҳад, ки пӯёи дороиҳои ташкилотҳои қарзӣ дар Тоҷикистон дар нӯҳ соли охир тамоюли пастравӣ дорад: агар дар соли 2013 дороиҳои ташкилотҳои қарзӣ нисбат ба ММД 31,22 фоизро ташкил дода бошанд, пас дар соли 2021 ин нишондиҳанда то 18,21 фоиз коҳиш ёфт. Бояд қайд кард, ки барои кишварҳои рӯ ба тараққӣ, хусусан Тоҷикистон сатҳи аз ҳама муътадилии нишондиҳандаи дороиҳои низоми бонкӣ мутаносибан аз 80 то 100%-и ММД мебошад, ки он барои дастгирии рушди иқтисодии кишвар таъсири начандон калон дорад (ниг. ба ҷадвали 1) [2].

Ҷадвали 1

Баҳодиҳии пӯёи нишондиҳандаҳои устувории молиявии низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон, млн. сомонӣ

Нишонди-ҳандаҳо	**2013**	**2014**	**2015**	**2016**	**2017**	**2018**	**2019**	**2020**	**2021**	**2021/13 (+/-, %)**
Дороиҳо	12653	14854	18639	21187	20932	21201	21976	22643	18009	**42,3**
Бо % нисбат ба ММД	31,22	32,57	38,51	38,86	34,28	30,80	28,41	27,43	18,21	**-13,01**
Дороиҳои пардохтпазир	2 853	2960	4484	6482	6283	6472	6068	6969	6116	**114,4**

Бо % нисбат ба ММД	7,04	6,49	9,26	11,90	10,28	9,40	7,84	8,44	6,18	**-0,86**
Қарзҳо, ҳамагӣ	7 399	9 661	11229	9823	8506	8 677	9 703	8809	9437	**27,5**
Бо % нисбат ба ММД	18,26	21,18	23,20	18,03	13,92	12,60	12,54	10,67	9,54	**-8,72**
Қарзҳо бо асъори хориҷӣ	4 182	5087	5917	4788	5 017	4 828	4 762	4 417	3 810	**-8,9**
Қарзҳои таъхирафтода	673	1 163	2039	3441	2014	1 994	1 476	1 149	274	**-59,3**
ФПТИ азрӯйи қарзҳо	-500	-1241	-1 657	-1823	-1800	2 097	1 869	1 790	1 431	**-386,2**
Сармоягузо-риҳо, ҳамагӣ	204	227	276	1604	2172	2 427	2 232	2 585	739,8	**262,6**
Воситаҳои асосӣ	1 387	1576	1991	3176	4200	4 207	4 149	4 412	1 589	**14,6**
Дигар дороиҳо	1 310	1671	2316	1904	1571	1 514	1 652	1 658	1 558	**18,9**
Уҳдадориҳо+ сармоя	12 653	14854	18639	21166	20932	21 201	21 976	22643	18009	**42,3**
Уҳдадориҳо	10 063	12508	16222	15690	15207	15 287	15 749	16635	14277	**41,9**
Пасандозҳо	5 519	6691	8614	9244	9283	9 724	9 682	10463	8 921	**61,6**
Сармоя	2 590	2346	2417	5497	5725	5 913	6 226	6 009	3732	**44,1**
Бо% нисбат ба ММД	6,39	5,14	4,99	10,9	9,37	8,59	8,05	7,28	3,77	**-2,62**

Сарчашма: Бюллетени омори бонкӣ, 2018. - № 12 (281). – С.77-78. Бюллетени омори бонкӣ, 2019. - №12 (293). – С.84-85. Бюллетени омори бонкӣ, 2020. -№12 6 (299). – С.57-58. Бюллетени омории бонкӣ – Душанбе, 2020. - №12 (305). - С.86-87. Бюллетени омории бонкӣ – Душанбе, 2021. - №12 (316). - С.24-25.

Нишондиҳандаи дигари устувории молиявии низоми бонкӣ ин додани қарзҳо, ба ибораи дигар, амалиётҳои қарздиҳии бонкҳо мебошанд, ки ин як воситаи маблағгузории бонк ба рушди иқтисодиёти миллӣ мебошад.

Ҳиссаи қарзҳои додашуда нисбати ММД аз ҷониби низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон тамоюли пастравӣ дорад, агар дар соли 2013 ҳиссаи қарзҳои додашуда 18,26% -ро ташкил дода бошад, пас дар соли 2021 ин нишондиҳанда то 9,54 % коҳиш ёфт. Сарфи назар аз нишондиҳандаҳои паст, бонкҳои тиҷоратӣ қарзҳоро барои рушди соҳаҳои иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон равона мекунанд (ниг. ба расми 1) [2].



Расми 1. - Пӯёи тағйирёбии нишондиҳандаҳои устувории низоми бонкӣ нисбат ба ММД (бо %).

***Сарчашма*:** Бюллетени омори бонкӣ, 2018. - № 12 (281). – С.77-78. Бюллетени омори бонкӣ, 2019. - №12 (293). – С.84-85. Бюллетени омории бонкӣ – Душанбе, 2020. - №12 (305). - С.86-87. Бюллетени омории бонкӣ – Душанбе, 2021. - №12 (316). - С.24-25.

Дар низоми фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ восилаҳои молиявии ҷалбгардида қисми калонро ишғол намуда, нишондиҳандаҳои он нисбат ба ММД дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯ ба таназул овардааст[8;9]. Тибқи назари муҳақиқон [1], ҳар қадаре, ки ҳиссаи воситаҳои ҷалбгардидаи бонк зиёд бошад, ҳамон қадар имкониятҳои молиявӣ ва низоми фоидагирӣ зиёд мегардад. Мутаассифона, назарияи мазкур, айни ҳол чандон дуруст нест, чунки таҷрибаи бозори хизматрасониҳои қарзи бонкӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дод, ки аз меъёр зиёд ҷалб шудани воситаҳои молиявӣ (хусусан, пасандозҳои аҳолӣ) ба хавфи барнагаштани воситаҳои ҷалбшудаи (пасандозҳои) бонк оварда мерасонад. Албатта, дар ин ҷо назарияи мо ба назарияи “меъёри муайяншудаи талабот ба воситаи ҷалбшуда” мебошад. Яъне, бонкҳо вобаста ба талаботи воситаҳои бонкӣ пасандозҳоро ҷалб намоянд, лекин меъёри пасандозҳои ҷалбшуда бояд нисбати дороиҳои бонк то 60-70% бошанд, то қобилияти бозоргирии бонк таъмин гардад.

Айни ҳол, аҳамияти муҳимро дар нишондиҳандаҳои низоми бонкӣ сифати сандуқи қарзӣ мебозад. Ҳар як бонк мустақилона сифати сандуқи қарзиро вобаста ба дастурамалҳои Бонки миллии Тоҷикистон арзёбӣ менамояд. Дар ҳама гуна бонк таҳлил ва арзёбии сандуқи қарзӣ гузаронида мешавад, то ки бонкҳо амалиётҳои қарзии худро мустақиман идора созанд.

Идоракунандагони бонк арзёбии сифати сандуқи қарзиро аз рӯйи ҳар як намуди қарзҳо, ба монанди қарзҳои қолабӣ, қарзҳои ғайриқолабӣ, қарзҳои шубҳанок, қарзҳои хавфнок ва қарзҳои беэътимод гузаронида, назоратро аз рӯйи шартномаҳои қарзӣ, беҳтарсозии ин ё он элементҳои ташкили ҷараёни қарзӣ ва ғайраро муайян месозанд (ниг. ба ҷадвали 2) [2].

Ҷадвали 2

Нишондиҳандаҳои сифати сандуқи қарзии бонкҳо, млн. сомонӣ

Номгӯй	2013	2014	2015	2016	2017	2018	2019	2020	2021	2021/13 (+/-, %)
Сандуқи қарзӣ	7178,2	9396,7	10955,3	9591,6	8307,3	8426,4	9447,9	9448,8	9437,4	**+31,5**
Қарзҳои қолабӣ	5771,9	7224,0	6767,6	3894,2	4719,5	4989,7	6711,6	5667,6	7530,9	**+30,5**
Бо % нисбат ба маблағи умумӣ	80,41	76,88	61,78	40,60	56,81	59,22	71,04	59,98	79,8	**-0,61**

Қарзҳои ғайриқолабӣ	423,4	179,8	1 305,1	1 130,2	557,5	819,7	269,8	312,9	235,9	**-44,3**
Бо % нисбат ба маблағи умумӣ	5,90	1,91	11,91	11,78	6,71	9,73	2,86	3,31	2,5	**-3,4**
Қарзҳои шубҳанок	367,8	99,7	1 128,5	1 022,3	537,3	250,1	41,1	47,3	22,6	**-93,9**
Бо % нисбат ба маблағи умумӣ	5,12	1,06	10,30	10,66	6,47	2,97	0,43	0,50	0,2	**-4,92**
Қарзҳои хавфнок	176,7	620,3	219,2	245,6	349,6	458,3	157,8	307,1	380,6	**+115,4**
Бо % нисбат ба маблағи умумӣ	2,46	6,60	2,00	2,56	4,21	5,44	1,67	3,25	4,0	**+1,54**
Қарзҳои беэътимод	438,4	1272,9	1534,8	3299,4	2143,3	1908,5	2267,7	2566,6	1267,2	**+189,1**
Бо % нисбат ба маблағи умумӣ	6,11	13,55	14,01	34,40	25,80	22,65	24,00	27,16	13,4	**+7,29**

***Сарчашма*:** Бюллетени омори бонкӣ, 2018. - № 12 (281). – С.85. Бюллетени омори бонкӣ, 2019. - №12 (293). – С.92. Бюллетени омори бонкӣ, 2020. -№12 6 (299). – С.65. Бюллетени омори бонкӣ, 2021. -№12 (316). – С.62.

Ҷадвали 2 нишон медиҳад, ки дар портфели қарздиҳандагон тамоюли болоравии ҳиссаи қарзҳои «хавфнок» мушоҳида мешавад, ки воқеан аз меъёрҳои қобили қабул барои бехатарӣ, махсусан барои бонкҳо зиёдтаранд. Ин омил дар оянда ба бад шудани имкониятҳои молиявии муштариён низ оварда мерасонад, чунки дар ҳолати пардохтнопазирии бонк байни “муштариён” ва “бонк” таъсири манфии мутақобила ба миён меояд. Буҳрони солҳои 2015-2016 ба фаъолияти қарзгирандагон-мизоҷон (соҳибкорон) сахт таъсир расонидааст, ки дар натиҷаи он тамоюли афзоиши тафовут барои ин нишондиҳанда байни арзишҳои меъёрӣ ва воқеӣ ба назар мерасад.

Дар шароити имрӯза ба ҷузъҳои асосии идоракунии самараноки қарзҳо ин сиёсати хуб инкишофёфтаи қарзӣ ва амалиётҳо, идоракунии хуби сандуқ, назорати самаранок аз рӯи қарзҳо ба ҳисоб мераванд.

Сиёсати қарзӣ асоси тамоми раванди идоракунии қарзҳоро фароҳам меорад. Он стандартҳои объективиро муайян месозад ва кормандони бонкӣ, ки барои пешниҳод ва тартибдодани қарзҳо ва идоракунии онҳо ҷавобгаранд, бояд аз ин стандартҳо истифода баранд. Ҳангоме, ки сисёсати қарзӣ дуруст ба роҳ монда шуда бошад, он ба роҳбарияти бонк имкон медиҳад, ки стандартҳои дурустро дар соҳаи қарзҳо дастгирӣ намоянд, аз хавфи барзиёд худро эмин дошта имкониятҳои рушди фаъолиятро дуруст баҳогузорӣ намояд.

Дар адабиёти иқтисодӣ принсипҳои асосии сиёсати қарзӣ ба чунин зеркисмҳо ҷудо мешаванд (ниг. ба расми 2).

Расми 2. Принсипҳои асосии сиёсати қарзӣ дар низоми бонкӣ*



***Таҳияи муаллиф.**

1) Консерватизм – бонк бояд сиёсати қарзии консервативиро пеш гирад ва кӯшиш намояд, ки пурра хавфҳои худро рӯпуш намояд. Қарз танҳо ба қарзгирандагони боэътимод, ки дорои сифати баланди менеҷмент мебошанд, дода мешавад.

2) Бартарияти мавқудияти таъминот – шарти муҳими қарор дар бораи додани қарз бояд мавқудияти таъминоти кифояи бозоргирӣ бошад, ки нархи он бо баҳисобгирии дисконт, ки хароҷотҳоро барои татбиқи гарав ва беарзишшавии имконопазирӣ ба ҳисоб мегирад, бояд барои рӯпуш намудани маблағи асосии қарз ва фоизҳо аз рӯи он кифоя бошад. Гарав бояд суғурта карда шавад.

3) назорат аз рӯи истифодаи мақсадноки қарз, ҳифзи гарав, вазъи молиявии мизоҷ – бояд имкониятҳои назоратро аз рӯи амалиётҳои мизоҷ ва ҷараёнҳои молиявии ӯ бо роҳи пардохти суратҳисобҳои ӯ, назорати воридотҳо, ҳифзи гарав ва ғайра ҷустуҷӯ кард. Баъди додани қарз мониторинги вазъи молиявии мизоҷ гузаронида мешавад.

4) Диверсификатсияи сандуқи қарзӣ – бонк бояд аз диверсификатсияи сандуқи қарзӣ нигоҳдорӣ намояд, аз рӯи имконият якҷоя кардани қарзҳоро аз рӯи соҳаҳои якнавъаи тиҷорат, соҳаҳо, намудҳои гарава ва ғ. маҳдуд созад. Омили муҳими пасткунии хавф додани шумораи зиёди қарзҳои худ назар ба шумораи ками қарзҳои калон мебошад.

5) Маҳдудияти хавф барои як қарзгиранда – муқаррарсозии ҳади хавфи имконпазир, чунки хавф вобаста аз навъи қарзгиранда муқарра карда мешавад.

6) Маҳдудияти хавфи маҷмӯии қарзӣ – вобаста аз дараҷаи бозоргирии бонк, бартарияти базаи пасандозӣ ва бузургии сармоя, меъёрҳои Бонки миллӣ хавфи зиёдтарини қарзӣ ба бонк муқаррар карда мешавад, яъне маҳдудият ба ҳаҷми сандуқи қарзии бонк дар маҷмӯъ.

7) Маркетинги фаъоли қарзгирандагони боэътимод – барои таъмини сифати сандуқи қарзӣ бояд ҷустуҷӯи фаъоли қарзгирандагони боэътимодро, хусусан байни мизоҷони бонк бурдан лозим аст.

Ба ҷузъҳои асосие, ки мазмуни сиёсати қарзиро таркиб медиҳанд чунин ҷузъҳоро нисбат додан мумкин аст:

1. Мақсад, ки бо дар назардошти он сандуқи қарзӣ ташаккул меёбад (яъне нишондоди аломатҳои сандуқи хуби қарзӣ: намудҳои қарзҳо, муҳлатҳои пардохти қарзҳо, ҳаҷмҳо ва сифати қарзҳо).

2. Тавсифи ваколатҳо дар соҳаи додани қарзҳо, ки бо ин ваколатҳо ҳар як назоратчии аниқ ва комитети қарзӣ сафарбар карда шудааст (маблағи зиёдтарин ва намуди қарз, ки он аз ҷониби корманди аниқ тавсиб шуда метавонад, инчунин бо имзоҳои зарурӣ).

3. Ӯҳдадориҳо оид ба интиқоли ҳуқуқҳо ва пешниҳоди маълумот дар чаҳорчӯбаи идоракунии қарзӣ.

4. Таҷрибаи дархосткунӣ, тафтиш, баҳогузорӣ ва қабули қарорҳо оид ба дархостҳои қарзии мизоҷон.

5. Ҳуҷҷатгузории зарурӣ, ки ба ҳар як дархости қарзгиранда замима карда мешавад, инчунин ҳуҷҷатҳое, ки бояд дар парвандаи қарзӣ (кредитӣ) нигоҳ дошта шаванд (ҳисоботи молиявӣ, шартномаҳои кафолат ва гарав ва ғ.).

6. Ҳуқуқҳои кормандони бонк бо нишондоди аниқи он, ки барои нигоҳдорӣ ва тафтишоти парвандаҳои қарзҳо, кӣ ҷавобгар аст.

7. Қоидаҳои асосии қабул, баҳогузорӣ ва татбиқи таъминоти қарзӣ.

8. Тавсифи сиёсат ва таҷрибаи муқаррарсозии меъёрҳои фоизӣ ва комиссияҳо оид ба кредитҳо, шартҳои пардохти қарзҳо.

9. Тавсифи меъёрҳои сифат, ки нисбати ҳамаи қарзҳо истифода бурда мешаванд.

10. Нишондоди ҳаҷми ниҳоят калони маблағгузориҳои қарзӣ (яъне сатҳи ниҳоят калони имконпазири таносуби маблағгузорӣ ва дороиҳои маҷмӯӣ).

11. Тавсифи бозори мақсаднок (соҳа, минтақа ва ғ.), ки ба он бояд қисмати асосии маблағгузориҳои қарзӣ амалӣ карда шаванд.

12. Тавсифи таҷрибаи ошкорсозӣ, ташхис ва ҳалли ҳолатҳое, ки бо қарорҳои ҳаётан муҳим алоқаманданд.

Самаранокии идоракунии хавфи қарзӣ дар бонк пеш аз ҳама аз ба тартибандозии амалиётҳои қарздиҳӣ дар ҳамаи марҳилаҳо вобастагӣ дорад. Ин марҳилаҳоро муфассал дида мебароем.

Тартиботи қарздиҳӣ аз идентификатсияи қарзгирандаи имконпазир оғоз мегардад. Бояд дар хотир дошт, ки ба зиммаи корманди шуъбаи қарзӣ (кредитӣ) иҷроиши ду вазифа гузошта мешавад – фурӯшандаи қарз ва мумайиз (эксперт). Баъди идентификатсияи қарзгирандаи эҳтимолӣ корманди шуъбаи қарзӣ раванди қабули қарорро тавассути гирифтани маълумот аз ин қарзгиранда оғоз менамояд, то маълум намояд, ки дархости қарзгиранда оид ба пешниҳоди қарз бо сиёсати ҷории бонк мувофиқ аст ё не. Инчунин, корманд бояд муайян намояд, ки ба қарзгиранда маблағҳои иловагӣ барои чӣ лозим мебошанд. Сабаби асосӣ на ҳамеша бо он сабабе, ки қарзгиранда пеш меорад, мувофиқ меояд. Бо фаҳмида гирифтани сабаби асосӣ корманди бонк метавонад сохтори мувофиқи қарзро аз рӯи мӯҳлатҳо муайян созад ва графики пардохтани қарзро тартиб дода, барои ин қарз намуди ба он мувофиқро пайдо намояд.

Баъд аз оне, ки корманди бонк моҳияти дархости мизоҷро дарк намуд ва муқаррар сохт, ки он қобили қабул аст ва ба ҳақиқати фаъолияти бонк мувофиқат менамояд, ӯ бояд ташхиси сарчашмаҳои пардохти қарзро гузаронад. Ин ташхис, ки манбаҳои ибтидоӣ ва дуюмдараҷаи пардохти қарзро муайян менамояд, ба корманд имконият медиҳад, ки дархости мизоҷро оид ба гирифтани қарз қабул намояд ва ё онро рад намояд. Барои он ки эҳтимолияти пардохти қарз муайян карда шавад, корманди бонк бояд паҳлуҳои суст ва пурқуввати мизоҷ, дархости мизоҷ аз нуқтаи назари ҳисоботи молиявии ӯ, ҳаракати пули нақд, стратегияи кори мизоҷ, бозори фаъолияти ӯ, ихтисосмандии роҳбарии ӯ, маълумот дар бораи ӯ ва таҷрибаи кории ӯро таҳқиқ намояд. Хеле муҳим аст, ки қарз барои мақсади мизоҷ нишон додашуда, коркард шавад. Мақсади қарз ва пардохти он бо якдигар печ дар печ мебошанд – дарки моҳияти қарз ба қарзгиранда ва қарздиҳанда имкон медиҳад, ки шартҳои пардохти қарзро ба мақсади он тавъам созанд.

Ҳангоми гузаронидани ташхиси амиқ, ташхиси сарчашмаҳои пардохти қарз барои намудҳои гуногуни қарз ҳархела мебошад. Ин фарқият махсусан барои қарзҳои дарозмуддат ва кутоҳмуддат хеле бузург аст, чунки ҳамчун сарчашмаи пардохти қарз дар

ин ҷо воридотҳо аз маблағгузориҳо хизмат менамоянд. Дар ин ҳолат бо қарзҳои кӯтоҳмуддат бояд ташхиси амиқи давраи савдоӣ ва ё давраи гардиши дороиҳо гузаронида шавад – захираҳои молӣ ба қарзи дебиторӣ ва пули нақд – то ки муайян созад, ки кадом моддаҳои тавозун ба пули нақд барои пардохти қарз баргардонида мешаванд.

Корманд бояд шартҳои қарзро муайян созад: меъёри фоизӣ, таъминот, кафолатҳо ва моддаҳои махсус, ки хавфи ба қарз хосро инъикос менамоянд.

Сохтори қарз бояд бо сарчашмаҳо ва мӯҳлатҳои чашмintизори пардохти қарз зич алоқаманд бошад.

Марҳилаҳои ниҳоии раванди сохторбандии қарз, тасвиби он, тайёр намудани ҳуҷҷатҳо ва тартиб додани ҳисобот дар бораи он мебошад.

Тасвиби қарзҳо дар бонкҳои тиҷоратӣ одатан ё дар чаҳорчӯбаи Комитети қарзӣ ва ё дар чаҳорчӯбаи раванди батадриҷи тасвиби қарзҳо ба миён меояд. Дар ҳолати якум қарзҳо аз ҷониби Комитети қарзӣ ба тасвиб мерасанд, ки одатан аъзоёни ин Комитет роҳбарони бонк ва шуъбаи қарзии он мебошанд. Дар ҳолати дуюм тасвиби қарзҳо аз поён ба боло аз рӯи занҷира – аз кормандони оддии шуъбаи қарзӣ то роҳбарият, ки он ҳуқуқ дорад (дар мувофиқа бо талаботҳои сиёсати қарзии бонк) тасвиби хотимавии қарзро қабул намояд.

Дараҷаи ҷавобгарии аъзоёни Комитети қарзӣ оиди қарзҳои аз ҷониби онҳо ба тасвиб расида тағйир меёбанд. Дар бисёре аз бонкҳо овоздиҳӣ ба фоида ва ё зидди ин ва ё он қарз дар шакли бардоштани дастҳо ва ё дар шакли ҷавобҳои «тарафдор ва ё зид» ба амал меояд. Дар баъзе аз бонкҳо овози ҳар як аъзои Комитет ба қайд гирифта мешавад. Ва ҳар чанд, ки то кадом дараҷа ҷавобгарии ҳар як аъзо ба самаранокии раванди қабули қарорҳо таъсир мерасонад, бояд гуфт, ки дараҷаи ҷавобгарӣ ҳангоми тасвиби пайдарпайи қарз баландтар аст.

Андозаи бонк ва миқёси амалиётҳои он дараҷаи муттамарказии раванди қабули қарорҳоро муайян месозанд. Чун қоида, чӣ қадаре, ки бонк хурд аст, ҳамон қадар дараҷаи муттамарказкунонӣ зиёд аст, чӣ қадаре, ки бонк калон аст, ҳамон қадар дараҷаи ғайримарказикунонӣ калон аст. Баъзе аз додугирифтҳо бо сабаби ба таъхиргузории бюрократӣ дар раванди тасвиби қарз аз ҷониби бонк аз даст мераванд. Бо ба ҳисобгирии ин, бисёре аз бонкҳо ваколатҳоро оиди тасвиби қазҳо бар души роҳбарияти шуъбаҳои минтақавии худ вогузор менамоянд ва онҳо дар навбати худ метавонанд ин ваколатҳоро ба роҳбарияти филиалҳо ва ё ба кормандони алоҳидаи он вогузор намоянд.

Дар ҳар як низоми ғайримарказикунонидашуда, ваколатҳои қарзӣ дар сатҳҳои гуногун одатан бо тавсияи шуъбаҳо оид ба сиёсати қарзӣ ва назорати бонкӣ муайян карда мешавад ва баъд аз ҷониби роҳбарияти бонк ва Шӯрои назоратӣ ба тасвиб мерасад. Назорат аз рӯи дурустии истифодаи ин ваколатҳо бо воситаи тартиб додани ҳисоботҳои даврӣ ва гузаронидани тафтишҳо аз ҷониби аудиторони дохилӣ амалӣ карда мешавад.

Ҳуҷҷатгузории қарзӣ ҳимояро аз хавф таъмин менамояд ва ба бонк имконият медиҳад, ки дар ҳолати иҷро нагардидани ӯҳдадориҳо ва ё вайронсозии нақшаи пардохти қарзҳо аз ҷониби қарзгиранда чораҳои ҳуқуқӣ қабул намояд. Шартномаи қарзӣ – ин қарордод байни бонк ва қарзгиранда мебошад, ки дар он ҳуқуқҳо ва ӯҳдадориҳои ҳарду ҷониб нисбат ба қарз шартнок карда мешаванд. Ҳар чанд, ки шартномаи қарзӣ ба қарздиҳанда имконият намедиҳад, ки сарчашмаи пардохти қарзро назорат намояд, лекин дар он шартҳо ва маҳдудиятҳо дарҷ гардида, бо чунин тарз тартиб дода шудаанд, ки онҳо вазъи молиявии қарзгиранда, сатҳи даромаднокии ӯ, ҳаракати воситаҳои пулиии ӯро беҳтар месозанд ва манфиатҳои бонкро низ ҳимоя менамояд. Шартномаи хуби қарзӣ, ки дар асоси аниқи ҳуқуқӣ тартиб дода шудааст, ба қарзгирандагон дар гуфтугӯҳо бартарӣ медиҳад, агар вазъи қарз бад шавад.

Пеш аз он ки шартнома ба имзо расад, хуб мешуд, ки ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ бодиққат аз ҷониби хадамоти мушоияткунандаи ҳуқуқӣ тафтиш карда шаванд. Хеле муҳим аст, то ки ҳуҷҷатгузории қарзӣ ба талаботҳои базаи қонунгузории амалкунанда ҷавобгӯ бошад.

Ҷанбаи муҳим дар тартиботи қарздиҳӣ – ин ҳалли масъала оид ба таъминоти баргардонидани қарзи додашуда мебошад.

Таъминот – ин дороии моддӣ буда ба он бонк ҳуқуқи гаравро дорад. Истифодаи гарав барои дастгирии қарз ба бонк имконият медиҳад, ки дороиҳоро дар ҳолати вайронсозии шартҳои қарз аз ҷониби қарзгиранда назорат намояд. Таъминот сарчашмаи имконпазири дуюмдараҷаи пардохти қарз мешавад:

Ҳангоми баҳогузории гарав зарур аст, ки ба саволҳои зерин ҷавоб гирем:

- объекти гарав;
- гара то чӣ андоза нархгузорӣ мешавад;
- то чӣ андоза гарав метавонад қарз ва фоизҳоро аз рӯи он рӯпуш намояд;
- то чи андоза гаравро метавон ба фурӯш монд;
- кӣ нигоҳдории гаравро таъмин менамояд.

Бечунучаро, ба гарав, ки рӯпуши пурраи қарз ва фоизҳоро аз рӯи он таъмин менамояд, бояд афзалият дода шавад.

Баъд аз он ки қарз дода мешавад, бонк бояд чораҳоро барои баргардонидани он андешад. Идоракунии қарзҳо яке аз вазифаҳои асосии шуъбаи қарзии бонк ба ҳисоб меравад. Идоракунии хуби қарз қарзи «бадро» ислоҳ карда наметавонад, лекин бисёре аз қарзҳои «хуб» дар ҳолати идоракунии бесамари онҳо аз ҷониби кормандони шуъбаи қарзии бонк душворӣ ба пеш меорад.

Бонкҳо аз болои қарзгирандагон назорат мебаранд, то ки ба некуаҳволии вазъи молиявӣ ва иҷроиши шартномаи қарзӣ аз ҷониби онҳо, инчунин барои ҷустуҷӯи имкониятҳои нави ҳамкорӣ бо мизоҷ боварӣ ҳосил намоянд. Назорат аз рӯи қарз барои он зарур аст, то ки дар марҳилаи ибтидоӣ аломатҳои онро, ки қарзгиранда ҳангоми пардохти қарз бо душвориҳо рӯ ба рӯ мешавад, ошкор намояд. Инро бояд дар марҳилаи ибтидоӣ анҷом додан лозим аст, то ки самараи амалиётҳои тасҳеҳкунандаи бонкро зиёд ва талафотҳои онро кам намоянд. Назорат аз рӯи қарзҳо махсусан дар марҳилаи пардохти онҳо ва ё ҳангоме, ки пардохти онҳо аз мӯҳлати муқарраргардида мегузарад ё ки ҳангоми вайронсозии шартҳое, ки бо шартномаи қарзӣ муқаррар карда шудаанд, хеле муҳим мебошад.

Яке аз шартҳои муҳими таъминоти идоракунии пурсамари хавфҳои қарзӣ бартарии механизми идоракунии қобили қабули сандуқи қарзӣ мебошад. Идоракунии сандуқи қарзӣ миконият медиҳад, ки хавфи тамоми сандуқ мувозӣ карда шавад ва инчунин, нигоҳ дошта шавад, бо нигаронӣ ва назорати хавф, ки ба ин ва ё он бозорҳо, мизоҷон, фишангҳои қарзӣ, қарзҳо ва шароитҳои фаъолият таалуқ доранд. Идоракунии сандуқи қарзӣ дар алоқа бо диверсификатсияи амалиётҳои қарзии худ аз ҷониби бонк хеле муҳим мегардад.

Дар чаҳорчӯбаи идоракунии сандуқи қарзӣ бояд муайян карда шаванд:

- омилҳо, сатҳҳои хавф дар бозорҳои мақсаднок ва зеркисмҳои он;
- тавъамкунии намудҳои гуногуни қарзҳо, фишангҳои қарзӣ ва асъорҳои қарзӣ;
- имконияти қарзкунӣ ва муттаҳидсозии сандуқи қарзӣ.

Бозорҳои мақсаднок одатан аз рӯи таснифотҳои бахши муайян радабандӣ карда мешаванд. Ҳангоми интихоби бозорҳои мақсаднок муҳим аст, ки ҳамаи хвфҳое, ки ба бозори аниқи мазкур дахл доранд, дида баромада шаванд.

Зерохтори мизоҷони мақсадноки бонкҳои тиҷоратӣ одатан бо истифодаи шумораи зиёди маҳакҳо муайян карда мешаванд. Масалан, мизоҷи идеалӣ бояд чунин бошад:

- бояд дорои таҷрибаи бойи фаъолияти корӣ бошад;
- ӯ бояд бо истеҳсолот ва ё фурӯши молҳо ва ё хидматгузориҳо машғул бошад, ки онҳо дар бозор серхаридор мебошанд;
- ӯ бояд дорои таҷрибаи хуби роҳбарӣ дошта бошад то ки фаъолияти ширкатро самаранок идора карда тавонад;
- вазъи молиявии ӯ бояд устувор бошад.

Пардохтпазирии мизоҷи эҳтимолӣ бо пардохтпазирии мизоҷон дигар бояд муқоиса карда шавад. Агар сохтори молиявӣ ва нишондиҳандаҳои фаъолияти бонк аз сохтори молиявӣ ва нишондиҳандаҳои фаъолияти бонкҳое, ки дар ҳамин соҳа фаъолият менамоянд, фарқ намояд, он гоҳ барои муайянсозии қобили қабул будани мизоҷ бояд ташхиси иловагӣ гузаронида шавад. Хуб мебуд, агар бонкҳо дорои таснифоти хусусии қобили қабул будани мизоҷон аз рӯи хавф бошанд, ки он бо соҳаҳои иқтисодиёт, ки дар он мизоҷон фаъолият менамоянд, асоснок карда шаванд. Ин таснифот одатан дар нишондиҳандаҳои ҳаҷм фурӯш, бузургии дороиҳо, меъёрҳои даромаднокӣ ва бозоргирӣ асос меёбад. Ба қарзгирандагоне, ки зери нишондодҳои ин маҳак намеафтанд, бояд қарз дода нашавад ва ё қарз танҳо баъди гирифтани иҷозати махсус ҳамчун истисно аз сисёсати бонк дода шавад.

Намуди қарз, яъне шакли он ки дар он қарз пешниҳод карда мешавад, вобаста аз талаботҳои бозор ва мизоҷ, қонунгузорӣ, миқёси амалиётҳо ва дастрасии ҳайати таҷрибанок муайян карда мешавад. Вобаста аз намудҳои гуногуни қарз андозаи хавф тағйир меёбад. Ҳамин тариқ, намуди қарз ва сохтори он бояд натанҳо ба талаботҳо, инчунин ба қобили пардохти қарз будани мизоҷи эҳтимолӣ мувофиқат намояд. Одатан, рӯйхати қарзҳое, ки дар фаъолияти бонк ҷорӣ карда шудаанд, иборатан аз:

- қарзҳои кӯтоҳ- миёна- дарозмуддат;
- қарзҳои таъминшуда ва қарзҳои таъмин нашуда;
- қарзҳои якмаротибагӣ ва ё хатҳои қарзӣ (овердрафт).

Корманди шуъбаи қарзӣ бояд донад, ки кадом намуди қарзҳо ва фишангҳои қарзӣ, ки ба талаботҳои мизоҷ ҷавобгӯянд, дар бонк мавҷуданд, чунки аз интихоби дуруст пардохти саривақтии қарз вобастагӣ дорад. Аҳамияти ҷобаҷогузории дурусти қарзҳоро набояд аз мадди назар дур намуд. Сохтори қарз бояд ба мақсади он мувофиқат намояд.

Ҳалли масъалаи он ки қарз бо кадом намуди асъор дода мешавад, низ хеле муҳим мебошад. Асъорҳои миллӣ бисёр вақт ноустуворанд, фишангҳои хедҷикунонӣ вуҷуд надоранд ва хавфи беқурбшавии асъор сифати дороиҳоро паст менамояд. Қарзгирандае, ки асъори хориҷӣ ва имкониятҳои хедҷикунониро надорад ва қарзи асъорӣ мегирад, барои бонк хавфи хеле ҷиддиро ба бор меорад, агар асъори миллӣ беқурб шавад.

Бонкҳои гуногун дорои имкониятҳои гуногуни қарздиҳӣ мебошанд. Дар ин ҷо таҷриба ва тайёрии ҳайати кормандони бонк нақши муҳимро мебозад. Баъзе аз бонкҳо назар ба дигарон хавфҳои хеле баландро идора менамоянд. Лекин, бонк бояд бо маблағгузории хавфӣ танҳо он вақт машғул шавад, ки агар бо тарзи мувофиқ барои фаъолият дар бозор тайёр бошад. Бисёр вақт чунин тайёрӣ бояд аз таҷриба оид ба бастани созишномаҳо дар бораи гарав ва маблағгузорӣ бо дороиҳо иборат бошад. Инчунин, бояд базаи қонунгузории устувор бояд вуҷуд дошта бошад.

АДАБИЁТ

1. Бердиев Р.Б., Алиева Т. Правильное и эффективное кредитование рыночных отношений - залог устойчивого развития национальной экономики [Текст] / Бердиев Р.Б., Алиева Т. // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. 2014.-№2-3 (135).-С.209-218.
2. Бюллетени омори бонкӣ, 2018. - № 12 (281). – С.77-78. Бюллетени омори бонкӣ, 2019. - №12 (293). – С.84-85. Бюллетени омори бонкӣ, 2020. -№12 6 (299). – С.57-58. Бюллетени омории бонкӣ – Душанбе, 2020. - №12 (305). - С.86-87. Бюллетени омории бонкӣ – Душанбе, 2021. - №12 (316). - С.24-25.
3. Иброхимов И.Р. Формирование условий развития денежного рынка открытой экономики [Текст] / И.Р. Иброхимов // Вестник ТНУ.- 2016.- №2/3(201). С.7-21.
4. Икромов Ф.Н. Масоили назариявию амалии фонди нафақа дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ш.М. Давлатмуродов, Ф.Н. Икромов // Паёми молия ва иқтисод. 2021. № 1 (25). С. 87-94.

5. Икромов Ф.Н., Икромов Н.К. Механизм регулирования антикризисных мер банков в Республике Таджикистан [Текст] / Ф.Н. Икромов, Н.К. Икромов // В сборнике: Национальные экономические системы в контексте формирования глобального экономического пространства. Сборник научных трудов. Под общей редакцией З.О. Адамановой. Симферополь, 2022. С. 227-231.
6. Икромов, Н.Қ. Муҳити институтсионалии танзими зиддибуҳронии бонк дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Н.Қ. Икромов // Маҷалаи илмӣ Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – Душанбе: «ТГУК», 2021. - №1(35). - С. 14-25.
7. Икромов, Н.Қ. Назария ва амалияи танзими зиддибуҳронии низоми бонкӣ [Матн] / Н.Қ. Икромов, Ф.С. Обидов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ.-Душанбе: 2020. -№6. -С.95-103.
8. Раҳимзода Ш.М. Иқтисодиёту бонкдорӣ ва рушди онҳо дар шароити ҷаҳонишавӣ// Иқтисодиёти Тоҷикистон. 2021. № 4-1. С. 9-14.
9. Султонов З.С. Анализ состояния финансово-кредитной инфраструктуры малого предпринимательства в Республике Таджикистан/ Султонов З.С., Махмудов М.А.//Вестник Таджикского государственного университета коммерции. - Душанбе: «Сумани Кудрат», 2018. № 4(25) - С. 49-59.

УДК 336

Ғаюров Ғ.Ҳ., Ҳалимов Л.М., Сафаров М.М.

ТАЪСИРИ ХАВФИ ҚАРЗӢ БА НИШОНДИҲАНДАҲОИ МОЛИЯВИИ НИЗОМИ БОНКӢ

Дар мақола яке аз масоили мубрам дар раванди фаъолияти бонкҳо, яъне идоракунии хавфи қарзӣ дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ ва таҳқиқ қарор дода шудааст. Воқеан, идоракунии хавфҳо дар фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ ва дигар ташкилотҳои қарзӣ мавқеи калидӣ дорад ва ба вазъи молиявии онҳо таъсиргузор низ мебошад. Фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ пайваста бо хавфҳои гуногун алоқамандии бевосита дорад ва идоракунии оқилонаи он метавонад рушди минбаъдаи онҳоро таъмин намояд. Муаллифон ба он ақидаанд, ки хавфи қарзӣ дар таҳкими пардохтпазирии бонк ва вазъи молиявии он метавонад таъсири худро расонад. Асоснок карда шудааст, ки идоракунии хавфи қарзӣ бояд стратегияи махсуси коркардшударо доро бошад, то бонк тавонад дурнамои хавфҳои қарзиро муайян созад. Дар асоси маводи оморӣ, муаллифон сифати сандуқи қарзии бонкҳои тиҷоратии кишварро дар маҷмӯъ таҳқиқ намудаанд. Ҳамчунин паҳлӯҳои назариявӣ ва амалии идоракунии хавфи қарзӣ ба таври васеъ мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст ва роҳҳои идоракунии он дар шароити муосири иқтисодӣ муайян гардидааст. Ҳамин тавр, муаллифон вобаста ба идоракунии самараноки хавфи қарзӣ ва раванди иҷроиши он тавсияҳо пешниҳод намудаанд, ки метавонад дар фаъолияти ташкилотҳои қарзии кишвар мавриди истифода қарор дода шаванд.

Вожаҳои калидӣ: бонк, низоми бонкӣ, бонкҳои тиҷоратӣ, хавфи қарзӣ, идоракунии хавфи қарзӣ, сифати сандуқи қарзӣ, фонди пӯшонидани талафоти имконпазир.

Гаюров Г.Х., Халимов Л.М., Сафаров М.М.

ВЛИЯНИЕ БАНКОВСКОГО КРЕДИТНОГО РИСКА НА ФИНАНСОВЫЕ ПОКАЗАТЕЛИ БАНКОВСКОЙ СИСТЕМЫ

В статье рассматривается один из ключевых вопросов в банковской деятельности, управление кредитным риском в банковской системе Республики Таджикистан. Действительно, управление рисками занимает особое место в деятельности коммерческих банков и других кредитных организаций и влияет на их финансовое состояние. Деятельность кредитных организаций постоянно напрямую связана с различными рисками, и разумное управление ими может обеспечить их дальнейшее развитие. Авторы утверждают, что кредитный риск может повлиять на укрепление ликвидности и финансового состояния банка. Обосновывается, что для управления кредитным риском должна быть разработана конкретная стратегия, чтобы банк мог определять прогнозы кредитного риска. На основе статистических данных авторы исследовали качество ссудного портфеля коммерческих банков страны в целом. Также были широко изучены теоретические и практические аспекты управления кредитным риском и определены пути управления им в современных экономических условиях. Таким образом, авторы дают рекомендации по эффективному управлению кредитным риском и процессу его реализации, которые могут быть использованы в деятельности кредитных организаций.

Ключевые слова: банк, банковская система, коммерческие банки, кредитный риск, управление кредитным риском, качество ссудного портфеля, фонд покрытия возможных потерь.

Gayurov G.Kh., Halimov L.M., Safarov M.M.

IMPACT OF BANK CREDIT RISK ON THE FINANCIAL INDICATORS OF THE BANKING SYSTEM

The article examines and examines one of the key issues in the banking process - credit risk management in the banking system of the Republic of Tajikistan. Indeed, risk management takes a special place in the activities of commercial banks and other credit institutions and their affects financial condition. The activities of credit institutions are constantly directly related to various risks, and their reasonable management can ensure their further development. The authors argue that credit risk can affect the strengthening of a bank's liquidity and financial condition. It is argued that a specific strategy must be developed to manage credit risk so that the bank can determine forecasts of credit risk. On the basis of statistical data, the authors investigated the quality of the loan portfolio of commercial banks in the country as a whole. The theoretical and practical aspects of credit risk management were also widely studied and ways of managing it in modern economic conditions were determined. Thus, the authors give recommendations on effective credit risk management and the process of its implementation, which can be used in the activities of credit institutions.

Key words: bank, banking system, traditional banks, credit risk, credit risk management, loan portfolio quality, fund to cover possible losses.

Низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз ниҳодҳои асосии иқтисодиёти кишварро ташкил намуда, дар рушду нумӯи он саҳми назаррас дорад. Низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон дузинагӣ буда, аз Бонки миллии Тоҷикистон ва ташкилотҳои қарзию молиявӣ иборат мебошад. Дар натиҷаи бурдани назорати қатъӣ аз болои фаъолияти бонкҳо ва андешидани чораҳои таъхирнопазир аз соли 2016 сар карда дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйиротҳои ҷиддӣ ба амал омаданд, ки боиси солимии он гардид.

Яке аз нишондиҳандаи муҳими фаъолияти ташкилотҳои қарзии молиявӣ, аз ҷумла бонкҳо ин нишондиҳандаи пардохтпазирӣ ба хисоб меравад. Ин нишондиҳанда ба санаи 31 декабри соли 2020 дар маҷмӯъ дар низоми бонкии Тоҷикистон ба 71% баробар шуда, аз меъёри мукарраргардида 41 банди фоизи зиёд мебошад, ки ин дар маҷмӯъ аз пардохтпазирии низоми бонкӣ шаҳодат медиҳад.

Андешидани тадбирҳои саривақтӣ аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон ҷиҳати дастгирии пардохпазирии низоми бонкӣ, махсусан дар давраи хуруҷи пандемияи коронавирус (COVID-19) паст кардани меъёрҳои захираҳои хатмии ташкилотҳои қарзии молиявӣ аз рӯи пасандозҳо ва ӯхдадориҳои дигари ба онҳо монанд, муваққатан аз 01 апрели соли 2020 то 31 декабри соли 2020 бо пули миллӣ ба андозаи 2,0 банди фоизӣ ва бо асъори хориҷӣ ба андозаи 4,0 банди фоизӣ имкониятҳои молиявии ташкилотҳои қарзиро дар ин давра бехтар намуда, ба маблағи 241,7 млн. сомонӣ дастрасии манбаъҳои иловагии пардохтпазириро барои ташкилотҳои қарзӣ таъмин намуд.

Чи тавре, ки А.И. Архипов дарҷ менамояд хавф ҳамчун “эҳтимолияти сар задани зарар дар фаъолият ва амалиёт” ба ҳисоб меравад [10,с.25]. Хавф дар корҳои илмӣ таҳқиқотии А.В.Смирнов “ҳамчун эҳтимолияти ба вуқӯъ пайвастани ягон ҳодиса ё оқибати нохуш мебошад, ки ба хисороти мустақим ё зарари бавосита оварда мерасонад” шарҳ дода шудааст [8, с.17].

Дар ин самт, П.Роуз низ таҳқиқотҳои илмӣ анҷом додааст ва хавфро ҳамчун “номуайянӣ, ки бо ҳодисаи муайян алоқаманд аст” таъриф додааст [1,с.743]. Илова ба ин, дар сарчашмаҳои илмии иқтисодӣ хавфи бонкро бештар бо кохишёбии даромади бонк низ алоқаманд медонад, ки ин пеш аз ҳама аз низоми идоракунии хавфҳо вобастагӣ дорад [6,с.118]. Вокеан, низоми идоракунии хавфхо агар ба таври комил рохандози гардида бошад, метавонад самаранокии фаъолияти бонкро таъмин созад. Ба ақидаи Алиева З. мавқеи роҳбарияти бонк дар чунин шароит, вобаста аз он, ки ҳадафи асосӣ устуворӣ ва даромаднокӣ мебошад, метавонад консервативӣ (хавфи ҳадди ақал) ва шаддид (бо умеди даромади баландтар ба хавф афзалият додан) бошад. Ба таври идеалӣ, мувозинати ин ҳадафҳоро бояд нигоҳ дошт. Танҳо он вақт бонк муваффақ хоҳад шуд [2,с.75]. Ҳамзамон хавфи бонкиро аз таҳдид фарқ мекунанд, чунки якум мафҳум бо фаъолияти қонунии тиҷоратии бонк ва амалиёти он алоқамандӣ дошта, мафҳуми “таҳдид” дар фаъолияти зиддиинсонӣ ва ғайриқонунӣ шарҳ меёбад. Идоракунии хавфҳо самти муҳим дар соҳаи бонкдорӣ мебошад, ки самаранокии он, хусусан дар ҳолати бесуботии имрӯзаи муҳити молиявӣ вобаста аст. Ба ақидаи мо, идоракунии хавфҳои бонкӣ бояд аз иҷрои муттасили вазифаҳои идоракунӣ иборат бошад. Истифодаи пайдаппайи вазифаҳои зерин тавсия дода мешавад: банақшагирӣ, ташкил, арзёбӣ, танзим ва назорат. Раванди идоракунии бонкҳои тиҷоратӣ татбиқи пайвастаи ҳамаи ин вазифаҳоро дар бар мегирад. Банақшагириро метавон ба стратегӣ ва амалиётӣ тақсим кард.

Яке аз муҳимтарин вазифаҳои банақшагирӣ таҳияи сиёсати лимити хавфҳо мебошад. Илова бар ин, сохтори ибтидоии системаи идоракунии хавфҳо мавқеи махсус дорад. Дар ин самт марҳилаи муҳим ба нақша гирифтани фаъолияти бонк дониста мешавад. Раванди фаъолияти бонк ба таври самаранок идора намуда шавад дар он ҳолат даромаднокӣ ва вазъи молиявии бонк метавонад таъмин гардад. Шароити муосир нишон медиҳад, ки менеҷмент дар аксари бонкҳои тиҷоратӣ хуб ба роҳ монда нашудааст. Зеро дар ин самт заминаи моддӣ-техникӣ дар бонкҳо мавҷуд нест. Идоракунӣ пеш аз ҳама, бояд ба самти хавфҳои бонкӣ нигаронида шуда бошад. Идоракунии хавф дар ташаккули фаъолияти бонк, асосан ба дараҷаи роҳбарӣ ва менеҷерони он вобаста аст. Ташкили дуруст дар идоракунии хавфҳо муҳим аст. Зеро бонк бояд воҳиди алоҳидаи идоракунии хавфҳо дошта бошад ва тақсимоти ваколатҳо дар ин самт дар байни воҳидҳои мухталифи бизнес, ки фаъолияташон воқеан ба хавфҳои муайян дучор мешавад, самараноктар бошад. Дар ин самт, Ҳикматов У.С. ба маврид қайд намудааст, ки бюроҳои қарзӣ барои кам кардани хавфҳо, пеш аз ҳама хавфҳои қарзӣ бо роҳи пешниҳоди иттилооти ҷорӣ ва таърихӣ оид ба пардохти қарзҳо аз

ҷониби мизоҷ мусоидат менамоянд [10,с.22-25]. Тибқи нишондоди сарчашмаҳои илмӣ низоми идоракунии хавф – ин унсури калидӣ дар фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ мебошад [5]. Раванди пешниҳодкунии қарз ва самаранокии баргардиши он аз баҳодиҳии оқилонаи хавфҳо вобастагӣ дорад. Аз самаранокии роҳандозии ин низом фаъолияти пурраи ташкилотҳои қарзӣ вобастагии калон дорад. Дар ин самт бояд мутахассисони баалндихтисос ба ташкилотҳои қарзӣ ҷалб карда шаванд. Зеро идоракунии хавфҳо малакаи баланди тахассусиро тақозо менамояд.

Ташкилотҳои қарзӣ бояд мунтазам раванди идоракунии хавфҳоро бо мақсади таъмини пуррагӣ, мустаҳкамӣ ва боэътимодии ин низом таҳлил намоянд. Ин амал метавонад барои паст намудани таъсири манфии хавфҳо ба фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ оварда расонад ва самаранокии фаъолияти онҳоро баланд бардорад.

Ҳамин тавр, метавонем зикр намуд, ки идоракунии хавфҳо дар ташкилоти қарзӣ яке аз масъалаи муҳиму рӯзмара арзёбӣ мегардад ва дар ин самт Бонки миллии Тоҷикистон заминаи меъёрӣ-ҳуқуқӣ таҳия намудааст, ки ҳамчун дастур бояд бонкҳо аз он истифода намоянд. Танзими хавфҳо дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи роҳнамо «Дар бораи ташкили низоми идоракунии хавфҳо ва назорати дохилӣ дар ташкилотҳои қарзӣ» ва Дастурамали БМТ № 181 “Дар бораи талабот ба низоми идоракунии хавфҳо ва назорати дохилӣ дар ташкилоти қарзӣ” идора карда мешавад [3,8.с.22,с.25]. Вобаста ба нишондоди санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ҳадди аққали низоми идоракунии хавфҳои карзӣ дар ҳуҷҷатҳои зерини ташкилоти қарзӣ бояд инъикос гардад:

-сиёсати карзӣ, -стандартҳо ва тартиби қабули қарор оид ба додани қарзҳо, -маъмурикунонии қарзҳо, -мониторинги қарзҳо, -идоракунии қарзҳои ғайрифаъол, -низоми иттилоотии идоракунӣ, -назорати дохилӣ, баҳогузории самаронокии низоми идоракунии хавфҳои қарзӣ аз тарафи аудити дохилӣ ва ғ. Гузашта аз ин, тибқи Дастурамали № 181-и БМТ “Дар бораи талабот ба низоми идоракунии хавфҳо ва назорати дохилӣ дар ташкилоти қарзӣ” низоми идоракунии хавфҳо – ин равандест, ки чор унсури асосиро дар бар мегирад: -баҳодиҳии хавф,-андозагирии хавф, -назорати хавф, -мониторинги хавф. [3,с.3]. Вобаста ба ин, мавриди қайд аст, ки идоракунии хавфҳои бонкӣ ва махсусан хавфи қарзӣ яке аз вазифаҳои мушкил дар раванди фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ ба ҳисоб меравад. Зеро баҳодиҳӣ, мониторинг, банақшагирӣ ва назорати ҳар як амалиёти бонк бояд таҳти танзими пайваста бошад. Дар санадҳои меъёрии зикр гардида паҳлӯҳои гуногуни идоракунии хавфҳои бонкӣ ва усулҳои муосири он баррасӣ ва тавсия гардидааст.

Нишондиҳандаи дигари муҳими низоми бонкӣ ин ҳаҷми карзҳо ба соҳаҳои мухталифи иқтисодиёти кишвар мебошад. Дар соли 2020 бақияи қарзҳои бонкҳои анъанавии кишвар ба 8 809 млн.сомонӣ баробар шуд, ки он нисбат ба ҳамин давраи соли 2016, 687 млн. сомонӣ ё 8,5% зиёд аст. Ин дар ҳоле мебошад, ки дар ин давра фаъолияти 4 бонки тиҷоратӣ, аз ҷумла: ҶСК “Агроинвестбонк”, ҶСК “Тоҷиксодиротбонк”, ҶСП Тоҷпромбонк” ва ҶСП “Фононбонк” бозхонд гардид. Ҳаҷми қарзҳои бataъхирафтода бошад дар ин давра аз 3 171 млн.сомонӣ то ба 1 149 млн. сомонӣ коҳиш ёфт, ки ин ҳам яке аз нишондиҳандаҳои солимгардии низоми бонкӣ ва пастшавии хавфи қарзӣ ба ҳисоб меравад. Ҳамзамон дар ин давра бақияи умумии пасандозҳо 18,2% зиёд шуд, ки он нишонаи баланд шудани эътимоди мардум ба низоми бонкии мамлакат мебошад.

Дар сатҳи зарурӣ ташаккул ёфтани сармояи худии бонкҳо дар ҳама ҳолат гарави эътимоднокии ҳар як ташкилоти қарзию молиявӣ мебошад. Ба дараҷаи зарурӣ ташаккулёбии сармояи худии бонкҳо на танҳо зарур аст, балки қисми ҷудонашавандаи захираҳои молиявии бонк ба ҳисоб рафта, барои ҷалби маблағҳои муваққатан озоди аҳолӣ аҳамияти муҳим дорад. Дар сатҳи зарурӣ ташаккул додани сармояи худии бонкҳо барои он муҳим аст, ки қарздиҳандагон (маблағгузорон) бояд боварӣ дошта бошанд, ки дар лаҳзаҳои мушкил онҳо метавонанд ба сармояи худии бонк, бо назардошти хавфҳои мавҷудаи қарзӣ ва кафолати баргардонидани пасандозҳои худ такя намоянд (ҷадвали 1). Ҳамчунин зиёдшавии сармояи бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити муосир барои пешниҳоди

хизматрасониҳои сифатан хуб ва самаранок замина мусоидро фароҳам оварда ба даромаднокӣ ва вазъи молиявии онҳо таъсири мусбӣ хоҳад гузошт. Яке аз мушкилоти асосӣ имрӯз дар бахши бонкии кишвар низ ҳамин аст, яъне афзоиши ғайримуътадили сармояи бонкҳо. Дар ин самт, идоракунӣ ва назорати хавфи қарзӣ нақши калидӣ дорад. Маълум аст, ки зиёда 80% - и даромади бонкҳои тиҷоратии кишвар аз амалиёти қарзӣ вобаста аст. Аз ин хотир, идоракунӣ ва баҳодиҳии хавфи қарзӣ дар фаъолияти бонкҳо бояд дар мадди аввал гузошта шавад. Менигарем ба ҷадвали 1.

Ҷадвали 1. Нишондиҳандаҳои молиявии бонкҳои тиҷоратии Ҷумҳурии Тоҷикистон (барои солҳои 2016-2020)

Нишондиҳандаҳо	Соли 2016	Соли 2020	Фарқият +, -	Фарқият бо %
Дороиҳои бонкҳои анъанавӣ, млн.сомонӣ	18 672	22 643	3 971	21,3
аз ҷумла, дороиҳои пардохтпазир	6 048	6 969	921	15,2
Уҳдадориҳои бонкҳои анъанавӣ, млн. сомонӣ	14 011	16 635	2 624	18,7
Сармояи бонкҳои анъанавӣ, млн. сомонӣ	4 661	6 009	1 348	28,9
Ҳачми умумии бақияи пасандозҳо дар бонкҳои анъанавӣ, (млн. сомонӣ):	8 849	10 463	1 614	18,2
аз ҷумла, пасандозҳои (амонатҳои) дархостшаванда, млн. сомонӣ	3 273	5 719	2 446	74,7
Бақияи қарзҳо, ҷамъ (млн. сомонӣ)	8 122	8 809	687	8,5
Ҳаҷми қарзҳои бataъхирафтода, млн. сомонӣ	3 171	1 149	-2 022	-63,8
Фонди пушонидани талафотҳои имконпазир (ФПТИ) аз руи қарзҳо, млн. сомонӣ	-1 673	1 790	117	-7,0

Сарчашма: Ҳисоби муаллифон дар асоси маълумотҳои бюллетени омори бонкӣ- № 12, 2016, 2018, 2019,2020.таҳия шудааст.

Бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити муосир яке аз институҳои муҳими низоми хоҷагидорӣ дар ҳар як кишвар дониста мешавад ва ба монанди дигар субъектҳои иқтисодӣ дар раванди фаъолияти худ ба хавфҳои гуногун рӯ ба рӯ мегарданд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ бонкҳои тиҷоратӣ дучори хавфҳои зиёде мегарданд, ки баҳодиҳӣ ва идоракунии онҳо бояд дар мадди аввал гузошта шавад. Низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон сол аз сол инкишоф ёфта истодааст ва дороиву сармояи ташкилотҳои қарзӣ дар навбати худ афзуда истодаанд. Таҳлили нишондиҳандаҳои ҷадвали 1 аз он шаҳодат медиҳанд, ки дороиҳои низоми бонкӣ дар соли 2020 маблағи 22 643 млн. сомониро ташкил дода, нисбат ба ҳамин давраи соли 2016 ба маблағи 3 971 млн. сомонӣ ё 21,3 дарсад зиёд шудаанд. Уҳдадориҳои умумӣ ва сармояи тавозунии бонкҳо бошанд, мувофиқан ба 16 635 млн. сомонӣ ва 6 009 млн. сомонӣ баробар шуда, зиёдшавии онҳо дар муқоиса ба ҳамин давраи соли 2016 мутаносибан 18,7 фоиз ва 28,9 дарсадро ташкил намуд. Дар соли 2020 сармояи бонкҳои тиҷортии кишвар дар маҷмӯъ 6 009 млн. сомониро ташкил намуд, ки он нисбат ба соли 2016 ба андозаи 1 348 млн. сомонӣ ё 28,9 дарсад афзудааст.

Масъалаи калидии дигар дар раванди фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ ин баҳодиҳӣ ва мониторниги пайвастаи сандуқи қарзӣ мебошад, ки дар худ сатҳи даромаднокии бонкҳоро инъикос менамояд. Ҳар як бонк дар раванди фаъолияти худ ӯҳдадор аст, ки сифати сандуқи қарзиро худро пайваста баҳогузорӣ намояд. Менеҷерони бонк арзёбии сифати сандуқи қарзиро аз рӯйи ҳар як намуди қарзҳо, ба монанди қарзҳои қолабӣ, қарзҳои зери назоратӣ, қарзҳои ғайриқолабӣ, қарзҳои шубҳанок ва қарзҳои беэътимод гузаронида, назоратро аз рӯйи созишномаҳои қарзӣ, беҳдошти ин ё он элементҳои ташкили ҷараёни қарзӣ ва ғайраро муайян месозанд (ҷадвали 2).

Аз нишондиҳандаҳои ҷадвали 2 мушоҳида намудан мумкин аст, ки сифати сандуқи қарзии бонкҳои тиҷоратӣ дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2016 то соли 2020 тағйиротҳои куллӣ ба вуҷуд омаданд. Дар баробари зиёд шудани ҳаҷми сандуқи қарзӣ (зиёда аз 8,5%) ҳиссаи қарзҳои қолабӣ аз 32,99% - и соли 2016 ба 66,74% дар соли 2020 расида, ҳаҷми қарзҳои беэътимод аз 39,26% то ба 14,81% кам шуд. Ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки бонкҳои тиҷоратӣ бо назардошти рушди иқтисодиёт ва инкишофи муносибатои

иқтисодӣ фаъолияти худро ба роҳ монда, оид ба беҳтарсозии сифати сандуқи қарзӣ ва ташкили ҷараёни пешниҳоди қарз чораҳои заруриро андешидаанд.

Ҷадвали 2. Сифати сандуқи қарзии бонкҳои анъанавии Тоҷикистон (барои солҳои 2016-2020 млн.сомонӣ)

Нишондиҳандаҳо	2016	2017	2018	2019	2020	2020/2016 (+/-,%)
Сандуқи қарзӣ	**8 122**	**6 811**	**6 607**	**7 578**	**8 809**	**8,5%**
Қарзҳои қолабӣ	2 679	3 398	3 301	4 929	5 879	119,42%
аз он ҷумла бо %	**33%**	**50%**	**50%**	**65%**	**66,8%**	**33,75%**
Қарзҳои зери назоратӣ	1 053	519	784	239	486	-53,82%
аз он ҷумла бо %	**13%**	**7,6%**	**12%**	**3,2%**	**5,5%**	**-7,45%**
Қарзҳои ғайриқолабӣ	994	518	231	31	209	-78,94%
аз он ҷумла бо %	**12%**	**7,6%**	**3,5%**	**0,4%**	**2,4%**	**-9,87%**
Қарзҳои шубҳанок	206	336	450	150	930	351,46%
аз он ҷумла бо %	**2,6%**	**4,9%**	**6,8%**	**2,0%**	**10,5%**	**8,02%**
Қарзҳои беэътимод	3 189	2 040	1 841	2 229	1 305	-59,09%
аз он ҷумла бо %	**39,4%**	**29,9%**	**27,8%**	**29,4%**	**14,8%**	**-24,45%**

Сарчашма: Ҳисоби муаллифон дар асоси маълумотҳои бюллетени омори бонкӣ- № 12, 2016, 2018, 2019,2020 таҳия шудааст.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки таи солҳои охир дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон болоравии баъзе аз намудҳои хавфи бонкӣ ба монанди: хавфи фоизӣ, хавфи асъорӣ, хавфи амалиётӣ, хавфи талафи пардохтпазирӣ ба назар мерасад. Илова бар ин, дар доираи ҳадафгириҳои мақсадноки Бонки миллии Тоҷикистон низоми танзими хавфҳои бонкӣ то андозае ин раванд мароми худро ёфтааст.

Аз ҳадафмандона идора намудани хавфҳои қарзӣ самаранокии фаъолияти ташкилоти қарзӣ вобастагии калон дошта, аз ҷумла, барои таъмини кифоятии сармояи танзимшаванда, зиёд шудани дороиҳо, баланд шудани эътимоднокии бонк дар назди муштариён мусоидат менамояд.

Бо мақсади назорати пурра ва мақсадноки сифати дороиҳо Бонки миллии Тоҷикистон тартиби ягонаи ташкил ва истифода намудани захираи хавфҳои қарзӣ ва пӯшонидани талафоти имконпазирро аз рӯи дороиҳо муқаррар намудааст. Тибқи санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии муайяннамудаи Бонки миллии Тоҷикистон ташкилоти қарзӣ барои нигоҳ доштани пардохтпазирӣ, мусоидат намудан ба ҳифзи манфиатҳои саҳмиядорон ва муштариёни худ бояд саривақт дороиҳои ғайрифаъолро ошкор намуда, ҷиҳати пешгирии талафоти ба онҳо алоқаманд чораҳои зарурӣ андешанд.

Вобаста дар ин самт, ташкилотҳои қарзӣ бояд сохтори дахлдори идоракуниро барои муайянкунӣ, баҳодиҳӣ, мониторинг ва назорати хавфи қарзии амалиёти бонкӣ дошта бошад.

Баҳодиҳии сифати дороиҳо, баҳодиҳии вазъи молиявии муштарӣ, пеш бурдани таснифот, муайян кардани арзиши фурӯши молу мулки ба гарав гузошташуда ва ташкил намудани фонд бояд дар алоҳидагӣ аз ҷониби ташкилоти қарзӣ гузаронида шавад, бахусус дар робита бо қарзҳои ба ҳам алоқаманд, қарзҳои шахсони вобаста, ҳамаи қарзҳои ғайрифаъол ва қарзҳои аз меъёри муайяншуда зиёд. Чунин баҳодиҳӣ бояд аз ҷониби ташкилотҳои қарзӣ ба таври доимӣ гузаронида шуда, натиҷаҳои он дар парвандаҳои қарзӣ нигоҳ дошта шавад. Бонки миллии Тоҷикистон ҳаҷми қарзҳои калонро аз меъёри муайяншуда калон ба маблағи 100 000 (сад ҳазор) сомонӣ ё, ки 2%-и сармояи танзимшавандаи ташкилоти қарзӣ муайян намудааст. Гузашта аз ин, дар санадҳои дастурии Бонки миллии Тоҷикистон вобаста ба ҳолати молиявии муштариён қарзҳо гуруҳбандӣ шудаанд, ки тибқи онҳо сифати сандуқи қарзии ташкилотҳои қарзӣ муайян ва таҳия карда мешавад. Ҳамин тавр, қарзҳо ба таври зерин гуруҳбандӣ шудаанд [3, с.24]:

− қолабӣ;

− зери назорат;
− ғайриқолабӣ;
− шубҳанок;
− беэътимод.

Вобаста ба таснифоти дар боло овардашуда, метавон зикр намуд, ки қарзҳои “қолабӣ” ҳамон қарзҳоеро меноманд, ки ҳолати молиявии мизоҷ хуб аст ва қарз бо фоизаш сари вақт пардохт мегардад. Қарзҳои “зери назорат” ин қарзҳое мебошанд, ки муштари намметавонад сари вақт маблағи қарз ва фоизи онро пардохт намояд. Агар муштарӣ дар давоми аз 8 то 30 рӯз маблағи қарзашро напардозад, он гоҳ бонк чунин қарзҳоро ба гурӯҳи қарзҳои “зери назорат” ворид менамояд. Қарзҳои “ғайриқолабӣ” қарзҳои ба ҳисоб мераванд, ки мӯҳлати пардохти онҳо аз 30 то 60 рӯз гузуштааст ва муштарӣ вазъи молиявии бад дорад. Чунин қарзҳоро бонкҳо ба гурӯҳи қарзҳои ғайриқолабӣ мегузаронанд. Қарзҳои “шубҳанок” чунин қарзҳое ба ҳисоб мераванд, ки вақти пардохти онҳо аз 60 рӯз гузаштааст ва маблағи қарз ба суратҳисоби бонк пардохт нашудааст. Қарзҳои “беэътимод” ин қарзҳое дониста мешаванд, ки вазъи молиявии муштарӣ дар ҳолати носолим қарор дорад ва муштарӣ наметавонад қарзро баргардонад [4, с.7].

Ин нишонаи он аст, ки бонкҳо ҷиҳати кам намудани хавфҳои қарзӣ дар ин давра чораҳои зарурӣ андешидаанд. Ҳамзамон қайд кардан ба маврид аст, ки солҳои охир назорат аз ҷониби Бонки миллии Тоҷикистон нисбати кам кардани хавфҳои қарзӣ зиёд шудааст.

Маълум аст ки, қарзи барнагашта барои ташкилоти қарзӣ ин маънои кам шудани қисме аз дороиҳои онро дорад. Ҳамзамон, набояд фаромӯш кард, ки сабаби асосии барнагаштани қарз ин аввалан масъулияти ташкилоти қарзӣ мебошад, на ин ки масъулияти муштарӣ. Фаъолияти бонк, ки амалиётҳои гуногунро дар бар мегирад, сарчашмаи муҳайё намудани шароит барои сари вақт баргаштан ё барнагаштани қарз мебошад. Дар ин гуна шароит, бо назардошти мушкилиҳои мавҷудаи хавфҳои карзӣ, бонкҳоро зарур аст, ки муносибатҳои ба амал омадаро дар фаъолияти худ фарохтар баҳо диҳанд.

Аз нуқтаи назари иқтисодӣ ва молиявӣ дар низоми бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳодиҳии сифати таъминнокии қарз ва мушкилиҳои баргаштани он бояд на танҳо аз рӯи зарурият ва пуррагии таъминот, балки аз рӯи пуррагии он натиҷагирӣ карда шавад [7;9]. Пуррагии сифати баҳодиҳии таъминотро муносибати байни қарздеҳ, қарзгир ва субъекти сеюм- баҳогузори мустакил, ки метавонад ҳамчун шахси бетараф иштирок карда, таъминоти пешниҳодшударо холисона баҳогузорӣ намояд, ташкил менамояд. Яке аз сабабҳои асосии ба вуҷуд омадани хавфҳои қарзӣ (барнагаштани қарзҳо ва фоизҳои онҳо), дар қатори дигар хатогиҳо, ин роҳ додан ба камбудиҳо дар идоракунии корпоративии бонкҳо маънидод карда мешавад.

Бинобар ин, идоракунии дурусти хавфҳои қарзӣ яке аз омилҳои асосии баланд бардоштани эътимоднокии ташкилотҳои қарзӣ, таъмини кифоятии сармоя ва дар сатҳи зарурӣ нигоҳ доштани пардохтпазирии ташкилотҳои қарзӣ буда, ташкилотҳои қарзиро зарур аст, ки ба ин масъала диққати ҷиддӣ диҳанд. Ҳар як ташкилоти қарзӣ бояд сари вақт ва мукаммал ба низоми идоракунии хавфҳои қарзӣ аҳамият диҳад. Дар раванди фаъолият ва қабули стратегияҳои дохилӣ бонкҳоро зарур аст бо назардошти вазъи муосири иқтисодӣ ва густариши муносибатҳои иқтисодӣ хавҳои қарзиро баҳогузорӣ ва баркашанд.

АДАБИЁТ

1. Алиева З.Р. Формы и методы управления рисками в банковской практике // УЭПС. 2016. №4. – С.75-82.
2. Гаюров Г.Х. Развитие инвестиционно -кредитной деятельности банков в условиях высокого риска/ Вестник ТНУ. – 2015. № 2/4 (169) -С.223-226.

3. Дастурамали № 181 “Дар бораи талабот ба низоми идоракунии хавфҳо ва назорати дохилӣ дар ташкилоти қарзӣ”. Тағйирот бо Қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон таҳти №20 аз 31 марти с. 2017 тасдиқ шудааст.
4. Дастурамали №215 “Дар бораи тартиби ташкил ва истифодаи захира ва фонди пӯшонидани талафоти имконпазир аз рӯи дороиҳо” Илова бо Қарори Раёсати Бонки миллии Тоҷикистон 171 аз “26” декабри с.2019 тасдиқ шудааст.
5. Одинаев С.П. Бонкҳои тиҷоратӣ: нақш, мақом ва аҳамияти онҳо дар муносибатҳои иқтисодии муосир. / Ахбори АИ ҶТ – Душанбе 2019, №4 (257), С.143-148.
6. Одинаев С.П. Бонки миллии тоҷикистон ва нақши он дар танзими фаъолияти бонкҳои тиҷоратӣ / Одинаев С.П. // Вестник ТНУ. – Душанбе 2021, №2. С. 179-186.
7. Раҳимзода Ш.М. Иқтисодиёту бонкдорӣ ва рушди онҳо дар шароити ҷаҳонишавӣ// Иқтисодиёти Тоҷикистон. 2021. № 4-1. С. 9-14.
8. Роҳнамо «Дар бораи ташкили низоми идоракунии хавфхо ва назорати дохилӣ дар ташкилотҳои қарзӣ». Бо қарори Раёсати Бонки миллии Тоқикистон аз 16 майи соли 2019 тасдик шудааст.
9. Султонов З.С. Анализ состояния финансово-кредитной инфраструктуры малого предпринимательства в Республике Таджикистан/ Султонов З.С., Махмудов М.А.//Вестник Таджикского государственного университета коммерции. - Душанбе: «Сумани Кудрат», 2018. № 4(25) - С. 49-59.
10. Хикматов У.С., Хикматов М.С. Необходимость и значение кредитного бюро в сокращении рисков микрофинансирования /Вестник Кыргызско-Российского Славянского университета. - 2013. - Т. 13. - № 2. С. 22-25.

УДК 338.4

Ҷамшедов М.Ҷ., Исмонов М.А.

САЙЁҲӢ – САМТИ МУҲИМИ ТАЪМИНКУНАНДАИ РУШДИ ИҚТИСОДИ МИЛЛӢ

Дар мақола оид ба масъалаҳои асосии рушди соҳаи сайёҳӣ дар ҷумҳурӣ ва минтақаҳои мухталифи он, шарҳу тавзеҳи мушаххаси истилоҳҳои соҳаи сайёҳӣ: “туризм”, “тур”, “турист”, “сайёҳӣ” ва дигар мафҳумҳои хоси он, инчунин роҳҳои муосири тайёр намудани кадрҳои соҳаи сайёҳӣ бештар аҳаммият дода шудааст.

Вожаҳои калидӣ: сайёҳӣ, туризм, тур, турист, сайёҳ, сафар, куч, муҳоҷират, мусофират, сайру саёҳат.

Джамшедов М.Дж., Исмонов М.А.

ТУРИЗМ – ВАЖНОЕ НАПРАВЛЕНИЕ В РАЗВИТИЕ НАЦИОНАЛЬНОЙ ЭКОНОМИКИ

В статье по основным вопросам развития индустрии туризма в республике и ее различных регионах даны конкретные разъяснения терминов: «туризм», «тур», «турист», «турист» и другие специфические концепции, а также современные способы подготовки высококвалифицированных кадров даны важное значение в сфере туризма.

Ключевые слова: туризм, тур, турист, поездка, миграция, путешествие.

Jamshedov M.J., Ismonov M.A.

TOURISM IS AN IMPORTANT DIRECTION THAT ENSURES DEVELOPMENT NATIONAL ECONOMY

The article on the main issues of the development of the tourism industry in the republic and its various regions gives specific explanations of the terms of the tourism industry: "tourism", "tour", "tourist", "tourist" and other specific concepts, as well as modern methods of training. The tourism sector is more important.

Key words: tourism, tourism, tour, tourist, tourist, trip, power, migration, passenger, travel.

Зарурати соҳаи сайёҳӣ барои иқтисоди миллии бархе аз кишварҳо муҳим арзёбӣ шуда, алалхусус саҳми он дар рушди иқтисоди Тоҷикистон хеле арзишманд арзёбӣ гардидааст.

Аз ҷониби Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон эълон гардидани солҳои 2019-2021 “Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ” далели ин гуфтаҳост.

Дар тӯли даҳсолаҳои охир барои ташаккул ва рушду нумӯи бозори хизматрасонии сайёҳӣ, омӯзиши вазъ ва таҳкими босуботи он, афзоиши рақобаттавонии субъектҳои хоҷагидор давра ба давра тадбирҳои судманд андешида шуданд. Дар радифи ин гуфтаҳо аз ҷониби давлату ҳукумат Консепсияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2009-2019 ва Барномаи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2020 таҳия ва ба тасвиб расиданд. Стратегияи рушди сайёҳӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 қабул шуд. Инчунин қобили зикр аст, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои инкишофи соҳаи сайёҳӣ имтиёзҳои андозӣ ва боҷу хироҷи гумрукириро пешниҳод кардааст. Тибқи ин дастур корхонаву ширкатҳои сайёҳии кишвар дар панҷ соли оғози фаъолияташон аз андоз аз даромад ва воридоти таҷҳизотҳои зарурии соҳавӣ, мошинҳо ва масолеҳи сохтмонӣ барои сохтмони инфрасохторҳои поягии соҳаи сайёҳӣ аз андоз аз арзиши иловашуда ва андози гумрукӣ озод карда шудаанд, ки ин дастгирии саривақтӣ буда метавонад ба рушди устувори соҳаи мазкур таккони ҷиддӣ бахшад.

Сайёҳӣ дар шароити кунунӣ яке аз соҳаи муҳим ва мустақили зудрушдкунандаи иқтисоди милии ҳар як кишвари ҷаҳон маҳсуб меёбад. Ин соҳа дар даврони иқтисоди бозорӣ аз дигар соҳаҳои ҷомеа аз нигоҳи иқтисодӣ фаъолияташ бештар самарабахштар мебошад. Чунки сайёҳирро тибқи гурӯҳбандии анаънавӣ бештар ба бозори хадамот марбут медонанд. Бино бар ҳамин, дар ҷаҳон кишварҳоеро дучор шудан мумкин аст, ки кулли маҷмуи маҳсулоти миллиашонро пиромуни ин соҳа (Барбадос ва Ҷазираҳои Сейшел) ба даст меоваранд. Акнун мепардозем ба шарҳу тавзеҳоти ҳар як истилоҳотҳои соҳаи сайёҳӣ.

Истилоҳи «туризм» ибораи фаронсавӣ буда, дар забони форсӣ - тоҷикӣ маънои сайёҳиро медиҳад, он аз ду қисмати таркибӣ иборат мебошад:

- қисмати аввали истилоҳи мазкур «тур» аслан маънои сайёҳат кардан, сафар кардан, гашту гузор намудан ё сайру сайёҳат ва мусофират кашидан мебошад;
- пас, пасванди «изм» ишора ба мактаб ё андешаи фалсафӣ, мазҳабӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва ғайраҳоро ифода менамояд.

Бино бар ин, сайёҳӣ ба як маъно мактабест, ки пояи фикрии он ба сайру сайёҳат бештар далолат менамояд.

Решаи юнонии ин вожа «Турин» аст, ки аз Юнон ба Испания, сипас ба Франсия ва аз он ҷо ба Англия ворид шударо, ифода менамояд.

Дар асри 14 мелоди калимаи «tour» ба маънои «навбат» ё «давраи хидмат», дар садаи 15 ба маънои «ҳаракати давронӣ», яъне дуру дароз ва тӯлонӣ ва дар асри 17 ба маънои «мусофират кардан ба атроф» истифода мешуд. Дар асрҳои 18 ва 19 бошад, истилоҳи калимаҳои «туризм» ва «турист» пояи решагии ин вожаҳо аз ибораҳои дар боло зикршуда пайдо шуда буданд. Истилоҳи «туризм» натанҳо дар забонҳои фаронсавӣ ва англисӣ, балки

дар аксар забонҳои зиндаи дунё бо андаке тағйироту иловаҳо дар талаффуз мафҳуми якхеларо ифода менамояд. Дар забони франсавӣ «тур» илова бар истилоҳоти «навбат» ба мафҳуми «ҳаракат», «мусофират» ва «сайру сайёҳат»-ро ифода мекунад. Яъне он сайру сайёҳатро ба таври умумӣ хоҳ ба сайри сайёҳати олам ё худ ҳаракат ба мавзеъҳои таърихиву фарҳангӣ тааллуқдоштаро бештар маънидод менамояд. Дар фарҳанги форсӣ ба маънои вожаи «сайёҳӣ» чунин таърифҳо дода шудааст: - «ба сайру сайёҳати олам баромадан ва омӯзиши ҳаматарафаи онро доштан», «мусофират барои тафриҳ ва алоқамандӣ» ва сафаре дониста мешавад, ки мусофир дар интиҳо бо мақсади ноил шудан ба ҳадафи асосии хеш боз ба маҳалли зист баргаштан аст.

Ҳамин тавр, ба назар мерасад, ки ҳар таърифи додашуда метавонад ба таври амиқу возеъ мафҳуми «сайёҳӣ»-ро комил барои мо шарҳу тавзеҳ медиҳад.

Дар моддаи 2 қисми 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи туризм» (с.2012) мафҳуми «туризм – сайёҳ» чунин маънидод карда шудааст: «туризм — шуғле, ки низоми ташкили усулҳои гузаронидани истироҳатро бо мақсадҳои солимгардонӣ, шиносоӣ, зиёрат (ба истиснои ҳаҷ), тиҷоратӣ, варзишӣ, касбию хизматӣ ва дигар мақсадҳо тавассути саёҳат (тур) ва будубоши муваққатии берун аз ҳудуди ҷои истиқомати доимӣ ба роҳ мемонад» [1, с. 1].

Бо вуҷуди он, ки дар боло ба вожаи «сайёҳӣ» маъниҳои гуногун дода шуд, бисёре аз муҳаққиқон, соҳибназарон ва аҳли илм, таҳқиқотҳои байналмилалии хешро оид ба вожаи «сайёҳӣ» қабул намуда онро ба расмият шинохтаанд, ки гуфтаҳои зер ҳар чи бештар аз он далолат менамояд:

«Мусофироне, ки мақсади ҳадди ақали якшаба иқомат доштан ва муҳлати мусофириашон аз як сол зиёд нест, фаҳмида мешавад» [3, с. 5].

Ин таъриф бештар ба мусофирати тиҷоратӣ, фарахбахшӣ ё дидиву боздидиро дар назар дорад. Дар адабиёти соҳавӣ бештар аз ҳама ин гуна шарҳи истилоҳи «сайёҳӣ» оварда мешавад. Роҷеъ ба шарҳи сайёҳии тиҷоратӣ ва тафриқаи фикру ақидаҳо гуногунанд ва аксаран пешниҳод аст, ки ин ду намуди сайёҳӣ аз ҳамдигар фарқ карда нашаванд, зеро тоҷир низ вақте ба сафари тиҷоратӣ меравад, албатта бо ҳаёт ва таърихи маҳалли сафарнамудааш шинос мешавад ва аз мавзеи таърихии он макон дидан мекунад.

Сайёҳ. Маънои луғавии ибораи «сайёҳ» мисли вожаи «сайёҳӣ» дорои таърифҳои гуногун мебошад.

Дарвоқеъ, ҳар таъриферо, ки ба «сайёҳӣ» муносиб медонем, ҳатман бояд истилоҳи калимаи «сайёҳ»-ро низ ба он вожа асоснок намуд.

Дар фарҳанги форсӣ ибораи «сайёҳ» ба шахсе мутааллиқ аст, ки бо нияти кору фаъолияти фарҳангӣ ба сафар мебарояд. Дар фарҳангҳои амалкунанда дар бораи вожаи «сайёҳ» чунин маълумотҳо шарҳ дода шудааст: -«ҷаҳонгашта», он нафаре, ки ба атрофи олам сафар мекунад, сайёҳ, касе, ки дар шаҳру кишварҳои дигар сайру сайёҳат менамояд, ҷаҳоннавард» дониста шудааст.

Соли 1937 Кумитаи махсус барои баррасии як қатор масъалаҳои ҳалталаби сайёҳӣ ташкил шуд ва барои тавзеъ додани мафҳуми «сайёҳ» чунин таърифро пешниҳод намудааст:

1. Шахсоне, ки дар як давра ба муддати 24 соат ё бештар аз он ба кишвари хориҷӣ сафар менамоянд, сайёҳ номида мешаванд.

Кумитаи мазкур:

- нафаронеро, ки барои ширкат дар конфронсҳо;

- нафаронеро, ки барои хушгузаронии вақти холигӣ, фаъолиятҳои шахсӣ ё худ барои табобат;

- нафаронеро, ки барои ривоҷу равнақи фаъолияти соҳибкорӣ ва тиҷоратӣ сафари расмӣ доранд, ҳамчун фаъолияти сайёҳона эътироф менамояд.

Созмони умумиҷаҳонии сайёҳӣ дар яке аз таърифҳои комили худ мафҳуми «сайёҳ»-ро чунин шарҳ додааст: яъне - касе, ки ба муддати чанд муҳлат, камтар аз як шабонарӯз ва

умуман муҳлати тӯлонӣ, на камтар аз як сол ба кишвари берун аз ватан ва ё маҳалли зист мусофират менамояд ва мақсаду ҳадафи кору фаъолияташон ба даст овардани даромад нест, фаҳмида мешавад.

Мувофиқи изҳороти мустанади Шӯрои умумиҷаҳонии сайёҳӣ ва ҷаҳонгардӣ (с.1999) мусофират ва сайёҳӣ ба таври мустақим ва ғайримустақим дар иқтисоди ҷаҳонӣ нақши зеринро касб намудааст:

- 11 дарсад маҷмуи маҳсули дохилӣ;
- эҳоди 200 милён ҷойҳои корӣ;
- эҳоди 8 дарсади шуғлварзӣ;
- то соли 2010 ҳар сола 55 милён ҷойҳои кории навро дар заминаи иқтисоди сайёҳӣ ва ҳавзаҳои вобастаи он эҷод шуда буданд, эътироф гардидааст.

Дар фарҳанги Деҳхудо вожаи «сайёҳӣ» ба маънои «сафари зиёд ба атрофи олам», «мусофират барои фараҳ ва алоқамандӣ, ки мусофир бо мақсади рафтан ва сипас баргаштан ба маҳалли сукунат», шарҳ дода шудааст. Дар яке аз нахустин адабиёти мавриди сайёҳӣ соли 1933 интишор ёфтааст, «сайёҳ» гуфта, шахсеро дар назар доранд, ки ӯ дорои ду шарти асосӣ бошад:

Шарти аввал, «аз маҳалли иқомати худ ба муддати на камтар аз як сол дур бошад».

Шарти дуюм, «дар маҳалли зисти нав даромад касб накунад».

Равандҳои зикршуда баёнгарӣ аҳаммияти масъалаи сайёҳӣ ва иқтидорҳои ягонаи минтақа дар ҷазбу мондани сайёҳ мебошад. Боиси таваҷҷуҳ дошт алорағми вуҷуди зарфиятҳои гуфташуда набувад зерсохторҳои сайёҳӣ, кӯтоҳ будани буми сайёҳӣ, набудани хадамоти поягӣ ва мукаммал таърифшуда ва монанд бо хусусиятҳои иқтисодӣ-иҷтимоӣ, афту зариби мондагории сайёҳ ба камтар аз чанд соат ва истифодаи кӯтоҳ аз муҳайёи баҳраварии иқтисоди муносиб дар ҳавзаи сайёҳӣ. Масъалае, ки мавриди баҳси аслии пажуҳиши мо қарор гирифтааст ва мо саъй кардаем бо таваҷҷуҳ ба аҳдофи таърифшуда роҳу равишҳои муносибро муаррифӣ намоем.

Дар таҳқиқотҳои олимон ва коршиносони соҳа роҷеъ ба мафҳуми «сайёҳӣ» чунин зикр мешавад, ки: «сайёҳ» шахсест, ки бо мақсади кори ғайр аз он, чӣ дар ватани худ дорад, ба кишвари дигар ворид шуда ва дар он ҷо қисме аз даромади худро хароҷот мекунад». Созмони миллал бар асоси пешниҳодоти конфронси байналмилалии нақлиёт ва сайёҳӣ, ки дар Рим воқеъ шудааст, соли 1964 ибораи «сайёҳ»-ро ба ин тартиб таъриф мекунад: - касе, ки манзури фараҳ ва боздид аз нуқоти диданӣ ба муолиҷа, мутолиа, тиҷорат, варзиш ва ё зиёрат ба кишварӣ берун аз кишваре, ки худ иқомат дорад сафар кунад ва ҳадди ақал муддате иқомат дар он ҷо камтар аз 24 соат ё аз 6 моҳ бештар надошта бошад.

Бояд хотирнишон кард, ки вожаи «сайёҳӣ» ё «сайру сайёҳат» дар луғат ба маънии «сайёҳат дар дохилӣ як кишвар ва кишварҳои хориҷӣ» тавзеҳ дода шудааст. Дар ҳоле, ки «сайёҳӣ» дар забони тоҷикӣ-форсӣ ба маънии «сайру сайёҳат» дар ҷаҳон аст» ва сафарҳои дохили кишварро дар бар намегирад. Дар забони форси вожаҳои мухталифе барои ифода кардани ин мафҳум истифода мешаванд ба мисли: сафар, куч, муҳоҷират ва сайёҳат, ки ҳар яке аз ҳамдигар маънии фарқкунандаро доро мебошанд.

САФАР - ба маънои ҳаракат кардани як шахс ба маҳалли дур аз иқоматгоҳи маъмулии худ ва он ҷо мондани ӯ чанд муддат ва бозгаштан ба ватан.

КУЧ - ба мафҳуми харакати як шахс ё гурӯҳе бо аҳли хонавода бо дороии худ ба маҳалли дигар барои мондан дар он ҷо таи чанд муддат.

МУҲОҶИРАТ - ба маънои тарк кардани диёр ва роҳ пеш гирифтан ба сӯи сарзамини дигар.

САЙЁҲАТ – вақто ки давлат барои густариши яке аз бахшҳои худ, масалан, барои бахши иқтисоди кишвар сармоягузориҳои назаррасро ба анҷом медиҳад.

САЙЁҲӢ бошад – сайёҳати шахсе ба макони хеле пешрафтаи ҷаҳон бо мақсади ошнои пайдо кардан бо фарҳанги он кишвар, шарҳу тавзеҳ дода шудаанд.

Рисолати соҳаи «сайёҳӣ» дар Тоҷикистон иборат аст аз зиёд гаштани маълумотҳо, кашфи маълумотҳои нав, анҷом додани мақсадҳои кофтуковии сайёҳони дохилӣ ва хориҷӣ дар арзу буми Ҷумҳурии Тоҷикистон барои муҳайё сохтану пайдо кардани ҷанбаъҳои фарҳангӣ, иҷтимоӣ ва даромади бештаре ворид намудан ба иқтисоди кишвар, ба шумор меравад.

Сайёҳӣ аз назари макони мақсад ба намудҳои зерин гурӯҳбандӣ карда мешавад:

1. Сайёҳии шаҳрӣ;
2. Сайёҳии рустоӣ (деҳотӣ);
3. Сайёҳии қавмӣ, қабилавӣ (қаламрав ё фазоҳои захиравӣ, масалан Чилдухтарон);
4. Сайёҳии табиӣ;
5. Сайёҳии дарёӣ;
6. Сайёҳии кӯҳистонӣ;
7. Сайёҳии ҳавову фазо.

Тавре маъмул аст, марказҳои маъмуриву сиёсӣ ва пойтахтҳои кишварҳо барои рушди сайёҳӣ ва инкишофи он нақши ҳалкунанда ва муассир доранд. Душанбе аз ҷумлаи шаҳрҳои сайёҳӣ буда, барои сайёҳии минтақавӣ ва ҷаҳонӣ тамоми имкониятҳоро дорост ва барои рушди ин соҳаи барои иқтисоди миллӣ муҳим аз чораҳои таъсирбахш кор мегирад.

Алҳол барои пешрафти ин соҳа дар шаҳр тамоми шароитҳо муҳайё аст. Аз ҷумла, фурудгоҳи байналмилалӣ, истгоҳи роҳи оҳан, 37 меҳмонхона, 57 тарабхона, 4 чойхонаи миллӣ, 32 маркази дилхушӣ, 25 бозор, 91 маркази савдо, 26 мағозаи фурӯши армуғон, 17 боғи фарҳангу фароғатӣ, боғи ҳайвонот, 14 гулгашт, 5 кӯли шиноварию истироҳатӣ, 204 кошонаи ҳусн ва 201 сартарошхона, 4 кохи фарҳангӣ ва 7 театри касбӣ, 10 осорхона, 6 китобхона, 6 амфитеатр, 23 ёдгориҳои бостонӣ, монументалӣ ва меъморӣ, 109 ширкати сайёҳӣ, фавворaҳои гуногун дар 37 мавзеи пойтахт, 306 муассисаи табобатию профилактикӣ, қасри теннис ва маҷмааи варзишии обӣ, инчунин 900 иншооти варзишии таъйиноташон гуногун ҷойгир буда, ҳамарӯза талаботи меҳмонони дохиливу хориҷиро қонеъ мегардонанд [5, с. 1].

Дарвоқеъ, Душанбеи сабзпӯш бо табиати зебою нотакрор, биноҳои хуштарҳу замонавӣ, роҳҳои сеқабата ва дигар иншооти хуштарҳу замонавиаш имрӯз дили ҳар бинандаро тасхир месозад. Дастуру ҳидоятҳои Президенти кишвар, тадбирандешиҳои Ҳукумати ҷумҳурӣ, саъю талош ва иқдомҳои созандаи шаҳрдори Душанбе самар оварда: шаҳри Душанбе дар минтақа яке аз аввалинҳо шуда ба узвияти Федератсияи ҷаҳонии шаҳрҳои сайёҳӣ пазируфта шуд, ҳамчун пойтахти сайёҳии кишварҳои Созмони ҳамкории иқтисодӣ барои солҳои 2020 - 2021 интихоб гардид, ба қатори 10 шаҳри дар фасли тирамоҳ барои сайёҳӣ муносиби Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил шомил гашт ва он ба яке аз шаҳрҳои пешрафта, гӯшаи дӯстоштании сокинони ҷумҳурӣ ва сайёҳону меҳмони хориҷӣ табдил ёфт.

Тоҷикистонро дар миқёси ҷаҳон ҳамчун кишвари обҳои мусаффо, кӯҳҳои сарбафлоккашида, ёдгориҳои қадима ва дорои аҳамияти фарҳанги мешиносанд. Аз як ҷиҳат таъриху фарҳанги қадимаи Тоҷикистон сайёҳонро ба худ ҷалб намояд, аз ҷониби дигар табиату иқлими фарқкунанда мавқеи ҷойгиршавӣ ва ҷуғрофиёи Тоҷикистон ва намуду хусусиятҳои ташкили сайёҳӣ, аз қабили сайри кӯҳҳои баланд, шикорчигӣ, экологӣ, табобатӣ ва ғайра диққатҷалбкунанда ба ҳисоб меравад [4, с. 12].

Шароити иқтисоди бозорӣ, ки охири садаи XX ва ибтидои асри XXI руҷӯъ кард, системаи таҳсилоти даҳсолаҳо муназзамгардида, ҳамзамон, бо ҷои корҳои холӣ таъмин гардидани хатмкунандагони муассисаҳои таҳсилоти олиро комилан тағйир дод. Ин раванд зарурати ворид кардани ислоҳот дар мазмуну мундариҷаи таҳсилот, инчунин, ҷорӣ кардани таҳсилот дар риштаҳои ихтисосу тахассусҳои навро ба миён оварда. Вобаста ба ин, низоми таҳсилот мунтазам таҳлил гардида, талабот ба ин ё он ихтисосу тахассусҳо ва самтҳои омода намудани мутахассисон бояд муайян карда шавад. Таҳлилҳо нишон

медиҳанд, ки бештар эҳтиёҷот танҳо бо назардошти соҳаҳои мушаххас ба назар гирифта шуда, талаботи бозори меҳнати шаҳр, минтақа нисбат ба мутахассисони соҳаҳои заруриятдошта сарфи назар мегарданд.

Норасоии кадрҳои соҳибихтисос имрӯз дар тамоми соҳаҳои истеҳсоли молҳо ва хизматрасонӣ, аз ҷумла дар соҳаи сайёҳӣ, ба мушоҳида мерасад. Нишондиҳандаи кору машғулият дар соҳаи сайёҳӣ, тавре ноиби президенти Шӯрои ҷаҳонӣ оид ба сайёҳӣ (WTTC) Ричард Миллер зикр мекунад, муҳаррики муҳим барои иқтисод маҳсуб меёбад. Зеро саноати сайёҳӣ рушди соҳаҳои ба сайёҳӣ аз ин ё он ҷиҳат алоқамандро аз қабили сохтмон, инфрасохтор ва тамоми бахшҳои марбут ба хизматрасонӣ (нақлиёт, корхонаҳои савдои чакана, савдои яклухт, хӯроки умумӣ, фарҳангу фароғат, варзиш, алоқа, молия, суғурта… ва ғайра)-ро низ таъмин хоҳад кард.

Беҳуда нест, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми солонаашон ба Маҷлиси Олӣ (26 декабри соли 2019) иброз доштанд, ки бо мақсади рақобатпазир гардондани соҳа дар бозори ҷаҳонии сайёҳӣ моро зарур аст, ки мутахассисони забондон, донандаи фарҳангу таърих ва технологияҳои муосирро омода кунем [2].

Айни ҳол бо назардошти таззодҳои зудтағйирёбандаи вобаста ба соҳаи сайёҳӣ, мушкилот дар ин самт бештар ба назар мерасад. Муассисаҳои таҳсилотие, ки ба омода намудани мутахассисони соҳаи сайёҳӣ машғуланд, на ҳамеша бо истеҳсолот дар соҳа робита дошта, омодасозии кадрҳо характери қолабӣ дорад. Стандартҳои давлатии таҳсилоти олии касбии соҳа ва барномаҳои таҳсилотӣ чандон ба эҳтиёҷоти воқеии саноати сайёҳӣ мувофиқат намекунанд. Ҳамзамон, норасоӣ дар адабиёти соҳавӣ, китобҳои дарсӣ ва воситаҳои таълимӣ низ эҳсос мешавад. Ҷиҳати бартарафсозии ин камбудиҳо бояд дар омода намудани стандартҳои давлатии таҳсилоти олии касбӣ, китобҳои дарсӣ, воситаҳои таълимӣ ва дастуру нишондодҳои методӣ кормандону коршиносони варзидаи соҳаи сайёҳии ватанию хориҷӣ аз истеҳсолот ҷалб шаванд.

Мушкилоти дигар дар самти омодасозии мутахассисони соҳа бархӯрдор набудан аз таҷрибаи тарбияи мутахассисон дар кишварҳои дар ин ҷода пешрафтаи ҷаҳон мебошад.

Бо назардошти иқтидори сайёҳии Тоҷикистон доираи ихтисосу тахассусҳое, ки аз рӯйи онҳо дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии мамлакат мутахассисон тайёр карда мешаванд, каманд. Бахусус, набудани тахассусҳои менеҷменти сифати хизматрасонӣ дар муассисаҳои хӯроки умумӣ, менеҷменти сифати хизматрасонӣ дар соҳаи нақлиёт, хоҷагии меҳмонхонаҳо, менеҷменти меҳмонхона, технологияи иттилоотӣ, тиҷорати электронӣ ва индустрияи сайёҳӣ, тарҷумонҳо, саёҳатшиносӣ, кормандони мавзеъҳои таърихию фарҳангӣ ва табиӣ, кормандони осоишгоҳҳо, идоракунии паркҳо ва захираҳои табиии миллӣ, аниматорҳо ва амсоли инҳо эҳсос мешавад. Зарур аст, ки дар риштаҳои таҳсилоти олии тахассусии соҳаи сайёҳӣ зертахассусҳои зикршуда ворид гардида, тибқи он мутахассисони чашму кордони касбӣ тайёр карда шаванд.

Ташкил ва баргузории машғулиятҳои омӯзишии амалӣ дар ширкатҳои сайёҳӣ, меҳмонхонаҳо, тарабхонаҳо, мавзеъҳои истироҳативу фароғатӣ, осоишгоҳҳо, ширкатҳои нақлиётии мусофиркаш ҳамчун раванди воқеии робита бо амалия метавонад ба болоравии малакаву маҳорати тахассусии муҳассилини ихтисосҳои сайёҳии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ мусоидат кунад. Зеро омезиши назария ва амалия хусусияти асосии таҳсилот дар риштаи сайёҳӣ ва меҳмонпазироӣ мебошад. Такмили ихтисоси кормандони соҳа, омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии марбут ба сайёҳӣ низ аз масъалаҳое мебошанд, ки бояд дар наздиктарин муҳлат ҳалли худро ёбанд.

Ҷорӣ намудани низоми муназзами тарбияи мутахассисони соҳаи сайёҳӣ кори якҷояи субъектҳои хоҷагидории соҳа, олимону коршиносон, омӯзгорони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, институтҳои илмӣ-тадқиқотӣ, мақомоти идоракунии давлатии соҳа буда, масъулияту таваҷҷуҳи бештарро тақозо менамояд. Танҳо мутахассисони варзидаю кордон метавонанд рақобаттавонии маҳсулоти сайёҳии кишвар дар бозори сайёҳии ҷаҳон

таъмин намоянд ва Тоҷикистонро ба як кишвари аз лиҳози сайёҳӣ пешрафта мубаддал созанд.

АДАБИЁТ

1. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи туризм» (с.2012).
2. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», 26.01.2019.
3. Созмони умумиҷаҳонии сайёҳӣ, 1983.
4. Ҳабибов С.Ҳ., Ҷамшедов М.Ҷ. Вазъи муосир ва тамоюли рушди сайёҳӣ/ Паёми донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон 4/1(38) Душанбе, 2022, С.11-17.
5. “Ҷумҳурият” 11 августи соли 2021. №159 (24 266).

УДК 339.3

Мариншоев М.М.

ТАКМИЛИ ОМИЛҲОИ ИННОВАТСИОНИИ РУШДИ КОРХОНАҲОИ САВДОИ ЧАКАНА

Мақолаи мазкур ба савдои чакана, аҳмияти савдои чакана дар иқтисодиёти ҷумҳурӣ, рушди инноватсионии савдои чакана, татбиқи намудҳои инноватсия дар корхонаҳои савдои чакана, принсипҳо ва роҳҳои рушди инноватсионии корхонаҳои савдои чакана, ташаккули модели инноватсионии савдои чакана, омилҳое, ки ба самаранок татбиқ намудани инноватсия таъсир мусбӣ ва омилҳое, ки ба раванди рушди инноватсия таъсири манфӣ мерасонанд, сиёсати инноватсионӣ, мақсади асосии сиёсати инноватсионӣ дар корхонаҳои савдои чакана, самтҳои асосии такмили инноватсионии рушди фаъолияти корхонаҳои савдои чакана бахшида шудаст.

Вожаҳои калидӣ: савдои чакана, рушди инноватсиони корхонаҳои савдои чакана, инноватсия дар савдои чакана, намудҳои инноватсия, таснифоти инноватсия, сиёсати инноватсионӣ, такмили омилҳои инноватсионӣ

Мариншоев М.М.

СОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ ИННОВАЦИОННЫХ ФАКТОРОВ РАЗВИТИЯ ПРЕДПРИЯТИЙ РОЗНИЧНОЙ ТОРГОВЛИ

Статья посвящена розничная торговля, значение розничной торговли в экономике республики, инновационное развитие розничной торговли, внедрение видов инноваций на предприятиях розничной торговли, принципы и пути инновационного развития предприятий розничной торговли, формирование инновационной модели розничной торговли, факторы, влияющие на эффективное внедрение инноваций в розничной торговли, положительные и отрицательные факторы, влияющие на процесс инновационного развития, инновационная политика, основные цели инновационной политики в предприятиях розничной торговли и основные направления совершенствования развития инновационной деятельности предприятий розничной торговли.

Ключевые слова: розничная торговля, инновационное развитие предприятий розничной торговли, инновации в розничной торговле, виды инноваций, классификация инноваций, инновационная политика, совершенствование инновационных факторов.

Marinshoev M.M.

IMPROVEMENT OF INNOVATIVE FACTORS OF DEVELOPMENT OF RETAIL TRADE ENTERPRISES

This article is devoted to retail trade, the importance of retail trade in the economy of the republic, the innovative development of retail trade, the introduction of types of innovations in retail trade enterprises, the principles and ways of innovative development of retail trade enterprises, the formation of an innovative model of retail trade, factors affecting the effective implementation of innovations in retail trade, positive and negative factors influencing the process of innovative development innovation policy, the main objectives of innovation policy in retail trade enterprises and the main directions for improving the development of innovative activity of retail trade enterprises

Key words: retail trade, innovative development of retail trade enterprises, innovations in retail trade, types of innovations, classification of innovations, innovation policy, improvement of the development of innovation activities.

Дар шароити муосир ба савдои чакана омилҳо ва шароитҳои гуногун ба монанади суръати афзоиши иқтисодиёт, фаъолшавии равандҳои бозор, баланд бардоштани сатҳи рақобатпазирии субъектҳои соҳибкорӣ, қонеъ гардондани талаботи аҳолӣ ба молҳо, беҳтар намудани сифат хизматрасонӣ ва баланд бардоштани дараҷаи некуаҳволии аҳолӣ таъсири назаррас мерасонад. Дар шароити иқтисоди бозорӣ нақш ва аҳмияти соҳаи хизматрасонӣ яке аз бахшҳои пешбари он савдои чакана сол то сол рушд меёбад [2, с. 68].

Савдои чакана яке аз соҳаҳои зудрушдёбандаи иқтисодиёти ҷумҳурӣ буда, ҳолат ва самаранокии иқтисодиву иҷтимоии он ҳам ба сатҳи зиндагии аҳолӣ ва ҳам ба рушди бахшҳои воқеии иқтисодиёт, бахусус бахшҳое, ки ба истеҳсоли молҳои истеъмолӣ машғуланд, таъсири бевосита ва фаъол мерасонад. Ин соҳаи иқтисодиёти миллӣ аз рӯи шумораи кормандон, ҳаҷми фаъолият ва ҳиссагузорӣ ба ташаккули маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ бахши асосӣ ба шумор меравад. Савдо ҳамчун сарчашмаи ворид гаштани воситаҳои пулӣ қисми назарраси буҷетҳои давлатӣ ва маҳаллиро ташаккул медиҳад ва ба устувории молиявӣ дар кишвар мусоидат менамояд [2, с. 23].

Аҳамияти соҳаи савдо ва корхонаҳои савдои чаканаро дар иқтисодиёти шаҳри Душанбе аз рӯи нишондиҳандаҳои зерин баҳо додан мумкин аст: саҳми савдо дар маҷмӯи маҳсулоти дохилии ҷаҳон тақрибан 13% ва дар шуғлноки аҳолӣ бошад то 16%-ро ташкил медиҳад; 22% беҷути шаҳри Душанбе аз ҳисоби пардохти андозҳое, ки корхонаҳои савдо пардохт мекунанад таъмин карда мешавад [3, с. 10]. Суръати афзоиши савдои чакана дар шаҳри Душанбе дар солҳои 2015 то 2020 бо ҳисоби миёна 22,57% - ро ташкил медиҳад, ки яке аз нишондиҳандаҳои баландтарин дар ҷумҳурӣ мебошад. Инчунин бояд қайд кард, ки ҳиссаи савдои чакана дар шаҳр тақрибан 60%-и хароҷотҳои умумии аҳолиро ташкил медиҳад [1, с. 32-40].

Дар айни замон соҳаҳои гуногуни иқтисодиёт аз он ҷумла соҳаи савдо бо суръат рушд меёбад фаъолияти инноватсиони бошад унсури хатмии корхонаҳои савдои чакана мегардад.

Таҳлили тамоюлҳои ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки рушди инноватсионӣ дар корхонаҳои савдои чакана бештар ба рушди технологияҳои маркенгӣ ва мустаҳкам намудани афзалиятҳои рақобатпазирӣ нигаронида шудаст [4].

Бинобар ин, барои ноил шудан ба ин ҳадаф муҳимаст, ки шаклҳои корхонаҳои савдои чакана ва васеъ намудани сегментҳои бозорро инкишоф ёбанд. Фаъолияти корхонаҳои савдои чакана дар шароити имрӯза бо намудҳои бисёршакла фарқ мекунад. Аз ин сабаб зарур аст, ки консепсияи нави савдоро, ки манфиятҳои конкретии гурӯҳи истеъмолгаронро ба инобат мегирад рушд диҳем, ин ба мо имконият медиҳад, ки хавфҳои тиҷоратиро аз байн барем. Тадқиқотҳои муосир нишон медиҳад, ки зиёд кардани номгӯи молҳо дар шаклҳои савдо талаботро ба хизматрасониҳои иловагӣ зиёд менамояд ва имконияти хубро баро муштариён фароҳам меоварад. Имрӯз бештар сухан дар бораи ба бозори миллӣ ворид шудани корхонаҳои савдои чакана тавассути каналҳои савдои рақамӣ меравад. Рушди савдои рақамӣ тамоюлҳои навро барои фаъолияти корхонаҳои савдо муайян мекунад. Қайд кардан ба маврид аст, ки фаъолияти инноватсионӣ тез дар амалия тадбиқ карда мешавад. Рақобатпазири корхонаҳои савдои чакана аз намудҳои хизматрасонии баланд сифат, ҷори намудани технологияи нав ва рушди ресурсҳои шабакавӣ вобаста аст. Истифодаи бизнес-моделҳо инноватсионӣ дар фаъолияти корхонаҳои савдои чакана дар ба амал баровардани муомилоти мол мусоидат мекунад.

Инноватсия дар корхонаҳои савдои чакана ба азнавсозӣ дар раванди савдо, дигаргун намудани шаклу усулҳои савдо, инчунин такмилдиҳӣ, ва беҳтаршавии барномаҳои технологӣ мусоидат мекунад.

Вобаста ба намуд инноватсияро дар соҳаи мушаххас савдо барои корхонаи савдои чакана ба намудҳои зерин тасниф мекунанд:

- аз рӯи намуди фаъолияти корхонаҳо инноватсия ҷудо карда мешавад ба инноватсия дар корхонаҳои савдои яклухт ва савдои чакана;
- аз рӯи татбиқи технологияи инноватсионӣ ба хизматрасонӣ ба харидорон ва раванди расонидани молу маҳсулот истеъмолгарон;
- аз рӯи манбаҳои маблағгузорӣ ба фаъолияти инноватсионӣ тавассути манбаҳои мустақим ва ғайримустақим;
- аз рӯи намуди навоварӣ ба инноватсия дар соҳаи савдо ва инноватсия барои корхонаҳои савдои чакана.

Ба намудҳои муосири савдо бошад: савдои шабакавӣ, тиҷорати электронӣ, савдои фосилавӣ, савдо дар намуди фуруши мустақим дохил мешавад.

Ҳоло ба таври васеъ интернет дар корхонаҳои савдои чакана дар фуруши молҳои истифода мешавад. Ҳар як корхонаи савдо метавонад корти электронӣ, каталоги электронӣ ва мағозаи электроии худро ташкил намояд то, ки ба рақобати бозор тобовар бошад.

Яке аз шароитҳои асосии рушди фаъолияти инноватсионӣ дар корхонаҳои савдои чакана ин харид ва васл намудани техника ва технологияи муосир, баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасонӣ дар фаъолияти корхонаҳои савдои чакана мебошад.

Тадбиқи раванди инноватсионӣ дар корхонаҳои савдои чакана дорои афзалиятҳои зерин мебошад: [3, с. 10].

- татбиқ ва васл намудани техника ва технологияи нав;
- таъмин ва сари вақт расонидани молҳо ба истеъмолгарони ниҳоӣ;
- баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасонӣ;
- кам кардани хароҷот дар истифодаи анборҳо ва таҷҳизотҳо;
- татбиқи низоми гуногуни иттилоотонӣ барои кам кардани гардиши ҳуҷҷатҳо ва кам кардани хатогиҳо, ки дар зери таъсири омилҳо инсонӣ ба вуҷуд меоянд;
- баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнати кармандон ва фароҳам овардани шароити зарурии меҳнат дар корхонаи савдои чакана;
- сохтани низоми бехатарӣ ва сарфакорӣ.

Барои ташаккул додани низоми самаранокии фаъолияти инноватсионӣ, баланд бардоштани дараҷаи технологӣ ва рақобатпазирии истеҳсолот, баровардани молу маҳсулоти инноватсионӣ ба бозори дохилӣ ва хориҷӣ, рушди истеҳсолоти молҳои содирот

ивазкунанда, тезонидани тараққиёти иҷтимоию иқтисодӣ ва ноил шудан ба ҳадафҳои стротегии миллӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2011 “Барномаи рушди инноватсиони дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020”таҳия ва тасдиқ намуд.

Татбиқи принсипҳои рушди инноватсионӣ дар баробари дигар соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ дар соҳаҳои савдо ва хизматрасони ба аҳолӣ зарурати объективӣ дорад, ки ин боиси фароҳам овардани шароити мусоид барои фаъолити самаранокӣ корхонаву ташкилотҳои савдо мегардад.

Инкишофи динамикии рушди савдои чакана манфиатҳои асосии истеъмолкунандагон, истеҳсолкунандогони мол ва хизматрасониро дар асоси принсипҳои таваҷҷуҳи иҷтимоӣ ва рушди инноватсиони дошта бояд ба инобат гирад.

Амали намудани принсипҳои таввачуҳи иҷтимоӣ доштаи савдои чакана бояд талаботу хоҳиши истеъмолкунандагонро дар рафти хизматрасонӣ ба назар гирад, пас принсипи рушди инноватсонӣ шароити мутобиқшавии гузаштан ба сифати хизматрасонии нави соҳа тавасутти дар амал татбиқ намудани фаъолияти инноватсионӣ, истифодаи технологияи пешқадам ва дастовардҳои илмию техникӣ ба роҳ монда мешавад.

Роҳи инноватсионӣ рушди иқтисоди дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тараққиёти комплексии фаъолияти корхонаҳои чакана дар асоси амали намудани новаваријо, ҷори намудани намудҳои нави хизматрасонӣ, тарғиб намудани усулҳои пешрафтаи низоми расидан ба мақсад, ки дар охир замина барои афзоиши устувории иҷтимоию иқтисодии нишондиҳандаҳои савдои чакана мегардад таъмин менамояд. Аз тарафи корхонаҳои савдои чакана фаъолона истифода бурдани инноватсия ва ҳалли мутобиқшавии онҳо дар зери таъсири омилҳои муҳити беруна алоқаманд мебошад. Барои ҳалли ин мушкилиҳо лозим мешуморем, ки корхонаҳои савдои чакана роҳи рушди инноватсониро пеш гиранд.

Роҳҳои инноватсионии рушди корхонаҳои савдои чакана қисми ҷудо нашавандаи “Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраҳои то соли 2030” мебошад, ки истифода бурдани навоваријо имкон медиҳад, ки корхонаҳои савдои чакана фаъолияти иқтисодию молиявии худро самаранок ба роҳ монанд.

Фаъолияти инноватсионии шарти объективӣ барои рушди савдои чакана ва таъмини рақобатпазирии корхонаҳои савдои чакана мебошад.

Нақши дигаргун созии намудҳои инноватсия дар савдои чакана дар он аст, ки ба рушди корхонаҳои савдо ва барои тезонидану ҷори намудани технологияи ҳозиразамони инноватсионӣ кӯмак меканад. Дар натиҷа имкониятҳои иловагӣ барои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти корхонаҳои савдои чакана тезонидани суръати хизматрасонии савдо ва рушди робитаҳои иқтисодӣ мегардад.

Таҳлили равишҳои гуногун оиди таърифи инноватсия дар савдои чакана имкон медиҳад, ки мақсади асосии рушди инноватсионии корхонаҳои савдои чаканаро муайян намоем, ки ин пеш аз ҳама беҳтаркунии фаъолияти истеҳсолию тиҷоратӣ дар рафти фӯрӯши молҳо инчунин, ба вуҷуд овардани шаклу усулҳои нави хизматрасони ба харидорон мебошад.

Ба андешаи мо ин мақсад тавассути ҳалли вазифаҳои зерини ташаккули модели инноватсионии рушди корхонаҳои савдои чакана ба даст овардан мумкин аст:

- фароҳам овардани шароити таъмини истеҳсоли молҳои инноватсионӣ аз тарафи корхонаҳои истеҳсолии ватанӣ;
- интихоб ва дастгирии ҳамаҷонибаи соҳаҳои афзалиятнок тавассути татбиқи лоиҳаҳои инноватсионии корхонаҳои савдои чакана;
- фароҳам овардани шароит барои дар амалияи корхонаҳои савдои чакана татбиқ намудани низоми маблағгузории лоиҳаҳои инноватсионӣ, ки барои баланд бардоштани самаранокии онҳо мусоидат мекунад;
- дастгирии самтҳои технологӣ, ки наворварӣ ва тадбиқи молҳои иноватсониро барои корхонаҳои савдои чакана таъмин менамояд;

- потенсиали кадрии корхонаҳои савдои чакана дар соҳаи рушди инноватсионӣ мустаҳкам мекунад;
- иштироки корхонаҳои савдои чакана дар чорабиниҳои гуногун барои коркарда баромадан ва ҷори намудани андешаҳои инноватсионӣ фароҳам меоварад.

Ба фикри мо дар рафти муайян кардани инноватсия дар корхонаҳои савдои чакана ҳамаи намудҳои онро вобаста ба хусусиятҳояшон гурӯҳбанди намудан мувофиқи мақсад аст. Бо ин мақсад бояд равиши ягонаи методологии таснифоти инноватсия дар корхонаҳои савдои чакана коркард карда шавад.

Ба самаранокии татбиқи инноватсия дар корхонаҳои савдои чакана омилҳои гуногун таъсир мерасонанд, ки таъсири онҳоро ба ду гурӯҳи асосӣ ҷудо намудан мумкин аст:

- омилҳое, ки ба самаранок татбиқ намудани инноватсия таъсир мусбӣ мерасонанд;
- омилҳое, ки ба раванди рушди инноватсия таъсири манфӣ мерасонанд.

Ба омилҳое, ки ба самаранок татбиқ намудани инноватсия дар савдои чакана таъсири мусбӣ мерасонанд дохил мешавад:

- сиёсати фаъоли давлат дар соҳаи дастгирии фаъолияти инноватсионӣ;
- афзоиши суръати баланди истифодаи низоми иттилоотию коммуникатсионӣ ва воситаҳои интернетӣ дар мамлакат;
- рушди пешрафти илмию техникӣ дар соҳаҳои асосии иқтисодиёт;
- муносибатҳои самаранок бо кадрҳо ва ҷалби васеъи онҳо ба раванди инноватсионӣ;
- воридшудани корхонаҳои хориҷӣ дар бозори истеъмолии дохилӣ ва шаклҳои инноватсионии савдо.

Дар навбати худ, омилҳое, ки ба раванди рушди инноватсионии корхонаҳои савдои чакана таъсири манфӣ мерасонанд дохил мешавад:

- дар сатҳи нокифоя ё паст қарор доштани воридшавию паҳншавии интернет;
- номукаммалии заминаҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар савдои чакана;
- нарасидани кадрҳои баланд ихтисоси соҳаи савдо;
- маблағгузории нокифояи лоиҳаҳо инноватсионӣ дар корхонаҳои савдои чакана;
- инкишофи сусти инфрасохтори логистикӣ.

Мо чунин мешуморем, ки барои баланд бардоштани самаранокии иқтисодию иҷтимоии фаъолияти корхонаҳои савдои чакана инкишоф ва ҷори намудани сиёсати инноватсионӣ, ташаккул додани низоми имкониятҳо ва шароити инноватсионии корхонаҳои савдои чаканаро фаъолона рушд додан зарур аст

Мо дар зери сиёсати инноватсионии корхонаҳои савдои чакана низоми тадбирҳо ва қарорҳоеро, ки самаранок ҷори намудани инноватсияро дар фаъолияти корхонаҳои савдои чакана мувофиқи шароитҳои мушаххаси тиҷоратӣ таъмин менамояд мефаҳмем.

Мақсади асосии сиёсати инноватсионӣ фароҳам овардани шароит барои фаъолияти самараноки корхонаҳои савдои чакана дар асоси баланд бардоштани рақобатпазирӣ мебошад. Ба сифати вазифаҳои асосии сиёсати инноватсионӣ башад асоснок кардани афзалиятҳо дар самтҳои рушди инноватсинӣ, баҳодиҳии иқтидори инноватсионии корхона, таъмини сифати баланди хизматрасонии савдо, самаранок истифода намудани ресурсҳои корхона, такмилдодани ташкили раванди савдо, таҳия ва татбиқи лоиҳаҳои инноватсионӣ, ки рақобатпазирии корхонаро таъмин менамояд, фароҳам овардани шароити барои баландбардоштани ҳосилнокии меҳнати кормандон ва амали намудани дигар чорабиниҳо, ки барои баланд бардоштани самаранокии фаъолияти инноватсионӣ дар корхонаҳои савдои чакана баромад мекунад дохил мешавад [5, с. 10].

Самтҳои асосии такмил додани сиёсати инноватсионии корхонаҳои савдои чакана ин пеш аз ҳама сертификатсияи молу хизматрасонӣ, оптимали кунониии фаъолият бо мол таъминкунандагон, навсозии ассартименти молҳо, рушди шабакаҳои мол тақсимкунӣ, татбиқ ва рушди технологияҳои иттилоотӣ мебошанд.

Ҳамин тавр, таҳия ва татбиқи самтҳои асосии такмили омилҳои асосии фаъолияти инноватсионии корхонаҳои савдои чакана ба баланд бардоштани самаранокии рушди савдои чакана ва таъмини сифати хизматрасонии савдо дар шароити муосир мусоидат менамояд.

АДАБИЁТ

1. Агенти омори шаҳри Душанбе: Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ш.Душанбе, 2020 – С 10.
2. Мариншоев М.М. Социально-экономический механизм развития розничной торговли: Монография / М.М. Мариншоев. Под редакцией доктора экономических наук, профессора Хабибов С.Х. – Душанбе: “Ирфон” 2018. – 150.
3. Мариншоев М.М. Омилҳо ва шартҳои рушди савдои чаканаи шаҳри Душанбе. Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон – № 4 (38) - Душанбе, 2021 г. С. 75-81.
4. Мариншоев М.М., Султонов З.С. Исследование подходов к оценке качества услуг предприятий розничной торговли/ Мариншоев М.М., Султонов З.С.//Вестник Таджикского государственного университета коммерции. - Душанбе: «Точир», 2019. №4(29). - С. 90-103.
5. Шаропов Ф.Р. Управление социально-экономическим развитием розничной торговли: Монография / Ф.Р.Шаропов. Под.ред. д.э.н., профессора С.Х., Хабибова – Душанбе: Ирфон, 2018. – 280 с.

УДК 331.1

Гулов И.Ҳ., Аминов И.

ТАҲИЯИ БАРНОМАҲОИ ИҶТИМОӢ-МЕҲНАТӢ МЕХАНИЗМИ АСОСИИ СИЁСАТИ ИҶТИМОӢ ДАР МИНТАҚА

Дар ин мақола қайд шудааст, ки барномаҳо принсипи барқароркунии даромаднокии иқтисодиётро таъмин намуда, бояд тавозуни рушди иқтисод ва муҳити зистро нигоҳ доранд, истифодаи захираҳо ба манфиати аҳолии минтақа равона гардад, иҷрои ҳамаҷонибаи мақсадҳо на танҳо барои ҳалли мушкилоти ҷорӣ, балки мушкилоти оянда, ки бо баланд бардоштани сатҳи зиндагии на танҳо наслҳои имрӯза, балки наслҳои оянда низ алоқаманданд бошад. Масъалаи дигар ташкили ҷойҳои нави кориро дар назар дорад, ки шуғли пурсамарро таъмин намояд. Аз истифодаи қисми зиёди аҳолӣ дар соҳаҳои самаранокии иқтисодияшон паст даст кашидан зарур аст. Ин асосан соҳаи кишоварзиро дар назар дорад, зеро хосилнокии пасти истеҳсолот наметавонад омили ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ гардад. Ғайридавлатикунонии бесамар наметавонад омили рушд гардад ва механизми ба фаъолият бозгардонии корхонаҳои хусусишуда, танҳо бо роҳҳои иқтисодӣ ҳавасманд карда мешавад, ки яке аз онҳо баланд бардоштани андоз аз моликият мебошад. Муаллиф қайд намудааст, ки дар шароити кунунӣ, ки «Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии вилояти Хатлон барои солҳои 2016-2020» бо сабабҳои гуногун ба иҷро нарасид тамдид карда шуда, ба шароити кунунӣ мутобиқ карданаш аз фоида холӣ нест. Дар вилояти Хатлон таъминоти аҳолӣ бо манзил ба ҳисоби миёна ба ҳар як шахс дар давоми солҳои 2015-2021 тамоюли пастравӣ дорад ва дидани чораҳои бетаъхирро тақозо менамояд. Аз ин рӯ, у тавсия медиҳад, ки дар ин ҷода бояд барномаи «Рушди манзил дар вилояти Хатлон барои солҳои 2021-2030» таҳия ва тасдиқ карда шавад. Ҳадаф аз таҳияи барномаи мазкур таъмини аҳолӣ бо манзил ва паст кардани фишори кӯчиши аҳолӣ ба шаҳрҳои калон ва наздик намудани сатҳи зиндагии аҳолии деҳот ба аҳолии шаҳр мебошад. Ин масъаларо

тавассути ташкили «Фонди манзили деҳот», ки метавонад дар ҷамоатҳои деҳот ташкил карда шуда, маблағҳои хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ), аҳолӣ ва дигар табақаҳои аҳолиро муттаҳид менамояд ва сохтмони манзилро барои деҳотиён ба роҳ мемонад, ҳаллу фасл кардан мумкин аст. Ба ақидаи муаллиф барои рушди соҳаи маориф ва тайёр намудани мутахассисон бояд барномаи дарозмуддати мақсадноки «Рушди таҳсилоти касбӣ дар вилояти Хатлон барои солҳои 2021- 2030» таҳия карда шавад. Зеро ҳолати кунунии тарбияи кадрҳо вазъи давлат ва бахши соҳибкориро душвор намуд. Ҳадафи барномаи пешниҳодшуда, навсозии системаи минтақавии таҳсилоти касбӣ барои рушди ояндадори иҷтимоӣ ва иқтисодии минтақа мебошад.

Калидвожаҳо: таҳия, барнома, механизм, сиёсати иҷтимоӣ, минтақа, принсип, даромаднокӣ, иқтисодиёт, тавозун, рушди иқтисод, муҳити зист, истифодаи захираҳо, манфиати аҳолӣ, баланд бардоштани сатҳи зиндагӣ, ташкили ҷойҳои нави корӣ, шуғли пурсамар, ғайридавлатикунонии бесамар, омили рушд, корхонаҳои хусусишуда, андоз аз моликият, барномаи рушди иҷтимоию иқтисодӣ.

Гулов И.Х., Аминов И.

РАЗРАБОТКА СОЦИАЛЬНО-ТРУДОВЫХ ПРОГРАММ ОСНОВНОЙ МЕХАНИЗМ СОЦИАЛЬНОЙ ПОЛИТИКИ В РЕГИОНЕ

В данной статье отмечается, что программы обеспечивают принцип восстановления рентабельности экономики, должны поддерживать баланс развития экономики и окружающей среды, использование ресурсов должно быть направлено на благо населения региона, комплексная реализация целей не только решения текущих, но и перспективных задач, связанных с повышением уровня жизни не только нынешних, но и будущих поколений. Другой вопрос связан с созданием новых рабочих мест, которые обеспечат продуктивную занятость. Необходимо отказаться от использования значительной части населения в районах с низкой экономической эффективностью. В основном это относится к аграрному сектору, поскольку низкая производительность труда не может быть фактором решения социальных проблем. Неэффективная приватизация не может стать фактором развития, и механизм расконсервации приватизированных предприятий стимулируется только экономическими средствами, одним из которых является повышение налога на имущество. Автор отмечает, что в сложившихся условиях «Программа социально-экономического развития Хатлонской области на 2016-2020 годы» не была реализована по разным причинам, и ее адаптация к текущим условиям не лишена смысла. В Хатлонской области обеспеченность населения жильем в среднем на человека за 2015-2021 годы имеет тенденцию к снижению и требует немедленных мер. По этому автор рекомендует разработать и утверждеть программа «Жилищное развитие Хатлонской области на 2021-2030 годы». Целью разработки данной программы является обеспечение населения жильем и снижение миграционного давления населения в крупные города, приближение уровня жизни сельского населения к городскому. Решение этого вопроса возможно созданием «Сельского жилищного фонда», который может быть организован в сельских общинах и объединить средства фермерских (фермерских) хозяйств (фермеров), населения и других групп населения и начать строительство жилья для жителей села. По мнению автора для развития образования и подготовки специалистов должна быть разработана долгосрочная целевая программа «Развитие профессионального образования в Хатлонской области на 2021-2030 годы». Потому что нынешнее состояние подготовки кадров осложняло положение государства и бизнеса. Целью предлагаемой программы является обновление региональной системы профессионального образования для будущего социально-экономического развития региона.

Ключевые слова: развитие, программа, механизм, социальная политика, регион, принцип, рентабельность, экономика, сбалансированность, экономическое развитие, окружающая среда, использование ресурсов, благо населения, повышение уровня жизни, создание новых рабочих мест, эффективная занятость, неэффективная приватизация, фактор развития, приватизируемых предприятий, налог на имущество, программа социально-экономического развития.

Gulov I.H., Aminov I.

DEVELOPMENT OF SOCIAL AND LABOR PROGRAMS THE MAIN MECHANISM OF SOCIAL POLICY IN THE REGION

This article notes that the programs provide the principle of restoring the profitability of the economy, must maintain a balance between the development of the economy and the environment, the use of resources should be directed to the benefit of the population of the region, the integrated implementation of the goals of not only solving current, but also long-term tasks related to improving the standard of living not only current but also future generations. Another issue is related to the creation of new jobs that will provide productive employment. It is necessary to abandon the use of a significant part of the population in areas with low economic efficiency. This mainly applies to the agricultural sector, since low labor productivity cannot be a factor in solving social problems. Inefficient privatization cannot become a development factor, and the mechanism for reactivation of privatized enterprises is stimulated only by economic means, one of which is an increase in property tax. The author notes that under the current conditions, the “Program for the socio-economic development of the Khatlon region for 2016-2020” was not implemented for various reasons, and its adaptation to current conditions is not without meaning. In the Khatlon region, the provision of housing to the population on average per person for 2015-2021 tends to decrease and requires immediate action. Therefore, the author recommends the development and approval of the program "Housing development of the Khatlon region for 2021-2030". The purpose of developing this program is to provide the population with housing and reduce the migration pressure of the population to large cities, bringing the standard of living of the rural population closer to the urban one. The solution to this issue is possible by creating a “Rural Housing Fund”, which can be organized in rural communities and pool the funds of farming (farming) households (farmers), the population and other groups of the population and begin construction of housing for village residents. According to the author, for the development of education and training of specialists, a long-term target program "Development of vocational education in Khatlon region for 2021-2030" should be developed. Because the current state of training has complicated the situation of the state and business. The purpose of the proposed program is to update the regional system of vocational education for the future socio-economic development of the region.

Key words: development, program, mechanism, social policy, region, principle, profitability, economy, balance, economic development, environment, use of resources, welfare of the population, improvement of living standards, creation of new jobs, efficient employment, inefficient privatization, factor development, privatized enterprises, property tax, social and economic development program.

Дар охири солҳои 90-уми асри XX дар вилояти Хатлон, мисли дигар минтақаҳои ҷумҳурӣ, шароит тақрибан яксон буд. Дар натиҷаи муқовимати байни гурӯҳҳои алоҳида, иқтисоди вилоят пурра хароб гардида, соҳаҳои хоҷагии халқ пурра аз фаъолият бозмонда, бекории баланд, касри буҷа, системаи музди меҳнат, нафақа, кӯмакпулӣ барҳам хӯрда, соҳаҳои иҷтимоӣ пурра фалаҷ гаштанд. Ин ҳолат то солҳои 1997, то истиқрори сулҳ давом

ёфта, аз соли 1997 фаъолияти хоҷагидорӣ бо тадриҷ баланд гашта, сохтори сиёсӣ пурра барқарор карда шуд.

Дар он рӯзҳо мақомотҳои идораи вилояти Хатлон бо ташаббусҳои зиёде дар самти рушди комплекси агросаноатӣ, сохтмони манзил ва такмили сиёсати демографӣ, дастгирии модару кӯдак, ташаккули тарзи ҳаёти солим, тарбияи ахлоқии шахс баромад кард. Ҳамаи ин дар шакли барномаҳои гуногун амалӣ карда мешуд.

Диққати асосӣ ба се масъала равона карда шуда буд:

– баланд бардоштани фаъолияти иқтисодӣ ва даромади аҳолӣ;
– нигоҳ доштани устувории иҷтимоии деҳот, татбиқи барномаҳои иҷтимоӣ;
– таъмини адолати иҷтимоӣ, масъулият ва иҷрои барномаҳо.

Мутобиқат ва мураккабии татбиқи онҳо дар барномаҳои мақсадноки рушди иқтисодиёти вилоят мушкилоти асосӣ ба ҳисоб мерафт. Таҳия ва таҳлили мундариҷаи онҳо аз пайдарҳамӣ ва мураккабии онҳо шаҳодат медиҳанд.

Барномаи асосӣ барои барқароркунии иқтисодиёти вилоят «Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии вилояти Хатлон барои солҳои 2016-2020» ба ҳисоб мерафт, ки соли 2015 ба тасвиб расида буд.

Созишномаи истиқрори сулҳ, ки аз ҷониби ширкаткунандагон ба имзо расидааст, бо мақсади таъмини иҷрои барномаи баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолии вилояти Хатлон замина гузоштанд.

Ҳуҷҷати охирин на танҳо масъулиятро муайян кард, балки ҳамчун омили сафарбаркунӣ барои иштирокчиёни татбиқи барнома хидмат кард. Аммо нақши ҳалкунандаро таъминоти захиравии барнома тавассути истифодаи маблағҳои мақсадноки буҷети ҷумҳуриявӣ, манбаъҳои маблағгузории буҷети минтақа ва ғайрибуҷетӣ мебозиданд.

Аз ин рӯ, «Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии вилояти Хатлон барои солҳои 2016-2020» ҳамчун ҳадафи худ - ташаккули механизми ташкилию идоракунӣ муайян карда шудааст, ки ба даст овардани сатҳи муносиби зиндагии аҳолии вилояти Хатлон ва такмил додани онро дар давраи дарозмуддат дар назар дорад. Ба иҷрои вазифаҳои ин ҳадаф доираи васеи ширкаткунандагон, маъмурият аз минтақавӣ то худидоракунии маҳаллӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва сиёсии шаҳрвандоне, ки дар қаламрави минтақа фаъолият мекунанд, субъектҳои соҳибкорӣ, шаҳрвандон дохил карда шуданд.

Консепсияи барнома ба се принсипи асосӣ бунёд ёфтааст:

– тавозуни иқтисод ва муҳити зист, яъне, одамон дар натиҷаи фаъолияти истеҳсолӣ ва фаъолияти дигари худ хароб кардани муҳити зистро қатъ мекунанд;

– тавозуни соҳаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ, вақте ки рушди сатҳи зиндагӣ ба андозаи иқтисодӣ тобеъ бошад, яъне истифодаи захираҳо ба манфиати аҳолии минтақаи Хатлон равона гардад;

– иҷрои ҳамаҷонибаи мақсадҳо на танҳо барои ҳалли мушкилоти ҷорӣ, балки мушкилоти оянда, ки бо баланд бардоштани сатҳи зиндагии на танҳо шаҳрвандони зинда, балки наслҳои оянда низ алоқаманданд, бошад.

Азбаски татбиқи он ба принсипи барқароркунии даромаднокии иқтисодиёт асос ёфтааст, ба тавре ки худи истеҳсолкунандагони маҳсулот иштирокчиёни татбиқи он буданд, дар аввал масъалаи баланд бардоштани иқтисодиёти истеҳсолкунандагони маҳсулот ба миён гузошта шуд. Он замон аксарияти корхонаҳо дар арафаи муфлисшавӣ буданд. Барои барқарор кардани иқтисодиёт манбаъҳои калони молиявӣ талаб карда мешуданд, дар айни замон онҳо пойгоҳи муайян надоштанд хукумат роҳи ғайридавлатикунонии моликиятро пеш гирифт. «Дар ин ҷода мавқеи созмонҳои байналхалқии молиявӣ, ки ба давлати мо қарз медоданд, шартҳои худро гузоштанд» [5]. Ин ҳам бошад давра ба давра ғайридавлатикунии моликият буд.

Дар натиҷаи сиёсате, ки дар соҳаи иқтисодиёт татбиқ карда мешавад, самти асосии тағйироти институтсионалӣ, дар соҳа ташкили шаклҳои гуногуни соҳибкорӣ буд. Самти

асосӣ дар бахши кишоварзӣ дар ин давра дастгирии истеҳсолкунандагони кишоварзӣ бо ҷалби сармояи хориҷӣ ва дохилӣ барои рушди соҳаи пахтакорӣ маҳсуб мешуд. Аз ин ҷо, аз рӯи ҳисобҳои Ашуров И.С. «ба соҳаи пахтакорӣ аз солҳои 1996 то солҳои 2006 зиёда аз 1 млрд.300 млн. долл. сармоягузорӣ карда шуд. Ҳадаф аз ҷалби сармоя барои ин соҳаи зарури иқтисодиёти кишвар, ки барои рушди он дар вилояти Хатлон тамоми инфрасохтори истеҳсолӣ ҷой дошт ва хоҷагиҳои кишоварзии вилоят пояи асосии истеҳсоли онро ташкил мекарданд, ки пояи баланд бардоштани иқтидори содиротии мамлакат буд.

Аксари навовариҳо аз ҷониби соҳибкорон ҳамчун воситаи ҳалли масъалаҳои истеҳсолӣ ва тиҷоратӣ, роҳи баланд бардоштани некӯаҳволӣ ва беҳтар кардани натиҷаҳои молиявӣ, инчунин воситаи нигоҳ доштани устувории фаъолият ва рақобатпазирии худи ширкат ва маҳсулоти фурӯхташаванда татбиқ карда мешаванд. Аксари навовариҳо бо бозор, бо истеъмолкунандагон ва ниёзҳои он робитаи ногусастанӣ доранд.

Яке аз хусусиятҳои инноватсионии рушди минбаъдаи самаранокии фаъолияти соҳибкорӣ дар корхонаҳои саноатӣ ин омӯзиши бозорҳои мавҷуда мебошад. Раванди тадқиқоти бозор тӯлонӣ ва хароҷотҳои зиёдро талаб мекунад, зеро он доираи васеи соҳаҳои таҳлилро дар бар мегирад. Дар раванди таҳлил ва омӯзиш ба андешаи мо самтҳои муҳимтарини афзалиятнок оид ба ташаккул ва рушди инноватсионии фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи саноат чорабиниҳои мазкур баҳисоб мераванд:

- омӯзиши рақобатпазирии маҳсулоти инноватсионии дар бозор пешниҳодшаванда ва арзёбии иқтидори он барои қонеъ гардонидани талаботи мушаххаси харидорон;
- омӯзиши сегментатсияи ҷорӣ аз рӯи гуруҳҳои харидорони эҳтимолӣ;
- омӯзиши қобилиятҳои инноватсионии рақибон ва арзёбии дараҷаи эҳтимолияти пайдоиши онҳо дар бозор;
- баҳодиҳии имкониятҳои зиёд кардани ҳиссаи маҳсулоти инноватсионӣ дар пешниҳоди умумии ин маҳсулот;
- муайян кардани номгӯи манфиатҳои харидорон бо назардошти қобилияти пардохти онҳо;

асосии онро пайдо намуда, дар раванди идоракунии рушди устувори иқтисодии корхона таъсири худро мерасонанд.



Расми 1. Омилҳо ва хусусиятҳои рушди босуръати фаъолияти соҳибкорӣ дар соҳаи саноат
Таҳияи муаллиф дар асоси сарчашмаи [2,С.108; 3,С.54]

Омӯзиши ҳамаҷонибаи ин самтҳои афзалиятнок ба корхонаҳои саноатӣ имкон медиҳад, ки маълумотҳои инноватсиониро дар бораи вазъи кунунии иқтисодии бозор ҷамъ намуда, стратегияи сиёсати идоракуниро дар корхона барои даврaҳои гуногун таҳрезӣ намоянд.

Барои ҳалли масъалаҳои инноватсионии рушди устувори иқтисодии корхонаи саноатӣ таснифоти васеъи бисёрсатҳии омилҳо ки мувофиқи чунин аломатҳои таснифот ба монанди намудҳои устуворӣ хусусият ва самти таъсир муайян шудаанд, пешниҳод карда мешавад.

Хусусияти таснифоти пешниҳодшуда дар он аст, ки аз рӯи муҳимтарин меъёрҳои таснифкунӣ он ба дараҷае оварда шудааст, ки омилҳои рушди устувори иқтисодии корхонаҳои саноатӣ, ки қуввaҳои пешбарандаи онро муайян мекунанд ва хусусиятҳои

Дар низоми муносибатҳои ташкилию иктисодие, ки аз идоракунии рушди устувори иқтисодии корхонаҳои саноатӣ ба миён меоянд, омузиши чунин параметрҳои (омилҳои) рушди устувори иҷтисодиёти корхона, ба монанди ҷубронкунанда, камкунанда ва натиҷабахш мавқеи махсусро ишғол менамоянд.

Таҳқиқотҳои зиёди илмӣ дар соҳаи саноат нишон медиҳанд, ки истеҳсолкунандагон барои ноил шудан ба афзоиши даромади умумӣ ва соф кушиш мекунанд бо истифода аз моделҳои инноватсионии худ фоида ба даст оранд. Дар айни замон, истеҳсолкунандагон аксар вақт ба беҳтар намудани натиҷаҳои инноватсионии дар амал тадбиқшуда диққати асосӣ медиҳанд.

Амалия нишон медиҳад, ки дар давраи ҳозира афзалиятҳо барои кам кардани хароҷот дар байни муҳимтарини раванди стратегӣ ҷои дуюмро ишғол мекунад. Бо ибораи дигар, устувории умумии корхона зарурати чунин навъи ҳаракати анбӯҳҳои пулиро тақозо менамояд, ки баҳри ба таври доимӣ таъмин намудани барзиёдии ҳаҷми воситаҳои воридшаванда аз ҳаҷми воситаҳои харҷшуда зарур мебошад. Бинобар ин, самти муҳимми ноилгардӣ ба устувории корхонаҳои саноатӣ таъмини устувории молиявӣ ба ҳисоб рафта, чунин ҳолати захираҳои молиявиро ифода менамояд, ки дар мавриди он корхона дар заминаи истифодаи самарабахши онҳо ҷараёни бефосилаи истеҳсолот ва фурӯши маҳсулотро қодир мебошад. Ҳолати устувории молиявии корхона баҳри иҷрои нақшаҳои истеҳсолӣ ва таъмини истеҳсолот бо захираҳои зарурӣ ба таври мусбӣ таъсир мерасонад ва, бинобар ин, фаъолияти молиявӣ имкон фароҳам месозад, ки воридшавӣ ва харҷи воситаҳои пулӣ ба таври нақшавӣ таъмин карда шавад.

Соҳибкории саноатӣ яке аз роҳҳои самаранок истифодабарии захираҳои мавҷудаи иқтисодӣ, қонеъ гардонидани талаботи бозор ва неъматҳои моддӣ, ҳалли масъалаҳои бекорӣ, камбизоатӣ ва баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат ба ҳисоб меравад. Вале, дар шароити муосири Тоҷикистон сектори соҳибкорӣ ҳоло дар ҳалли масъалаҳои зикргардида нақши ҳалкунанда ва мавқеи устуворро надорад ва олимону таҳқиқотчиёни ватаниро барои таҳқиқот ба худ ҷалб карда истодааст [4, С. 14]. Масалан, мавҷуд будани номутаносибии сохторӣ дар иқтисодиёт, инчунин номукамаллии бозори муосири дохилӣ, мавҷуд набудани майдони иттилоотии ягона, миқдоран кам ва сифатан номукаммалии фаъолияти инфрасохтори бозор, монеаҳои маъмурӣ дар марҳилаи муосири ободкориву созандагӣ омилҳои ногузир пайдо намуда истодааст.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ҳоло дар Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳибкорӣ бештар дар соҳаҳои хизматрасонӣ ва савдо рушд намуда истодааст, зеро бо сабаби рақобатпазир набудани маҳсулоти ватанӣ дар он боздеҳии маблағгузорӣ хеле баланд буда, мӯҳлати гирдгардиши сармояҳо низ кӯтоҳ аст. Ҳамзамон дар соҳаи аграрии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сабаби таҷдиди як корхонаи калони хоҷагиҳои кишоварзӣ ва даҳҳо хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) шумораи соҳибкорони дар ин соҳа фаъолияткунанда зиёд гашт. Мутаассифона дар шароити муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳибкорӣ дар соҳаи саноат ба таври зарурӣ тараққи накардаистодааст, ки ин яке аз норасоии ҷиддии рушди иқтисодиёти миллӣ мебошад. Ҳамзамон барои рушди соҳибкории саноатӣ дар иқтисодиёти миллӣ баъзе норасоиҳо мавҷуданд, ба мисоли: сатҳи нисбатан баланди хавф ва вобаста ба ин дараҷаи баланди ноустуворӣ дар бозор; вобаста будан аз ширкатҳои калон; норасоиҳо дар идоракунии фаъолият; салоҳиятнокии пасти хоҷагидорӣ; мушкилот дар ҷалби воситаҳои

иловагии молиявӣ ва гирифтани қарз; нобоварӣ ва эҳтиётkории ҳамкорони хоҷагидор ҳангоми бастани шартномаҳо (аҳдномаҳо) ва ғ. мебошанд [3, С. 12].

Хулоса бояд қайд намуд, ки низоми таъмини устувории фаъолияти соҳибкории саноатӣ дар заминаи ҳамгироии муназзами соҳаи инноватсионӣ илман асоснокшуда ва раванди рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ таъмин мегардад. Руйдодҳои солҳои охир нишон медиҳанд, ки барои тағйир додани моделҳои рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон тадбирҳо омода шудаанд. Барои таъмини мувозинати байни рушди иқтисодиёт ва баланд бардоштани устувори некуаҳволии ҷамъият осебпазирии иқтисодиётро ба тагйирёбии шароити беруна кам кардан зарур аст. Дар ин раванд ташаккул ва татбиқи кластерҳои инноватсионие, ки барои таҷдиди сармояи асосӣ ҳавасмандии воқеӣ ба вуҷуд меоранд, таъсири мултипликатории рушди соҳаҳои низоми иқтисодӣ ва афзоиши ҳосилнокии меҳнатро таъмин мекунанд, аҳамияти хоса дорад.

Муттаҳидсозии унсурҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сармоягузорӣ, молиявӣ, истеҳсолӣ, инноватсионӣ ва экологӣ дар раванди ташаккул ва рушди соҳибкории саноатӣ омилҳо ва самтҳои таъмини рушди устувори субъекти хоҷагидориро ҳамчун ҷузъи ҷудонопазири рушди уствори иқтисодиёт ва ҷомеа, дар маҷмӯъ, муайян менамояд. Бинобар ин, ба назар гирифтани ин омилҳо барои таъмини рушди устувори корхонаҳо замина муҳайё намуда, дар ҳалли масъалаҳои ҳалталаби иҷтимоӣ-иқтисодии мамлакат зарур мебошанд.

АДАБИЁТ

1. Абдуллоева Л.И., Фаррухи Р., Зияева М.Д. Развитие производственного предпринимательства в условыях ускоренной индустриализиации Республики Таджикистан// Пайёми ДМТ 2020 № 10-1 с. 160.
2. Бобомуродов П.У. Ҷанбаҳои назариявии ташаккулёбӣ ва рушди иқтисодии инноватсион Пайёми ДДТТ №2 (41) 2022 -С.23.
3. Додоматов Д.Н. Ташаккул ва рушди фаъолияти соҳибкории саноатӣ: назария, методология ва амалия (дар асоси маводҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон) [Текст]: дисс… на соискание ученой степени док. экон. наук: 08.00.05.- Спб – 2020.-270с.
4. Қодирзода Д.Б., Наимзода Н.Қ. Самтҳои афзалиятноки таъмини устувории корхонаҳои саноатӣ дар шароити муосир// Пайёми ДМТ 2020 № 10 с. 14.
5. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 21.12. 2021. // [Захираи электронӣ]-Тарзи дастрасӣ: http://president.tj/node/19088(Санаи воридшавӣ: 11.04.2022с).
6. Мусостова Д.Ш., Дудаев А. М. Финансирование инновационной деятельности предприятий в современных условиях // Вестник Алтайской академии экономики и права. – 2019. – № 4-1. – С. 106-112. Электронный ресурс//URL:https://vaael.ru/ru/article/view?id=413 (дата обращения: 17.10.2022).
7. Иброхимов, Б.А. Набиев // Вестник Таджикского национального университета. Серия социальноэкономических и общественных наук. –Душанбе, 2015. -№2/8. -С.23.
8. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 // [Захираи электронӣ]-Тарзи дастрасӣ: http://president.tj/node/19088(Санаи воридшавӣ: 17.03.2022с).
9. Саноати Тоҷикистон: масъалаҳои модернизатсия // Монография (бо забони русӣ): -Душанбе 2017с.
10. Тоҷикистон: 30-солагии Истиқлолияти давлатӣ. Маҷмӯаи оморӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон-Душанбе 2021 с.394-398.

УДК 311

Маҷидов А.А.

ТАТБИҚИ УСУЛИ ИНДЕКСИИ ТАҲЛИЛ ДАР ОМӮЗИШИ ТАРКИБИ БОЗОРИ МЕҲНАТ

Дар мақола усули индексии таҳлил ва ҳисоби нишондиҳандаҳои таркиби бозори меҳнат пешниҳод гардида, индекси тафовути сохторӣ, индекси номиналӣ ва ҳақиқии музди меҳнат ҳисоб карда шудаанд. Инчунин бо истифода аз индексҳои такибашон доимӣ, тағйирёбанда ва тағйирёбии сохторӣ нишондиҳандаҳои фонди музди меҳнат барои тамоми минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон боназардошти шумораи миёнасолонаи кормандон ва музди меҳнати миёнаи ҳармоҳаи онҳо ҳисоб гардида, тавассути индексҳои ҳудудӣ минтақаҳои ҷумҳурӣ бо якдигар муқоиса карда шудаанд.

Вожаҳои калидӣ: усули индексии таҳлил, бозори меҳнат, индекси номиналӣ ва ҳақиқӣ, индекси таффовут, шумораи миёнасолонаи кормандон, музди меҳнати миёнаи ҳармоҳа, индексҳои ҳудудӣ.

Маджидов А.А.

ПРИМЕНЕНИЕ ИНДЕКСНОГО МЕТОДА АНАЛИЗА ПРИ ИЗУЧЕНИИ СТРУКТУРЫ РЫНКА ТРУДА

В статье представлен индексный метод анализа и расчета показателей структуры рынка труда, а также рассчитаны индексы структурного различия, номинального и реального заработной платы. Используя индексы постоянных, переменных и структурных изменений, показатели фонда оплаты труда по всем регионам Республики Таджикистан рассчитывались с учетом среднесписочной численности работников и их среднемесячной заработной платы и сравнивались с региональными показателями регионов.

Ключевые слова: индексный метод анализ, рынок труда, номинальный и реальный индекс, индекс различий, среднегодовая численности работников, среднемесячная заработная плата, территориальные индексы.

Majidov A.A.

THE USE OF THE INDEX ANALYSIS METHOD IN STUDYING THE STRUCTURE OF THE LABOR MARKET

The article presents the index method of analysis and calculation of indicators of the structure of the labor market, calculated the index of structural differences, the index of nominal and real wages. Also, using indices of constant, variable and structural changes, indicators of the wage fund for all regions of the Republic of Tajikistan were calculated taking into account the average number of employees and their average monthly wages and were compared with regional indicators of the regions.

Key words: index method analysis, labor market, nominal and real index, difference index, average annual number of employees, average monthly salary, territorial indices.

Усули индексии таҳлил яке аз усулҳои маъмул ва бештар истифодашаванда барои таҳқиқи равандҳо иҷтимоӣ-иқтисодӣ буда, дар омор доираи истифодабарии васеъ дорад. Дар таҳқиқи равандҳои гуногун, аз ҷумла бозори меҳнат, имконияти ба таври васеъ истифода бурдани усули индексӣ ҷой дорад, чунки бо ин васила мо ҳолат ва хусусиятҳо ин бозорро

ошкор намудан, онро ҳамаҷониба таҳлил ва баҳо дода метавонем.Зеро индекс аслан нишондиҳандаи нисбие мебошад, ки тағйирёбии миёнаро дар фазо ва вақт ифода намуда, ҳодисаҳои мураккаберо, ки онҳоро бо якдигар ҷамъ намудан мункин нест, мавриди омӯзиш қарор медиҳад [3].

Дар таҳқиқи бозори меҳнат усули индексии таҳлилро ба таври васеъ истифода бурдан мумкин аст, чунки ин бозор бо назардошти фазо ва вақт мунтазам тағйирёбанда ва ҷузъҳои таркибии зиёде дорад, ки онҳо бо якдигар муқоисанашаванда мебошанд [1;2;3;4;5;6].

Яке аз нишондиҳандаи асосии рушддиҳандаи бозори меҳнати минтақа, шумораи миёнасолонаи кормандони кироя дар соҳаҳои гуногун мебошад. Дараҷаи ин нишондиҳанда дар минтақаҳои ҷумҳурӣ мунтазам тағйир меёбад. Сатҳи тағйирёбии шумораи миёнасолонаи кормандони кироя дар минтақаҳоро бо воситаи нишондиҳандаҳои тағйирёбии сохторӣ, аз ҷумла индекси тафовути сохторӣ таҳлил намудан мумкин аст[5].

Ҷадвали 1.

Шумораи миёнасолонаи кормандони кироя дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон (ҳазор нафар)

Минтақаҳо	Соли 2014		Соли 2020		$\lvert d_1-d_0\rvert$	$(d_1-d_0)^2$
	Шумораи миёнасолонаи кормандони кироя (ҳазор нафар)	d_0 (ҳисса дар маҷмуъ)	Шумораи миёнасолонаи кормандони кироя (ҳазор нафар)	d_1 (ҳисса дар маҷмуъ)		
НТҶ	114,8	10,59	112,4	9,26	1,33	1,769
Суғд	401,5	37,05	432,4	35,6	1,45	2,10
Хатлон	396,1	36,56	476,0	39,2	2,64	6,97
ВМКБ	22,8	2,10	24,1	2,0	0,1	0,01
ш. Душанбе	148,4	13,70	169,3	13,94	0,24	0,058
∑	1083,6	100,0	1197,8	100,0	5,76	33,178

Сарчашма: Бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2021. – С. 478-482 [7]

Барои таҳқиқи тағйирёбии с***охт***орӣ нишондиҳандаҳои зерин ҳисоб карда мешаванд:

Коэффитсиенти хаттии тағйирёбии мутлақи сохторӣ:

$$S_d = \frac{\sum|d1-d0|}{n} = \frac{5,76}{5} = 1,15$$ банди фоиз тағйир ёфтааст.

Аз натиҷаи ҳисоби нишондиҳандаҳои тафовути сохторӣ бараъло маълум аст, ки дар сохтори шумораи кормандони кироя тағйироти назаррас ба вуҷуд омадааст. Тасдиқи ин гуфтаҳо ҳисоби нишондиҳандаҳои тафовути сохторӣ мебошад. Яъне коэффитсиенти квадратии тағйирёбии мутлақи сохторӣ ва индекси тафовути сохторӣ ба андозаи 2,58 банди фоизӣ (б.ф.) ва 2,88 б.ф. тағйир ёфтаанд.

$$S_q = \sqrt{\frac{\sum(d_1 - d_0)^2}{n}} = \sqrt{\frac{33,178}{5}} = 2.58 \text{ б. ф.};$$

$$I_{\text{таф}} = \frac{1}{2}\sum(d_1 - d_0) = \frac{1}{2} \times 5,76 = 2,88 \text{ б. ф.}$$

Дар маҷмуъ ҳамаи нишондиҳандаҳои ҳисобгардида аз он шаҳодат медиҳад, ки сохтори шумораи миёнасолонаи кормандон дар сатҳи ҷумҳурӣ соли 2020 нисбат ба соли 2014 қисман тағйир ёфтаанд. Хусусан ин тағйирёби бештар барои давраи омӯхташаванда ба вилояти Хатлон 20,2% ва ш. Душанбе 10,4% рост меояд. Дар вилояти Суғд сатҳи ин нишондиҳанда ба 7,7%, дар ВМКБ 5,7% ва дар НТҶ бошад, баръакс ҳолати коҳиш 2,1% ба назар мерасад.

Бо мақсади пурра инъикос намудани сатҳи тағйирёбии нишондиҳандаҳои мазкур аз усули таҳлили индексӣ истифода мебарем, зеро усули индексии таҳлил яке аз усулҳои маъмул ва бештар истифодашаванда барои таҳқиқи равандҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ буда, дар омор доираи истифодабарии васеъ дорад. Дар таҳқиқи равандҳои гуногун, аз ҷумла бозори меҳнат, имконияти ба таври васеъ истифода бурдани усули индексӣ ҷой дорад, чунки бо ин васила мо ҳолат ва хусусиятҳои ин бозорро ошкор намуда, онро ҳамаҷониба таҳлил ва баҳо дода метавонем. Зеро индекс аслан нишондиҳандаи нисбие мебошад, ки тағйирёбии миёнаро дар макон ва замон ифода намуда, ҳодисаҳои мураккабе, ки онҳоро бо якдигар ҷамъ намудан мумкин нест, меомӯзад [3].

Ҷадвали 2.2.4. - Шумораи миёнасолонаи кормандон ва музди меҳнати миёнамоҳона дар минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2014-2020

	Соли 2014		Соли 2020	
	Шумораи миёнасолонаи кормандони кироя (ҳазор нафар)	Музди меҳнати миёнамоҳонаи кормандон (сомонӣ)	Шумораи миёнасолонаи кормандони кироя (ҳазор нафар)	Музди меҳнати миёнамоҳонаи кормандон (сомонӣ)
НТҶ	114,8	756,86	112,4	1192,84
Суғд	401,5	645,72	432,4	1236,26
Хатлон	396,1	615,23	476,0	1053,78
ВМКБ	22,8	672,04	24,1	1347,36
ш. Душанбе	148,4	1402,68	169,3	2080,81
Нишондиҳандаи миёна				
	216,72	818,51	242,84	1382,21

Сарчашма: Бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон // Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2021. – С. 494-495 [7].

Бо истифода аз усули индексҳои оморӣ фонди музди меҳнатро барои тамоми минтақаҳои Тоҷикистон таҳлил менамоем.

$$I_1 = \frac{\sum P_1 q_1}{\sum P_0 q_1} = \frac{1554985829}{910799760} = 1{,}707 \text{ ё } 70{,}1\%.$$

$\Delta_1 = \sum p_1 q_1 - \sum p_0 q_1 = 1554985829 - 910799760 = 644186069$ сомонӣ.

Дар натиҷаи ҳисоб муайян гардид, ки фонди музди меҳнат дар тамоми минтақаҳои ҷумҳурӣ танҳо аз ҳисоби зиёд гардидани меъёри музди меҳнат дар соли 2020 нисбат ба соли 2014-ум 70,1% ва бо нишондиҳандаи мутлақ 644186069 сомонӣ афзудааст.

Акнун тағйирёбии фонди музди меҳнатро аз ҳисоби тағйирёбии шумораи миёнасолонаи кормандон дар бозори меҳнат барои тамоми минтақаҳои ҷумҳурӣ дида мебароем:

$$I_2 = \frac{\sum q_1 p_0}{\sum q_0 p_0} = \frac{910799760}{813316935} = 1{,}120 \text{ ё } 12{,}0\%$$

$\Delta_2 = \sum q_1 p_0 - \sum q_0 p_0 = 910799760 - 813316935 = 97482825$ сомонӣ

Дар давраи таҳлилгардида ҳаҷми фонди музди меҳнат аз ҳисоби тағйир ёфтани шумораи миёнасолонаи кормандон 97482825 сомонӣ ё 12%, соли 2020 дар муқоиса бо соли 2014 зиёд гардидааст.

Ҳамзамон бо истифода аз индекси агрегатӣ (муттаҳид кардашуда) тағйирёбии фонди умумии музди меҳнатро аз ҳисоби ҳарду омил (шумораи миёнасолонаи кормандон ва фонди музди меҳнат) дида мебароем.

$$I_3 = \frac{\sum q_1 p_1}{\sum q_0 p_0} = \frac{1554985829}{813316935} = 1{,}911 \text{ ё } 91{,}1\%$$

$\Delta_3 = \sum q_1 p_1 - \sum q_0 p_0 = 1554985829 - 813316935 = 741668894$ сомонӣ

Яъне тағйирёбии фонди музди меҳнат аз ҳисоби афзудани шумораи миёнасолонаи кормандон ва музди меҳнати миёнамоҳона дар тамоми минтақаҳои кишвар дар давраи таҳлилгардида 741668894 сомонӣ ё 91% афзоиш дорад. Дурустии натиҷаи ҳисобро бо воситаи усули индексӣ чунин месанҷем:

$$I_3 = I_1 \times I_2 = 1{,}71 * 1{,}12 = 1{,}91 \text{ ё } 91{,}1\%:$$

$$\Delta I_3 = \Delta I_1 + \Delta I_2 = 644186069 + 97482825 = 741668894 \text{ сомонӣ}$$

Аз натиҷаи ҳисоб ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки ҳаҷми фонди музди меҳнат дар тамоми минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2020 нисбат ба соли 2014-ум 91,1% зиёд гардида, шумораи миёнасолонаи кормандон бошад дар ин муддат 10,5% ва ҳаҷми умумии хароҷоти фонди музди меҳнат ба андозаи 59,8% барзиёд шудааст. Яъне ҳаҷми фонди музди меҳнат бо назардошти ду омил: шумораи миёнасолонаи кормандон ва афзоиши меъёри музди меҳнати миёнамоҳонаи кормандон 741668894 сомонӣ афзудааст. Ҳамзамон аз ҳисоби зиёд гардидани ҳаҷми музди меҳнат ба миқдори 644180069 сомонӣ ё 70,1% ва аз ҳисоби тағйир ёфтани шумораи миёнасолонаи кормандон бошад 97482825 сомонӣ ё 12,0% афзоиш ёфтааст.

Тағйирёбии сатҳи музди меҳнати миёнамоҳонаи кормандонро бо воситаи низоми индексҳои таркибашон доимӣ, тағйирёбанда ё сохторашон тағйирёбанда муайян кардан имконият дорад. Индекси музди меҳнати миёнамоҳонаи кормандонро барои тамоми минтақаҳои ҷумҳурӣ, ҳамчун индекси таркибаш тағйирёбанда бо истифода аз маълумотҳои ҷадвали 2.2.4. чунин муайян мекунем.

$$I_l = \frac{\sum F_1}{\sum T_1} \div \frac{\sum F_0}{\sum T_0} = \frac{\sum l_1 T_1}{\sum T_1} \div \frac{\sum l_0 T_0}{\sum T_0} = \frac{1554985829}{1382{,}21} \div \frac{910799760}{818{,}51} = 1{,}011 \text{ ё } 1{,}1\%$$

Натиҷаи ҳисоби ин индекс барои тамоми минтақаҳои ҷумҳурӣ маънои онро дорад, ки дар давоми солҳои 2014 - 2020 ба ҳисоби миёнасолона музди меҳнати миёнамоҳонаи кормандон 1,1%-и афзудааст. Қимати ба даст овардашудаи ин индекс ҳамчунин аз индексҳои таркибашон доимӣ ва тағйирёбии сохторӣ иборат аст. Дигар хусусияти индексҳои оморӣ аз он иборат аст, ки бо воситаи онҳо имконияти муқоисакунонии ҳодисаҳо дар ҳудудҳои муайян ё минтақаҳои гуногун ҷой дорад. Яъне бо воситаи индексҳои ҳудудӣ мо имконият дорем, ки тағйирёбии фонди музди меҳнатро дар минтақаҳои гуногуни ҷумҳурӣ муқоиса намоем. Барои мисол, индекси одии ҳудудиро истифода бурда, тағйирёбии ҳаҷми фонди музди меҳнатро дар вилояти Суғд дар муқоиса бо вилояти Хатлон дида мебароем.

$$I_{C/X} = \frac{\sum L_C \, T_C}{\sum L_X T_X} = \frac{1236{,}26 * 432{,}4 + 645{,}72 * 401{,}5}{1053{,}78 * 476{,}0 + 615{,}23 * 396{,}1} = \frac{793815{,}404}{745291{,}883} = 1{,}065: \text{ ё } 6{,}5\%$$

Аз ин ҷо бармеояд, ки ҳаҷми умумии фонди музди меҳнат дар вилояти Суғд нисбат ба вилояти Хатлон 6,5% ё 48523521 сомонӣ зиёд гардидааст.

Натиҷаи истифодабарии усули индексии таҳлил имконият дод, ки таркиб ва ҳолати бозори меҳнат таҳқиқ гардида, тағйирёбии сохторӣ ва ҳудудии он дар минтақаҳои кишвар ошкор гардад. Бо истифода аз ин усул ва дастрасии маълумотҳои омори расмӣ муайян гардид, ки афзоиши индекси музди меҳнати ҳақиқӣ дар муқоиса бо индекси нархҳои истеъмолӣ бештар буда, аз афзоиши музди меҳнати ҳақиқӣ ва беҳтар гардидани сатҳи зиндагии кормандон шаҳодат медиҳад.

Ҳамин тариқ, дар ҷумҳурӣ баробари афзоиш ёфтани шумораи захираҳои меҳнатӣ сол то сол нишондиҳандаи қувваи кории дар иқтисодиёт истифоданашуда ва сарбории демографӣ зиёд шуда истодааст ва ҳалли ин масъала аз даромади миёнаи пулӣ ва пардохтҳои иҷтимоӣ нисбатан вобастагӣ дорад. Бо мақсади ба эътидол овардани ин раванд зарур аст, ки дар сатҳи макроиқтисодӣ чораҳои зарурӣ андешида шаванд, ба монанди ташкили ҷойҳои нави корӣ дар заминаи ба назар гирифтани дараҷаи талабот ва ҷалби бевоситаи ин захираҳо ба раванди истеҳсолоти ҷамъиятӣ.

АДАБИЁТ

1. Бобоева Р.М., Одинаев М.А., Табаров О.С. Вопросы моделирования зависимости роста ВВП страны от состояния рынка труда// Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – Душанбе, 2019. - № 6. - С. 27-33;
2. Бобоева Р.М., Хофизов Х.А. Диагностика рынка труда: математико статистическое моделирование / Р.М. Бобоева, Х.А. Хофизов // монография - Душанбе: «Ирфон», 2021. – 131 с.
3. И.И Колесников Статистика. –М..: Новое знание, 2006. Ст. 142.
4. Ермолаева С.Г. Рынок труда // учебное пособие / С.Г. Ермолаева. - Екатеринбург: «Изд-во Урал. ун-та», 2015. -108 с.
5. Костюк Л.Д. Рынок труда//Учебное пособие для подготовки бакалавров по направлению «Экономика». – М.: «МИИТ», 2013. -161 с.
6. Мирзоев С.С., Маҷидов А.А. Таҳқиқи иқтисодӣ-омории таркиб ва шумораи захираҳои меҳнатӣ ва пешгӯии онҳо// Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон.- Душанбе, 2020. - № 2 (31). - С. 81-84.
7. Бозори меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон //Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2021.

УДК 331

Марупова Н.Ш.

РАЗРАБОТКА СОЦИАЛЬНЫХ ПРОГРАММ В УСЛОВИЯХ ИННОВАЦИОННОГО РАЗВИТИЯ ТАДЖИКИСТАНА

В статье рассмотрены методические основы разработки социальных программ и обеспечения социальной защиты населения на основе определения стратегических приоритетов, механизмов их реализации. Установлено, что основная цель экономической политики современного государства является методическая разработка социальных программ и полное обеспечение дееспособной системы социальной защиты населения, ориентированной на всестороннее развитие граждан и социальное благоустройство. В республике демографические развития опережает рост экономики, по сравнению с другими странами СНГ, который усугубляет вопросы занятости, увеличивает безработицу, ведет к снижению уровня жизни и повышает социальную плотность. Развитие страны находится под огромным давлением демографических факторов и это требует разработки социальных программ. Автором установлено, что уровень социальной защищенности населения в Республике Таджикистан очень низко относительно других стран, в первую очередь, это связано с низким уровнем пенсий и пособий. Изучена динамика ВВП на душу населения, а также выявлены проблемы социального обеспечения и предложены направления их развития на основе определения стратегических приоритетов, механизмов их эффективной реализации в Таджикистане.

Ключевые слова: инновационное развитие, социальная программа, социальная защита; государственные расходы, социальное обеспечение, пенсионное страхование, повышения качество и уровень жизни населения.

Марупова Н.Ш.

ТАҲИЯИ БАРНОМАҲОИ ИҶТИМОӢ ДАР ШАРОИТИ РУШДИ ИННОВАТСИОНИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақола асосҳои методологии таҳияи барномаҳои иҷтимоӣ ва таъмини ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар асоси муайян намудани афзалиятҳои стратегӣ ва механизмҳои татбиқи онҳо баррасӣ гардидааст. Муқаррар карда шудааст, ки мақсади асосии сиёсати иқтисодии давлати муосир таҳияи методии барномаҳои иҷтимоӣ ва пурра таъмин намудани системаи устувори ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ мебошад, ки ба инкишофи ҳаматарафаи шаҳрвандон ва беҳбудии иҷтимоӣ нигаронида шудааст. Дар ҷумҳурӣ тараққиёти демографӣ нисбат ба дигар мамлакатҳои ИДМ аз афзоиши иқтисодиёт бештар аст, ки ин боиси тезу тунд шудани масъалаи шуғл, зиёд шудани бекорӣ, паст шудани дараҷаи зиндагии аҳолӣ ва афзудани зичии иҷтимоӣ мегардад. Рушди кишвар зери фишори шадиди омилҳои демографӣ қарор дорад ва ин таҳияи барномаҳои иҷтимоиро тақозо мекунад. Муаллиф муайян кардааст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сатҳи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ дар муқоиса бо дигар кишварҳо хеле паст аст, ки ин пеш аз ҳама дар паст будани сатҳи нафақа ва кӯмакпулиҳо алоқаманд мебошад. Пуёии маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба ҳар сари аҳолӣ омӯхташуда, мушкилоти таъмини иҷтимоӣ муайян карда шуд ва самтҳои рушди онҳо дар асоси муайян намудани афзалиятҳои стратегӣ, механизмҳои татбиқи самаранокии онҳо дар Тоҷикистон пешниҳод карда шуданд.

Калидвожаҳо: рушди инноватсионӣ, барномаи иҷтимоӣ, ҳифзи иҷтимоӣ; хароҷоти давлатӣ, таъминоти иҷтимоӣ, суғуртаи нафақа, баланд бардоштани сифат ва дараҷаи зиндагии аҳолӣ

Marupova N.Sh.

DEVELOPMENT OF SOCIAL PROGRAMS IN THE CONDITIONS OF INNOVATIVE DEVELOPMENT OF TAJIKISTAN

The article considers the methodological foundations for developing social programs and ensuring social protection of the population based on the definition of strategic priorities and mechanisms for their implementation. It has been established that the main goal of the economic policy of the modern state is the methodical development of social programs and the full provision of a viable system of social protection of the population, focused on the comprehensive development of citizens and social improvement. In the republic, demographic development outpaces the growth of the economy, in comparison with other CIS countries, which exacerbates employment issues, increases unemployment, leads to a decrease in living standards and increases social density. The development of the country is under enormous pressure from demographic factors and this requires the development of social programs. The author found that the level of social protection of the population in the Republic of Tajikistan is very low compared to other countries, first of all, this is due to the low level of pensions and benefits. The dynamics of GDP per capita was studied, as well as the problems of social security were identified and directions for their development were proposed based on the definition of strategic priorities, mechanisms for their effective implementation in Tajikistan.

Key words: innovative development, social program, social protection; public spending, social security, pension insurance, improving the quality and standard of living of the population

В современных условиях инновационного развития Республики Таджикистан основной целью органов местной государственной власти и джамоатов является разработка

мер по повышению уровня социальной защиты и качества жизни населения, а также их обеспечение.

При этом социальное планирование приобретает все важное значение при разработки долгосрочных стратегических планов и программ. Указанные органы власти используют инструменты социального программирования с учетом повышения уровня информированности населения, профилактики и лечения заболеваний, доверия к социальной сфере другим органам управления и др.

В основном социальные программы позволяют удовлетворить социальные потребности, применения социальных норм общественного развития, стандартов, качественных и количественных показателей и применения универсального инструмента осуществления управленческих решений [2, стр. 29].

Анализ выполненных работ показывает, что многие авторы, в том числе Ж.Т. Тощенько считает, что «…социальные программы должны быть целенаправленными, научно-обоснованными документами для решения насущных проблем выделяя их цели, задач, средств, механизмов, а также методов решения» [9, стр. 418].

Социальные программы используются для разработки долгосрочных вариантов социального и экономического развития на основе установления их приоритетных направлений деятельности организаций и общества с целью удовлетворения растущих потребностей на основе использования инструментов социальных институтов.

При этом основной целью социального программирования является разработка и реализация инновационных проектов для решения важнейших проблем социального развития, учитывая объемы, временные интервалы и этапы реализации, а также рассматриваемых предлагаемых изменений в условиях регионов, городов и районов с целью обеспечения социального развития и устранения общественных ситуаций и другие.

Тогда, в этих условиях целесообразным считаем разделении объектов социальной программы на различные категории (рисунок 1).

Рисунок 1 - Важнейшие компоненты, характеризующие социально-экономической программы (авторская разработка)

Реализация предложенного программного механизма проводится по индивидуальным и конкурсным объектам, зависящий от срока реализации - краткосрочные до 3-х лет, среднесрочные от 3-х до 5 лет и долгосрочные от 5 лет и более. Следовательно, существуют разнообразные типы программ, где происходит их пересечения и комбинация, потому что эти программы смешанные. Для их реализации используются внутренние ресурсы.

Важным компонентом социальной политики считается обоснование и разработка ее стратегии, которая направлено для обеспечения социального развития в условиях достижения долгосрочных и среднесрочных целей и задач в условиях инновационной экономики.

В 2000 году Таджикистан вступила в Декларацию тысячелетия, [1] и исходя из Целей развития тысячелетия (ЦРТ) [10], была принята Национальная стратегия развития Республики Таджикистан на период до 2015 года (НСР-2015) [4, стр.551].

Для реализации Национальной стратегии развития и достижения Целей развития тысячелетия Правительство страны утвердило следующие среднесрочные стратегии: Стратегию сокращения бедности на 2007-2009 годы, Стратегию сокращения бедности на 2010-2012 годы и Стратегию повышения благосостояния населения Таджикистана на 2013-2015 годы.

По истечении срока действия старых стратегических документов, в 2016 году в республике был принят очередной базовый документ, в котором сформулированы цели и задачи развития как: Программа среднесрочного развития Республики Таджикистан на 2016–2020 гг., Национальная стратегия развития Республики Таджикистан на период до 2030 года (далее – НСР–2030). На основе НСР [5, стр.104] приняты отраслевые программы и стратегии регионального развития, но до сих пор не принят стратегический документ по социальной защите, что является серьезным недостатком. Для решения этих вопросов действует Рамочная программа ООН по оказанию помощи в целях развития для Таджикистана [8, стр.881].

Внешняя политика страны в соответствии с НСР-2030 ориентирована на оптимизацию внешних условий и развития, защиту прав и интересов граждан за рубежом, укрепление прав страны на международном уровне.

Внутренняя политика направлена на снижение незащищенности и повышение экономической независимости страны от внешних угроз; исследование и внедрение эффективных моделей, и формирование государственных фондов социально-экономического развития; обеспечение устойчивого развития; расширение производительной занятости; сокращение неформальной занятости и повышение производительности труда; а также доступ к стабильной и успешной бизнес-деятельности.

Основным фактором экономического развития в НСР-2030 является человеческий капитал. Образование и наука являются главными условиями повышения национальной конкурентоспособности и развития экономики, а также природные ресурсы (большой гидроэнергетический потенциал, чистая вода, благоприятные почвы и климат, богатая флора и фауна, а также множество трудовых ресурсов) составляют основу индустриально-инновационного развития страны.

Долгосрочная цель развития Республики Таджикистан – это повышение уровня жизни населения, где необходимо обеспечить устойчивое экономическое развитие, по следующим этапам это:

- обеспечение энергетической безопасности и эффективного использования электроэнергии;
- выход из коммуникационного тупика и превращение в транзитную страну;
- обеспечение продовольственной безопасности и доступа населения к качественным продуктам питания;
- расширить продуктивную работу.

В социальной сфере согласно НСР-2030 предусмотрено:

- обеспечение здоровья населения на основе: осуществления системных реформ в сфере здравоохранения; повысить доступность, качество и эффективность медицинских услуг; введение здорового образа жизни;

-усиление социальной защиты населения на основе: институционального обновления системы; обеспечение долгосрочной стабильности пенсионной системы; комплекс подходов к поддержке и поощрению социальной защиты уязвимых слоев населения.

Основной целью среднесрочной программы развития Республики Таджикистан на 2016-2020 годы является обеспечение единства и согласованности отраслевых и региональных среднесрочных программ развития, их совместимости с НСР-2030, другими программными документами. Поэтому каждый разработанный документ развития социального обеспечения в определенный период должна соответствовать нормам и направлениям, установленным НСР-2030 года.

Анализ показал, что реализованная программа [7] позволила решить главные отраслевые и межотраслевые проблемы в социальной сфере, такие как: продление доступа к услугам связи; развития человека; росту эффективности; повышение качества услуг; роли государственных институтов в национальном развитии; институциональное укрепление ГЧП. Также она позволила в межсекторальном секторе: обеспечить права человека и верховенства закона; снизить гендерное неравенство; расширить социальное вовлечение уязвимых групп населения.

Вместе с тем, в новых условиях требует уточнения решения выделенных направлений на основе данного этапа социального развития экономики.

Поскольку Национальная стратегия развития разработана с учетом реализации программы развития экономики за 2016-2020 годы, приоритетным считается разработка мер по обеспечению социальной защиты различных слоев населения на основе использования современных методов расчета. Особенно важным считаем использование методики проведения расчета разработанного Международной организацией труда (МОТ) протокола быстрых оценок [6, стр.156] который позволит реализовать различные варианты в сфере социальной защиты с учетом оценки требуемых затрат.

Протокол быстрых оценок является одним из таких инструментов, но в отличие от других методик, он не требует специальной подготовки и опыта (рис.2).

Рисунок 2- Структура Протокола быстрых оценок

Применение методики позволяет оценить и прогнозировать затраты на рекомендуемые меры социальной защиты в ближайшем будущем.

Целью оценки является определение затрат, в которых учитываются финансовые возможности и перераспределение бюджетных средств государством. Следовательно, оценка помогает выбрать приоритетные варианты политики в данной сфере.

Таким образом, преимущество инструмента Протокола быстрых оценок состоит в следующем:

- упрощенная методика расчетов показывает различные варианты повышения уровня социальной защиты;
- формирует обязательные условия для рассмотрения и преобразования системы в целом и определяет направление развития;
- жизнеспособность проектов социальной защиты в долгосрочном периоде можно проверять путем сравнительных анализ затрат на ее реализацию с такими экономическими показателями, как ВВП и госрасходы;
- используется для определения и повышения минимальных уровней социальной защиты.

Кроме того, имеются и недостатки инструмента Протокола быстрых оценок, которые состоят как:

- результаты упрощены и поэтому будут приблизительными;
- невозможно провести расчеты по программам социального страхования;
- расчеты затрат на ратификацию конвенций МОТ невозможны. Определение затрат на ратификацию конвенций МОТ требует тщательной юридической и финансовой оценки.

Для расчета минимальных уровней социальной защиты используется четырех этапный подход, состоящих от сбора исходных данных, вариантных расчетов, а также согласование в рамках приоритетных направлений (рис. 3).

Рисунок 3 - Этапы формирования рекомендаций по расширению минимальных уровней социальной защиты (составлено автором)

Первый этап*:* Ввод исходных данных в методику расчетов Протокола быстрых оценок.

Статистические данные (демография, рынок труда, макроэкономические данные, прогнозы и государственные расходы) должны, введены в таблицы для методики расчета Протокола быстрой оценки.

Необходимо подробно описать содержания указанных данных и информацию о социальных гарантиях:

1) Численность населения: данные характеризующие демографические прогнозы в республике, численность населения по полу и возрасту и их групп за определенный период;

2) Коэффициент участия в рабочей силе: рассчитать распределение рабочей силы вместе с демографическими прогнозами и соотношением рабочей силы с определенной

возрастной группой и полом и ввести его в методику расчетов ПБО;

3) Социально-экономическое положение: должны содержать сведения о ряде экономических показателей, включая среднемесячную заработную плату, минимальную заработную плату, уровень бедности, индекс потребительских цен, темпы роста валового внутреннего продукта (ВВП), ВВП в текущих ценах, продуктивность труда, уровень безработицы и др.;

4) Выполняемые операции правительством: включает информацию о налоговых и неналоговых доходах и государственных расходах. Эта информация используется для оценки стоимости предлагаемых вариантов политики в процентах от государственных расходов и ВВП;

5) В рамках четырех гарантий (здоровье, защита детей, женщин и мужчин) разрабатывается и представляется информацию о разработанных национальных программах социальной защиты.

Во втором этапе производится расчет рассматриваемых сценариев, их стоимости, а также оценка значения выделяемых пособий.

При этом величина стоимость сценария определяется как произведение численности целевой группы, размера пособия на одного человека (семью) плюс административных расходов с учетом уровень занятости и рождаемости населения [3].

Обычно размер пособия на душу населения определяется величиной минимальных пороговых значений, установленных национальным законодательством и мировыми стандартами на основе «…общая черта бедности и стандартов Конвенции МОТ 1952 года о минимальных нормах социального обеспечения и Конвенции МОТ 2000 года об охране материнства» используя углубленную оценку и расчетов.

На третьем этапе предоставляются окончательные результаты по сравнению с ВВП и текущими госрасходами.

Рассчитывая стоимости расширения минимальных уровней социальной защиты, то есть охвата населения в абсолютном выражении рассчитывается процентное отношение к ВВП и текущим государственным расходам

На четвертом этапе осуществляется выбор приоритетных мер и дается оценка ценовой доступности разработанных мер и сценариев.

После исследования результатов минимальных уровней социальной защиты нами были определены следующие приоритетные меры:

- Перейти к использованию механизма медицинского страхования и повысить уровень госрасходов на здравоохранение и добиться их эффективного использования;
- Перейти к использованию закона о прожиточном минимуме и устранить, имеющие проблемы, а также рассчитать размеры пособий, но не ниже установленных величин;
- Развивать порядок расчета пенсионных выплат, а также расчетные формулы по учету пенсионных страховых случаев;
- Установить ожидаемый период выплаты (180 месяцев) и соблюдать реальные периоды выплаты пенсии по возрасту населения;
- Поэтапно повышать социальные пенсии по возрасту и к 2030г. установить величины социальной пенсии к размеру минимальной заработной платы;
- Решение рассматриваемых вопросов следует проводить с широким общественным обсуждением, привлечением экспертов, гражданским сообществом, профсоюзами и представителями работодателями;
- Принять эффективные меры по улучшению функционирования пенсионной системы, предлагаем использовать как государственную распределительную систему, так и негосударственную накопительную пенсионную систему.

-Развивать адресную помощь, на основе совершенствования и обеспечения развития помощи по медицинским вопросам в районах страны и др.

Таким образом, развития экономических, политических и социальных систем и достижения социального развития обеспечивает установлению стандартной иерархии в условиях принятия обоснованных социальных программ с учетом обеспечения социальной стабильности. Так как именно система социальной защиты поддерживает социальную стабильность в стране. Приоритетным в этих условиях считаем совершенствованию накопительной системы пенсионного обеспечения населения страны.

В целом, реализация предложенных рекомендаций по разработке и реализации социальных программ способствуют формированию стратегических приоритетов и механизмов в условиях обеспечения инновационного развития территориальных образований Республики Таджикистан.

ЛИТЕРАТУРА

1. Декларация тысячелетия Организации Объединенных Наций принята в Нью-Йорке резолюцией 55/2 Генеральной Ассамблеи от 8 сентября 2000 года. [Электронный ресурс]. - Режим доступа: https://www.un.org/ru/documents/decl_conv/declarations/summitdecl.shtml
2. Колунин В.М. Социальное программирование в управлении внешнеэкономической деятельностью региона: автореф. дис…канд. социол. наук. /22.00.08/ Колунин, Владимир Михайлович. Тюмень, 2009. – С. 29. URL: http://www.dissercat.com/content/sotsialnoe-programmirovanie-v-upravlenii-vneshneekonomicheskoi-deyatelnostyu-regiona.
3. МОТ использует максимум 15 процентов от общей стоимости пособий в качестве показателя административных расходов, однако правительство может изменить данный показатель в соответствии с национальной практикой.
4. Национальная стратегия развития Республики Таджикистан на период до 2015 года (одобрена постановлением Правительства Республики Таджикистан от 3 апреля 2007 года №166), Душанбе - 2007 г. 551 с.
5. Национальная стратегия развития Республики Таджикистан на период до 2030 года. - Душанбе, 2016. -104с.
6. Оценка социальной защиты на основе национального диалога. Совместная мера ООН по установлению минимальных уровней социальной защиты и Целей устойчивого развития, Глобальное руководство. 2016.
7. Программа среднесрочного развития Республики Таджикистан на 2016-2020 гг. утверждена постановлением Маджлиси намояндагон Маджлиси Оли Республики Таджикистан от 28 декабря 2016 года, № 678.
8. Рамочная Программа ООН по оказанию помощи в целях развития (ЮНДАФ) для Таджикистана (2016 – 2020), 18 декабря 2015 года. 881 с.
9. Совместная мера ООН по установлению минимальных уровней социальной защиты и Целей устойчивого развития, Глобальное руководство. 2016.
10. Тощенько Ж.Т. Социальное программирование // Тезаурус социологии: темат. словарь-справочник / под ред. Ж.Т. Тощенко. М.: ЮНИТИ-ДАНА, 2009. -С. 418.
11. Цели Развития Тысячелетия. ООН сформулированные в Декларации тысячелетия, представляют собой программу по борьбе с бедностью и общему повышению уровня жизни. Программа была принята в 2000 г. 147 главами государств и представителями 189 стран, включая Таджикистан, на Саммите Тысячелетия.

УДК 330.8.101

Юнусова М.М.

МАВҚЕИ ФАННИ НАЗАРИЯИ ИҚТИСОДӢ ДАР ОМОДА НАМУДАНИ ИҚТИСОДЧИЁН

Дар ин мақола баъзе муаммоҳои вуҷуддоштаи илми иқтисод дар ҷумҳурӣ ва махсусан вазъи омузиши фанҳои иқтисодӣ аз ҷумла назарияи иқтисодӣ ва қисматиҳои асосии он микроиқтисод ва макроиқтисод дар муассисаҳои олии касбии мамлакат иникоси худро ёфтааст. Аз нигоҳи муаллиф фанни назарияи иқтисодӣ на танҳо назариявӣ, балки бунёдӣ ва амалӣ буда, барои тайёр намудани мутахассисони ояндаи иқтисод мавқеи аввалиндараҷа дорад.

Вожаҳои калидӣ: назарияи иқтисод, илм, донишҳои иқтисодӣ, фанни бунёдӣ, самтҳои иқтисодӣ, муассисаҳои олӣ, сиёсати иқтисодӣ, микроиқтисод, макроиқтисод, таҳлили иқтисодӣ

Юнусова М.М.

МЕСТО ЭКОНОМИЧЕСКОЙ ТЕОРИИ В ПОДГОТОВКЕ ЭКОНОМИСТОВ

В данной статье изучены некоторые существующие проблемы экономической науки в республике и особенно проанализированы состояние изучения экономических дисциплин, в том числе экономической теории и ее основных частей микроэкономики и макроэкономики в высших профессиональных учебных заведениях страны. С точки зрения автора, предмет экономической теории является не только теоретическим, но и фундаментально-практическим и играет важную роль и имеет первостепенное значение для подготовки будущих экономистов.

Ключевые слова: экономическая теория, наука, экономические знания, фундаментальный предмет, экономические направления, экономическая политика, микроэкономика, макроэкономика, экономический анализ

Yunusova M.M.

THE PLACE OF ECONOMIC THEORY IN TRAINING OF ECONOMIST

This article examines some of the existing problems of economic science in the republic and especially analyzes the state of study of economic disciplines, including economic theory and its main parts, microeconomics and macroeconomics in higher professional educational institutions of the country. From the author's point of view, the subject of economic theory is not only theoretical, but also fundamental and practical, and plays an important role and is of paramount importance for the training of future economists.

Keywords: economic theory, science, economic knowledge, fundamental subject, economic trends, economic policy, microeconomics, macroeconomics, economic analysis

Назарияи иқтисодӣ ҳамчун фанни бунёдӣ дар омода намудани мутахассисони соҳаи иқтисод нақш ва мақоми хоса дорад. Азбаски назарияи иктисодӣ илм аст, дар даҳсолаҳои охири садддаи гузашта ва то ба имрӯз баъд аз суқути Иттиҳоди Шуравӣ ҳодисаҳои баамал омада низоми барқароршудаи муносибатҳои вуҷуддоштаи байни илми иқтисодӣ, таълимоти иқтисодӣ ва амалиро барҳам дод, ки он барои омода намудани иқтисодчиён бе таъсир намонд. Манбаъи ин руйдод дар муҳити беруна: равандҳои иқтисоди воқеӣ, самтҳои

сиёсӣ ва фаҳмиши ҷомеавӣ буданд. Аз ин ҷо хусусияти тақозо ба донишҳои иқтисодӣ ҳам дар ҷумҳурӣ таъғир ёфтанд .

Салоҳияти касбии донишҷӯён хатмкунандагони ихтисосҳои иқтисодӣ чунин талаботҳоро дар бар мегирад, ки донишҷӯён дар давоми таҳсил аз худ менамоянд, ки дар он мавқеи фанни назарияи иқтисоди ҳамчун фанни бунёдӣ муҳим ва асосӣ мебошад:

- донистани қонунҳои иқтисодӣ ва унсурҳои он;
- қонунгузорӣ;
- мувофиқа намудани манфиатҳои иқтисодӣ;
- муайян намудани самаранокии иқтисодӣ;
- гузаронидани ҳисобҳои молиявӣ;
- аз худ намудани услубҳои иқтисодии таҳлили молиявӣ; - салоҳияти байнихамдигарии иҷтимоӣ;
- худидоракунӣ;
- нигаронидани ҳадафи фаъолият ба натиҷа ва ғ.мебошад.

Ояндаи илми иқтисодӣ аз ҳолати имрӯзаи таълимоти иқтисодӣ бар меояд. Дар ибтидои саддаи XXI дар мамлакат ба самти “Иқтисод” ва “Менеҷмент” аз ҳама бештар дар таҳсилоти олӣ талабот афзуд. Мувофиқан ба тақозо арзаи хизматрасониҳои таҳсилот ҳам зиёд шуд. Вале сифати хизматрасониҳои таълимот якчанд маротиба поён рафт. Аввалан, саросар дар ҳама муассисаҳои олии кишвар чӣ техникӣ, санъат ва забондонӣ факултаҳои иқтисодӣ кушода шуданд. Дар бисёр ҳолат ин қариб бо набудани кадрҳо, китобхонаҳои таълимӣ ва илмӣ ба вуҷуд омад. Дуюм, ҳатто муассисаҳои тахассусии олӣ ҳам ба проблемаҳои мураккаб бархурданд (набудани мутахассисони соҳаи назария, тайёрии сусти риёзӣ, рафтани ҷавонон ва амалан иқтисоддонҳо, омадани қариб кормандон “аз куча”, ки чун қоида донишҳои тахассусиро надоштан ва ғ. ҳ. Ин муаммо ҳатто барои факултаҳои иқтисодии муассисаҳои классикӣ ҳам ҷиддӣ буд. Баъдтар дар ҷумҳурӣ раванди кушодашавии муассисаҳои таҳсилоти олии касбии самти иқтисодӣ дошта дар назди вазоратҳои соҳавӣ оғоз гашт.

Мо танҳо ба проблемаҳое, ки ба илми иқтисод тааллуқ дошта, барои тайёр намудани мутахассиосни баланд ихтисос монеъ мегарданд, истода мегузарем. Барои самтҳои гуногуни тадқиқоти илмҳои иқтисодӣ аксуламал ба ин тағйирот гуногун буд, аз ҷумла дар соҳаи тадқиқоти бунёдии иқтисодӣ бисёр номусоид буд. Зуд тағйир ёфтани самтҳои воқеии иқтисод аз тадқиқотгарон ва устодони муассисаҳои олии мамлакат барои ба вуҷуд овардани малакаю касбият ва амалия истифодабарии донишҳои гирифтаи мутахассисони оянда муносибати ҷиддиро талаб менамояд.

Илми иқтисод ба бисёр муаммоҳои беҳудуди ҳалнашавада бархурд менамояд, ки барои бартараф намудани онҳо ҷиду ҷаҳди олимон ва мутафккирони илми иқтисод зарур аст. Аз ҷумла, таҷрибаи гузаштагони мо нишон медиҳанд, ки барои омода намудани мутахассисони дар бозори меҳнат рақобатпазир бояд барои аз худ намудани якчанд мафҳумҳои асосии муҳими асри муосир дар тартибдодани барномаҳои таълимӣ, воситаҳои аёнию таълимӣ ва китобҳои таълимӣ аҳамият диҳем:

Якум, микроиқтисод, маҳдудияти захираҳо, ҳосилнокӣ, баҳрабардорӣ аз савдо ва усулҳои бартарияти нисбӣ ба ҳар ҳол аҳамияти худро гум намекунанд, то он вақте ки маҳдудияти манобеъ вуҷуд дорад. Истифодаи таҳлили маржиналӣ тағйироти инқилобиро дар раванди қабули қарорҳо ҳалкунанда ворид намуд, бе баҳс мебошад.

Донишҷуёне, ки макроиқтисодро меомӯзанд бо усулҳои муҳими тақозо кулл ва аразаи кулл, мувозинати макроийтисодӣ, бозорҳои мол ва пул, мавқеи асъори миллӣ ва иқтисоди байналмилалиро омӯхта, инчунин назарияи рушди иқтисодро аз худ менамоянд.

Дуюм, инноватсия (навоварӣ) дар иқтисод. Илми иқтисод дар омӯзиши нақши ва мавқеи инноватсия ба комёбиҳо ноил гардидааст. Мо бо он одат намудаем, ки суръати ба вуҷуд омадани кашфиётҳои нав дар соҳаи компютерӣ, ки дар он ҷо маҳсулоти техникӣ ва барномавӣ ҳар замон коркард карда мешавад. Интернет ба соҳаи савдо роҳ ёфта, ба дигар

самтҳои ҳаёти мо ворид гардида, навгониҳо зуд ба амал меоянд. Шабаҳи тағйироте, ки дар иқтисоди муосир дар ҳаёти ҳаррӯзаамон ба амал омада истодааст, бояд фаҳмиши самт ва роҳҳои инкишофи иқтисодро фаро гирад.

Мо инчунин ба навгонӣ дар худи назарияи иқтисод аҳамият диҳем. Аз рӯи табиати худ мо иқтисодчиён мутафаккир, навовар ва эҷодкорем. Таърих гувоҳ аст,ки ақидаҳои иқтисодӣ ҳангоми ҳалли муаммоҳои дунёи воқеӣ тавонистанд барзиёдии ҳаматарафаро ба амал биёранд. Яке аз навовариҳое ном гирифтан мумкин аст ин истифодаи назарияи иқтисод дар ҳалли муаммои муҳити атроф "иҷозати нақшаи савдо оид ба партофтани моддаҳои ифлоскунанда ба муҳити атроф" буда, дигар навовариҳо ин рафтори иқтисоди ва назарияи истеъмолгарон ва андозаи нархҳои истеъмолӣ, чи гуна давлат ба рафтори корхонаҳои инҳисорӣ муносибат менамояд, муҳокимаи муккаммал шудани механизмҳои танзимгар ва давраҳои нави низоми асъори аврупоӣ, аз ҳама муҳимтар барои ояндаи инсоният тағйирёбии иқлим дар сайёра ва ҳалли муаммоҳои умумибашарӣ ба шумор мераванд.

Сеюм, кам бошаду хуб бошад. Ним асри охир назарияи иқтисод ҳудуди худро васеъ намуда, ба тассаруфи худ муаммои муҳити атроф, ҳуқуқ, методҳои тадқиқи оморӣ ва таърихӣ, санъат, дискриминатсияро (пасткунӣ, маҳдуднамоӣ) даровард. Вале моҳиятан назарияи иқтисодӣ ин илмест оид ба интихоб буда, ба мо намояндагони ин илм зарур аст аз ҳама муҳимтарин, арзишноктарин саволҳои ки аз санҷиши вақт гузаштаанд, интихоб намуда, ба донишҷӯён мутахассисони ояндаи иқтисод расонем. Зеро дар вақти омӯзиш чун ҳангоми хурдани миқдори ками хурок, тез ҳазм мешавад.

Чорум, муаммоҳои сиёсӣ дар садаи нав. Барои бисёр донишҷӯён назарияи иқтисод ҷалбкунанда бо он сабаб мебошад, ки вай бо сиёсати оммавӣ ё ошкор муносибати зич ва наздик дорад. Иқтисоди муҳити атроф ба мутахассисони оянда ёрӣ мерасонад онҳо самараҳои берунаро аз худ намоянд, ки дар натиҷаи фаъолияти иқтисодии инсон ба амал омадааст ва тавонанд равияҳои гуногунро таҳлил намуда, самтҳои наздикшавии муносибати инсонро бо низоми табии муайян намоянд.Мисолҳои нав чун ислоҳоти андозғункунӣ, сатҳи ҳадди аққали музди меҳнат, аутсорсинги байналмилалӣ, арзиши бренд, инчунин муаммои қаллобии молиявӣ ҳам барои фаҳмиши худ истифодаи унсурҳои асосии микроиқтисодро талаб менамояд.

Яке аз самтҳои муҳими талаботи замон, ки ба он назарияи иқтисоди бояд аҳамияти махсус диҳад ин ба мутахассисони оянда фаҳмондани моҳияти бозори молиявӣ ва пул аст, ки дар он ҷо саволҳои иқтисодии соҳаи қарзу пул, молия, бонки асосӣ ва чӣ гуна пул дар давраҳои(силсила) иқтисодӣ мавқеъ дорад, ба тарзи васеъ маънидоди ин мафҳумҳо мебошад.

Панҷум, мубоҳисаи масъалаҳои умумибашарӣ. Савдои байналмиллалӣ, иммигратсия, терроризми байналмилалӣ ин самтҳое мебошанд, ки ягон давлати дунё онҳоро идора карда наметавонад ва ин зуҳурот иқтисодиёти баъзе кишварҳоро ба бенизомӣ оварда метавонад. Назарияи иқтисодӣ ба донишҷӯён вазифадор аст ин ҳолатхоро омӯзонад, то онҳо қарори дуруст интихоб намоянд ва назарияи бартарияти нисбиро таҳлил карда тавонанд.

Шашум, рақобати мактабҳои макроиқтисодӣ. Яке аз монеаҳои назарияи муосири иқтисодӣ ин гуногунақидавии мактабҳои нави макроиқтисодӣ мебошад. Баъзан худи мо дар ҳайрат мешавем, ки чи гуна рақобати худи назариячиён ба масъалаҳои гуногуни иқтисодӣ зиддият доранд, вале имконият медиҳад ба донишҷӯён инро фаҳмонем, ҳангоме худамон ҳамақида нестем. Ба ҳар ҳол мубоҳисаи зинда беҳтар аз бетарафист. Пояи илми асосӣ ва ба вуҷуд омадани ақидаҳои хубу амалӣ ин бахс мебошад.

Иқтисодчиён бисёр вақт ба омӯзиши омилҳои дарозмуддати рушди иқтисод, барқароршавии афзудани ҳосилнокии меҳнат, коркарди навгониҳо ва донишҳои нави технологӣ, сиёсати амалӣ ва ё чи гуна давлат аз нигоҳи мактабҳои гуногун чораандешӣ менамояд, муроҷиат менамоянд.

Ҳафтум, возеҳ ва фаҳмогӣ. Мо ҳамеша мехоҳем ки донишҷӯёни мо пеш аз ҳама унсурҳои ҷовидонаи иқтисодиро бо забони возеҳ ва фаҳмо аз худ намуда, дар оянда тавонанд онҳоро дар ҳаёт татбиқ намоянд. Донишҷӯён ба аудотория бо тассаввуроти худ оид ба ҷаҳони вуҷуддошта ворид мешаванд ва мо ба ҷаҳони ботинии онҳо ворид намешавем ва танҳо мехоҳем, ки ин ҷаҳонро онҳо бо донишҳои гирифтаи иқтисодии худ бештар зебо намоянд. Оддӣ ва фаҳмогӣ аз ин чӣ беҳтар буда метавонад?

Зеро аз сатҳи азхудкунии донишҳои назариявӣ салоҳияти тайёрӣ ба фанҳои умумикасбӣ ва тахассусӣ ҳалкунанда буда, вобастагӣ қавӣ ва устувор дошта, заминаи асосии онҳо аст. Умуман , дар оянда чӣ гуна:

- таҳлили амиқи таркиби донишҳои иқтисодии муосир ва самти таҳаввули онҳо талаб карда мешавад. Бе чунин таҳлил мо наметавонем барои ба вуҷуд овардани барномаҳои тадқиқоти иқтисодӣ ва донишҳои иқтисодӣ ва инчунин коркарди тавсияҳои сиёсати иқтисодӣ ба ҷо оварда шаванд.

- бояд мо кандашавии илм аз тахсилот ва таҳсилот аз ҳаёти воқеии иқтисодиро баратараф намоем. Аз ин бармеояд ки Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, муассисахои таҳсилоти олии касбии мамлакат ва истеҳсолот новобаста аз шакли моликият бо ҳам ҳамеша дар ҳамкорӣ бошанд.

- бисёр муҳим аст,ки мавқеи қорҳои тадқиқотӣ дар донишгоҳҳо баланд бардошта шаванд, яъне онҳо дуруст қадр карда шаванд. Гузаронидани тадқиқоти илмӣ ва натиҷаи он ҳам дар музди меҳнат ва ҳам дар сарбории таълимию илмии устодони ифодаи худро ёфта, бояд дастгирӣ карда шаванд.

- низомеро бояд қабул намуд, ки барои кормандони штатӣ сарбории тадқиқотӣ дар қатори вазифаи омузгор ва маъмурият ба ҳисоб гирифта шавад. Меъёри ченкунанда ин нашри китоб ва мақолаҳо дар нашриётҳои асосии илмӣ шуда метавонад.

- хондани курси асосӣ ва муаллифӣ бояд натиҷаи ҷузъи фаъолияти тадқиқотӣ муқарар гардада, ҳаматарафа ҳавасманд гардонида шаванд. Дар бисёр ҳолат муносибати онҳое, ки салоҳияти пурсиш ва ё касбият надошта аз илм дур ҳастанд, боиси рафтани кормандони илмӣ ва олимони ҷавон аз корҳои илмӣ-тадиқоти мегаарданд. Ин тамоюл омухта ва таҳлили худро ёфта, боздошта шавад.

- вазифаи аввалиндараҷа бояд самти фаъолияти тарҷума гардад. Хусусан, нашри монографияҳои муаллифони машҳури самтҳои илмҳои гуногун ва ҳақиқӣ бо забони давлатӣ ва курсҳои махсус оид ба иқтисодиёти ватанӣ ва кишварҳои пешрафта ва ҷалби олимон тадқиқотгарон ба ин самт.

- алоқаҳои коммуникативӣ ба воситаи шабакаи Интернет, дастраси ба иттиоллоти нав, видеоконферентсия ва маҷалаҳои илмии иқтисодӣ.

- назарияи иктисодӣ ананавӣ доир ба вуҷуд овардани асосҳои сиёсати иқтисодӣ ва иҷтимоӣ “овози машваратӣ” дорад. Инчунин мафҳумҳои иқтисодиро танҳо назарияи иқтисод шарҳ дода метавонад. Ин ин ҷо мавқеъ ва овози фан бояд бештару баландтар ва вазнинтар бошад.

- зарурияти барқарор намудани ҳамкориҳо байни донишкадаҳои тадқиқотӣ, донишгоҳҳо, истеҳсолот ва ҳукумати чумҳурӣ мавчуд аст. Дар ҳолати мавҷуд будани мавқеи фарққунандаи намояндагони Академияи миллии илмҳо ва муассисаҳои олии касбӣ ҳамзамон иттиллоот баррасӣ шуда, мувофиқа ба даст оварда шавад.

Ҳамин тавр, омухтани фанни назарияи иқтисод мутахассисони ояндаро на танҳо аз дунёи илм ва донишҳои иқтисодӣ бархурдор менамояд, балки дар қабули қарорҳои маъмурӣ ва идоравӣ чӣ дар сатҳҳои микроиқтисод (аз ҷумла хонавода) ва макроиқтисод аз иштибоҳҳои ҳам молиявӣ ва ҳам иҷтимоӣ нигоҳ медорад, ки мавқеи асосии онро дар ҷомеф муайян менамояд.

АДАБИЁТ

1.Автономов В.С., Дорошенко М.Е., Замков О.О. Высшее экономическое образование в России: трудный путь к мировому уровню // Вопросы образования. 2004. № 2. С. 127–154.
2. Калашникова Е. Ю., Коновалова И. А., Ловянникова В. В. Методика преподавания экономических дисциплин в современных условиях модификации // Молодой ученый. 2013. № 12. С. 901–903.3.
3.Кирсеев П. И., Носов А. Л. Проблемы преподавания экономических дисциплин в сфере высшего образования // Научно-методический электронный журнал «Концепт». – 2016. – Т. 28. – С. 24–26. – URL: http://e-koncept.ru/2016/56459.htm.
4. Орлов А.В. Программа курса «современная политическая экономия». СПбГПУ // Проблемы современной экономики. 2012. № 4(44). С. 47
5.Толочко И. Г. Финансирование в сфере высшего образования: основные проблемы // Молодой ученый. 2014. № 19. С. 371–374.

УДК 33+796

Абдуллоев А.Б.

ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВИИ БОЗОРИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ ТАРБИЯИ ҶИСМОНӢ ВА ВАРЗИШ ДАР КИШВАР

Дар мақолаи мазкур ҷанбаҳои назариявии фаъолияти бозори хизматрасониҳои тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар шароити муосир мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Дар асоси натиаҷаи таҳлили назариявии гузаронидашуда хулосабарорӣ карда шудааст, ки бозори хизматрасониҳои тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар рушди шахс, беҳбудии саломатии ӯ, баланд бардоштани ҳосилнокии кори кормандон дар ҳама соҳаҳо, тарбияи насли солим, баланд бардоштани обрӯи кишвар ва таъмини рушди иқтисодӣ мусоидат менамояд.

Калимаҳои калидӣ: тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, стратегия, бозори хизматрасонӣ, рушди инноватсионӣ, бозор, омилҳо, талабот.

Абдуллоев А.Б.

ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ РЫНКА ФИЗИЧЕСКОЙ ВОСПИТАНИЯ И СПОРТИВНЫХ УСЛУГ В СТРАНЕ

В статье исследуются теоретические аспекты развития рынка услуг физической культуры и спорта в современных условиях. По результатам теоретического анализа сделан вывод, что рынок услуг физической культуры и спорта способствует развитию личности, улучшению ее здоровья, повышению продуктивности во всех сферах, воспитанию здорового поколения, улучшению имиджа страны и ее экономического развития.

Ключевые слова: физическая культура и спорт, рынок услуг, инновационное развитие, рынок, стратегия, факторы, спрос.

Abdulloev A.B.

THEORETICAL ASPECTS OF THE MARKET OF PHYSICAL EDUCATION AND SPORTS SERVICES IN THE COUNTRY

The article inspects the theoretical aspects of the development of the market of physical culture and sports services in modern conditions. Based on the results of the theoretical analysis, it was concluded that the market for physical culture and sports services contributes to the development of the individual, improving his health, increasing productivity in all areas, raising a healthy generation, improving the country's image and its economic development.

Key words: service market, physical culture and sports, innovative development, strategy, factors, demand, market.

Дар шароити ташаккули иқтисодиёти инноватсионӣ ҷорӣ намудани равандҳои инноватсионӣ, ки омили асосии таъмини рушди иқтисодии Тоҷикистон маҳсуб мешаванд, муҳим арзёбӣ мегардад. Таҷрибаи хориҷӣ нишон медиҳад, ки маҳз тавассути ҳамкории соҳаҳо ва бахшҳои гуногуни иқтисодиёт, ҷорӣ намудани техника ва техонологияҳои нав, он аст, ки фаъолияти инноватсионӣ дар бахшҳои гуногуни соҳаи хизматрасонӣ, хусусан дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш рушд меёбад.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ташаккулёбӣ ва рушди соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, ки сармоягузории он арзёбии афзоиши устувори иншоотҳои варзишӣ, ҷорӣ намудани навовариҳо дар ташкил ва идораи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш зоҳир мешавад, таваҷҷӯҳи зиёд зоҳир менамояд.

Тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш ба таҳкими саломатии мардум, ташаккул ва рушди оммавии варзиш мусоидат намуда, ба инкишофи ҳамаҷонибаи шахсият, ноил шудан ба натиҷаҳои баланди варзишӣ, баланд бардоштани обрӯи кишвар дар арсаи ҷаҳонӣ мусоидат менамояд.

Дар солҳои охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш ба бунёди иншоотҳои нави варзишӣ дар шаҳрҳо ва минтақаҳои ҷумҳурӣ, навсозӣ ва таҷдиди базаи моддию техникӣ, ҷудо кардани захираҳои зиёди сармоягузорӣ, инчунин таҳияи барномаҳои дурнамои инноватсионӣ барои рушди бозори хизматрасонии тарбияи ҷисмонӣ, варзиши касбӣ, оммавии варзиш ва дастовардҳои он диққати махсус дода мешавад [2].

Таъмини рушди инноватсионии бозори хизматрасонии тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш вазифаи афзалиятноки ҷомеа ва давлат мебошад. Дар ин робита асоснок намудани ташаккулёбии самтҳои рушди инноватсионии бозори хизматрасонии тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле муҳим мебошад.

Рушди муносиб ва ҷойгиркунии бозори хизматрасонии варзишӣ бояд ба таҳияи стратегияи дарозмуддат, бунёди иншооти нав, таҷдид ва навсозии иншоотҳои варзишӣ ба баланд бардоштани ҳосилнокии меҳнат, рушди ҳамаҷонибаи шахсият ва инчунин саривақт ва босифати талаботи сокинон ба намудҳои гуногуни варзиш ва хизматрасониҳои варзишӣ равона карда шавад.

Бояд қайд кард, ки рушди инноватсионии бозори хизматрасонии тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар рушди иқтисодиёти Тоҷикистон тавассути татбиқи босамари навгониҳои инноватсионӣ, ташкилӣ, иқтисодӣ, техникӣ ва технологӣ дар пешниҳоди хизматрасониҳои тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш нақши муҳим дорад [4].

Дар шароити бозор рушди инноватсионии бозори хизматрасониҳои тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш омӯзиши амиқ ва ҷанбаҳои назариявӣ, методологӣ ва амалии омӯзиши нақш, ҷой ва таъсири он ба рушди иҷтимоию иқтисодии иқтисодёти миллӣ, бо дарназардошти истифодаи самарабахши иқтидори захиравии онро тақозо мекунад.

Бо дарназардошти ин, дар мақола рушди инноватсионии бозори тарбияи ҷисмонӣ ва хизматрасонии варзиш тавсиф дода шуда, таснифи навовариҳоро, ки ба рақобатпазирии

ташкилотҳои варзишӣ таъсир мерасонанд, арзёбӣ шудааст. Дар асоси омӯзиши асосҳои назариявӣ ва истифодаи навовариҳо барои рушди тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш модели зерин сохта шудааст. (Расми 1).

Расми 1. Модели пешниҳодшудаи рушди инноватсионии соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш

Ба ақидаи мо, механизмҳои татбиқи фаъолияти инноватсионӣ дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 оварда шуда, инчунин дар Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020 пешбинӣ карда шудааст. Маблағгузории нақшаи чорабиниҳои амалигардонии Барномаи маҷмуии рушди тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2017-2021 дар доираи маблағҳои пешбинишудаи буҷети давлатӣ барои мақомоти идораи давлатӣ, мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва ташкилотҳои дар амалигардонии барнома иштироккунанда, ҳамчунин аз ҳисоби дигар маблағҳои ғайрибуҷетӣ, ки қонунгузорӣ манъ накардааст, амалӣ карда мешавад [7].

Мо чунин мешуморем, ки фаъолияти инноватсионӣ дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш як қисмати муҳим буда, самтҳои зеринро дар бар мегирад аз ҷумла: 1. Маҳсулот - хизматрасониҳои нави тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш - бо хизматрасониҳои инноватсионӣ қонеъ кардани эҳтиёҷоти сокинон. 2. Таъминоти инноватсионии тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш. 3. Барои истеъмолкунандагон муайян кардани стратегияи инноватсионии идоракунии соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш, ислоҳоти консепсияи арзишҳои хизматрасониҳои тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш [1].

Ба ақидаи мо, фаъолияти инноватсионӣ дар соҳаи тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш хусусияти локалӣ ва навоварона дорад ва бо назардошти ин, дар мақола монеаҳо муайян шуда, ки ба раванди идоракунии рушди инноватсионии ташкилотҳои тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш таъсир мерасонанд. Бо дарназардошти ин, муаллиф самтҳои татбиқи сармоягузориро дар ин соҳа муайян менамояд: 1. Дар самти тарбияи ҷисмонии аҳолӣ дар ҷои зисти онҳо; 2. Дар самти варзиши бачагон ва наврасон, инчунин тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш дар мактабҳо, коллеҷҳо, литсейҳо ва муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ; 3. Дар самти варзишҳои олимпӣ ва дастовардҳои варзишии баландтарин; 4. Дар самти сохтмони нав, таҷдид, навсозии техникии иншоотҳои варзишӣ; 5. Дар дигар самтҳои пешниҳоди хизматрасониҳои тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш ва ғайра, бо дарназардошти хусусиятҳо ва мушкилоти ташаккулёбӣ ва рушди бозори хизматрасониҳои тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш [6].

Дар айни замон, баъзе ҷанбаҳои ин мушкилот нокифоя омӯхта шудаанд ва то ба охир ба анҷом нарасидаанд. Бағайр аз ин, масъалаҳои рушди инноватсионии тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш мавриди омӯзиш қарор гирифта нашудааст, ки дар он хусусиятҳои миллӣ, дастгирии инфрасохтор, истифодаи шарикии давлат бо бахши хусусӣ, ташаккули талаботи аҳолӣ ба хизматрасонии тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш бо назардошти таъсири омилҳои

мухталиф, инчунин такмили механизми танзим ва дастгирӣ ба назар гирифта нашудаанд. Инчунин асосҳои назариявӣ ва методии тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш низ дар шароити рушди муносибатҳои бозоргонӣ ба қадри кофӣ таҳия нашудаанд, ки омӯзиши махсусро талаб мекунад.

АДАБИЁТ

1. Абдуллоев А.Б., Саидова М.Х., Аминов Ф.И. Инновационное развитие рынка услуг физической культуры и спорта и её характеристика // Развитие инновационной экономики в Таджикистане и Польше: Материалы международной научно-практической конференции: под общ. ред. Факерова Х.Н., Раджабова Р.К. – Душанбе: «ТГУК», 26-27 декабря 2019 г. – 470с. – С.283-285.
2. Абдуллоев А.Б., М.Х. Саидова, Р.Н. Тошматов Проблемы и особенности функционирования и развития физической культуры и спорта Республики Таджикистан в условиях рыночной экономики // Проблемы физической культуры и спорта в современных социально-экономических условиях. Сборник научных статей международной научно-практической заочной конференции: под научной редакцией доктора педагогических наук, профессора В.А. Медведева – Гомель Белорусский торгово-экономический университет потребительской кооперации, 27 марта 2020 г. – С.73-75.
3. А.Б. Абдуллоев, М.Х. Саидова, Д.Дж. Каримова Формирование механизма государственного регулирования оказания физкультурно-спортивных услуг населению Таджикистана // Проблемы и перспективы физического воспитания, спортивной тренировки и адаптивной физической культуры/Всероссийская научно-практическая конференция с международным участием (г.Казань, 21 февраля 2018 года). - Казань: Поволжский ГАФКС и Т, 2018. С-579-585.
4. А.Б. Абдуллоев, М.Х. Саидова Развитие услуг физической культуры и спорта на основе кадрового обеспечения в условиях рынка // Развитие рынка финансовых услуг в Таджикистане и Польше: Материалы международной научно-практической дистанционной конференции. – Душанбе: «Ирфон», 2017. – С.125-127.
5. Комилов С.Д., Алиева Г.Ш. Предпринимательство и менеджмент развития инновационной деятельности/ С.Д. Комилов, Г.Ш. Алиева. - Душанбе: Ирфон, 2008. – 220с.
6. Комилов С.Дж. Теория и инновационного развития. /С.Дж. Комилов. Монография. – Душанбе: «Шарки озод», 2019. – 264 с
7. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 январи соли 2016. www.president.tj.

УДК 334.7

Ғафуров С.Х.

МЕТОДҲОИ ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТИИ РУШДИ ИНДУСТРИАЛӢ-ИННОВАТСИОНИИ КОРХОНАҲОИ САНОАТӢ

Таҳқиқоти мазкур ба таҳияи усулҳои ҳавасмандгардонии давлатии фаъолияти инноватсионии корхонаҳои саноатӣ бахшида шудааст. Мақсади кор таҳияи пешниҳодҳо оид ба такмили сиёсати давлатӣ дар соҳаи баланд бардоштани фаъолияти инноватсионии ташкилотҳои саноатӣ, ба низом даровардани онҳо ва ташкили таснифи усулҳо мебошад. Дар мақола заминаи меъёрии ҳуқуқии татбиқи фаъолияти инноватсионӣ баррасӣ шуда,

нишондиҳандаҳои тавсифкунандаи фаъолияти инноватсионии корхонаҳо таҳлил карда шуда, монеаҳои рушди инноватсионии онҳо муайян карда шуда, самаранокии сиёсати ҷорӣ дар соҳаи саноат ва тамоюлҳои тағйирёбии он таҳлил карда мешаванд.

Калидвожаҳо. Инноватсия, индустриалӣ-инноватсионӣ, фаъолияти инноватсионӣ, сиёсати давлатии инкишофи инноватсионӣ, инвеститсия, саноат, иқтисодиёт, инкишоф, илму техниха, технология.

Гафуров С.Х.

МЕТОДЫ ГОСУДАРСТВЕННОГО УПРАВЛЕНИЯ ИНДУСТРИАЛЬНО-ИННОВАЦИОННЫМ РАЗВИТИЕМ ПРОМЫШЛЕННЫХ ПРЕДПРИЯТИЙ

Исследование посвящено разработке методов государственного стимулирования инновационной активности промышленных предприятий. Целью работы является разработка предложений по совершенствованию государственной политики в области повышения инновационной активности промышленных организаций, их систематизация и создание классификации методов. В статье исследована нормативно-правовая база для осуществления инновационной деятельности, анализируются показатели, характеризующие инновационную активность предприятий, определяются препятствия их инновационного развития, анализируется эффективность текущей промышленной государственной политики и тенденции ее изменения.

Ключевые слова. инновация, индустриально-инновационная деятельность, инновационная деятельность, государственная политика инновационного развития, инвестиция, промышленность, экономика, развитие, наука и техника, технология.

Ghafurov S. Kh.

METHODS OF STATE MANAGEMENT OF INDUSTRIAL AND INNOVATIVE DEVELOPMENT OF INDUSTRIAL ENTERPRISES

The study is devoted to the development of methods of state stimulation of innovative activity of industrial enterprises. The aim of the work is to develop proposals for improving the state policy in the field of increasing the innovative activity of industrial organizations, their systematization and the creation of a classification of methods. The article examines the regulatory framework for the implementation of innovative activities, analyzes the indicators characterizing the innovative activity of enterprises, determines the obstacles to their innovative development, analyzes the effectiveness of the current industrial state policy and trends in its change.

Keywords. innovation, industrial and innovative activity, innovative activity, state policy of innovative development, investment, industry, economy, development, science and technology, technology.

Мусаллам аст, ки барои дилхоҳ низом омили муҳими таъсирноке зарур аст, ки рушди устувори минбаъдаи онро таъмин намуда, василаи иқтидорнокиро ба миён орад. Махсусан дар соҳаи саноат ҷорӣ намудани раванди инноватсионӣ, имконияти истеҳсолнокиии зиёдро ба миён меорад. Аз ин рӯ олимони соҳаи иқтисод дар шароити муосир истеҳсолотро бидуни инноватсия тасаввур карданашро ғайримкон медонанд.

Фаъолияти як қатор корхонаҳо метавонад як ё якчанд марҳилаи ҷорисозии инноватсияро дар истеҳсолот дар бар гирад. Чунин ширкатҳоро метавон қисман ба фаъолияти инноватсионӣ фаро гирифта ном ниҳод.

Маълум аст, ки дар ин маврид корхонаҳо бояд баҳри татбиқи фаъолияти инноватсионӣ ба як шакли фаъолият машғул шаванд.

Дар як қатор корхонаҳои дигар раванди инноватсионӣ метавонад дар ҳама давраҳои ҳаётии истеҳсоли маҳсулот иштирок намояд, яъне то таҳвили мол ба бозор давом ёбад. Дар корхонаҳои саноатӣ раванди ҷорисозии фаъолияти инноватсионӣ бояд тавре ба роҳ монда шавад, ки механизми ташкилии истеҳсолотро пурра ба кор андозад.

Аз нуқтаи назари ташкили раванди рушди инноватсионӣ дар корхонаҳои саноатӣ, ду модел вуҷуд дорад:

1. Модели пӯшида;
2. Модели кушода;

Модели пӯшида. Корхонаҳоеро гуфтан мумкин аст, ки комилан ҳамаи захираҳои зарурӣ барои истеҳсолотро доранд ва тамоми давраҳои ҳаётии истеҳсоли маҳсулотро ба таври пӯшида беистифодаи шарикон ба роҳ мемонад, ки ин метавонад боиси зиёдшавиии хароҷот барои истеҳсол ва инчунин номувозинатии нарх дар бозор гардад.

Модели кушода. баръакс, барои корхонахои хурд , ки истеҳсоли маҳсулотро аз номи ин ё он ширкат ба роҳ мемонанд ва ё пурра аз рӯйи механизми маблағгузории аутсоринг фаъолияташонро пеш мебаранд.

Таблитса 1.1.

Моделҳои пӯшида ва кушодаи раванди инноватсионӣ

Марҳилаҳои рушди инноватсионӣ	**Иштирокчиёни раванди инкишофи инноватсионӣ**			
	Корхонаи А	**Корхонаи Б**	**Корхонаи В**	**Корхонаи Г**
Гузаронидани таҳқиқот	Х			
Эҷоди идея	Х	Х		
Таҷрибаи истеҳсол	Х		Х	
Истеҳсоли зиёд	Х			Х

Сарчашма: дар асоси маводи Чесбро Г. Открытые инновации. - – М.: Поколение, 2007 [8]

Чуноне, ки аз таблитаси 1.1. бармеояд корхонаи А тамоми давраҳои ҳаётии раванди инноватсиониро мустақилона ба роҳм мондааст, ки ин ифодакунандаи тибқи модели пғшида фаъолият кардан мебошад. Корхонаҳои Б, В, Г бошад қисман равандҳои инноватсияро дар истеҳсолоташон аз худ истифода бурда, қисми дигарашро дар асоси шартнома ё маблағгузории аутсорингӣ ба роҳ мондаанд, ки ифодагари аз рӯйи модели кушода фаъолият кардан мебошад.

Бори аввал истилоҳи “модели кушодаи инноватсионӣ” дар корҳои илмии Генри Чесбро истифода бурда шудааст.

Принсипҳои асосие, ки модели мазкур дар асоси онҳо ба миён омадааст инҳоянд:

-самаранок истифода бурдани идеяву таҷрибаҳои берунӣ, на коркарди дохилӣ;

- афзалият додан ба ташкили модели устувори тиљорат, на саъю кӯшиш барои гирифтани бозор; [8]

Намунаи модели кушодаи инноватсионӣ ин корхонаҳои корпоративӣ мебошад, инчунин фондҳои венчурӣ, ки метавонанд бо мақсадҳои гуногун фаъолият кунанд:

-сармоягузорӣ ба инфрасохтор барои таҳияи маҳсулоти нав;

• сармоягузорӣ ба корхонаҳои нав.

Ба сифати муҳимтарин вазифаҳои модели кушодаи инноватсия Ҷ.Вест ва С. Галлагер чунини омилҳоро муайян кардаанд:

-ташкили тадкикоти илмӣ ва конструктории муштараки ширкатҳо;

- аз ҷониби ширкатҳои алоҳида таҳия намудани ҷузъҳои алоҳидаи маҳсулот;

- интиқоли ройгони коркардҳо;

- кам кардани расмиёти бюрократӣ дар доираи қабули қарор оид ба рушди инноватсионӣ.

Намунаи модели кушодаи инноватсионӣ ин иттиҳодияҳои фондҳои венчурӣ мебошад, ки метавонанд бо мақсадҳои гуногун фаъолият кунанд:

• сармоягузорӣ ба инфрасохтор барои таҳияи маҳсулоти нав;

• сармоягузорӣ ба старт-ап корхонаҳо.

Рӯҷеъ ба масъалаи ҷорисозии инноватсия дар истеҳсолот чунин нуктаи асосиро қайд намудан зарур аст, ки дар сурати дигаргунсозии воситаҳои истеҳсолот боназардошти кам кардани хароҷот ва зиёд истеҳсол намудани мол ё маҳсулот метавонад оқибатҳои мусбатро барои корхона ба бор орад, агар тадқиқоти маркетингӣ саривпақт гузаронида шуда бошад.

Усулҳои таъсирасонии давлатро ба раванди фаъолияти инноватсионӣ ба ду гурӯҳ ҷудо намудан мумкин аст:

1. Мустақим;
2. Ғайримустақим

Таносуби онҳоро вазъи иқтисодии кишвар ва консепсияи танзими давлатии вобаста ба ин самт интихобшуда муайян мекунад.

Усули мустақими танзими давлатии раванди инноватсионӣ асосан дар ду шакл амалӣ карда мешавад: маъмурӣ-идоравӣ ва барномавӣ-мақсаднок.

Шакли маъмурию идоравӣ дар намуди маблағгузории мустақим зоҳир гардида, тибқи қонунҳои махсус, ки бо мақсади бевосита пешбурди фаъолияти инноватсионӣ қабул шудаанд, амалӣ карда мешавад.

Гуфтан ба маврид аст, ки шакли маъмурию идоравӣ хусусияти маъмулии дахолати давлатро ба раванди фаъолияти инноватсионӣ ифода менамояд, яъне давлат тибқи имкониятҳои мавҷуда бароии инкишофи фаъолияти инноватсионӣ маблағҳои заруриро аз буҷети давлатӣ ҷудо менамояд.

Дар замонги муосир аксар давлатҳои ҷаҳон дар баробари дастгирии раванди инкишофи фаъолияти инноватсионӣ, инчунин ҳавасмандии сармоягузоронро бо пешниҳоди ин ё он имтиёз ба миён меоранд, ки дарвоқеъ самараи хубро ба бор меорад.

Барои кишварҳое, ки аз ҷиҳати иқтисодӣ заифтаранд ҷалби сармоягузории хориҷӣ ба инфрасохтори фаъолияти инноватсионӣ афзалноктар мебошад, зеро ки дар сурати аз ҷониби сармоягузор сохтани ин ё он иншооте, ки барои истеҳсол зарур аст манфиатноктар барои давлате мебошад, ки сармоягузорӣ дар дохили он сурат мегирад.

Шакли барномавӣ-мақсадноки инкишофи фаъолияти инноватсионӣ маблағгузориҳоро дар самти мазкур тавассути ташкили шартномаҳои муайян байни давлат ва корхонаҳоро дар назар дорад.

Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар боари фмаъолияти инноватсионӣ” “...барномаи мақсадноки инноватсионӣ - маҷмӯи чорабиниҳои истеҳсолӣ, иҷтимоӣ, иқтисодӣ, ташкилӣ, хоҷагидорӣ, таҳқиқотӣ, илмӣ, таҷрибавию конструкторӣ ва ғайра, ки барои татбиқи лоиҳаҳои инноватсионӣ дар мувофиқа бо захираҳо, иҷрокунандаҳо ва мӯҳлатҳои амалигардонии онҳо, ки ҳадафашон иҷрои самараноки масъалаҳои азхудкунӣ ва ҷорӣ намудани натиҷаҳои инноватсионӣ мебошад, равона шудаанд” [3].

Чуноне, ки аз таърифи дар қонун овардашуда бармеояд барномаи мақсадноки инноватсионӣ функсияи асосиро дар рушди минбаъдаи ҳам корхонаҳои давлатӣ ва ҳам хусусӣ иҷро менамояд.

Барои хариди баъзе навоварӣ (молҳо, равандҳои технологӣ, хизматрасонӣ) низоми шартномаҳои давлатӣ таъсис дода шуда, ба ширкатҳо барои татбиқи навоварӣ имтиёзҳои қарзӣ дода мешаванд.

Маблағгузории молиявӣ яке аз унсурҳои системавии имрӯзаи васеъ паҳншудаи муносибатҳои шартномавӣ, байни фармоишгарон ва иҷрокунадагон мебошад.

Дар чунин шартномаҳо ӯҳдадориҳои тарафайн мушаххас карда шуда, дастурамали минбаъдаи фаъолият қабул ва тасдиқ карда мешавад.

Дар тоанзими давлатии фаъолияти инноватсионӣ усулҳои ғайримустақим нақши муҳимро мебозанд.

Усулҳои ғайримустақим, ки ҳангоми татбиқи сиёсати давлатии инноватсионӣ истифода мешаванд, аз як тараф, ба ҳавасмандгардонии равандҳои инноватсиони ва аз тарафи дигар, ба фароҳам овардани фазои мусоиди (иҷтимоӣ, иқтисодӣ, равонӣ) барои фаъолияти инноватсионӣ нигаронидашуда мебошад.

Усулҳои ғайримустақими танзими давлатии фаъолияти инноватсионӣ имтиёзҳои андозӣ ва қарзиро фаро мегиранд.

Додани имтиёзҳои андозӣ барои корхонаҳои навтаъсиси саноатӣ яке аз тадбирҳои муҳиме мебошад, ки омили ҳавасмандгардиии теъдоди зиёди сармоягузорон мегардад, ки дар натиҷаи метавонад инкишофи устувори иқтисодии мамлакатро таъмин намояд.

Барои корхонаҳои саноатие, ки ба онҳо таҳдиди муфлисшавӣ зиёд аст, додани қарзҳои имтиёзнок айни муддао мебошад, ки метавонад каорхонаро аз муфлисшавӣ наҷот диҳад.

Фаъолсозии фаъолияти инноватсионӣ дастгирии давлатиро тақозо намуда, аз мо талаб менамояд, ки ҳамгироии устуворро ба роҳ андозем [4].

Мақсади асосии идоракунии давлатии фаъолияти инноватсионӣ ин ҷорӣ намудани технологияҳои нав дар истеҳсолот ва ба ин васила баландбардориии рақобатпазирии молу маҳсулот ва таъминии бозори дохиливу хориҷӣ бо молҳои истеҳсоли ватанӣ, истесоли молҳои воридотивазкунандаи ба содиротнигаронидашуда мебошад.

Вазифаҳои асосии сиёсати давлатӣ дар самти фаъолияти инноватсионӣ дар омилҳои зерин асос меёбад;

-қабули санадҳои меъёриву ҳуқуқие, ки соҳаи фаъолияти инноватсияро ба танзим медарорад;

-таҳия ва банақшагирии стратегияву барномаҳо дар соҳаи инноватсия;

-ҳавасмандгардонии сармоягузороне, ки дар самти инкишофи инноватсионӣ мехоҳанд фаъолият баранд;

-омода намудани кадрҳои донадади тактикаву стратегияҳои истифодаи технологияҳои инноватсионӣ;

Аз вазифаҳои дар боло овардашудаи давлат чунин хулосабарорӣ кардан мумкин аст, ки нақши давлат дар дастгирии фаъолияти инноватсионӣ басо ҳам талошҳои пайвастаро тақозо менамояд.

Аз ин рӯ гуфтан ба маврид аст, ки имрӯзҳо ҷараёни дастгирии давлатии фаъолияти инноватсионӣ дар кишвар хело ҳам бо маром идома дорад ва аз ҷониби Ҳукумати кишвар силсила маҷмӯи чорпабиниҳои амалӣ андешида шуда истодааст.

Ҳамаи ин равандҳо дар чорчӯбаи ҳадафҳои стратегии рушди малакат анҷом дода шуда, сифатан тибқи нишондиҳандаҳои дар ҳуҷҷати муҳими сатҳи давлатӣ, ки Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон то давраи соли 2030 мебошад, ба роҳ монда шудааст.

Тибқи ин ҳуҷҷати муҳим асосан чор ҳадафи стратегии рушди кишвар қабул карда шудааст, ки онро метавон дар расми зер мушоҳида намуд.



Расми 1. Сохти муаллиф аз рӯйи ҳадафҳои стратегии кишвар

Чуноне, ки аз расми дар боло овардашуда бармеояд, ҳамаи ҳадафҳои гузошташуда дар навбати худ тибқи нақшаи соҳавии алоҳида амалӣ карда мешавад.

Бо назардошти дараҷаи иҷрошавии чор вазифаи асосӣ се сенарияи алоҳида баррасӣ мегардад:

- инертсионӣ;
- индустриалӣ;
- индустриалию инноватсионӣ;

Дар раванди пешбинӣ гардидани сенарияҳои мазкур чунин фарзияҳо ба инобат гирифта шудаанд:

а) ҳадафҳои мақсаднок ва татбиқи афзалиятҳои миллӣ;

б) тамоюлҳои демографӣ;

в) истифодаи самараноки захираву имкониятҳои мавҷуда;

г) имкониятҳои инвеститсионӣ;

д) самараи ҳамгирой ба иқтисоди ҷаҳонӣ ва минтақавӣ. [5, с 17]

Бо мақсади ҳалли мушкилотҳои хусусияти иқтисодӣ дошта аз ҷониби Ҳукумати кишвар ҳамасола як қатор маҷмӯи чорабиниҳо аз қабили додани имтиёзҳо ба субъектоне, ки технологияҳои инноватсиониро ворид месозанд, озод намудани корхонаҳои навтаъсис аз ҳама намуди андозҳо, эълони мороторияҳо, ташкили Минтақаҳои озоди иқтисодӣ ва дигар чорабиниҳо мебошад.

Яке аз ҳуҷҷатҳои муҳиме, ки инкишофи фаъолияти инноватсиониро дар кишвар таъмин намуд ва ба сифати механизми ташкилии ин низом баромад намуд, ин Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020 мебошад.

Вазифаҳои асосии барномаи мазкур ин ташаккул додани фаъолияти инноватсионӣ ба воситаи як қатор принсипҳо аз қабили ташаккули заминаҳои меъёриву ҳуқуқии фаъолияти инноватсионӣ, ҷалби иқтидори илмию техникии мамлакат дар раванди фаъолияти инноватсионӣ, ташкили низоми ҳавасмандгардонии субъектони хусусӣ дар раванди ҷорисозии технологияҳои инноватсионӣ дар истеҳсолот ва ғайра мебошад.

Самтҳои асосии барномаи мазкурро метавон дар расми зер мушоҳида намуд



Расми 2. Таҳияи муаллиф дар асоси ҳадафҳои Барномаи рушди инноватсионии ҶТ барои солҳои 2011-2020

Чуноне, ки аз расми дар боло овардашуда бармеояд мақсади асосии таҳия ва банақшагирии барномаву стратегияҳои давлатӣ дар самти фаъолияти инноватсионӣ ин ҳамоҳангсозии равандҳои илмӣ бо истеҳсолот буда, дар асоси ҷорисозии технологияҳои нав дар истеҳсолот инъикос меёбад.

Диаграммаи 1

Сарчашма. Тоҷикистон 30 соли Истиқлолияти давлатӣ. Маҷмӯаи оморӣ 384 с, Душанбе-2021 [7]

Чуноне, ки аз диаграмма бармеояд дар соли 2020 нисбат ба соли 2016 ҳамагӣ 8 муассисаи илмӣ зиёд гардидааст ва ин тамоюл солҳои 2018, 2019, 2020-ро дар мегирад, яъне тули се соли охир ягрон муассиаи илмии нав таъсис дода нашудааст, ки ин аз кам инкишоф ёфтани ин соҳа шаҳодат медиҳад.

Бояд қайд намоем, ки барои инкишофи дилхоҳ низом бояд сараввал нақшаҳои аз нуқтаи назари консепсионӣ асоснок таҳия карда шавад, ки ин равандҳо танҳо аз фаъолияти самараноки муассисаҳои илмӣ вобаста мебошад.

Аз ин рӯ ҳукумати кишварро зарур аст, ки сари ин масъалаи диққати махсусро дода, заминаҳои инкишофи минбаъдаи ин равандро таъмин намояд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонад дар натиҷаи дуруст ва самаранок ба роҳ мондани механизми ташкилии инноватсионӣ дар истеҳсолот ва махсусан дар соҳаи саноат ба яке аз кишварҳои тавлидкунандаи металҳои ранга, канданиҳои нодири зеризаминӣ ва металҳои гаронбаҳо гардад. Тибқи баъзе сарчашамаҳои илмӣ захираҳои моддӣ бе технология инноватсионӣ коркард шуданаш ғайримкон аст.

Ҳоло яке аз проблемаҳои асосӣ дар ин самт талаботи кам ба инноватсияҳо дар иқтисодиёти миллӣ мебошад, аз он ҷумла сохтори ғайрисамараноки он - майли аз ҳад зиёд доштани он ба самти хариди таҷҳизоти тайёр аз кишварҳои хориҷӣ бар зарари ба роҳ мондани ихтирооти нави худӣ мебошад [6].

Чуноне, ки аз мушкилоти дар Стратегияи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2020 бармеояд, яке аз мушкилотҳои асосӣ ин дастгирӣ наёфтани ташкилотҳои миллӣ аз ҷониби истеъмолкунандагони ватанӣ мебошад, яъне дар инҷо гарчанде ташкилотҳои ватанӣ ин ё он молу маҳсулотҳои ниёзи мардумро дар кишвар истеҳсол менамоянд, аз ҷониби муштариён хуш пазируфта намешаванд.

Албатта ин раванд муваққатӣ буда, дар мӯҳлатҳои муайян баъди андешидани маҷмӯи чорабиниҳо аз ҷониби Ҳукумати кишвар бартараф карда мешаванд.

Ба ақидаи мо барои дастгирии корхонаҳои ватанӣ боз ҳам имтиёзҳои иловагӣ бояд аз ҷониби Ҳукумати кишвар роҳандозӣ карда шавад, ки ин ташаббусӣ саривақтиро метавонем аз силсила чорабиниҳои ташкилкарлдаи ҳукумати кишвар мушоҳида намоем.

АДАБИЁТ

1. Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020
2. Гине Ж., Майсснер Д. Открытые инновации: эффекты для корпоративных стратегий, государственной политики и международного «перетока исследований и разработок // Инновации в экономике. – 2012. – № 1.
3. Қонуни ҶТ “Дар бораи фаъолияти инноватсионӣ”, Душанбе-16.04.2012, № 822
4. Махкамов Б.Б. Перспективы и механизмы инновационного развития предприятий легкой промышленности Республики Таджикистан. Душанбе-2019, стр 150
5. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Душанбе-2016, с 17
6. Стратегияи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2020, Душанбе, 30.05.2015, №354
7. Тоҷикистон 30 соли Истиқлолияти давлатӣ. Маҷмӯаи оморӣ 384 с, Душанбе-2021
8. Чесбро Г. Открытые инновации. – М.: Поколение, 2007. – 336 с.

УДК 338.48 ББК 65.433

Гафарова М.Т., Машокиров Ҷ.Н.

ТАҲҚИҚИ ОМОРӢ ВА РАВАНДҲОИ ИҶТИМОӢ-ИҚТИСОДӢ ДАР СОҲАИ САЙЁҲӢ

Дар мақолаи мазкур доир ба оморӣ сайёҳӣ ва шуғлварзӣ дар бозори ҷаҳони оварда шудааст. Рушди сайёҳӣ дар кишварҳо, новобаста аз сатҳи рушди онҳо ҷойҳои кории зиёдеро ба вуҷуд меорад, оморӣ сайёҳӣ бошад аз натиҷаи рейтинги давлатҳо ба Созмони умумиҷаҳонии сайёҳӣ радабанди карда мешавад. Омори сайёҳӣ як бахши омор буда, истифодаи усулҳои омории таҳлил, арзёбии ҳолат ва самаранокии фаъолияти ин соҳаро меомӯзад дар мақола оварда шудааст. Омори сайёҳӣ бо як қатор объектҳои тадқиқотӣ дар мақолаи мазкур тавсиф карда мешавад. Таҳияи система ва усулҳои ягонаи баҳисобгирии омори байналмилалии сайёҳӣ ва таърихӣ сохторҳои сайёҳӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст.

Вожаҳои калидӣ. сайёҳӣ, байналмилалӣ, таҳлил, омор, иқтисодиёт, хизматрасонӣ, баҳисобгирӣ, шуғли аҳолӣ, саноати сайёҳӣ.

Гафарова М.Т., Машокиров Дж.Н.

СТАТИСТИЧЕСКИЕ ИССЛЕДОВАНИЯ И СОЦИАЛЬНО-ЭКОНОМИЧЕСКИЕ ПРОЦЕССЫ В СФЕРЕ ТУРИЗМА

В данной статье представлена статистика туризма и занятости на мировом рынке. Развитие туризма в странах, независимо от уровня их развития, создает множество рабочих мест, а статистика туризма классифицируется в результате ранжирования стран Всемирной туристской организацией. Статистика туризма является отраслью статистики, в статье исследуется использование статистических методов анализа, оценки состояния и эффективности данной области. В статье описана статистика туризма с рядом объектов исследования. Проанализировано развитие системы и унифицированных методов учета международной туристской статистики и исторических туристских структур.

Ключевые слова: Туризм, международный, анализ, статистика, экономика, услуги, бухгалтерский учет, трудоустройство, индустрия туризма.

Gafarova M.T., Mashokirov J.N.

STATISTICAL RESEARCH AND SOCIO-ECONOMIC PROCESSES IN THE TOURISM FIELD

This article presents statistics on tourism and employment in the world market. The development of tourism in countries, regardless of their level of development, creates many jobs, and tourism statistics are classified as a result of the ranking of countries by the World Tourism Organization. Tourism statistics is a branch of statistics, the use of statistical methods of analysis, assessment of the state and efficiency of this field is studied in the article. Tourism statistics with a number of research objects are described in this article. The development of a system and unified methods of accounting for international tourist statistics and historical tourist structures has been analyzed.

Keywords. Tourism, international, analysis, statistics, economics, services, accounting, employment, tourism industry.

Сайёҳӣ яке аз бахшҳои пешқадам ва босуръати иқтисодиёт буда, бо суръати баландаш падидаи иқтисодии аср эътироф шудааст.

Дар бисёр кишварҳо сайёҳӣ дар ташаккули маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ, фаъол гардидани мувозинати савдои хориҷӣ, таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва шуғли аҳолӣ нақши назаррас дорад.

Саҳми сайёҳӣ дар шуғл ҳамчун ҳиссаи онҳое, ки дар бахши сайёҳӣ машғуланд, дар сохтори шуғли кишвар муайян карда мешавад. Сайёҳӣ соҳаҳои гуногуни иқтисодиётро дарбар мегирад ва ин барои дуруст ҳисоб кардани шумораи коргароне, ки дар соҳаи сайёҳӣ кор мекунанд, душвор мегардонад. Зиёда аз ин, ҳалли масъалаи арзёбии воқеи бинобар хусусияти хоси кор ва робитаҳои гуногуни соҳаи сайёҳӣ бо дигар соҳаҳои иқтисодиёт душвор аст.

Тиҷорати курортиро метавон яке аз соҳаҳои иқтисодиёти мо номид. Ва ин соҳа ҳам мисли дигарон маблаги асосиро талаб мекунад [1].

Сайёҳӣ ба инкишофи дигар соҳаҳои ба ҳам алоқаманди иқтисодиёт: савдо, нақлиёт, алоқа, хоҷагии қишлоқ, истеҳсоли молҳои истеъмоли халқ ва ғайра ҳавасманд мегардонад. Сайёҳӣ дар баробари иқтидори баланди иқтисодӣ нақши муҳими иҷтимоиро мебозад. Он ба кор таъсири калон мерасонад. Дар соли 2020 бахши сайёҳӣ 330 миллион ҷойҳои кориро ташкил медиҳад. Дар тӯли панҷ соли охир туризм дар ҷаҳон аз чор як ҷои кор фароҳам овардааст. Дар соли 2019 дар соҳаи меҳмонхонаҳо 234 миллион нафар кор мекарданд. Ё худ 12,6 фоизи шумораи умумии коргаронро ташкил дод. Бо назардошти таъсири баланди мултипликаторӣ шуғли дуюмдараҷа дар дигар соҳаҳои иқтисодиёт ҳавасманд карда мешавад [2].

Рушди сайёҳӣ дар кишварҳо, новобаста аз сатҳи рушди онҳо ҷойҳои кории зиёдеро ба вуҷуд меорад. Тибқи маълумоти Бюрои Байналмилалии Меҳнат, дар саросари ҷаҳон тақрибан 100 миллион нафар дар соҳаи сайёҳӣ кор мекунанд ва нисфи онҳо дар саноати меҳмонхона рост меояд. Аз ин рӯ, чунин таъсири сайёҳӣ ба шуғл барои бисёре аз кишварҳои хурде, ки аз ин бахши иқтисод хеле вобастаанд, ҳалкунанда буда метавонад. Дар ин кишварҳо зиёда аз 50% аҳолии қобили кор дар фаслҳои муайяни сол ба фаъолиятҳое машғуланд, ки мустақим ё ғайримустақим ба сайёҳӣ алоқаманданд. Кишварҳои хурд аксаран иқтисодҳои бастаанд ва қабл аз рушди саноати сайёҳии худ ба як фаъолияти иқтисодӣ, ба мисли кишоварзӣ ё як маҳсулот вобастаанд.

Баръакси давлатҳои хурд, дар кишварҳои бузурги саноатӣ танҳо 5% аҳолии қобили меҳнат дар соҳаи сайёҳӣ кор мекунанд. Дар кишварҳои рӯ ба тараққӣ соҳаи сайёҳӣ нисбат ба дигар бахшҳои иқтисодиёт ҷойҳои нави корӣ эҷод мекунад.

Омори сайёҳӣ як бахши омор буда, истифодаи усулҳои омории таҳлил, арзёбии ҳолат ва самаранокии фаъолияти ин соҳаро меомӯзад.

Омори сайёҳӣ ҳамзамон як соҳаи фаъолияти амалии мақомоти омори давлатӣ ва дигар ташкилотҳо оид ба ҷамъоварӣ ва ҷамъбасти иттилооти рақамӣ дар бораи падидаҳо ва равандҳои дар соҳаи сайёҳӣ рухдода, пеш аз ҳама барои арзёбии саҳми воқеии сайёҳӣ ба сайёҳӣ мебошад. Маълумоти омори сайёҳӣ тавсифи мунтазами миқдории тамоми ҷанбаҳои асосии фаъолияти сайёҳиро дар маҷмӯъ дар иқтисодиёт таъмин мекунад [3].

Омори сайёҳӣ бо як қатор объектҳои тадқиқотӣ тавсиф карда мешавад. Онҳо ба ду намуд тақсим мешаванд. Навъи якум истеъмолкунандагони маҳсулоти сайёҳонро фаро мегирад. Онҳоро объектхои индивидуалӣ ва коллективӣ ифода мекунанд.

Объекти инфиродӣ – як меҳмон (сайёҳ ва ё экскурсант) ва маҷмӯи ин шахсон дар маҷмӯъ, инчунин категорияҳои алоҳидаи он вобаста ба мақсади омӯзиши оморӣ мебошад.

Объекти коллективӣ – гурӯҳи шахсоне, ки маҳсулоти туристиро якҷоя истеъмол мекунанд ва дар як вақт ва якҷоя дар як масири туристӣ сафар мекунанд. Чунин объектҳо оила, иштирокчиёни турҳои гуруҳӣ мебошанд.

Объектҳои типи дуюм корхонаҳо, ташкилотҳо ва муассисахое мебошанд, ки маҳсулот ва хизматрасониҳои марбут ба сайёҳиро истеҳсол мекунанд. Фаъолияти онҳо ҳаҷм ва сифати ин маҳсулотро муайян мекунад.

Истеҳсол ва истеъмоли хидматҳои инфиродии сайёҳӣ ва маҳсулоти мураккаби сайёҳӣ ду ҷанбаи ба ҳам алоқаманди раванд, як куллии тақсимнашавандаро ташкил медиҳанд, ки зарурати омӯзиши баробари онҳоро дар омори сайёҳӣ дар назар дорад.

Вазифаи омор дар сайёҳӣ. Омори сайёҳӣ доираи васеи масъалаҳоро ҳал мекунад. Вазифаҳои омори сайёҳиро ба таври умум муайян намуда, бояд он чиро, ки ҳар як омори соҳавӣ нисбат ба объекти омузиши худ ҳал мекунад, ҷудо кардан лозим аст. Чунин вазифаҳо барои омори сайёҳӣ инҳоянд [4]:

- ✓ ба маъмуриятҳои сайёҳӣ бо маълумоти зарурӣ барои қабули қарорҳо аз рӯи доираи васеи масъалаҳои ташаккул ва татбиқи сиёсати сайёҳӣ, таҳияи консепсияҳо, стратегияҳо ва барномаҳои рушди сайёҳӣ ва тадбирҳои татбиқи онҳо;
- ✓ ба роҳбарони корхонаҳои соҳаи сайёҳӣ, роҳбарон бо маълумот дар бораи вазъи бозори сайёҳӣ вобаста ба вазъи макроиқтисодӣ, ки ба онҳо барои самаранок пеш бурдани тиҷорат, аз ҷумла қабули қарорҳо оид ба сармоягузорӣ, тавсеаи истеҳсолот, фурӯши хизматрасонӣ ва ғайра зарур аст;
- ✓ ба омма, муассисаҳои илмию таълимӣ, шахсони алоҳида дар бораи натиҷаҳо ва тамоюлҳои асосии рушди соҳаи сайёҳӣ маълумот додан;
- ✓ таъмини ташкилотҳои байналмилалӣ, аз ҷумла ба СУС (UNWTO) бо иттилоот барои ҳалли доираи васеи масъалаҳои ташкили ҳамкории байналмилалӣ дар соҳаи сайёҳӣ.

Хусусиятҳои демографӣ (ҷинсияти истеъмолкунандагон, синну соли онҳо, шумораи аъзоёни оила) аз ҷумлаи хусусиятҳои васеъ истифода мешаванд. Ин ба мавҷудияти хусусиятҳо, устувории онҳо бо мурури замон, инчунин муносибати хеле наздики байни онҳо ва талабот вобаста аст. Аз рӯи синну сол, сегментҳои зеринро метавон фарқ кард, ки бояд ба пешниҳоди маҳсулоти сайёҳӣ мувофиқат кунанд:

- ✓ кӯдакони (то 14 сола) ҳам бо волидон ва ҳам бе онҳо сафар мекунанд;
- ✓ ҷавонон (15-24 сола), одамони нисбатан ҷавон, аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол (25-44 сола), сафар бо оилаҳо (бо кӯдакон);
- ✓ одамони аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъоли миёнасол (45-60 сола), ки бе кӯдакон сафар мекунанд;
- ✓ сайёҳони калонсол (60 сола ва калонтар)

Сегменти якум, ки ба сайёҳӣ бачагона вобаста аст, аз қарори падару модарон ва калонсолон вобаста аст. Ҷавонон, умуман, сафарҳои нисбатан арзонро бо истифода аз манзил ва нақлиёти бароҳат бартарӣ медиҳанд. Барои одамони синнашон 25-44-сола паҳншавии сайёҳии оилавӣ хос аст, аз ин рӯ, аз майдончаҳои бозӣ, ҳавзи бачагона ва ғайра истифода бурда тавонистан лозим аст. Истеъмолкунандагони 45-60-сола ва бароҳатӣ, экскурсияҳои пурмазмун талаботи зиёд мегузоранд. Айёҳии синну соли «сеюм» на танҳо бароҳатӣ, балки имконияти гирифтани ёрии тахассусии тиббӣ, таваҷҷӯҳи шахсии кормандонро талаб мекунад [5].

Методологияи омории омӯзиши зуҳуроти оммавӣ, чунон ки маълум аст, вобаста ба пуррагии фарогирии объект ду усули мушоҳидаро фарқ мекунад: давомдор ва доимӣ нест. Мушоҳидаҳои гуногуни доимӣ интихобӣ мебошанд, ки дар шароити рушди муносибатҳои бозорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бештар истифода мешаванд. Гузариши омори Ҷумҳурии Тоҷикистон ба стандартҳои байналмилалии системаи миллии баҳисобгирии муҳосибӣ истифодаи васеътари интихобро барои ба даст овардан ва таҳлили намоиши SNA (системаи ҳисобҳои миллӣ) на танҳо дар саноат, балки дар дигар бахшҳо талаб мекунад. Мушоҳидаи интихобӣ чунин мушоҳидаи бефосила фаҳмида мешавад, ки дар он воҳидҳои аҳолии омӯхташуда, ки ба таври тасодуфӣ интихоб карда шудаанд, мавриди санҷиши (мушоҳидаи) оморӣ қарор мегиранд. Мушоҳидаи интихобӣ дар назди худ вазифа мегузорад, ки тамоми саршумори воҳидҳоро барои қисми тафтишшуда бо риояи тамоми қоидаҳо ва принсипҳои

мушоҳидаи оморӣ ва кори аз ҷиҳати илмӣ ташкилшуда оид ба интихоби воҳидҳо тавсиф намояд.

Дар омори сайёҳӣ се мушкили асосӣ вуҷуд дорад. Аввалин инҳо муқоисаи пойгоҳи додаҳо мебошад. Он имкони муқоисаи маълумотро бо мақсади муайян намудани тамоюлҳо, қолабҳои рушди сайёҳӣ, тағйиротҳо, дар фазо ва замон ба амаломада дар назар дорад; арзёбии таносуби арзишҳои нишондиҳандаҳои як ном марбут ба кишварҳои гуногун ва ғайра. Маълумоти оморӣ аз сабаби фарқияти мундариҷаи мавзӯъ, усулҳои ҳисоб ё воҳиди ченак аксар вақт муқоисанашаванда мешаванд. Бо вуҷуди ин, дар бисёр ҳолатҳо маълумотҳои муқоисанашаванда метавонанд муқоиса карда шаванд [6].

Тибқи гузориши СУС , 18 кишвари (ҳудудҳои) ҷаҳон, ки дар онҳо 0,5% аҳолии ҷаҳон зиндагӣ мекунанд, дар бораи сайёҳии байналмилалӣ маълумот надодаанд. Аксари онҳо аз ҷиҳати иқтисодӣ суст рушд карда, дар бозори ҷаҳонии сайёҳӣ саҳми ночиз доранд. Ба солнома омории СУС 202 мамлакат дохил карда шудааст. Гарчанде ки онҳо дар бораи мубодилаи сайёҳии байналмилалии маълумот ҷамъ мекунанд, аммо дар рӯйхати хеле маҳдуди нишондиҳандаҳо қарор доранд. Ҳатто дар Франция, мамлакате, ки кори омор нағз ба роҳ монда шудааст, хисоби бухгалтерӣ бо камбудиҳои калон ба роҳ монда мешавад. Дар омори сайёҳон маълумот дар бораи сайёҳон ва сафарҳои кӯтоҳмуддати корӣ қисм –қисм аст; омори хароҷоти сайёҳӣ низ мукаммал нест.

Таърихи инкишофи омори байналмилалии туризм

Омор, аз руи луғатҳои энсиклопедӣ, илмест, ки нишондиҳандаҳои миқдорӣ тараққиёти истеҳсолоти ҷамъиятӣ ва ҳаётӣ ҷамъиятро коркард ва меомӯзад. Дар соҳаи сайёҳӣ байналмилалӣ омор равандҳо, маълумотро оид ба нишондиҳандаҳои миқдорӣ ва сифатӣ, ки ҳолат ва рушди ин падидаи иҷтимоиро тавсиф менамоянд, меомӯзад ва таҳлил менамояд.

Омӯзиши сайёҳии байналхалқӣ дар асоси нишондодҳои миқдорӣ, ки ба маълумоти оморӣ асос ёфтаанд, асос ёфтааст. Оғози баҳисобгирии мунтазами ҷараёни сайёҳон дар нимаи аввали асри 20 гузошта шудааст. Маълум аст, ки соли 1929 ба Австрия кариб 2 миллион нафар, ба Швейцария 1 миллиону 500 ҳазор нафар, Италия бештар аз 1 миллион нафар одамон омада буданд. Омори саёҳат аз руи радифи ҳаракати сайёҳон дар мамлакатҳои ҷудогонаи Аврупо ташаккул меёбад, вале он вақт ҳануз аҳамияти мустақил надошт. Ҷамъоварӣ ва коркарди иттилоот ба манфиати амнияти миллӣ, назорат аз болои равандҳои муҳоҷират сурат гирифтааст. Дарвоқеъ ҳадафҳои сайёҳӣ ҳанӯз ба мадди аввал наомадаанд. Бо нигоҳ доштани баҳисобгирии ҳамаи шахсони сафар, сайёҳон ҳамчун категорияи махсус ҷудо карда нашудаанд [7].

Дар охири солҳои 1940-ум ва аввали солҳои 1950-ум марҳилаи нави рушди омори байналмилалии сайёҳӣ оғоз ёфт. Баъди ҷанг мамлакатҳои Аврупо ба бисьёр мушкилотҳои иқтисодӣ дучор шуданд: харобӣ, бесарусомонии идоракунӣ, вайроншавии низои молию молиявӣ. Ба эътидол овардани вазъият маҷмӯи тамоми амалиёти мутобикшударо талаб мекард. Ҳукуматҳои аксари кишварҳо дар чунин шароити душвор аз сайёҳӣ умеди калон доштанд. Онҳо бо он фаъол гардондани баланси пардохт, ба даст овардани мувозинати молиявӣ ва дар ниҳояти кор, афзоиши дарозмуддати иктисодиётро алокаманд карданд.

Аз нимаи дуюми асри XX бо хусусияти оммавии худ саёҳати байналхалқӣ дар иқтисодиёти аксари кишварҳо мавқеи асосиро ишғол намуд. Таъсири сайёҳӣ ба сохтори истеҳсолот ва маблаггузорӣ, ММД ва вазъияти баланси пардохт, истифодаи ресурсҳои мехнатӣ ва бисьёр дигар соҳаҳои тараққиёти сосиалию иқтисодии соҳаҳои саноати махалла хеле зиёд шуд.

Аз он вақт инҷониб, мақомоти давлатӣ, доираҳои тиҷоратӣ ва тамоми соҳаҳо ба таҳияи барномаҳои ҳамкории дарозмуддати сайёҳӣ байналмилалӣ бо дигар соҳаҳои иқтисодиёт таваҷҷӯҳи зиёд доданд. Ба ҳисоби бухгалтерӣ, пешгуи кардан ва ба нақша гирифтани сайёҳат ва умуман сайёҳӣ зарурияти таъҷилӣ ба миён омад.

Усулҳои муайян ва баҳисобгирии нишондиҳандаҳои сайёҳӣ байналмилалӣ, ки то имрӯз истифода мешуданд, аҳамияти худро гум карданд. Барои ҳамаи кишварҳо усулҳои ягонаи ба даст овардан ва ҳисоб кардани нишондиҳандаҳои сайёҳӣ мавҷуд набуданд, ки барои ҷамъбасти омори сайёҳӣ дар сатҳи миллӣ, минтақавӣ ва ҷаҳонӣ монеаи ҷиддӣ ба вуҷуд оварда [8].

Таҳияи система ва усулҳои ягонаи баҳисобгирии омори байналмилалии сайёҳӣ як ниёзи таъхирнопазири сохторҳои давлатӣ ва хусусӣ шудааст.

Қадамҳои аввалин дар рушди истилоҳоти байналмилалии сайёҳӣ ҳанӯз соли 1937 гузошта шуда буданд. Баъд Шӯрои Умумиҷаҳонии Сайёҳӣ тавсия кард, ки истилоҳи «сайёҳии байналхалқӣ» дар ҳисоби омор истифода шавад, ки таърифи онро Иттифоқи байналхалкии ташкилотхои расмии сайёҳӣ (IUTO) дар маҷлиси дар Дублин барпогардида 1950 с. ва соли 1953 аз ҷониби Комиссияи омори СММ тасдиқ карда шудааст.

Дар соли 1963 Конфронси СММ оид ба саёҳат ва сайёҳии байналмилалӣ, ки дар Рим баргузор гардид, дар омор истифода бурдани истилоҳҳои «меҳмон» ва «сайёҳ» тавсия дода шуд. Баъдтар, дар соли 1978 Комиссияи омори СММ Дастурамалҳои муваққатиро оид ба омори байналмилалии сайёҳӣ қабул кард.

Ҳамин тавр, давраи солҳои 1937-1980 сол дар системаи байналмилалии омори сайёҳӣ бо ҷорӣ намудани истилоҳот ва таснифоти нав хос буд, аммо ин система бо дигар системаҳои оморӣ ҳамоҳанг карда нашудааст [9].

Аҳли ҷамъияти ҷаҳон дар солҳои 80-уми асри XX аҳамияти сайёҳӣ ва робитаи он бо дигар кисмҳои фаъолияти иҷтимоию иқтисодиро пурра дарк намуд. Аз ин рӯ UNWTO дар ҳамкорӣ бо Шӯъбаи омори Котиботи СММ дар ду самт таҳқиқоти оморӣ анҷом дод:

1. таҳияи пешниҳодҳо оид ба тағйир додани истилоҳот ва таснифоти дар сайёҳӣ истифодашаванда бо мақсади ҳамоҳангсозии онҳо бо дигар системаҳои омори миллӣ ва байналмилалӣ;
2. ворид намудани иттилооти сайёҳӣ ба сохтори таҳлилии системаи баҳисобгирии миллӣ.

Дар сессияи 5-уми Ассамблеяи Генералии UNWTO (Деҳлӣ соли 1983) нишондиҳандаҳое баррасӣ шуданд, ки метавонанд сайёҳиро дар заминаи тавсияҳои миллии баҳисобгирии муҳосибӣ, ки дар он вақт мавҷуд буданд, тавсиф кунанд. Аҳамияти ба вуҷуд овардани воситаҳои ягонаи ченкунӣ ва муқоиса бо дигар соҳаҳои хоҷагии халқ қайд карда шуд. Ҳуҷҷатҳои ин иҷлосия ҳоло ҳам ҳамчун асоси фаъолияти UNWTO дар соҳаи ҳамоҳангсозии консепсияҳо ва системаҳои оморӣ дар соҳаи сайёҳӣ хизмат мекунанд [10].

Бо мурури замон консепсияи баҳисобгирии омории сайёҳии байналмилалӣ бо тавсияҳои Конфронси байналмилалӣ оид ба омори саёҳат ва сайёҳӣ, ки соли 1991 дар Оттава (Канада) баргузор гардид, Комиссияи омори СММ, инчунин як қатор дигар созмонҳои байналмилалӣ пурра карда шуд, ва ташкилотҳои минтақавӣ, масалан, Созмони Ҳамкории Иқтисодӣ ва Рушд (OECD). Дар натиҷа консепсияи кории омори байналмилалии сайёҳӣ, инчунин системаи пайвастаи мафҳумҳо, мафҳумҳо ва таснифоти сайёҳӣ таҳия карда шуд. Аз ҷумла, истилоҳоти оморӣ барои сайёҳии дохилӣ ва байналмилалӣ, инчунин таснифоти фаъолияти сайёҳӣ пешниҳод шудаанд, ки онҳоро бо дигар параметрҳои омори байналмилалӣ муқоиса кардан мумкин аст. Илова бар ин, дар асоси ин консепсия ташаккули системаи иттилоотии сайёҳӣ, ки ба системаи баҳисобгирии миллӣ мувофиқ аст, ва ҷорӣ намудани баҳисобгирии ёрирасон дар соҳаи сайёҳӣ оғоз гардид.

Рушди омор бо афзоиши ҳаҷм ва аҳамияти иқтисодии сайёҳӣ ҳамроҳ буд. Системаҳои ҳисобдорӣ ва коркарди маълумот такмил дода, таҳлили муҳоҷирати сайёҳӣ амиқтар карда шуд. Омори муосири сайёҳӣ доираи васеи масъалаҳоро дар бар гирифта, бо мақсади баҳодиҳии саҳми сайёҳӣ ба иқтисодиёти кишвар, аз ҷумла, таъсири он ба тавозуни пардохт, инчунин муайян намудани самтҳо ва тамоюлҳои асосии рушди сайёҳӣ амалӣ карда мешавад. Маълумоти оморӣ дар ҳама сатҳҳо зарур аст: аз созмонҳо ва муассисаҳои байналмилалии давлатӣ ва ғайриҳукуматӣ, ҳукуматҳо, мақомоти давлатӣ ва мунисипалӣ,

ки мустақиман ё бавосита ба бахши сайёҳӣ алоқамандand, маъмуриятҳои миллии сайёҳӣ, ки сиёсати давлатиро дар ин самт таҳия ва амалӣ мекунанд. Иқтисодиёт ба ташкилотҳои сайёҳӣ ва истеҳсолкунандагони бевоситаи молу хизматҳои сайёҳӣ [11].

Ҳар як самти омори сайёҳӣ барои истифодабарандаи мушаххаси иттилоот пешбинӣ шудааст, ки мундариҷа, ҳаҷм, шакл ва басомади пешниҳоди онро муайян мекунад. Маълумоти оморӣ барои таҳлили бозори сайёҳӣ ва таҳияи нақшаи бизнес аз ҷониби ширкатҳои сайёҳӣ, аудит ва таҳлили лоиҳаҳо ва татбиқи тадқиқоти илмӣ зарур аст. Сифати кори иҷрошуда бештар ба пуррагӣ ва объективии маълумотҳои оморӣ вобаста аст. Дар тамоми ҷаҳон ба ҳисобу китоб, коркард, тартиб додан ва нашри материалҳои оморӣ диққати калон дода мешавад.

Тибқи таснифоти аз ҷониби СУС (UNWTO) пешниҳодшуда аз рӯи мақсади сафар, меҳмонони хориҷӣ дар гурӯҳҳои асосии зерин ба қайд гирифта мешаванд:

- ✓ истироҳат ва фароғат;
- ✓ ба аёдати дӯстон ва хешовандон;
- ✓ ҳадафҳои тиҷоратӣ ва касбӣ;
- ✓ табобат;
- ✓ дин, зиёрат;
- ✓ таҳсил ва иштирок дар конфронсу симпозиумҳо
- ✓ дигар мақсадҳо.

Қоидаҳои муфассали пешбурди омори сайёҳии байналмилалӣ дар тавсияҳои СУС муқаррар карда шудаанд [12].

Нишондиҳандаҳои оморӣ, ки дар маҷмӯаи маъмули омории солонаи СУС «Маҷмӯаи омори сайёҳӣ» нашр шудаанд, маълумот дар бораи сайёҳӣ дар 204 кишвари ҷаҳон буда, ба се гурӯҳи асосӣ тақсим карда шудаанд:

1. фароғат ва фаъолияти фароғатӣ;
2. ҳадафҳои тиҷоратӣ ва касбӣ;
3. дигар мақсадҳо.

Ҳар як кишвари узви СУС вазифадор аст, ки тибқи талаботи дақиқ муайяншуда маълумоти оморӣ оид ба вазъи сайёҳиро мунтазам пешниҳод намояд. Дар баробари ин сохторҳои оморӣ дар худуди миллӣ бо назардошти хусусиятҳо ва анъанаҳои маҳаллӣ баҳисобгириро муфассалтар пеш баранд.

Бо афзоиши ҳаҷм ва аҳамияти иқтисодии сайёҳӣ дар омор, махсусан дар соҳаи баҳисобгирии сафарҳои сайёҳии байналмилалӣ пешравиҳо ба вуҷуд омад. Омори байналмилалии сайёҳӣ ду бахши асосиро дар бар мегирад:

1. омори ҷараёнҳои сайёҳӣ;
2. омори даромад ва хароҷоти сайёҳон.

Барои ҳар кадоми онҳо системаи нишондиҳандаҳо тартиб дода шудааст. Нишондиҳандаҳои муҳимтарини ҷараёни сайёҳӣ шумораи омадан (рафтани) ва давомнокии будубош мебошанд.

Бо вуҷуди ин, ҷараёни сайёҳон як падидаи нобаробар аст. Барои тавсифи нобаробарии ҷараёни сайёҳӣ коэффисиентҳои нобаробарӣ истифода мешаванд, ки бо се роҳ ҳисоб карда мешаванд.

Дар куҷо - шумораи рӯзҳои сайёҳӣ дар моҳ мутаносибан ҳадди аксар ва минималии гардиши одамон дар як рӯз.

Миқдори миёнаи моҳонаи рӯзҳои сайёҳонро бо роҳи тақсим кардани шумораи солонаи рӯзҳои сайёҳӣ ба 12 моҳ муайян карда мешавад [13].

Шумораи сайёҳони омадан (рафтани) ҳамчун шумораи сайёҳони ба қайд гирифташуда, ки ба як кишвари муайян ба муддати муайян, одатан дар як соли тақвимӣ омадаанд (аз он ҷо рафтанд) фаҳмида мешаванд. Миқдори омадан ва рафтани нишондиҳандаи асосии ҳаракати сайёҳон мебошад. Азбаски сайёҳ метавонад дар давоми сол ба чанд кишвар сафар кунад ва ҳатто дар як сафар ба давлатҳои гуногун сафар кунад,

шумораи воқеии сайёҳон (рафтан) аз шумораи омадагон камтар аст. Воридшавӣ ба таври мутлақ ҳамчун шумораи сафарҳо дар як давраи муайян ба назар гирифта мешавад. Дар рушди сайёҳӣ, сарфи назар аз тағирёбии кӯтоҳмуддат, тамоюли устувори болоравӣ мушоҳида мешавад. Суръати миёнаи солонаи афзоиши сайёҳон дар давраи аз соли 1960 то соли 2009 7 %-ро ташкил дод. Дар давраи солҳои 1995-2010 суръати миёнаи солонаи афзоиши сайёҳон то 5,3 % кам шуд [14].

Кишварҳои пешқадам аз рӯи шумораи сайёҳон Фаронса (76,5 миллион), Испания ва ИМА (ҳар кадом 49,5), Италия (39,0), Чин (33,2), Британияи Кабир (23,4) мебошанд. Вақтҳои охир шумораи омадан ба Тоҷикистон босуръат меафзояд, ки дар тӯли чанд сол дар раддабандии ҷаҳонӣ аз ҷои 120-ум ба 87-ум баромад. Ба гурӯҳи раадабандии даҳгонаи ҷаҳон ИМА, Испания, Италия, Фаронса, Мексика, Австрия, Олмон, Япония, Швейтсария шомиланд. Барои баҳодиҳии шиддати омадан (рафтани) нишондиҳандаҳои нисбӣ истифода мешаванд. Шиддати омадан ҳамчун шумораи сайёҳон ба 1 сокини кишвар (минтақа) муайян карда мешавад. Баъзан суръати вуруди сайёҳон бо фоиз ҳисоб карда мешавад, яъне ба 100 нафар аҳолии кишвари қабулкунанда. Дар миқёси ҷаҳонӣ ин рақам 0,11 (11%) аст. Барои минтақаҳо ва гурӯҳҳои алоҳидаи кишварҳо ин нишондиҳанда аз сатҳи миёнаи ҷаҳонӣ хеле дур аст. Суръати парвозҳо низ ҳамин тавр муайян карда мешавад. Ба ҳисоби фоиз (ба 100 нафар сокини кишвари хориҷшаванда) ҳисоб кардани рафтан кулайтар аст, зеро ин нишон медиҳад, ки кадом қисми аҳолии (минтақаи) он кишварро тарк мекунад. Барои сафарҳо ба хориҷа, арзиши максималии нишондиҳанда барои Аврупои Шимолӣ ва Ғарбӣ хос аст - зиёда аз 70%.

Дар омори сайёҳон дар баробари шумораи омадан (рафтани) нишондиҳандаи дигар давомнокии будубош истифода мешавад. Он аз рӯи шумораи будубоши шабона аз ҷониби сайёҳон чен карда мешавад. Давомнокии будубоши тамоми сайёҳон дар кишвар дар як давраи муайян бо роҳи ҷамъбасти шумораи шабонарӯзии ҳамаи сайёҳон ҳисоб карда мешавад. Шумораи умумии истиқоматҳои шабона нисбат ба шумораи омадани сайёҳон нишондиҳандаи чандиртар аст. Масалан, Фаронса аз лиҳози омадан аз Испания хеле пеш аст, аммо давомнокии будубоши сайёҳон дар он ҷо хеле камтар аст. Натиҷаи ҳамин аст, ки Испания аз ҷиҳати шумораи шабонарузӣ ва даромади сайёҳон аз Фаронса пеш гузаштааст. Аз ин рӯ нишондиҳандаи муҳиме, ки давомнокии сафарҳоро тавсиф мекунад, давомнокии миёнаи будубоши як сайёҳ дар кишвар мебошад. Давомнокии миёнаи будубош барои кишварҳои дур аз бозорҳои асосии сайёҳӣ аз ҳама муҳим аст: Австралия - 24 шаб, Зеландияи Нав - 19. Барои кишварҳои хурд, инчунин кишварҳои ба сайёҳии тиҷоратӣ нигаронида шуда, давомнокии миёнаи будубош ҳадди аққал аст: Сингапур - 3 рӯз, Гонконг - 3,9 рӯз [16].

Вобаста ба давомнокии иқомат (шумораи будубоши шабона) якчанд сегментҳои бозори сайёҳӣ мавҷуданд. Саёҳатҳои кӯтоҳмуддат (1-3 шаб) барои истироҳат ва фароғат дар рӯзҳои истироҳат ва ид, инчунин бо мақсади тиҷоратӣ гирифта мешаванд. Ба гуруҳи дуюм (4-7 шаб) сафарҳое дохил мешаванд, ки бо мақсадҳои гуногун асосан дар рузҳои таътили иловагӣ гузаронида мешаванд. Маҳз ҳамин сегменти бозор бо суръати тезтар рушд мекунад. Сафарҳои миёнамуддат (8-28 шаб) аз ҷониби меҳмонон ҳангоми таътили тӯлонӣ асосан барои истироҳат ва табобат сурат мегиранд [15].

Ниҳоят, сафарҳои шабонаи 29-91 ва 92-365 ба сайёҳӣ дарозмуддат тасниф карда мешаванд. Баъзе одамон, пеш аз ҳама, аз ҷиҳати иқтисодӣ ғайрифаъол, онҳоро барои фароғат, вақтхушӣ, табобат ва дигарон бо мақсадҳои тиҷоратӣ ва касбӣ (экспедитсия, таҳсил ва ғайра) анҷом медиҳанд.

АДАБИЁТ

1. Александрова А.Ю. Международный туризм: учебник / А.Ю. Александрова. — М.: Аспект Пресс, 2004.

2. Боголюбов В.С. Экономика туризма / В.С. Боголюбов, В.П. Орловская //URL: http://tourlib.net/books_tourism/bogolubov4.htm.
3. Ефимова М.Р. Общая теория статистики: учебник / М.Р. Ефимова, Е.В. Петрова, В.Н. Румянцев. — 2-е изд., испр. и доп. — М.: ИНФРА-М, 1999.
4. История статистики: учеб, пособие для студентов, обучающихся по направлению подготовки 080100.62 «Экономика» (профиль «Статистика») / Саратовский государственный социально-экономический университет. — Саратов, 2013.
5. Калинина О.А. Влияние фактора сезонности на ассортимент туристского агентства / О.А. Калинина // URL: http://cyberleninka.ru/ article/n/vliyanie-faktora-sezonnosti-na-assortiment-turistskogo-agentstva.
6. Карманова Т.Е. Статистика туризма = Tourism ststistics: учебник /Т.Е. Карманова, О.В. Каурова, А.Н. Малолетко. — 2-е изд., пе- рераб. и доп. - М.: КНОРУС, 2012.
7. Квартальное В.А. Туризм: учебник / В.А. Квартальное. — М.: Финансы и статистика, 2003.
8. Лялин В.С. Статистика: теория и практика в учеб, пособие / В.С. Лялин, И.Г. Зверева, Н.Г. Никифорова. — М.: Финансы и статистика; ИНФРА-М, 2010.
9. Ляпина И.Ю. Индустриальная база гостиниц и туристских комплексов: учебник для студ. сред. проф. учеб, заведений / И.Ю. Ляпина, Т.Л. Игнатьева, С.В. Безрукова. — М.: ИЦ «Академия», 2009.
10. Статистика туризма: учебник / коллектив авторов; под ред. А.Ю. Александровой. - М.: Федеральное агентство по туризму, 2014.
11. Статистика: учебник / под ред. В.С. Мхитаряна. — М.: Экономить, 2005.
12. Салин В.Н. Курс теории статистики для подготовки специалистов финансово-экономического профиля.
13. Салин,Э.Ю. Чурилова. — М.: Финансы и статистика, 2006.
14. Сизова Т.М. Статистика: учеб, пособие /Т.М. Сизова. — СПб.: СПб ГУИТМО, 2005.
15. Теория статистики: учебник / под ред. проф. Г.Л. Громыко. — 2-е изд., перераб. и доп. — М.: ИНФРА-М, 2005. (Классический университетский учебник).
16. Шмойлова Р.А. Практикум по теории статистики: учеб пособие / Р.А. Шмойлова, В.Г. Минашкин, Н.А. Садовникова; под ред. Р.А. Ш мойловой. — 2-е изд., перераб. и доп. — М. : Финансы и статистика, 2004.

УДК: 330

Алихонзода Шоҳрух

ХУСУСИЯТҲОИ ИДОРАИ ЗИДДИИНҲИСОРӢ ДАР СОҲАИ САНОАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақола хусусиятҳои асосии раванди рушди идораи зиддинҳисорӣ дар шароитҳои муосир дида баромада шуда, мавқеъи идораи зиддиинҳисорӣ ҳамчун омили асосии таъмини раванди рақобатпазирӣ дар иқтисоди миллӣ муайян карда шудааст. Муаллиф қайд менамояд, ки маҳз дар раванди густариши саноатикунонии босуръати иқтисоди миллӣ танзими зиддиинҳисории соҳаи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳри ба даст овардани ҳадафҳои стратегии мамлакат яке аз роҳҳои асосии ҳал ба шумор меравад. Аз тарафи муаллиф таҳлили вазъи ҷории соҳаи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шуда, шумораи корхонаҳои саноатӣ, ҳаҷми маҳсулоти истеҳсолкардашудаи молҳои саноатӣ ва индекси маҳсулоти саноатӣ ба ҳисоби фоиз таҳлил карда шудаанд. Инчунин

муаллиф таҳлили таносуби байни моликияти давлатӣ ва ғайридавлатиро дар корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон анҷом додааст. Муаллиф муайян намудааст, ки дар соли 2010 43,7% соҳаи саноатро бахши ғайридавлатӣ ташкил дода, 56,7% ба бахши давлатӣ рост меояд. Дар соли 2020 бошад 88,8 % ба бахши ғайридавлатӣ ва мутаносибат 11,2% ба бахши давлатӣ рост меояд, яъне дар соҳаи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2020 бахши ғайридавлатӣ дорои мавқеъи ҳукмфармо мебошад. Ҳамин тариқ аз тарафи муаллиф омилҳои асосии маҳдудкунандаи рақобат дар соҳаи саноати ҷумҳурӣ муайян карда шуда, қайд шудааст, ки онистани амалияи мақомоти зиддиинҳисорӣ, сохтор ва динамикаи ҳуқуқвайронкуниҳои зиддиинҳисорӣ метавонад маълумоти заруриро барои арзёбии рақобатпазирии иқтисодиёт таъмин намояд.

Калидвожаҳо: инҳисорот, рақобат, идоракунӣ, саноат, танзим, раванд, таҳлил, баррасӣ, корхона, бозор, мол, хизматрасонӣ, истеҳсолот, қонунгузорӣ, механизм, хусусият, омил, мақомотҳои идоракунӣ, усул, таъмини рақобатпазирӣ, минтақа, сармоягузорӣ.

Алихонзода Шохрух

ОСОБЕННОСТИ АНТИМОНОНАЛЬНОГО УПРАВЛЕНИЯ В ПРОМЫШЛЕННОЙ СФЕРЕ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН

В статье рассмотрены основные особенности процесса развития антимонопольного управления в современных условиях, а также определено положение антимонопольного управления как основного фактора в процессе обеспечения конкурентоспособности в национальной экономике. Автор отмечает, что в процессе развертывания ускоренной индустриализации национальной экономики антимонопольное регулирование промышленности Республики Таджикистан является одним из основных способов достижения стратегических целей страны. Автор проанализировал современное состояние промышленности Республики Таджикистан, количество промышленных предприятий, объем произведенной продукции промышленной продукции и индекс промышленной продукции были проанализированы в процентах. Автор также проанализировал соотношение между государственной и негосударственной формой собственности на промышленных предприятиях Республики Таджикистан. Автор определил, что в 2010 г. 43,7% промышленного сектора составлял негосударственный сектор, а 56,7% - государственный сектор. В 2020 году 88,8% будет принадлежать негосударственному сектору и 11,2% - государственному сектору, то есть в промышленности Республики Таджикистан в 2020 году доминирующее положение будет занимать негосударственный сектор. Таким образом, автор выделил основные ограничивающие конкуренцию факторы в промышленности республики и отметил, что анализ практики антимонопольных органов, структуры и динамики антимонопольных нарушений может дать необходимую информацию для оценки конкурентоспособность экономики.

Ключевые слова: монополия, конкуренция, управление, отрасль, регулирование, процесс, анализ, обзор, предприятие, рынок, товар, услуга, производство, законодательство, механизм, особенность, фактор, органы управления, метод, обеспечение конкурентоспособности, регион, инвестиции.

Alikhonzoda Shohrukh

FEATURES OF ANTI-MONOPOLY MANAGEMENT IN THE INDUSTRIAL SPHERE OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

The article considers the main features of the process of development of antimonopoly management in modern conditions, and also determines the position of antimonopoly management

as the main factor in the process of ensuring competitiveness in the national economy. The author notes that in the process of deploying the accelerated industrialization of the national economy, antimonopoly regulation of the industry of the Republic of Tajikistan is one of the main ways to achieve the country's strategic goals The author analyzed the current state of the industry of the Republic of Tajikistan, the number of industrial enterprises, the volume of manufactured industrial products and the index of industrial production were analyzed as a percentage. The author also analyzed the relationship between state and non-state ownership in industrial enterprises of the Republic of Tajikistan. The author determined that in 2010, 43.7% of the industrial sector was the non-state sector, and 56.7% - the public sector. In 2020, 88.8% will belong to the non-state sector and 11.2% - to the public sector, that is, in the industry of the Republic of Tajikistan in 2020, the non-state sector will dominate. Thus, the author singled out the main factors limiting competition in the industry of the republic and noted that an analysis of the practice of antimonopoly authorities, the structure and dynamics of antimonopoly violations can provide the necessary information to assess the competitiveness of the economy.

Keywords: monopoly, competition, management, industry, regulation, process, analysis, review, enterprise, market, product, service, production, legislation, mechanism, feature, factor, governing bodies, method, competitiveness, region, investment.

Яке аз мушкилиҳои асосии гузариш ба иқтисоди бозорӣ фароҳам овардани фазои рақобати озод ва пешгирӣ намудани ҳар гуна равандҳои хусусияти инҳисоридошта дар иқтисодиёт мебошад. Муҳити рақобат боиси паст шудани нархҳо тавассути баланд бардоштани сатҳи истеҳсолот, баланд бардоштани сифати маҳсулот ва хизматрасонӣ мегардад, ки дар ниҳояти кор ба истеъмолкунандагон фоида меорад. Аммо ташкили фазои рақобат бе иштироки фаъолонаи бахши хусусӣ, ки асосан аз соҳибкории хурду миёна дар бахшҳои гуногун (саноат, кишоварзӣ, хизматрасонӣ ва ғайра) иборат аст, имконнопазир аст. Таҷрибаи аксари кишварҳои пешрафта ва рӯ ба тараққӣ нишон медиҳад, ки ширкатҳои хусусӣ дар паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва фароҳам овардани ҷойҳои нави корӣ нақши калидӣ доранд ва ҳамчун манбаи асосии фановарӣ ва технологияҳои нав хизмат мекунанд.

Имрӯзҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати фароҳам овардани шароит барои ташаккули муҳити рақобат тадбирҳо андешида мешаванд – бисёр равандҳои иқтисодӣ ғайридавлатӣ гардонида шудаанд: дигаргун сохтани муносибатхъҳои моликият, ба вуҷуд овардани шаклҳои гуногуни ташкилию ҳуқуқии хочагидорӣ, озодикунонии соҳаи нархгузорӣ, музди мехнат, фаъолияти иқтисодии берунӣ ва ғайра. Аммо муносибатҳои бозорӣ то ҳол ба омилхои муайянкунандаи тезонидани раванди такрористехсолӣ мубаддал нашудаанд, ракобат ҳануз хусусияти эҷодӣ нагирифтааст, мавқеи инҳисорот дар соҳаи истеҳсолот ва муомилот устувор боқӣ мемонад [2, С.290]. Яке аз сабабҳои асосии монеъ шудан ба рушди муносибатҳои рақобатӣ дар бозор мавҷудияти монеаҳои мухталифе мебошад, ки аз ҷониби мақомоти маҳаллӣ ба таври сунъӣ ба вуҷуд оварда шудаанд. Аз ин рӯ, имрӯз на танҳо таваҷҷӯҳи мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳияро ба проблемаҳои рушди рақобат зиёд кардан, балки аз механизмҳои дохилии рушди худшиносии муҳити рақобат низ истифода кардан зарур аст. Вобаста ба ин, барои таҳияи маҷмӯи тадбирҳое, ки ба ташаккули муҳити рақобат ва баланд бардоштани рақобатпазирии иқтисодиёт мусоидат мекунанд, гузаронидани таҳқиқоти иловагӣ зарур аст.

Дар айни замон низоми идоракунии давлатии танзими иқтисодиёти миллӣ комилан дар ҳамаи давлатҳо, аз ҷумла дар давлатҳои рӯ ба тараққӣ ташаккул ёфта амал мекунад. Гузашта аз ин, унсури ҳатмии он фароҳам овардани шароити мусоид барои рушди муҳити рақобат дар бозори мол ва хизматрасонӣ мебошад. Чуноне, ки дар адабиёти илмӣ кайд карда мешавад, «раванди ташаккули шароити институтсионалии рақобат на ҳама вақт бо як самти мутобиқшуда пеш мерафт. Дар баробари кор карда баромадан ва қабул кардани меъёрҳои нави расмӣ дар меъёрҳои пеш қабулшуда тағирот ба амал омада, ва ин тағирот на ҳамеша

ба воқеияти иқтисодӣ мувофиқ буданд. Солҳои охир субъектҳои хоҷагидори манфиатдор ба ташаккули институти рақобат ҳарчи бештар таъсир расонида истодаанд яъне – сохторҳои калони корпоративӣ, субъектҳои инҳисороти табиӣ, иштирокчиёни фаъолияти таблиғотӣ, инчунин ҳолатҳои муборизаи байни як қатор мақомоти иҷроия ба қайд гирифта шуданд». Дар ин шароитҳо танзими зиддиинҳисориро метавон ҳамчун муҳимтарин ҷузъи сиёсати иқтисодии давлат дар ҳамаи давлатҳои иқтисоди бозаргонии тараққикарда хисоб кард [3, С.173]**.**

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чораҳои танзими давлатии зиддиинҳисорӣ аз ҷониби Хадамоти зиддиинҳисорӣ татбиқ карда мешавад. Мутобиқи маълумотҳои он танзими зиддиинҳисорӣ «маҷмӯи тадбирҳои иқтисодӣ, маъмурӣ ва қонунгузорие мебошад, ки аз ҷониби хадамоти зиддиинҳисории Ҷумҳурии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад ва ба таъмини шароити рақобати бозорӣ ва пешгирии инҳисироти аз ҳад зиёди бозор, ки ба фаъолияти мӯътадили механизми бозор таҳдид мекунад, нигаронида шудааст».

Дар асоси ин мафҳум тадбирҳои танзими зиддиинҳисорӣ аз ҷониби шахсони ваколатдор барои ноил шудан ба ҳадафҳо дар якчанд самт татбиқ карда мешаванд. Пеш аз ҳама, барои давлат кафолат додани ягонагии фазои иқтисодӣ, ки имкониятҳои ҳаракати озоди молҳо ва озодии фаъолияти иқтисодиро дар бар мегирад, инчунин хифзи мухити ракобат бо максади таъмини шароит барои фаъолияти босамари бозори мол, кор, хизматрасони; аз ҷиҳати стратегӣ муҳим аст. Илова бар ин, маҷмӯи чораҳои ба консепсияи «танзими зиддиинҳисорӣ» дохилшуда ба ҷорӣ намудани муқаррароти маҳдудкунанда нигаронида шудааст, ки ба фаъолияти инҳисории субъектҳои хоҷагӣ ва ракобати носолими байни онхо халал мерасонад [7, С.326].

Аз нуқтаи назари таҳияи меъёрии конунҳо дар соҳаи таҳқиқшаванда танзими зиддиинҳисори вазифаи дастгирии раванди ташаббусҳои конунгузори оид ба такмили механизмхои танзими муносибатхои иктисодиро ичро менамояд. Фаъолияти бозори рақобат барои давлат ва мақомоти ваколатдори давлатии он яке аз ҳадафҳои асосӣ мебошад. Мавҷудияти инҳисорот дар ҳама гуна минтақаи бозори мол, кор ё хизматрасонӣ нуфузи сохторҳои давлатиро суст карда, сатҳи эътимодро ба муҳити соҳибкорӣ коҳиш медиҳад. Самти асосии сиёсати зиддиинҳисорӣ интишори як низоми санадҳои қонунгузорие мебошад, ки қоидаҳо ва тартиби ҳамкории субъектҳои муносибатҳои бозорро муайян мекунанд, таҳияи механизмҳое, ки метавонанд риояи талаботи муқаррарнамудаи қонунҳоро таъмин кунанд.

Раванди ба роҳ мондани муносибатҳои рақобатпазирӣ дар бозорҳои молу хизматрасонӣ, соҳаи саноати Ҷумҳурӣ ва сифати рақобат бевосита аз сифати риояи қонунҳо аз тарафи соҳибкорон вобаста аст. Қонунгузории зиддиинҳисорӣ ба салоҳияти мақомот мансуб буда, дар тамоми қаламрави давлат якхела буда, ба принсипи ягонагии танзим асос меёбад [11, С.112].

Ҳадафҳои асосие, ки дар соҳаи сиёсати зиддиинҳисории давлат амалӣ карда мешаванд инҳо мебошанд:

- фароҳам овардани заминаҳои ташаккули муносибатҳои бозорӣ, ташаккули муҳити солими рақобат ва соҳибкорӣ, инчунин назорат аз болои тамаркузи савдо дар дасти як иштирокчии бозор;
- пешгирӣ ва маҳдуд кардани фаъолияти инҳисорӣ ва рақобати носолим;
- муносибати оқилона дар раванди татбиқи чораҳои давлатии зиддиинҳисорӣ, ки ба фаъолияти самараноки бозор нигаронида шудаанд.

Ҷадвали 1. - Нишондиҳандаҳои асосии соҳаи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Номгу	*2015*	*2016*	*2017*	*2018*	*2019*	*2020*
Шумораи корхонаҳои саноатӣ	2310	2043	1999	2161	2164	2283
Ҳаҷми маҳсулоти саноатӣ бо нархҳои с.2020, млн. сомонӣ	16116	18695	22677	25080	28391	30890
Шумораи миёнаи солонаи кормандони саноатию истеҳсолӣ, ҳазор нафар	81,2	80,9	86,8	85,6	84,2	84,3
аз он коргарон	67,0	65,9	73,8	72,1	73,2	67,7
Индексҳои истеҳсолоти саноатӣба ҳисоби фоиз нисбат ба соли гузашта	111,3	116,0	121,3	110,6	113,2	108,8

Манбаъ: *Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон:30 - соли истиқлолияти давлатӣ. Маҷмӯаи оморӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе. -2021. –*

Чи тавре, ки аз таҳлили ҷадвали1. дида баромада мешавад дар соҳаи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон тағиротҳои ҷиддӣ ба назар мерасанд. Шумораи корхонаҳои саноатӣ нисбат ба соли 2015 ба миқдори 27 адад кам гаштаанд. Аммо бо назардошти коҳиш ёфтани шумораи корхонаҳои саноатӣ ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ дар соли 2020 ба таври назаррас афзоиш ёфтаанд. Чунончӣ ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ бо назардошти кам гаштани шумораи корхонаҳои саноатӣ дар соли 2020 нисбат ба соли 2015 нисбатан афзудааст, ки ин дар натиҷа рушди соҳаи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистонро нишон медиҳад [8, С.234].

Дар баробари ин бояд қайд кард, ки хусусиятхои ҳудудии ҷумҳурӣ ба низоми давлатии танзими зиддиинҳисорӣ таъсири калон мерасонад. Хусусиятҳои тақсимоти маъмурӣ-ҳудудӣ, дарозии қаламрав, ҳолати системаи нақлиёт, рушди баъзе минтақаҳои давлат ва суст инкишоф ёфтани минтақаҳои дигар вазъи ҳар як минтақа ва умуман кишварро муайян мекунанд. Дар аксари мавридҳо ин омилҳо метавонанд ба иқтисодиёт, рушди бозорҳо, инчунин ба вазъи муҳити рақобат дар минтақаҳо таъсир расонанд.

Инчунин дар соҳаи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон шакли моликият низ нақши муҳим дорад.

Ҷадвали 2. Нишондиҳандаҳои асосии соҳаи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи шаклҳои моликият дар солҳои 2010-2020

	шумораи кор-хонаҳо, воҳид		*шумораи кормандон, ҳаз. нафар*		*Ҳаҷми маҳсулот, ҳаз. сомонӣ*	
	2010	*2020*	*2010*	*2020*	*2010*	*2020*
Бахши давлатӣ	330	157	39,5	8,6	4647035	3472890,0
Бахши ғайридавлатӣ	1056	2126	30,0	75,7	3600499	27416587,0
Ҳамагӣ	**1386**	**2283**	**69,5**	**84,3**	**8247534**	**30889477,0**

Манбаъ: *Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон: 30 - соли истиқлолияти давлатӣ. Маҷмӯаи оморӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе. -2021. –С.26*

Чуноне, ки аз маълумотҳои ҷадвали 2. дида мешавад, аз шумораи корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бахши давлатӣ дар солҳои 2010-2020 ба таври назаррас коҳиш ёфтанд. Яъне миқдори онҳо аз 330 адад дар соли 2010 ба 157 адад дар соли 2020

коҳиш ёфтаанд. Дар бахши ғайридавлатӣ бошад баръакс шумораи корхонаҳои саноатӣ ба таври назаррас афзудаанд.

Расми 2.2. Таносуби бахши давлатӣ ва ғайридавлатӣ дар соҳаи саноат дар солҳои 2010-2020



Манбаъ: таҳияи муаллиф дар асоси маълумотҳои: *Саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон: 30 - соли истиқлолияти давлатӣ. Маҷмӯаи оморӣ. Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. -Душанбе. -2021. –С.26*

Мувофиқи маълумотҳои расм дида мешавад, ки дар соли 2010 то 43,7% соҳаи саноатро бахши ғайридавлатӣ ташкил дода, 56,7% ба бахши давлатӣ рост меояд. Дар соли 2020 бошад 88,8 % ба бахши ғайридавлатӣ ва мутаносибат 11,2% ба бахши давлатӣ рост меояд, яъне дар соҳаи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2020 бахши ғайридавлатӣ дорои мавқеъи ҳукмфармо мебошад.

Аз ин рӯ, барои арзёбии имкони сармоягузорӣ дар як минтақаи мушаххас, бунёди майдонҳои истеҳсолӣ, ташкили корхонаҳои муштарак, мо зарур мешуморем, ки фаъолияти мақомоти зиддиинҳисорӣ – танзимгари асосӣ бошад, чи дар бозорҳои инҳисорӣ ва чи дар бозорҳои рақобатпазир чунин фаъолият таҳлил карда шавад[15, С.259].

Равандҳои инҳисорӣ ба ҳар иқтисодиёте, ки дар он конунҳои истеҳсолоти молӣ амал мекунанд, хосанд. Дар ташаккул ва инкишофи инҳисорот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон номутавозунии моддию молиявии иқтисодиёт нақши калон мебозад. Дар чунин шароит ҳатто корхонаҳои хурде, ки маҳсулоти якхела истеҳсол мекунанд, мавқеъи ҳукмфарморо ишғол карда метавонанд. Инкор кардани нақши бозор ҳамчун механизми иқтисодии бозорӣ бо сатҳи баланди инҳисорот боиси кам шудани маҳсулот, бетартибии муомилоти пул ва афзоиши беқурбшавии пул мегардад [12, С.186].

Ба ақидаи мо рушди муҳити пурраи рақобат бо омилҳои зерин маҳдуд мешавад:

- суръати пасти мутобиқшавии баъзе корхонаҳо ба кор дар иқтисодиёти рақобати кушод;
- муносибати манфии баъзе роҳбарони хочагидорӣ ба кор дар шароити нави иқтисодӣ;
- рушди нокифояи таҳияи механизми танзими давлатии инҳисороти табиӣ;
- таъхир дар таҳияи механизмҳои интихобии ҳифзи истеҳсолкунандагони ватанӣ, аз ҷумла корхонаҳои хурд;
- дастгирии нокифояи самараноки давлатии соҳибкорӣ;
- аснавсозии сусти заминаи иттилоотӣ – оморӣ, равандҳои муҳимтарини иқтисодии смаранок инъикоскунандаи вазъи иқтисодӣ.

Андешидани тадбирҳои зерин, ба андешаи муаллиф, ба танзими зиддиинҳисорӣ ва рушди муҳити рақобат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат хоҳад кард:

- такмили қонунгузории амалкунанда, инчунин қабули Қонуни нави Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳифзи рақобат дар бозори хизматрасониҳои молиявӣ», ки предмети танзими он муносибатхое мебошанд, ки ба ракобат дар бозори когазхои киматнок, хизматрасонихои бонки, сугуртави ва дигар хизматрасонихо таъсир мерасонанд ва бо хифзи ракобат дар бозори хизматрасонихои молияви алокаманданд.

Дар шароитҳои муосир «Барномаи давлатии аз инҳисорот баровардани иктисодиёт ва рушди ракобат дар бозорхои Чумхурии Точикистон» зарур аст. Барнома бояд ҳадафҳо, афзалиятҳоро муқаррар намуда, аз инҳисорот баровардани иқтисодиёт ва рушди рақобатро дар сиёсати умумии давлатии ислоҳоти иқтисодӣ, марҳилаҳо ва усулҳои ташаккул ва рушди муҳити рақобат, вазифаҳо ва чораҳои аз инҳисорот баровардани иқтисодиёт ва рушди рақобатро дар сатҳи давлатӣ, соҳавӣ ва минтақавӣ, инчунин маҳдудиятҳоро дар ин соҳа ҷой диҳад. Мақсади сиёсати давлатии аз инҳисорот баровардани иқтисодиёт ва рушди рақобат дар бозорҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон бояд баланд бардоштани самаранокии истеҳсолоти ҷамъиятӣ дар асоси танзими бозории равандҳои иқтисодӣ бошад [1, С.258].

Ҳамин тариқ, донистани амалияи мақомоти зиддиинҳисорӣ, сохтор ва динамикаи ҳуқуқвайронкуниҳои зиддиинҳисорӣ метавонад маълумоти заруриро барои арзёбии рақобатпазирии иқтисодиёт таъмин намояд.

АДАБИЁТ

1. Акобирзода Н. Заминаи ҳуқуқии фаъолияти зиддиинҳисорӣ дар бозори хизматрасонии бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон / Н. Акобирзода // Ҳаёти ҳуқуқӣ. – 2020. – No 1(29). – P. 254-260.
2. Алихонзода Ш. Нақш ва аҳамияти сиёсати зиддиинҳисорӣ дар танзими иқтисоди миллӣ/ ISSN 2413-5151-2020/№5 паёми донишгоҳи миллии Тоҷикистон/бахши илмҳои иқтисодӣ.С..118-122
3. Алихонзода Ш. Хусусиятҳои танзими зиддиинҳисории субъектони саноати миллӣ дар шароити муосир/ ISSN 2664-0651 (Print)/ ISSN 2709-8567 (Online) /2020 / №4/2 (49)/Идоракунии давлатӣ/Маҷаллаи илмию сиёсии Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. С.137-143
4. Глущенко И.В. Антимонопольное регулирование как инструмент формирования конкурентного рынка / И.В. Глущенко // Вестник Института комплексных исследований аридных территорий. -М. 2010. -Т. 2. -№ 2 (21). -С. 11-16.
5. Жигалюк Е.К. Антимонопольное регулирование экономики РФ / Е.К. Жигалюк // NovaInfo.Ru. -М. 2017. -Т. 3. -№ 58. -С. 414-418.
6. Изюмникова С.А., Плужникова И.И. Антимонопольное регулирование в России как механизм формирования конкуренции / С.А. Изюмникова, И.И. Плужникова // Экономика и бизнес. Взгляд молодых. -М. 2016. -Т. 1. -№ 1. -С. 68-70.
7. Комилбек А. Е. Нақши “стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030” дар таҳкими низоми идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон / А. Е. Комилбек // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2020. – No 6. – P. 324-329.
8. Мананникова В.В. Антимонопольное регулирование рынка электроэнергетики в условиях цифровой экономики / В.В. Мананникова // Теория и практика современной науки. -М. 2018. -№ 9 (39). -С. 179-184.
9. Сафоев А. К. Роҳҳои такмили механизми идоракунӣ ва татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон / А. К. Сафоев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ. – 2022. – No 4. – P. 98-105.

10. Турсунов, И. Б. Проблемы государственного регулирования промышленных предприятий Республики Таджикистан в условиях рыночной экономики / И. Б. Турсунов, М. Ф. Хакимова // Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. – 2015. – № 2/3(165). – С. 109-113.
11. Хвалько А.А. Антимонопольное регулирование новых рыночных структур современной экономики / А.А. Хвалько // Экономика и управление. -М. 2008. -№ 6 (38). -С. 177-180.
12. Ходаринова Н.В. Проблемы и особенности организации антимонопольного регулирования деятельности современных промышленных предприятий / Н.В. Ходаринова // Экономика и предпринимательство. -М. 2013. -№ 6 (35). -С. 365-371.
13. Хоҷаева З. С. Идоракунии рушди инноватсионии корхонаҳои саноатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити саноатикунонии босуръат / З. С. Хоҷаева // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2021. – No 2(36). – P. 258-265.

УДК: 336.773

Икромов Н.Қ., Икромов Ф.Н.

НАҚШИ ҚАРЗҲОИ БОНКӢ ДАР РАВАНДИ САНОАТИКУНОНИИ РУШДИ ИҚТИСОДИЁТИ МИЛЛӢ

Да мақола нақши қарзҳои бонкӣ дар раванди саноатикунонии рушди иқтисодиёти миллӣ таҳқиқ шудааст. Аз нуқтаи назари муаллифон танзими дурусти низоми қарзи бонкӣ дар соҳаи саноат вазъи заминаи истеҳсолӣ-техникии корхонаҳоро беҳтар намуда, рақобатпазирии онҳоро дар бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ меафзояд. Инчунин, дар таҳқиқот қайд мегардад, ки аз нав дида баромадани механизми фаъолияти низоми қарзи бонкӣ дар соҳаи саноат шарти муҳим ва саривақтӣ мебошад.

Калидвожаҳо: бонк, қарз, фоиз, фоизи қарз, қарзи бонкӣ, имтиёзҳои қарзӣ, саноат, саноатикунонӣ, корхонаҳои саноатӣ, истеҳсоли маҳсулот, тамоюли рушд, афзалиятҳо, рушди иқтисодиёти миллӣ.

Икромов Н.Қ., Икромов Ф.Н.

РОЛЬ БАНКОВСКИХ КРЕДИТОВ В ИНДУСТРИАЛЬНОМ ПРОЦЕССЕ РАЗВИТИЯ НАЦИОНАЛЬНОЙ ЭКОНОМИКИ

В статье рассматривается роль банковских кредитов в процессе индустриализации развития национальной экономики. С точки зрения авторов, правильное регулирование системы банковского кредита в промышленности улучшает состояние производственно-технической базы предприятий и повышает их конкурентоспособность на внутреннем и внешнем рынках. Также в исследовании отмечается, что важным и своевременным условием является пересмотр механизма банковской кредитной системы в промышленности.

Ключевые слова: банк, кредит, процент, ссудный процент, банковский кредит, кредитные льготы, промышленность, индустриализация, промышленные предприятия, производство продукции, направление развития, приоритеты, развитие национальной экономики.

Ikromov N.K., Ikromov F.N.

OLE OF BANK LOANS IN INDUSTRIAL PROCESS OF NATIONAL ECONOMY DEVELOPMENT

The article considers the role of bank loans in the process of industrialization of the development of the national economy. From the point of view of the authors, the correct regulation of the bank loan system in industry improves the state of the production and technical base of enterprises and increases their competitiveness in the domestic and foreign markets. The study also notes that an important and timely condition is the revision of the mechanism of the banking credit system in industry.

Keywords: bank, credit, interest, loan interest, bank loan, credit benefits, industry, industrialization, industrial enterprises, production of products, direction of development, priorities, development of national economy.

Дар шароити кунунӣ бонк ҳамчун субъекти асосӣ дар таъмини захираҳои қарзӣ ба корхонаҳои саноатӣ ва васеъ гардидани истеҳсоли маҳсулоти онҳо нақши калидӣ дорад. Мавҷудияти қарзи бонкӣ бо назардошти имтиёзҳои қарзӣ ва фоизи паст дар соҳаи истеҳсолот ин як омили дастгирии корхонаҳои саноатӣ ва расидан ба ҳадафҳои саноатикунонии рушди иқтисодиёти миллӣ мебошад. То расидан ба ҳадафи саноатикунонии рушди иқтисодиёти миллӣ истифодаи оқилонаи қарз метавонад чунин мушкилотҳоро, аз қабили таназул ё шахшавии иқтисодиёти кишвар, гуногуншаклии сохтории иқтисодиёт, барқарорсозии корхонаҳои саноатӣ ва баромадан аз буҳрон, ҷорӣ намудани инноватсияҳо, коҳиш додани сатҳи бекорӣ ва ғайраҳоро ҳал намояд.

Дар бобати масъалаи мазкур дар Паёмашон Пешвои муаззами миллат чунин ибрози андеша намуданд: «Бинобар аҳаммияти бузурги соҳаи саноат дар рушди минбаъдаи мамлакат, ҳалли масъалаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ва таъмин намудани иҷрои ҳадафҳои стратегии миллӣ, аз ҷумла раванди саноатикунонии босуръати кишвар пешниҳод менамоям, ки солҳои 2022–2026, яъне то ҷашни 35-солагии истиқлолияти давлатии Тоҷикистон «Солҳои рушди саноат» эълон карда шаванд»[1]. Аз ин лиҳоз, барои баланд бардоштан ва тақвият бахшидани иқтидори содиротии мамлакат, дар мадди якум муҳайё сохтани фазои мусоиди сармоягузорӣ бо шароити таъмин намудани қарзҳои имтиёзнок ва бо фоизи паст лозим мебошад.

Соҳаи саноат яке аз бахшҳои бузурги рушди иқтисодиёти Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, дар баробари истеҳсоли маҳсулотҳои озуқаворӣ, истеҳсоли номгӯи маҳсулотҳои дигари саноатӣ ва техникиро барои дигар соҳаҳои гуногуни иқтисоди миллӣ таъмин менамояд [3-6].

Тоҷикистон дар шароити имрӯза имконияти пурраи аз коркарди ашёи хом то истеҳсоли маҳсулоти тайёрро дорад. Дар ин самт барои боз ҳам беҳтар намудани фазои мусоиди занҷираи истеҳсоли маҳсулоти тайёр даст ба таҳияи «Барномаи давлатии коркарди пурраи нахи пахта ва барномаи рушди саноати сабук барои давраи то соли 2030» зад. Албатта, таҳқиқотҳо собит намуданд, ки афзоиши нерӯи содиротӣ бе навсозии техналогияи истеҳсолот ва механизмҳои ҳавасмандгардонӣ (андозӣ, гумрукӣ, қарзҳои имтиёзноки бучетиву бонкӣ ва ғ.) ба субъектҳои иқтисодӣ ғайриимкон аст. Ёдовар шудан ба маврид аст, ки Барномаи Маркази Байналмилалии Тиҷорат баъд аз таҳлилу баҳогузории соҳаи саноат Тоҷикистонро ҳамчун давлати дастгирикунандаи рушди соҳаи санаоти нассоҷӣ ва дӯзандагӣ ва такмил додани инфрасохтори идоракунии сифат медонад.

Барои амиқ намудани сатҳи рушди соҳаи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон мо дар мадди аввал динамикаи нишондиҳандаҳои макроиқтисодиро мавриди таҳлил ва баҳогузорӣ қарор медиҳем (ниг. ба ҷадвали 1).

Нишондиҳандаҳои ҷадвали 1 собит менамояд, ки аксари лаппиши динамикаи нишондиҳандаҳои макроиқтисодӣ дар солҳои 2016-2020 бо суръати баланд афзоиш ёфта истодаанд. Дар марҳилаи мазкур, ҳиссаи суръати афзоишии маҷмӯи маҳсулоти дохила

+50,7%, маҳсулоти саноатӣ +104,7%, қарзҳои бонкӣ +8,2%, аз ҷумла қарзҳои бонкӣ ба соҳаи саноат пешниҳодгардида ба +23,6% ва ҳаҷми қарзҳои пешниҳодшуда ба соҳаи саноат нисбати қарзи умумии бонкӣ +4,2% афзоиш ёфтаанд (ниг. ба ҷадвали 1).

Ҷадвали 1. - Пӯёи нишондиҳандаҳои макроиқтисодии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2015-2020*

Нишондиҳандаҳо	2016	2017	2018	2019	2020	2020/2016 (+/-, %)
Динамикаи ММД, млн. сомонӣ	54790,3	64434,3	71059,2	79109,8	82543,0	**+50,7**
Ҳаҷми умумии маҳсулоти саноатӣ, млн. сомонӣ	15090	20029	23894	27613	30890	**+104,7**
нисбати ММД, бо %	**27,5**	**31,1**	**33,6**	**34,9**	**37,4**	**+9.9**
Шумораи корхонаҳои саноатӣ, бо воҳид	2043	1999	2161	2164	2283	**+11,7**
Коргарони соҳаи саноат, ҳаз. нафар	65,9	73,8	72,1	73,2	67,7	**+2,7**
Қарзҳои бонкӣ (ҳамагӣ), млн. сомонӣ	8230,1	6913,0	6700,7	7664,7	8903,7	**+8,2**
Қарзи бонкӣ ба соҳаи саноат, млн. сомонӣ	2424,8	2613,4	2529,9	6705,6	2996,9	**+23,6**
Ҳиссаи қарз ба соҳаи саноат нисбати қарзи умумӣ, %	**29,5**	**37,8**	**37,8**	**87,5**	**33,7**	**+4,2**

Сарчашма: Маҷмӯаи омори Тоҷикистон: 30 - Соли истиқлолияти давлатӣ, 2021. С.335, 397, 399, 400, 487. Бюллетени омори бонкӣ. – Душанбе, 2018. - №12 (281). - С.42-47. Бюллетени омори бонкӣ. – Душанбе, 2019. - №12 (293). - С.45-51. Бюллетени омории бонкӣ – Душанбе, 2020. - №12 (305). - С.41-47.

Дар марҳилаи аввали соҳибистиқлолӣ дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон 2308 адад корхона фаъолият мекард, ки дар он 188,2 ҳаз. нафар ба ҷойи кор таъмин буд [7]. Нишондиҳандаҳои мазкур дар соли 2020 рӯ ба косташавӣ ниҳодааст. Сабаби костшавии инро мо дар кам кардидани шумораи корхона (дар соли 2020 ба 2283 адад ва ё - 6,2% (25 адад) камтар мебошад) дида метавонем. Инчунин, шумораи кормандони корхонаҳои мазкур низ рӯ ба таназул аст, чунки шумораи кормандон дар соли 2020 ба 67,7 ҳаз. нафар ва ё – 64,03% (120,5 ҳаз. нафар) нисбати соли 1991 кам мебошад. Албатта, агар мо динамикаи афзоиши нишондиҳандаи корхонаҳои саноатиро дар давраи солҳои 2005-2020 дида бароем, пас мебинем, ки бо усули таҳлили зафирӣ шумораи корхонаҳои саноатӣ рӯ ба афзоиш нигаронида шудааст. Масалан, шумораи корхонаҳои саноатӣ дар соли 2019 ба 2164 адад баробар буд, вале ин нишондиҳанда дар соли 2020 119 адад ё +5,5% зид нисбати соли қаблӣ ба назар мерасад (ниг. ба расми 1).



Расми 1. – Пӯёи нишондиҳандаи умумии саноат дар 29 соли истиқлолияти давлатӣ*

***Сарчашма:** Маҷмӯаи омории Тоҷикистон: 25 - соли Истиқлолияти давлатӣ, 2016. С. 278-286. Омори солона, 2020. С.274-275. Маҷмӯаи омори Тоҷикистон: 30 - Соли истиқлолияти давлатӣ, 2021. С. 397-399.

Таҷрибаи 30-соли Истиқлолияти давлатӣ нишон дод, ки ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти корхонаҳои саноатӣ дар ҳудуди минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон нобаробар тақсим шудаанд. Бинобар ин, барои равшан намудани далели ин гуфтаҳо мо танҳо нишондиҳандаҳои ду соли охири ҳаҷми истеҳсоли маҳсулотро дар минтақаҳои ҷумҳурӣ дида мебароем.

Дар соли 2020 ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти корхонаҳои саноатӣ дар Тоҷикистон ба 30890 млн. сомонӣ баробар гардид, ки ин нисбати соли 2019 ба 3277 млн. сомонӣ (ё +11,9%) барзиёд мебошад (ниг. ба расми 2).



Расми 2. - Ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ба минтақаҳои ҷумҳурӣ (бо млн. сомонӣ)*

***Сарчашма:** Маҷмӯаи омории саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон: 30 - соли Истиқлолияти давлатӣ, 2021. С. 9.

Аз тамоюли афзоишии расми 2-юм дида мешавад, ки ҳаҷми умумии истеҳсоли маҳсулоти корхонаҳои саноатӣ дар соли 2020 ба 30890 млн. сомонӣ баробар буд, ки аз ин нишондиҳанда: 50,4% (15 573,2 млн. сомонӣ) ба вилояти Суғд, 29,1% (8998,3 млн. сомонӣ) ба вилояти Хатлон, 10,6% (3289,4 млн. сомонӣ) ба НТҶ, 9,1% (2800,6 млн. сомонӣ) ба ш. Душанбе ва 0,74% (228,8 млн. сомонӣ ё) ба ВМКБ рост меояд. Гарчанде дар ин минтақаҳо

ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти корхонаҳои саноатӣ нобаробар тақсим шуда бошад ҳам, вале суръати афзоиши устувор доранд. Масалан, суръати афзоиши ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот дар соли 2020 нисбат ба соли 2019 дар сатҳи ҷумҳурӣ ба 11,9% баробар буд, ки аз ин дар вилояти Суғд 19,3%, вилояти Хатлон 3,9%, Ноҳияҳои тобеи ҷумҳур (НТҶ) ба 13,6% ва шаҳри Душанбе ба 1,7% барзиёд мебошад. Аз минтақаҳои номбаргардида пай бурдан мумкин аст, ки танҳо суръати минтақавии маҳсулоти саноатии Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон (ВМКБ) рӯ ба камшавӣ майл ниҳодааст, чунки суръати афзоиши он дар соли 2020 нисбати 2019 - 8,2% кам вонамуд мегардад.

Аз натиҷаи баҳогузории нишондиҳандаи ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ба мо айён гардид, ки дар Тоҷикистон танҳо ду минтақаи нисбатан рушдёфта, аз қабили в. Суғд ва в. Хатлон ба ҳисоб мераванд, чунки ҳиссаи ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатии ин ду минтақа дар соли 2020 ба 79,5% (в.Суғд 50,4% ва в.Хатлон 29,1%) баробар аст.

Дар Тоҷикистон аз зерсохтори соҳаи саноат, танҳо саноати сабук яке аз самтҳои афзалиятнок ба шумор рафта, дар он истеҳсоли нахи пахта, матои пахтагин, матои нобофта, ҷӯроб, қолин, пойафзол ва матои атлас нақши босазо доранд (ниг. ба ҷадвали 2).

Ҷадвали 2. - Истеҳсоли маҳсулоти муҳимтарини соҳаи саноати сабук дар солҳои 2015 – 2020*

№	Номгӯи маҳсулот	Воҳиди ченак	1991	2015	2018	2019	2020	2020/1991 (+/-, бо %)
1	Нахи пахта	ҳаз. тонна	246	98,4	98,0	102,7	101,6	**41,3**
2	Матои пахтагин	млн. м^2	102,4	8,4	7,5	7,0	7,4	**7,2**
3	Матои нобофта	млн. м^2	13,0	0,8	1,2	2,2	2,2	**16,9**
4	Ҷӯроб	млн. ҷуфт	49,2	1,7	5,7	4,1	7,8	**15,9**
5	Қолин	млн. м^2	7,6	1,2	3,4	3,9	2,7	**35,5**
6	Пойафзол	млн. ҷуфт	14,9	0,5	0,1	0,9	1,0	**6,7**
7	Матои атлас	млн. м^2	68,6	0,004	0,02	0,02	0,02	**0,0**

***Сарчашма:** Маҷмӯаи омории Тоҷикистон: 25 - соли Истиқлолияти давлатӣ, 2016. С.281-283. Омори солона, 2020. С.274-277. Маҷмӯаи омори Тоҷикистон: 30 - Соли истиқлолияти давлатӣ, 2021. С. 421-423.

Натиҷаи фаъолияти истеҳсолии корхонаҳои саноати сабук дар даврaҳои аввали соҳибистиқлолӣ мусбӣ арзёбӣ мегардид, вале имрӯз натиҷаҳо наонқадар назаррас мебошанд. Дар партави ин гуфтаҳо, қайд кардан ба маврид аст, ки ҳатто то имрӯз ҳам корхонаҳои саноати сабуки ватанӣ ба натиҷаи истеҳсоли маҳсулоти саноатии соли 1991 баробар шуда наметавонад (масалан, « дар соли 1991 истеҳсоли нахи пахта ба 246 ҳаз. тонна, соли 1995 ба 168 ҳаз. тонна ва соли 2020 бошад, ин ба 101,6 ҳаз. тонна ва ё 58,7% кам нисбати соли 1991 буд» [7], чунки дар вақти ҷанги шаҳрвандӣ аксарияти корхонаҳои саноатӣ валангор ва нобуд карда шуда буданд, ки мо то имрӯз ҳам зарари онро дар корхонаҳои саноатӣ эҳсос карда метавонем.

Агар мо нишондиҳандаҳои ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноати сабуки соли 2020-ро нисбат ба соли 1991 бинем, онҳо низ рӯ ба таназул мебошанд. Масалан, «матои пахтагин, ки ҳаҷми истеҳсоли он дар соли 1991 ба 102,4 млн. м^2 баробар буд, дар соли 2020 ба 7,4 млн. м^2 ё - 98,9% расид, матои нобофта соли 1991 ба 13,0 млн. м^2 ва дар соли 2020 он ба 2,2 млн. м^2 ё – 83,1%, ҷӯроб дар соли 1991 ба 49,2 млн. ҷуфт ва дар соли 2020 он ба 7,8 млн. ҷуфт ё – 84,1%, қолин дар соли 1991 ба 7,6 млн. м^2 ва дар соли 2020 он ба 2,7 млн. м^2 ё – 64,5%, пойафзол дар соли 1991 ба 14,9 млн. ҷуфт ва дар соли 2020 он ба 1,0 млн. ҷуфт ё – 93,3% ва матои атлас дар соли 1991 ба 68,6 млн. м^2 ва дар соли 2020 он ба 0,02 млн. м^2 ё – 99,97% нисбати соли аввали даврони Истиқлолият (1991) кам гардид» [7].

Албатта, омилҳои таъсиррасони мусбӣ дар афзоиши ҳаҷми маҳсулоти корхонаҳои саноатии соли 1991 зиёд буданд. Масалан, натиҷаи ниҳоии Нақшаи панҷсолаи даврони

Шӯравӣ буд, ки Тоҷикистон дар соли 1991 ба натиҷаи баланди рушди истеҳсоли маҳсулот дар муқоиса бо соли 2020 расид. Албатта, агар мо назар ба таҷрибаи давлатҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ (махсусан, давлатҳои Осиёи Марказӣ) назар намоем, мебинем, ки баъд аз пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравӣ дар он давлатҳо идомаи Нақшаи панҷсолаи даврони Шӯравӣ бо механизмҳои нави иқтисоди бозорӣ амал мекард, вале дар Тоҷикистон таъсири ҷанги шаҳрвандӣ ва суст будани ҳокимияти давлатӣ имкон намедод масъалаҳои рӯзмараи корхонаҳои саноатӣ ҳал карда шаванд. Ҳатто, дар доираи масъалаи мазкур дар соли 2001 Пешвои муаззами миллат дар Паёми худ чунин ибрози ақида намуданд, ки *« ... ҷанги граждани, офатҳои табиат, изтиробу таконҳои иқтисодӣ ва иҷтимоие, ки бо гузариши кишвар аз низоми маъмуриву фармонравоӣ ба иқтисоди бозорӣ вобастаанд, имкониятҳои низоми ҳифзи иҷтимоии аҳолиро сахт махдуд намуданд»*[2].

Чӣ тавре ки таҳлилҳои дар боло овардашуда собит намуданд, иқтидорҳои нави саноатӣ дар ҳудуди Тоҷикистон бештар дар соҳаи коркарди истеҳсоли пахта ва нахи пахта, маҳсулоти дӯзандагӣ ва ҷӯроббофӣ, пӯст, қолин, истеҳсоли пахтаи тиббӣ, пойафзол ва матои атлас таъсис ёфта, ба истифода дода шудаанд.

Албатта, дар баробари гуфтаҳои боло яке аз масъалаҳои ҷиддии корхонаҳои саноатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин норасоии маблағгузорӣ барои раванди навсозии воситаҳои истеҳсолот ва коркарди маҳсулотҳои нимтайёр мебошад. Бинобар ин, дуруст ба танзим даровардани қарзи бонкӣ дар соҳаи саноат яке аз заминаи муҳим барои равнади беҳтаркунии воситаҳои истеҳсолӣ-техникии корхонаҳои саноатӣ мегузорад. Инчунин, натиҷаи онро мо дар сатҳи рақобатпазирии маҳсулотҳои ватанӣ дар бозорҳои дохилӣ ва берунӣ дида метавонем. Аз нуқтаи назари мо таъмини рушди устувори инфрасохтори саноат танҳо дар сурате амалӣ мегардад, ки агар мушкилот дар танзими қарзҳои бонкӣ бартараф карда шавад, зеро танҳо фазои мусоиди маблағгузории бонкӣ метавонад рақобатпазирии молҳои ватанӣ ва самаранокии иқтисодиётро афзоиш диҳад.

Таҷрибаи давлатҳои ҷаҳон нишон медиҳад, ки бонкҳои тиҷоратӣ барои саноатикунонии рушди иқтисодиёти мамлакат нақши арзанда доранд [8]. Бинобар ин, дар аксарияти давлатҳои ҷаҳон бонкҳои тиҷоратӣ барои рушди фаъолияти корхонаҳои саноатӣ қарзҳои имтиёзнок ва бо фоизи паст пешниҳод менамоянд. Албатта, мо чунин раванди пастнамоии фоизи қарзҳои бонкӣ ва ҳаҷми афзоиши қарзҳо дар соҳаи саноатро дар низоми фаъолияти бонкии Ҷумҳурии Тоҷикистон мушоҳида карда метавонем. Масалан, дар моҳи январи соли 2022 ҳаҷми қарзҳои бонкӣ ба корхонаҳои саноатӣ ба 103 110,3 ҳаз. сомонӣ бо меъёри 24,14%-и солона пешниҳод гардид, вале нишондиҳандаи ҳаҷми қарз дар моҳи феврал ҳангоми баланд гардидани меъёри фоизи он (24,58%) талабот ба қарз коҳиш ёфт, яъне он нисбати моҳи қабли - 75 771,5 ҳаз. сомонӣ кам гардид (ниг. ба расми расми 3).



Расми 3. Пешниҳоди қарзҳои бонкӣ ба соҳаи саноат дар нӯҳмоҳаи соли 2022.*
***Манбаъ:** Бюллетени омории бонкӣ – Душанбе, 2021. - №12 (316). - С.40-41.

Аз расми 1 дида мешавад, ки чунин тамоюл дар моҳҳои март (меъёри фоизи қарз

ба 24,08% ва талабот ба қарз ба 83223,7 ҳаз. сомонӣ), апрел (меъёри фоизи қарз ба 23,83% ва талабот ба қарз ба 68841,7 ҳаз. сомонӣ) ва дар моҳи сентябр бошад меъёри фоизи қарз ба 23,47% ва талабот ба қарз ба 111011,4 ҳаз. сомонӣ баробар гардид. Агар мо ҳаҷми талаботҳои нӯҳмоҳаро дида бароем, мебинем, ки дар тӯли нӯҳмоҳ (январ-сентябр) ҳангоми -0,67% кам гардидани меъёри фоизи қарзи бонкӣ талабот ба он 7901,1 ҳаз. сомонӣ зиёд гардидааст. Яъне, ин аз он гувоҳӣ медиҳад, ки фоизи пасти қарзи бонкӣ барои рушди фаъолияти корхонаҳои саноатӣ ҳавасмандиро ба миён оварда, бо истифода аз захираҳои қарзӣ корхонаҳои саноатӣ ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот ва содир намудани он ба давлатҳои хориҷаро афзун мекунад.

Ҳоло бошад мо тағйироти фоизи қарзҳои бонкиро дар соҳаи саноат дар солҳои 2021 ва 2022 дида мебароем, то бидонем, ки дар нӯҳмоҳаи соли 2022 бонкҳои тиҷоратӣ дар раванди саноатикунонии босуръати кишвар барои солҳои 2022 саҳм доранд ё не. Барои ин моро зарур аст, ки нишондиҳандаҳои омории соли 2021 ва 2022-ро таҳқиқ намоем (ниг. ба расми 4).



Расми 4. Меъёри фоизи миёнавазнии қарзи бонкӣ ба соҳаи саноати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар нӯҳмоҳаи солҳои 2021-2022 (бо %)*

Манбаъ: Ҳисоби муаллифон тибқи Бюллетени омории бонкӣ – Душанбе, 2021. - №12(316). -С.41-69 ва Бюллетени омории бонкӣ-Душанбе, 2022. -№09(326). -С.40-69.

Аз натиҷаи нишондиҳандаҳои расми 4 дида мешавад, ки дар муддати нӯҳ моҳи соли 2022 нисбати соли 2021 тағйироти фоизӣ се маротиба ба назар мерасад. Яъне, дар соли 2022, маҳз, дар моҳи апрел (-0,15%), июн (-0,03%) ва сентябр (-0,39%) нисбати соли 2021 мебошад. Дар умум, дар муддати нӯҳмоҳи соли 2022 нисбати соли 2021 бонкҳои тиҷоратӣ 0,02% қарзҳоро дар соҳаи саноат паст намудаанд, ки ин нишондиҳанда дар раванди саноатикунонии босуръати кишвар нақши босазо дошта наметавонад. Бинобар ин аз нав дида баромадани механизми фаъолияти низоми қарзи бонкӣ дар соҳаи саноат шарти муҳим ва саривақтӣ мебошад.

Ба вуҷуд овардани шароити мусоид барои қарздиҳӣ дар соҳаи саноат вазифаи муҳими Бонки миллии Тоҷикистон ва бонкҳои тиҷоратӣ мебошад (ниг. ба расми 5).



Расми 5. Нақши имтиёзҳои қарзи бонкӣ дар раванди саноатикунонии рушди иқтисодиёти миллӣ

Аз расми мазкур дида мешавад, ки пешниҳоди имтиёзҳои қарзӣ барои соҳаи саноат яке аз роҳи расидан ба ҳадафи саноатикунонии рушди иқтисодиёти миллӣ мебошад. Бинобар ин таҳияи нақша чорабиниҳои низоми қарздиҳии бонкӣ дар соҳаи саноат муҳим мебошад, чунки дар давраи гузариш ба иқтисодиёти рақамӣ бонкҳои тиҷоратӣ яке аз лакамативи муҳими рушди иқтисодиёти миллӣ ба ҳисоб рафта, низоми фаъолияти онҳо ҳамчун муҳаррики пешбарандаи иқтисодиёти давлат, субъектҳои хоҷагидорӣ ва шахсони дигар амал мекунанд.

АДАБИЁТ

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» / Душанбе, 21.12.2021. - [захираи электронӣ]: http:// president.tj/node/27417.
2. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 30.04.2001 12:00, шаҳри Душанбе .
3. Икромов Ф.Н. Масоили назариявию амалии фонди нафақа дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Ш.М. Давлатмуродов, Ф.Н. Икромов // Паёми молия ва иқтисод. 2021. № 1 (25). С. 87-94.
4. Икромов Ф.Н., Икромов Н.К. Механизм регулирования антикризисных мер банков в Республике Таджикистан [Текст] / Ф.Н. Икромов, Н.К. Икромов // В сборнике: Национальные экономические системы в контексте формирования глобального экономического пространства. Сборник научных трудов. Под общей редакцией З.О. Адамановой. Симферополь, 2022. С. 227-231.
5. Икромов, Н.Қ. Муҳити институтсионалии танзими зиддибуҳронии бонк дар Ҷумҳурии Тоҷикистон [Матн] / Н.Қ. Икромов // Маҷалаи илмӣ Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – Душанбе: «ТГУК», 2021. - №1(35). - С. 14-25.

6. Икромов, Н.Қ. Назария ва амалияи танзими зиддибуҳронии низоми бонкӣ [Матн] / Н.Қ. Икромов, Ф.С. Обидов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва ҷамъиятӣ.-Душанбе: 2020. -№6. -С.95-103.
7. Маҷмӯаи омори Тоҷикистон: 30 - Соли истиқлолияти давлатӣ, 2021. С.335, 397, 399, 400, 487. Маҷмӯаи омории Тоҷикистон: 25 - соли Истиқлолияти давлатӣ, 2016. С.281-283.
8. Султонов З.С. Особенности обеспечения экономической безопасности в Республике Таджикистан/ Султонов З.С., Махмудов М.А., Хасанов Р.// Вестник Таджикского государственного университета коммерции. - Душанбе: «Точир», 2020. № 1 (30)-2020, С. 202-209.

УДК 63+338.4(575.3)

Асомуддини Р.К., Арабов Ф.П.

МЕХАНИЗМИ ИДОРАКУНИИ ИСТИФОДАИ ЭКОЛОГӢ-ИҚТИСОДИИ ЗАХИРАҲОИ ЗАМИН ДАР СОҲАИ КИШОВАРЗӢ

Дар мақолаи мазкур масъалаҳои истифодаи экологӣ-иқтисодии захираҳои замин дар соҳаи кишоварзӣ ва раванди идоракунии онҳо баррасӣ карда шудааст. Ҷанбаҳои назариявӣ ва методологии рушди устувори соҳаи кишоварзӣ омӯхта шуда, самтҳои афзалиятноки он муайян карда шудааст. Аз ҷониби муаллифон дар асоси омӯзиши назарияи олимони ватанӣ ва хориҷӣ схемаи сохторӣ - функсионалии механизми экологию иқтисодии идоракунии захираҳои замин пешниҳод карда шудааст, ки ин имкон фароҳам меорад, то ки раванди истифодаи экологӣ-иқтисодии заминҳои кишоварзӣ банақша гирифта шуда, идоракунӣ тибқи он ба роҳ монда шавад. Ин схема сохтор, воситаҳои идоракунӣ, шаклҳои идоракунии замин, нишондиҳандаҳои арзёбии самаранокии истифодаи захираҳои замин, сикли идоракунии захираҳои заминро дар бар гирифта, ҳангоми заминсозӣ, кадастри замин, мониторинги захираҳои замин, аудити экологии истифодаи замин, инфрасохтори бозори замин, танзими молиявӣ, дастгирии молиявӣ муфид мебошад.

Калидвожаҳо: рушди устувор, замин, кишоварзӣ, деградатсия, механизм, идоракунӣ.

Асомуддини Р.К., Арабов Ф.П.

МЕХАНИЗМ УПРАВЛЕНИЯ ЭКОЛОГО-ЭКОНОМИЧЕСКОГО ИСПОЛЬЗОВАНИЯ ЗЕМЕЛЬНЫХ РЕСУРСОВ В СЕЛЬСКОХОЗЯЙСТВЕННОЙ ОТРАСЛИ

В данной статье рассматриваются вопросы эколого-экономического использования земельных ресурсов в сельском хозяйстве и процесс их управления. Исследованы теоретико-методологические аспекты устойчивого развития аграрного сектора и определены его приоритетные направления. На основе изучения теории отечественных и зарубежных ученых авторами предложена структурно-функциональная схема эколого-экономического механизма управления земельными ресурсами, позволяющая планировать процесс эколого-экономического использования земель сельскохозяйственного назначения и осуществлять управление в соответствии с ним. Данная схема включает в себя структуру и инструменты управления, формы землеустройства, показатели оценки эффективности использования земельных ресурсов, цикл управления земельными ресурсами при освоении

земель, земельный кадастр, мониторинг земельных ресурсов, экологический аудит землепользования, рынок земель. инфраструктура, финансовое регулирование, финансовая поддержка.

Ключевые слова: устойчивое развитие, земльные ресурсы, сельское хозяйство, деградация, механизм, управление.

Asomuddini R.K., Arabov F.P.

MECHANISM OF MANAGEMENT OF ECOLOGICAL AND ECONOMIC USE OF LAND RESOURCES IN THE AGRICULTURAL SECTOR

This article discusses the issues of ecological and economic use of land resources in agriculture and the process of their management. Theoretical and methodological aspects of the sustainable development of the agricultural sector have been studied and its priority areas have been identified. Based on the study of the theory of domestic and foreign scientists, the authors proposed a structural and functional scheme of the ecological and economic mechanism of land management, which allows planning the process of ecological and economic use of agricultural land and managing it in accordance with it. This scheme includes the structure and management tools, forms of land management, indicators for evaluating the efficiency of land use, the cycle of land management during land development, land cadastre, monitoring of land resources, environmental audit of land use, and the land market. infrastructure, financial regulation, financial support.

Key words: sustainable development, land resources, agriculture, degradation, mechanism, management.

Вобаста ба вазъи мураккаби ҷаҳони имрӯза, гармшавии кураи замин, тағйирёбии иқлим зарурати ҳифзи амнияти озуқаворӣ ва дар ин замина рушди босуръати истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ пеш омадааст. Барои ноил шудан ба ҳадафҳои рушди устувори соҳаи кишоварзӣ, ки ба қонеъ гардонидани талаботи иқтисодӣ, экологӣ ва иҷтимоӣ нигаронида шудаанд, зарурияти такмили раванди идоракунии истифодаи замини кишоварзӣ пеш омадааст. Аз ин рӯ, барои таъмини истифодаи мутаносиб ва устувори захираҳои замин, ташкил ва тадбиқи комплекси асосноккунии экологию иқтисодии системаи идоракунии захираҳои замин зарур аст, ки раванди ҳамгироии истеҳсолот бо риояи талаботи ҳифзи табиатро дар бар гирад. Чунин системаи идоракунӣ бояд истифодаи самараноки захираҳои заминро таъмин намуда, раванди истеҳсоли маҳсулоти кишоварзиро ба принсипи рушди устувор мутобиқ намояд.

Идоракунии заминҳои кишоварзӣ масъалаи муҳим ва гуногунҷанбаи вазъи кунунӣ ва рушди соҳаи кишоварзӣ мебошад, ки манфиатҳои бевоситаи истифодабарандагони замин, давлат, инчунин тамоми истеъмолкунандагони маҳсулоти кишоварзиро боҳам муттаҳид менамояд. Илова бар ин, бояд гуфт, ки дар низоми муосири идоракунии заминҳои кишоварзӣ як нуктаи муҳим бояд ба инобат гирифта шавад, ки воситаҳои иқтисодии ҳамкории байни истифодабарандагони замин ва давлат мавҷу аст, ки воситаи асосӣ муносибати байни ин субъектҳои идоракуниро таъмин менамояд.

Бояд қайд намуд, ки раванди идоракунии истифодаи экологӣ-иқтисодии захираҳои замин, батанзимдарории истифодаи заминҳои кишоварзӣ, самаранокии истеҳсолоти соҳаи кишоварзӣ аз ҷониби олимони ватанӣ Мадаминов А.А., Муҳаббатов Х.М., Шарифов З.Р., Одинаев Х.А., Пириев Ҷ.С., Ғаниев Т.Б., Исайнов Х.Р., Ашурова И.С., Мирсаидов С.А., Тағоев Ҷ.Х., Шералиева Э.Н., Одинаев Ш.Т., Шодии Д., Зиёев Б.С. ва дигарон мавриди омӯзиш қарор гирифтааст.

Сарфи назар аз омӯзиши ҳамаҷонибаи мушкилоти зикршуда, масъалаҳои таҳияи равишҳои назариявӣ ва методологӣ оид ба такмил ва рушди системаи идоракунии

захираҳои замин дар соҳаи кишоварзӣ бо мақсади таъмини мувозинати экологӣ ва иқтисодӣ дар ҳамбастагии манфиатҳои субъектҳои хоҷагидорӣ, кам омӯхта шудааст.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки истифодаи экологии заминҳои кишоварзӣ ва омили асосии поин рафтани ҳосилнокии зироатҳои кишоварзӣ аз як тараф ба системаи идоракунии имрӯзаи он рабт дорад, ки самаранокии истифодаи заминҳои кишоварзиро таъмин карда натавониста, ба бад шудани ҳолати мелиоративии зиминҳои кишоварзӣ ва деградатсия оварда расонидааст, аз тарафи дигар бошад, таъсири инсон ба захираҳои замин мебошад, ки дар натиҷаи надоштани малака ва таҷрибаи истифодаи замин, ба омилҳои экологӣ ва аз байн рафтани агроландшафтҳо оварда мерасонад [1, с.89].

Таъсири инсон ба табиат яке аз омилҳои асосии бад шудани муҳити зист ва экосистемаҳои хоси табиӣ ба ҳисоб меравад [2, с.70]. Инсоният дар раванди фаъолияти мунтазами худ ба муҳити зист, истифодаи оқилонаи захираҳои табиӣ, пеш аз ҳама захираҳои замину об, ки асоси тараққиёти ҷамъият мебошанд, таъсир расонида, вобаста ба беҳтар намудани он кам фикр мекард. Ин раванд дар шароити нооромии ҷаҳон ва буҳрони иқтисодӣ, ки таъсири худро ба тамоми соҳаҳои фоъолияти хоҷагидорӣ, аз қабили экологӣ, иҷтимоӣ, демографӣ ва иқтисодӣ раснидааст, муҳим мебошад. Ин тамоюл ба соҳаи кишоварзӣ низ таъсири бевоситаи худро расонидааст. Бояд қайд намуд, ки ҳангоми асоснок намудани самараи экологӣ - иқтисодии заминҳои таъиноти кишоварзӣ ва тадбиқи комплекси чорабиниҳои мелиоративӣ дар заминҳои кишоварзӣ, агроландшафтҳо ҳамчун системаи ягонаи табиӣ бо ҳам алоқаманд (хок, об, биота), ба назар гирифта намешавад, ки дар навбати худ ба ҳолати имрӯзаи истифодаи заминҳои кишоварзӣ ва ба принсипи рушди устувор ҷавобгӯ намебошад. Ин омилҳо бо вайроншавии экосистемаҳои табиӣ, тағйирёбии мувозинатҳои ҳароратӣ, обӣ, биологӣ, геохимиявӣ ва шароити ташаккули хок, вайрон кардани мувозинати экологии системаҳои табиӣ оварда мерасонад, ки сабаби паст шудани ҳосилнокии заминҳои соҳаи кишоварзӣ гашта, барои дастрасӣ ба амнияти озуқаворӣ монеаҳо эҷод мекунад.

Яке аз омилҳои асосии гузариш ба рушди устувор дар ҷаҳон ин набудани таносуб байни рушди иқтисодӣ ва деградатсияи экологӣ ба ҳисоб меравад [3, с. 133]. Чи хеле, ки аз маълумотҳои оморӣ бармеояд тайи 3 даҳсолаи охир ҳаҷми ММД дар ҷаҳон зиёда аз 4 маротиба афзудааст, ки ин ба беҳтар шудани вазъи зиндагии миллионҳо нафар дар сайёра боис шудааст. Ин тамоил аз ҳисоби коркарди захираҳои табиӣ, ки марҳилаи рушди он ба ин давра рост меояд, ба даст оварда шуда, он таъсири бевоситаи худро ба экосистемаи табиӣ расонидааст. Тибқи ҳисоботҳои Созмони Милали Муттаҳид, сар аз соли 2000 раванди мушкилоти экологӣ дар ҷаҳон авҷ гирифта, то ба имрӯз ба сатҳи баланди худ расидааст. Ин омил боиси тағйирёбии иқлим, норасоии ғизои солим, оби ошомиданӣ, коҳишёбии захираҳои табиӣ ва биёбоншавӣ дар кураи замин гардидааст [10]:

- 40 % - майдони умумии заминҳои кишоварзӣ ба деградатсия ва эрозияи хок гирифтор шуда, хусусияти ҳосилхезии худро аз даст додааст;

- то 20% - истеҳсолкунандагони ғалладона дар ҷаҳон истифодаи обро нодуруст ба роҳ мемонанд, ки ин ба норасогии об оварда расонида, ба рушди соҳаи кишоварзӣ монеа эҷод мекунанд;

- биёбоншавӣ ба заминҳои лалмӣ, ки дар он сеяки аҳолии кураи замин зиндагӣ мекунанд, таҳдид менамояд;

- дар натиҷаи тағйир ёфтани иқлим қариб 2 миллиард нафар одамоне, ки дар минтақаҳои соҳилӣ зиндагӣ мекунанд, метавонанд зарар бинанд.

Аз ин рӯ, ҳадафҳои рушди устувор, ки рафъи камбизоатиро дар ҳама шаклҳои хоҷагидорӣ дар бар мегирад, бо мақсади паст кардани сатҳи камбизоатӣ, дастрасӣ ба амнияти озуқаворӣ, истеҳсоли ғизои солим ва дар ин баробар, баланд бардоштани рушди устувори кишоварзӣ алоқаманд аст. Дар баробари ин, мо мафҳум ва моҳияти рушди устуворро, ки яке аз принсипҳои идоракунии соҳаи кишоварзӣ ба ҳисоб меравад, дида мебароем.

Қайд кардан ба маврид аст, ки истилоҳи “рушди устувор” дар охири солҳои 1980 дар авҷи зиёд шудани корхонаҳои саноатӣ ва коркарди захираҳои табиӣ ва дар натиҷаи таъсири онҳо ба муҳити зист пайдо шудааст. Ин раванд таваҷҷуҳи Созмони Милали Муттаҳидро ба худ ҷалб намуда, дар соли 1992 дар шаҳри Рио-де-Жанейро Эъломия вобаста ба муҳити зист ва рушди он, қабул намуданд. Дар ин Эъломия мафҳуми рушди устувор ҳамчун стратегияе, ки ба таври баробар қонеъ гардонидани талабот ва ҳифзи муҳити зисти наслҳои ҳозира ва ояндаро таъмин намояд, чунин оварда шудааст: «...Дар айни ҳол афзалиятҳо ва ҳадафҳои рушди устувор дар муҳимтарин ҳуҷҷатҳои консептуалии Созмони Милали Муттаҳид ва дигар ташкилотҳои байналмилалӣ, ки дар даҳсолаҳои охир қабул шудаанд, ба таври хеле васеъ, ҳамаҷониба ва амиқ инъикос ёфтаанд» [8, с. 114]. Асоси чунин ҳуҷҷатҳоро ҳадафҳои рушди устувори СММ барои солҳои 2016-2030, ки дар “Рӯзнома дар соҳаи рушди устувор барои давраи то соли 2030” таҳия шудааст, ташкил медиҳад. Дар ин ҳуҷҷатҳо ҳадафҳои рушди устувор ба таври амиқ ва возеҳ оварда шудаанд, ки таваҷҷуҳи асосӣ ба афзалиятҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологии ҷаҳон равона карда шудааст.

Бо назардошти мураккабии мушкилоти экологӣ-иқтисодии рушди иқтисоди миллӣ диққати асосиро ба афзалиятҳо дар соҳаи нигоҳдории экосистемаҳо, таъмини амнияти экологӣ ва умуман рушди устувор равон кардан лозим меояд. Афзалияти калидӣ дар ин соҳа баланд бардоштани арзишнокии экосистемаҳо, пеш аз ҳама, экосистемаҳои куҳии маҷроофар, умуман сарватҳо ва хизматрасониҳои табиӣ ба ҳисоб меравад. Ин афзалият самти асосии амалҳоро, ки ба нигоҳдорӣ ва истифодабарии устувори сармояи табиӣ дар пояи ҷуброни харҷи он, ки аз ҳисоби тавсеаи намудҳои дигари сарватҳо алоқаманданд, муайян менамояд [8, с.120].

Дар адабиётҳо барои муайян кардани мазмуни мафҳуми «рушди устувор» равишҳои гуногун мавҷуданд, аз қабили:

- стратегияе, ки ҳалли мутаносиби мушкилоти иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва мушкилоти нигоҳ доштани ҳолати мусоиди муҳити зист ва иқтидори захираҳои табииро барои қонеъ кардани ниёзҳои ҳаётан муҳими наслҳои ҳозира ва оянда таъмин менамояд;

- стратегияи ҷомеа, ки амали он имкони гузаштан ба ҳолати мувозинатро таъмин мекунад;

- консепсияи қадам ниҳодан дар самти ҳамгироӣ ва воридшавии сиёсати экологӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ [9, с.50].

Дар «Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», вобаста ба рушди устувор чунин қайд гардидааст, ки: «...Фаъолият ва рушди устувори ҳамаи қисматҳои бахши воқеии иқтисодиёт кафили таъмини амнияти энергетикӣ, озуқаворӣ, нақлиётӣ ва коммуникатсионӣ ва чун натиҷа, амнияти иқтисодии мамлакат мебошанд». Дар ҳуҷҷати мазкур ба ҳалли бартариятноки мушкилоти рӯзмарраи рушди иқтисоди миллӣ, иқтисоди экологии захираҳои табиӣ ва соҳаи кишоварзӣ бартарият дода шудааст:

- «...идоракунии ғайрисамараноки сарватҳои табиӣ, ки дар афзоиши табиатталабии истеҳсолот, ифлосшавии қисматҳои муҳити табиӣ ва сатҳи баланди талафоти ғайриистеҳсолиии маҳсулот, пеш аз ҳама, энергияи барқ зоҳир меёбад;

- тамоили афзоиши хаҷми андухташудаи партовҳои саноатӣ ва ифлосшавии захираҳои замину об дар навоҳии саноатӣ, таъсири ногувор ба муҳити атроф аз ҷониби корхонаҳои саноати иктишофи кӯҳӣ идома меёбад;

- набудани баҳисобгирии дурнамои тағйирёбии иқлим дар даврaҳои миёнамуҳлат ва дарозмуҳлат ва таъсири он ба рушди устувори мамлакат ва соҳаҳои иқтисодиёт дар оянда» ва ғайра.

Ҳамин тариқ, консепсияи рушди устувор имкони таъмини эҳтиёҷоти ҳаётан муҳими ҷомеаро пешбинӣ менамояд, ки дар он амнияти экологии сайёра ба мушкилоти асосии инсоният табдил ёфта, ҳалли он ҳифзи кафолатноки биосфераро дар ҳолати мутавозини

истеҳсоли захираҳои табиӣ бе берун баромадан аз ҳади барқароршавии он, ба ҳисоб меравад.

Инчунин олимони рус В.В. Волошин, В.М. Трегобчук ва дигарон ба он ақидаанд, ки рушди устувор танҳо дар ҳолати имконпазир аст, ки тамаддуни замин, барои ҳамаи мамлакатҳо якҷоя ва дар як вақт ба роҳ монда шавад [6, с.9]. Гарчанде ки қитъаҳо, кишварҳо ва ҳудудҳои алоҳида дар ҳақиқат зерсохтори таркибӣ ва хоси биосфераи замин буда, ягона системаи интегралии ҷаҳонӣ ба ҳисоб мераванд, ин маънои онро надорад, ки онҳо дар алоҳидагӣ рушди устуворро таъмин карда наметавонанд. Ин раванд имконпазир мебошад, зеро қитъаҳои гуногун, кишварҳо ва минтақаҳои онҳо, инчунин ҳудуди алоҳида дараҷаи рушди иҷтимоию иқтисодӣ, техникӣ-технологӣ, истифода ва таъмини захираҳои табиӣ, фишорҳои антропогенӣ ба муҳити зист хеле гуногун доранд.

Ба қидаи В.Д. Бондаренко, мафҳуми «рушди устувор» принсипҳои асосии консепсияи мувозинати экологӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, демографӣ ва дигар ҷиҳатҳои тараққиёти ҷамъият, инчунин идоракунии фаъолияти инсонро инъикос наменамояд. Аниқтараш дар ин маврид истилоҳи «рушди устувор» тавозуни мутавозуни динамикии байни ҷузъҳои табиии ба ҳам вобастаро инъикос менамояд [4, с.18]. С.Н. Бабылев, А.Ш. Ходжаев қайд менамояд, ки рушди устуворро метавон аз нигоҳи муносибатҳои иқтисодӣ дар миёни одамон: дар дохили насли имрӯза (вобаста ба ин, ҷабҳаҳои иҷтимоӣ, мушкилоти камбизоатӣ) ва дар миёни наслҳо (ҷабҳаҳои иқтисодӣ), метавон арзёбӣ намуд [5, с.189]. Олимони дигари соҳаи иқтисодӣ Ҳ. Р. Исайнов, Қ. А. Содиқов, Ш. Х. Бобохонова дар самти рушди устувор ақидаронӣ намуда, таъкид менамояд, ки "...рушди устувор аз се ченак - иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва экологӣ иборат буда, дар ҳолати ҷиддӣ риояи шудани ин талаботҳо, ҳар яке аз ин ченакҳо метавонанд барои ноил шудан ба рушди устувор, аз ҷумла соҳаи кишоварзӣ замина гузоранд" [7, с.99]. Ҳамин тавр вазифаи рушди иҷтимоӣ ва иқтисодии кишвар, аз ҷумла соҳаи кишоварзӣ бояд ба принсипҳои рушди устувор, бо назардошти хусусиятҳои экологӣ, муайян карда шавад.

Мо чунин мешуморем, ки истифодаи мафҳуми «рушди устувор» ба таври васеъ роҳандозӣ карда шавад, зеро он аз як тараф воситаи мувозинат дар миёни равандҳои иҷтимоӣ - иқтисодӣ ва табиӣ, аз тарафи дигар, таъмини давомнокӣ ва пайвастагии самтҳои инкишофи ҷамъиятиро ба роҳ мемонад. Дар марҳила тадбиқи принсипҳои рушди устувор, пурзӯр намудани чорабиниҳои экологӣ набояд ба рушди иқтисодӣ - иҷтимоӣ монеа эҷод намояд. Дар таҷриба навъи интенсивию экологии такористеҳсолкунӣ бояд бартарӣ дошта бошад, ки дар он омилҳои даромаднокӣ дар ҳудуди аз ҷиҳати экологӣ қобили қабул истифода шаванд.

Вобаста ба ин, рушди устувори иқтисоди миллӣ, аз ҷумла соҳаи кишоварзӣ, бояд ба принсипҳои илман асоснокшудаи идоракунии истифодаи экологии захираҳои замин ба роҳ монда шавад. Таҷрибаи ислоҳоти соҳаи кишоварзӣ тайи даҳсолаҳои охир нишон медиҳад, ки сабаби асосии паст будани самаранокии заминҳои кишоварзӣ дар он аст, ки он аксар вақт бо равандҳои сусти мукаммалгардонии ислоҳот ва ё набудани равишҳо ва механизмҳои асоснок идоракунии он мебошад. Зарурати ташаккули механизми иқтисодии муносиби танзими истифодаи замин, ки имкон медиҳад, дар шароити бозор бештар оптималӣ ва самараноки захираҳои заминро таъмин намуда, системаи муносибатҳои заминро тадриҷан ба рушди устувори экологӣ ва иқтисодӣ гузаштан, ба миён меояд.

Вобаста ба ин, бояд масъалаҳои зерини системаи идоракунии захираҳои замин дар соҳаи кишоварзӣ ҳалли худро пайдо намояд:

- муқаррар намудани ҳамоҳангсозии вазифаҳо ва ӯҳдадориҳо дар байни сатҳҳои гуногуни идоракунии захираҳои замин;
- мустақилиятро дар соҳаи танзими муносибатҳои замин, ҳамзамон баланд бардоштани масъулияти онҳо барои натиҷаҳои ниҳоии фаъолияташон васеъ намоянд;
- гузаштан аз системаи тақсимотӣ ва директивӣ ба танзими идоракунии системаи истифодаи захираҳои замин.

Ҳамаи ин хусусиятҳо имконият медиҳанд, ки механизми идоракунии заминҳои кишоварзӣ дар шароити мутаносиби соҳаи аграрии кишвар такмил дода шавад. Зери механизми экологӣ ва иқтисодии идоракунии захираҳои замин дар соҳаи кишоварзӣ маҷмӯи омилҳо, унсурҳо, усулҳо ва воситаҳоро дар назар дорем, ки ба ташкили истифодаи мутаносиби замин бо мақсади таъмини нишондиҳандаҳои муносиби вазифаҳои экологӣ ва иқтисодии заминҳои кишоварзӣ нигаронида шудаанд.

Идоракунии системаи самаранокии захираҳои заминро метавон тавассути воситаҳои зерин ташаккул дод:

- танзими меъёриву ҳуқуқии истифодаи замин дар соҳаи кишоварзӣ;
- банақшагирии маҷмуии истифода ва ҳифзи замин дар ҳама самтҳои идоракунӣ;
- дастгирии давлатӣ ва маблағгузории корҳои аҳамияти иҷтимоӣ-иқтисодӣ-экологӣ дошта, вобаста ба рушди инфрасохтории соҳаи кишоварзӣ, мелиоратсияи заминҳои кишоварзӣ ва мубориза бар зидди эрозияи хок;
- тадбиқи чорабиниҳо вобаста ба кам намудани равандҳои деградатсияи замин ва ба гардиши кишоварзӣ ворид намудани заминҳои бекорхобида.

Асоси заминсозии муосир бояд сохтори ландшафтсозии заминҳои кишоварзиро бо тавсифи муфассали релеф, сифати хок, режими микроиқлимӣ ва ғайра дар бар гирад. Чунин муносибат имконият медиҳад, ки ҳар як қитъаи замин оқилона истифода бурда шуда, сохтор ва ҳаҷми маблағгузориҳои дахлдор муайян карда шавад.

Аз ин рӯ, аз ҷониби муаллифон схемаи сохторӣ - функсионалии механизми экологию иқтисодии идоракунии захираҳои замин пешниҳод карда шудааст, ки он манфиатҳои экологӣ-иқтисодии истифодабарандагони гуногуни заминҳои кишоварзиро дар бар гирифта, ба ҳам мутобиқ менамояд (расми 1.).

Расми 1. Нақшаи сохторӣ ва функсионалии механизми экологӣ ва иқтисодии идоракунии захираҳои замини таъиноти кишоварзӣ.

Мақсади асосии фаъолияти механизми экологӣ ва иқтисодии идоракунии захираҳои замин дар соҳаи аграрӣ аз мувозинати манфиатҳои субъектҳои гуногуни истифодабарандагони замин дар самти истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ бо мақсади ҳифзи муҳити табиӣ ва таъмини истифодаи мутаносиби замин иборат мебошад. Вобаста ба ин, сохтори механизми экологӣ-иқтисодии идоракунии заминҳои кишоварзӣ, ҳамчун маҷмуи зерсохторе мебошад, ки барои ноил шудан ба таносуби манфиатҳои гурӯҳҳои гуногуни истифодабарандагони замин мусоидат мекунанд.

Сохтори пешниҳодшуда инҳоро дар бар мегирад:

- банақшагирии замин аз ҷониби субъектҳои муносибатҳои заминдорӣ;
- таҳлил ва назорат аз болои иҷрои фаъолияти хоҷагиҳои истифодабарандагони замин;
- арзёбии қитъаҳои замин бо мақсади танзими молиявии истифодаи замин;
- институтсионалӣ, аз ҷумла ҳуқуқи танзими муносибатҳои замин.

Механизми пешниҳодшудаи экологӣ ва иқтисодии идоракунии захираҳои замин таъиноти кишоварзӣ системаест, ки ҷанбаҳои гуногуни муносибатҳои заминро дар соҳаи аграрӣ таъмин менамояд, аз қабили: сохтор ва воситаҳои идоракунӣ; шаклҳои идоракунии замин; нишондиҳандаҳои арзёбии самаранокии истифодаи захираҳои замин; сикли идоракунии захираҳои замин. Маҷмӯи мутаносиби ҷузъҳои механизми экологӣ ва иқтисодии идоракунии замин (заминсозӣ, кадастри замин, мониторинги захираҳои замин, аудити экологии истифодаи замин, инфрасохтори бозори замин, танзими молиявӣ, дастгирии молиявӣ) барои ба вуҷуд овардани базаи мустаҳками системаҳои мутаносиби истифодабарии заминҳои кишоварзӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон имконият фароҳам меорад.

АДАБИЁТ

1. Арабов, Ф. П. Инвестиционное обеспечение эколого- экономического развития сельского хозяйства [Текст] / Ф. П. Арабов // Экономика сельского хозяйства России. – 2022. – № 2. – С. 88-93. – DOI 10.32651/222-88. – EDN RDIWFS.

2. Арабов, Ф. П. Повышение эффективности инвестиционной привлекательности сельскохозяйственных предприятий на основе землепользования [Текст] / Ф. П. Арабов, С.Д. Гулбекова, Д.Р. Рабиев // Вестник университета (Российско-Таджикский (Славянский) университет). – 2020. – № 4(72). – С. 68-79. – EDN CACYXT.

3. Арабов, Ф. П. Методы инвестиционного обеспечения экологического развития сельского хозяйства Республики Таджикистан [Текст] / Ф. П. Арабов // Вестник университета (Российско-Таджикский (Славянский) университет). – 2021. – № 3-4(75). – С. 131-140. – EDN NSOFRB.

4. Бондаренко В.Д. Устойчивое развитие: к вопросу о содержании термина / В.Д. Бондаренко [Текст] / Карпатский регион и проблемы устойчивого развития: Материалы междунар. научно-практической. конф., посвященной 30-летию Карпат. биосфер. Заповедника // (13-15 октября 1998). - Т.1. - Рахов, 1998. - С. 18-20.

5. Бабылев С.Н., Ходжаев А.Ш. Экономика природопользования [Текст]: Учебник. – М.: ИНФРА-М, 2004. – XXVI, - 501с.

6. Волошин В.В. Концептуальные основы устойчивого развития регионов [Текст] / В.В. Волошин, В.М. Трегобчук // Региональная экономика. - 2002. - №1. - С. 7-22.

7. Исайнов, Х. Р. Формирование «зеленой» экономики в контексте устойчивого развития Таджикистана [Текст] / Х. Р. Исайнов, К. А. Содиков, Ш. Х. Бобохонова // Экономика и управление: ключевые проблемы и перспективы развития: Материалы XIV международной научно-практической конференции текстовое электронное издание, Краснодар, 22.04.2022/ Под общей редакцией Е.В. Королюк. - Краснодар: - 2022 - С. 95-106. - EDN WNTIEJ.

8. Одинаев, Ҳ. А. Тоҷикистон дар масири рушди устувор [Текст] / Ҳ. А. Одинаев // Международные отношения и безопасность. – 2022. – No 2(2). – P. 111-128. – EDN KUJNJF.
9. Печенье, С.А. Мифы устойчивого развития [Текст]/ С.А. Печив // Укр. геогр. журн.- 1996. - № 1. - С. 49-55.
10. Human Development Report. UNDP, 2021.

УДК 364.6

Мирсаидов Ф.А.

СОЦИАЛЬНЫЕ ПРОБЛЕМЫ ОБРАЗОВАТЕЛЬНОЙ МИГРАЦИИ

В статье рассматриваются тенденции коммуникативных действий в границах миграционного опыта, технологии осмысления феномена миграции во взаимодействии с социальной средой. Обосновывается проблематика «человека мигрирующего» образуется специфический понятийно-проблемный комплекс, который охватывает комплекс традиционных и инновационных понятий во взаимосвязи основания исследования, методов и принципов осмысления. Отмечается универсальный характер (homo migration) внутренней миграции, которая имеет место пространственного перемещения и как социально-онтологической субстанции обращает внимание к конкретным реалиям цивилизационного развития. Рассматривается также типология миграционных процессов в ракурсе образовательной миграции.

Ключевые слова: миграция, «человека мигрирующего», факторы миграции, его роли и значение в жизнедеятельности социума, мобильность, пространства, образовательная миграция, коммуникативное действие.

Мирсаидов Ф.А.

ПРОБЛЕМАҲОИ ИҶТИМОИИ МУҲОҶИРАТИ ТАЪЛИМӢ

Дар мақола тамоюли амалҳои коммуникативӣ (муоширатӣ) дар ҳудуди таҷрибаи муҳоҷират, технологияи баррасии зуҳуроти муҳоҷират дар вобастагӣ бо муҳити иҷтимоӣ таҳқиқ карда шудааст. Асоснок кардашудааст, ки муаммои «инсони муҳоҷир шаванда» маҷмӯи мафҳуму масъалаҳои фарогири истилоҳоти анъанавӣ ва инноватсиони ро дар робита бо асосҳои таҳқиқ, усулу принсипҳои андешаронӣ бавуҷуд меовард. Хосияти универсалии «homo migration, ки ҳуқуқи ҳаракат дорад ҳамчун унсури иҷтимоии онтологӣ ба воқеияти мушаххаси рушди маданӣ таваҷҷуӣ мекунад, қайдкарда мешавад. Инчунин таснифоти равандҳои муҳоҷират аз дидгоҳи муҳоҷирати таҳсилотӣ баррасӣ карда мешавад.

Калидвожаҳо: муҳоҷират, «инсони муҳоҷир шаванда», омилҳои муҳоҷират, нақшу аҳамияти он дар ҳаёту фаъолияти иҷтимоъ, ҳаракат, фазо, муҳоҷирати таҳсилотӣ, амалҳои комуникативӣ.

Mirsaidov F.A.

SOCIAL PROBLEMS OF EDUCATIONAL MIGRATION

The article analyses the trends of communicative actions within the boundaries of migration experience, the technology of understanding the phenomenon of migration in interaction with the social environment. It is substantiated that the problem of "a migrant person" forms a specific conceptual and problematic complex that encompasses a complex of traditional and innovative concepts in the interrelation of the bases of research, methods and principles of comprehension. There is a universal character of homomigration, which has the rights of spatial displacements and as a social and ontological substance draws attention to concrete realities of civilization development. The typology of migration processes in the context of educational migration is also considered.

Key words: migration, "migrating person", migration factors, its role and importance in the life activity of the society, mobility, space, educational migration, communicative action.

Дар адабиёти муосири ичтимоию сиёси ва иктисодии ватани дар бораи омили мухочират, накш ва ахамияти он дар хаёти чомеаи Чумхурии Точикистон бахсу мунозира карор дорад. Аксар муаллифон хусусияти умумибашарии мухочират, хусусияти ичтимоию таърихии инкишофи онро эътироф мекунанд.

Дар ин маврид зарурати таҳлили фалсафӣ ба миён меояд, ки барои дарки хусусиятҳои зарурӣ ва дарки «шахси муҳоҷир» нигаронида шудааст. Пеш аз хама ба проблемаи хам онтологияи рох ва хам рельеф ва хам чустучуи фазохои якхела, инчунин муайян кардани асосхои минтакавии нав, инчунин сохтори демографии муосир диккат додан лозим аст. дунё. Вобаста ба ин, масъалаҳои дорои хусусияти ахлоқӣ, фарҳангӣ, фалсафӣ ва сотсиологӣ нав карда мешаванд, ки ба мо имкон медиҳанд хусусияти фардии тарзи зиндагии муҳоҷиратиро омӯзем.

Дар айни замон асосхои методологии тахлили раванди мухочират ва характери умумии тамаддунии он, инчунин бархурдхои ичтимоию таърихии харакати шахрвандонро кор карда баромадан лозим аст. Аз ин рӯ, мо барои муайян кардани як зумра падидаҳои муҳоҷират дар кишварҳои мухталифи ҷаҳон ба сарчашмаҳои фалсафии хориҷӣ мурочиат кардем. Дар навбати аввал ба баррасии мавҷудияти муҳоҷират дар ҷанбаи замонавӣ, дар самти таҳқиқи муқоисавии муҳоҷират дар низомҳои иҷтимоию сиёсӣ, аз ҷумла вобаста ба вазъи дохилии сиёсӣ ва иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷӯҳи хоса доштанд.

Бояд гуфт, ки проблематикаи «шахси муҳоҷир» маҷмӯи мушаххаси консептуалӣ ва проблемавиро ташкил медиҳад, ки маҷмӯи мафҳумҳо ва категорияҳои анъанавӣ ва навоваронаро дар робитаи асосҳои таҳқиқотӣ, усулҳо ва принсипҳои дарки фаҳм фаро мегирад. Дар ин ҷиҳат муҳаққиқ ба хусусияти умумибашарии муҳоҷирати дохилӣ «гомомигратсия», ки ҳамчун ҳаракати фазоӣ сурат мегирад ва ҳамчун ҷумҳурии иҷтимоию онтологӣ таваҷҷуҳ ба воқеиятҳои хоси рушди тамаддунро ҷалб менамояд, мутмаъин аст.

Дар адабиёти илмӣ бисёр муаллифон ба мақолаи И.Т.Касавин «Одами муҳоҷир» мурочиат мекунанд: Онтологияи роҳ ва релеф [2,76], ки аз афташ ибтидои таҳқиқи падидаи муҳоҷират дар забони муосири русӣ мебошад. илм. Дар ин мақола тамоюлҳои асосии тағйирпазирии таҷрибаи муҳоҷират, омилҳои мавҷудияти аҳолӣ, робитаи фазои экологӣ ва сохтори роҳ, «онтологияҳои транзитӣ»-и сафар, масирҳои таърихии муҳоҷират, таҷрибаи универсалӣ ва маҳаллии аҳолинишин баррасӣ мешаванд.

Ин барои дарки равандҳои муосири муҳоҷират, вижагиҳои тарзи зиндагии муҳоҷирон дар заминаи омилҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, фарҳангӣ, таърихӣ ва шахсӣ замина фароҳам меорад. Ҳаракатҳои фазоӣ дар марҳилаҳои муносибатҳои маърифатӣ чунин порчаҳои ба ҳам пайвастаро ба монанди таҷрибаи муҳоҷиратӣ, ҳастии муҳоҷиратӣ, рафтори муҳоҷиратӣ (гузаришҳо), сарнавишти муҳоҷиратӣ ошкор мекунанд.

Хусусиятҳои мавҷудияти муҳоҷирати аҳолӣ дар робита бо тағйирёбии системаҳои фазоию вақтӣ, ифшои конъюгасияи омили муҳоҷират ва арзишҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ, робитаи равандҳои такрористеҳсоли аҳолӣ ва тамоюлҳои рушди раванди муҳоҷират падидаи фалсафии “шахси муҳоҷир”.

Тадқиқот ё мавзӯъсозии падидаи муҳоҷират дар заминаҳои таърихӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсӣ ва типологияи таҷрибаи иҷтимоӣ ва инсонӣ сурат мегирад. Пеш аз ҳама бояд омилҳои таҷрибаи динамикӣ ва статикии муҳоҷиратро дар шароити имкониятҳои нави ибтидоӣ, истифодаи захираҳои ҳаётан муҳим ва амалӣ дар асоси ислоҳот ва дигаргуниҳои эволютсионӣ таҳлил кард.

Дар ин ҷо масъалаи асосӣ хусусияти ҳастии муҳоҷиратӣ дар сифатҳои ҷаҳонӣ ва маҳаллӣ, муайян намудани асосҳои онтологии ҳаракатҳои фазоии одамон мебошад. Дар шароити муосир таносуби сохтории моддаҳои универсалӣ ва мушаххас инкишоф меёбад, ки дар дарозмуддат идеяи анъанавии табиати иҷтимоию таърихии муҳоҷиратро тағир медиҳад.

Дар таҳлили иҷтимоию фалсафӣ марҳилаҳои таърихии тағйирёбии таҷрибаи муҳоҷират мавриди омӯзиш қарор гирифта, проблемаҳои самтҳои «шахси муҳоҷираткунанда» ба самти муҳити якхела, ҷустуҷӯи навъҳои нави самтҳо дар миқёс гузаронида мешаванд. онтологияи илмӣ. Моҳияти иллюзионии таҷрибаи муҳоҷират тадриҷан бо муҳоҷиркунии фарҳангӣ ва иқтисодӣ, таҳкими робитаҳои территорӣ, инчунин пайдоиши маводи таърихӣ ва антропологӣ, метафизикаи иҷтимоии наздикшавӣ ва дуршавӣ дар системаҳои алоқаи ҷаҳонӣ маҳкам мешавад.

Фазои коммуникативии муосир, ба таври образнок гуем, гуруххои оммавии чамъиятии одамонро «мебарад». Мазмуни чунин падидаро Э.Финк интишор кардааст: [8,77] «Одами замони мо ба олами атрофаш аз чихати амалӣ ва техникӣ алокаманд аст, ба он хамчун фатхкунанда ва ё акаллан хамчун разведкачӣ муносибат мекунад. Туризм, ки ба воситаи наклиёт имконпазир мегардад, аз чихати микьёс назар ба мухочирати бузурги халкхо чандин баробар калонтар аст.

Он чизе, ки ба кунҷковии инсон аз он чизе, ки дида мешавад ва шунида мешавад, пешниҳод карда мешавад аслан ивазкунандаи таҷрибаи табиӣ нест, на пешниҳоди ғизои рӯҳии консервшуда, балки сарчашмаҳои комилан нав ва аслии таҷрибаест, ки ба маҷмӯи иттилооти сайёра нигаронида шудаанд, чунон ки иктисодиёт бо интизории бозори чахонӣ пеш меравад».

Ҳамин тариқ, омили муҳоҷират нишон додани роҳро на бештар аз ҷиҳати ҷуғрофӣ, балки дар самтҳои равонӣ дар робита бо мушкилот дар интихоби самти мушаххаси пешравӣ дар назар дорад. Дар ин бобат назарияи ба истилох «кашидани тела» пахн шудааст.

Тибқи ин назария, дар кишварҳои донори меҳнат омилҳои берун кардани қувваи корӣ (бекорӣ ё бекорӣ, камбизоатии аҳолӣ ва ғ.) мавҷуданд. Ва дар кишварҳои воридкунанда, баръакс, омилҳои ҷалбкунанда вуҷуд доранд: талаботи зиёд ба захираҳо ва дар натиҷа, сатҳи баланди даромад.

Дар шароити муосир муҳоҷират аз рӯи тартиби рафтан, тавлиди дониш дар бораи олами атроф, интихоби худсаронаи лаҳзаи ҷустуҷӯ ва ғайра мақоми устувори умумибашариро касб мекунад.

Дар ҷанбаи онтологӣ ҷустуҷӯи на танҳо ҳудуди ҷуғрофӣ, балки барои «худ» ҳамчун шарти зинда мондан дар шароити нав сурат мегирад. Дар доираи раванди муҳоҷират байни интихоби вобастагии сабабӣ, пеш аз ҳама, дар робита ба «роҳ» ва «интихоби роҳ» фарқ кардан лозим аст. «Омадан ҳамчун ҳодиса» бояд бо воқеияти таҷрибаи махсуси муҳоҷират, ҳаракатҳои ибтидоӣ дар фазо, равандҳои рафтан ҳамчун хоҳиши пеш рафтан асоснок карда шавад. Андозаи ин равандҳо дар занҷири муқаррарии сабабҳои транзитҳо ҳамчун "антологияи транзитӣ" сурат мегирад.

Падидаи ҳаракат назар ба раванди муҳоҷират маҳдудтар аст. Чунин ба назар мерасад, ки он дар пайваст кардани фармоишҳои гуногуни намояндагӣ универсалӣ аст. Пас, масалан,

актёри мушаххас дар доираи фарҳанг, намудҳои рафтор ва тарзи тафаккур ҳастии муҳоҷирӣ мекунад [4, с.25].

Масалан, дар дурнамои таърихӣ роҳҳои зиёде ташаккул ёфта, ҳамчун самт ва рушди таҷрибаи муҳоҷират (роҳ ба кишварҳои ИДМ ё ба самти кишварҳои Шарқ ва ғ.) зоҳир мешаванд.

Ҷамъияти устувори ҳудудии ташаккулёфта роҳеро дорад, ки аз воқеияти мавҷуда, анъана ва фарҳанги таърихӣ ба самти дилхоҳ пайдо кардан мумкин аст. Аз ин лиҳоз, шахсияти муҳоҷир дар аввал ҳошия аст. Зеро муҳоҷир, ки аз муҳит ё ватани худ берун меравад, метавонад ба муҳити нав ворид нашавад.

Танҳо дар ҳолатҳои истисноӣ ба омезиши мутаносиби таҷрибаи анъанавӣ ва муҳоҷират ноил шудан мумкин аст. Ин дар асоси арзишҳои асосии тартиботи маънавӣ-амалӣ ва иҷтимоӣ-таърихӣ рӯй медиҳад. Дар натиҷа метавон дар бораи инкишофи уфуқҳои нисбатан устувори зиндагӣ дар ҷаҳонбинии гуногун ва ҳамзамон робитаи зиддунақизи байни аҳолии устувор ва тарзи ҳаёти мақсадноки муҳоҷиратӣ сухан ронем.

Метавон тахмин кард, ки муҳоҷири ҳақиқӣ қобилияти дидани вақт, хондани он, иртибот ба омили фазоро дорад. Мафҳуми «муҳоҷирати ҳақиқӣ» ба замони ҳозира, падидаҳои нави он, ҳудудҳо, манзараҳо марбут аст. Ин ба омили фарҳанг ҳамчун як системаи фарогир асос ёфтааст, ки ҷаҳони гуногуни арзишҳо ва анъанаҳо, тарзи маънавии мавҷудияти инсонро ба ҳам мепайвандад. Намуди маъмултарини муҳоҷират муҳоҷирати иқтисодӣ мебошад, ки боиси космополитшавии тасвири ҳудудҳо мегардад [5, с.87].

Мавқеи назариявии дар боло овардашуда дар мисоли муҳоҷирати таълимӣ асоснок карда шудааст. Зеро аз нимаи дуюми асри 20 сар карда, ҳаракати донишҷӯёни хориҷӣ ба як падидаи оммавӣ табдил ёфт. Ин ҳаракат барои донишгоҳҳои ҷаҳонӣ ва давлатҳои миллӣ бо сабабҳои зерин таваҷҷӯҳ дорад. Якум, ҳамчун манбаи захираҳои молиявӣ ва рамзӣ, ки донишгоҳҳо ба онҳо таваҷҷӯҳ доранд. Акнун биёед баъзе мушкилоти муҳоҷирати байналхалқии зеҳниро дар асоси омӯзиши таҷрибаи ҳамкории байнидавлатии муҳоҷирати байни ИМА, Канада ва Мексика баррасӣ кунем.

Дар натичаи ба амал баровардани ташаббусхои Совети оид ба муносибатхои хоричй дар байни ин мамлакатхо созишномаи ба ном «Шарикй барои амният ва некуахволй» баста шуд. Ин созишро коршиносони америкоӣ чун «... чизи бештаре аз созиши оддии сарони ИМА, Мексика ва Канада арзёбӣ кардаанд [1, с.315].

Дар шароити рушди инноватсионии ҷумҳурӣ омӯзиши онтологияҳои муҳоҷирати таълимӣ аҳамияти хоса пайдо мекунад. Муҳоҷирати таълимӣ дар адабиёти ватанӣ ҳамчун падидаи мураккаб ва гуногунҷанбаи иҷтимоӣ суст дарк карда мешавад. Ҳарчанд мафҳуми «муҳоҷирати таълимӣ» дар адабиёти илмӣ васеъ истифода мешавад, аммо истифодаи он бо баррасии мушкилоте, ки дар ҷараёни татбиқи ин навъи муҳоҷирати аҳолӣ ба миён меоянд, алоқаманд аст, аммо на бо сабабҳое, ки зуҳури ин падидаро муайян мекунанд.

Ҳарчанд сабаби ҳаракати таълимӣ ниёз ба таҳсилот аст, ҳамзамон асоснокии назариявии ин гуфтаҳо имкон медиҳад, ки ангезаҳои ангезаи афрод дар татбиқи муҳоҷирати таълимӣ муайян карда шавад. Дар робита ба ин, фаҳмиши мафҳумҳои «ҳаракат», «ҳаракати ҳудудӣ» ва «ҳаракати иҷтимоӣ» чунин аст.

Дар адабиёти илмӣ ба таҳлили мафҳуми «мобилият» таваҷҷӯҳи бештар дода мешавад. П.А. Сорокин ин мафхумро ба маънои васеъ ва танг шарх додааст. Дар ҳолати аввал, ҳаракат - ҳаракатнокии объектҳои муайяни иҷтимоӣ, дар дуюм, ин шахс (ё гурӯҳҳои иҷтимоӣ). Таҳияи пешниҳоди П.А. Андешаи Сорокин, дар зери «мобилият» метавонад раванди тагйирёбии фард ё гурухи тамоми макон дар фазои ичтимои бошад [7, с.385]. Фазо хамчун система зерфазохои сиёси, касбӣ ва дигарро дар бар мегирад.

Мобилият инчунин омодагӣ ва қобилияти аҳолӣ барои тағйир додани вазъи иҷтимоӣ, ҷойи истиқомат, мансубияти касбиро ифода мекунад. Ин нишон медиҳад, ки ҳаракат метавонад дар шаклҳои гуногун зоҳир шавад: «таҳаракати ҳудудӣ», «ҷойгиршавии иҷтимоӣ», «таҳаракати сохторӣ», «таҳаракати муҳоҷират».

Сабабҳои афзоиши муҳоҷирати зеҳнӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ ва хусусиятҳои он дар ҷумҳурӣ ошкор карда шудаанд. Исбот шудааст, ки бо афзоиши муҳоҷирати зеҳнӣ захираю нерӯи зеҳнии ҷумҳурӣ кам мешавад ва аз ин рӯ, масъалаҳои сиёсию ҳуқуқии танзими ин равандҳо, инчунин қабули қонуни нав дар бораи муҳоҷират бо назардошти шароити муосир. равандҳои ҷаҳонишавӣ, ба майдон меоянд А.Ш. Қурбонова [3,с.108].

Муҳоҷирати ба даст овардани таҳсилотро бояд ба ҳаракати фазоии аҳолӣ нисбат дод. Ин дар ниҳоят ба ҳаракати ҳудудии он оварда мерасонад ва ба шомил шудани фард (ё гурӯҳҳо) ба майдони мутобиқшавӣ мусоидат мекунад (ки, махсусан, дар натиҷаи ҳаракатҳои мунтазами дуҷониба ба амал меояд). Муҳоҷирати таълимӣ як чолиш барои ҷаҳони ҷаҳонӣ ва равандҳои ҷаҳонишавӣ мебошад. Дар шароити муосир дар тамоми кишварҳои ҷаҳон як намуди инноватсионии иқтисод бартарият дорад.

Асоси онро дониш, заковат, илм, иттилоот ва таҳаввулоти илмии нерӯи асосии пешбарандаи ҷомеаи муосир ташкил медиҳад. Дар шароити ҷаҳонишавии умумӣ, таҳсилоти касбӣ ва ташаккули шахсияти фарҳангии сатҳи ҷаҳонӣ, маҳорати истифодаи забони хориҷӣ дар соҳаи касбӣ, ки аз ҷониби корфармои муосир баҳои баланд дода мешавад, нақши муҳим мебозад.

Бояд гуфт, ки донистани забони хориҷӣ ҳамчун як навъ сармояи иҷтимоӣ ва фарҳангӣ ва воситаи иҷтимоӣ ва мутобиқшавӣ дар фазои ҷаҳонӣ амал мекунад. Аз ин рӯ, муҳоҷирати таълимӣ ё таълимии донишҷӯёни донишгоҳҳои ватанӣ нав карда мешавад. Тавре ки дар боло қайд гардид, муҳоҷирати таълимӣ имрӯз як пайванди муҳими муҳоҷирати ҷавонон ва умуман равандҳои муҳоҷират мебошад.

Мақсад аз муҳоҷирати таълимӣ гирифтани маълумот аст. Ин намуди муҳоҷират аз эҳтиёҷоти объективии мавҷуда ба фаъолияти таълимӣ ва ба даст овардани хизматрасонии босифати таълимӣ бармеояд. Талабот ба таълим дар рӯҳи ҷавонон аст. Зеро «ҷавонон насли одамоне мебошад, ки марҳалаи иҷтимоишавиро тай намуда, аз худ мекунанд ва дар синни баркамол аллакай вазифаҳои тарбиявӣ, касбӣ, фарҳангӣ ва ғайраро азхуд мекунанд» [6, с.64].

Хусусияти муҳоҷирати таълимӣ пеш аз ҳама дар гирифтани таҳсилоти олӣ ва ба ин васила баланд бардоштани сатҳи сармояи инсонии давлатҳои донор мебошад. Вобаста ба ин, вақтҳои охир ҳамкориҳои байналмилалӣ дар соҳаи таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон босуръат инкишоф ёфта, имрӯзҳо бо донишгоҳҳои хориҷӣ, махсусан бо донишгоҳҳои Федератсияи Русия робитаҳо ба роҳ монда шудааст.

Дар ҳар як донишгоҳи ватанӣ шӯъбаҳои ҳамкориҳои байналмилалӣ таъсис дода шудаанд, ки на танҳо донишҷӯёнро аз хориҷӣ ҷалб мекунанд, балки сафарбаркунии донишҷӯён ва довталабонро ба таҳсил дар донишгоҳҳои хориҷӣ ташкил мекунанд.

Вақтҳои охир динамикаи сафарҳои донишҷӯён ва кормандон ба мақсадҳои таълимӣ афзоиш ёфта, омӯзгорон низ иштирокчиёни фаъоли таҷрибаомӯзӣ ва барномаҳо гардиданд. Муносибати байналмилалии донишҷӯён ва омӯзгорон паҳлӯҳои гуногунро дар бар мегирад, ки онҳо на танҳо бо табодули иттилооти навтарин, балки бо таҳия ва истифодаи барномаҳои муосири таълимии технологияҳои пешрафта, афзун намудани бағоҷи зеҳнии донишҷӯён ва омӯзгорон алоқаманданд.

Ҳамин тариқ, ҳамгироии маориф ба низоми ҷаҳонӣ ба самти афзалиятноки омода намудани мутахассисони муосири баландихтисос табдил меёбад. Мутахассисон [9, с.23] (ҷомеашиносон, сиёсатшиносон) дар соҳаи муҳоҷират қайд мекунанд, ки барои мутахассисон ва олимони баландихтисос давлатҳои афзалиятнок ИМА, Канада, Британияи Кабир мебошанд.

Ҷалби муҳоҷирони зеҳнӣ (олимон ва мутахассисони баландихтисос) ба Иёлоти Муттаҳида ба ҷамъоварӣ ё муттаҳид кардани нерӯҳо ва соҳаҳои илмӣ асос ёфтааст. Ин дар марказҳои технологӣ ва паркҳои саноатӣ анҷом дода мешавад. Масалан, машҳуртарин водии Силикон аст, ки дар иёлати Калифорния ҷойгир аст. Кариб 50 фоизи потенциали

илмию техникии Штатхои Муттахида, ки дар сохаи электроника ва техникам хисоббарор асос ёфтааст, дар хамин минтака чамъ шудааст.

Минтақаи халиҷи Сан-Франсиско як макони тадқиқотӣ ва коркарди Нерӯҳои баҳрии ИМА мебошад. Ташаккул ва рушди ин маркази технологӣ ба тамаркузи донишгоҳҳои пешқадам (Донишгоҳи Сан-Хосе, Донишгоҳи Санта Клара, Донишгоҳи Стэнфорд, Донишгоҳи Калифорния дар Санта Круз), шаҳрҳои калон, ки камтар аз як соат дуранд, инчунин иклими бахри Миёназамин. Водии Силикон пас аз Ню Йорк ва Вашингтон сеюмин маркази технологӣ дар Иёлоти Муттаҳида (аз рӯи шумораи ҷойҳои кории баландтехнологӣ - 225,300 ҷойҳои корӣ) маҳсуб мешавад.

Зиёда аз 386,000 мутахассисони IT дар минтақаи халиҷи Сан-Франсиско кор мекунанд, ин водии Силиконро ба бузургтарин маркази технологӣ дар ИМА табдил медиҳад.

Қобили зикр аст, ки дар доираи ИДМ ва Иттиҳоди иқтисодии АвруОсиё ниҳодҳои мухталифи танзимкунандаи равандҳои муҳоҷират, аз ҷумла муҳоҷирати зеҳнӣ тадриҷан ташаккул ёфта, айни замон такмил меёбанд. Кишварҳои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ) як системаи ягонаи муҳоҷиратро намояндагӣ мекунанд, ки пас аз пошхӯрии СССР ташаккул ёфтааст.

Дар ин низоми муҳоҷират кишварҳо ҳанӯз ҳам тавассути инфрасохтори ягона, иртиботот, иқтисодӣ, молиявӣ, иҷтимоию фарҳангӣ ва гуманитарӣ пайвастанд. Федератсияи Русия ба маркази минтақавии ҷалби муҳоҷирони баландихтисос табдил ёфтааст, ки ин пеш аз ҳама ба тамоюлҳои мусбати рушди устувори иқтисод ва сатҳи нисбатан баланди зиндагии аҳолӣ вобаста аст.

Хусусияти муҳоҷирати таҳсилотӣ нисбат ба ҷумҳурӣ дар он аст, ки ин навъи муҳоҷират дар ҳоли ҳозир таваҷҷӯҳи ҳукумати ҷумҳурӣ бештар ба худ кашида мешавад. Тавре ки дар Паёми Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид шудааст:

«Ташаккул ва истифодаи самараноки неруи инсонӣ, ҳалли масъалаҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла таълиму тарбияи насли наврас дар рӯҳияи ифтихор аз давлатдории миллӣ ва ниҳоят ноил шудан ба сатҳу сифати зиндагии шоистаи шаҳрвандон мебошад. аз чумлаи вазифахои аввалиндарачае, ки барои ичрои онхо тамоми сохтору органхои давлатӣ, ахли чамъият бояд якдилӣ ва якдилӣ мубориза баранд.

Муҳоҷирати таълимӣ сармоягузорӣ ба сармояи инсонӣ мебошад, ки ба ҷумҳурӣ самараи бузурги иҷтимоию иқтисодӣ меорад. Аз ин рӯ, рушди муҳоҷирати таълимӣ аз ҳисоби зиёд кардани шумораи мутахассисони соҳибмаълумот ва шахсони ба кишвар воридшаванда бамаврид аст. Илова бар ҳамаи гуфтаҳои боло, бояд илова намуд, ки имтиёзҳо аз муҳоҷирати таълимӣ танҳо аз ҳисоби захираҳои сармоягузорие, ки ба кишвар ворид мешаванд, маҳдуд аст:

ба ватан баргашта, хоричиён — дастпарварони донишкадахои олии Россия, охиста-охиста элитаи сиёсию молиявии чумхуриро пурра карда, муносибати тахаммулпазиреро, ки дар онхо дар сатхи коммуникативии байнишахси ташаккул ёфтааст, бо худ меорад. Ин ба таҳкими шарикӣ ва ҳамкории байнидавлатӣ таъсир расонида, робитаҳои фарҳангӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва геополитикӣ дар ИДМ таҳким меёбанд.

АДАБИЁТ

1. Castells, M. The Rise of the Network Society. Vol. 1 of The Information Age: Economy, Society and Culture. Maiden, Blackwell. 2006. - P. 23.

2. Грачева Т. В. Невидимая Хазария. Алгоритмҳои геополитика ва стратегияҳои ҷангҳои махфии ҷаҳон дар паси парда 2011г., С.400

3. Касавин И. Т. «Шахси муҳоҷиршаванда: онтологияи рох ва замин» // Вопросы философии. – 1997. – № 7. – С. 74-84.

4. КурбоновА.Ш. Интеллектуальная безопасность и государственный суверенитет (социально-политический процесс) – Душанбе; «Ирфон», 2016., С.240
5. Метелев И. С. Феномен миграции (методология анализа и жизненный смысл): монография. – Омск: Издание Омского института (филиала) РГТЭУ. – 2010. С. 115
6. Мирсаидов А.Б. Институциональный подход к анализу миграционных процессов (на примере Республики Таджикистан)// симпозиум Москва-Худжанд, ноябрь 2011.С.86-90;
7. Послание Лидера нации, Президента Таджикистана, уважаемого Эмомали Рахмона Маджлиси Оли Республики Таджикистан 20.01.2016//http://president.tj/ru/node/10587;
8. Сарокин П.А Человек, цивилизация, общество М.: Политиздат 1992г. 527с
9. Финк, Е. Основные феномены человеческого бытия / Е. Финк // Проблемы человека в западной философии. М.: Наука,1988. -С.74-80

УДК 338.4

Мирзоалиев А.А.

МЕТОДОЛОГИЧЕСКИЕ ПОДХОДЫ К УПРАВЛЕНИЮ ЦИФРОВЫМ РАЗВИТИЕМ ЧЕЛОВЕЧЕСКОГО КАПИТАЛА

В данной статье автор исследовал теоретические подходы или методологические способы управления цифровым развитием человеческого капитала. При этом были исследованы теоретические и практические аспекты развития человеческого потенциала, концепция управления цифровым развитием человеческого капитала, подходы к управлению человеческим капиталом и механизм совершенствования концепции управления человеческим капиталом. В современных условиях глобализация экономики требует быстрого процесса цифровизации всех сфер, и человек рассматривается как главный фактор, обеспечивающий эту научно-техническую революцию.

Ключевые слова: человеческий капитал, кадровый потенциал, инвестиции, конкурентоспособность предприятия, персонал, стратегия предприятия, цифровая экономика, трудовые ресурсы, инновационная экономика.

Мирзоалиев А.А.

РАВИШҲОИ МЕТОДОЛОГИИ ИДОРАКУНИИ РУШДИ РАҚАМИИ САРМОЯИ ИНСОНӢ

Дар мақолаи мазкур муаллиф аз нигоҳи назариявӣ равишҳо ё роҳҳои методологии идоракунии рушди рақамии сармояи инсониро мавриди таҳқиқ қарор додааст. Ҳамзамон паҳлӯҳои назариявию амалии рушди иқтидори инсонӣ, консепсияи идоракунии рушди рақамии сармояи инсонӣ, равишҳо оид ба идоракунии сармояи инсонӣ ва механизми такмилдиҳии консепсияи идоракунии сармояи инсонӣ таҳқиқ карда шудааст. Дар шароити имрӯза ҷаҳонишавии иқтисодиёт раванди босуръати рақамикунонии тамоми соҳаҳоро тақозо менамояд ва инсон ҳамчун омили асосии ин таъминкунандаи инқилоби илмӣ-техникӣ ба ҳисоб меравад.

Калимаҳои калидӣ: сармояи инсонӣ, иқтидори кадрӣ, сармоягузорӣ, рақобатпазирии корхона, кормандон, стратегияи корхона, иқтисодиёти рақамӣ, захираҳои меҳнатӣ, иқтисодиёти инноватсионӣ.

Mirzoaliev A.A.

METHODOLOGICAL APPROACHES TO MANAGING THE DIGITAL DEVELOPMENT OF HUMAN CAPITAL

In this article, the author has investigated theoretical approaches or methodological ways of managing the digital development of human capital. At the same time, the theoretical and practical aspects of the development of human potential, the concept of managing the digital development of human capital, approaches to the management of human capital and the mechanism of improvement of the concept of human capital management were investigated. In today's conditions, the globalization of the economy requires a rapid process of digitalization of all areas, and man is considered as the main factor that provides this scientific-technical revolution.

Key words: human capital, personnel capacity, investment, enterprise competitiveness, employees, enterprise strategy, digital economy, labor resources, innovative economy.

Тавре таҷриба нишон медиҳад, аз миёнаҳои солҳои 60-ум назарияи идоракунии стратегии корхона ташаккул ёфт, ки ва ин назария ва амалияи идоракунии стратегиро муттаҳид намудааст, ки дар асарҳои Г.Минтсберг, Б.Алстранд ва Ҷ.Лампеле инъикос ёфтааст [6]. Асоси онро консепсияи равиши сармоягузорӣ ба идоракунии захираҳои инсонӣ ташкил медиҳад.

Бо ёрии таҳлили мундариҷа, даҳ мактаби идоракунии стратегӣ бо мафҳумҳои асосии равандҳо ва равишҳои моделсозии тағйироти ташкилӣ муайян карда шуданд. Дар айни замон, асосии ҳамгироӣ як равиши корпоративӣ тавассути призмаи стратегияи дарозмуддат мебошад. Ва таъсири омилҳои дохилӣ ва берунӣ дар қабули қарорҳои стратегӣ, нақши субъектҳои идоракунӣ ба таври гуногун муайян карда мешавад.

Каме дертар аз муқаррароти асосии мактабҳои аввалини идоракунӣ таҳқиқот оид ба идоракунии сармояи инсонӣ пайдо шудааст. Ба саволи «кадоме аз омилҳои муҳити дохилӣ дар баланд бардоштани рақобатпазирии корхона саҳми бештар дорад, андешаи захиравӣ дар бораи моҳияти корхона ба миён омадааст» [2, 4, 7,]. Дар ин консепсияи ба захираҳо нигаронидашуда рақобатпазирии корхонаро захираи пуразриш, нодир ва душвори тақлидшаванда – сармояи инсонӣ ҳамчун маҷмӯи салоҳият ва қобилияти кормандон муайян мекунад. Ғайр аз он, муносибати ба захираҳо асосёфта ба идоракунии корхона асосан майдони конвергенсияро барои тафаккури стратегӣ дар раванди идоракунии сармояи инсонӣ муайян кардааст.

Национальный банк Таджикистана после ввода в обращение действительно национальной валюты - сомони начал самостоятельно разработку и проведение государственной денежно-кредитной и валютной политики, создавая этим основу для регулирования денежного обращения.

Введенная в обращение новая национальная валюта характеризуется стабильностью, которая, с одной стороны, просматривается в доминирующей роли кредитных институтов

в финансовой системе страны, с другой, - в ориентации на развитие финансовых отношений в экономике республики на перспективу [1, с.69].

Анализируя монетарную политику Таджикистана, ученые Умаров Х.У., Зарифова З.С., в книге «Денежно-кредитные проблемы развития национальной экономики», написали, что в результате такого безальтернативного подхода произошел резкий спад производства, дезорганизация хозяйственных связей и расстройство действовавших денежно-кредитных механизмов. Страна была брошена в сферу полной анархии, из которой извлекали для себя выгоду всякого рода авантюристы и любители легкой наживы.» [3, с.61].

Действующая кредитная система Таджикистана сложилась в условиях экстенсивного хозяйствования. В своем докладе на встрече с предпринимателями страны в 2003г. Президент Республики Таджикистан Эмомали Рахмонов отметил: «Одной из острейших проблем, с которой сталкивается предпринимательский сектор в сельскохозяйственной отрасли, является несовершенство системы кредитования хозяйств аграрного сектора. В процессе получения кредитов и оформления соответствующих документов возникают многочисленные проблемы. Если мы хотим, чтобы предпринимательство в целом, и в частности дехканские хозяйства, развивались и способствовали развитию национальной экономики, мы должны помочь в решении этих проблем» [4, с.16].

«Денежно-кредитная политика направлена на решение задач финансового сектора страны, превращение в конкурентоспособные финансовые институты, способные предоставлять различные качественные и инновационные финансовые услуги, и продукты, создание благоприятных условий для стабильного развития национальной экономики, и быть устойчивым к внешним шокам».

Основная проблема заключается в том, что сектор еще не до конца сформировался как основа финансирования национальной экономики. Сейчас у них нет возможности мобилизации сбережений и механизма их трансформации в банковские кредиты и инвестиции.

Низкий уровень финансового инструментария действующих финансовых институтов (банков, небанковских организаций, страховых компаний и др.) не позволяет им обеспечить потребности реального сектора экономики. Их финансовые услуги ограничены, они предоставляют только краткосрочные услуги и не имеют возможности финансировать реальной сектор экономики обновлять свои производственные мощности.

Несовершенной остаются структура финансового сектора, особенно банки, рынок ценных бумаг ограничен, отсутствует вторичный сегмент, в том числе торговля корпоративными ценными бумагами.

Финансирование предприятий реального сектора экономики ограничено, а его диверсификация находится на низком уровне. Складывается высокий уровень долларизации финансового сектора, преобладает высокий уровень использования наличных денег при расчетах между хозяйствующими субъектами. Высокий уровень цен на финансовые услуги, в том числе высокие процентные ставки по кредитам, не позволяет создавать новые предприятия и улучшать технологический потенциал предприятий. Отмечается высокий уровень рисков, характерных для деятельности финансовых организаций, что свидетельствует о низком уровне их управления» [4, с.26].

Острейшая проблема современной банковской системы - крайне низкий уровень ее капитализации. Совокупный капитал всех банков в конце 2021 года составил 22,4 млрд. **со**мони. Мировая практика показывает, что для эффективного обслуживания воспроизводственного процесса в отраслях экономики капитал банковской системы должен составлять 6-7% размера ВВП страны [4, с.158], в Таджикистане - примерно 27,1 % [6, с.18].

Обеспеченность экономики кредитными ресурсами в настоящее время находится на чрезвычайно низком уровне (табл. 1).

Таблица 1. Кредитование банками отраслей экономики за 2000-2020гг., млн. сомони

Показатели	Годы			
	2001-2005	2006-2010	2011-2015	2016-2020
Всего ссуд	1349,1	9527,5	15472,9	22652,7
из них: краткосрочные	1120,5	8171,5	9911,4	12118,9
в %: к всего ссуд	83,1	85,8	64,1	53,5
долгосрочные	228,6	1356,0	5561,5	10533,8
в %: к всего ссуд	16,9	14,2	15,9	46,5

Источник. Финансы Таджикистана: 30-лет государственной независимости. Статсборник. Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан. - Душанбе,2021. -С.431 [5].

В развитых странах мира объем кредитных вложений в экономику составляет от 90 до 110% ВВП [1, с.69], в Таджикистане в 2020 г. этот была равна к - 7,7 % [6, с.89].

В составе кредитных вложений произошли изменения. Доли краткосрочные кредиты за анализируемый период снизились до 53,5%. Долгосрочные же занимают 46,5%, хотя инвестиции, как правило, осуществляются именно за счет долгосрочных инвестиций.

Таблица 2. Влияние кредитных вложений на рост ВВП за 2016-2020гг., млн. сомони

Показатели	Годы				
	2016	2017	2018	2019	2020
ВВП в ценах соот. лет	54790,3	64434,3	71059,2	79109,8	82543,1
Кредитные вложения	3810,3	3537,5	3913,3	5021,1	6370,5
Кредитные вложения к ВВП,%	7,0	5,5	5,5	6,3	7,7

Источник. Финансы Таджикистана: 30-лет государственной независимости. Статсборник. Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан. - Душанбе,2021. -С.431. Таджикистан: 30-лет государственной независимости. Статсборник. Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан. - Душанбе,2021. -С.15 [5].

Как показывают данные таблицы 2, кредитные вложения на 1 сомони ВВП растут, тем не менее, здесь следует учитывать, что этот рост – инфляционный, за счет повышения цен на средства производства.

Эффективную реализацию режима таргетирования инфляции невозможно представить без развитой институциональной среды и полноценной деятельности банковской системы. Кредитные финансовые организации во всех странах играют ключевую роль в реализации трансмиссионного механизма денежно-кредитной политики.

«В связи с этим, в целях обеспечения финансовой устойчивости банковской системы страны и развития финансового посредничества, полной реализации мер, обозначенных в «Национальной стратегии развития Республики Таджикистан на период до 2030г.» и «Стратегическом плане реформы банковской и страховой системы на 2020-2023гг.», считается целесообразным осуществление следующих действий:

- продолжение реформ в сфере банковской системы, совершенствование и укрепление эффективного управления активами и пассивами в кредитных финансовых организациях, развитие финансового посредничества и обеспечение транспарентности в их деятельности;
- совершенствование нормативных правовых актов с целью улучшения финансового положения банковской системы, усиление риск - менеджмента;

- внедрение новых банковских продуктов, соответствующих современным требованиям, привлечение наибольшего количества клиентов путем агитации и улучшения качества банковских услуг;
- привлечение наибольшего объема иностранных инвестиций в экономику».
- повышение потенциала и конкурентоспособности финансовых институтов и развитие инфраструктуры финансового сектора;
- обеспечение доступа и диверсификация средств долгосрочного финансирования реального сектора экономики;
- расширение перечня продуктов и финансовых услуг, имеющих инновационный характер;
- укрепление кадрового потенциала финансовых организаций на всех уровнях банковской системы;
- расширение институциональных реформ в финансовом секторе».

АДАБИЁТ

1.Ашуров И.С. Аграрная реформа Республики Таджикистан - М.: ООО НИПКЦ «Восход – А», 2008. –С.252. -332с.
2. Богомолов С. С., Денежно-кредитная политика России и пути ее изменения. г. Воронеж
3. Зарифова З.С., Умаров Х.У. Монетарные проблемы демонетизированной экономики. //Экономика Таджикистана; стратегия развития. 2003. - № - 1. - 156 с.
4. Стратегия денежно-кредитной политики Республики Таджикистан на 2021-2025 годы
5.Таджикистан: 30-лет государственной независимости. Статсборник. Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан. - Душанбе,2021. -С.15
6.Финансы Таджикистана: 30-лет государственной независимости. Статсборник. Агентство по статистике при Президенте Республики Таджикистан. - Душанбе,2021. -С.431.

УДК 338.465.2

Машокиров Ҷ.Н.

АСОСҲОИ НАЗАРИЯВИЮ АМАЛИИ БАЛАНД БАРДОШТАНИ СИФАТИ ХИЗМАТРАСОНӢ БО НАЗАРДОШТИ ОМИЛИ САРМОЯИ ИНСОНӢ

Мақолаи мазкур ба масоили мубрами рушди муҳимтарин бахши иқтисодиет, яъне асосҳои назариявию амалии баланд бардоштани меъёри сармояи инсонӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бахшида шудааст. Яке аз шартҳои муосир мавҷудияти ҳама гуна иқтисодиет ин рақобатпазирии баланд буда, дар навбати худ имкон медиҳад, ҳамеша устувор бошад. Рақамикунонии иқтисодиёт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон имконият медиҳад, ки раванди идоракунии иноватсионӣ мунтазам боқи монда қодир бошад барои рушди босуботи бахшҳои мухталифи иқтисодиёт саҳмгузор бошад. Дар мақолаи мазкур нақш ва рушди он инчунин дурнамои рушди сармояи инсонӣ дар шароити рақамикунонии иқтисодиёт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ барраси гардидааст.

Калид вожаҳо: сармояи инсонӣ, рақамикунонии иқтисодиёт, соҳаи хизматрасонӣ, хизматрасонӣ, савдо, сифати хизматрасони, хизматрасонии пулакӣ, идоракунии сифат, бозори тиҷорати электронӣ, онлайн-савдо.

Машокиров Дж.Н.

ОСНОВЫ ТЕОРЕТИКО ПРАКТИЧЕСКОЕ ПОВЫШЕНИЕ ЧЕЛОВЕЧЕСКОГО КАПИТАЛА

Данная статья посвящена актуальным вопросам развитие важнейшего сектора экономики, то есть теоретическим и практическим повышениям человеческого капитала в условиях цифровизации экономики в Республике Таджикистан. Одним из современных условий существования любой экономики является высокая конкурентоспособность, что в свою очередь позволяет ей быть стабильной. Цифровизация экономики в Республике Таджикистан позволяет инновационному процессу управления оставаться стабильным и способным способствовать устойчивому развитию различных секторов экономики. В данной статье также подробно рассматривается о роли человеческого капитала в условиях цифровизации экономики в Республике Таджикистан.

Ключевые слова: человеческий капитал, цифровизация экономики, сфера услуг, услуги, торговля, качество услуг, платные услуги, управления, рынок электронной коммерции, интернет-торговля.

Mashokirov J.N.

FOUNDATIONS THEORETICAL AND PRACTICAL INCREASE OF HUMAN CAPITAL

This article is devoted to topical issues of the development of the most important sector of the economy, that is, theoretical and practical increases in human capital in the context of digitalization of the economy in the Republic of Tajikistan. One of the modern conditions for the existence of any economy is high competitiveness, which in turn allows it to be stable. The digitalization of the economy in the Republic of Tajikistan allows the innovative management process to remain stable and able to contribute to the sustainable development of various sectors of the economy. This article also discusses in detail the role of human capital in the context of the digitalization of the economy in the Republic of Tajikistan.

Keywords: human capital, digitalization of the economy, services, services, trade, quality of services, paid services, management, e-commerce market, online commerce.

Сармояи инсонӣ маҷмӯи нишондиҳандаҳои зеҳнӣ, дониш, солимӣ, самаранокии меҳнат ва сифати зиндагӣ буда, омили муҳими рушди иҷтимоӣ-иқтисодии ҳар давлат ба ҳисоб меравад. Ба назари муҳақиқон мафҳуми “сармоя” дар шароити имрӯза хело васеъ истифода мегардад. Мохияти ин категорияи иктисодиро ба назар гирифта, хусусиятхои асосии онро нишон додан лозим аст:

Дар иптидо, ҳамчун захираи маҳдуди иктисоди мебошад; дуюм, онро ҷамъ кардан мумкин аст; сеюм, он дорои дараҷаи бештар ё камтари пардохтпазирӣ; чорум, арзиши такрористеҳсолшуда; панҷум, ин хароҷотест, ки арзиши изофаро ба вуҷуд меорад [10; 2]. Вобаста ба дарки мафҳуми сармоя, ки В.В.Радаев дар асоси таҳлилҳои воқеъи иброз доштааст, мо онро мафҳуми аз ҷиҳати илмӣ асоснок карда шуда мешиносем, ки, ҳамчун захираи иқтисодии андӯхташуда ба равандҳои такрористеҳсол ва афзоиши арзиш тавассути табдили мутақобилаи маблағҳои гуногуни он дохил мешавад, мебароем».

Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ аз 23 декабри соли 2022 таъкид ба амал оварда шудааст, ки “ғамхорӣ кардан ба илму маориф, яъне ҳалли масъалаҳои дар ин самт ҷойдошта – сармоягузорӣ ба хотири рушди неруи инсонӣ мебошад. Маҳз ба ҳамин хотир, мо дар сиёсати иҷтимоии давлату Ҳукумат рушди бонизоми соҳаи маориф, мақому манзалати

омӯзгор ва фароҳам овардани шароити мусоиду беҳтарро барои наврасону ҷавонон яке аз самтҳои афзалиятнок дониста, барои рушди ин соҳаи муҳимми низоми иҷтимоӣ ҳамаи чораҳои заруриро роҳандозӣ карда истодаем” [9].

Ба рушди иҷтимоию иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон махсусан, амалӣ намудани стратегияҳо, барномаҳои дарозмуддат ва миёнамуҳлати кишвар мусоидат мекунад.

Дар ин сурат давлат бояд аз тамоми иқтидори мавҷуд буда, оид ба таъмини хизматрасонӣ дар ҳама ҷо, дар ҳар вақт, бе таъхир ва барои ҳама баробар дастрас будан, корҳои амалиро анҷом диҳад [13].

Сармояи иҷтимоӣ дорои моликияти беназири баланд бардоштани самаранокии захираҳои сармоягузорӣ ва ба даст овардани натиҷаҳо аз сармоягузорӣ ба сармояи ҷисмонӣ, инсонӣ ва дигар шаклҳои сармоя мебошад. Ҳамин тариқ, сармояи иҷтимоӣ бо чунин намуди сармоя, ба монанди сармояи инсонӣ, зич алоқаманд аст. Категорияи «сармояи инсонӣ» дар доираи назарияи иқтисодии неоклассикӣ ба муомилоти илмӣ ворид карда шуд [2; 86-87].

Сармоя, - омили муҳими рушди истеҳсолот ва иқтисодиёт маҳсуб ёфта, татбиқи он дар рушди тамоми соҳаҳо, аз ҷумла саноатикунонӣ, ки ҳадафи чоруми стратегии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, аҳамияти хосса дорад.

Нелсон Мандела, аввалин президенти Африқои Ҷанубӣ чунин суханро дар ёдошташ сабт кардааст: «Маориф муҳаррики бузурги рушди шахсият мебошад. Малҳз ба воситаи илму дониш духтари деҳқон табиб шуда метавонад, писари шахтиёр роҳбари кони шахта инчунин, фарзанди коргарони оддӣ президенти давлати бузург шуда метавонад. Ин як чизе ҳаст, ки мо ба даст меорем на он чизе, ки ба мо дода шудааст, ки инсонро аз дигаре фарқ менамояд» [16].

Дар шароити имрӯза, сармоягузорӣ ба инсон аз ҳарвақта бештар маънои иқтисодӣ дорад. Сармояи инсонӣ, яъне дониш, малака ва саломатӣ, ки одамон дар тӯли умри худ ҷамъ мекунанд, ба ҳисоби миёна тақрибан 68% сарвати умумии кишварро ташкил медиҳад. Дар воқеъ, ҳар қадаре ки кишвар ба мардуми худ сармоягузорӣ кунад, ҳамон қадар дар ивазаш таъмини рушди устувори мамлакатро таъмин менамояд. Тадқиқотҳо нишон медиҳанд, ки танҳо як доллари изофӣ барои таҳсилоти ибтидоии кӯдакон барои иқтисоди миллӣ 6-17 доллари ИМА даромад меорад.

Индекси сармояи инсонӣ (ИСИ) як нишондиҳандаи байналмилалӣ мебошад, ки ҷузъҳои асосии сармояи инсониро дар кишварҳои гуногун арзёбӣ мекунад [17]. Муҳимияти масъалаи мазкур дар он зоҳир мегардад, ки дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 барои рушди сармояи инсонӣ афзалиятҳои зиёде, ба монанди ислоҳоти низоми маориф ва илм, таъмини солимии аҳолӣ дар чорчӯбаи сифати зиндагӣ, таҳкими ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, баланд бардоштани арзишҳои фарҳангии рафтор, ташаккули муҳити мусоид барои зиндагӣ ва коҳиши нобаробарии иҷтимоӣ муайян гардидааст [12].

Яъне Ҳукумати мамлакат дар раванди фаъолияти худ ба баланд бардоштани сифати рушди сармояи инсонӣ дар масъалаҳои илм, маориф, тандурустӣ, фарҳанг, муҳити зист ва шуғл таваҷҷуҳи хосса дорад. Сармояи инсонӣ ҳамчун муҳаррики пуриқтидор ба пешрафти инноватсия ва технологияҳои нав мусоидат мекунад ва бинобар ин, Ҳукумати мамлакат барои сафарбар намудани ҷавонон ба фаъолияти соҳибкориву сармоягузорӣ, татбиқи лоиҳаҳои инноватсионӣ, таҳқиқи масъалаҳои иқтисоди рақамӣ ва самтҳои дигар тадбирҳои муассир андешида истодааст. Барои истифодаи пурраи ин неруи зеҳнӣ, захираҳои иқтисодӣ, имкониятҳои васеи сармоягузорӣ ва таҳкими иқтидори содиротии мамлакати мо минбаъд низ ба ҷалби ҳарчи бештари сармояи мустақим, технологияҳои муосир ва таҷрибаи пешқадам манфиатдор мебошад.

Масъалаи рушди инноватсионии мамлакат аз сатҳи мавҷудаи сармояи инсонӣ вобаста буда, дар мадди назари роҳбарияти олии давлату Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад. Лоиҳаи Бонки Ҷаҳонӣ Дар Бораи Рушди Сармояи Инсонӣ. Таҷрибаи мамлакатҳои рушдкардаи индустриалии чаҳон нишон медиҳад, ки дар пешрафти иқтисодиёти онҳо

омили инсонӣ яке аз омилхои асосӣ аст. Маҳз одамон бо донишу малакаи баланди худ тавонистанд муъчизахои хайратоварро офаранд ва сатхи баланди технологияи иктисодиёти ватании худро таъмин намоянд. Бо ин максад ба баланд бардоштани потенсиали интеллектуалии одамон диккати аввалиндарача дода мешавад, чунки руҳияи баланди миллии мардум дар дигаргунсозиҳои накши халкунанда мебозад.

Нақшаи 1.

Индекси сармояи инсонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

Сармояи инсонӣ, якум, кобилияти ба вучуд аврдани арзиши кувваи кориро дорад, ки онро одамон хамчун музди кор мегиранд, дуюм, кобилияти ба вучуд овардани арзиши истеъмолии молро дорад, ки он талаботи истеъмолкунандагонро конеъ мегардонад ва барои хамин хам аз тарафи истеъмолкунандагон молхо харид карда мешаванд, сеюм, кобилияти ба вучуд овардани арзиши изофашударо дорад, ки он баъди ба фуруш баровардани мол хамчун арзиши иловашуда ба сохиби мол бармегардад.

Масалан, дар Тайван хар соле хазорхо чавононро ба хорича барои хондан мефиристанд ва аз онхо хамагӣ 20 фоизашон баргашта ба ватанашон меоянд [18]. Вале хукумати Тайван чудо кардани маблагро барои тайёр кардани мутахассисони баландихтисоси хозиразамон дарег намедорад, чунки хамон 20 фоизи мутахассис шуда баргашта омадагӣ хамаи харочотхои мамлакатро чандин баробар пушонида, боз фоида меоранд. Аз ин чост, ки тайванихо агар солхои 50-уми асри 20 ба хар сари ахолӣ 50 доллари америкоӣ махсулот мебаровардand, дар ибтидоӣ солхои 90- уми асри 20 бошад 6 хазор долларӣ, яъне кариб 100 баробар зиёд махсулот мебаровардагӣ шуданд. Онхо максад доранд, ки солхои 2020-ум истехсоли махсулотро ба хар сари ахолӣ ба 40 хазор доллари америкоӣ расонанд.

Бо вучуди душвориҳои молиявии давраи гузариш ба тараккӣ додани ин соҳаҳо дар Точикистон корхои зиёде карда мешаванд. Вале мутаасифона тачриба нишон медихад, ки махсусан ба илм маблагхои чудо шуда натичаҳои дилхоҳро намедихднд. Масалан, дар Точикистон ба илм 0,09% мачмуи маҳсулоти дохилӣ, дар Россия - 1,24, дар Франсия ва ШМА - 3, дар Япония - 3,39, дар Хитоӣ - 2 ва дар Исроил - 5% мачмуи маҳсулоти дохилӣ чудо мешавад.

Тачрибаи мамлакатхои тараккикарда ва руйбатараккиоварда исбот менамояд, ки танхо ва танхо дар натичаи васеъ истифода бурдани сармояи инсонӣ, ки офарандаи навтарин комёбихои илму техникаи муосир мебошад, баланд бардоштани сатхи маърифатнокии одамон пешравии чамъиятро таъмин намудан мумкин аст. Дар шароити имруза методхои нави хочагидорӣ заруранд, ки онхо бо тарзу усулхо, нигоху акидахо ва рафторхои кухнаи корбарӣ амалӣ шуда наметавонанд.

Афзоиши маблаггузорӣ ба сармояи инсонӣ ба баландбардории арзишмандии сармояи инсонӣ шароит фарохам меорад, чунки имконияти баландбардории тахассуснокии кормандон дар сохахои гунгуни хаёти чамъиятӣ ба вучуд меояд. Мутахассисони баланди тахассуснокӣ

дошта метавонанд бо технологияи баланди чавобгуӣ ба талаботи муосири инноватсионӣ буда кор кунанд.

Дар навбати аввал тайёр кардани мутахассисони ухдабаро мухим аст, то ки дар хакикат сохиби сармояи инсонии арзишманд бошанд ва аз ухдаи ичрои корхои вазифавии худ дар чараёни истехсоли молхои ракобатпазир ба хубӣ баромада тавонанд. Бинобар ин чараён ва методхои тахсил ва умуман тайёр кардани мутахассисон барои сохахои гуногуни хаёти чамъиятӣ мувофикан ба талаботи чомеа бояд ба рох монда шаванд, то ки ба кор дипломдори бехунар не, балки сохиби сармояи инсонии арзишманде биёяд, ки дар хакикат ухдабароёна вазифаи кориашро дар сатхи даркорӣ ичро карда метавонад.

Дар навбати дуюм зарур аст, ки мувофики талаботи нав ба нави истеъмолии чамъият ба истехсоли махсулоту хизматрасонихои нави ракобатпазир арзишмандии сармояи инсонии коркунон такмил дода шавад. Барои ин роххои гуногуни баландбардории тахассуснокии коркунон истифода мешаванд, ки дар натича арзишмандии сармояи инсонии онхо баланд мешавад, ба монанди аз нав тайёр кардани мутахассисон, гузарондани тахсили кутохмуддат барои аз худ кардани ягон навоварии ба вучуд омада, ташкили конференсия, семинар, мизи мудаввар, тренинг ва ба монанди инхо.

Дар навбати сеюм мухим аст, ки хар коркун мувофики сатхи арзишмандии сармояи инсониаш ва мувофикан натичаи меовардааш дар чараёни ичрои вазифаи кориаш хавасманд гардонда шавад.

Ҳамин тарик, дар шароити иктисодиёти бозорӣ сармояи инсонӣ хамчун категорияи иктисодиёти истехсолоти молӣ кобилияти ба вучуд овардани арзиш ва арзиши иловашуда мебошад. Бинобар ин баланд бардоштани арзишмандии сармояи инсонӣ имкон медихад, ки истехсоли молхои ракобатпазир афзоиш ёбад, ки онхо дорои арзиш ва арзиши иловашудаи баланд мебошанд.

Баландбардориии арзишмандии сармояи инсонӣ холатеро фарохам меорад, ки барои хавасманд гардонидани истехсолот, истеъмолот ва харчи баланд бардоштани сатху сифати некуахволии одамон шароити даркорӣ сохта шаванд.

Бе шак интернет ҷойгузини бозорҳои воқеъи гашта бо мубодилаи 28,5 трл долл дар соли 2021 пешсаф гаштааст. Мафҳуми «тиҷорати электронӣ» якчанд бахшҳои дигаро низ мутаҳид менамояд ба мисоли - EDI (Electronic Data Interchange – мубодилаи электронии маълумотҳо), почтаи электронӣ, Интернет, интранет (мубодилаи маълумоти дохилифирмавӣ), экстранет (мубодилаи иттилооти берунӣ). Бо ҳамин мазмун тиҷорати электронӣ фарогири тамоми паҳлуҳои ташкили бизнес дар Шабакаи Интернет гуфтан мункин аст.

Дар ҳисоботи иқтисоди рақамӣ 2021 (Digital economy compass 2021) омадааст, ки соли 2021, ҳаҷми гардиши савдо дар бозори тиҷоратӣ электронӣ 28,5 триллион доллярро буда, Ҷумҳурии Халқии Хитой ҳамчун бузургтарини бозори тиҷорати электронӣ дар саросари ҷаҳонӣ бо даромади 497 млрд доллар ташкил намудааст. Муввофиқи таҳлилҳо суръати афзоиши он дар ин мамлакат ҳарсолаи 14%, буда, соли 2022 то ба 959 млрд доллар ҳоҳад расид.

Тибқи маълумоти Statista Digital Economy Compass 2022, дар соли 2021 дар баъзе кишварҳои Осиёи Шарқӣ ва Ҷанубу Шарқӣ, аз ҷумла Таиланд, Чин ва Ветнам маъруфияти назаррас пайдо кардаанд. Тавре ки дар ҷадвал мебинем, Таиланд дар соли 2021 бо шумораи умумии корбарони 5,65 миллион корбартарин дар ҷаҳон дар ҷои аввал қарор гирифт. Пас аз он Бразилия бо 4,99 миллион корбар ва ИМА бо 3,81 миллион корбаранд. Бо дарназардошти шумораи аҳолии кишвар, Таиланд то ҳол дар даҳгонаи бузургтарин корбарони дигар кишварҳо пешсаф аст, ки 8,08% сокинони он дорои моликияти рақамӣ мебошанд. Ин аз Канада, ки 3,67 фоизи аҳолӣ коллекторҳо мебошанд ва Бразилия бо 2,33 фоиз ба таври назаррас фарқ мекунад.

Нақшаи 2.
Шумораи корбарон ва иштирокчиёни тиҷорати электронӣ дар соли 2021 аз рӯи кишварҳо дар ҷаҳон.



Ширкатҳое, ки дар ҷаҳон дар бахши тиҷорати электронӣ пешсаф ҳастанд бо гардиши ҳаҷми калони гардиши савдо чунин арзёби гардидаанд:

1. Amazon- арзиши ширкат 702.46 млрд. долл;
2. eBay- арзиши ширкат 2054.79 млрд. долл;
3. Walmart- арзиши ширкат 239 млрд. долл;
4. BestBuy- арзиши ширкат 50,3 млрд. долл;
5. Target- арзиши ширкат 67,4 млрд. долл;
6. Alibaba- арзиши ширкат 500 млрд. долл;
7. NewEgg- арзиши ширкат 2,3 млрд. долл;

Мувофиқи маълумоти eMarketer, портали асосӣ барои таҳқиқоти маркетинг, сатҳи миёнаи солонаи бозори тиҷорати электронӣ дар ҷаҳон тақрибан 18-20% дар як сол мебошад.

Дар Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Консепсияи ташаккули Ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 30 декабри соли 2011№ 643омадааст, ки «инфрасохтори ҳукумати электронӣ - системаҳои ба ҳам мувофиқи иттилоотӣ - технологӣ ва ба низом даровардани ҷараёнҳои маълумотро дар бар мегирад» [16].

Ҳамзамон инфрасохтори мазкур қоидаҳоеро ба худ ҳамроҳ менамояд, ки ҳамаи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ ва муассисаҳои давлатии ҷумҳурӣ ҳангоми иҷрои вазифаҳои худ, ба хусус, дар ҳолатҳое, ки ин вазифаҳо аз ҷониби якчанд мақомот дар як вақт иҷро карда мешаванд, ҳамчун дастуруламал истифода менамоянд.

Қисматҳои асосии инфрасохтор аз инҳо иборатанд:

- архитектурам (сохтори) ягонаи давлатӣ;
- гардиши воситаҳои имзои электронӣ - рақамӣ;
- ҳуҷҷатгузории электронӣ;
- савдои электронӣ;
- системаи электронии пардохтҳо;
- смарт - кортҳои қабулкунандагони хизматҳо;
- смарт- кортҳои мақомоти ҳокимияти давлатӣ;
- алоқаи мобилӣ;
- системаи моҳворагӣ;
- ҳуҷҷатҳои интерактивӣ.

Тамоюли асосии рушди тамаддуни муосир бештар такя ба иттилоот намуда, ин тамоюлро «баъдисаноатӣ», «иттилоотӣ» ном бурда ҳамчун иқтисодиёти иттилоотӣ ва ё

иқтисоди рақамӣ пазируфтаанд. Фаъолияти тиҷоратӣ дар шабакаи Интернет дар шакли байни субъектҳои бозор тариқи электронӣ сурат мегирад ҳамчун тиҷорати электронӣ метавон таъриф намуд.

Нақши ҳалкунанда дар ташаккул ва фаъолияти системаи иҷтимоию иқтисодии давлат дар маҷмӯъ ва бахусус рушди иқтисоди рақамиро шахсе мебозад, ки нақши иқтисодии вай имрӯз бо истифода аз категорияҳои «капитали инсонӣ» ба таври кофӣ тавсиф карда мешавад. ва «сармояи иҷтимоӣ». Сармояи инсонӣ дар баробари сармояи иҷтимоӣ ҳамчун омили муҳимтарини истеҳсолот эътироф карда мешавад, ки бо омилҳои «меҳнат» ва «қобилияти соҳибкорӣ» муайян карда мешавад. Муҳақиқи рус В.В Богатырев., дар мақолаи худ чунин ақидаро пеш меорад “Дар хар як системаи иктисодй одам омили асосии истехсолоти чамъиятй мебошад, вале роли вай дар процесси эволю-цияи таърихй тагьир меёбад” [3]. Дар воқеъ дар ҳамагуна низоми иқтисодӣ мавқеъи инсон асосӣ ба ҳисоб рафта, қобилияту дониш ва маҳорати вай тағйирнопазир аст.

Дар як тадқиқоте дар маҷалаи “Иқтисодиёти назариявӣ” Масюк Н.Н. ва Голованова О.С. чунин шарҳ додаанд “Мардум баранда ва созандаи донишанд” [5]. Ин аст, ки дар шароити муосир, нақши идоракунии захираҳои инсонӣ боз ҳам бештар мегардад. Таҳлили маводҳо оид ба идоракунии захираҳои инсонӣ нишон дод, ки барои тавсифи онҳо мафҳумҳои гуногун истифода мешаванд. Идеяи бархӯрд ба дониш ва қобилиятҳои одамон ҳамчун сарват - дар шакли сармояи инсонӣ решаҳои худро дар асри 18 рӯи кор овардааст. Бо вуҷуди ин, сармояи инсонӣ ғайримоддӣ ва муайян кардан душвор аст ва сарфи назар аз таърихи тӯлонии худ, то ҳол як мушкили таҳқиқ ва тавсиф боқӣ мемонад. Сармояи инсонӣ ҳамчун захираи умумии малакаҳо, сифатҳо, дониш ва таҷрибаи фард муайян карда мешавад, ки баъдан дар баланд бардоштани самаранокии истеҳсолие, ки ин фард дар он кор мекунад, нақши муҳим мебозад.

Имрӯзҳо чихеле, ки назар афканем дар ҷумҳурии мо низ фаъолияти тиҷорати электронӣ васеъ истифода шуда истодааст. Мисол, илова кардани маблағ ба телефони дастӣ, дӯкони пулгирӣ (банкамат), харидори намудани чиптаҳои ҳавопаймоӣ, марказҳои хизматрасонии маишӣ, марказҳои фароғатӣ, марказҳои савдои техникӣ ва монанди инҳоро овардан мумкин аст. Яке аз хусусиятҳои баланди тиҷорати электронӣ ин сарфа намудани вақт аст [6].

Дар шароити имрӯза, низоми менеҷменти сифатро барои ҳама гуна ташкилотҳо новобаста аз шакли моликият, ҳудуд ва доираи фаъолият таҳия кардан мункин аст. Чӣ дар соҳаи хизматрасонӣ ва чӣ дар соҳаи истеҳсолот ҳамчун роҳҳои мавҷудбуда, коркарди барномаҳои зарурӣ дар натиҷаи он маҳсулоти тайёр дар саноат ба даст оварда мешавад [7].

Дар илми иқтисод тамсилаҳои зиёде оид ба мундариҷаи категорияи «сармояи инсонӣ», ки ҷанбаҳои гуногуни ин масоилро инъикос мекунанд ба чашм мерасад. Баъзе аз он тамсилаҳо сирати умумӣ гирифта, дар шакли мактабҳои маъмули иқтисодӣ, таҳти унвонҳои офарандагонашон амал мекунанд. Масалан:

Нақшаи 3.

Назарҳо дар бораи мундариҷаи категорияи "сармояи инсонӣ"

Давра	**Намояндагон**	**Номгӯи асарҳо**	**Мазмуни асарҳо** [1]
1958	Ҷ. Минсер	Сармояи инсонӣ ҳамчун қобилияти корӣ	Сармояи инсонӣ ҳамчун маҷмӯи дониш ва таҷрибаи шахс, ки ба ӯ имкон медиҳад кор кунад.
Солҳои 1962-1980	Т. Шульц	Сармояи инсонӣ ҳамчун маҷмӯи қобилиятҳои инсонӣ (якхела ба иқтидорӣ инсонӣ)	Ҳар як шахс бо маҷмӯи инфиродии генҳо таваллуд мешавад, ки иқтидори фитрии инсонии ӯро муайян мекунад. Хислатҳои арзишмандеро, ки шахс ба даст меорад, ки онҳоро тавассути сармоягузории мувофиқ афзун кардан мумкин аст, мо онро сармояи инсонӣ

			меномем. Ҳама қобилиятҳои инсониро, ки модарзод ба даст оварда шудаанд, баррасӣ намудан лозим аст. Амволҳое, ки арзишманданд ва метавонанд бо сармоягузории мувофиқ рушд кунанд, сармояи инсонӣ хоҳанд буд.
1964–1992	Г. Беккер	Сармояи инсонӣ ҳамчун маҷмӯи донишҳои инсонӣ (фаҳми маҳдуди категория)	Сармояи инсонӣ маҷмӯи дониш, таҷриба, малакаи шахсест, ки аз доштани он ӯ метавонад баҳрабардорӣ кунад.
2002	С. Фишер	Сармояи инсонӣ - қобилияти шахс барои ба даст овардани даромад	Сармояи инсонӣ ченаки қобилияти ба даст овардани даромадест, ки дар шахс таҷассум ёфтааст. Сармояи инсонӣ қобилият ва истеъдоди модарзод, инчунин маълумот ва тахассусҳои бадастомадаро дар бар мегирад.
2009	Корчагин Ю.А.	Консепсияи «капитали инсонӣ» (консепсияи васеъ)	Сармояи инсонӣ маҳорати касбӣ, зеҳнӣ, дониш, меҳнати босифат ва сермахсул ва сифати зиндагӣ буда, рушди фарҳанг, санъат, илм, маорифро дар назар дорад.
2010	Красина О. Нестеров А.К.	Сармояи инсонӣ ҳамчун дороиҳои истеҳсолӣ	Сармояи инсонӣ маҷмӯи омилҳои зерин мебошад: сифатҳое, ки шахс ба кори худ меорад: интеллектуалӣ,мусбат, эътимоднокӣ, фидокорӣ; қобилияти омӯзиши шахс: истеъдод, тасаввурот, шахсияти эҷодкор, заковат («чӣ тавр кор кардан»); ҳавасмандии шахс барои мубодилаи иттилоот ва дониш: рӯҳияи даста ва самти ҳадаф.

Тамсилаҳои мазкур, ки аз ҷониби аксарият эътироф гардида, ҷонибдорӣ карда мешаванд баштар таҳти мактабҳои неоклассикӣ машҳур мебошанд. Дар шароити имрӯза қисми зиёди ин омилҳо бо воситаи таҳлилҳову тадқиқотҳо тамсилабандӣ карда шудаанд.

АДАБИЁТ

1. Архангельская Л.Ю. Проблемы количественного измерения человеческого капитала (институциональный уровень) // Россия: тенденции и перспективы развития. 2021. №16 URL: https://cyberleninka.ru/article/n/problemy-kolichestvennogo-izmereniya-chelovechesko go-kapitala-institutsionalnyy -uroven (дата обращения: 04.12.2022).
2. Беккер, Г. Человеческий капитал (главы из книги) / Г. Беккер // США: экономика, политика, идеология. – 1993. – № 11. –С. 107–119; № 12. – С. 86–104.
3. Богатырева В. В. Роль социального и человеческого капиталов в формировании и функционировании социально-экономической системы государства // Экономическая наука сегодня. 2020. №11. URL: https://cyberleninka.ru/article/n/rol-sotsialnogo-i-

chelovecheskogo-kapitalov-v-formirovanii-i-funktsionirovanii-sotsialno-ekonomicheskoy-sistemy-gosudarstva (дата обращения: 04.12.2022).
4. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Консепсияи ташаккули Ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 30 декабри соли 2011 № 643 [Захираи электронӣ]. – Реҷаи дастрасӣ: http://maorif.tj/storage/Dokument %27s/Barnomaho/ 6675e4fc7e70b56b2ad8e190dfa 75259.pdf (санаи вуруд: 22.04.22).
5. Масюк, Н.Н. Теоретико-методический подход к управлению человеческим капиталом в контексте требований цифровой эпохи / Н.Н. Масюк, О.С. Голованова. - DOI 10.52957/22213260_2021_10_71. - Текст: электронный // Теоретическая экономика. - 2021 - №10. - С.71-85. - URL: http://www.theoreticaleconomy.ru (дата обращения: 14.11.2023).
6. Машокиров, Ҷ. Н. Тиҷорати электронӣ ва мавқеъи он дар рушди иқтисоди рақамӣ / Ҷ. Н. Машокиров, З. С. Султонов // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2020. – No 2(31). – P. 22-29. – EDN CPOQTD.
7. Машокиров Ҷ. Н. Низоми менеҷменти сифат: моҳият, сохтор, хусусиятҳои татбиқи он дар бозори хизматрасониҳои таълимӣ / Ҷ. Н. Машокиров // Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. – 2021. – No 1(35). – P. 67-72. – EDN XDVBGB.
8. Назарияи иқтисодӣ. Қисми микроиқтисод / Бобокалони Исомат, Маҳбубаи М., Машокиров Ҷ., Туйчиқулов З. - ISBN 978-99975-666-8-3. -Душанбе: ИРФОН, 2022. -321 с.
9. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23.12.2022с. ш. Душанбе.
10. Радаев, В. В. Понятие капитала, формы капиталов и их концепция / В. В. Радаев // Экономическая социология. – 2002. – №2. – С. 20 – 32.
11. Свободной, энциклопедия Индекс человеческого развития / энциклопедия Свободной. -Текст: электронный // Материал из Википедии: [сайт]. — URL: https://ru.wikipedia.org (дата обращения: 21.12.2022).
12. Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030.- Текст: электронный // Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон: [сайт]. - URL: http://mmk.tj. (дата обращения: 23.12.2022).
13. Холматов, М. М. Некоторые особенности организации цифровой экономики Таджикистана / М. М. Холматов // Таджикистан: экономика и управление. – 2020. – № 2. – С. 76-83. – EDN UQNNHW.
14. Digital Economy Compass [Захираи электронӣ]. – Реҷаи дастрасӣ: http://static2 .statista. com/download/pdf/Digital_Economy_Compass_2018_print.pdf (санаи вуруд: 25.04.21).
15. Global B2C Ecommerce Sales to Hit $1.5 Trillion This Year Driven by Growth in Emerging Markets. Asia-Pacific leapfrogs North America to become world's largest regional ecommerce market [Electronic resource]. — Mode of access: http://www.emarketer.com /Article/GlobalB2C-Ecommerce-Sales-Hit-3615-TrillionThis-Year-Driven-by-Growth-EmergingMarkets/1010575 (санаи вуруд: 20.04.21).
16. Human capital at work The value of experience / Madgavkar Anu, Schaninger Bill, Smit Sven [и др.]. — : The McKinsey Global Institute (MGI), 2022. — 104 с.
17. James Mohammad Mallah features of the functioning of human capital indeveloping countries // ЕГИ. 2022. №41 (3). URL: https://cyberleninka.ru/article/n/features-of-the-functioning-of-human-capital-indeveloping-countries (дата обращения: 20.12.2022).
18. Yih-Chyi, Chuang, National, Chengchi// The Role of Human Capital in Economic Development: Evidence from Taiwan / Chuang, National, Chengchi Yih-Chyi. — Текст: электронный // ResearchGate GmbH.: [сайт]. - URL: https://www.researchgate.net/ publication/229969974_The_Role_of_Human_Capital_in_Economic_Development_Evidence_from_Taiwan (дата обращения: 20.12.2022).

УДК 004

Муртазоқулов М. Р.

ТАШАККУЛИ ТЕХНОЛОГИЯҲОИ ИТТИЛООТИЮ ҲИСОББАРОР ДАР ТОҶИКИСТОН

Дар мақолаи илмӣ муаллиф кушиш намудааст рушди муосири технологияҳои иттилоотию телекоммуникатсионӣ ва мисоли таҳлилу ташаккули онро дар Тоҷикистон рӯи қоғаз орад. Ҳамин гуна, мақолаи мазкур ба таҳлили нақши технологияҳои иттилоотӣ коммуникатсионӣ дар ҳаёти ҷамъиятӣ ва рушди иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон равона карда шудааст. Ба ғайр аз ин мақола ба омӯзиши натиҷаҳои ташаккул ва рушди бозори захираҳои иттилоотӣ дар ҷумҳурӣ равона шудааст. Дар мақолаи мазкур ҷорӣ намудан ва паҳн кардани технологияҳои телекоммуникатсионӣ инчунин технологияҳои рақамӣ нишон дода истодааст. Бояд иброз дошт, ки бо истифода аз технологияҳои иттилоотӣ мо ҳама имкониятҳои ба қуллаи баландтарини рушди иқтисодӣ расиданро дорем.

Вожаҳои калидӣ: иттилоот, захираҳои иттилоотӣ, иттилоотикунонӣ, инноватсия, технология, телекоммуникатсия, муосир.

Муртазокулов М. Р.

РАЗВИТИЕ ИНФОРМАЦИОННО-ВЫЧИСЛИТЕЛЬНЫХ ТЕХНОЛОГИЙ В ТАДЖИКИСТАНЕ

В научной статье автор привёл пример анализа формирования информационно телекоммуникационных технологий в Таджикистане и его современного развития. Также в статье анализируется роль информационно-коммуникационных технологий в развитии экономики и общественной жизни Республики Таджикистан. Кроме этого в статье рассматриваются результаты формирования и развития рынка информационных ресурсов в республике. В данной статье показано внедрение и распространение телекоммуникационных технологий, а также цифровых технологий. Нужно отметить что с помощью новых информационных технологий мы имеем все шансы достичь высот экономического развития в стране.

Ключевые слова: информация, информационные ресурсы, информатизация, инновация, вычислительные технологии, современный.

Murtazokulov M. R.

DEVELOPMENT OF INFORMATION AND COMPUTATION TECHNOLOGIES IN TAJIKISTAN

The article deals with such tasks as the active use of information resources in all spheres of human life. It also provides examples of development, the situation and the need for the usage of information technology in modern society. This article shows the introduction and spread of telecommunication technologies as well as digital technologies. Such terms are considered as: information, informatization, information system, protection of information resources and stages of their use and processing.

Key words: information, information resources, informatization, innovation, technologies, telecommunications, modern

Дар замони ҳозира мо шоҳиди тадбиқи васеи техналогияҳои иттилоотӣ – телекоммуникатсионӣ ба ҳаёти ҷомеаи муосир мебошем. Агар дар солҳои аввали пайдоиш технологияҳои компутерӣ асосан барои иҷроиши ҳисобкуниҳои мураккаби илмӣ истифода шуда бошанд, ҳоло компутерҳо дар корҳои марбут ба нигоҳдорӣ, коркард ва пешкаш намудани иттилоот ба намуди зарурӣ вазифаи асосиро иҷро менамоянд. Новобаста аз фаъолият технологияҳои иттилоотӣ барои донишҷӯён, муаллимон, муҳосибон ва умуман кормандону мутахассисони ташкилоту муассисаҳои гуногун воситаи зарурии корӣ гаштааст.

Дар шароити муосир технологияҳои иттилоотӣ дар ҳамаи соҳаҳо татбиқ шуда истодаанд ва табиист, ки соҳаи таълим низ аз он дур наменомад. Компютерикунонии ҷараёни таълим дар умум ба самаранокии он таъсири баланд мерасонад. Технологияҳои иттилоотии нав имкониятҳои калони таълимиро нафақат ба омӯзгорон, балки ҳамчунин ба таълимгирандагон низ пешниҳод намуда, ба рушди имкониятҳои эҷодии онҳо мусоидат менамояд ва ҷараёни таълимро пурмаҳсул мегардонад [3].

Рушди иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъол будани ҷомеаи таълимиро доир ба таҳлил ва коркарди пешниҳоди нав дар шароити рақамикунонии макотиби олии касбиро тақозо дорад [6]. Барои қафо намондан аз равандҳои минбаъдаи иттилоотонӣ ва рақамикунонӣ дар маорифи ҷумҳурӣ ин ҳолатро ба инобат гирифтан зарур аст.

Давраи нави мубодилаи иттилоот пас аз ихтироъ намудани воситаҳои нашриётӣ оғоз мегардад. Бо шарофати таҷҳизоти чопӣ, ки дар миёнаҳои асри XV тартиб дода шудааст, иттилоот ба миқдори зиёди одамон дастрас мешавад. Чунин воситаҳои ибтидоии паҳнкунандаи иттилоот барои баланд бардоштани сатҳи саводнокии аҳолӣ, тараққиёти илму маориф ва истеҳсолот такони бузург медиҳад. Ҳалли масъалаи идоракунии иттилоот пас аз ихтироъи мошинҳои электронии ҳисоббарор – компутерҳо имконпазир мегардад, ки суръати коркарди иттилоот ва автоматикунонии онро якчанд маротиба баланд бардоштанд.

Тӯли солҳои зиёд аст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон раванди иттилоотонӣ ва татбиқи лоиҳаҳои хеле умедбахш оид ба ҷори намоии технологияҳои муосири иттилоотӣ ва коммуникатсиониро дар ҳама соҳаҳои фаъолияти инсонӣ ҷори намуда истодааст ва бо истифода аз усулҳои инноватсионӣ он рӯ ба инкишоф мебошад. Корҳои васеъмиқёс дар ин самт, пеш аз ҳама, ба баланд бардоштани самаранокии ислоҳоти иҷтимоию иқтисодӣ ва демократӣ нигаронида шудаанд.

Таъсири технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ба рушди иқтисодиёти миллӣ чунин амалӣ мешавад. Дар ибтидо, саҳми технологияҳои нав ба рушди иқтисодӣ бо роҳи такмилдиҳии воситаҳои истеҳсолот ва ивазшавии технологияҳои анъанавӣ муайян карда мешавад, ки он ба афзоиши сохтори органикии сармоя, афзоиши ҳосилнокии меҳнат ва ташаккули самараи азнавсозӣ ва такмили равандҳои истеҳсолӣ оварда мерасонад. Дар марҳилаи навбатӣ натиҷаи таъсири онҳо ба бозорҳои молиявӣ ба назар мерасад. Дар марҳилаи сеюм омилҳое ҳастанд, ки ба паҳншавии босуръати технологияҳои нав мусоидат мекунанд, ки таҳти таъсири онҳо дар ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёт тағиротҳои фаъол ба амал меоянд.

Ҳамзамон, технологияҳои иттилоотӣ коммуникатсиоӣ дар муқоиса бо технологияҳои анъанавии қаблӣ бо як қатор хусусиятҳо фарқ мекунанд, ки таъсири онҳо ба рушди иқтисодиёт ва рушди иқтисодиёти миллӣ тамоман гуногун аст. Пеш аз ҳама, ин сифати паҳншавии глобалии технологияҳои иттилоотӣ коммуникатсионӣ мебошад - онҳо дар аксарияти соҳаҳо истифода мешаванд, ки маҳсулнокӣ ва таъсирбахшанд. Кишварҳои рӯ ба тараққӣ тавсия медиҳанд, ки аз ин гуна технологияҳо дар соҳаи идоракунӣ бештар истифода намоянд. Инчунин бояд ба назар гирифт, ки технологияҳои иттилоотӣ коммуникатсионӣ дар соҳаи хизматрасониҳо (бонкӣ, молиявӣ, консалтингӣ, маркетингӣ ва ғайра) низ фаъолона истифода шаванд, зеро ингуна технологияҳо дар сохтори иқтисодиёти кишварҳои ғарбӣ бартарӣ доранд.

Вазифаи муҳим дар ин масъала, ҷори намудани системаҳои муосири автоматикунонии хизматрасониҳои коммуналӣ ва ташкили баҳисобгирӣ дар ин соҳа мебошад. Ҷорисозии технологияҳои иттилоотӣ коммуникатсионӣ имкон медиҳад, ки системаи манзилию коммуналӣ барои ҳама иштирокчиёни он шаффоф гардад, манбаъҳои асосии талафот муайян карда шаванд ва барои ислоҳоти босифати соҳа замина фароҳам оварда шавад. Рушд ва нақши коммуникатсияҳои муосир дар табдил додани иқтисодиёти Тоҷикистон ба иқтисоди коммуникатсионӣ баррасии тамоюлҳо ва дурнамои рушди глобалии технологияҳои иттилоотӣ коммуникатсиониро талаб мекунад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз субъектҳои иқтисодиёти ҷаҳонӣ мебошад ва дар шароити ҷаҳонишавӣ хусусиятҳои сифатии ин равандро қабул мекунад. Яке аз қуввaҳои пешбарандаи равандҳои ҷаҳонишавӣ ин истеҳсолот, паҳнкунии манбаъҳо (захираҳои иттилоотӣ) ва технологияҳои иттилоотӣ мебошад. Дар ин замина, бозори маҳсулоти иттилоотӣ ташаккул ёфта метавонад.

Дар натиҷаи ташаккул ва рушди бозори захираҳои иттилоотӣ ва бахусус иттилооти электронӣ, тақсимоти меҳнат боз ҳам амиқтар гардид, ташкилотҳо ва муассисаҳое, ки ба хадамоти иттилоотӣ ва фурӯши маҳсулоту хидматҳои иттилоотӣ сару кор доранд, бештар рӯ ба тараққиёд овардаанд.

Дар айни замон, бо таъсиси шабакаҳои милливу ҷаҳонии интиқоли иттилооту додаҳо, бозори ҷаҳонӣ ва миллии захираҳои иттилоотӣ тавсеа (васеъ ё худ вусъат) меёбад. Суръатбахшии ин равандҳо бо афзоиши қобилияти технологияҳои компютерӣ ва пайдоиши технологияҳои инноватсионӣ дар соҳаи иттилоот амали мешуд, ки сифати маҳсулоти иттилоотӣ ва хизматрасониҳои иттилоотиро ба таври куллӣ беҳтар карданд. Хусусан бо пайдоиши имконияти дастрасӣ ба муколамаи муштариён ба пойгоҳи додаҳои дурдаст (дар реҷаи on-line) имкониятҳо ва аҳамияти иқтисодии захираҳои иттилоотӣ афзоиш меёфтанд. Зеро технологияҳои муосири иттилоотӣ ва васеъ шудани миқёс ва сифати захираҳои иттилоотӣ, ҳосилнокии меҳнатро на танҳо дар соҳаи иттилоот, балки дар бахшҳои гуногуни иқтисодиёт низ афзоиш медиҳад.

Дар шароити муосир, бозори захираҳои иттилоотӣ қариб дар тамоми кишварҳои дунё амал мекунад, аммо он аз ҷиҳати рушд ва таъсирбахшӣ дар ҳама кишварҳо гуногун мебошад. Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо нав ба остонаи индустриализатсия ва иттилоотикунонӣ ворид мешавад.

Бояд қайд кард, ки омилҳои манфии асосӣ, ки ба ташаккули рушди бозори захираҳои иттилоотӣ дар Тоҷикистон пас аз пошхӯрии ИҶШС таъсир мерасонданд, инҳоянд:

- несту нобуд кардани заминаи техникӣ ва технологии онҳо;
- набудани марказҳои ҷаҳонишавӣ ва телекоммуникатсия ;
- сифати пасти хизматрасониҳои телекоммуникатсионӣ;
- дар маҷмӯъ, таъмини пасти ширкаткунандагони бозори воситаҳои коркарди электронии маълумот.

Ғайр аз он, тахассуси номуносиби меҳнатии онҳое, ки дар истеҳсол ва тақсимоти захираҳои иттилоотӣ, дар соҳаҳои марбута кор мекунанд, мушкилоти мушаххас буд.

Инфраструктураи рушди воситаҳои телекоммуникатсионӣ, шабакаҳои компютерӣ ва алоқаҳои моҳворавӣ дар ҷумҳурӣ нав ба ташаккул шурӯъ менкунад. Масалан, аз рӯи маълумоти расмӣ, дар аввали соли 2015 ҳиссаи истгоҳҳои муосири баландсуръати рақамӣ танҳо 15,5% иқтидори РВХ-ро ташкил доданд. Дар аввали соли ҷорӣ, ҳиссаи истгоҳҳои рақамӣ 10-12% -и шумораи МХБ-ро ташкил дод ва қобилияти онҳо барои пешниҳоди хизматрасониҳои нав хеле кам истифода мешавад, зеро истгоҳҳо ба ҳам алоқаманд нестанд. Ҳатто дар Душанбе, ба гуфтаи коршиносон, сатҳи татбиқи шабакаҳои муосири телефонҳои рақамӣ дар аввали соли 2015 камтар аз 15% буд. Ҳамзамон, дар кишварҳои пешрафтаи саноатӣ шабакаҳои рақамии телефонӣ истифода мешаванд[1].

Имрӯзҳо ҳиссаи технологияҳои иттилоотӣ коммуникатсионӣ дар иқтисодиёти Тоҷикистон 2,5% ташкил медиҳад, дар Русия аз 6,5% ва дар аксари кишварҳои пешрафта

10-15% аст. Дар айни замон, саҳми соҳаи технологияҳои иттилоотӣ коммуникатсионӣ дар байни бештар аз 500 ширкати бузургтаринӣ ҷаҳонӣ 19% ва дар якҷоягӣ бо дигар соҳаҳои технологияи баланд 29% -ро ташкил медиҳанд. Иқтисодиёти оянда воқеан ба номи "инфономика" сазовор аст, зеро имрӯз қариб сеяки арзиши он дороиҳои ғайримоддӣ, моликияти зеҳнӣ, маҳсулоти иттилоотӣ ва хизматрасонӣ мебошанд.

Яке аз технологияҳои наве, ки дар шароити имрӯза бештар истифода бурда шуда истодааст, ин “таълими мобилӣ” буда, имконияти истифодаи маълумоти таълимиро аз таҷҳизоти рақамии фардӣ (смартфонҳо, планшетҳо ва ғ.) медиҳад.

Дар онлайн-курсҳо омӯзгорон аз якчанд намуди технологияҳо истифода мебаранд. Ин технологияҳо аз воситаҳое иборатанд, ки онҳо ба омӯзгор имконияти балоиҳагирии курсҳои таълимӣ ва ҷойгиркунии онҳоро ба шабака таъмин менамоянд. Ҳамзамон, дар таълими рақамӣ низоми таълими электронии «Elearning» хеле самаранок истифода бурда шуда истодааст, ки дар худ замимаҳо ва равандҳои мухталифро доро буда, ба донишҷӯён имконияти истифодаи маводҳои таълимиро медиҳад [2].

Солҳои охир дар байни онлайн-технологияҳо нақши муҳимро технологияи “бозиҳо (геймификатсия)” соҳиб шуда истодааст, ки он бо мақсади дидактикӣ истифода мешавад. Дар он механизмҳое, ки дар видеобозиҳо истифода мешавад, татбиқ карда шудааст. Яке аз вариантҳои ин технологияҳо вебквестҳо ба ҳисоб меравад. Вебквестҳо имкон медиҳад, ки захираҳои Интернет ва технологияҳои рақамӣ дар раванди таълими донишгоҳ истифода шуда, тавассути онҳо салоҳиятнокии тахассусӣ босамар ташкил карда шавад. Ин технология имкон медиҳад, ки кори илмию таҳқиқотии донишҷӯён ташкил ва ба роҳ монда шавад.

Истифодаи технологияи веб-квест ба муаллимон имкон медиҳад, ки масъалаҳои зерин ҳал карда шавад: баландбардории шавқу рағбат, зиёдкунии дастовардҳои таълимӣ, истифодаи визуализатсияи графикӣ дар таълим, ташаккули фарҳанги иттилоотӣ, ҳалли масъалаҳои эҷодӣ, оптималикунонии фаъолияти таълимӣ. Ҳангоми татбиқи барномаҳои таълимӣ дар доираи муҳити рақамии таълимӣ “технологияи 1:1” истифода мешавад, ки вай таълими инклюзивиро бо таъмин намудани ҳар як донишҷӯ бо воситаҳои техникии таълим (компютер, ноутбук, планшет) дар назар дорад.

Стратегияи рақамикунонии таълим технологияҳои инноватсионии пешрафта, аз қабили тафаккури сунъӣ, блокчейн ва воқеияти виртуалиро дар назар дорад. Тафаккури сунъӣ – ин технологияест, ки ҳангоми ҳалли вазифаҳои “интеллектуалӣ” истифода мешавад ва ҳамаи коркардҳои он барои шинохтани нақшҳо, низоми мошинии тарҷима ва низомҳои автоматии идоракунӣ равона шудаанд. Дар таълим бошад барномаи омӯзишие истифода мешавад, ки сохтори интерактивӣ ва тафаккурии барои омӯзгор хос бударо пурзӯр мекунад.

Дар айни замон, технологияҳои иттилоотӣ, дар ин ё он шакл қариб тамоми соҳаҳои ҳаёти инсонро фаро гирифта истодаанд. Иқтисодиёти ҷаҳони рӯз аз рӯз ба майл ба фазои Интернетӣ дорад. Пас аз ворид намудани нахуст домен дар кишвар миқёси фарогирии технологияҳои иттилоотӣ танҳо афзуда истодааст. Дар шароити ҷаҳонишавии иқтисодиёт рақобатпазирии минтақа ё кишвар дар маҷмӯъ бо дараҷаи азхудкунӣ ва амалан истифоданамоии технологияҳои иттилоотӣ муайян карда мешавад.

Аз рӯзҳои аввали бадастории Истиқлолияти давлатӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи иттилоот, дар миқёси миллӣ дигаргуниҳои васеъ татбиқ карданро шӯрӯъ намуд, ки он ба рушди минбаъда ва татбиқи васеи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ ва интернетиро дар ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёт мусоидат менамояд.

Барои рушди иқтисодиёти кишвар бояд Web-порталҳо ва сомонаҳои гуногуни интернетӣ дастрасии намудҳои маҳсулоти хушсифат ва гуногунро барои мизоҷон бояд дастраст бошад.

Инчунин Web-порталҳо ва Web-сомонаҳо бояд маҳсулотҳои нав пешкаш намояд: оиди истифодабарии ҳар як маҳсулот маълумоти муфассал пешниҳод намояд;

- ба ҳар як истифодабаранда имконияти дастрасшавиро дорад;
- ташкил ва шарҳдиҳи байни истифодабарандагони портал оиди маҳсулотҳои нав;
- таъмин намудани истифодабарандагон бо барномавии мобилӣ ва ғ.

Бояд қайд, ки дар рушди иқтисодиёти миллӣ истифодаи технологияҳои инноватсионӣ муҳити беҳтарин аст. Дар ин ҷода, барои фаъолияти самарабахш ва устувори субъектҳои иқтисодии ҷумҳурӣ дар шароити нав зарур аст, ки технологияҳои пешрафтаи иттилоотӣ барои муайян кардани захираҳои дохилии онҳо, ҷалби сармояҳои хориҷӣ, инчунин таҷдиди сохторҳои ташкилӣ ва идоракунии низоми идоракунӣ заруранд.

Гузариши иқтисодиёт ба фазои Интернетӣ боиси пайдоиши чунин як мафҳуми нав гардид, ки он “Иқтисодиёти интернеӣ” аст. Иқтисодиёти интернетӣ ин ситемаи шабакавиест, ки ташкили бисёрсатҳаи сохтори муносибатҳо дар шабакаҳои Интернет байни агентҳои иқтисодӣ мебошад, ки аз ҷумла он дар худ саноати ташкилнамоии технологияҳои иттилоотии нав ва масолеҳҳои информатсиониро дар бар мегирад, ба ғайр аз он хизматрасониҳои телекоммуникатсиониву провайдерӣ, тиҷорати электронӣ, бозорҳои электронӣ, бирджаҳои электронӣ, телебонкингҳо, корҳои шабакавӣ ҳамчунин ҷузъҳои дигаре, ки мутобиқи ҳадафҳои мушаххас ва меъёрҳои иҷрои он таҳия карда мешаванд, ба ин ҳайат дохил карда мешаванд [2].

The article deals with the use of merchandising tools at retailers. The objects of the study were the Guliston stores located in the cities of Vahdat and Tursunzade. The development of merchandising is significantly influenced by many factors, such as the breadth of the assortment, the quality of the trading service, the placement and display of goods, the preference of buyers when visiting stores, information that assists in choosing goods, motives that encourage buyers to stay longer on the trading floor and etc., which were identified during a questionnaire survey of store employees and visitors. The factors of influence of merchandising on the sales volumes of certain groups of goods in the studied stores were also considered.

Key words: retailers, merchandising, development factors, sales volume, trading floor, goods, merchandising activities, customers, quality of service.

Дар шароити иқтисодиёти бозорӣ корхонаҳои истеҳсолию соҳаи савдо, барои рушди фаъолияти худ ва мунтазам ба даст овардани фоида, ба фурӯши мол таваҷҷӯҳи хос дода, барои офаридани низоми мукаммал ва устувори пешбарии маҳсулот ҷидду ҷаҳди зиёд сарф мекунанд. Дар сурати таҳияи оқилонаю босифати стратегияи маркетингӣ, ширкат ба натиҷаҳои баланди фурӯш ноил шуда, аз ин рӯ фоидаи зиёд ба даст оварда метавонад. Бо дарназардошти рақобати шадид, корхонаҳои истеҳсолию савдоро, барои пешбарии мол дар бозор, бояд фаъолияти пайваста ва фаъол гузаронд. Дар ин ҷода яке аз самтҳои афзалиятноку инноватсионӣ дар рушди тиҷорат - мерчендайзинг [1,2] мебошад.

Яке аз ҳадафҳои асосии корхонаҳои савдои чакана зиёд кардани шумораи харидорони мағозаҳо мебошад. Дар ҳолати дуруст истифода бурдани усулҳо, принсипҳо ва

воситаҳои мерчендайзинг, ширкатҳо метавонанд таваҷҷӯҳи истеъмолкунандагонро ба молҳои худ ҷалб намуда, онҳоро ба хариди молҳо ҳавасманд кунанд, новобаста аз он, ки ин харид ба нақша гирифта шудааст ё не [3]. Яке аз чорабиниҳои мерчендайзинг ин тавасути таъсири психологии реклама, ҷалб намудани харидорони имконпазир ба мағоза мебошад. Аз ин рӯ, ҷолибу дилкаш будани намуди зоҳирии берунаи мағоза, яъне экстерери мағоза аҳамияти калон дорад. Пас аз ворид шудани мардум ба мағоза, ҳарчӣ бештар онҳоро бояд тавассути чорабиниҳои мерчендайзинг дар толори фурӯш нигоҳ дошт. Ҳарчиқадар харидори имконпазир дар толор бештар вақт гузаронад, ҳамон қадар имконияти харид кардани ӯ зиёд аст.

Шумораҳои бисёри корхонаҳои савдои чакана дар шароити муосир рақобатро пуршадид мегардонад, аз ин лиҳоз мушоҳидаву гузаронидани тадқиқот оид ба масъалаи ҷорӣ намудани чорабиниҳои мерчендайзингӣ дар корхонаҳои савдои чакана мубрам аст.

Бо мақсади ҷорӣ намудани технологияи мерчендайзинг ду корхонаи савдои чакана бо номи “Гулистон”, воқеъ дар шаҳрҳои Турсунзода ва Ваҳдат интихоб шуд. Тадқиқот дар мағозаҳо бо самтҳои зерин, гузаронида шуд:

- омӯзиши корхонаҳои савдои чаканаи алоҳида;
- назарсанҷии кормандони мағоза, оид ба истифодаи мерчендайзинг дар нуқтаҳои фурӯши мазкур;
- назарсанҷии истеъмолгарон, оид ба таъсири чорабиниҳои мерчендайзинг ба қарори хариди онҳо.

Масоҳати корхонаҳои савдои чаканаи тадқиқшуда 150м^2 ташкил намуда, номгӯи молии васеи универсалӣ доранд. Мағозаҳо бо таҷҳизоти технологӣ ва терминалҳои хазинавии муосир муҷҳазонида шудаанд. Кормандони мағозаҳо бо либоси махсуси ягона ба истеъмолгарон хизматрасонӣ менамоянд.

Дар мағозаҳои тадқиқшуда ба истеъмолгарон, оид ба фурӯши молҳо хизматрасониҳои зерин пешкаш мешаванд: пешкаши иттилоот оид ба хусусиятҳои молҳо аз ҷониби машваратчиҳо, гузаронидани иқдомҳои рекламавӣ, баркашӣ ва борпечкунии молҳо, нигоҳдории бокафолати молу анҷомҳои харидорон, ҳисоби пардохтҳои истеъмолгарон барои молҳо, инчунин дар мағозаҳо овезаю ишораҳо, барои роҳнамоӣ истеъмолгарон ва ҳарчи бештар қуллай гардонидани раванди харид пешбинӣ шудаанд.

Дар натиҷаи омӯзиши мағозаҳо, муайян шуд, ки мавзеи гирду атрофи корхонаҳо мумфаршшуда, дар назди даромадгоҳ боғчаи гулпӯшу дарахтзор, бо чароғҳои ороишӣ диққати харидорони имконпазирро ҷалб менамоянд. Мутаасифона ҳарду мағозаҳо дорои тавақуфгоҳи автомобилӣ, нуқтаҳои корхонаҳои хӯроки омма набуда, ба мағозаи “Гулистон”и шаҳри Турсунзода, умуман роҳрави автомобилӣ вуҷуд надорад.

Мағозаҳо лавҳаҳои ҷолибу хотирмон доранд. Мағозаи “Гулистон”и шаҳри Турсунзода бо ранги сабз, мағозаи шаҳри Ваҳдат бо ранги гулоб оро дода шудаанд.

Истифодаи чорабиниҳои мерчендайзинг дар мағозаҳои тадқиқшуда дар ҷадвали 1 дарҷ шудаанд.

Ҷадвали 1-Истифодаи чорабиниҳои мерчендайзинг дар мағозаҳои тадқиқшуда

№	Унсурҳои мерчендайзинг	Мағозаҳо	
		«Гулистон» ш. Турсунзода	«Гулистон» ш. Ваҳдат
1	Ҷойгиршавӣ	Маркази ш. Турсунзода	Маркази ш. Ваҳдат
2	Роҳравҳои мағоза	Ноқуллай	Қуллай
3	Таввақуфгоҳ	Нест	Нест
4	Мавзеи гирдуатроф	Тоза ва бо ороиш	Тоза ва бо ороиш
5	Хусусияти бино	Дохилибино	Дохилибино
6	Ороиши пештоқи бино	Сангрезаи ороишӣ (крошка)	
7	Лавҳаи мағоза	Ҷолиб бо ном ва рамзи ширкат	

8	Равшандиҳии толори фурӯш	Сунъӣ	Табиӣ ва сунъӣ
9	Ранг	Сафеду сабз	Сафеду гулоб
10	Самти ҳаракати харидорон дар толор	Зидди самти ақрабаки соат	Бо самти ақрабаки соат
11	Банақшагирии толори фурӯш	Хаттӣ (ҷойгиркунии таҷҳизот ба тариқи «панҷара» и параллел ва кӯндаланг)	
12	Тартиби ҷойгиркунии молҳо	Молҳои талаботи ҳаррӯзадошта - дар периметри (гирди) толор, молҳои талаботи давридошта – дар маркази толор, молҳои талаботи беихтиёрона – минтақаи атрофихазинавӣ	
13	Ҷойгиркунии молҳо	Уфуқӣ, амудӣ, ба тариқи рӯ ба сӯи харидор	Уфуқӣ, амудӣ, ба тариқи рӯ ба сӯи харидор
14	Истифодаи мусиқӣ	-	-
17	Хушбӯйкунӣ	Махсус истифода намешавад	Махсус истифода намешавад
18	Ҳарорат дар толори фурӯш	17-19 C^o	18-20 C^o
19	Тарзҳои ҳисобӣ бо харидорон	Бо истифодаи терминалҳои хазинавӣ	Бо истифодаи терминалҳои хазинавӣ
20	Сатҳи нархҳо	Миёна	
21	Истифодаи борпеч ва борхалтаҳо	Борпечҳои ҳозиразамонистифода мешаванд, инчунин борхалтаҳои пулакию ройгон	
22	Мавҷудияти либоси ягонаи ширкатӣ	Либоси махсуси ягона бо ранги сабз	Либоси махсуси ягона бо ранги гулоб
23	Таъминоти рекламавию иттилоотӣ	«Гӯшаи истеъмолкунанда», «Литсензияҳо», нишонаҳои «даромад-баромад», нишонаҳои номгӯи шӯъбаҳо, реклама дар девори берунаи мағоза	«Гӯшаи истеъмолкунанда», «Литсензияҳо», нишонаҳои «даромад-баромад», нишонаҳои номгӯи шӯъбаҳо

Сарчашма: аз ҷониби муаллиф дар асоси тадқиқот тартиб дода шудааст.

Таҷҳизоти технологӣ дар толори фурӯш бо тариқи “панҷара”и хаттии паралел ва кӯндаланг гузошта шудааст [4]. Даромаду баромад ҳамҷоянд, самти анбӯҳи харидорон бо ҷойгиркунии мебелю таҷҳизоти технологию тиҷоратӣ ба танзим дароварда мешавад. Ҷойгиршавии шӯъбаҳо дар толори фурӯш бо ишораҳо муайян карда шудаанд.

Дар мағозаи «Гулистон»и ш. Турсунзода анбӯҳи харидорон бо самти зидди ақрабаки соат, равон карда шудааст, дар ш. Ваҳдат – баракс, ки боиси нороҳатии харидорон ҳангоми интихоби мол мешавад. Толорҳои фурӯши мағозаҳо шаклҳои гуногун дошта барои оқилона ҷойгиркардани мебелю таҳҳизоти технологию тиҷоратӣ пешбинӣ шудаанд (ҷадвали 2).

Ҷадвали 2 - Таҷҳизоти тиҷоратию технологӣ барои ҷойгиркунии молҳо

№	Намуди таҷҳизот	Гурӯҳи молҳо
1.	Рафҳои деворӣ бо ороиш ва бо равшандиҳӣ	Маҳсулоти ғайриспиртӣ, консерваҳои меваю сабзавот, хӯроки кӯдакон
2.	Рафҳои девори қуттигӣ ва бо равшандиҳӣ	Маҳсулоти нонӣ
3.	Рафҳои дутарафа	Маҳсулоти бақолӣ, конфетҳо
4.	Рафҳои дутарафа бо деворчаҳо	Маҳсулоти қаннодӣ
5.	Пешдӯконҳои шишагин	Нӯшокиҳои спиртии қиммат
6.	Ҷевонҳои яхдонӣ	Нӯшокиҳо, оби ҷав, кулчақандҳо

7.	Пешдӯконҳои яхдонӣ	Шир ва маҳсулоти ширӣ, молҳои гастрономӣ, моҳӣ
8.	Пешдӯкон-пештахтаҳои яхдонӣ	Молҳои гастрономӣ, моҳӣ
9.	Сандуққои яхдонӣ	Маҳсулоти гӯштӣ, моҳӣ, маҳсулоти нимтайёрӣ яхкардашуда

Сарчашма: аз ҷониби муаллиф дар асоси тадқиқот тартиб дода шудааст.

Барои рушди мерчендайзинг дар корхонаҳои савдои чакана омилҳои сершумор таъсир мерасонанд, ба монанди васеъгии номгӯи молӣ, сифати хизматрасонӣ, ҷойгиркунӣ ва ҷобаҷогузории молҳо, хоҳишу ниёзи харидорон, иттилооти ёрирасон барои интихоби молҳо, сабабҳои ҳарчи бештар нигоҳ доштани харидорон дар толори фурӯш ва ғ., ки ҳангоми гузаронидани назарсанҷии кормандони мағоза ва истеъмолкунандагон муайян карда шуд.

Натиҷаи назарсанҷии кормандони мағоза, ки 52 нафарро ташкил менамоянд, чунин аст:

“Оё номгӯи молии мағоза ба фикри Шумо васеъ аст ё маҳдуд?”, “Васеъ кардани он ҷой дорад ё не (сабаб)”?:

- 84,0% кормандон номгӯи молии мағозаро васеъ меҳисобанд;
- 30,0% респондентҳо ақида доранд, ки васеъ кардани номгӯи молӣ ҷой надорад, бо сабаби хурд будани масоҳати толори фурӯш;

Ба саволи “Номгӯи молии мағоза дар асоси кадом омил ташаккул дода мешавад?” 22,0% кормандон меҳисобанд, ки номгӯи молӣ аз сохт ва намуди мағоза вобастагӣ дорад; 15% - аз масоҳати толори фурӯш ва 65,0% - талаботи истеъмолгаронро асос меҳисобанд;

Дар баробари ин кормандон ба саволи “Сифати хизматрасонӣ дар савдо аз кадом омилҳо вобастагӣ дорад?” чунин посух доданд: 75,0 фоиз аз дараҷаи касбии кормандон; 62,0 фоиз аз мавҷуд будани ҳавасмандгардонии коргарон; 54,0 фоиз аз ташкили хизматрасонии иловагӣ дар толори фурӯш; 47,0 фоиз аз истифодаи чорабиниҳои мерчендайзинг дар мағоза вобастагӣ дорад.

52,0 фоизи пурсидашудагон боварӣ доранд, ки дараҷаи касбии нокифояи кормандон ба паст шудани сифати хизматрасонии савдо оварда мерасонад; 70,0 фоиз - аз набудани ҳавасмандгардонии пулӣ вобастагӣ дорад.

Аз ин лиҳоз барои баланд бардоштани сифати хизматрасонӣ дар корхонаҳои савдои чакана, бояд курсҳои такмили ихтисоси кормандон ташкил карда шавад.

Натиҷаи назарсанҷии кормандони мағоза, оид ба омилҳои таъсиррас ба ҷойгиркунии молҳо дар рафҳо ва толори фурӯш дар ҷадвали 3 оварда шудааст.

Ҷадвали 3 - Натиҷаи назарсанҷии кормандони мағоза, оид ба омилҳои таъсиррас ба ҷойгиркунии молҳо дар рафҳо ва толори фурӯш

№	Омилҳои таъсиррас ба ҷойгиркунии молҳо дар рафҳо ва толори фурӯш	Миқдори ҷавобҳои мусбӣ, %	
		Мағозаи «Гулистон» ш. Турсунзода	Мағозаи «Гулистон» ш. Ваҳдат
1.	Номгӯи молҳо	15	32
2.	Намудҳои хизматрасонӣ	83	75
3.	Хусусиятҳои меъмории толори фурӯш	61	51
4.	Намуд ва сохти таҷҳизот	30	56
5.	Хусусиятҳои психологии харидорон	70	65

Сарчашма: аз ҷониби муаллиф дар асоси натиҷаи назарсанҷии кормандони мағоза тартиб дода шудааст.

Аз рӯи нуқтаи назари кормандон, омили муҳими таъсиррас ин шакли толори фурӯш (83,0% и 75,0% мувофиқан) ва хусусиятҳои психологии харидорон (70,0% и 65,0% мувофиқан) мебошад.

Ҳангоми ташкили ҷойгиркунии иловагии панирҳо, (дохили яхдонҳо дар назди маҳсулоти ширӣ), ҳаҷми фурӯши ин мол ду баробар зиёд шуд (ҷадвали 4).

Ҷадвали 4 -Таъсири чорабиниҳои мерчендайзинг ба ҳаҷми фурӯши гурӯҳҳои молии алоҳида дар мағозаи «Гулистон»и ш. Турсунзода

№	Гурӯҳҳои молӣ	Ҳаҷми фурӯш, ҳазор сомонӣ		%
		То дигаргун кардани ҷойгиркунии мол	Пас аз дигаргун кардани ҷойгиркунии мол	
1.	Маҳсулоти ҳасибӣ	48,7	55,0	12,9
2.	Гӯшт ва моҳӣ	147,5	156,5	06,1
3.	Меваю сабзавот	60,9	66,8	09,9
4.	Чарбу	3,9	5,0	28,2
5.	Равғани растанӣ	177,6	195,1	09,8
6.	Майонез	25,5	30,6	20,0
7.	Конфет, кулчақанд	166,8	170,1	01,9
8.	Панир	15,6	26,4	69,2
9.	Кетчуп	11,1	12,3	10,8
10.	Маҳсулоти макаронӣ	22,5	26,9	119,6
11.	Консерваҳои сабзавотӣ	14,5	18,6	28,3
12.	Консерваҳои моҳигӣ	18,2	27,8	52,7
13.	Маҳсулоти қаннодӣ	14,5	20,0	37,9
14.	Ширқиём	16,6	22,2	33,7
15.	Чой	49,1	57,8	17,7
16.	Шакар ва қанд (рафинад)	178,6	186,3	04,3
17.	Маҳсулоти нонӣ	60,5	66,3	09,6
18.	Машруботи ғайриспиртӣ	40,7	45,3	11,3
	Ҳамагӣ:	1072,8	1189,3	10,9

Сарчашма: Аз ҷониби муаллиф аз рӯи натиҷаи тадқиқи ҳаҷми фурӯши гурӯҳҳои алоҳидаи молҳои мағозаи «Гулистон»и ш. Турсунзода, ҳисоб карда шудааст.

Тадқиқоти гузаронидашуда нишон дод, ки аз ҳисоби истифодаи чорабиниҳои мерчендайзинг ҳаҷми фурӯши молҳо ба 110,9 фоиз, ё худ 18,6 ҳазор сомонӣ зиёд шуд, даромади умумӣ бошад, 7,6 ҳазор сомонро ташкил намуд.

Аз рӯи натиҷаи тадқиқот дар мағозаи «Гулистон»и ш. Турсунзода мо пешниҳод намудем, ки ҷойгиркунии амудии чой ба ҷойгиркунии уффуқӣ иваз карда шавад, ин амал ба 20 фоиз зиёд шудани ҳаҷми фурӯш оварда расонид.

Барои гузаронидани тадқиқот, инчунин аз 208 истеъмолкунанда пурсиш гузаронида шуд, аз он ҷумла 128 зан (62,0 %) ва 80 мард (38,0%).

Харидорон аз рӯи синну сол, ҷинс, маълумот ва ҳолати оилавӣ басту банд (сегментатсия) карда шуданд. Натиҷаи тадқиқот нишон дод, ки 40,0% харидорон ҳамарӯза ба мағоза, барои харид мераванд, 20,0% - 2-3 маротиба дар як ҳафта, 25,0% - дар як ҳафта як маротиба, ва 15,0% - боз ҳам камтар аз ин нишондиҳанда ба мағозаҳо ташриф меоранд.

Натиҷаи таҳқиқоти ҷавобҳои мусбӣ, оид ба сабабҳои ташрифории харидорон ба мағозаҳо дар ҷадвали 5 оварда шудааст.

Ҷадвали 5 - Натиҷаи таҳқиқоти ҷавобҳои мусбӣ, оид ба сабабҳои ташрифории харидорон ба мағозаҳои «Гулистон»и ш. Турсунзодаи ва ш. Ваҳдат бо чорабиниҳои мерчендайзинг

№	Сабабҳои ташрифорӣ	Миқдори ҷавобҳои мусбӣ, %	
		Мағозаи «Гулистон» и ш. Турсунзода	Мағозаи «Гулистон» и ш.Ваҳдат
1.	Ҷойгиршавии қуллай	52	65
2.	Васегии номгӯи молӣ	92	90
3.	Сифати мол	45	58
4.	Нархҳои мувофиқ (дастрас)	55	70
5.	Иттилооти саҳеҳ ва пурра	58	65
6.	Реклама	35	45
7.	Ҷойгиркунии қуллаи гурӯҳҳои молӣ	45	55
8.	Дастрасии молҳо дар рафҳо	72	80
9.	Имконияти интихоби озоди молҳо аз ҷониби харидорон	84	86

Сарчашма: Аз ҷониби муаллиф, дар асоси коркарди пурсишномаҳо, тартиб дода шудааст.

Таҳлилҳо нишон доданд, ки сабабҳои асосӣ, ки истеъмолгарон барои интихоб ва хариди молҳо дар ҳарду мағоза ташриф меоранд чунинанд: васегии номгӯи молӣ (92,0% ва 90,0%), имконияти интихоби васеи молҳо (84,0% и 86,0%), дастрасии молҳо ба истеъмолгарон (72,0% и 80,0%), ҷойгиркунии оқилонаи нуқтаи фурӯш (52,0% и 65,0%), нархҳои дастрас (55,0% и 70,0%), иттилооти саҳеҳ ва пурра (58,0% и 65,0%). Аз нишондиҳандаҳои ҷадвал муайян кардан мумкин аст, ки аз ҳама фоизи пастаринро реклама сазовор шудааст, аз ин лиҳоз боз як бори дигар қайд кардан мумкин аст, ки чорабиниҳои мерчендайзинг дар корхонаҳои савдои чакана зарур буда, нақши онҳо аз реклама бештар мебошад.

Натиҷаи пурсиш муайян намуд, ки 45,0% харидорон барои харид дар мағозаҳо то як соат вақти худро сарф менамоянд; 62,0% харидорон ба ҳисоби миёна ба маблағи то 150 сомон харид менамоянд; 89,0% харидорон посух доданд, ки дар мағозаҳо сатҳи нархҳо миёна мебошад.

Қобили зикр аст, ки ҳангоми ворид шудани харидор ба мағоза бо ҳадафи хариди молҳои муайян, барои қабули қарори харид иттилооти гуногун лозим аст. Натиҷаҳои таҳқиқот нишон дод, ки иттилоот аз нишона ва овезаҳо (8,2% ва 10,5%), ҷойгиркунии дурусти молҳо (25,6% ва 32,5%), нархҳои дастрас (27,2% ва 25,1%), обрӯи тамғаи молӣ (12,9% ва 16,5%) ва борҷома, яъне намуди зоҳирии мол (12,2% ва 14,8%) барои интихоби мол ба истеъмолкунандагон кӯмак мерасонанд; 78% ташрифгарони мағозаи воқеъ дар шаҳри Ваҳдат посух доданд, ки масоҳати майдони барои истеъмолгарон ҷудошуда кифоя аст. 45,0% ташрифгарони мағозаи шаҳри Турсунзода аз масоҳати майдони барои истеъмолгарон ҷудошуда қаноатманд нашуданд. Ҳол он, ки беш аз 50,0%-и ташрифгарони пурсидашуда дар мағозаи «Гулистон»-и шаҳри Турсунзода ҷавоб доданд, ки бо сабаби баланд будани рафҳо ва набудани аломатҳои ишоратии шӯъбаҳо ҳангоми интихоби мол душвори кашиданд, инчунин дар мағозаи «Гулистон»-и ш. Ваҳдат маълумоти кофӣ оид ба молҳо дастрас нест.

Ҳангоми ҷорӣ намудани чорабиниҳои мерчендайзинг дар мағозаҳо ин камбудиҳо ислоҳ шуда маводҳои таблиғотӣ, аломатҳои ишоратии шӯъбаҳо, аломатҳои иттилоотию ҳавасмандгардонии харидорон дар толори фурӯш ҷойгир шудаанд.

Дар асоси натиҷаи тадқиқот хулосаҳои зерин бароварда шуданд:

- ороиши беруна ва атрофи мағоза, банақшагирии масоҳати толори фурӯш бо услуби муосир тарҳрезӣ шудааст;
- шуъбаҳо, нуқтаҳои хазинавӣ мувофики шакли толори фурӯш буда, бо назардошти хусусиятҳои хоси мағозаҳо ҷойгир карда шудаанд;
- таҷҳизоти технологию тиҷоратӣ ва мебели тиҷоратӣ дар толори фурӯш ба услуби ягонаи мағозаҳо мувофиқ буда, барои ҷойгиркунии оқилонаи молҳо имкон медиҳанд;
- таҷҳизоти технологию тиҷоратӣ дар толори фурӯш ба тариқи “панҷара” ҷойгир карда шудааст (хатҳои параллел ва кӯндаланг);
- ороишу тарҳи дохилии толори фурӯш барои муштариён фазои бароҳатро барои харид фароҳам меорад;
- маводҳои таблиғотӣ, аломатҳои ишоратии шӯъбаҳо, аломатҳои иттилоотию ҳавасмандгардонии харидорон, инчунин ба тарҳи умумии мағоза мувофиқат мекунанд;
- дар мағозаҳо афзалиятҳои истеъмолкунандагон барои ташрифи бароҳат ва интихоби қулаи молҳо нигаронида шудаанд.

Ҳамин тариқ, тадқиқот нишон дод, ки истифодаи чорабиниҳои мерчендайзинг дар корхонаҳои савдои чакана яке аз омилҳои асосии ҷалби муштариён буда, дар натиҷа боиси баландшавии фоида, бидуни сармоягузории иловагӣ мегардад.

АДАБИЁТ

1. Голова А.А. Мерчандайзинг продукции. / А.А. Голова // Маркетинговые коммуникации. - 2008. – №1. – С.53
2. Парамонова Т. Правила мерчандайзинга. Планировка торгового зала, http://psyfactor.org/lib/merchandaising, 20.12.2018
3. Снегирева В. Книга мерчендайзера.-СПб.:Питер, 2007, с. 48.
4. Урунова С.А. Банақшагирии толори фурӯши корхонаҳои савдои чакана / Паёми донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон, маҷалаи илмӣ, №2 (36)/ 2021, Душанбе: ДДТТ, 2021. - С.133-138.

УДК: 311.48(575.3)

Субхонкулов И.А.

СТАТИСТИЧЕСКИЙ АНАЛИЗ КАЧЕСТВА МАТЕРИАЛЬНОГО СТИМУЛИРОВАНИЯ ПЕРСОНАЛА ОРГАНИЗАЦИЙ ПОТРЕБИТЕЛЬСКОЙ КООПЕРАЦИИ

В статье проведен статистический анализ качества материального стимулирования персонала организаций потребительской кооперации. Важно отметить, что главная задача статистики в области исследования взаимосвязей элементов материального стимулирования персонала организаций потребкооперации состоит в количественной оценке их наличия. Вместе с тем, для оценки материального стимулирования персонала организаций потребкооперации применяют две группы методов: корреляционный анализ; регрессионный анализ. Отдельные исследователи объединяют данные методы в корреляционно-регрессионный анализ. Системный подход рассматривает экономический процесс через призму его сторон, поэтому особую важность представляет достоверность оценки статистических показателей материального стимулирования персонала.

Ключевые слова: статистика, анализ, качества, материальное стимулирование, оценка, персонал, организация, потребительская кооперация.

Субҳонқулов И.А.

ТАҲЛИЛИ СТАТИСТИКӢ СИФАТҲОИ ҲАВАСМАНДГАРДОНИИ МОДДИИ КОРКУНОНИ ТАШКИЛОТҲОИ КООПЕРАЦИЯИ МАТЛУБОТ

Дар макола тахлили омории сифати хавасмандгардонии моддии коркунони ташкилотхои кооперацияи матлубот оварда шудааст. Кайд кардан зарур аст, ки вазифаи асосии омор дар сохаи омухтани муносибати байни элементхои хавасмандгардонии моддии кадрхои ташкилотхои кооперацияи матлубот аз он иборат аст, ки микдори мавчудияти онхо. Дар баробари ин ду гурухи усулхои баходихии хавасмандгардонии моддии коркунони ташкилотхои кооперацияи матлубот: тахлили мутаносиб; таҳлили регрессия. Баъзе тадқиқотчиён ин усулҳоро дар таҳлили коррелятсия-регрессионӣ муттаҳид мекунанд. Муносибати систематикӣ процесси иктисодиро аз рун приз-маи тарафхои он дида мебарояд, бинобар ин, эътимоднокии баходихии нишондихандахои статистикии хавасмандгардонии моддии кадрхо ахамияти махсус дорад.

Вожаҳои калидӣ: омор, таҳлил, сифат, ҳавасмандгардонии молиявӣ, арзёбӣ, кормандон, ташкилот, кооператсияи матлубот.

Subkhonkulov I.A.

STATISTICAL ANALYSIS QUALITIES OF MATERIAL INCENTIVES FOR EMPLOYEES OF CONSUMER COOPERATION ORGANIZATIONS

The article provides a statistical analysis of the quality of material incentives for personnel of consumer cooperation organizations. It is important to note that the main task of statistics in the field of studying the relationship between the elements of material incentives for the personnel of consumer cooperation organizations is to quantify their presence. At the same time, two groups of methods are used to assess material incentives for personnel of consumer cooperation organizations: correlation analysis; regression analysis. Some researchers combine these methods in a correlation-regression analysis. The systematic approach considers the economic process through the prism of its sides, therefore, the reliability of the assessment of statistical indicators of material incentives for personnel is of particular importance.

Key words: statistics, analysis, qualities, financial incentives, assessment, personnel, organization, consumer cooperation

В настоящее время совершенствование материального стимулирования персонала направлено на эффективное использование современных методов оценки эффективности, базирующиеся на использовании новых методов статистического анализа.

Авторы работ [3, с. 9] считают, что «статистические методы всесторонне используются при оценке производственно-хозяйственной деятельности предприятий. Особенно на практике широко используют следующие статистические методы: индексный метод; расчет абсолютных, относительных величин; методы исследования динамических рядов; группировка и классификация; факторный анализ; дисперсионный анализ; корреляционно-регрессионный анализ; метод главных компонентов».

Современная методология статистического анализа предусматривает всестороннее использование системного подхода к оценке материального стимулирования персонала организаций потребкооперации. Системный подход рассматривает экономический процесс через призму его сторон, поэтому особую важность представляет достоверность оценки

статистических показателей материального стимулирования персонала. Главной задачей экономико-статистического анализа при этом является выявление факторов, уровень и степень их влияния на формирование уровня экономического процесса.

По мнению автора работ, [3, с. 3] такие задачи решаются посредством применения экономико-статистических методов, считающим основным инструментом принятие управленческих решений в области статистического анализа.

Вместе с тем, оценка параметров финансово-хозяйственной деятельности организаций потребкооперации должны осуществляться не только для уточнения взаимной связи между параметрами, но и для достоверной прогнозной оценки материального стимулирования персонала данных организаций, т.е. необходимо придавать математическую определенность данным связям.

Важно заметить, что при оценке эффективности материального стимулирования персонала организаций потребкооперации используют трендовые и факторные статистические модели.

Исследование трендовых моделей базируется на анализе экономического процесса за определенный период времени, вследствие чего выявляются закономерности изменения изучаемого экономического процесса и возможность его экстраполяции на перспективу. Уточнение закономерности позволяет определить статистическую зависимость, которая способствует четко количественно измерять экономический процесс за определенный период времени. Вместе с тем, при прогнозировании экономических процессов важное значение имеет длина исследуемого периода.

Факторные модели способствуют определению взаимосвязи результативных факторов с изучаемыми факторами.

Кроме того, для оценки материального стимулирования персонала организаций потребкооперации используют следующие методы: последовательной подстановки, декомпозиции, динамический метод, сравнение, параметрический метод, метод структуризации целей, балансовые методы, метод главных компонентов [8, с. 109].

Метод декомпозиции позволяет расчленить сложные экономические процессы на более простые, посредством синтезирования материального стимулирования персонала организаций потребкооперации.

Метод последовательной подстановки способствует оценить влияние каждого фактора на материальное стимулирование персонала организаций потребкооперации.

Метод сравнения дает возможность сравнить существующую систему материального стимулирования персонала организаций потребкооперации с нормативным состоянием.

Динамический метод позволяет уточнить закономерности изменения количественных параметров, оценивающие уровень материального стимулирования персонала организаций потребкооперации.

Метод структуризации целей предусматривает количественную и качественную оценку целей материального стимулирования персонала с учетом соответствия целям организации потребкооперации.

Параметрический метод позволяет выявить взаимные статистические связи между элементами производственной системы и системы материального стимулирования персонала организаций потребкооперации.

Метод главных компонентов предусматривает отражение признаков остальных параметров в одном параметре.

Балансовый метод устанавливает балансовые сопоставления и увязки при оценке материального стимулирования персонала организаций потребкооперации.

Магура М.И. [5, с. 16] считает, что оценка эффективности материального стимулирования персонала организаций потребкооперации целесообразно осуществлять по таким позициям: анализ качества материального стимулирования персонала организаций;

оценка организации трудовой деятельности и материальное стимулирование персонала организаций; анализ технологии материального стимулирования персонала. При оценке организации трудовой деятельности и материального стимулирования персонала анализируется распределение обязанностей, штатное расписание, документооборот.

Особый интерес представляет анализ качества материального стимулирования персонала организаций потребительской кооперации. Анализ качества материального стимулирования персонала организаций потребительской кооперации проводится по следующей последовательности, приведенной в рисунке 1.



Рисунок 1. - Направления анализа качества материального стимулирования персонала организаций потребительской кооперации

Анализ технологии материального стимулирования персонала способствует выявлению передовых методов, применяемых для оценки материального стимулирования персонала.

Важно отметить, что в нынешних условиях отсутствует единая методика оценки материального стимулирования персонала организаций потребительской кооперации.

Вместе с тем, «количественная оценка считается средством для принятия управленческих решений по совершенствованию материального стимулирования персонала организаций потребкооперации» [1, с. 74].

Мы считаем, что при оценке эффективности материального стимулирования персонала организаций потребкооперации, следует выделить определенные аспекты, способствующие всестороннему изучению данной проблемы.

Автор работы [6, с. 172] отмечает, что при оценке материального стимулирования персонала организаций потребкооперации необходимо применение следующих методов: применение системы показателей, количественной и качественной оценки, применение комплексного показателя и т.д. Результаты оценки материального стимулирования персонала организаций потребкооперации часто носить качественный, характер, что

вполне достаточно для принятия оптимальных управленческих решений.

Следует заметить, что главная задача статистики в области исследования взаимосвязей элементов материального стимулирования персонала организаций потребкооперации состоит в количественной оценке их наличия. Вместе с тем, для оценки материального стимулирования персонала организаций потребкооперации применяют две группы методов: корреляционный анализ; регрессионный анализ. Отдельные исследователи объединяют данные методы в корреляционно-регрессионный анализ.

Другие авторы отмечают, что «среди общепризнанных статистических методов для исследования экономических процессов используют корреляционно-регрессионный анализ. Корреляционно-регрессионный анализ количественно оценивает влияние наиболее существенных факторов на результативный показатель. Вместе с тем, необходимо уточнить задачи статистического анализа» [2, с. 5].

На основе уточнения уравнения регрессии можно рассчитать фактическое значение результативного показателя за разные периоды времени с учетом его влияния на экономические процессы [7, с. 65].

Следует заметить, что корреляционный анализ оценивает тесноту связи между исследуемыми факторами, влияющие на результативный фактор.

Важно отметить, что регрессионный анализ способствуют выявлению математической зависимости для оценки постоянных и переменных значений.

В настоящее время корреляционно-регрессионный анализ снабжен многими статистическими компьютерными программами, в частности MESOSAUR и Regre 2.8. Вместе с тем, для использования этих пакетов необходимо собирать точную и достоверную информацию об изучаемых факторах.

Автор работы [7, с. 65] считает, что «статистические исследования должны осуществляться поэтапно. Первый этап - сбор статистических данных для оценки влияния наиболее существенных факторов. На следующем этапе информация систематизируется. При этом целесообразно применять метод статистических группировок. Следующий этап предусматривает обобщение статистической информации и выявление закономерностей по материальному стимулированию персонала».

Вместе с тем, необходимо применять непараметрические методы посредством уточнения закона распределения рассчитывать коэффициенты конкордации Кендалла, Спирмена, Колмогарова и анализ статистических таблиц.

По мнению авторов работ «в предварительном этапе анализа целесообразно оценить влияние факторов на результативные показатели. Для решения данной задачи следует снизить размер статистической выборки. Затем с помощью коэффициента парной корреляции необходимо выявить наиболее существенные факторы, влияющие на результативный показатель [4, с. 14-18].

Таким образом, корреляционно-регрессионный анализ позволит более обоснованно подойти к решению проблемы материального стимулирования персонала организаций потребкооперации.

ЛИТЕРАТУРА

1. Акабердин, Р.З., Кибанов, А.Я. Совершенствование структуры, функций и экономических взаимоотношений управленческих подразделений предприятий при разных формах хозяйствования. М.: ГАУ, 1993, с.74.
2. Бутник-Сиверский, Л.Б., Сайфуллин Р.С., Рейльян Я.Р. Экономико-математические методы в анализе хозяйственной деятельности предприятий и объединений [Текст] / Л.Б. Бутник-Сиверский, Р.С. Сайфуллин, Я.Р. Рейльян. - М.: Финансы и статистика, 1982, с.5.
3. Ефимова, М.Р. Статистические методы в управлении производством [Текст]/ М.Р. Ефимова.–М.:Финансы и статистика, 1998, 151с.

4. Кочкина, Н.В. Количественная оценка содержательности труда [Текст] / Н.В. Кочкина. – М., Экономика, 1987,- с.14-18
5. Магура, М.И. Создание системы управления персоналом организации. //Управление кадрами, 1997, №7. - с.16.
6. Патрушев, В.Д. Методологические и методические вопросы изучения бюджета времени [Текст]/ В.Д. Патрушев. - М.: Наука, 1980, с.172.
7. Фатеева, С.А., Кузнецов В.И., Мизрохи С.В., Смирнов С.А.: Использование ЭВМ в курсе промышленной статистики [Текст]/ Учебное пособие/ М.: МЭСИ, 1989, 65с.
8. Ходжаев П.Д., Формирование эффективной системы материального стимулирования труда работников потребительской кооперации Республики Таджикистан // Вестник ТНУ. Серия экономических наук. - № 2/4(198). С. 107-117.

УКД 336.7

Ҳалимов Л.М. Исупова Б.И.

БЕҲДОШТИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ ЗАМОНАВИИ БОНКӢ

Дар мақолаи пешниҳодшуда сохтори хизматрасониҳои замонавии бонкҳо ва заминаҳои ҳуқуқии фаъолияти онҳо дар шароити имрӯзаи иқтисодиёти мамлакат мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор дода шудааст. Ҳамчунин дар мақолаи мазкур оварда шудааст, ки хизматрасониҳои бонкӣ дар худ гардиш ё мубодилаи воситаҳои пулиро таъмин менамоянд, барои нигоҳдории қурби пули миллӣ, ҳаҷм ва суръати гардиши он чораҳои зарурӣ андешида, ҳаракати онро ба танзим медароранд ва маблағҳои муваққатан озоди аҳоливу корхонаҳоро ҷамъ намуда, дар навбати худ муносибатҳои молиявии мамлакатро ба миён оварда, дар рушди иқтисодиёти миллӣ нақши муҳимро иҷро менамоянд.

Вожаҳои калидӣ: хизматрасониҳои замонавии бонкҳо, низоми қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон, низоми бонкӣ, асъор, бозори асъор, устувории молиявӣ, низоми бонкӣ, Бонки миллии Тоҷикистон, бонкҳои тиҷоратӣ.

Халимов Л.М., Исупова Б.И.

СОВЕРШЕНСТВОВАНИЕ СОВРЕМЕННЫХ БАНКОВСКИХ УСЛУГ

В представленной статье проводится анализ и исследование структуры кредитной системы и правовых основ их функционирования в современных условиях экономики страны. Также в этой статье указано, что банковские услуги обеспечивают обращение или обмен денежных инструментов, принимают необходимые меры по поддержанию курса национальной валюты, объема и скорости ее обращения, регулируют ее движение, собирают временно свободные денежные средства населения и предприятий, в свою очередь, они поднимают финансовые отношения страны и играют важную роль в развитии народного хозяйства.

Ключевые слова: современные банковские услуги, кредитная система Республики Таджикистан, банковская система, валюта, валютный рынок, финансовая устойчивость, банковская система, Национальный банк Таджикистана, коммерческие банки.

Khalimov L.M., Isupova B.I.

IMPROVEMENT OF MODERN BANKING SERVICES

The presented article analyzes and studies the structure of the credit system and the legal foundations for their functioning in the current conditions of the country's economy. This article also states that banking services ensure the circulation or exchange of monetary instruments, take the necessary measures to maintain the exchange rate of the national currency, the volume and speed of its circulation, regulate its movement, collect temporarily free funds of the population and enterprises, in turn, they raise financial relations of the country and play an important role in the development of the national economy.

Key words: credit system of the Republic of Tajikistan, banking system, currency, foreign exchange market, financial stability, banking system, National Bank of Tajikistan, commercial banks.

Дар ҳамаи соҳаҳои хоҷагидории ҷамъият ва самтҳои гуногуни фаъолияти самараноку пурмаҳсули мамлакатҳои муттараққӣ тамоми корҳои марбутаи истеҳсолӣ, хизматрасонӣ, тиҷоратӣ ва сохибкорӣ танҳо ба воситаи низоми қарзӣ амалӣ мегарданд[2]. Дигаргуниҳои куллие, ки дар ду даҳсолаи охир дар соҳаи сиёсат ва иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амал омаданд, ба ташаккулёбии низоми қарзӣ низ таъсир расонданд.

Имрӯз дар дунё амалан давлат ва соҳае нест, ки аз таъсири буҳрон эмин монда бошад. Мувофиқи арзёбии коршиносони байналмилалӣ, чунин буҳрони шадиду фарогир дар сад соли охир бори аввал ба миён омада, боиси таназзули ҷиддии иқтисодиёти ҷаҳон гардид[4].

Расми №1

Низоми қарзӣ (аз нуқтаи назари институтсионалӣ)

Манбаъ: Аз ҷониби муаллиф дар асоси маълумотҳо аз сомонаи интернетии www.google.ru/ сохта шудааст.

Низоми қарзӣ ба муомилот маблағҳои пулиро ворид намуда, гардишу мубодилаи онҳоро таъмин менамоянд, барои нигоҳдории қурби пули миллӣ, ҳаҷм ва суръати гардиши он чораҳои зарурӣ андешида, ҳаракати онро ба танзим медарорад ва маблағҳои муваққатан

озоди аҳоливу корхонаҳоро ҷамъ намуда, дар навбати худ муносибатҳои молиявии мамлакатро ба миён меоранд.

Ташкилотҳои қарзӣ:

1. Бонки марказӣ ё Бонки миллӣ;
2. Бонкҳои тиҷоратӣ;
3. Ташкилотҳои қарзии ғайрибонкӣ;
4. Ташкилотҳои маблағгузории хурд:

а) Ташкилотҳои қарзии хурд;

б) Ташкилотҳои амонатии қарзии хурд;

в) Фондҳои қарзии хурд.

Расми №2

Сохтори низоми бонкӣ

Манбаъ: *дар асоси маълумотҳои адабиёти иқтисодӣ аз ҷониби муаллиф таҳия карда шудааст.*

Аз рӯи мазмун мафҳуми «низоми бонкӣ» хеле васеъ мебошад[1]:

1. Маҷмӯи унсурҳо;
2. Кифоятии унсурҳое, ки бутунияти муайянро ташкил медиҳанд;
3. Алоқамандии унсурҳо.

Унсурҳои анъанавии низоми бонкӣ ташкилотҳои қарзӣ, зерсохторҳои бонкӣ ва қонунгузории бонкӣ мебошанд.

Тавсифи унсурҳои низоми бонкӣ. Ба унсурҳои низоми бонкӣ бонкҳо ва ташкилотҳои дигари ғайрибонкӣ дохил мешаванд. Дар таҷриба бонкҳои гуногун фаъолият менамоянд. Вобаста аз ин ё он меъёр онҳоро ба тарзи зайл тасниф мекунанд:

1. Аз рӯи шакли моликият;
2. Аз рӯи шакли ташкилӣ-ҳуқуқӣ;
3. Аз рӯи таъиноти функсионалӣ;

4. Аз рӯи хусусияти амалиётҳои иҷрошаванда;
5. Аз рӯи самти соҳа;
6. Аз рӯи минтақаи фаъолият.

Аз рӯи шакли моликият ҷудо мешаванд: давлатӣ, саҳомӣ, хусусӣ, муштарак ва омехта ҷудо мешаванд. Бонкҳои давлатӣ бонкҳои марказӣ мебошанд. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бонкҳои давлатӣ Бонки давлатии амонатгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон «Амонатбонк» ва Бонки миллии Тоҷикистон мебошанд [3]. Бонкҳои омехта шакли омехтаи моликият, яъне давлат бо шахсони ҳуқуқӣ ва воқеӣ дорад. Чунин бонкҳо қисман аз тарафи давлат назорат карда мешаванд, ки ба воситаи онҳо сиёсати пулию қарзии барои ҳавасмандгардонии соҳаи муайяни иқтисодиёт ва соҳаҳои фаъолият равонакардашуда гузаронида мешавад. Ба сифати бонки омехта Бонки Ҷопон, Бонки Австрия мисол шуда метавонанд. Бонкҳои хусусӣ сиёсати мустақилонаи қарзӣ мегузаронанд, афзалияти он манфиатҳои моликони хусусӣ мебошанд.

Хушбахтона дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон баъди ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ, заминаҳои асосии ташкил ва назорати муносибатҳои пулӣ ва такмили ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ фароҳам оварда шуд. Муносибатҳои пулӣ ва ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ одатан ба ҳамаи соҳаҳои хоҷагии халқи мамлакат алоқаи ногусастанӣ дорад ва яке аз омилҳои асосии таъмин намудани рушди низоми бонкии дилхоҳ давлатҳои ҷаҳони муосир устуворгардонии раванди ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ ба ҳисоб меравад.

Диаграммаи № 1

Тавсифи қарзҳои низоми бонкӣ аз рӯй шакли моликият дар давоми солҳои 2018 - 2019

(ҳаз. сомонӣ)



Манбаъ: Бюллетени омори бонкӣ декабр 2018 саҳ. 36- 37 ва Бюллетени омори бонкӣ Декабр 2019 (293) саҳ. 39-40

Аз нишондиҳандаҳои диаграммаи № 1 ба хулоса омадан мумкин аст, ки соли 2018 маблағи қарзҳои низоми бонкии кишвар бештар ба корхонаҳои хусусӣ, корхонаҳои давлатӣ, шахсони воқеӣ ва соҳибкорон пешниҳод карда шудаанд. Масалан дар соли 2018 қарзҳои низоми бонкӣ ба корхонаҳои хусусӣ –2 609952 ҳаз. сомонӣ ё ин ки 29,5 дарсад, ба корхонаҳои давлатӣ- 2 168176 ҳаз. сомонӣ ё ин ки 25 дарсад, ба шахсони воқеӣ- 1 827418 ҳаз. сомонӣ ё ин ки 21 дарсад ва барои пешбурди фаъолияти соҳибкорон- 1 814563 ҳаз. сомонӣ ё ин ки 20,7 дарсадро ташкил намудааст.

Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои то давраи соли 2030 масъалаҳои молиявию иқтисодии фаъолияти муассисаҳои қарзиро барои истифодаи имкониятҳои мавҷуда, пешбинӣ намудааст. Иҷрои корҳои пешбинигардида, сабаби бартараф гардидани камбудиҳои соҳа гардида, низоми бонкӣ сол аз сол ба низоми бонкии давлатҳои пешрафтаи ҷаҳони муосир наздик мегардад.

АДАБИЁТ

1. Бонкдорӣ Тараққиёт Ҷаҳонишавӣ, маҷаллаи Бонки миллии Тоҷикистон январ-март 2021.
2. Исайнов Ҳ.Р. Иқтисоди миллӣ. Китоби дарсӣ.- Душанбе: “Ирфон”, 2018. - 648с.
3. Қонуни Ҷуҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ», ш. Душанбе, 19.05.2009. № 524.
4. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳри Душанбе, 21 декабри соли 2021.

УДК: 338.22:004

Туйчиқулов З.Ҷ., Алимов Ҷ.Ш.

ҲОЛАТИ МУОСИР ВА ТАМОЮЛҲОИ АСОСИИ РУШДИ НИШОНДИҲАНДАҲОИ ХИЗМАТРАСОНИҲОИ ТАЪЛИМӢ - РАҚАМӢ

Дар мақолаи ҳолати ҷории рушди таҳсилоти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳқиқ қарор дода шудааст. Ба андеши муаллифон дар бозори хизматрасонии таҳсилоти олӣ, низоми асосии муносибатҳои иқтисодии байни иштирокчиён талабот ва пешниҳод ба ҳисоб меравад. Минбаъд хизматрасонӣ ба таври дастаҷамъӣ ва инфиродӣ ба истеъмолкунандагон пешниҳод карда мешавад. Инчунин, дар раванди таҳқиқот шароити мавҷудаи ташаккул ва рушди бозори хизматрасониҳои таълимии таҳсилоти олиро дар Ҷумҳурии Тоҷикисион ба тариқи мушаххас ба риштаи таҳлил кашида ҳолати иқтисодиеро, ки ба гузариши тадриҷии рақамӣ соҳаи таҳсилоти олӣ кӯмак мерасонад, дар асоси усусҳои муосири илмӣ, иқтисодӣ, барои давраи муайян бо дарназардошти хусусиятҳои талабот ва пешниҳод, сатҳи нархҳои хизматрасонӣ дар соҳаҳои таълим мавҷуд буда, баррасӣ карда шудааст. Бо мақсади муқаррар намудани вазъ, омӯзиши ҳолати воқеии раванд ва тамоюлҳои ҷойдошта дар низоми таҳсилоти олӣ як қатор омилҳои мутаассир ба рушди минбаъдаи он муқаррар карда шудааст.

Калидвожаҳо: иқтисоди рақамӣ, бозори хизматрасониҳои таълимӣ - рақамӣ, рақамикунонӣ, хизматрасониҳои рақамӣ, иттилоот, донишгоҳ, таҳсилоти олӣ.

Туйчикулов З.Дж., Алимов Дж.Ш.

СОВРЕМЕННОЕ СОСТОЯНИЕ И ОСНОВНЫЕ ТЕНДЕНЦИИ РАЗВИТИЯ ПОКАЗАТЕЛЕЙ ЦИФРОВЫХ ОБРАЗОВАТЕЛЬНЫХ УСЛУГ

В статье рассматриваются современное состояние развития цифрового образования в Республике Таджикистан. По мнению авторов, на рынке услуг высшего образования основной системой экономических отношений между участниками является спрос и предложение. Кроме того, услуга предоставляется потребителям коллективно и индивидуально. Также в процессе исследования конкретным образом анализируются

современные условия формирования и развития рынка услуг высшего образования в Республике Таджикистан, экономическая ситуация, которая способствует постепенному переходу к цифровизации, в том числе в сферы высшего образования на основе современных научно-экономических методов на определенный период с учетом сложившейся особенностей спроса и предложения. На основе тенденции развития данного процесса в системе высшего образования установлен ряд влияющих факторов.

Ключевые слова: тенденция, цифровая экономика, рынок цифровых образовательных услуг, цифровизация, информация, университет, высшее образование.

Tuychikulov Z.J., Alimov J.Sh.

CURRENT STATE AND MAIN TRENDS IN THE DEVELOPMENT OF INDICATORS OF DIGITAL EDUCATIONAL SERVICES

The article discusses the current state of development of digital education in the Republic of Tajikistan. According to the authors, the main system of economic relations between participants in the market of higher education services is supply and demand. In addition, the service is provided to consumers collectively and individually. Also, in the process of research, the current conditions for the formation and development of the market for higher education services in the Republic of Tajikistan, the economic situation that contributes to the gradual transition to digitalization, including in the field of higher education based on modern scientific and economic methods for a certain period, are analyzed in a specific way, taking into account the current characteristics of supply and demand. Based on the development trend of this process in the system of higher education, a number of influencing factors have been established.

Key words: trend, digital economy, digital educational services market, digitalization, information, university, higher education.

Таҳқиқи равишҳои назариявӣ ва консептуалии рушди бозори хизматрасонии таҳсилоти олӣ аз ҷониби муҳаққиқон, олимони нуқтасанҷи ватанӣ ва хориҷӣ мавриди омӯзиши ҳаматрафа қарор дода шудааст. Доир ба муқаррароти бунёдии таҳсилоти рақамӣ дар назарияи талаботи истеъмолӣ, назарияи фирма, назарияи иқтисодиёти таҳсилот, консепсияи рушди иқтисодиёти рақамӣ, консепсияи таҳсилоти давомдор, инчунин таҳқиқоти муосири олимони пешқадам дар соҳаи рушди бозори хизматрасонии таҳсилоти олӣ бо фикру мулоҳизаҳои гуногун вохурдан мумкин аст, ки аҳамият ва заруртаи таҳқиқоти мазкурро бешубҳа асоснок менамояд. Назарияҳои илмии ироа гардида дар ҳақиқат масоили вобаста ба рушди рақамикунонии таҳсилотро инъикос намуда ҳамчун сарчашмаи муътамади таҳлили раванди мазкур дар ҷумҳурии мо мебошад [1, С. 45-49; 4, С. 281-290; 6, С. 131-140].

Айни замон нишондиҳандаҳои асосии соҳаи таҳсилоти олӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон чунин мебошад, ки дар ҷадвали 1. оварда шудааст.

Ҷадвали 1.

Нишондиҳандаҳои ҷории соҳаи таҳсилоти олӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, солҳои 2010 - 2021

Нишондиҳандаҳо	Солҳо							Фарқият (+;-) 2021/2015	Тағйирот (бо мар.) 2021/2015
	2015	2016	2017	2018	2019	2020	2021		
Шумораи муассисаҳои олӣ, адад	37	38	39	39	39	40	41	+4,00	1,11
Донишҷуёни онҳо ҳазор нафар	165,3	176,5	186,9	195,7	209,8	229,6	245,9	+80,6	1,49

Ба 10000 нафар аҳолӣ	198	209	216	221	232	249	261	+63,0	1,32
Аз шумораи умумии донишҷуён-занҳо	52,2	59,0	65,9	70,4	76,4	86,5	87,4	+35,2	1,67
Ба ҳисоби фоиз аз шумораи умумӣ	31,6	33,4	35,3	36,0	36,4	37,7	35,5	+3,90	1,12

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси Маҷмӯаи оморӣ. Тоҷикистон: 30 соли истиқлолияти давлатӣ // Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе. - 2021. - С. 83.

Таҳлили ҷадвали мазкур нишон медиҳад, ки дар давоми солҳои таҳлили 2015 – 2021 шумораи муассисаҳои олӣ, 4 адад зиёд шудааст. Афзоиш 1,11 маротиба мебошад. Шумораи донишҷӯёни ба таҳсил фаро гирифташуда: донишҷуёни онҳо 80,6 ҳазор нафар зиёд шуда, нисбати соли 2015, 49 фоиз афзоиш ёфтааст. Дигар динамикаи муҳими рушди соҳа ин омӯзиши динамикаи воқеӣ аз рӯйи ҷалби аҳолии қобили таҳсил ба муассисаҳои олии таълимӣ ё мувофиқи индекс (шохиси) глобалӣ ба 10000 нафар аҳолӣ мебошад, ки дар мавриди баррасии нишондиҳандаи мазкур чунин натиҷа ҳосил шуд: 63 нафар афзоиши воқеӣ ё 1,32 маротиба ба назар мерасад. Дигар нишондиҳандаи муҳим, ки ба баланд бардоштани саҳми занон дар низоми умури миллӣ таъсир мерасонад, шумораи аҳолии саводнок аз ҳисоби занон мебошад. Барои ҳамин таҳлили раванди мазкур ниҳоят зарур аст. Аз рӯйи нишондоди мо шумораи умумии донишҷуён-занҳо 35,2 нишондиҳанда ё 1,67 маротиба тағйир ёфтааст, ки дар амалишавии стратегияи ҳукумати кишвар дар самти сиёсати давлатии дасгирии занон шаҳодат медиҳад.

Дар бозори хизматрасонии таҳсилоти олӣ, низоми асосии муносибатҳои иқтисодии байни иштирокчиён, ки талабот ва пешниҳодро ба вуҷуд меорад, ба ҳисоб меравад, минбаъд хизматрасонӣ бевосита ҳам ба таври дастаҷамъӣ ва ҳам аз ҷониби истеъмолкунандаи инфиродӣ талаб карда мешавад. Мо дар раванди таҳқиқот шароити мавҷудаи ташаккул ва рушди бозори хизматрасониҳои таълимии таҳсилоти олиро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тариқи мушаххас ба риштаи таҳлил кашида ҳолати иқтисодиеро, ки ба гузариши тадриҷии рақамӣ соҳаи таҳсилоти олӣ кӯмак мерасонад, дар асоси усусҳои муосири илмӣ, иқтисодӣ, барои давраи муайян бо дарназардошти хусусиятҳои талабот ва пешниҳод, сатҳи нархҳои хизматрасонӣ дар соҳаҳои таълим мавҷуд буда, баррасӣ намудем. Бо мақсади муқаррар намудани ҳолат, таҳлили воқеии раванди рушди таҳсилоти олӣ ниҳоят муҳим буда, ошкор намудани мушкилоти ҷойдошта ва андешидани тадбирҳо низ саривақтӣ мебошад.

Дар идома шумораи аҳолии қобили таҳсил бо ҳисоби фоиз аз ҳиссаи умумии аҳолӣ, пешниҳод карда мешавад (расми 1.).



Расми 1. Нишондиҳандаи асосии рушди таҳсилоти олӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҳисоби фоиз, солҳои 2015 – 2021
(таҳияи муаллиф дар асоси нишондиҳандаҳои омории соҳаи маориф)

Таҳлили расми мазкур имконият медиҳад, ки хулосаҳои зарурӣ дар самти афзоиши ҳолати таҳсилоти олӣ бароварда шавад. Чуноне, ки мо мушоҳида намудем, рушди таҳсилоти олӣ дар кишвар назаррас буда аз 31,6 фоизи соли 2015 дар соли 2021 ба 35,5 фоиз раисидаст. Афзоиш назаррас буда бо ҳисоби фоиз 3,9 мебошад.

Тағйироти нишондиҳандаҳо дар бозори хизматрасонии таҳсилоти олӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ҳаҷми дастрасии хизматрасонӣ ва шумораи донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олӣ дар давраи солҳои баррасишаванда 2015-2021 шаҳодат медиҳад, ки тамоюли доимӣ ва афзоиши талабот *ба* хизматрасониҳои таълимиро мушоҳида намудан мумкин аст. Дар шароити имрӯза ташаккули соҳаи маориф, хусусан механизми рақамикунонии соҳа дар заминаи таҳсилоти олии миллӣ ва институтҳои минтақавӣ аз қабили донишгоҳҳо дар доираи бозори хизматрасонии таҳсилоти олӣ, ки аслан шакли фаъолияти анъанавӣ дорад, муайян карда мешавад. Яъне гузариш ба таҳсилоти рақамӣ, ки мо дар марҳилаи аввал қарор дорем новобаста аз оне, ки тамоми шароитҳои рушд фароҳам оварда шудааст, ниҳоят мураккаб боқӣ мемонад. Бояд қайд намуд, ки иштирокчиёни асосии бозори хизматрасониҳои таҳсилоти олӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дар шакли шартномавӣ ва буҷетӣ амалкунанда мебошад.

Айни замон дар бозори хизматрасонии таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 41 муассисаи таҳсилоти олии касбӣ, аз он ҷумла 22 донишгоҳ ва 14 донишкада, инчунин 5-то филиалҳои навтаъсиси донишгоҳҳо амал мекунад. Дар идома шумораи муассисаҳои олии таълимӣ ва фарогирии аҳолӣ ба онҳо оварда мешавад (ҷадвали 2).

Ҷадвали 2

Шумораи муассисаҳои олии таълимӣ ва фарогирии аҳолӣ ба онҳо, солҳои 2011 – 2021*

Солҳо / Нишон - диҳандаҳо	2011	2012	2013	2014	2015	2016	2017	2018	2019	2020	2021
Шумораи муассисаҳои олӣ, адад	33	33	34	34	37	38	39	39	39	40	41
Шумораи аҳолӣ, млн. нафар	7621	7807	7987	8161	8352	8551	8743	8931	9127	9314	9506
Шумораи донишгоҳҳо ба ҳазор. нафари аҳолӣ	237	242	240	246	231	230	229	234	239	238	244

Сарчашма: таҳияи муаллиф дар асоси Маҷмӯаи оморӣ. Тоҷикистон: 30 соли истиқлолияти давлатӣ // Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе. - 2021. - С. 83.

Аз таҳлили ҷадвали 2. бармеояд, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои ба таҳсил фаро гирифтани шумораи аҳолии қобили таҳсил шароит фароҳам оварда шудааст. Агар танҳо дар соли 2011, 237 ҳаз. нафар аҳолӣ дар мамлакат имконияти гирифтани таҳсилоти олиро доштанд, пас ин нишондиҳанда дар соли 2022 ба 244 ҳаз. нафар расонида шуд. Дар сурати таҳлили раванди мазкур дар мисоли хатмкунандагони макотиби олӣ, чунин натиҷагирӣ намудан мумкин аст, ки қариб 30 фоиз ҷойҳои иловагӣ фароҳам оварда шудааст. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон масоили рушди маорифро дар маддӣ аввал гузошта имкониятҳои муфидро фароҳам овардааст, ки нисбати дигар кишварҳо нишондиҳандаи хело баланд мебошад. Ҳатто дар кишварҳои мутараққии олам бинобар сабаби фароҳам наовардани шароит хоҳишмандон наметавонанд аз хизматрасониҳои таълимӣ, ки аз тарафи давлат пешниҳод мешавад истифода намоянд. Дар натиҷаи баррасии паҳлӯҳои масъала чунин хулоса баровардан мумкин аст, ки ба 50 ҳаз. нафар. аҳолӣ як муассисаи олии таълимӣ рост

меояд. Аз ҳамин хотир Тоҷикистон дар самти бунёди инфрасохтори соҳаи маориф яке аз кишварҳои пешсаф ва дар шохиси кишварҳои ҷаҳон (0,682) аз рӯйи фароҳам овардани шароити таҳсил ба аҳолӣ, ки аз соли 1980 дар ду сол як маротиба интишор мешавад дар мақоми 96 – ум пеш аз Таиланд ва Флиппин, ки мувофиқан мақомҳои 97 ва 99 ишғол менамоянд, аз рӯйи нишондиҳандаҳои иқтисодӣ аз кишвари мо ниҳоят пеш рафтаанд, қарор дорад [2].

Ҷадвали 3.

Нишондиҳандаҳои асосии таҳилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

№	Номи донишгоҳҳо	Шумораи муҳассилини МТОК	Шумораи омӯзгорон	Сарчашмаи маблағгузорӣ (+;-)
ш. Душанбе				
1.	ДМТ(миллӣ)	23164	1327	+;-
2.	ДДОТ(омӯзгорӣ)	16165	795	+;-
3.	ДТТ(техникӣ)	9771	569	+;-
4.	ДАТ(аграрӣ)	8369	423	+;-
5.	ДДТТ (тиббӣ)	9961	927	+;-
6.	ДСРТ(славиянӣ)	6760	425	+;-
7.	ДДТТ(тиҷорат)	5313	322	+
8.	ДТТ(техногологи)	5939	297	+;-
9.	ДДЗТ(забонҳо)	3969	233	+;-
10.	ДСХ(соҳибкорӣ)	3321	159	+;-
11.	ДДТҶТ(тарбияи ҷисмонӣ)	6693	303	+;-
12.	ДДФСТ(санъат)	2095	269	+;-
13.	ДИТ(исломӣ)	925	101	+;-
14.	КМТ(кансерватория)	409	108	+;-
15.	ФДДМ(Москва)	522	53	+;-
16.	ДМИТ(молия)	7161	454	+;-
17.	ДҲВМҶТ(ҳарбӣ)	968	114	+;-
18.	ДОС(сарҳадӣ)	-	-	-
19.	АВКД(академия)	3618	166	+;-
20.	МОКМҶТ(мак.олии КАМ)	-	-	-
21.	ФД “ПваХМ”	1094	63	+;-
22.	ФДЭМ(Душанбе)	548	43	+;-
23.	ДДСТ ва ДТ	1485	130	+;-
24.	ДИД назди Президенти Ҷ,Т.	1915	160	+;-
Ҳамагӣ:		120165		
в. Суғд				
1.	ДДХ(Хуҷанд)	20373	874	+;-
2.	ДДҲБ ва СТ(бизнес ва сиёсат)	7013	334	+;-
3.	ДКМТ(куҳи)	3296	0	+;-
4.	ДОТ Панҷакент	1402	130	+;-
5.	ДПДТТ	3887	176	+;-
6.	ДИСТ Хуҷанд	4857	295	+;-
7.	ФДТ дар ш. Исфара	574	79	+;-

Ҳамагӣ:		574		
в. Хатлон				
1.	ДДК(Кулоб)	8895	545	+;-
2.	ДДҚ(Қурғонтеппа)	16651	579	+;-
3.	ДДЭТ(энергетики)	2031	122	+;-
4.	ДТ ва МИ(Кулоб)	2561	250	+;-
5.	ДДД(Данғара)	5726	252	+;-
6.	ДТХ дар Данғара	1098	78	+;-
Ҳамагӣ:		41402		
НТҶ				
1.	ДОТР	3333	112	+;-
в. Бадахшон				
1.	ДДХ(Хоруғ)	4465	339	+;-
Ҳамагӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон				
		206327		

Сарчашма: таҳияи муаллифи диссертатсия дар асоси маводҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, МОСМҶТ. Қисми 2. С. 132-133; 207-212.

Таҳлили мазкур аз рӯйи ҷадвали 3. нишон медиҳад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аксарияти муассисаҳои олии таълимӣ дар шаҳри Душанбе ҷойгирбуда фаъолияти онҳо мувофиқи оинномаи муқарраршуда ба роҳ монда шудааст.

Донишҷӯёне, ки ихтисосҳоро мувофиқи хоҳиши худ интихоб намудаанд, таваҷҷӯҳи бештар ба омӯзиш доранд. Дар умум, шумораи донишҷӯёни бакалавр, мутахассис ва магистр дар шаҳри Душанбе 75% - ро ташкил медиҳад. Ба андешаи мо муҳимтарин нишондиҳандае, ки вазъи бозори хизматрасониҳои таҳсилотро тавсиф мекунад, шумораи донишҷӯён аз рӯйи гурӯҳҳои ихтисосҳо мебошад. Таҳлили анҷомдодашуда нишон медиҳад, ки аксарияти донишгоҳҳо аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ ва шартномаи пардохтнамудаи донишҷӯён амал менамоянд.

Дар идома таҳлил дар доираи шумораи донишҷӯёни муассисаҳои олии таълимӣ сурат мегирад ҷадвали 4.

Ҷадвали 4.

Шумораи донишҷӯёни муассисаҳои олии таълимӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, солҳои таҳсили 2010/2011 – 2020/2021*

Нишон - диҳандаҳо	Солҳо										
	2010 / 2011	2011 / 2012	2012 / 2013	2013 / 2014	2014 / 2015	2015 / 2016	2016 / 2017	2017 / 2018	2018 / 2019	2019/ 2020 0	2020 / 2021
Шумораи донишҷӯёни муассисаҳои олии касбӣ, ҳаз. нафар	151,7	152,2	150,2	159,4	165,3	176,5	186,9	195,7	209,8	229,6	245,9

Сарчашма: Маҷмӯаи оморӣ. Тоҷикистон: 30 соли истиқлолияти давлатӣ // Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе. - 2021. - С. 87.

Аз таҳлили ҷадвали 4. чунин натиҷа ҳосил шуд, ки шумораи донишҷӯёни муассисаҳои олии таълимӣ дар соли таҳсили 2020/2021, 245,9 ҳаз. нафарро ташкил медиҳад, ки ин адад нисбати соли таҳсили 2010/2011, 1,62 маротиба ё 94,2 ҳаз. нафар афзоиш ёфтааст. Тақсимоти миёнаи шумораи донишҷӯён дар давраи таҳлили аз рӯйи самти ихтисосҳо

(ҷадвали 5.) чунин мебошад.

Ҷадвали 5.

Тақсимоти миёнаи шумораи донишҷӯён вобаста ба ихтисосҳо, солҳои 2014/2015 – 2010/2021

№ р/т	Нишондиҳан - даҳо	Солҳо							Тағйирот 2020/2010 (мар.)	Фарқият 2020/2011 (+;-)
		2014/ 2015	2015/ 2016	2016/ 2017	2017/ 2018	2018/ 2019	2019/ 2020	2020/ 2021		
1.	саноат ва сохтмон	18,2	24,9	25,2	26,3	29,2	27,7	33,7	1,86	+15,6
2.	кишоварзӣ	10,2	10,6	11,1	12,6	15,5	10	11,3	1,15	+1,5
3.	иқтисодиёт	48,7	51,1	53,6	55,4	58,4	59,6	66,5	1,52	+22,8
4.	тандурустӣ, тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш	14,1	15,9	17,1	19	19,2	20,9	23,8	2,53	+14,4
5.	маориф	68,6	67,7	72,6	74,4	78,9	102,3	101	1,52	+34,7
6.	фарҳанг ва санъат	2,8	3,3	3,8	4	4,4	4,7	5,2	2,26	+2,9
7.	**дигар самтҳо...**	**2,7**	**3,1**	**3,5**	**3,8**	**4,2**	**4,4**	**4,5**	**2,14**	**+2,4**

***Сарчашма:** Маҷмӯаи оморӣ. Тоҷикистон: 30 соли истиқлолияти давлатӣ // Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе. - 2021. - С. 87.

Натиҷаи таҳлили ҷадвали 5 нишон медиҳад, ки шумораи донишҷӯён дар самти ихтисоси саноат ва сохтмон тағйирот - 1,86 маротиба, кишоварзӣ 1,15 марротиба, иқтисодиёт 1,52 маротиба, тандурустӣ, тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш 2,53 марротиба, маориф 1,52 маротиба, фарҳанг ва санъат 2,26 маротиба, дигар самтҳо... 2,14 маротиба ва фарқият нисбати солҳои таҳлили саноат ва сохтмон +15,6, кишоварзӣ +1,5, иқтисодиёт +22,8, тандурустӣ, тарбияи ҷисмонӣ ва варзиш +14,4, маориф +34,7, фарҳанг ва санъат +2,9 мар., дигар самтҳо... +2,4 мебошад. Афзошии мусбат дар ҳамин давра ба таври ҷиддӣ мушоҳида карда мешавад. Аммо бо сабабҳои номаълум норасоии мутахассисони соҳавӣ, соҳиби донишу малакаи кории баланд дар ҳамаи соҳаҳои фавқуззикр мушоҳида карда мешавад. Дар идомаи таҳқиқот, мо нишондиҳандаҳои асосии рақамикуниро дида мебароем, ки дар ҷадвалӣ 6 нишон дода мешавад.

Ҷадвали 6.

Нишондиҳандаҳои асосии рақамикунонии таҳилоти олии касбӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон*

№	Номи донишгоҳҳо	Миқдори компютер	аз он ҷумла:			Синфхонаҳои компютерӣ	Компютерҳои таъмирталаб
			Компютерҳои корӣ дар синфхонаҳои компютерӣ	Компютерҳо дар утоқи кор	Ба интернет пайваст		
1.	ДМТ(миллӣ)	2520	680	1840	931	52	151
2.	ДДОТ(омӯзгорӣ)	895	526	369	450	35	20
3.	ДТТ(техникӣ)	1380	420	840	750	540	110

4.	ДАТ(аграрӣ)	780	550	230	200	15	20
5.	ДДТТ (тиббӣ)	1100	300	320	300	8	42
6.	ДСРТ(славиянӣ)	0	0	0	0	0	0
7.	ДДТТ(тиҷорат)	754	310	390	700	13	54
8.	ДТТ(технгологи)	819	478	341	510	24	37
9.	ДДЗТ(забонҳо)	313	130	79	113	7	89
10.	ДСХ(соҳибкорӣ)	572	231	85	191	11	10
11.	ДДТҶТ(тарбияи ҷисмонӣ)	213	140	70	16	3	35
12.	ДДФСТ(санъат)	105	20	85	40	2	0
13.	ДИТ(исломӣ)	160	70	56	15	4	55
14.	КМТ(кансерватория)	128	25	30	25	1	40
15.	ФДДМ(Москва)	178	102	76	178	5	0
16.	ДМИТ(молия)	745	60	52	55	9	15
17.	ДҲВМҶТ(ҳарбӣ)	175	141	34	40	8	15
18.	ДОС(сарҳадӣ)	0	0	0	0	0	0
19.	АВКД(академия)	184	64	120	15	2	10
20.	МОКМҶТ	0	0	0	0	0	0
21.	ФД “ПваХМ”	126	91	35	100	4	3
22.	ФДЭМ	72	18	21	21	1	8
23.	ДДСТ ва ДТ	109	52	57	67	3	10
24.	ДИД назди Президенти Ҷ,Т.	87	31	56	46	3	1
25.	ДДХ	382	86	274	84	6	18
26.	ДДҲБ ва СТ	651	201	145	526	11	125
27.	ДКМТ	325	175	150	260	7	0
28.	ДОТ Панҷакент	212	154	46	154	12	12
29.	ДПДТТ	1333	1118	120	1300	33	20
30.	ДИСТ Хуҷанд	490	370	120	450	12	65
31.	ФДТ дар ш. Исфара	115	90	25	15	6	25
32.	ДДК	570	283	145	45	12	12
33.	ДДҚ	771	240	130	60	14	106
34.	ДДЭТ	122	52	50	6	2	20
35.	ДТ ва МИ	179	103	76	25	6	23
36.	ДДД	334	173	161	175	9	0
37.	ДТХ дар Данғара	170	0	39	64	2	0
38.	ДОТР	266	86	85	54	4	19
39.	ДДХ	382	86	274	84	6	18

Сарчашма: таҳияи муаллифи диссертатсия дар асоси маводҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, МОСМҶТ. Қисми 2. С. 205 - 206.

Мувофиқи нишондоди ҷадвали 6 ва таҳлили муқоисавии нишондиҳандаҳои ҷадвали 3 хулосабарорӣ намудан мумкин аст, ки шумораи дастгоҳҳои зикргардида ба шумораи умумии донишҷӯён мувофиқат намекунад. Бояд қайд намуд, ки нишондиҳандаҳои техникии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ (МТОК) барои дар чаҳорчӯбаи матахассиси замонавӣ омода намудани донишҷӯён то андозае мушкил боқӣ мемонад. Хулоса таҳлили амиқи раванд гувоҳӣ медиҳад, ки барои пурзӯр намудани базаи моддию техникии донишгоҳҳо бояд ба истифодаи технологияҳои пуриқтидори рақамӣ дар соҳаи таълим: 3D Printer, компютерҳои насли нав ва дигар инфрасохтори зарурӣ диққати махсус дода шавад. Бояд дар идомаи фаъолият дар асоси дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ,

Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар сиёсати худ маорифро дар ҷои аввал мегузорад, консепсияҳои соҳавӣ ва дигар санадҳои амалкунандаи ҷумҳурӣ амал намуда корро дар самти омода намудани мутахассисони соҳаҳои рақамӣ ҷоннок намоянд.

АДАБИЁТ

1. Джураева А., Рустамова Х. Анализ состояния рынка образовательных услуг в Республике Таджикистан А. Джураева, Х. Рустамова // В сборнике: Развитие системы непрерывного образования в условиях Индустрии 4.0. Материалы Международной научно-практической конференции. 2019. С. 45-49.
2. Индекси таҳсилот ин нишондиҳандаи маҷмӯии барномаи рушди Созмони Милали Муттаҳид (СММ) мебошад, ки ҳамчун шохиси саводнокии калонсолон ва шохиси ҳиссаи умумии донишҷӯёне, ки таҳсил мекунанд, ҳисоб карда мешавад. Электронный гуманитарный портал. Официальный сайт: gtmarket.ru. Точка доступа https://gtmarket.ru/ratings/education-index (Дата обращения 17.11.2022).
3. Маҷмӯаи оморӣ. Тоҷикистон: 30 соли истиқлолияти давлатӣ // Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Душанбе. - 2021. - С. 87.
4. Мирсаидов А.Б., Сафарзода У.М. Такмили институтсионалии механизмҳои рушди соҳаи таҳсилоти олии касбӣ /А.Б. Мирсаидов, У.М. Сафарзода//Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон. 2019. № 3 (28). С. 281-290.
5. Омори солонаи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, МОСМҶТ. Қисми 2. С. 205 - 206.
6. Тулиев, М. С. Рушди хизматрасониҳои электронӣ дар шароити ташаккули иқтисодиёти рақамии Ҷумҳурии Тоҷикистон / М.С. Тулиев // Паёми ДДТТ. Силсилаи илмҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва соҳибкорӣ. 2019. – № 3(28). – С. 131-140.

УДК 330.3

Давлятов Э.М.

СУБОТИ СИЁСӢ ҲАМЧУН ЗАМИНАИ РУШДИ САРМОЯГУЗОРӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Дар раванди гузариш аз иқтисодиёти нақшавӣ ба иқтисодиёти бозорӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба як қатор мушкилиҳо дучор гардид аз ҷумла, коста гардидани иқтидори истеҳсолӣ, авҷи бекорӣ, паст гардидани некуаҳволии аҳолӣ ва ғайра. Анҷоми равандҳои гузариш ва таъмини рушди устувори иқтисодӣ, вазифаи муҳимтарини марҳилаи муосири ислоҳот мебошад. Дар робита ба ин, пеш аз ҳама дар мадди аввал ҷустуҷӯ ва дарёфти воситаҳо баҳри ноил шудан ба мақсадҳои гузошташуда меистад. Бинобар ин, таҳқиқи сармоягузорӣ ҳамчун омилӣ рушди босуботи иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон хеле муҳим ва аҳмиятнок мебошад.

Вожаҳои калидӣ: сармоягузорӣ, сармоягузории мустақим, сармоягузории сандуқӣ, ҷалби сармоягузорӣ, иқтисоди бозорӣ.

Давлятов Э.М.

ПОЛИТИЧЕСКАЯ СТАБИЛЬНОСТЬ КАК ОСНОВА РАЗВИТИЯ ИНВЕСТИЦИЙ В РЕСПУБЛИКЕ ТАДЖИКИСТАН

В процессе перехода к рыночной экономике Республика Таджикистан столкнулась с рядом проблем, в частности, включая уменьшение производственных мощностей, пик безработицы, сокращение благополучие населения и так далее. Завершение процессов перехода и обеспечение устойчивого экономического развития является наиболее важной задачей реформы. В связи с этим первоочередной задачей является поиск и нахождение средств для достижения поставленных целей. Следовательно, исследование инвестиций как фактора развития экономической стабильности в Республике Таджикистан является очень важным.

Ключевые слова: инвестиции, прямые инвестиции, портфельные инвестиции, привлечение инвестиций, рыночная экономика.

Davlyatov E.M.

POLITICAL STABILITY AS A BASIS FOR INVESTMENT DEVELOPMENT IN THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN

In the process of transition to a market economy, the Republic of Tajikistan faced a number of problems, in particular, including a decrease in production capacity, a peak in unemployment, a decrease in the well-being of the population, and so on. Completing the transition processes and ensuring sustainable economic development is the most important task of the reform. In this regard, the primary task is to find and find means to achieve the goals. Therefore, the study of investment as a factor in the development of economic stability in the Republic of Tajikistan is very important.

Key words: investments, direct investments, portfolio investments, attraction of investments, market economy.

Таҷриба нишон медиҳад, ки яке аз шартҳои муҳими рушди иқтисод дар шароити муосир ва ҷаҳонишавӣ фаъолияти босурати сармоягузорӣ ба ҳисоб меравад. Ин раванд тавассути афзоиши ҳаҷми захираҳои сармоягузорӣ ва истифодаи самараноки он дар самтҳои афзалиятноки иқтисодиёт ба даст меояд. Дар натиҷаи пош хурдани иттиҳоди ҷумҳуриҳои шӯравии сотсиалистӣ ва дар ин замина гузариш аз низоми иқтисоди нақшавӣ ба низоми иқтисодӣ бозоргонӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон ба як қатор душвориҳои иқтисодӣ, сиёсӣ ва иҷтимоӣ дучор гардид. Аз ҷумла, канда шудани риштаи муносбатҳои иқтисодии субъектҳои хоҷагидори собиқ ҷумҳуриҳои шуравӣ боиси аз фаъолият бозмондани аксарияти иқтидорҳои истеҳсолӣ, авҷ гирифтани сатҳи бекорӣ, паст гардидани сатҳи зиндагии аҳоли гардида, вазъӣ номусоиди сиёсӣ дар мамлакат боиси фалаҷ гардидани иқтисодиёти миллӣ гардид.

Мавриди қайд аст, ки дар давраи гузариш ба ин вазъ на танҳо Ҷумҳурии Тоҷикистон балки тамоми ҷумҳуриҳои собиқ шуравӣ дучор гардиданд.

Вазъӣ бавуҷудомада дар иқтисодиёти миллӣ ва гузариш ба иқтисоди бозорӣ тақозо намуд, ки роҳҳои бартараф намудани оқибатҳои кандашавии муносибатҳои иқтисодии собиқ субъектҳои хоҷагидор дарёфт карда шаванд.

Барои бартараф намудани оқибатҳои баамаломада ва оғози бозсозии иқтисодиёти миллӣ ва заминагузорӣ ба рушди минбаъдаи он воситаҳои калони пулии озод (сормоягузорӣ) хеле зарур буданд, аммо бо сабабҳои маълум пайдо намудани чунин сарчашмаҳои пулии озод дар дохили мамалакат гайриимкон буд.

Бинобар ин, дар чунин ҳолатҳо асосан сарчашмаҳои хориҷии сармоягузорӣ ҷалб карда мешаванд, зеро аксарияти давлатҳо, махсусан давлатҳое, ки кушиши раҳо ёфтан аз буҳрони иқтисодӣ ва беҳтар намудани некуаҳволии аҳолиро доранд, ҷалби сармояи хориҷӣ дар шакли сармоягузориҳои мустақим, сармоягузориҳои сандуқи (портфелӣ) ва дигар дороиҳо нақши муҳимро мебозанд.

Одатан, таҳти мафҳуми сармоягузорӣ татбиқи лоиҳаҳои алоҳидаи иқтисодӣ дар айни замон бо назардошти гирифтани даромад дар оянда фаҳмида мешавад.

Мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сармоягузорӣ» таҳти мафҳуми сармоягузорӣ чунин омадааст: «сармоягузорӣ - аз ҷониби сармоягузор дар шакли дороиҳои моддӣ ва ғайримоддӣ гузоштани сармоя дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади гирифтани фоида» [1].

Инчунин, тибқи қонуни мазкур таҳти мафҳуми «сармоягузор - шахси воқеӣ ва ҳуқуқӣ, инчунин ташкилот бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолияти сармоягузориро амалӣ менамояд», фаҳмида мешавад [1].

Давраи гузариш ба иқтисоди бозорӣ ин як давраи таърихии муҳлатнокест, ки дар он мутобиқ гардонидани заминаҳои ҳуқуқии муносибатҳои иқтисодӣ ва фароҳам овардани шароити мусоид барои амали намудани фаъолияти соҳибкори мебошад. Аз ин лиҳоз дар давраи гузариш ҷалб намудани сармояи хориҷӣ ва миллӣ ба иқтисодиёти дилхоҳ кишвар бояд ба сармоягузор кафолатҳои ҳимояи ҳуқуқ ва манфиатҳои бо санадҳои меъёри ҳуқуқӣ танзишаванда дода шаванд. Бо назардошти ин гуфтаҳо дар марҳилаи аввали бозсозии иқтисодиётӣ миллӣ бо сабабҳои вазъи сиёсӣ, мавҷуд набудани заминаҳои ҳуқуқӣ ва ҷойгиршавии ҷуғрофӣ боиси ғайриимкон гардидани ҷалби сармояи хориҷӣ ва ватанӣ гардида бошад аз тарафи дигар бошад ин вазъ омили ҷолиб набудани маблағгузорӣ аз тарафи сармоягузор гардид.

Албатта, дар солҳои мустақилияти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба Ҳукумати Ҷумҳурӣ муяссар гардид, ки барои барқарорсозӣ ва тараққӣ додани иқтисоди мамлакат корҳои зиёдеро ба анҷом расонад.

Заминаи асосии қонунгузорӣ ва меъёрии ҳуқуқие, ки ба ташаккулёбии механизмҳои бозории хоҷагидорӣ мусоидат менамояд, қабул карда шуд [2].

Аз соли 2002 ва то имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар сатҳи қонунгузорӣ ислоҳоти зиёде, ки барои фароҳам овардани шароити мусоиди сармоягузорӣ дар соҳаҳои афзалиятнок равона гардидаанд, анҷом дода шуданд ва гузаронида шуда истодаанд [2].

Ҷанбаи калидии он қабул гардидани Қонуни нави Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сармоягузорӣ» мебошад. Хусусияти фарқкунандаи Қонуни нави Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сармоягузорӣ» он гардид, ки таҳти мафҳуми сармоягузорон ин Қонун на танҳо сармоягузорони хориҷӣ, балки инчунин сармоягузорони ватаниро низ фаро гирифт ва ҳамин тариқ ба рушди сармоягузории дохилӣ мусоидат намуд [2].

Иловатан, дар сатҳи миллӣ барои ҳавасмандгардонии воридшавии сармоягузориҳо ва фароҳам овардани муҳити мусоидтари сармоягузорӣ қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хусусигардонии моликияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи созишномаҳои тақсими маҳсулот», «Дар бораи консессияҳо», «Дар бораи минтақаҳои озоди иқтисодӣ», «Дар бораи таърихи ќарзҳо», «Дар бораи шарикии давлат ва бахши хусусӣ» қабул карда шуданд [2].

Гузашта аз он, бо дарназардошти воқеияти замони имрӯза Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи созишномаҳои сармоягузорӣ», ки ба беҳтарсозии ҳарчӣ бештари муҳити сармоягузории кишвар равона гардидааст, қабул карда шуд [2].

Дар Консепсияи сиёсати давлатии ҷалб ва ҳимояи сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба омилҳое, ки ба фаъолияти сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсири манфи мерасонанд, чунин оварда шудааст: «бо вуҷуди дастовардҳои дар тӯли солҳои охир дар соҳаи беҳтарсозии фаъолияти сармоягузорӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ноилгардида, таҳлили анҷомдодашуда ва пурсиши дар байни соҳибкорон ва сармоягузорон

гузаронидашуда имкон дод, ки муаммоҳои зерини барои кишвари мо дар соҳаи сармоягузорӣ хосбуда муайян карда шаванд»:
-бозори дохилии нисбатан начандон калон ва ҳамгироии заифи тиҷоратию иқтисодӣ бо кишварҳои хориҷӣ [2];
-рушди ғайрикофии инфрасохтори ҷисмонӣ (роҳҳо, хатҳои интиқоли қувваи барқ, обтаъминкунӣ ва монанди инҳо) дар як қатор минтақаҳои кишвар;
-камбуди мавсимии қувваи барқ;
-нуқсонҳо дар қонунгузории кишвар дар соҳаи сармоягузорӣ ва механизмҳое, ки ҳуқуқи моликият, риояи бояду шояди қонунҳо ва муносибатҳои шартномавии субъектҳои хоҷагидориро таъмин мекунанд, нигилизми (нобоварӣ ё дар сатҳи зарурӣ истифода нагардидани меъёрҳои ҷонунгузорӣ) ҳуқуқӣ;
-шароити заифи рақобатпазирӣ ҷиҳати ҷалби сармоягузориҳо (низомҳои андоз, гумрук ва раводид);
-нисбатан дур будан аз бозорҳои истеъмолии бузурги ҷаҳонӣ ва шоҳроҳҳои асосии тиҷоратию нақлиётӣ;
-инкишоф наёфтани инфрасохтори сармоягузорӣ (бонкӣ, иттилоотию таҳлилӣ, консалтингӣ (машваратӣ) ва ғайра);
-баланд будани сатҳи бюрократизатсияи (расмиятпарастии) идораи давлатӣ;
-дар кишвар ба миқдори кофӣ вуҷуд надоштани кадрҳои идоракунанда ва коргарии дорои донишу малакаи муосир, баланд будани сатҳи муҳоҷирати берунӣ» [2].

Албатта мушкилиҳои дар боло зикргардида бевосита ба фазои сармогузорӣ таъсири манфии худро расонда, ин омилҳо на танҳо саддӣ роҳи сармогузориҳои хориҷӣ ба иқтисодиёти миллӣ балки боиси берун аз каламрави кишвар баромадани сармояи соҳибкорони ватанӣ гашта метавонад, тасдиқи ин гуфтаҳоро метавонем дар маълумоти Кумитаи давлатии оморӣ Ӯзбекистон мушоҳида намуд. Тибқи ин сарчашмаи маълумот дар Ӯзбекистон 178 корхона бо сармоягузории мустақими Тоҷикистон амал мекунанд, ки 103-тоашон тиҷорати муштарак бо соҳибкорони ӯзбек буда, 75 корхона бо сармояи пурраи тоҷирони тоҷик фаъолият доранд.

Шумораи корхонаҳои амалкунанда дар Ҷумҳурии Ӯзбекистон бо иштироки кишварҳои ИДМ (ба санаи 01.09.2020) [3] .

	Ҳамагӣ:	Аз ҷумла:	
		Корхонаҳои муштарак	Корхонаҳои хориҷӣ
Федератсияи Русия	2004	1199	805
Казоқистон	872	438	434
Озарбойҷон	195	70	125
Қирғизистон	166	89	77
Тоҷикистон	178	103	75
Туркманистон	158	64	94
Украина	134	75	59
Белорус	85	54	31
Арманистон	34	20	14
Молдова	21	7	14

Бе шак омилҳои дар боло зикргардида бевосита таъсири худро на танҳо ба сармоягузориҳои хориҷӣ балки ба сармоягузориҳои ватанӣ низ мерасонад, чи тавре мо огоҳ ҳастем мақсади асосии сармоягузорӣ ин бо хароҷоти камтарин ва дар мӯҳлати кӯтоҳтарин бозпас гардонидани сармояи гузошташуда ва дар оянда ба даст овардани фоидаи баланд ва офзоиш додани дороиҳои худ мебошад. Дар шароити ҷаҳонишавӣ яке аз вазифаҳои муҳими

фаъолияти сармоягузорӣ ин дарёфти бозорҳои нави истеъмолӣ ба ҳисоб меравад, аз ин лиҳоз, пеш аз оне, ки сармоягузор азми ба иқтисодиёти дилхоҳ кишвар равона намудани сармояро пеша намояд, ҳатман таҳлили амиқи ҳамаҷонибаро оиди вазъи сиёсӣ, макроиқтисодӣ ва ҷойгиршавии ҷуғрофии кишвари кабулкунандаи сармояро анҷом медиҳад. Бинобар ин, мехостем диққати хонандаро ба ду омиле, ки аз нуқтаи назари мо дар байни дигар омилҳо мавқеи хосаро ишғол намуда, бештар ба фазои сармоягузорӣ таъсиррасонанд, ҷалб намоем:

1.Хавфи сиёсӣ – ин таъсири манфии равандҳои сиёсӣ ба равандҳои иқтисодӣ буда, он дар навбати худ ба хавфи сиёсии дохилӣ ва беруна ҷудо мешавад. Ба хавфи сиёсии дохилии метавон эҳтимолияти саромади тазоҳуроти ҷамъиятӣ, низоҳои дохилӣ, табодулот ва ғайраро дохил намуд. Ба хавфи беруна бошад мавҷудияти омилҳои нооромӣ дар минтақа ва вуҷуд доштани хавфи бунбасти иқтисодӣ бинобар пешгӯинашаванда будани рушди вазъи сиёсии хориҷӣ дар минтақаро метавон дохил намуд. Ин омилро метавон ҳамчун равзана ё остонаи ҷалби сармоягузории дохили ва махсусан сармоягузории хориҷӣ арзёби намуд. Зикр намудан ба маврид аст, ки идора намудан ё коҳиш додани хавфи сиёсии дохилӣ имконпазир буда, аммо чи тавре, ки мо медонем ба эътидол даровардани хавфи сиёсии беруна имконнопазир ва ё умуман идоранашванда мебошад.

Бинобар ин, ба ақидаи мо барои равона намудани дороиҳои худ ба иқтисодиётӣ дилхоҳ кишвар сармоягузор дар маддӣ аввал маҳз суботи сиёсӣ ва дурнамои онро мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор медиҳад. Аз ин лиҳоз маҳз вазъи босуботи сиёсӣ ба ақидаи мо барои ҷалби сармоягузорӣ дар ҷои аввал меистад.

2. Дастрастӣ ба ашёи хом–дар шароити муосир пояи асосии иқтисодиётӣ кишварҳои пешрафтаро маҳз истеҳсоли молу маҳсулотҳои гугонуг ташкил менамояд, чи тавре, ки мо медонем барои истеҳсоли маҳсулоти рақобатпазир ва дастрас ба мизоҷон ба ғайр аз сифат, нархи он низ нақши калидиро мебозад. Албатта барои ноил гардидан ба ин мақсад, яъне истеҳсоли маҳсулоти арзон дастрасӣ ба ашёи хом ва қуввахои истеҳсолкунанда омилӣ асосӣ ва таъсирбахш ба ҳисоб меравад, аз ин лиҳоз, барои ҷалби сармоя ба иқтисодиёт бояд афзалият ба он соҳаҳои иқтисодиёт дода шаванд, ки имкониятҳои дастрасӣ ба ашёи хом ва захираҳои он фаровон бошанд ва рӯнамои ин захираҳои моддӣ ба тариқи васоити ахбори оммаи минтақавӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ тарғибу ташвиқ карда шаванд. Зеро рушди мунтазами иқтисодиётро бе рушди соҳаи истеҳсолот ва дастрасӣ ба ашёи хоми арзон ва захираҳои фаровони он тасавур кардан ғайриимкон аст.

Як нуқтаи дигарро бояд тазаккур дод, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати ҷалби сармоягузорӣ дар Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон озодкунӣ аз пардохти андоз аз даромад пешбини гардидааст. Аз ҷумла, дар қисми 2, моддаи 189 кодекси андоз оварда шудааст, ки «даромади корхонаҳои навтаъсис аз таҳвили молҳои истеҳсолшуда, агар муассисони онҳо дар муҳлати 12 моҳи тақвимии аз санаи бақайдгирии ибтидоии давлатӣ ба фонди оинномавии чунин корхонаҳо ҳаҷмҳои дар поён зикргардидаи сармоягузориҳоро ба муҳлатҳои зерин ворид намоянд:

- 2 сол, агар ҳаҷми сармоягузориҳо бештар аз 200 ҳазор доллари ИМА то 500 ҳазор доллари ИМА-ро ташкил кунад;

- 3 сол, агар ҳаҷми сармоягузориҳо бештар аз 500 ҳазор доллари ИМА то 2 миллион доллари ИМА-ро ташкил кунад;

- 4 сол, агар ҳаҷми сармоягузориҳо бештар аз 2 миллион то 5 миллион доллари ИМА-ро ташкил кунад;

- 5 сол, агар ҳаҷми сармоягузориҳо бештар аз 5 миллион доллари ИМА бошад [4].

Даромадҳои аз фаъолияти сайёҳӣ бадастомада дар давоми 5 сол аз санаи бақайдгирии давлатӣ дар сурати мавҷудияти иҷозатнома барои пешбурди фаъолияти сайёҳӣ» [4].

Вазъи босуботи сиёсӣ, дастрасӣ ба ашёи хом ва заминаи мусоиди ҳуқуқӣ метавонад, ҷиҳати ҷалби сармоягузорӣ ба соҳаҳои афзалалиятноки иқтисодӣ ва истеҳсоли молҳои воридотивазкунанда замина гузошта, баҳри омӯзиш ва амалӣ намудани лоиҳаҳои сармоягузорӣ асос гузорад.

АДАБИЁТ

1.Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 марти соли 2016, №1299 “Дар бораи сармоягузорӣ”
2.Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 декабри соли 2012, №755 “Консепсияи сиёсати давлатии ҷалб ва ҳимояи сармоягузории Ҷумҳурии Тоҷикистон”
3.Кумитаи давлатии оморӣ Ҷумҳурии Ӯзбекистон www.stat.uz
4.Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 декабри соли 2021, №1844

УДК 338.4

Мирзоалиев А.А., Холикова П.И.

РАЗВИТИЕ КАДРОВОГО ПОТЕНЦИАЛА В ЦИФРОВОЙ ЭКОНОМИКЕ

В статье рассматриваются основные направления изменения кадровых процессов при переходе к цифровой экономике. Выделены особенности, проблемы и тенденции цифровизации. Развитие цифрового интеллекта отчетливо ощущается в обществе. Изменения на рабочих местах наблюдаются за счет внедрения цифровых технологий. Особое значение имеют перспективы и последствия цифровизации в развитии человеческих ресурсов, что и составляет содержание данной статьи.

Ключевые слова: цифровизация, человеческие ресурсы, экономика, оценка человеческих ресурсов, цифровая экономика, инновационные технологии, рынок труда, цифровые технологии.

Мирзоалиев А.А., Холиқова П.И.

РУШДИ ИҚТИДОРИ КАДРӢ ДАР ИҚТИСОДИЁТИ РАҚАМӢ

Мақола самтҳои асосии тағйирот дар равандҳои HR дар гузариш ба иқтисодиёти рақамиро баррасӣ мекунад. Хусусиятҳо, мушкилот ва тамоюлҳои рақамисозӣ таъкид шудаанд. Рушди зеҳни рақамӣ дар ҷомеа баръало эҳсос мегардад. Тағйирёбии ҷойҳои корӣ аз ҳисоби ҷорӣ намудани технологияҳои рақамӣ мушоҳида мегардад. Дурнамо ва оқибатҳои рақамисозӣ дар рушди захираҳои инсонӣ аҳамияти хоса дорад, ки муҳтавои ин мақоларо баён намудааст.

Калидвожаҳо: рақамисозӣ, захираҳои инсонӣ, иқтисод, арзёбии захираҳои инсонӣ, иқтисодиёти рақамӣ, технологияи инноватсионӣ, бозори меҳнат, технологияи рақамӣ.

Mirzoaliev A.A., Kholiqova P.I.

HUMAN RESOURCE DEVELOPMENT IN THE DIGITAL ECONOMY

The article discusses the main directions of changes in HR processes in the transition to the digital economy. Features, challenges and trends of digitization are highlighted. The development

of digital intelligence is clearly felt in society. Changes in workplaces are observed due to the introduction of digital technologies. The prospects and consequences of digitization in the development of human resources are of particular importance, which is the content of this article.

Keywords: digitization, human resources, economy, evaluation of human resources, digital economy, innovative technology, labor market, digital technology.

Тавре мушоҳида менамоем, рушди иқтисоди рақамӣ боиси тағйироти сифатӣ дар идоракунии корхона гардид. Дар мавриди талабот ба сармояи инсонии баландсифат, чунин ба назар мерасад, ки имкони иқтисодӣ дар ояндаи наздик бо дурнамои рақамикунонӣ ва иқтисоди рақамӣ алоқаманд аст. Зеро, иқтисоди рақамӣ иқтисодиёти маҳсулоти инфиродӣ ва махсусгардонидашудаест, ки аз ҷониби гурӯҳҳои хурд истеҳсол карда мешавад ва ин сармояи баланди инсониро талаб мекунад.

Ин тағирёбии парадигма боиси боз ҳам аз нав дида баромадани нақши захираҳои инсонӣ дар корхона гардид. Идеяи мавҷудияти дороиҳои ғайримоддӣ ҳамчун шакли махсуси зуҳури сармояи инсонии корхона ба миён меояд [9].

Соли 1995 олими амрикоӣ Николас Негропонте аз Донишгоҳи Массачусетс истилоҳи "иқтисоди рақамӣ"-ро ба вуҷуд овард. Яке аз гузоришҳои асосии Бонки Ҷаҳонӣ барои соли 2016 мундариҷаи гузориш дар бораи вазъи иқтисоди рақамӣ дар ҷаҳон дар гузориши "Дивидендҳои рақамӣ" оварда шудааст [10]. Ӯ чунин андешаро пешниҳод намудааст:

«Дар системаи муосири иқтисодии ҷаҳон, дар зери таъсири равандҳои рақамисозӣ, ҳиссаи назарраси маҷмӯи маҳсулоти дохилии кишварҳои пешрафта барои ҷамъоварӣ, коркард, нигоҳдорӣ ва паҳн кардани иттилоот ва донишҳо ҳисоб мекунад. Дар зери таъсири нақши афзояндаи иттилоот ва дониш дар муҳити соҳибкорӣ, зарурати идоракунии сармояи инсонӣ ҳамчун барандаи ин дониш рӯз то рӯз аҳамияти бештар пайдо мекунад» [9].

Ҳамин тариқ, барои таърифи истилоҳи «иқтисоди рақамӣ» ду равишро метавон ҷудо кард: равиши аввал онро ҳамчун кластери бахшҳои иқтисодӣ барои истеҳсоли молу хидматҳои электронӣ дар асоси технологияҳои рақамӣ муайян мекунад. Аз нуқтаи назари ин равиш, ки онро равиши классикӣ меноманд, як гурӯҳи молу хизматрасонӣ то андозае дар натиҷаи имкониятҳои технологияҳои рақамӣ ба ҳисоб меравад ва амалан ба муқаррароти мавҷудаи назарияи иқтисодӣ мувофиқат мекунад. Дар соҳаи равиши дуюм, иқтисодиёти рақамӣ ҳамчун формати нави муҳити иқтисодӣ баррасӣ мешавад, ки дар зери таъсири дастовардҳои пешрафти илмию техникӣ дар раванди рушди технологияҳои рақамӣ, инчунин татбиқи имкониятҳои нав дар хамаи сохахои фаъолияти ичтимоию иктисодие, ки ин технологияхо таъмин карда шудаанд ташаккул меёбад. Ин равиш истилоҳи «иқтисоди рақамӣ»-ро васеътар маънидод мекунад, аммо маҳз ҳамин таъриф дар бораи мутобиқати муқаррароти назарияи иқтисодие, ки дар парадигмаи нави иқтисодӣ ба вуҷуд меоянд, шубҳаҳоро ба вуҷуд меорад.

Ҷаҳони муосирро наметавон бе рушди низоми иттилоотӣ тасаввур кард. Низоми иттилооти дар раванди муносибатҳои иқтисодӣ вокунишеро ба миён гузоштааст, ки онро бояд зуд дарк намуд ва пиёда сохт. Воқеияти муосир дар марҳилаи дигаргунсозии куллӣ вуҷуд дорад, ки ин ба афзоиши ҳиссаи нақши иқтисоди рақамӣ асоснок шудааст. Технологияҳои инноватсионие, ки дар асоси он қарор доштанд бо суръат дигар карда шуданд ва ба марҳилаи нави густариши босуръати ҷаҳонӣ табдил ёфтанд. Масалан ҳоло, дар бисёре аз минтақаҳои Федератсияи Русия, сатҳи воридшавии рақамӣ аз рӯи индекси рақамии Русия аз 60% ва дар минтақаҳои пешрафта аз 75% зиёд аст [2]. Эҳтимол меравад, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ин рақамҳо шояд то 30-40% -ро ташкил диҳанд. Аммо муҳити рақамишуда моро водор месозад ҳамқадами замона бошем. Рушд ва маъмул гардонидани технологияҳои рақамӣ дар саросари ҷаҳон як лаҳзаи ногузир аст, ки бевосита ба тарзи ҳаёти аҳолӣ дар маҷмӯъ таъсир мерасонад.

Бисёре аз бахшҳои иқтисодиёт бо ҳаракати кайҳонӣ ба сӯи рақамисозӣ тамоюл доранд ва баъзеҳо аллакай рақамӣ шудаанд. Қобили зикр аст, ки ҳатто дар соҳаи кишоварзӣ, ки дар асри 21 босуръат рушд мекунад, таҷҳизотҳои роботӣ пайдо шудааст, ки кори одамонро ба таври назаррас тез ва осон менамояд.

Робототехника, зеҳни сунъӣ, чопи 3D - ин рӯйхати пурраи манфиатҳое нест, ки зеҳни рақамӣ медиҳад, дар навбати худ, рушди он мустақиман аз худи шахс вобаста аст, ки барои ин дониш ва тахассуси зарурӣ дорад. Вақте ки кишварҳо ба сӯи рақамисозӣ пеш мераванд, дар ин раванд шумораи зиёди кадрҳоро пайдо кардан ғайриимкон аст, ки дорои тахассуси зарурӣ бошанд.

Ин мушкилот ба яке аз мушкилоти глобалии бозори меҳнат табдил ёфтааст [8]. Барои мисол аз рӯуи маълумотҳои интернетӣ дар Русия фарқияти тахассусӣ 33,9 миллион нафарро ташкил медиҳад ва ин рақамро дар дигар кишварҳо ҳисоб кардан имконопазир аст.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки аксари аҳолӣ имрӯз қурбони шабакаҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла интернет гаштаанд ва соатеро бе истифода аз он тасаввур карда наметавонанд. Фаъолияти натиҷабахши ҳар як фард аз маърифату саводнокии технологӣ, истифодаи воситаҳои техникӣ ва мутобиқ шудан ба муҳити технологияи рақамӣ вобастагии зиёд дорад. Яъне мафҳуми “инсони рақамӣ”, “фазои иттилоотӣ”, “фаъолияти фосилавӣ” ва амсоли онҳо мубрамии ҳаёти ҳар як фардро таҷассум менамоянд.

Мутахассисони ин соҳа маълумот медиҳанд, ки имрӯз дар ҷаҳон тамоми раванди технологӣ метавонад дар тӯли 2,5 сол ба таври назаррас тағйир ёбад. Дар навбати худ, қувваи корӣ, ки барои мутобиқ шудан ба чунин тағйирот вақт надорад, барои кишварҳои пешрафта як мушкили ҷиддиест. Татбиқи фаъоли рақамикунонӣ ва технологияи рақамӣ зарурияти омӯзиши дастаҷамъонаи кадрҳоро ба миён мегузорад, ки онҳо қобилият, маҳорат ва тахассуснокии анъанавиро доранд. Ба шарофати ин раванд шумораи коргарони пастихтисос коҳиш ёфта, дар 5-10 соли наздик дар Русия беш аз 6,7 миллион ҷойҳои корӣ ихтисор хоҳанд шуд.

Чунин пешгӯиро Фонди рушди ташаббуси Интернет дар асоси динамикаи кунунии тағйирот дар сатҳи шуғл дар Русия таҳия кардааст [3]. Инчунин бояд қайд кард, ки касбҳое, ки ба кори муқаррарӣ асос ёфтаанд, дараҷаи баландтарини коҳиши хавф доранд, аз ҷумла: муҳосибон, операторони маркази тамос, таҳлилгарон, кормандони бонк. Имрӯз низоми омодасозии кадрҳо аз технологияҳои муосир ба таври назаррас дур шуда, сатҳи саводнокии рақамии одамон ба талаботи рақамисозии ҷомеа дар маҷмӯъ ҷавобгӯ нест. Барои рушди минбаъдаи рақамисозӣ, инчунин барои муваффақият дар технологияҳои муосир, ҳоло зарур аст, ки системаи таълимро аз нав шакл дод, инчунин ба рушд ва дастгирии донишҷӯёни лаёқатманд дар соҳаи технологияҳои иттилоотии иқтисодиёти рақамӣ таваҷҷӯҳ беандоза зоҳир кард. Инчунин, бояд гуфт, ки тамоми табақаҳои аҳолӣ бояд ба истифодаи фаъолонаи технологияҳои нав омода бошанд. Баланд бардоштани сатҳи саводнокии умумии рақамӣ на танҳо ба беҳбуди зиндагии аҳолӣ, балки вазъи иқтисодии онро баланд бардошта, нобаробарии рақамиро коҳиш медиҳад [4].

Имрӯз барои таъмин ва рушди иқтисодиёт ба кадрҳои кордон эҳтиёҷи фаврӣ ба миён омадааст. Ба ин муносибат ин зарурат талаб мекунад, ки барои бо суръат тайёр кардани онҳо шароит фароҳам оварда шавад. Асоси захираҳои инсонии рақамисозӣ мутахассисони идоракунии додаҳо, таҳиягарони замимаҳои мобилӣ ва ғайра мебошанд. Бе иштироки бевоситаи кормандони салоҳиятдор ва ҷалбшуда, ки малакаҳои кор дар муҳити рақамӣ доранд, тасаввуроти муосири ширкатҳоро эҷод кардан ғайриимкон аст.

“Дар самти рушди соҳаҳои мухталифи саноат зарур аст, ки гузариш ба технологияҳои инноватсионӣ, хусусан, таҷҳизоти каммасрафи баркӣ таъмин гардида, дар ин замина истеҳсоли маҳсулоти рақобатнок бо истифода аз «энергияи сабз» васеъ ҷорӣ карда шавад.

Ба Ҳукумати мамлакат супориш дода мешавад, ки ҷиҳати таҳия ва васеъ истифода намудани технологияҳои муосир дар соҳаҳои мухталифи иқтисоди мамлакат Стратегияи миллии «зеҳни сунъӣ»-ро қабул ва татбиқ намояд.

Вобаста ба талаботи соҳаи саноат зарур аст, ки ба масъалаи баланд бардоштани сифати таҳсилот, такмили нақшаҳои таълимӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбии кишвар ва тайёр кардани мутахассисони касбҳои нав эътибори ҷиддӣ дода шавад”[7].

Салоҳияти кормандони HR, ки бевосита равандҳои асосиро ҳамроҳӣ мекунанд, аҳамияти аввалиндараҷа дорад. Ба эътиқоди коршиносон ва донишмандони ин соҳа, дар шароити ақибмонии истеҳсолоти технологӣ ва тавсеаи таҳримҳо, ба гумон аст, ки рақамисозӣ иқтисоди кишварро ба мавқеи рушди устувори иқтисодӣ расонад. Дар муддати кӯтоҳ иҷро кардани тамоми вазифаҳои ба миён гузошташуда, ҳатто дар сурати мавҷуд будани маблағгузориҳои калон, мутахассисон ва кадрҳои аз ҷиҳати касбӣ тайёр кардашуда хеле душвор аст, зеро имрӯз ин захираҳо хеле маҳдуданд.

Аз ин лиҳоз, мо набояд дар оянда аз ҳисоби рақамикунонии иқтисодиёт шумораи зиёди бекоронро бинем. Мушкилии худи раванди рақамисозӣ аз нуқтаи назари маҳдудиятҳои молиявӣ метавонад, омили хавф барои татбиқи чунин система гардад [1].

Аммо, сарфи назар аз ҳама паҳлӯҳои манфии ин масъала, натиҷаи асосии тамоми кӯшишҳои андешидашуда афзоиши рақобатпазирӣ, имкони худшиносӣ ва рушди шаҳрвандони Русия дар тӯли ҳаёти онҳо хоҳад буд. Имконияти таҳсил ва рушди пайваста бояд барои ҳама шаҳрвандон, сарфи назар аз синну сол дастрас бошад.

“Бо вуҷуди корҳои анҷомдодашуда ва дастовардҳои зикргардида, ҳамчунин, ҷиҳати ҳалли пурраи мушкилоти мавҷуда Ҳукумати мамлакат вазифадор аст, ки минбаъд низ ба масъалаҳои баланд бардоштани гуногунсамтиву рақобатнокии иқтисоди миллӣ, густариши раванди рақамикунонии иқтисод, татбиқи «иқтисоди сабз», саноатикунонии босуръат, истифодаи технологияҳои инноватсионӣ ва рушди нерӯи инсонӣ афзалият дода, дар ин замина рушди устувору сифатноки иқтисоди миллиро таъмин намояд” [7].

Баҳри татбиқи ин мақсаду вазифаҳо иқтидори кадрӣ ё захираҳои меҳнатии касбӣ заруранд, ки бояд беш аз пеш ба таҳсилот, хусусан самти рақамисозӣ, яъне “фазои иттилоотии дастрас” таваҷҷӯҳ дошта бошанд.

Ҳамин тариқ, барои насли ҷавон ва мутахассисони ҷавон фаҳмидани он чизе, ки имрӯз бояд омӯзанд, хеле муҳим аст, то дар оянда дар бозори рақобатпазири меҳнат харидори худро пайдо карда тавонанд. Одамони миёнасол бояд дар ҳар марҳилаи рушди касбияташон имкон дошта бошанд, ки дар зиндагӣ мавқеи худро пайдо кунанд, яъне баҳодиҳии салоҳияти худ, такмили маҳорати худ ва соҳиби ихтисоси дуюми «рақамӣ» шаванд.

Масалан, барои дар сатҳи зарурӣ маълумот гирифтан, хусусан дар самти рақамисозӣ таҳсил дар ихтисосҳои иқтисодиёти бизнеси электронӣ, информатикаи иқтисодӣ, иқтисодиёти рақамӣ, технология ва низоми иттилоотӣ (дар иқтисодиёт) — таъминоти барномавӣ, технология ва низоми иттилоотӣ (дар иқтисодиёт) — таъминоти техникӣ, бизнес информатика (мутахассис дар самти идораи равандҳои тиҷорати электронӣ), информатикаи иқтисодӣ (мутахассис дар самти таҳияи афзорҳои тиҷорати электронӣ) аз манфият холӣ нест.

Асри имрӯза побанди технологияи иттилоотӣ, рақамикунонӣ дар тамоми соҳаҳо гардидааст ва таваҷҷӯҳ намоед, ки новобаста аз суръатбахшӣ ва татбиқи кайҳонии инноватсияҳо дар хориҷи кишвар дар самтҳои зерин баҳри ҳарчи зудтар аз худ намудани нозукиҳои рақамикунонӣ, аз ҷумла зеҳни сунъӣ, барномарезии мобилӣ, идораи сомонаҳо, таҳиягари сомонаҳо, таъминоти техникӣ, таъминоти барномавии системавӣ, таъминоти барномавии оффесӣ, таҳлилгари бизнес, лоиҳаи тиҷоратӣ, маъмури дастгоҳҳои шабакавӣ, маъмури дастгоҳҳои техникӣ ва идоракунии фосилавӣ мутахассисон, яъне иқтидори кадриро новобаста аз сину сол омода месозанд.

Аз инҷост, ки на танҳо насли ҷавон, балки насли калонсол, агар фаъолона истифода бурдани захираҳо ва технологияҳои рақамиро ёд гирад, дар маҷмӯъ имкони зиндагии шоиста ва босифатро пайдо мекунад. Ҳамин тариқ, мо метавонем бигӯем, ки рақамикунонӣ дар соҳаи иқтисод як соҳаи алоҳида нест, балки ҳамчун асос барои эҷоди моделҳои устувор

ва босифати тиҷорат ва истеҳсолот хизмат мекунад, ки ба тағйир додани формати маориф, тандурустии тиббӣ ва инчунин роҳнамоӣ платформаи нави тараққиёти давлат, иқтисодиёт ва тамоми ҷамъият хизмат менамояд.

АДАБИЁТ

1. Иванов, В.В. Цифровая экономика: мифы, реальность, перспектива/ В.В. Иванов, Г.Г. Малинецкий. – М.: Российская академия наук, 2017. – 64 с. 297
2. Индекс «Цифровая Россия» [Электронный ресурс]// Skolkovo. – Режим доступа:https://finance.skolkovo.ru/downloads/documents/FinChair/Research_Reports/SKOLKOVO_Digital_Russia_Report_Full_2019-04_ru.pdf (Дата обращения: 23.08.2020)
3. Кадры в эпоху цифровой экономики [Электронный ресурс]// Ria.ru. – Режим доступа: https://ria.ru/20191230/1562653998.html (Дата обращения: 23.08.2020)
4. Коптева, Л.А. Кадры и образование в цифровой экономике /Л.А. Коптева. – СПб.:Ученые записки Санкт-Петербургского имени В.Б. Бобкова филиала Российской таможенной академии, 2018. – № 3 (67). – С. 102-107.
5. Мирзоалиев А.А.. ва диг. Масъалаҳои ташаккул ва рушди иқтисодиёти рақамӣ [Матн] / А.А. Мирзоалиев, М.С. Тулиев, П.И. Холиқова // Ахбори ДДҲБСТ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ. - 2022. - № 3 (92). - С. 40-52.
6. Мирзоалиев А.А., Бобохонова Ш.Х., Асосҳои консептуалии амалкунии бозори хизматрасониҳои электроэнергетикӣ, ISSN 2308-054X Паёми Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон 2(40) Душанбе, 2022, саҳ 110-117
7. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 21.12. 2021. // [Захираи электронӣ]-Тарзи дастрасӣ: http://president.tj/node/19088(Санаи воридшавӣ: 11.04.2022с);
8. Попов, М.В. Кадровый потенциал в реализации программы «Цифровизация в Российской Федерации»/ М.В. Попов, А.М. Сухорукова. – Саратов, 2018. – С. 15-21.
9. Ширинкина, Е. В. Особенности функционирования промышленных предприятий в цифровой экономике / Е. В. Ширинкина // Экономика впромышленности. – 2018. – Т. 11. – № 2. – С. 143–150.
10. Negroponte, N. Bcing Digital / N. Negroponte. – N.-Y.: Knopf, 1995. – 256 p.

УДК 336.2

Шералиев Э.Н., Халифазода Саидаҳтам, Бахтиер Султон

ҶАНБАҲОИ НАЗАРИЯВИИ ТАШАККУЛ ВА ТАКМИЛИ НИЗОМИ МАЪМУРИКУНОНИИ АНДОЗ ДАР ШАРОИТИ МУОСИР

Дар мақола ҷанбаҳои назариявии ташаккул ва такмили низоми маъмурикунонии андоз дар шароити иқтисоди бозорӣ баррасӣ гардидааст. Нуқтаи назари олимони хориҷӣ ва ватанӣ оиди низоми андоз ва механизми маъмурикунонии он, ташаккули фишангҳои назорат ва санҷишҳои андозӣ ва ҷори намудани низоми нави андозбандӣ пешниҳод шудааст. Самтҳои асосии такмили низоми маъмурикунонии андоз бо назардошти хусусиятҳои минтақавӣ ва соҳавии рушди фаъолияти соҳибкорӣ бо мақсади ҳарчи зиёди истеҳсоли молу маҳсулотҳои ватанӣ ва ба содиротнигаронидашуда дар шароити иқтисоди муосир дида баромада шудааст. Инчунин масъалаи маъмурикунонии андоз аз нигоҳи

танзими давлатии фаъолияти кормандони мақомоти андоз ва рушди соҳибкорӣ мавриди омӯзиш ва таҳлил қарор гирифта, пешниҳодҳои мушаххас оиди такмили механизми низоми нави андозбандӣ ва механизми маъмурикунонии он дар шароити буҳрони молиявӣ-иқтисодӣ барасси гардидааст.

Калидвожаҳо: маъмурикунонии андоз, низоми андоз, назорати андоз, механизми андоз, танзими андоз, мақомоти андоз, санҷишҳои андозӣ.

Шералиев Э.Н., Халифазода Саидахтам, Бахтиер Султон

ТЕОРЕТИЧЕСКИЕ АСПЕКТЫ ФОРМИРОВАНИЯ И РАЗВИТИЯ МЕХАНИЗМА НАЛОГОВОГО АДМИНИСТРИРОВАНИЯ В УСЛОВИЯХ РЫНОЧНОЙ ЭКОНОМИКИ

В статье рассматривается теоретические аспекты формирования и развития система налогового администирирования в условиях рыночной экономики. Предложены идеи зарубежных и отечественных ученых о налоговой системы и их администрирования, а также формирования и регулирования налогового контролья и проверок с учётом региональных особенностей и специфических условий развития предпринимательсва с целью производство конкурентноспособных и импортозамещающих товаров в условиях рыночной экономики. Рассмотрены проблемы налогового администирирования с позиции государственного регулирования эффективности деятельности работников налогового органа, даны рекомендации по совершенствования механизма налогообложений и налогового администирования в условиях финансово-экономического кризиса.

Ключевые слова: налоговые администрирование, налоговая система, налоговый контроль, налоговый механизм, налоговые регулирование, налоговые органы, налоговые проверки.

Sheraliev E.N., Khalifazoda Saidakhtam, Bakhtiyor Sulton

THEORETICAL ASPECTS OF FORMATION AND DEVELOPMENT OF THE MECHANISM OF TAX ADMINISTRATION IN A MARKET ECONOMY

The article examines the theoretical aspects of the formation and development of the mechanism of tax administration in a market economy. The ideas of foreign and domestic scientists about the tax system and their administration, as well as the formation and regulation of tax control and inspections, taking into account regional characteristics and specific conditions, the development of domestic enterprises and the development of entrepreneurship in order to produce competitive and import-substituting goods in a market economy, are proposed. The problems of tax administration are considered from the position of state regulation of the efficiency of the employees of the tax authority, recommendations are given for improving the mechanism of taxation and tax administration in the context of the financial and economic crisis.

Key words: tax administration, tax system, tax control, tax mechanism, tax regulation, tax authorities, tax audits.

Дар шароити муосир низоми андозӣ яке аз фишангҳои муҳими танзими иқтисодёти миллӣ ва низоми молиявӣ ба ҳисоб меравад. Аз он ки чӣ гуна низоми андозбандӣ ва рушди фаъолияти соҳибкорӣ дар кишвар дуруст ба роҳ монда мешавад, дар маҷмуъ самаранокии иқтисодиёти миллии мамлакат вобастагии калон дорад. Сиёсати андоз дар якҷоягӣ бо низоми буҷетӣ-молиявӣ қисмати марказии сиёсати давлатӣ дар бахши молиявӣ ба ҳисоб рафта, вазифаҳои мақомоти андозро барои ҷалби як қисми маҳсулоти ҷамъиятӣ ва эҳтиёҷоти кишвар, муттаҳидсозии воситаҳои пулӣ-қарзиро барои азнавтақимкунии

маблағҳои буҷети давлатӣ, мустаҳкам намудани сохтори истеҳсолӣ, рушди соҳаҳои иқтисодиёт ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум равона карда мешавад.

Низоми андозӣ бо ташаккул ва рушди сохтори давлатдорӣ арзи вуҷуд намуда, назарияи илмии он дар охири асри XVIII пайдо шудааст. Оид ба мақоми андоз дар низоми муносибатҳои иқтисодӣ А. Смит хеле хуб қайд намуда, чунин менигорад, ки: «....барои он ки рушди давлатро аз сатҳи қашшоқӣ то дараҷаи баланд таъмин намоем, пеш аз ҳама сулҳ, низоми хуби андоз ва идоракунии самараноки иқтисодиёт лозим аст ва дар заминаи инҳо дигар равандҳо ба таври табиӣ роҳи ҳалли худро меёбад...»[6,30]. Бо истилоҳи дигар, низоми андоз бо тақсимоти ҷамъиятии меҳнат, синфҳо ва пайдоиши давлатҳо рабт дошта, барои пардохти ҳаққи истифодаи замин ва дигар иншоотҳои давлатӣ ва нигоҳдории мақомоти давлатӣ ҷорӣ карда мешавад.

У. Петти дар асари худ «Рисола оид ба андозу пардохтҳо» чунин қайд менамояд, ки «...низоми андоз на аз рӯи аломатҳои зоҳирӣ, балки бо моҳияти асосии равандҳои иқтисодӣ муносибати хос дошта, зери «табиати ниҳоии андоз» ва оқибатҳои он, рентаи замин ва пул ҳамчун манбаи асосии боигарии давлат ниҳон мебошад...»[10,156]. Хизмати бузурги ин мактабҳои илмӣ дар ташаккули низоми андозӣ ва маъмурикунонии он назаррас буда, аз нигоҳи онҳо хароҷотҳои давлатӣ характери ғайриистеҳсолӣ дошта, низоми маъмурикунонии андоз ба сифати фишанги муҳими хизматрасониҳои давлатӣ баромад менамояд.

Ҷ. Кейнс дар асари илмии худ «Назарияи умумии шуғли аҳолӣ» чунин менигорад, ки назарияи танзими давлатии иқтисод, бахусус, низоми андозӣ хароҷотҳои давлатиро бояд аз ҳисоби роҳандозии низоми маъмурикунонии андоз ва ҷалби сармояҳо ба рушди истеҳсолот таъмин намояд. Ба андешаи Ҷ. Кейнс низоми андозӣ ва механизми маъмурикунонии он ҳамчун фишанги муҳими танзими иқтисодиёт, рушди устувори соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ ва вобастагии пасандозҳои пулӣ, таъмини шуғли пурраи аҳолӣ истифода бурда мешавад [5,2]. Аз ин рӯ, меъёри ҳадди ақали андозҳо ва маъмурикунонии он барои чунин функсияҳои давлатӣ: идоракунӣ, муҳофизат, тартиботи дохила ва ғайра хизмат менамояд.

Дар ташаккули назарияи низоми андозӣ ва маъмурикунони он нақши профессор А. Лаффер (назарияи иқтисодии таклифот) хеле бузург буда, вай алоқамандии миқдории байни низоми андоз ва даромади буҷети давлатиро хеле хуб ифшо намуда, бо номи «каҷхатаи Лаффер» (Laffer curve) хеле машҳур мебошад. Ӯ вобастагии рушди фаъолияти соҳибкорӣ ва меъёри андоз (гаронии андоз)-ро дар нодуруст амал кардани низоми андозбандӣ, бахусус, назорату санҷишҳои андозӣ арзёбӣ намуда, исбот менамояд, ки дар амалия гаронии андоз боиси коҳиш ёфтан ва монеа шудан ба рушди фаъолияти соҳибкорӣ гардида, ба паст шудани имкониятҳои молиявии субъектҳои хоҷагидорӣ, коҳиш ёфтани сатҳи рушди истеҳсолот оварда мерасонад, ки дар назарияи ташаккул ва рушди маъмурикунонии андоз хизмати ин олим бузург мебошад.

Бо мурурии замон низоми андоз ва маъмурикунонии он ташаккул ёфта, фаҳмиши таҳаввулоти илмии онҳо рушд кардааст. Новобаста ба рушди низоми андоз, ҷанбаҳои назариявии низоми маъмурикунони андоз зарурати омӯзиш ва такмилро тақозо менамояд. Аз ин лиҳоз, дар ҳама кишварҳои дунё таҳқиқ ва омӯзиши ҷанбаҳои назариявии сиёсати андозӣ, коркарди методологӣ ва таҷрибаи низоми маъмурикунонии он давом дорад.

Ба андешаи иқтисодчии рус Пушкарев В.М.: «...андоз агар аз як ҷониб, ҳамчун қисмати муҳими тақсимот ва унсури асосии нархгузорӣ барои танзими нархҳои бозорӣ хизмат намояд, барои тақсим, азнавтақсимкунӣ ва ҷамъоварии маблағҳои андозӣ функсияи асосиро низоми маъмурикунонии андоз мебозад..» [11, 56]. Аз ин рӯ, дар табиати низоми маъмурикунонии андоз рушди иқтисодиёт ниҳон буда, хароҷотҳои молиявӣ аз андозу боҷҳои ба буҷети давлат воридшаванда ва меъёри ҳадди ақали он барои иҷрои чунин функсияҳои давлатӣ, ба мисли: муҳофизат, нигоҳдории тартиботи дохила ва ғайра хизмат менамояд ва «...андоз ҳамчун воситаи муҳими сиёсати молиявӣ бо дигар унсурҳои он -

низоми бонкӣ, сиёсати гумрукӣ, танзими ҷамиятҳои саҳомӣ, синдикатҳо, трестҳо ва ғайра ба яке аз механизмҳои асосии танзми низоми андозӣ ва ташаккули муносибати бозорӣ табдил меёбад...» [11, 58].

Амалигардонии сиёсати андоз ба ташаккул ва рушди низоми маъмурикунонии он вобастагии калон дошта, таҳия ва татбиқи он барои рушди муносибатҳои молиявӣ-иқтисодӣ ва рақобатпазирии субъектҳои хоҷагидорӣ таконӣ ҷиддӣ бахшида, «... ба яке аз омилҳои асосии рақобатпазирии молу маҳсулотҳо, ҷалби бештари сармояҳо ба рушди соҳаҳои иқтисодиёти миллӣ ва сиёсати давлатии андозбандӣ табдил меёбад...» [12, 244]. Аз ин рӯ, давлат сиёсати андозии худро тавассути низоми маъмурикунонӣ, бахусус баҳисобгирии объектҳои андозбандӣ ва ба андозбанди алоқаманд, назорату санҷишҳои андозӣ, тавассути азнавтақсимкунии даромадҳои пулӣ, имтиёзҳои андозӣ ва иқтидори андозии кишвар амалӣ менамояд.

Мафҳуми «маъмурикунонӣ» дар назарияи илмӣ ҳамчун ҳамаънои категорияи «идоракунӣ» ва «роҳбарикунӣ» истифода бурда мешавад. Он аввалан ба сифати фишанги «маъмурикунонии даромадҳои давлатӣ», баъдан «...ҳамчун шакли фаъолияти махсус оид ба таъмин ва иҷрои қисмати даромади буҷети давлатӣ, ки қонунгузории бахши андоз муайян кардааст, истифода бурда мешавад...» [4, 148].

Фаҳмиши дурусти истилоҳи «маъмурикунонии давлатӣ» - ин худи мафҳуми маъмурикунонӣ ба ҳисоб рафта, он маънои идоракунӣ, назорат (лотинӣ, administration-руководство)-ро дорад. Дар маънои васеътар, низоми маъмурикунонии андоз ҳамчун низоми махсуси идоракунӣ дар раванди иқтисодӣ-иҷтимоӣ, бахусус идораи давлатӣ, шаҳрдорӣ (мунисипиалӣ), ташкилотҳои тиҷоратӣ, ғайритиҷоратӣ ва дар маҷмуъ ҷомеа хизмат менамояд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба мисли дигар кишварҳои собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ мафҳуми «маъмурикунонии андоз» дар назарияи илмӣ дар даҳсолаҳои охир, баъди ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ ва дар даврони гузариш ба иқтисоди бозорӣ пайдо шуда, ҳамчун як навоварӣ дар методологияи илмӣ ва фаъолияти мақомоти андоз истифода бурда шуда, чунонки дар боло қайд карда будем, дар адабиётҳои иқтисодӣ ҳаммаънои мафҳуми «идоракунӣ» истифода бурда мешавад.

Бо мурури замон низоми муносибатҳои андозӣ рушд намуда, фаҳмиши дарки васеи таҳаввулоти илмии мафҳуми низоми «маъмурикунонии андоз» ташаккул ва такмил ёфтааст. Таҳлили таҳқиқотҳои илмӣ нишон медиҳад, ки ақидаҳои гуногуни олимони соҳа оид ба моҳияти низоми маъмурикунонии андоз мавҷуд мебошанд. Бо баробари рушди низоми муносибатҳои андозӣ, ҷанбаҳои назариявии низоми маъмурикунонии андоз, бахусус назорату санҷишҳои андозӣ, зарурати таҳқиқ ва омӯзишро тақозо намудааст. Аз ин хотир, мо дар асоси таҳлили адабиётҳои ватанӣ ва хориҷӣ ва нуқтаи назари илмии олимони соҳаи мазкур ҷанбаҳои назариявӣ-методологии ташаккул ва такмили низоми маъмурикунонии андозро дар ҷадвали 1 гирд овардаем.

Ҳамин тариқ, низоми маъмурикунони андоз - ин фаъолияти мақомоти давлатӣ дар бахши андозӣ мебошад, ки барои ҷамъоварии саривақтии маблағҳои андозӣ ба буҷети давлатӣ равона карда шуда, таввасути он ҷамъоварии маблағҳои андозӣ ва идоракунии самараноки кормандони мақомот андоз роҳандозӣ карда мешавад. Аз ин рӯ, маъмурикунонии андоз як низоми зудамал ва ташаккулёфтаи муносибатҳои андозӣ мебошад, ки фаъолияти кормандони мақомоти андоз ва андозспорандагонро ҳамоҳанг месозад.

Ин ҷо моҳияти идораи низоми муносибатҳои андозӣ дар заминаи стратегӣ ва пиёдасозии ҳадафҳои сиёсати давлатӣ дар бахши андозӣ пиёда гардида, ба баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти андоз, таъмини рақобати софи субъектҳои хоҷагидорӣ ва рушди фаъолияти соҳибкорӣ равона карда мешавад, ки он аз чунин қисматҳо таркиб меёбад:

- баҳисобгирии объектҳои андозбандӣ ва ба андозбандӣ алоқаманд;

Ҷадвали 1

Тавсири таърифи мафҳуми маъмурикунонии андоз дар муносибатҳои андозӣ

Муаллиф	Таъриф
Майбуров, И. А.	**Маъмурикунонии андоз** - ин раванди идоракунии муносибатҳои андозӣ, ки аз ҷониби органҳои давлатӣ ва мақомоти андоз (маъмурияти андоз), ки барои идоракунии муносибати байни кормандони мақомоти андоз ва андозсупорандагон равона карда шудааст [7, 88].
Пансков, В. Г.	**Маъмурикунонии андозро** ҳамчун идоракунии фаъолияти давлатӣ ва органҳои маҳаллӣ оид ба банақшагирӣ, ташаккул ва такмили низоми андозӣ ва пардохти маблағҳои андозӣ, назорати иҷрои бахши қонунгузории он, ҳуқуқ ва уҳдадориҳои иштирокчиёни муносибатҳои андозӣ фаҳмидан мумкин аст [9, 242].
Дадашев, А. З. Лобанов, А. В.	**Маъмурикунонии андоз** - ин низоми ташкилӣ-идоракуни муносибатҳои андозист, ки аз ҷамъи шаклҳо, усулҳо ва истифодаи онҳо барои таъмини саривақти маблағҳои андозӣ ба буҷети давлатӣ таркиб ёфтааст [3, 5].
Оспанов, М. Т.	**Маъмурикунонии андоз** - ин маҷмуи чорабиниҳо оид ба мутаҳидсозии сохтори андозӣ, муккамалгардонии низоми андозситонӣ, баҳисобгирӣ ва ҳисобот, назорати ҷамъоварии саривақтии маблағҳои андозӣ, инчунин риояи қонунгузории бахши андозӣ равона карда шудааст [8, 289].
Гончаренко, Л. И.	**Маъмурикунонии андоз** ҳамчун қисмати муҳими идоракунии муносибатҳои андозӣва ташкилӣ-хоҷагидорӣ арзёбӣ мегардад [2, 37].
Улуғхоҷаева, Х. Р. Ҷураева, М. Н.	**Маъмурикунонии андоз -** ин тағийрот дар сиёсати андозӣ, ки барои гузаронидани ислоҳоти низоми андозбандӣ ва беҳтаршавии сифати ҷамъоварии маблағҳои андозӣ ба буҷети давлатӣ ба ҳисоб меравад[13, 31].
Ҷумабоев Х. Қ., Маъмуров А. М.	**Маъмурикунонии андоз** - ҳамчун ниҳоди таъмини ҷамъоварии андоз, ҷузъи расмиёти идоракунии низоми андоз дар доираи сиёсати андозӣ, ки муносибатҳои ташкилию ҳуқуқии давлат ва шахсони уҳдадорро ифода менамояд [14, 92].

Манбаъ: таҳияи муаллифон.

- коркарди усул (методика) ва технологияи пешқадами ҳисобу пардохти андозу боҷҳо ба буҷети давлатӣ, баланд бардоштани фарҳанг ва маданияти андозсупорандагон, роҳандози намудани шаклҳо ва усулҳои нави корҳои фаҳмондадиҳии кормандони мақомоти андоз ва андозсупорандагон;
- андешидани чораҳои саривақтии ошкорнамудани ҳолатҳои канораҷӯӣ ва қонунвайронкниҳои бахши андозӣ ва андешидани чораҳои зарурӣ оид ба бартараф намудани онҳо;
- баланд бардоштани донишу маданияти андозсупорандагон ва аҳолӣ;
- кам намудани хароҷотҳо ҳангоми татбиқи амалии низоми маъмурикунонии андоз, ки ҳам барои давлат ва ҳам барои андозсупорнадагон муҳим мебошад.

Барои дарки дурусти моҳияти мафҳуми низоми маъмурикунонии андоз ва механизми амалкарди он, чунин вазифаҳои асосии онро дар рушди низоми андозӣ ҷудо менамоянд: вазифаи молиявӣ, такрористеҳсолӣ, тақсим ва танзимкунӣ (ҳавасмандиҳои иқтисодӣ) ва ғайра.

Дар шароити муосир давлат сиёсати андозро ба сифати фишанги махсуси танзими субъектҳои хоҷагидорӣ ва рушди фаъолияти соҳибкорӣ истифода мебарад, ки истифодаи

самаранокии он яке аз воситаи асосии идоракунии иқтисодиёт ва таъмини манфиатҳои умумидавлатӣ ва андозсупорандагон ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ, дар мамлакат як қисми андозсупорандагон аз пардохти андозу боҷҳои давлатӣ саркашӣ ва канорачуӣ менамоянд, ки ин раванд истифодаи механизми назорату санҷишҳои андозиро ба миён меорад. Аз ин лиҳоз, барои назорати воридоти саривақтии маблағҳои андозӣ ба буҷети давлатӣ низоми маъмурикунонии андоз истифода бурда мешавад, ки он ба фаъолияти мақомоти андоз ва вазъи молиявӣ-иқтисодии кишвар таъсири худро мерасонад.

Ҳамин тавр, омӯзиши ҷанбаҳои назариявии ташаккул ва такмили низоми маъмурикунони андозро таҳқиқ намуда, чунин хулосагузорӣ намудан мумкин аст:

- низоми маъмурикунонии андоз - ин унсури муҳими низоми андозӣ ба ҳисоб рафта, он аз маҷмуи қоидаҳо, тадбирҳо ва фишангҳои дастаҷамъонаи бо ҳам алоқаманд иборат буда, ба баланд бардоштани имкониятҳои иқтисодии субъектҳои муносибатҳои андозӣ, беҳтаршавии воридоти андозу пардохтҳо ба буҷети давлатӣ ва ҳавасмандии рушди фаъолияти соҳибкорӣ равона карда шудааст;
- низоми маъмурикунонии андоз - ин низоми махсуси идоракуниест, ки ба баланд бардоштани самараноки фаъолияти кормандони мақомоти андоз, риояи қоида ва меъёрҳои низоми андозбандӣ, назорату санҷишҳои андозӣ ва истифодаи технологияи пешқадами ҷамъоварии маблағҳои андозӣ равона карда шудааст;
- ҳангоми таҳқиқ ва омӯзиши ҷанбаҳои назариявии низоми маъмурикунонии андоз ба амалкарди принсипҳо ва функсияҳои асосии он диққати махсус дода шуда, он аз бисёр ҷиҳат ба омилҳои ташкилӣ-иқтисодӣ, технологӣ-хоҷагидорӣ ва сифату самаранокии натиҷаҳои корҳои назорату санҷишӣ сахт алоқаманд мебошад;
- маъмурикунонии андоз ба таъмини саривақтии воридшавии маблағҳои андозӣ ба буҷети давлатии сатҳои гуногун бо сарфи хароҷотҳои каматарин нигаронида шуда, ҳамчун фишанги махсуси танзими давлатии низоми андозӣ, ба ченак ва нишондиҳандаҳои махсуси баҳои миқдору сифатии назорати андозӣ ва фаъолияти кормандони мақомоти андоз сахт вобастагӣ дорад.

Хулоса, омӯзиш ва таҳқиқоти мазкур нишон медиҳад, ки низоми маъмурикунонии андоз ҳамчун унсури муҳими низоми андозӣ ба ҳисоб рафта, инъикосгари муносибатҳои байни давлат (мақомоти андоз) ва андозсупорандагон мебошад. Мафҳуми маъмурикунонии дар марҳилаи ташаккул ва рушд, ислоҳот ва такмилдиҳии низоми андозӣ қарор дошта, ба баланд бардоштани самаранокии фаъолияти мақомоти андози кишвар ва суботи молиявӣ-иқтисодӣ нигаронида шудааст.

АДАБИЁТ

1. Алехин С.К. Особенности налогового администрирования в современных условиях Российской Федерации // Финансы и кредит. -2007. - № 38. - С. 14-20.
2. Гончаренко, Л.И. Методология налогообложения и налогового администрирования Коммерческих банков России. -М., 2011. - 192с.
3. Дадашев, А.З., Лобанов, А.В. Налоговое администрирование в Российской Федерации. -М., 2002. - С. 4-5.
4. Запольский С.В. О системе органов, администрирующих государственные доходы // Субъекты советского административного права: сб. науч. трудов СЮИ. Свердловск, 1985. - С. 148.
5. Кейнс, Д.М. Общая теория занятости, процента и денег. Электронный ресурс. - Режим доступа: http://for-ex.at.ua/load/l-l-0-2.
6. Князев В. Совершенствование налоговой системы и подготовка кадров для налоговой службы // Налоги. - 2003. -С. 28-33.
7. Майбуров, И.А Налоги и налогообложение: учеб. для студентов вузов / под ред. 5-е изд., перер. и доп. -М., 2012. - С. 88.

8. Оспанов, М.Т. Налоговая реформа и гармонизация налоговых отношений. СПб., 1997. -С. 289.
9. Пансков, П.Г. Налоги и налогообложение: теория и практика: учеб. для бакалавров. 3-е изд., перераб. и доп. -М., 2012. -С. 241-242.
10. Петти У. Экономические и статистические работы: монография. -М.: Соцэкгиз, 1940. - 324 с. - С. 156.
11. Пушкарева, В. М. История финансовой мысли и политики налогов. - М.: ИНФРА - М, 1996. - С. 56.
12. Холодов, Л.Г. Вопросы государственного регулирования экономики. -М., 2006. -С. 244.
13. Улугходжаева, Х.Р., Джураева, М.Н. Проблемы совершенствования системы налогообложения в Республике Таджикистан//Вестник Таджикиского национального Университета.-Душанбе, 2010. - № 6 (62). - С. 31.
14. Ҷумабоев, Х. Қ., Маъмуров А. М. Ҷамъоварии андоз ҳамчун нишондиҳандаи назорати андозӣ дар сатҳи минтақа //Паёми молия ва иқтисод. -№4 (28). -2021. -С. 91-101.

УДК 336.7

Бобоев Ҷ.И.

РОҲҲОИ ТАКМИЛДИҲИИ АМАЛИЁТИ ҚАРЗИИ БОНКҲОИ ТИҶОРАТӢ

Дар мақолаи пешниҳодшуда раванди такмилдиҳии амалиёти қарзии бонкҳои тиҷоратӣ, зарурати идоракунии онҳо, таҳлили қарзҳои низоми бонкӣ ва ҳиссаи қарзҳои бонкҳои тиҷоратӣ бо пули миллӣ ва асъори хориҷӣ дар шароити имрӯзаи иқтисодиёти мамлакат мавриди таҳлилу баҳодиҳӣ қарор дода шудааст. Дарёфти роҳҳои такмилдиҳии амалиёти қарзии бонкҳои тиҷоратӣ дар шароити имрӯза аз ҷумлаи мушкилиҳои асосии ташкилотҳои қарзӣ ба шумор меравад. Муаллиф раванди такмилдиҳии амалиёти қарзии бонкҳои тиҷоратиро дар шароити имрӯзаи Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди таҳлил қарор дода, дар охир пешниҳодҳои муфидро барои бартараф намудани мушкилиҳои мавҷуда иброз менамояд.

Вожаҳои калидӣ: бонк, такмилдиҳии амалиёти қарзӣ, қарзҳои низоми бонкӣ, ҳиссаи қарзҳои бонкҳои тиҷоратӣ, амалиёти қарзӣ, сармоягузорӣ, пули миллӣ, асъори хориҷӣ, идоракунӣ, идоракунии сандуқи қарзӣ.

Бобоев Ҷ.И.

ПУТИ СОВЕРШЕНСТВОВАНИЯ КРЕДИТНЫХ ОПЕРАЦИЙ КОММЕРЧЕСКИХ БАНКОВ

В представленной статье рассматривается совершенствования кредитных операций коммерческих банков, необходимость управления банковской системой, анализ кредитов банковской системы и доли кредитов коммерческих банков в национальной валюте и иностранной валюте в современных условиях экономики страны. Поиск путей совершенствования кредитных операций коммерческих банков в современных условиях является одной из основных проблем кредитных организаций. Автор анализирует процесс совершенствования кредитных операций коммерческих банков в современных условиях

Республики Таджикистан и в конце представляет полезные предложения по преодолению существующих проблем.

Ключевые слова: банк, доля кредитов банковской системы, доля кредитов коммерческих банков, кредитные операции, инвестиции, национальная валюта, иностранная валюта, управление, управление кредитным портфелем.

Boboev J.I.

WAYS TO IMPROVE LENDING OPERATIONS OF COMMERCIAL BANKS

The present article discusses the improvement of credit operations of commercial banks, the need to manage the banking system, the analysis of banking system loans and the share of commercial bank loans in national currency and foreign currency in the current conditions of the country's economy. The search for ways to improve the credit operations of commercial banks in modern conditions is one of the main problems of credit organizations. The author analyzes the process of improving the credit operations of commercial banks in the current conditions of the Republic of Tajikistan and at the end presents useful suggestions to overcome the existing problems.

Key words: bank, share of banking system loans, share of commercial bank loans, lending operations, investments, national currency, foreign currency, management, loan portfolio management.

Дар шароити имрӯза, баробари пешрафти илму техника доираи хизматрасониҳои низоми бонкӣ низ васеъ гардида истодаанд. Ин раванд мавқеи низоми бонкиро ҳамчун соҳаи муҳими молиявӣ дар иҷрои нишондиҳандаҳои макроиқтисодии кишвар боз ҳам устувортар мегардонад. Вақте ки сухан дар бораи низоми бонкӣ ва раванди такмили хизматрасониҳои он меравад, ин ҷо зарур мешуморем, ки мавқеи Бонки миллии Тоҷикистонро ҳамчун бонки эмиссионӣ ва захиравӣ баҳо дода, саҳми онро бевосита дар татбиқи барномаҳои давлатӣ ва амалӣ гардонидани ҳадафҳои давлату ҳукумати кишвар, танзими миқдори пули дар муомилотбуда ба таври махсус қайд намоем. Устувории қурби пули миллӣ ва таъмини қобилияти харидории онро ҳамчун нишондиҳандаи муҳим, аз ҳолати сиёсати пулию қарзӣ, сатҳи рушди иқтисодиёти давлат, истифодаи усулҳои муфиди танзими миқдори пули дар муомилотбуда, инчунин аз дараҷаи вобастагии бозори дохилӣ аз бозори берунӣ баҳо додан имкон дорад. Яке аз воситаҳои асосии нигоҳдории қобилияти харидории пули миллӣ, батанзимдарории унсурҳои пулӣ дар шароити иқтисодиёт ба ҳисоб меравад, ки дар ин самт Бонки миллии Тоҷикистон тадбирҳои муҳимро андешида, вобаста ба талаботи соҳаҳои муҳими иқтисодию иҷтимоӣ ин нишондиҳандаро ба танзим медарорад. Махсусан дар шароити таъсири манфии бархӯрдҳои геосиёсӣ ва низоъҳои тиҷоратӣ Бонки миллии Тоҷикистон бо мақсади таъмини устувории пули миллӣ ва баланд бардоштани қобилияти харидории он, инчунин дар сатҳи зарурӣ нигоҳ доштани таваррум аз ҳамаи имкониятҳое, ки барои иқтисодиёти кишвари мо муфиданд самаранок истифода мебарад.

Низоми бонкӣ бояд ба рушди соҳаҳои воқеии иқтисодиёт, фаъолнокии бахши хусусӣ ва гардиши савдои хориҷӣ мусоидат намояд ва сарчашмаи асосии дастгирии молиявии ҳадафҳои давлат бошад [5].

Диаграммаи № 1

Сохтори низоми бонкӣ ба ҳолати 01. 01. 2022

(бо фоиз)



Сарчашма: Бюллетени омори бонкӣ.–№12 (293) 2019. С.18., [Маводи электронӣ].–Реҷаи дастрасӣ: http://nbt.tj/upload/iblock/bde/2020_12.pdf Санаи дастрасӣ: 18.03.2020; Бюллетени омори бонкӣ. – №12. (281) 2018. С.80. ва Бюллетени омори бонкӣ 2021 (316) саҳ. 18. Маводи электронӣ]. – Реҷаи дастрасӣ: http: //nbt.tj/ upload/iblock/ e57/december Санаи дастрасӣ: 10.03.2022.

Шумораи бонкҳо дар соли 2021 ба 14 адад баробар гардид, ки 22 дарсади сохтори низоми бонкиро ташкил медиҳанд. Миқдори бонкҳо дар соли 2015 ба 17 адад мерасид, фарқияти миқдории онҳо дар соли 2021 бошад 3 ададро ташкил намудааст, яъне миқдори онҳо дар соли 2021 ба 14 адад баробар гардидааст. Гарчанде, ки миқдоран кам гардидани бонкҳо дар давоми соли 2021 нисбат ба соли 2015 мушоҳида мегардад, ин маънои нисбатан ғайри фаъол гардидани онҳоро надорад.

Дар шароити муосир бонкҳо ва ташкилотҳои маблағгузори хурд ба намудҳои гуногуни амалиётҳои молиявӣ машғул мешаванд. Онҳо на танҳо гардиши пул ва муносибатҳои қарзиро ташкил мекунанд, балки соҳаҳои хоҷагии халкро сармоягузорӣ намуда, хариду фурӯши коғазҳои қиматнокро низ амалӣ менамоянд**.**

Идоракунии сандуқи қарзӣ яке аз масъалаҳои муҳими дигари низоми бонкии дилхоҳ давлатҳои ҷаҳони муосир ба ҳисоб меравад. Идоракунии сандуқи қарзӣ ҳамаи қарзҳои пешниҳоднамудаи низоми бонкии мамлакат, дар алоҳидагӣ қарзҳои пешниҳоднамудаи бонкҳо ва қарзҳои пешниҳоднамудаи ташкилотҳои маблағгузори хурдро дар бар мегирад[3].

Амалиётҳои қарзӣ - ин амалиётҳо оид ба ҷойгирсозии захираҳо дар коғазҳои қиматнок ва дигар дороиҳои молиявӣ бо мақсади гирифтани даромад ё бо ёрии онҳо харидани ҳуқуқи иштирок дар идоракунии дигар корхонаҳоро меноманд[4].

Новобаста, аз заминаи асосӣ гузоштан барои амалиёти даромадноки бонкҳои тиҷоратӣ, ки бонк аз ин амалиёт яъне амалиёти қарздиҳӣ ва амалиётҳои сармоягузорӣ даромади зарурӣ мегирад, мавқеи амалиёти ғайрифаъол ниҳоят муҳим барои давомнокии кори минбаъдаи бонк моҳиятан зарур боқӣ мемонад. Ин ҷо мо амалиёти қарзии низоми бонкиро дар шакли диаграммаи № 2 дида мебароем[1;2].

Диаграммаи № 2

Ҳиссаи қарзҳои низоми бонкӣ дар давоми солҳои 2016 – 2019

(ҳаз. сомонӣ)



Манбаъ: дар асоси маълумотҳои Бюллетени омори бонкӣ Декабр 2018 (281) саҳ. 36-40 ва Бюллетени омори бонкӣ Декабр 2019 (293) саҳ. 41-43. аз ҷониби муаллиф тартиб дода шудааст.

Аз нишондиҳандаҳои диаграммаи №2 мушоҳида кардан мумкин аст, ки дар давоми солҳои 2017 ва 2018 қарзҳои низоми бонкӣҳам бо пули миллӣ ва ҳам бо асъори хориҷӣ нисбати соли 2016 ва соли 2019 коҳиш ёфтааст.

Қарзҳои низоми бонкӣ бо пули миллӣ сар карда аз соли 2016 то соли 2019 рӯ ба афзоиш доранд. Масалан агар ҳиссаи қарзҳои низоми бонкӣ бо пули миллӣ дар соли 2016 маблағи 3 810252 ҳаз. сомонӣ ё ин ки танҳо 34,8 фоизро ташкил намуда бошад, ин нишондиҳанда соли 2019 ба мабалағ 5 021086 ҳаз. сомонӣ ё ин ки 51 фоиз расидааст, ки афзоиш 16,2 фоизро ташкил медиҳад.

Ҳиссаи қарзҳои низоми бонкӣ бо асъори хориҷӣ дар соли 2016 нисбатан бештар 6 119796 ҳаз. сомонӣ ё ин ки 61,6 фоизро ташкил намуда буд, ин нишондиҳанда соли 2019 маблағи 4 768423 ҳаз. сомонӣ ё ин ки ба 49 фоиз расидааст, ки 1 351373 ҳаз. сомонӣ ё ин ки дараҷаи коҳишёбӣ 12,6 фоизро ташкил медиҳад.

Диаграммаи № 3

Ҳиссаи қарзҳои низоми бонкӣ бо пули миллӣ ва бо асъори хориҷӣ дар давоми солҳои 2016 – 2019

(бо фоиз)

Манбаъ: дар асоси маълумотҳои Бюллетени омори бонкӣ Декабр 2018 (281) саҳ. 36-40 ва Бюллетени омори бонкӣ Декабр 2019 (293) саҳ. 41-43. аз ҷониби муаллиф тартиб дода шудааст [1;2].

Аз нишондиҳандаҳои диаграммаи №3 мушоҳида кардан мумкин аст, ки қарзҳои низоми бонкӣ бо пули миллӣ сар карда аз соли 2016 то соли 2019 рӯ ба афзоиш доранд ва бо асъори хориҷӣ сар карда аз соли 2016 то соли 2019 рӯ ба камшавӣ доранд. Масалан агар

ҳиссаи қарзҳои низоми бонкӣ бо пули миллӣ дар соли 2016 маблағи 3 810252 ҳаз. сомонӣ ё ин ки танҳо 34,8 фоизро ташкил намуда бошад, ин нишондиҳанда соли 2019 ба мабалағ 5 021086 ҳаз. сомонӣ ё ин ки 51 фоиз расидааст, ки афзоиш 16,2 фоизро ташкил медиҳад.

Ҳиссаи қарзҳои низоми бонкӣ бо асъори хориҷӣ дар соли 2016 нисбатан бештар 6 119796 ҳаз. сомонӣ ё ин ки 61,6 фоизро ташкил намуда буд, ин нишондиҳанда соли 2019 маблағи 4 768423 ҳаз. сомонӣ ё ин ки ба 49 фоиз расидааст, ки 1 351373 ҳаз. сомонӣ ё ин ки дараҷаи коҳишёбӣ 12,6 фоизро ташкил медиҳад.

Диаграммаи №4

Ҳиссаи қарзҳои бонкҳо бо пули миллӣ ва бо асъори хориҷӣ дар давоми солҳои 2016 – 2019

(бо фоиз)

Манбаъ: дар асоси маълумотҳои Бюллетени омори бонкӣ Декабр 2018 (281) саҳ. 36-40 ва Бюллетени омори бонкӣ Декабр 2019 (293) саҳ. 41-43. аз ҷониби муаллиф тартиб дода шудааст [1;2].

Аз нишондиҳандаҳои диаграммаи №4 мушоҳида кардан мумкин аст, ки қарзҳои бонкҳо давоми солҳои 2016–2019 бо пули миллӣ пайваста рӯ ба афзоиш доранд ва бо асъори хориҷӣ камшавӣ.

Қарзҳои бонкҳо бо пули миллӣ сар карда аз соли 2016 то соли 2019 рӯ ба афзоиш доранд. Масалан агар ҳиссаи қарзҳои бонкҳо бо пули миллӣ дар соли 2016 маблағи 2 551047 ҳаз. сомонӣ ё ин ки танҳо 31,0 фоизро ташкил намуда бошад, ин нишондиҳанда соли 2019 ба мабалағ 3 147645 ҳаз. сомонӣ ё ин ки 41 фоиз расидааст, ки афзоиш 10,0 фоизро ташкил медиҳад.

Ҳиссаи қарзҳои бонкҳо бо асъори хориҷӣ дар соли 2016 нисбатан бештар 5 679099 ҳаз. сомонӣ ё ин ки 69,0 фоизро ташкил намуда буд, ин нишондиҳанда соли 2019 маблағи 4 517045 ҳаз. сомонӣ ё ин ки ба 59,0 фоиз расидааст, ки 1 162054 ҳаз. сомонӣ ё ин ки дараҷаи коҳишёбӣ 10,0 фоизро ташкил медиҳад.

Ҳаёти имрӯзаи ҷомеаи ҷаҳониро бе истифодаи химатрасониҳои муосири бонкӣ тассавур намудан ғайри имкон гардидааст, яъне бо пешрафти илму техника ва имкониятҳои беҳтари шабакавӣ, ки онҳо дар навбати худ бартариятҳои зиёдро доро мебошанд, ҳамаи соҳаҳои ҳаёти имрӯзаи ҷомеаро фаро гирифта истодаанд. Бинобар ҳамин зарур аст, ки барои таъмини ҳамкориҳои судманди молиявӣ, бонкҳои тиҷоратӣ бештар аз ҳама фаъолона дар баланд бардоштани савияи дониши молиявии шаҳрвандон саҳмгузор бошанд ва бо имкониятҳои мавҷуда дар таъмини ниёзмандон, кортҳои бонкиро бештар мавриди истифода қарор диҳанд, давра ба давра вобаста талаботи мизоҷон доираи хизматрасониҳои худро такмил диҳанд. Мо танҳо дар ҳамин маврид таҳти сиёсати пешгирифтаи роҳбарияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти муносибатҳои молиявӣ ба давлатҳои пешрафта наздик мегардем.

Дар ҳамаи соҳаҳои хоҷагидории ҷамъият ва самтҳои гуногуни фаъолияти самараноку пурмаҳсули мамлакатҳои муттараққӣ тамоми корҳои марбутаи истеҳсолӣ, хизматрасонӣ, тиҷоратӣ ва сохибкорӣ танҳо ба воситаи низоми қарзӣ амалӣ мегарданд[3].

Бонкҳои тиҷоратӣ ҳамчун ҷузъи муҳими низоми қарзӣ барои танзими миқдори пул тадбирҳои судманд андешида, дар раванди иҷрои ҳадафҳои стратегии Ҳукумати мамлакат фаъолона ширкат меварзанд. Онҳо дар якҷоягӣ бо Бонки миллии Тоҷикистон барои таъмини нишондиҳандаҳои мусбии баланси пардохт, таъмин намудани соҳаи истеҳсолот бо маблағҳои имтиёзноки қарзӣ, афзоиши ҷойиҳои нави корӣ, ки ин дар навбати худ боиси баланд гардидани сифати зиндагии шаҳрвадон мегардад аз имкониятҳои мавҷуда ва захираҳои молиявии худ самаранок истифода менамоянд.

АДАБИЁТ

1. Бюллетени омори бонкӣ январ, декабр 2029 (316).
2. Бюллетени омори бонкӣ январ, декабр 2018 (270) саҳ. 72 - 73 , 86.
3. Исайнов Ҳ.Р. Иқтисоди миллӣ. Китоби дарсӣ. - Душанбе: “Ирфон”, 2018. - 648с.
4. Қонуни Ҷуҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти бонкӣ», ш. Душанбе, 19.05.2009 № 524.
5. Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдат, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ш. Душанбе, 26 декабри соли 2019

УДК 332.1

Пӯлотов Б.Б.

ТАҲЛИЛИ ВАЗЪИ САРМОЯГУЗОРӢ ВА ДИНАМИКАИ ҶАЛБИ САРМОЯГУЗОРӢ ДАР МИНТАҚА

Дар мақола таҳлили вазъи сармоягузорӣ ва динамикаи ҷалби сармоягузорӣ дар минтақаи вилояти Суғд баррасӣ карда шудааст. Ҳамчунин иқтидори истеҳсолӣ, таъмини самаранокӣ ва таъсири онҳо иқтисодиёти вилояти Суғд дида баромада шудааст. Ба андешаи муаллиф нисбат ба солҳои пешина ҳаҷми сармоягузорӣ ба вилояти Сугд афзуда истодааст. Муаллиф дар рафти таҳқиқот омӯзиши маблағгузориҳои асосӣ ба иқтисодиёт аз рӯи шакли моликият аҳамияти махсус дода, ба омӯзиши сохтори замимаҳо аз рӯи объектҳо таваҷҷӯҳи хоса додааст. Дар асоси маълумотҳои оморӣ қайд карда шудааст, ки сохтори сармоягузорӣ аз рӯи объектҳои сармоягузорӣ дар вилояти Суғд аз ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот чандон муваффақ нест. Ба фикри муаллиф зарур аст, ки сиёсати мукаммали сармоягузорӣ ба роҳ монда шавад.

Калидвожаҳо: сармоягузорӣ, сиёсати сармоягузорӣ, ҷаззобияти сармоягузорӣ, иқтисодиёти минтақа, сармоягузории хориҷӣ, маблағгузорӣ, самаранокии иқтисодӣ, рушди иқтисодию иҷтимоии минтақа.

Пулатов Б.Б.

АНАЛИЗ ИНВЕСТИЦИОННОЙ СИТУАЦИИ И ДИНАМИКА ПРИВЛЕЧЕНИЯ ИНВЕСТИЦИЙ В РЕГИОНЕ

В статье рассматривается анализ инвестиционной ситуации и динамика привлечения инвестиций в Согдийской области. Также были рассмотрены производственные мощности, обеспечение эффективности и их влияние на экономику Согдийской области. По мнению автора, по сравнению с предыдущими годами объем инвестиций в Согдийскую область увеличивается. В ходе исследования автор уделил особое внимание изучению основного финансирования экономики по формам собственности, а также уделил изучению структуры заявок по объектам. На основании статистических данных было отмечено, что структура инвестиций по объектам инвестирования в Согдийской области не очень удачна с точки зрения повышения эффективности производства. По мнению автора, необходимо проводить комплексную инвестиционную политику.

Ключевые слова: инвестиции, инвестиционная политика, инвестиционная привлекательность, региональная экономика, иностранные инвестиции, финансирование, экономическая эффективность, экономическое и социальное развитие региона.

Pulotov B.B.

ANALYSIS OF THE INVESTMENT SITUATION AND DYNAMICS OF INVESTMENT ATTRACTION IN THE REGION

The article discusses the analysis of the investment situation and the dynamics of attracting investments in the Sughd region. Production capacities, ensuring efficiency and their impact on the economy of the Sughd region were also considered. According to the author, in comparison with previous years, the volume of investments in the Sughd region is increasing. In the course of the study, the author paid special attention to the study of the main financing of the economy by form of ownership, and also paid special attention to the study of the structure of applications by objects. Based on statistical data, it was noted that the structure of investments by investment objects in the Sughd region is not very successful in terms of increasing production efficiency. According to the author, it is necessary to pursue a comprehensive investment policy.

Key words: investments, investment policy, investment attractiveness, regional economy, foreign investments, financing, economic efficiency, economic and social development of the region.

Дар шароити муосир минтақаҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ба сармоягузориҳои калон, аз ҷумла барои бунёди самтҳо ва соҳаҳои нави ояндадор дар хоҷагии халқ, таҷдид ва такмили иқтидорҳои истеҳсолӣ, ҳавасмандгардонии рушди иқтисодӣ ва шуғли аҳолӣ эҳтиёҷ доранд. Агар оид ба шомил шудани Тоҷикистон ба ҷараёни сармоягузории ҷаҳонӣ сухан равад, қайд намудан зарур аст, ки ҳаҷми онҳо ҳанӯз ба қадри кофӣ нест. Дар соҳаи сиёсати сармоягузорӣ, ки боиси хислати инерциалии рушди иқтисодиёт мегардад, низоми ягона ва аниқи тадбирҳои куллӣ вуҷуд надорад. Ҳавасмандгардонии ҷалби сармоя ба иқтисодиёти вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар якҷоягӣ бо такмили механизмҳои иқтисодӣ, идоракунии равандҳои сармоягузорӣ, ки истифодаи оқилонаи захираҳои дохилию беруниро муайян мекунанд, ба яке аз масъалаҳои мубрами иқтисоди минтақа табдил ёфта истодааст.

Муҳимтарин шарти рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар ва минтақаҳои он барқарор намудани иқтидори истеҳсолии он ва дар ин замина таъмини самаранокӣ ва рақобатпазирии истеҳсолот, рушди иқтисодӣ, кам кардани шумораи бекорон ва амнияти иқтисодӣ, васеъ

намудани миқёси сармоягузорӣ дар бахши воқеии иқтисод бо истифода аз захираҳои сармоягузории дохилӣ ва хориҷӣ мебошад.

Дар ҷумҳурии мо нисбат ба солҳои қаблӣ ҳаҷми сармоягузорӣ афзоиш ёфта, фаъолияти сармоягузорӣ фаъол ва вазъи сиёсиву иқтисодӣ беҳтар гардида истодааст. Ин ҳама ба афзоиши корхонаҳо бо сармояи хориҷӣ, васеъшавии фаъолияти корхонаҳо, филиалҳо, ширкатҳо ва намояндагиҳои тиҷоратии онҳо таъсир мерасонад.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди минтақаҳои кишвар, фаъол намудани фаъолияти сармоягузорӣ таваҷҷуҳи зиёд зоҳир намуда истодааст. Дар ин давра, чунон ки дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст: “Дар тӯли 30 соли Истиқлолият бо ҷалби сармояи дохилию хориҷӣ ҳазорҳо корхонаву коргоҳҳои хурду бузурги саноатӣ бунёд карда шуданд, ки дар соҳаҳои истеҳсол ва коркарди маъданҳои фоиданок, ангиштсанг, саноати сабук ва кимиё, мошинсозӣ фаъолият доранд. Коркарди металлҳои қиматбаҳо ва ранга, масолеҳи сохтмонӣ ва саноати хӯрокворӣ нисбат ба солҳои аввали истиқлолият қариб 4 баробар афзуд. Ҳоло дар кишвар 66 лоиҳаи сармоягузорӣ амалӣ шуда истодаст, ки маблағи умумии он ҳудуди 32,4 миллиард сомониро ташкил медиҳад”[5].

Дар натиҷаи бомуваффақият татбиқ гардидани сиёсати минтақавии давлат дар давоми даҳсолаҳои охир иқтидори иқтисодии минтақаҳо ва саҳми онҳо дар тараққиёти хоҷагии халқ хеле афзуд. Сарфи назар аз имтиёзхое, ки барои зиёд кардани суръати саноатикунонии босуръат равона шудаанд, имконияту иқтидорҳои истифоданашуда ҳанӯз кам мебошанд. Олимони маъруфи ватанӣ Раҷабов Ш.Х. ва Одинаев Ш.Т. қайд менамоянд, ки «Ҷалби сармоягузорӣ яке аз фишангҳои мухимтарини таъсир ба рушди иқтисодию иҷтимоии минтақа ба ҳисоб меравад. Аммо, баъзе аз минтакаҳои ҷумхурӣ, новобаста аз баланд будани ҷаззобияти сармоягузорӣ доир ба ҷалби он таваҷҷуҳи хоса зоҳир намекунанд» [3].

Зеро захираҳои бузурги ашёи хоми ватанӣ имкон медиҳад, ки бо роҳи пурра аз нав кор карда баромадани маъданҳои фоиданок, аз ҷумла металлҳои ранга, инчунин аз ҳисоби коркарди маҳсулоти хоҷагии қишлоқ ва гиёҳҳои шифобахш, тараққӣ додани металлургия, саноати сабук, дорусозӣ ва хӯрокворӣ таъмин карда шавад, ки дар натиҷа ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти содиротӣ ва воридотивазкунанда афзоиш меёбад ва ба ин васила мо ба индустрикунонии босуръати кишвар ноил мешавем.

Вилояти Суғд, дар минтақаи мусоиди ҷуғрофӣ ҷойгир буда, инфрасохтори басо рушдёфта ва дорои саноати иқтидори бузурги истеҳсолӣ мебошад.

Вобаста ба ин омӯзиши маблағгузориҳои асосӣ ба иқтисодиёт аз рӯи шакли моликият аҳамаияти махсус дорад. Зеро он самтҳои сармоягузориро инъикос намуда, самаранокии истифодаи онҳоро нишон медиҳад. (Ҷадвали 1).

Ҷадвали 1.

Динамикаи сармоягузории капиталӣ аз рӯи шаклҳои хоҷагидорӣ дар вилояти Суғд (дар %)

Нишондиҳандаҳо	**2014**	**2015**	**2016**	**2017**	**2018**	**2019**	**2020**
Маблағгузори ҳамагӣ	100	100	100	100	100	100	100
Давлатӣ	41,4	35,3	39,4	44,1	48,4	50	48,5
Аҳолӣ	7,18	5,9	4,3	4	3,3	3,8	5,2
Ташкилотҳои дигар	51,4	58,8	56,3	51,9	48,3	46,2	46,3

Сарчашма: Тоҷикистон 30-соли Истиқлолияти Тоҷикистон маҷмӯи оморӣ. Омори солонаи вилояти Суғд. /Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – Хуҷанд, 2021, - С. 483 [6]

Солҳои охир аз ҳисоби афзоиши маблағгузориҳои асосӣ чӣ дар корхонаю ташкилотхои давлатӣ ва чи кооперативӣ тамоюли зиёд ба назар мерасад. Ҳамин тариқ, ҳаҷми маблағгузории асосӣ агар соли 2015 дар вилояти Суғд 9749,9 миллион сомониро ташкил дода бошад, дар соли 2020 ин нишондиҳанда ба 11775,5 миллион сомонӣ баробар гардид, ки нисбат ба соли 2015 1, 2 баробар зиёд мебошад. Ин афзоиш асосан дар бахшҳои саноат, нақлиёт ва алоқа, савдо ва хӯроки умумӣ, тандурустӣ, ва илму маориф ба назар мерасад.

Қайд кардан зарур аст, ки як қисми зиёди маблағгузорӣ ба рушди соҳаи саноат, пеш аз ҳама ба тараққиёти гидроэнергетика равона карда шудааст. Дар ин замина мо зарур мешуморем, ки вазъи кунунии сармоягузории асосӣ аз рӯи моликият ба иқтисодиёти вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар ҷадвали 1 баррасӣ намоем.

Тавре, ки аз ҷадвали 1 бармеояд, сохтори сармоягузории асосӣ аз рӯи моликият дар иқтисодиёти вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳиссаи сармоягузории хориҷӣ нисбатан баланд аст. Дар тамоми давраҳои таҳлилӣ (2014-2020) маблағгузории асосӣ аз рӯи бахшҳои иқтисодиёт тақрибан 46-58 фоизро ташкил дод.

Дар татбиқи дигаргуниҳои сохтории иқтисодиёти вилояти Суғд сармоягузории хориҷӣ нақши бениҳоят муҳим мебозад, зеро қуввахои истеҳсолкунандаи вилоят барои таҷдид ба сармоягузории калон эҳтиёҷ доранд ва манбаъҳои дохилии маблағгузории сармоягузорӣ нокифоя мебошад. Аз ин рӯ, ҷалби сармоягузории хориҷӣ ба миқёси васеъ ҳадафҳои стратегиро пеш гирифта, яке аз самтҳои муҳими сиёсати сармоягузории минтақавӣ ба шумор меравад. Дар баробари ин, дигар маблағгузориҳои асосӣ аз рӯи моликият дар иқтисодиёти вилояти Суғд ҳиссаи назаррасро ташкил медиҳанд. Ҳиссаи сармояи асосии давлатӣ дар соли 2020 48,5%, аҳолӣ 5,2% ва маблағгузории асосии дигар ташкилотҳо 46,3%-ро ташкил дод.

Аз ҷумла, дар солҳои аввали татбиқи ислоҳоти бозорӣ бо мақсади таъмини заминаи ҳуқуқии фаъолияти сармоягузории субъектҳои хоҷагидор дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бори нахуст 10 марти соли 1992 “Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи сармоягузорӣ” қабул карда шуд [1].

Дар оянда қонуни мазкур аз нав дида баромада шуда, такмил дода шуд. Масалан, 12 майи соли 2007 дар ҷумҳурӣ санади нави қонунгузорӣ – “Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи сармоягузорӣ” қабул гардид, ки муносибатҳои ҳуқуқии сармоягузориро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим менамояд Ин қонун бар хилофи қонуни қаблӣ тамоми намудҳои сармоягузории дохиливу хориҷиро танзим мекард [2].

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба рушди минтақаҳои кишвар, ҳавасмандгардонии фаъолияти сармоягузорӣ таваҷҷуҳи зиёд зоҳир менамояд. Ин ба фаъолияти сармоягузории тамоми субъектҳои хоҷагидории Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста аст, ки бо татбиқи босамари Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, “Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи фаъолияти инноватсионӣ” аз 16 апрели соли 2012 № 155, “Барномаи миёнамӯҳлати рушди иҷтимоию иқтисодии вилояти Суғд барои солҳои 2016-2020”, Барномаи давлатии сармоягузориҳо барои солҳои 2016-2020 қабул шудааст. Барномаи сармоягузории давлатӣ як воситаи идоракунии сармоягузорӣ мебошад, ки барои назорати сатҳи таҳсимоти захираҳои дохилӣ ва хориҷӣ ва дар дохили бахшҳои иқтисоди Тоҷикистон пешбинӣ шудааст. Барномаи сармоягузории давлатиро Вазорати рушди иқтисод ва савдои Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия кардааст. Дар он ҳамаи барномаҳо аз рӯи як қатор меъёрҳо баррасӣ карда мешаванд, то онҳо афзалият ва сифати кофӣ дошта бошанд.

Аммо далелҳои дар боло зикршуда вазъи сохтори сармоягузориро ба объектҳои бахши воқеии иқтисодиёти вилояти Суғд пурра инъикос намекунанд. Вобаста ба ин омӯзиши сохтори замимаҳо аз рӯи объектҳо таваҷҷӯҳи хоса додан лозим аст. Зеро он самтҳои сармоягузориро нишон дода, самаранокии истифодаи онҳоро инъикос менамояд. (Ҷадвали 2).

Ҷадвали 2. Сохтори технологии сармоягузории капиталӣ тибқи вилояти Суғд (бо % дар ҳаҷми умумӣ)

Нишондодҳо	2015	2016	2017	2018	2019	2020
Сармоягузорӣ ҳамагӣ:	100	100	100	100	100	100
аз нав таҷҳизонии техникӣ ва аз навсозии корхонаҳои амалкунанда	29,3	24,5	24,8	6,34	10,6	10
васеъ намудани корхонаҳои амалкунанда	1,8	1,4	1,3	0,06	1	30
сохтмони нав	64,8	63,8	63,6	81,5	77,8	60
обектҳои ҷудогонаи корхонаҳои амалкунанда	4,1	10,3	10,4	12	10,6	0

Сарчашма: Тоҷикистон 30-соли Истиқлолияти Тоҷикистон маҷмӯи оморӣ. Омори солонаи вилояти Суғд. /Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон – Хуҷанд, 2021, - С. 484 [6]

Маълумотҳои ҷадвал нишон медиҳад, ки сохтори сармоягузорӣ аз рӯи объектҳои сармоягузорӣ дар вилояти Суғд аз ҷиҳати баланд бардоштани самаранокии истеҳсолот чандон муваффақ нест. Ҳиссаи азнавсозии техникӣ ва азнавсозии корхонаҳои мавҷуда дар соли 2020 нисбат ба соли 2015-ум 10 %-ро ташкил дод, ки камтар аз 19,3%-и умумии маблағгузориҳои асосиро аз ҳисоби ҳамаи манбаъҳои маблағгузорӣ ташкил медиҳад. Ҳиссаии сохтмони нав дар соли 2020 нисбат ба соли 2015-ум 60%-ро ташкил дод, ки камтар аз 4,8%-и манбаъҳои умумии маблағгузории сармоягузории асосиро ташкил медиҳад. Дар соли 2020 ҳиссаи сармоягузориҳои асосӣ барои васеъ намудани корхонаҳои амалкунанда нисбат ба соли 2015 аз 28,2 % зиёд мебошад. Таҳлил нишон медиҳад, ки дар сохтори технологии маблағгузориҳои асосӣ дар иқтисодиёти вилояти Суғди ҳиссаи сохтмони нав бартарӣ дошта, ҳиссаи сармоягузорӣ ба азнавсозии техникӣ ва азнавсозии корхонаҳои мавҷуда дар ҳаҷми умумӣ мебошад. Ин дар ҳолест, ки дар кишвари мо, ки ба андешаи баъзе олимони ватанӣ, фарсудашавии ҷисмонӣ ва маънавии фондҳои асосӣ дар корхонаҳо 90 %-ро ташкил дода, падидаи номатлуб ба ҳисоб меравад. [4] Дар шароити муосир мо ба маблағгузорӣ ниёз дорем, ки пеш аз ҳама ба такмилдиҳӣ ва навсозии фондҳои асосии истеҳсолӣ нигаронида шудаанд. Такмилдиҳӣ ва навсозии корхонаҳои мавҷуда гарави барқарорсозӣ ва рушди иқтисодиёти вилояти Суғд мебошад, зеро дар минтақаи мазкур бештар ашьёи хом ва кувваи кории арзон мавҷуд буда, вале сармоя ва технологияи нав намерасад. Бинобар ин, дар ташаккули сиёсати сармоягузории минтақавӣ бояд чунин афзолии идоракунии онҳо пайдо карда шавад, ки ба иқтисодиёт имконияти ҷалби захираҳоро аз ҳамаи манбаъхои имконпазир барои азнавсозии корхонаҳои мавҷуда дошта бошад.

Ҳамин тавр, дар асоси гуфтаҳои боло метавон гуфт, ки суръати имрӯзаи рушди пешрафти илмию техникӣ дар миқёси ҷаҳонӣ, афзоиши рақобат байни контрагентҳои бозорӣ мунтазам такмил ё зиёд кардани ҳаҷми сармоягузориро тақозо мекунад. Дар робита ба ин, бояд қайд кард, ки аҳамияти сармоягузорӣ дар ҷанбаи ноил шудан ба ҳадафҳои стратегӣ омӯзиши роҳҳо ва воситаҳои идоракунии оптималии захираҳои молиявӣ ё дигар захираҳои дар ихтиёри субъектҳои хоҷагидорӣ мавҷудбударо дарбар мегирад. Дар асоси натиҷаҳои таҳлилҳо метавон қайд намуд, ки сармоягузорӣ бояд ба он соҳаҳое ҷалб карда шавад, ки хароҷоти зиёд талаб накарда, натиҷаи зуд медиҳанд ва сердаромаданд.

Вилояти Суғд аз ҷиҳати боигарӣ ва гуногунии канданиҳои фоиданок дар Осиёи Марказӣ яке аз ҷойҳои намоёнро ишғол мекунад. Дар ҳудуди вилоят ҳудуди 200 кони истихроҷи маъданҳои фоиданок, аз ҷумла мис, руҳ, сурб, симоб, нуқра, тилло барои коркард

омода карда шудааст. Илова бар ин, дар ҳудуди вилоят захираҳои бузурги нафту газ мавҷуд аст. Истихроҷ ва коркарди ин маъданҳо бидуни сармоягузорони хориҷӣ ғайриимкон аст. Аммо далелҳои дар боло зикршуда вазъи сохтори сармоягузориро ба объектҳои бахши воқеии иқтисодиёти вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистонро пурра инъикос намекунанд. Бинобар ин омӯзиши сармоягузории хориҷӣ барои рушди кишвар ва минтақаҳои он аҳамияти хоса дорад. Яке аз ҷузъҳои муҳими раванди сармоягузорӣ сармоягузории хориҷӣ мебошад. Ҳар як давлат ба ҷалби сармояи хориҷӣ ба иқтисоди кишвар ва минтақаҳои он манфиатдор аст. Ба андешаи коршиносон шарти муҳими ҷалби сармояи хориҷӣ дар нишондиҳандаҳои зерин ифода меёбад:

- таъмини суботи иҷтимоию сиёсӣ ва иқтисодӣ дар ҷомеа;
- мавҷудияти самтҳо ва барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа дар дарозмуддат.

Шароити дар иқтисодиёти кишвар ва минтақаҳои он фароҳам овардашуда, таваҷҷуҳи соҳибкорони хориҷиро ба худ ҷалб мекунад. Чи хеле, ки таҷриба нишон медиҳад, сармоягузориҳои бештар ба он сармоягузорони давлатӣ ва хориҷӣ мебошанд.

Дар ин замина мо зарур мешуморем, ки вазъи кунунии сармоягузории хориҷӣ ба иқтисодиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ карда шавад.

Ҷадвали 3. Динамикаи воридоти сармоягузории хориҷӣ ба вилояти Суғд, млн. доллар

Нишондодҳо	**Солҳо**					
	2015	**2016**	**2017**	**2018**	**2019**	**2020**
Ҳамагӣ сармояи хориҷӣ	977,8	842,7	1100,4	644,4	607,1	428,5
Суръати афзоиши сармояи хориҷӣ бо % нисбат ба соли гузаша	-	86,1	130,6	58,5	94,2	70,6

Сарчашма: Омори солонаи вилояти Суғд /Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон –Хуҷанд, 2021; С-373 [6]

То имрӯз сармоягузориҳо ба лоиҳаҳои кӯтоҳмуддат равона карда шудаанд, аммо лоиҳаҳое, ки захираҳои зиёдро тақозо мекунанд ва ба соҳаҳои муҳими стратегии иқтисодиёт алоқаманданд, нисбатан кам мебошанд. Ғайр аз ин, барои лоиҳаҳое, ки ба тараққиёти соҳаи саноат равона шудааст хеле кам аст. Зимни ин ҳаҷми мушаххаси маблағгузориҳое, ки бонкҳои тиҷоратӣ пешниҳод мекунанд, фоизи камро ташкил медиҳад.

Вусъат додан ва пурзӯр гардидани фаъолияти сармоягузорӣ дар ҷумҳурӣ метавонад ба минтақаҳои алоҳида такони назаррас бахшад, ки тавассути онхо ба ҳалли вазифаҳои зерини сиёсати иқтисодӣ мушарраф гардидан мумкин аст. Аз ҷумла:

- мусоидат ба рушди иқтисодии минтақа;
- ташкили бахшҳои инфрасохтори мувофиқ;
- ҳалли масъалаҳои иҷтимоии минтақаҳо;
- рушди муносибатҳои бозорӣ ва фаъолияти сармоягузорӣ;
- камшавии сатҳи ҷиноят дар минтақаҳо

Ба рушди соҳаҳои мухталифи вилоят ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот ба ҳар сар аҳолӣ, бо маҳсулоти озуқаворӣ таъмин намудани он, зиёд шудани музди меҳнат низ хос аст.

Самти аз ҳама самараноки сармоягузорӣ дар вилояти Суғд ин соҳаи энергетика мебошад. Тибқи андешаи коршиносон агар нисфи иқтидори захираҳои обии мавҷудаи

вилоят истифода шавад, он гоҳ эҳтиёҷоти саноати вилоят ба маротиб қонеъ мегардад. Бинобар ин, ба фикри мо, барои ҳалли масъалаи ҷалб намудани сармоя ба соҳаҳои саноати вилоят, давлатро зарур аст, ки сиёсати мукаммали сармоягузориро, ки маҷмӯи роҳҳои ҳаллӣ ва истифодаи сармоягузориҳоро дар соҳаҳои хоҷагии халқи кишвар ва минтақаи он ифода менамояд, ба роҳ монад.

АДАБИЁТ

1. Ведомости Верховного Совета Республики Таджикистан. 1992 г. № 8.
2. Закон Республики Таджикистан «Об инвестициях» от 12 мая 2007 г. Ахбори Маджлиси Оли Республики Таджикистан 2007г. №5. Статья 1.
3. Одинаев Ш.Т., Раджабов Ш.Х., Музаффаров Б.С. Инвестиционная привлекательность регионов: особенности и пути достижения//Вестник Таджикского национально университета. - Душанбе: «СИНО», 2013. - № 2/5(85). - С.256-258.
4. Низомова Т.Д. Инновационная направленность реструктуризации предприятий Таджикистана. // Экономика Таджикистана: стратегия развития. Душанбе-2007. - С.132.
5. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21.12.2021
6. Тоҷикистон 30-соли Истиқлолияти Тоҷикистон маҷмӯи оморӣ**.** Омори солонаи вилояти Суғд. Тоҷикистон 30-соли Истиқлолияти Тоҷикистон маҷмӯи оморӣ/Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон –Хуҷанд, 2021; -702с.

УДК 336.741+27 (045)/(575.3)

Усманова Т.Дж., Газиев М.Н.

ОСНОВНЫЕ ЦЕЛИ СОВРЕМЕННОЙ ДЕНЕЖНО-КРЕДИТНОЙ ПОЛИТИКИ ТАДЖИКИСТАНА

В данной статье рассмотрены основные цели единой государственной денежно-кредитной политики Республики Таджикистан как стратегической целью государственного регулирования для обеспечений стабильного уровня цен, устойчивый и долгосрочный экономический рост. Анализ целей единой государственной денежно-кредитной политики в Таджикистане показывает, что основными целями являются показатели инфляции и укрепление национальной валюты. Также определено, что одним из важных условий обеспечения социально-экономической стабильности является низкая инфляция.

Ключевые слова: денежно-кредитная политика, ценовая стабильность, центральный банк, Национальный банк Таджикистана, уровень инфляции, инфляционная таргетирования, уровень долларизации, экономический рост, денежная масса, резервные деньги, национальная валюта.

Усманова Т.Ҷ., Газиев М.Н.

ҲАДАФҲОИ АСОСИИ СИЁСАТИ ПУЛИЮ ҚАРЗИИ МУОСИРИ ТОҶИКИСТОН

Дар мақолаи мазкур ҳадафҳои асосии сиёсати ягонаи давлатии пулию қарзии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун ҳадафи стратегии танзими давлатӣ оид ба таъмини сатҳи мӯътадили нархҳо, рушди устувор ва дарозмуддати иқтисодӣ баррасӣ карда мешаванд. Таҳлили ҳадафҳои сиёсати ягонаи давлатии пулию қарзӣ дар Тоҷикистон нишон медиҳад, ки ҳадафҳои асосӣ нишондиҳандаҳои таваррум ва таҳкими пули миллӣ мебошанд. Инчунин муайян карда шудааст, ки сатҳи пасти таваррум яке аз шартҳои муҳими суботи иҷтимоию иқтисодӣ мебошад.

Калидвожаҳо: сиёсати пулию қарзӣ, устувории нарх, бонки марказӣ, Бонки миллии Тоҷикистон, сатҳи таваррум, ҳадафгирии таваррум, сатҳи долларизатсия, рушди иқтисодӣ, ҳаҷми пул, пулҳои захиравӣ, асъори миллӣ.

Usmanova T.J., Gaziev M.N.

THE MAIN OBJECTIVES OF THE MODERN MONETARY POLICY OF TAJIKISTAN

This article discusses the main goals of the unified state monetary policy of the Republic of Tajikistan as a strategic goal of state regulation to ensure a stable price level, sustainable and long-term economic growth. An analysis of the goals of the unified state monetary policy in Tajikistan shows that the main goals are inflation indicators and the strengthening of the national currency. It is also determined that one of the important conditions for ensuring socio-economic stability is low inflation.

Key words: monetary policy, price stability, central bank, National Bank of Tajikistan, inflation rate, inflation targeting, dollarization level, economic growth, money supply, reserve money, national currency.

Стратегической целью государственной денежно-кредитной политики как важнейшего направления экономической политики государства является обеспечение эффективной занятости, стабильность цен, устойчивый и долгосрочный экономический рост. Для Таджикистана данные вопросы являются особенно актуальными.

Основным проводником денежно-кредитной политики в Республике Таджикистан является Национальный банк Таджикистана (осуществляющий свою деятельность в соответствии с Законом Республики Таджикистан «О Национальном банке Таджикистана», принятым 28 июня 2011г. №722) [2, стр. 19]. НБТ как центральный банк несет ответственность за разработку и реализацию денежно-кредитной политики государства в пределах полномочий, предусмотренных действующим законодательством.

Согласно Закону Республики Таджикистан «О Национальном банке Таджикистана» основной целью НБТ является достижение и сохранение стабильного уровня внутренних цен на долгосрочную перспективу, и поддержание стабильности банковской системы государство [5, стр.14].

В настоящее время механизм денежно-кредитной политики НБТ основан на режиме монетарного таргетирования и конечная цель – стабильность уровня цен обеспечивается посредством регулирования денежного предложения или резервных денег, который выступает в качестве операционной цели.

В последние годы в качестве основной цели денежно-кредитной политики в большинстве стран мира признается удержание темпов инфляции (ценовая стабильность) на стабильно низком уровне. Ценовая стабильность представляет собой низкий и

стабильный уровень цен (инфляции) в экономике, который определяется индексом потребительских цен. Анализ целей единой государственной денежно-кредитной политики в Таджикистане свидетельствует о том, что основными целевыми ориентирами были показатели инфляции и укрепления национальной валюты (таблица 1).

Реализация эффективной и сбалансированной денежно-кредитной политики обусловила снижение уровня инфляции с двухзначного до однозначного показателя и сохранение ее относительно стабильного уровня. В период с 2010 по 2020 гг. уровень инфляции снизился с 9,8% в 2010 году до 5,4% в 2018 году, что способствовало повышению надежности национальной валюты, развитию финансовой системы и сокращению уровня бедности. В последующих годах показатель уровня инфляции увеличился от 8,0% в 2019 гг. до 9,4% к 2020 году [1, стр.8]. На динамику роста уровня цен в среднесрочном году оказали влияние различные факторы, такие как фундаментальные, структурные и конъектурные. Кроме того, другие факторы с возможным продолжением финансово-экономической неустойчивости в мировом масштабе (COVID-19), а также сезонных и административных (изменения стоимости платных услуг населению), что находятся, вне рамки денежно-кредитной политики существенным образом повлияли.

Однако уровень инфляции остается нестабильным, так как большая часть потребительской корзины занята импортной продукцией, а некоторые изменения цен (в первую очередь цен на сельскохозяйственные товары) снижают влияние денежно-кредитной политики на уровень инфляции.

Как известно, в зависимости от фундаментальных и структурных факторов наибольшая часть доходов населения страны расходуется на покупку потребительских товаров повседневного спроса, в особенности на покупку продовольственной продукции, которая на данный момент занимает значительную долю потребительской корзины (56% удельного веса потребительской корзины). Вместе с тем, согласно расчетам 47% (в 2020 году) наименований продукции потребительской корзины составляют импортируемые товары [4, стр.6].

Следовательно, рост цен на импортируемую продукцию и продовольствие непосредственно оказывает негативное влияние на уровень инфляции, покупательную способность денежных средств, денежные доходы и уровень жизни населения.

Анализ целей денежно-кредитной политики НБТ в период 2010-2020 годы

Таблица 1

Годы	**Цели денежно-кредитной политики**
2010	Обеспечение стабильного функционирования банковской системы и устойчивости макроэкономических показателей, устойчивости денежной массы в обращении, устойчивость покупательной способности национальной валюты и стабильный уровень цен, удержание стабильного увеличения резервных денег и денежных агрегатов для достижения низкого уровня инфляции.
2011	Поддержание годовой инфляции с учетом ожидания благоприятных внешних факторов на уровне 7,0% (уровень инфляции в 2011 году составил 9,3%). Таргетирование валютного курса.
2012	Снижение уровня инфляции и укрепление курса национальной валюты, увеличение объема банковских депозитов в национальной валюте, снижение уровня долларизации экономики и сокращение объема наличных денег в обращении.

2013	Удержание годового уровня инфляции в пределах 9% (уровень инфляции в 2013 году составил 3,7%). Стабильного удержания денежной массы в обращении с помощью увеличение уровня обеспеченности экономики деньгами, увеличение доли банковских сбережений в национальной валюте и снижение уровня долларизации экономики. Уровень монетизации в экономике в связи с ростом ВВП демонстрировал тенденцию роста и составил 23,9% (в 2012 году составил 23,0%).
2014	Увеличение уровня монетизации экономики, рост банковских депозитов в национальной валюте и обеспечение стабильного роста денежных показателей. Среднегодовой рост резервных денег прогнозируется на уровне до 16%, а рост широкого показателя денежной массы (M_4) до 14%. Удержание годового уровня инфляции в пределах 7,5%.
2015	С учетом воздействия сезонных и административных факторов сохранит стабильного уровня внутренних цен (удержание уровня инфляции в пределах 7,5%). Прогноз роста ВВП предусматривается в пределах 6%.
2016	Среднегодовой рост резервных денег планируется на уровне до 15%. Инструменты ДКП осуществляться с учётом изменения уровня инфляции, ситуации на валютном рынке страны и изменения денежных показателей. Обеспечение внутренней и внешней стабильности сомони в условиях плавающего валютного курса (ограничение чрезмерного колебания курса национальной валюты, снижение до 2% разницы между официальным и рыночным курсом иностранной валюты по отношению к сомони).
2017	Основной цель удержание уровня инфляции в пределах 7%. Сохранение роста денежной массы исходя из потребностей экономики, прежде всего посредством регулирования объема резервных денег, чистых международных резервов и чистых внутренних активов. Среднегодовой рост резервных денег планируется на уровне до 20%. В 2017 году один из операционных показателей ДКП – резервные деньги составил 14,6 млрд сомони, увеличившись по сравнению прошлого года на 20,8%.
2018	Обеспечение и поддержание стабильного уровня инфляции (инфляционное таргетирование) в целях обеспечении стабильного роста экономики и социально-экономической устойчивости. С учётом стабилизации вышеуказанных показателей в 2018 году постепенно было снижена ставка рефинансирования с 16% до 14% годовых. Установления таргет по инфляции на уровне 7,0% (+2 п.п.), а в среднесрочном периоде, то есть в 2019 и 2020 гг. в пределах 7,0% (+2 п.п.) и 6,0% (+2,0 п.п.) соответственно.
2019	Целевой показатель в среднесрочном периоде. Таргет по инфляции предусматривается в пределах 7,0% (+2 п.п.), а в среднесрочном периоде, то есть, в 2020 и 2021 гг., в пределах 6,0% (+2 п.п.). Воздействия на краткосрочные процентные ставки денежного рынка и на макроэкономическую ситуацию, а также на уровень совокупного спроса и инфляции посредством процентной политики, и инструменты монетарных операций. Управление международными резервами и политика валютного курса. Совершенствование механизма координирования фискальной и монетарной политики. Обеспечение финансовой устойчивости банковской системы.
2020	Удержание стабильного уровня внутренних цен в рамках своих полномочий. В текущем году и в среднесрочном периоде (2021 и 2022 годы) таргет по инфляции предусматривается в пределах 6,0% (+2 п.п.).

	Совершенствование нормативных правовых актов в сфере денежно-кредитной политики. Процентная политика и инструменты монетарных операций. Имплементация прогнозируемой (looking forward policy) и обоснованной денежно-кредитной политики. Управление международными резервами и политика валютного курса**.**

Источник: Составлено авторами по данным Официального сайта НБТ (Прогноз денежно-кредитной политики НБТ): http://nbt.tj/ru/ monetary_policy/projection.php [3]

Рассмотрение целей денежно-кредитной политики в Таджикистане позволяет понять, насколько широк вопрос определения целей при разработке основных направлений денежно-кредитной политики. В наиболее узком смысле макроэкономическая стабильность основывается на трех столпах – низкая и стабильная инфляция, стабильный валютный курс и оптимальный (не резкий) устойчивый экономический рост. При этом в разных странах и на разных этапах экономического развития приоритеты достижения этих целей меняются, а от некоторых из них вообще отказываются и признают менее важными.

В тех странах, где на протяжении долгого времени денежная масса имеет чрезмерный рост, соответственно наблюдается высокий уровень инфляции. Количественная теория денег также подтверждает, что, по сути, любые изменения количества денег в обращении приводит к аналогичному изменения уровня цен.

В этой связи, Национальный банк Таджикистан, обладающим монопольным правом на осуществление эмиссии денежной наличности, в качестве основной цели избрано сохранение стабильного уровня цен в долгосрочном периоде.

Стабильный уровень инфляции, как важнейший макроэкономический показатель, имеет особое значение для социально-экономического положения нашей страны. Общеизвестно, что в зависимости от фундаментальных и структурных факторов большая часть доходов населения страны расходуется на приобретение предметов повседневного потребления, особенно на приобретение продуктов питания, которые в настоящее время занимают большую долю потребительской корзины.

Как показывают теория и практика, денежно-кредитная политика может влиять на общий уровень цен только в долгосрочной перспективе, поскольку в этот период ее возможности непосредственного влияния на рост реальных экономических показателей, таких как ВВП или уровень безработицы, ограничены. То есть денежно-кредитная политика не может допустить длительного и чрезмерного увеличения денежной массы, которое намного превышает реальный спрос экономики, иначе это приведет к повышению уровня цен.

Следует отметить, что одним из важных условий обеспечения социальной стабильности является низкий уровень инфляции и следовательно:

- низкая и стабильная инфляция создает условия для снижения валютизации активов и обязательств в экономике;
- при низкой инфляции обеспечивается устойчивость покупательной способности национальной валюты;
- низкая и устойчивая инфляция благоприятна и для ведения бизнеса;
- низкая и предсказуемая инфляция защищает доходы и накопления в национальной валюте;
- при ценовой стабильности компаниям также проще осуществлять финансовое и инвестиционное планирование.

В целях разработки и эффективной реализации основных целей денежно-кредитной политики согласно Закона РТ «О Национальном банке Таджикистана», НБТ каждый год составляет прогнозы денежно-кредитной политики Республики Таджикистан. Прогноз денежно-кредитной политики Республики Таджикистан составляется на основе анализов,

наблюдений, оценки текущего состояния мировой экономики, влияния внешнеполитических и экономических давлений, а также нестабильной финансовой ситуации крупных стран региона, которые оказывают влияние на темпы развития национальной экономики.

Важно отметить, что, начиная с 2015 года Национальный банк Таджикистана переходил от монетарной таргетирований к инфляционному таргетированию. Для перехода к режиму инфляционного таргетирования НБТ разработал стратегии монетарной политики на 2016-2020 и 2021-2025 годы, были проведены опросы среди населения относительно инфляционных ожиданий, проделаны определенные работы по внедрению новых эффективных монетарных инструментов с целью управления краткосрочной ликвидностью и активизации операций на открытом рынке, улучшения аналитического потенциала и составления прогнозов (с помощью эмпирических моделей), перехода к новым стандартам и методологиям международной статистики, введения централизованной автоматизированной платформы для прозрачности электронных торгов, повышения воздействия ставки рефинансирования на уровень инфляции, обеспечения прозрачности в монетарных операциях и др. прогнозируемого показателя и была обеспечена стабильность курса национальной валюты.

На денежно-кредитную политики страны возложено очень большой роль. Исследование показывают, что устойчивое развитие экономики обеспечивается путем эффективной реализации денежно-кредитной политики. По опыту развитых стран мира видно, что достижение необходимых экономических показателей удается с помощью грамотно придуманной экономической и денежно-кредитной политики. В этой связи, с целью обеспечения экономического роста, снижение уровня инфляции, повышения уровень доходности населения, и стабилизации национального валютного курса, необходимо разработать эффективную денежно-кредитную политику и совершенствовать инструментов реализации данной политики. При осуществлении денежно-кредитной политики встречается многочисленные факторы, которые негативно повлияют на уровень реализации этой политики. Поэтому монетарным органам, в том числе Национальному банку необходимо комплексно оценивать каждого фактора по отдельности и предпринимать, чтобы достичь поставленных целей.

ЛИТЕРАТУРА

1. Банковский статистический бюллетень. Декабрь, 2019, №12(293) (официальное издание). – Душанбе, Национальный банк Таджикистана, 2019.
2. Закон Республики Таджикистан «О национальном Банке Таджикистана», www.nbt.tj.
3. Официальный сайт Национального банка Таджикистана: http://nbt.tj/ru/monetary_policy/projection.php.
4. Прогноз денежно-кредитной политики Республики Таджикистан на 2020 год и среднесрочный период (Электронный вариант). www.nbt.tj.
5. Стратегия денежно-кредитной и валютной политики Республики Таджикистан на 2016-2020 годы. (Электронный вариант) www.nbt.tj.

УДК: 338.431(575.34)

Қудратов Р.Р., Турсунова М.И.

РУШДИ СОҲИБКОРИИ ХУРДУ МИЁНА ДАР МИНТАҚАИ ҚУВВАИ КОРИАШ БАРЗИЁД

Дар мақолаи мазкур самтҳои асосии ташаккул ва рушди соҳибкории хурду миёна дар вилояти Суғди Ҷумҳурии Тоҷикистон баррась шудаанд. Дар он таҳлили омиқи дастгирии давлатии соҳибкории хурд ва миёнаи соҳаи аграрии минтақаи қувваи кориаш барзиёд таҳлил ва барассӣ шудаанд. Дар мақола таҳлили омиқи рушди соҳавии соҳибкории хурду миёна ва пешниҳодҳо оид ба рушди соҳа дар шароити ҳозира коркард шудаанд.

Калимаҳои калидӣ: маблағҳои молиявӣ ва қарзӣ, комплекси агросаноатӣ, кишоварзӣ, хоҷагии қишлоқ, соҳаи аграрӣ, ислоҳоти аграрӣ, моликият, моликияти умумӣ, маликият ба замин, иҷтимоӣ, дигаркунсозии институтсионалӣ, коҳиш додани гаронии иҷтимоӣ, сиёсати монетарӣ ва фискалӣ.

Кудратов Р.Р., Турсунова М.И.

РАЗВИТИЕ МАЛОГО И СРЕДНЕГО ПРЕДПРИНИМАТЕЛЬСТВА В ТРУДОИЗБЫТОЧНОМ РЕГИОНЕ

В данной статье рассматриваются основные направления формирования и развития молого и среднего предпринимательства в Согдийской области Республики Таджикистан. В статье дано подробный анализ реализации государственной политики в области малого и среднего предпринимательства в сельском хозяйстве трудоизбыточного региона. Также проанализированы секторного развития малого и среднего предпринимательства и предложены по развитию сектора в современных условиях.

Ключевые слова: малое и среднее предпринимательство, агропромышленный комплекс, сельское хозяйство, аграрный сектор, аграрная реформа, собственность, общая собственность, собственность на землю, отсутсвие финансовых и кредитных средств, монетарная и фискальная политика, институциональное преобразование.

Qudratov R.R., Tursunova M.I.

DEVELOPMENT OF SMALL AND MEDIUM ENTREPRENEURSHIP IN A LABOR-SUFFICIENT REGION

This article presents the main formation and development directions of small and medium-sized businesses in the Sugd region of the Republic of Tajikistan. The article provides a detailed analysis of the implementation of state policy in the field of small and medium-sized businesses in agriculture in a labor-surplus region. The article also analyzes the sectoral development of small and medium-sized businesses and proposes for the development of the sector in modern conditions.

Keywords: small and medium business, agro-industrial complex, agriculture, agrarian sector, agrarian reform, property, common property, land ownership, lack of financial and credit funds, monetary and fiscal policy, institutional transformation.

Ташаккули соҳибкории хурд ва миёна дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ғайридавлатӣ ва хусусигардонии моликияти давлатӣ ба воситаҳои истеҳсолот оғоз гардида, боиси ҳавасмандгардонии меҳнат ва фароҳам овардани шароит барои зиёд кардани фоида

тавассути қонеъ гардонидани талаботи гуногуни ахолӣ ва ба онҳо бо хароҷоти минималӣ ва сифати мақбул хизмат расондан гардид. Аммо, тавре таҷрибаи байналхалкӣ нишон медиҳад, ташаккули соҳибкории хурду миёна раванди хеле тӯлонӣ буда, бидуни дастгирии давлат ба рушди босамари он ноил шудан ғайриимкон аст. Аслан дар тамоми кишварҳои пешрафта сохторҳои давлатие, ки ба корхонаҳои хурду миёна масъуланд, таъсис дода шудаанд.

Агар ба мамлакатҳои тараққикардаи ба иқтисодиёти Тоҷикистон наздикро ба назар гирем, саҳми соҳибкории хурд дар ММД ба хисоби миёна 18-20% ташкил диҳад, дар мамлакатҳои пешрафта боз ҳам зиёдтар аст, пас метавон қайд кард, ки дар ҷумхурии мо соҳибкории хурд ҳанӯз дар сатҳи кофӣ рушд накардааст ва ба талаботи замон мувофиқ намебошад. то ба охир нарасидааст.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати ҳалли мушкилоти марбут ба рушди соҳибкории хурду миёна як қатор тадбирҳо меандешад. Соли 1998 Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои рушди соҳибкории хурду миёна дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Барномаи дастгирии давлатии соҳибкории хурд дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 1998-2020» ва як қатор дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки фароҳам овардани инфрасохтори самараноки дастгирӣ ва рушди соҳибкории хурду миёнаро пешбинӣ мекунанд кабул карда шуданд.

Оид ба иҷозатномадиҳӣ дар назди Ҳукумат мақомоти ягонаи бақайдгирии корхонаҳо таъсис дода шуда, худи расмиёти бақайдгирӣ то ҳадди ақал кам карда шуд. Ин тадбирҳо ба фароҳам овардани муҳити мусоид барои соҳибкорӣ мусоидат мекунанд. Аммо ин тадбирҳо барои рушди бомуваффақияти соҳибкории хурду миёна кофӣ нестанд. Дар ин масъала дастгирии давлат зарур аст, ки бо барномаҳои мусоидат намудан ба шуғли аҳолӣ ва татбиқи сиёсати муҳоҷират алоқаманд бошад.

Нақши асосиро дар рушди соҳибкории хурду миёна омилҳои иҷтимоӣ, махсусан дар деҳот, ки қувваи корӣ зиёдатӣ доранд, мебозад. Соҳибкории хурду миёна ҳамчун манбаи таъсиси ҷойҳои нави корӣ ба паст кардани шиддати иҷтимоӣ ва демократикунонии муносибатҳои бозаргонӣ мусоидат намуда, заминаи ташаккули “табақаи миёна”-ро ташкил медиҳад [2].

Соҳибкории хурду миёна дар соҳаи кишоварзии вилояти Суғд дар марҳилаи барпошавӣ қарор дорад. Дар марҳалаҳои гузаштаи татбиқи ислоҳоти аграрии комплекси агросаноатӣ дар вилоят 68269 корхона, аз ҷумла соҳибкории хурду миёна 67166 хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ташкил карда шуданд [1].

Албатта, барои рушди соҳибкории хурду миёна ҳамчунин бояд барномаи миллии рушди соҳибкорӣ бо санадҳои қонунгузории дахлдор таҳия карда шавад. Ташаббусҳои ҳукумат дар ин самт бояд ба равшан кардани муносибати аҳолӣ ба тиҷорат нигаронида шаванд. Тайёр кардани чунин барнома хамкории зичи ташкилотҳои давлатӣ ва ҷамъиятиро тақозо мекунад.

Раванди рушди соҳибкорӣ инчунин аз таъсиси расмиёти содда ва аниқи бақайдгирӣ ва иҷозатномадиҳӣ вобаста аст, ки эътимод ва устувориро тавсиф мекунанд [4]. Сиёсати монетарӣ, фискалӣ ва дигар воситаҳои танзимкунанда бояд омилҳое гарданд, ки барои пасандозҳо фазои мусоид фароҳам оранд. Муҳимтарин шарти ба иқтисоди бозори ҷаҳонӣ дохил шудани маҳсулоти кишоварзии Вилоят нигоҳ доштани соҳаҳои пешбари ба содирот нигаронидашудаи кишоварзӣ – пахтакорӣ, боғу токдорӣ ва сабзавоткории пешина мебошад.

Сарфи назар аз рақобатпазирии хеле пасти корхонаҳои Тоҷикистон, соҳибкории миллӣ тадриҷан тамоюли равшани ғарбиро касб мекунад.

Асоси рушди истеҳсоли рақобатпазири мевачот метавонад қувваи кории арзон бошад. Гарчанде беш аз пеш баланд шудани хароҷоти истеҳсолӣ ва аз даст додани бартариҳои истеҳсоли камхарҷ вуҷуд дорад, дар оянда маҳсулоти мевагӣ вилояти Суғд на танҳо дар бозорҳои мамлакатҳои ИДМ, балки дар мамлакатхои Шарқи Наздик (Хитой, Хиндустон)

низ мавқеи муайянро ишғол карда метавонад. Барои Тоҷикистон рушди минбаъдаи соҳаҳои коркарди ба содирот нигаронидашуда бо коэффисиенти баланди молӣ мақсаднок мебошад.

Ҷадвали 1

Содироти маҳсулоти кишоварзӣ аз вилояти Суғд (сомонӣ)

№	Номгӯи маҳсулот	2019	2020	2021	Суръати рушд дар соли 2021 нисбат ба соли 2019, %
1	Нахи пахта	38378,7	42085,3	35599,3	92,8
2	Сабзавот	4548,7	5646,3	13322,9	2,9 маротиба
3	Меваи хушк	14179,3	17216,7	42108,5	2,9 маротиба
4	Шир ва маҳсулоти ширӣ	0,9	18,0	52,7	2,8 маротиба
5	Ҳасибҳо	215,5	-	-	-
6	Полези	0,7	2,4	657,5	2,4 маротиба
7	Тухм	-	-	28,7	-
	Ҳамагӣ	57323,8	64968,7	91769,6	160,0

***Сарчашма:** Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд, 2021с. [3]

Мақомоти вилоятро зарур аст, ки соҳибкоронеро, ки ба бунёди корхонаҳои хурду миёнаи соҳаи коркард машғуланд, дастгирӣ намуда, бозори фурӯши маҳсулотро, асосан дохилиро беҳтар созанд, инчунин содироти маҳсулоти коркарди тайёрро ба кишварҳои хориҷи дуру наздик ҳавасманд намоянд. Амалиёти содиротӣ ва воридотӣ дар вилоят аз ҷониби соҳибкорони хурду миёна ва корхонаҳои деҳқонӣ (фермерӣ) амалӣ карда мешавад.

Ҳамин тавр, дар вилоят барои коркарди ашьёи хоми хоҷагии қишлоқ бартариҳо мавҷуданд: базаи калони коркард, ки хамагӣ 15—20% иқтидори он истифода мешавад, захираҳои кофии об, кувваи барқ ва кувваи кории арзон. Кишварҳои ҳамсоя бахусус дар бахшҳои кишоварзӣ сиёсати шадиди протексионистиро пеш мебаранд, аз ин рӯ, ба соҳибкорони вилояти Суғд зарур аст, ки оид ба кам намудани хароҷоти истеҳсолот андеша намоянд.

Ҷойгиршавии корхонаҳои муштарак дар соҳаи коркарди минтақа муносибатҳои тиҷоратиро бо кишварҳои ҳамсоя ҳавасманд намуда, барои ҷалб намудани сармоягузорони эҳтимолӣ мусоидат менамуд. Дар сурати ба вуҷуд омадани вазъи иқтисодии мусоид дар вилояти Суғд имконияти коркард ва фурӯши мевагиҳоро аз кишварҳои ҳамсоя пайдо мекунад.

Дар оянда дар соҳаи боғу токдорӣ ва сабзавоткорӣ эҳтимолияти кам гардидани шумораи хоҷагиҳои хонагӣ, инчунин хоҷагиҳои хурди деҳқонӣ (фермерӣ) вуҷуд дорад. Бо баробари ин раванди васеъ ва муттаҳидсозии майдонҳои кишт аз нав оғоз мегардад, хоҷагиҳои миёна ва калон хоҷагиҳои хурди деҳқониро (фермериро) аз байн мебаранд, ки он дар шаклҳои гуногун зоҳир мегардад [5].

Афзоиши гардиши савдо ва рушди соҳаи хизматрасонӣ метавонад боиси афзудани сармояи онҳо дар соҳаи боғдорӣ ва сабзавоткорӣ гардад, вале дар саноати коркард чун ҳама вақт норасогии воситаҳои гардон боқӣ мемонад. Дар ин вазъият муҳим аст, ки манфиати соҳибкорӣ маҳз ба соҳаи сабзавоткорӣ равона карда шавад.

Омилҳои асосие, ки дурнамои рушди соҳибкориро дар ин соҳаҳо муайян мекунанд, инҳоянд:

- тамаркуз ба бозорҳои Русия, қисман ба бозорҳои кишварҳои ИДМ;

- мавқеъи мусоиди геополитикӣ ва мавҷудияти қувваи кории баландихтисоси арзон ҳамчун асоси эҳёи рақобатпазирӣ дар бозори ҷаҳонӣ;

- саноати нисбатан нигоҳ дошташудаи коркарди ашёи хоми кишоварзӣ бо захираҳои арзони қувваи барқ ва об;

- рушди мувофиқи потенсиали соҳибкорӣ (на танҳо пулӣ) ва таҷрибаи хоҷагидорӣ;

Бо вуҷуди ин, ба ин омилҳои мусбии ҷойдошта муаммоҳо ҷой доранд:

- набудани истеҳсоли нуриҳои минералӣ;

- техникаи кишоварзӣ ва ғайра;

- базаи куҳнашудаи коркард, ки таҷдиди фаврии технологияи истеҳсолотро тақозо мекунад ва ғ.

Мутаассифона, мо на дар ҳамаи соҳаҳои ислоҳоти иқтисодӣ ба самараи интизорӣ ноил гардиданд. Ба ислоҳотчиён сатҳи боло даъвоҳои калон ба миён гузошта шудаанд. Онҳо деҳқонон (фермерон)-ро боварӣ намуданд, ки барояшон гирифтани қитъаи замин барои фаъолияти истеҳсолӣ кифоя аст, ки аз истифодаи он соҳибкорони доро мегарданд.

Айни замон дар баробари мушоҳида гардидани сатҳи пасти рушди умуман иқтисодиёт дар соҳаҳои комплекси агросаноатии вилояти Суғд барои ташаккули босуръати сохторҳои соҳибкорӣ заминаҳои объективӣ мавҷуданд. Аз ин рӯ, барои барпо намудани агротиҷорат чӣ аз ҳисоби маблағҳои худӣ ва чӣ аз ҳисоби карзҳо, инчунин аз ҳисоби кам кардани арзиши аслии маҳсулот таъсис додани инфрасохторро ҳавасманд намудан лозим аст. Ба корхонаҳо барои ҷамъ кардани маблағҳо ва васеъ намудани истеҳсоли маҳсулоти хоҷагии қ ишлок имконият фароҳам овардан муҳим аст.

Гузариш аз самти рушди ба ашёи хом нигаронидашуда ба самти коркарди он бо маҳсулотӣ ниҳоӣ то истеҳсоли маҳсулоти тайёр имкон медиҳад, ки қисми сатҳи бекорон ва онҳое, ки бо меҳнати бесамар дар деҳот машғуланд, аз ҳисоби воридшавии захираҳои меҳнатӣ ба саноати коркард ва инфраструктураи вобаста кам гардад.

Дар минтақа имкониятҳои соҳибкороне, ки иконияти молиявӣ, нерӯи зеҳнӣ доранд, вале имкони амалӣ намудани идеяҳои худро надоранд муайян кардан лозим аст. Зарур аст, ки марказҳои амалкунанда барои рушди соҳибкории хурду миёна бо мақсади расонидани кӯмаки машваратӣ, омӯзишӣ ва молиявӣ мувофиқи талаботи соҳаи минтақа ташкил карда шаванд.

Рушди соҳаи аграрӣ соҳибкории хурду миёнаи минтақаро баррасӣ мекунем. Масалан: кишоварзӣ соҳаи асосии рушди вилояти Суғд мебошад. Дар соли 2021 дар вилоят 68269 корхонаи хурду миёна таъсис дода шудааст, ки 20% он дар соҳаи кишоварзӣ амал мекунад (ҷадвали 2).

Ҷадвали 2

Шумораи субъектҳои амалкунандаи соҳибкории хурду миёнаи вилояти Суғд дар солҳои 2015-2020

Субъектҳо дар ноҳияҳои вилоят	Солҳо						Суръати рушд дар соли 2020 нисбат ба соли	
	2016	2017	2018	2019	2020	2021	2015, %	2020, %
Вилояти Суғд	59652	63475	66180	67305	67823	68629	124,7	101,2
- хоҷагиҳои давлатӣ	29	30	32	31	29	31	33,7	106,9
- асотсиатсияҳои хоҷагиҳои деҳқонӣ	57	57	58	61	64	64	116,4	100
- хоҷагиҳои коллективӣ ва кооперативҳо	1400	1462	1124	1117	1028	944	200	91,83
- ҶДММ ва ҷамъияти саҳҳомӣ	99	111	113	113	115	134	-	116,5
- хоҷагиҳои ёрирасон	199	224	238	241	256	290	121,3	113,3
- хоҷагиҳои деҳқонии инфиродӣ	57868	61591	64615	65742	66331	67166	124	101,3

***Сарчашма:** Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд, 2021с. [3]

Самти асосии хоҷагии қишлоқ - гӯсфандпарварӣ, бузпарварӣ, парвариши зироатҳои ғалладона ва лубиёгӣ, зироатҳои хӯроки чорво, меваю сабзавот мебошад. Дар вилоят тамоку, картошка барои тухмӣ ва ғизо, пашм, шир ва маҳсулоти ширӣ низ истеҳсол карда мешавад. Шароити минтақа имкон медиҳад, ки бинобар баланд будани нархи пашми буз ва пашми ангорӣ бузпарварӣ низ рушд дода шавад.

Вилоят маҳсулоти кишоварзиро дар дохили кишвар таъмин намуда, ба кишварҳои ИДМ ва хориҷи дур содир мекунад. Соли 2021 корхонаҳои хурд ба маблағи 371,3 миллион сомонӣ маҳсулот содир кардаанд.

Соҳаи амалкунандаи соҳибкории хурду миёна аз 68629 адад субъект иборат буда, шумораи умумии шуғл 2081,3 нафарро ташкил медиҳад. Шумораи бештари қувваи корӣ, ки дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) кор мекунанд. Вилояти Суғд ба парвариши пахта, ангур, меваю сабзавот ва пиллапарварӣ махсус гардонида шудааст. Чорводорӣ, сабзавоткорӣ, мурғпарварӣ рушд мекунад. Аксарияти соҳибкорони хурду миёна дар соҳаи истеҳсол ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ фаъолият мекунанд. Дар вилоят 68269 корхонаи хурду миёна фаъолият доранд.

Вилояти Суғд дорои майдони калони чарогоҳҳои кӯҳӣ буда, барои рушди гӯсфандпарварӣ замина фароҳам оварда шудааст, ки ҳоло аҳамияти аввалиндараҷа пайдо карда истодааст. Ҳар чӣ бештар нақши чорводории ширдеҳ, фарбеҳ кардани гӯсолаи чорвои калони шохдор, қӯтоспарварӣ ва рушд додани соҳаҳои хоҷагии қишлоқ аҳамияти калон пайдо мекунад. Дар заминҳои обёришаванда гандум, ҷав, картошка, сабзавот, лубиё, алафҳои бисёрсола парвариш карда мешавад. Дар заминҳои лалмӣ ғалла ва зироатҳои хӯроки чорво, асосан алаф кишт карда мешавад.

Дар ин минтақа коркарди маҳсулоти соҳаи аграрӣ — истеҳсоли маҳсулоти ширӣ, консерви сабзавоту мева назаррас рушд мекунад. Дар соҳаи аграрӣ вилоят нақши хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) дар истеҳсоли навъҳои асосии маҳсулот дар давоми 2 соли охир, ба истиснои истеҳсоли мева чандон тағйир наёфтааст (ҷадвали 3). Сабзавотпарварӣ ах ҷониби хоҷагиҳои деҳқонии (фермерии) воқеъ дар ноҳияҳои Исфара, Конибодом, Б.Ғафуров ва Ҷ. Расулов азхуд карда мешаванд.

Дар хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) ба фарбеҳ кардани чорво бештар диққат дода мешавад. Рушди зироаткорӣ аз сатҳи зарурӣ ақиб мондааст, гарчанде ки ҳоло истеҳсоли сабзӣ ва карам дар ин соҳа самарабахш аст. Вилояти Суғд минтақаи сераҳолии ҷумҳурӣ буда, дар он 68269 субъектҳои соҳибкории хурду миёна фаъолият доранд.

Самтҳои асосии фаъолияти корхонаҳои хурду миёна кишоварзӣ, коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, савдо, хӯроки ҷамъиятӣ ва хизматрасонӣ мебошанд. Вилояти Суғд ба парвариши пахта, меваю сабзавот ва зироатҳои полизӣ махсус гардонида шудааст. Богдорӣ васеъ тараққӣ карда, кирмакпарварӣ ва пилла, богдорӣ, чорводорӣ ва сабзавоткорӣ, парвариши аспҳои зотӣ, қӯтоспарварӣ хеле тараққӣ кардааст. Дар солҳои охир истеҳсоли ҳамаи намудҳои маҳсулоти хоҷагии қишлоқ мушоҳида карда мешавад.

Ҷадвали 3

Истеҳсоли намудҳои асосии маҳсулоти растанипарварӣ дар ҳамаи категорияҳои хоҷагиҳои вилояти Суғд дар солҳои 2016-2020

(ҳазор тонна)

№	Номгӯи зиратҳо	Дар ҳамаи категорияҳои хоҷагӣ		Корхонаҳои кишоварзӣ		Хоҷагиҳои аҳолӣ		ХДФ	
		2016	2020	2016	2020	2016	2020	2016	2020
1	Нахи пахта	85,6	112,6	15,2	31,7	*	*	70,4	80,6
2	Ғалладона	311,6	351,4	41,5	61,3	60,6	60,7	209,6	229,4
3	Картошка	334,9	512,1	39,9	75,1	111,6	130,5	193,4	306,4
4	Сабзавот	458,0	560,4	30,3	43,4	217,9	232,4	209,8	284,5

5	Полизӣ	188,5	151,8	12,4	24,4	5,9	3,6	100,2	123,8
6	Мева	112,7	139,7	12,4	12,7	29,0	28,7	71,3	98,0
6	Ангур	55,5	50,6	7,1	1,2	16,7	14,0	37,7	35,2

***Сарчашма**: ҳисобҳои муаллиф дар асоси маҷмӯаи омории Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. саҳ 139-187. 2021.

Минтақа аз ҷиҳати рушди иқтисодиёт дар ҷумҳурӣ яке аз ҷойҳои намоёнро ишғол мекунад. Вилояти Суғд ба парвариш ва коркарди ашёи хом: ғалладона, зироатҳои полизӣ ва зироатҳои хӯроки чорво махсус гардонида шудааст. Гӯсфандпарварии махинпашм ва ниммахинпашм, асппарварӣ, ғаллакорӣ низ тараккӣ кардааст. Шароити иқлими водиҳои вилояти Суғд барои боғдорӣ хеле мусоид аст.

Самараи иқтисодии коркарди сабзавот ва зироатҳои равғандиҳанда, инчунин истеҳсоли консерви гуштӣ бо иловаи сабзавот ва зироатҳои лубиёгӣ — лубиё, соя ва ғайра хеле баланд шуда метавонад.

Корхонаҳои калон дар аксар мавридҳо саҳҳомӣ гардида буданд, вале ба шароити нав мутобиқ шуда натавониста имрӯз воқеан фаъолият намекунанд ё ҳадди аксар ба 25% иқтидори истеҳсолии худро истифода мебаранд (ҷадвали 4).

Ҷадвали 4

Истеҳсоли намудҳои асосии маҳсулоти чорво дар ҳамаи категорияҳои хоҷагиҳдриҳои вилояти Суғд дар солҳои 2016-2020 (ҳазор тонна)

№	Номгӯи маҳсулот	Аз рӯи ҳамаи категорияҳои хоҷагӣ		Корхонаҳои кишоварзӣ		Хоҷагиҳои аҳолӣ		ХДФ	
		2015	2020	2015	2020	2015	2020	2015	2020
1	Гӯшт (чорвои калони шохдор ва парранда бо вазни зинда)	53,3	66,6	0,8	10,3	50,4	54,0	2,1	2,3
2	Шир	249,8	272,9	2,6	2,6	230,2	252,0	16,8	18,3
3	Тухм	151,1	294,6	111,1	245,6	352,4	43,3	4,8	5,6
4	Пашм	1,4	1,5	0,04	0,04	1,2	1,2	0,2	0,2
5	Пилла	0,37	0,14	*	*	*	*	*	*
6	Асал	1,3	1,5	0,01	0,01	1,3	1,4	0,01	0,01

***Сарашма:** ҳисоби муаллиф тибқи маҷмӯаи омори Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. 139-187, 272-292. 2021с.

Ҳангоми омӯзиши нишондодҳои миёнаи истеҳсоли гӯшт дар давоми се сол вилояти Суғд яке ҷойҳои аввалро ишғол мекунад, ки ҳаҷми истеҳсоли он 2300 тонна дар як сол баробар аст, аммо ин нишондиҳанда барои бо суръати баланд рушд кардани чорводорӣ дар минтақа асос намегардад. Дар вилоят саршумори гусфандон се баробар кам шуда, дар натиҷа ҳаҷми пашми тарошидашуда ҳамагӣ 1550 ҳазор тоннаро ташкил дод, ҳол он ки вилоят дорои чарогоҳҳои калон, оғилҳои калон барои чорводорӣ ва гусфандпарварӣ пешбинишуда мебошад.

Дар истеҳсоли шир вилояти Суғд афзалият додан мумкин аст - 237,2 сентнер. Дар ин минтақа истеҳсоли шир яке аз маҳсулоти даромаддор мебошад. Хоҷагиҳои деҳқонӣ (фермерӣ) як қисми шири истеҳсолшударо мефурӯшанд, як қисми онро коркард намуда, панир, маска, равғани зард ва дигар маҳсулоти ширӣ истеҳсол мекунанд. Нархи шир ва маҳсулоти ширӣ давра ба давра баланд гардида, пастшавии нарх мушоҳида намешавад. Ҳоло дар байни хоҷагиҳо ва корхонахои саноатӣ оид ба коркарди шир муносибатҳои истехсолӣ барпо карда мешаванд.

Рушди соҳибкории хурду миёна дар минтақаҳо, инчунин сатҳи шуғли аҳолӣ ба нишондиҳандаҳои иқтисодӣ бевосита таъсир мерасонанд.

Таназзули буҳронии истеҳсолот дар давраи гузариш тафовути рушди минтақаҳоро якбора пурзӯр кард. Дар ҳамаи минтақаҳо дар ҳалли муаммоҳои молиявӣ, моддӣ ва ғайра душвориҳо мавуҷуд ҳастанд, ки онҳо ба рушди соҳибкорӣ бевосита таъсир мерасонанд.

Барои рушди минбаъдаи самарабахши соҳибкории хурду миёна дар минтақаҳо дастгирии фаъолонаи давлатӣ, андешидани чораҳои қатъӣ барои ҷоннокшавии минтақаҳои аз ҷиҳати иқтисодӣ ақибмонда зарур аст, ки он тавассути таҳияи барномаҳои махсуси минтақавӣ оид ба рушди соҳибкории хурду миёна имконпазир аст.

Ҳамин тариқ ислоҳоти замин гузаришро аз монополияи моликияти давлатӣ ба замин ба ҳамгироии шаклҳои гуногуни он коллективӣ, сметагӣ ва ғайраро тахмин дошт. Бо ин мақсад ба деҳқонон қитъаҳои замин бепул тақсим карда шуд, заминҳои корхонаҳои кишоварзӣ хусусӣ гардонда шуда, шакли ташкилию иқтисодии истифодаи замин тағйир дода шуд. Дар ин марҳила замин ба фоидаи бевоситаи субъектҳои хоҷагидор ва шаҳрвандон бо роҳи тақсими ҳиссаи замин ба онҳо, аз нав тақсим карда шуд [6].

Моҳияти ин ҳуҷҷатҳо гузаштан ба шакли нави муносибатҳои заминӣ, ки барои истифодаи самараноки замин мусоидат мекунанд ва баланд бардоштани аҳамияти иҷтимоию иқтисодии хоҷагии қишлоқ мебошад.

АДАБИЁТ

1. Козодоев И.И. Земельные отношения в социалистических странах. - М: Соцэкгиз. 1960. - С.5
2. Муравьев, А.И. Малый бизнес: экономика, организация, принципы / А.И Муравьев, А.М. Игнатьев, А.Б. Крутик. - 2-е изд., перераб. и доп. - СПб: «Издательский дом «Бизнесс-пресса», 1999. - 608 с.
3. Сарраёсати Агентии омори назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд, 2021с.
4. Султонов З.С. Направления и механизмы развития инфраструктурного обеспечения малого предпринимательства в Республике Таджикистан/ Султонов З.С., Саидова М.Х., Табарова Д.А.// Вестник Таджикского государственного университета коммерции. - Душанбе: «Точир», 2019. № 3(28). - С. 43-47.
5. Чаянов А.В. Основные идеи и формы организации сельскохозяйственной кооперации. М. Наука, 1991. – С. 69
6. Чернышевский Н.Г. О земельной собственности. ПСС. М., 1949.

УДК 331.1

Рустамов Р.У.

ТАҲАВВУЛИ НАЗАРИЯҲО ОИД БА ИҚТИДОРИ МЕҲНАТИИ АҲОЛӢ ВА ХУСУСИЯТҲОИ ТАРКИБИИ ОН

Дар маќола таҳаввули назарияҳо оид ба иқтидори меҳнатии аҳолӣ оварда шудааст ва инчунин фарқ байни иқтидор ва захираҳо дар он зохир мешавад, ки захираҳо новобаста аз субектҳои фаъолияти иқтисодӣ вуҷуд доранд, лекин потенсиали ягон корхона бошад, қисми чудонашавандаи субектҳои фаолияти иқтисоди мебошад, яъне аз субектҳои фаъолияти иқтисодӣ вобастаги дорад, ки ин ҷо гурӯҳї аҳолӣ ҳамчун қувваи истеҳсолкунандаи ҷомеа ва объекти танзими давлатӣ тавассути консепсияҳои «иқтидори меҳнатӣ», «қувваи корӣ»,

«захираҳои меҳнатӣ» таҳқиқ карда мешавад ва инчунин дар баробари рушди фаҳмишҳо оид ба инсон ҳамчун субъекти ҳаёти иқтисодӣ як қатор мафҳумҳои дигар ба монанди «омили инсонӣ», «сармояи инсонӣ» пайдо шуданд. Паҳлӯҳои мухталифи бозори меҳнат, бахусус шуғли аҳолӣ, муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ ва сатҳи зиндагӣ мавриди таҳқиқоти васеъ қарор дода шудааст, ки алоқамандӣ ва ҷанбаҳои назариявии мафҳуми иқтидори меҳнатро фарогир мебошанд.

Калидвожаҳо: иқтидори меҳнатӣ, қувваи корӣ, захираҳои меҳнатӣ, омили инсонӣ, сармояи инсонӣ, қобилияти эҷодкорӣ, дониш.

Рустамов Р.У.

ЭВОЛЮЦИОННЫЕ ТЕОРИИ ТРУДОВОГО ПОТЕНЦИАЛА НАСЕЛЕНИЯ И ЕЕ ХАРАКТЕРИСТИКИ

В статье представлено развитие теорий о рабочей силе населения, а также показано различие между мощностью и ресурсами в том, что ресурсы существуют независимо от субъектов экономической деятельности, а потенциал любого предприятия составляет неотъемлемую часть субъектов экономической деятельности. деятельности, то есть от субъектов экономической деятельности, здесь группа населения как производительная сила общества и объект государственного регулирования исследуется через понятия «рабочая сила», «рабочая сила», «трудовые ресурсы» и также наряду с развитием понимания человека как субъекта экономической жизни появился ряд других понятий, таких как «человеческий фактор», «человеческий капитал». Различные аспекты рынка труда, особенно занятость, социально-трудовые отношения и уровень жизни, стали предметом обширных исследований, в том числе актуальности и теоретических аспектов концепции рабочей силы.

Ключевые слова: трудовой потенциал, рабочая сила, трудовые ресурсы, человеческий фактор, человеческий капитал, творчество, знания.

Rustamov R.U.

EVOLUTIONARY THEORIES OF LABOUR POTENTIAL OF THE POPULATION AND ITS CHARACTERISTIC

The article presents the development of theories about the labor force of the population, and also shows the difference between capacity and resources in that resources exist independently of economic entities, and the potential of any enterprise is an integral part of economic entities. activity, that is, from the subjects of economic activity, here a group of the population as a productive force of society and an object of state regulation is studied through the concepts of "labor force", "labor force", "labor resources" and also, along with the development of an understanding of a person as a subject of economic life, a number of other concepts such as "human factor", "human capital". Various aspects of the labor market, especially employment, social and labor relations and living standards, have been the subject of extensive research, including the relevance and theoretical aspects of the concept of labor force.

Keywords: labor potential, labor force, labor resources, human factor, human capital, creativity, knowledge.

Дар шароити муосири бозори меҳнат, иқтидори меҳнатии аҳолӣ категорияе мебошад, ки дар ҳама низомҳои иҷтимоию иқтисодӣ дорои ду хусусияти ҳамоҳангсоз, яъне хусусиятҳои миқдорӣ ва сифатии худ мебошанд. Хусусияти миқдории иқтидори меҳнатии аҳолӣ бевосита ба равандҳои демографӣ ва муҳоҷирати аҳолии кишвар алоқаманд мебошад.

Иқтидори иқтисодии мамлакат аз бисёр ҷиҳат аз рӯй миқдори захираҳои меҳнатии он муайян карда мешавад, аниқтараш шумораи аҳолӣ ҳар чӣ бештар бошад, ҳамон қадар иқтидори меҳнатии он зиёд мегардад.

Мавқеи асосиро дар тараққиёти иқтисоди миллӣ сифати иқтидори меҳнати ишғол менамояд. Ба ибораи дигар барои он ки рушди иқтисодиёт дар кишвар таъмин карда шавад, зарур аст, ки сатҳи дониш, маҳорат ва малакаи қувваи корӣ баланд бардошта шавад [10:276]. Ба андешаи мо сифати иқтидори меҳнатӣ дар зери таъсири талаботи истеҳсолот, талабот ба қувваи корӣ, дар асоси рушди системаи ҷомеа ва тарбияву дониши баланд ба вуҷуд меояд. Ченаки сифати иқтидори меҳнатӣ сатҳи мутавозини (балансии) профессионалӣ – ихтисосмандии коргар вобаста аз тараққиёти пай дар пайи иқтисоди миллӣ мебошад. Самти миқдории иқтидори меҳнати бошад, аз рӯи омили демографӣ (афзоиши табии, ҳолати саломатӣ ва ғ.), талаботи истеҳсолот ба қувваи корӣ ва имкониятҳои қонеъкунии аҳолии қобилияти меҳнатидошта ба меҳнат муайян карда мешвад. Дар илмҳои иқтисодии муосир нишондиҳандаи умумии раванди ташаккул ва рушди шахсият дар фаъолияти меҳнатии ӯ таҷассум ёфта, дар маҷмӯъ иқтидори меҳнатии ҷомеаро ташкил медиҳад. Истилоҳи «иқтидор» маъмулан маънои воситаҳо, захираҳо, манбаъ ё сарчашмаҳои истифодашавандаро, қобилияти шахсӣ, гурӯҳи одамон, инчунин мавҷудияти ҷомеа дар ягон вазъияти мушаххасро дорад.

Иқтидори меҳнатии шахс дар зери таъсири чунин сифатҳо ба монанди тавонистан (ӯҳдабаро будан) ва шавқу хоҳиши кор кардан, ташаббускорӣ дар меҳнат ва фаъолнокӣ дар хоҷагидории ташаббускорона, фаъолнокии эҷодӣ ва ғайраҳо ташаккул меёбад. Ҳамин тариқ, оид ба иқтидори меҳнатии шахси алоҳида, корхона, шаҳр, вилоят, ҷамъият гуфтан мумкин аст, ки дар он маҷмӯи ҳамагуна иқидору қобилиятнокии одамон ба меҳнат таҷассум меёбад. Воҳиди сохторбунёдкунанда будани иқтидори меҳнатии аҳолӣ ин иқтидори меҳнатии коргар ҳамчун ташкилдиҳандаи асоси ташаккули иқтидорҳои меҳнатии сатҳҳои баланди сохторӣ мебошад.

Дар баробари рушди фаҳмишҳо оид ба инсон ҳамчун субъекти ҳаёти иқтисодӣ як қатор мафҳумҳои дигар ба монанди «қувваи корӣ», «захираҳои меҳнатӣ», «иқтидори меҳнатӣ», «омили инсонӣ», «сармояи инсонӣ» пайдо шуданд [3;11].

Маълум мегардад, ки ҳамаи ин мафҳумҳо ба инсон рабт дошта, дорои хусусиятҳои гуногуни иқтисодӣ ё моҳияти иҷтимоии истифодабарии соҳаи худро доранд.

Иқтидори меҳнатиро ҳамчун категорияи иқтисодӣ дар охирҳои асри XX мавриди баррасии илмӣ ва омӯзиши фаррохи илмӣ қарор дода шудааст. Аммо то имрӯз, дар илмҳои иқтисодии хориҷӣ ва бахусус дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи илмҳои иқтисодӣ, аз ҷумла равияи иқтисодиёти меҳнат ба таври васеъу дақиқ таҳқиқ нагардидааст, инчунин мафҳуми ягонаю мушаххасро пайдо накардааст, гарчанде паҳлӯҳои алоҳидаи иқтидори меҳнатии аҳолиро дар таҳқиқотҳои актабҳои гуногуни илмӣ вохӯрдан мумкин аст.

Якчанд равишҳои назариявӣ ва методологии фарқкунандаи мафҳуми нақши омили инсониро дар низоми иқтисодӣ ҷудо намудан мумкин аст:

Равиши якумро дар таҳқиқотҳои А.Смит ва Д. Рикардо дидан мумкин аст, ки онҳо аввалан категорияҳои «қобилияти коргарон ба меҳнат», «қувваи ҷисмонӣ», «қувваҳои истеҳсолкунанда», «қувваи корӣ»-ро мавриди таҳқиқотҳои илмии худ қарор дода хусусиятҳои нақшофаринии инсонро нишон додаанд [3:46]. Агар ба категорияҳои илмии ҷудо кардаи А.Смит ва Д. Рикардо диққат диҳем, пас маълум мегардад, ки дар бозори меҳнат инсон субъекти асосӣ мебошад ва аз ҳама муҳим байни ин мафҳумҳо тафовути хоса вуҷуд дорад. Ақидаҳои А.Смит ва Д. Рикардо ҷолиби диққат мебошанд, чунки заминаи аввалияи аҳамияти назариявию методологии онҳо маҳз дар ҷудо намудан ва инчунин ошкорсозии тафовути мафҳумҳои номбаргардида дида мешавад.

Ба ақидаи мо, қувваи корӣ ҳамчун қобилияти табиӣ пурра ба сохтори иқтидори меҳнатӣ шомил гардида, барои рушди ояндаи он асос гардида, инчунин ҷузъӯ таркиби онро доимо такмил медиҳад.

Равишҳои дуюми илмии иқтидори меҳнатии аҳолиро дар таҳқиқотҳои Г. Беккер ва Т. Шултс дидан мумкин аст, ки ба ақидаи онҳо маҳз таълимот (дониш) асоси таъминкунандаи рушди мунтазами қувваҳои истеҳсолкунандаи меҳнат мебошад [2]. Аз ақидаҳои илмии онҳо бар меояд, ки таълимот, дониш, ҳунар ва истеъдод ҳамчун асоси сармояи инсонӣ натанҳо афзалиятҳои рушди шахсони алоҳидаро, балки метавонад тавассути натиҷаҳои донишу маҳорат ва истеъдоди кории онҳо ба рушди иқтидори меҳнатӣ таъсир намуда, дар бозори меҳнат ҳамчун заминаҳои асосии ташаккули иқтидори меҳнатӣ баромад намоянд. Гузашта аз ин, сармояи инсонӣ дар натиҷаи сармоягузориҳои тулонӣ барои мутахассис ҷузъи таркибии иқтидори меҳнатии аҳолӣ шуда метавонад.

Ҳамзамон, олими ватанӣ Ҳодиев Д.А. қайд менамояд, ки сармояи инсонӣ – ин маҷмӯи дониш ва қобилиятҳои эҷодкорона, инчунин доштани истеъдод, саломатӣ, сифатҳои шахсию ҳавасмандии шахсон, ки дар натиҷаи сармоягузориҳо ба таълимот, омодагии касбию техникӣ, тандурустӣ, муҳоҷиарт ва инчунин тарбияи кӯдакон бо мақсади дар оянда гирифтани даромад мебошад [12].

Равиши сеюми методологияи ошкорсозии мафҳуми иқтидори меҳнатиро вобастагию алоқамандии зич бо омилҳои истеҳсолот шарҳ додан мумкин аст. Чунки дар бисёр мавридҳо бахусус дар сатҳи микроиқтисодиёт натиҷанокӣ ва самаранокии қувваҳои истеҳолот ба иқтидори меҳнатии коргарон такя намуда, ҳамзамон нақшаҳои истеҳсолӣ ва афзалиятҳои ояндаи корхона, ташкилот ва дигар субъекти фаъолияти хоҷагидорикунанда тарҳрези мегардад. Масалан, олимони рус, М. И. Скаржинский ва И. Ю. Баландин иқтидори меҳнатиро «ҳамчун шакли омехташавии ҳаракати шахсӣ бо омилҳои моддии истеҳсолӣ»[3;11] мафҳумгузорӣ намудаанд. Аз гуфтаҳои онҳо аён мегардад, ки иқтидори меҳнатии аҳолӣ дар бозори меҳнат танҳо ҳангоми робита доштани ҳаракати шахс бо омилҳои истеҳсолӣ пайдо мегардад. Аммо, бояд қайд намуд, ки вобаста ба хусусиятҳои тағйирёбандаи бозори меҳнат ва дар баробари он дигаргун гардидани талаботи бозор ба мутахассисону донишмандон ҳам ба миён меояд. Аниқтараш дар бозори меҳнат натанҳо соҳибмаълумот мутахассисони донишманд иштирок менамоянд, балки дар бозори меҳнат баъзе фаъолиятҳои меҳнатии баланддаромадро дидан мукин аст, ки он донишмандиву қувваи зиёди ҷисомнии кориро тақозо наменамояд. Аз ин рӯ, ба ақидаҳои мо мафҳумгузории Скаржинский М. И.ва Баландин И. Ю. як миқдор хусусият ва робитаи байни мафҳумҳои « иқтидори меҳнатӣ» ва «қувваи истеҳсолиро» ошкор намояд ҳам, дар маҷмӯъ чунин фаҳмиш наметавонад моҳият ва мазмуни илмии мафҳуми «иқтидори меҳнатӣ»-ро маънидод намояд.

Иқтидори иқтисодӣ ҳамчун маҷмуи имкониятҳои соҳаҳои хоҷагии халқ. Мочалов Б.М. ин мафҳумро ҳамчун «маҷмӯи имкониятҳои маҳсулоти соҳаҳои хаҷагии халқ, имкониятҳои саноат, иҷроиши маблағи сохтмон, интиқоли борҳо ва инчунин хизматрасони ба аҳолӣ» баён менамояд [8]. Ба ин фикр Мосин В.Н. ва Крук Д.М. рози ҳастанд[7:82].

Иқтидори иқтисодӣ ҳамчун маҷмӯи захираҳои дар ихтиёрбуда. Чунин шарҳи мафҳуми иқтидори иқтисодиро дар корҳои Плижевский Б., Тодосейчук А., Личкина Ю. ва Сигичго А. вохурдан мумкин аст, ки мафхуми иқтидор бо мафҳуми «захираҳо», «инвеститсияҳо», «захираҳои инвеститсионӣ», «шумораи шуғлдоштагон» иваз карда мешавад[9:28].

Дар инҷо ба мо лозим мегардад, ки мафҳумҳои дар боло бударо аз якдигар фарқ намоем. Чунки дар корҳои ин олимон мафҳумҳои дар боло зикргардида танҳо мафҳуми иқтидорро шарҳ медиҳанд. Барои шарҳи ин гуфтаҳо якчанд фарқиятҳоро байни ин мафҳумҳо меорем. Умуман фарқ байни иқтидор ва захираҳо дар он зохир мешавад, ки захираҳо новобаста аз субектҳои фаъолияти иқтисодӣ вуҷуд доранд, лекин потенсиали ягон корхона бошад, қисми чудонашавандаи субектҳои фаолияти иқтисоди мебошад, яъне аз

субектҳои фаъолияти иқтисодӣ вобастаги дорад. Инчунин истилоҳи иқтидор ғайр аз воситаҳои моддӣ ва ғайримоддӣ, инчунин қобилияти коргарон, колективҳо, корхонаҳо ва умуман ҷамъиятҳоро дар бар мегирад.

Аз ин рӯ, мафҳуми «иқтидори меҳнатии аҳолиро» бояд вобаста ба падидаҳои муосири ҷаҳонишавии муносибатҳои иқисодӣ ва тағйирёбии мунтазами унсурҳои асосии бозори меҳнат фаҳмидан дуруст аст.

Иқтидори меҳнатии аҳолӣ дар бозори меҳнат ҳамчун муайянкунандаи тамоюл ва ояндабинии рушди он низ шинохта шудааст. Дар адабиётҳои муосири ватанӣ паҳлӯҳои мухталифи бозори меҳнат, бахусус шуғли аҳолӣ, муносибатҳои иҷтимоӣ-меҳнатӣ ва сатҳи зиндагӣ мавриди таҳқиқоти васеъ қарор дода шудааст, ки алоқамандӣ ва ҷанбаҳои назариявии мафҳуми иқтидори меҳнатро фарогир мебошанд. Масалан, иқтисоддони тоҷик Қодиров Д. Б. ақидаҳои консептуалии бозори меҳнатро таҳқиқ намуда, исбот намудааст, ки яке аз консепсияҳои дурусти илмии бозори меҳнат, ин дар равишҳои классикӣ, неоклассикӣ, интитутсионалӣ ва марксистӣ дида мешавад. Ҳамзамон қайд намудааст, ки «раванди ташаккули бозори меҳнат фарқияти байни арза ва тақозо ва қувваи корӣ муайян гардида, инчунин онҳоро аз рӯйи сохтори шуғли аҳолӣ, аз рӯйи соҳаҳо, минтақаҳо, хусусиятҳои сину сол, сатҳи музди меҳнат, сифати иҷрои қувваи корӣ ва сатҳи бекорӣ аз якдигар ҷудо менамояд»[5:140]. Ақидаҳои Қодиров Д.Б-ро ҷонибдори намуда, бояд қайд намуд, ки дар ҳақиқат унсурҳои бозори меҳнат дар шароити иқтисоди бозори бе сифати иҷрои корӣ, ки он аз қобилияти зеҳнӣ, донишу малака ва дигар хусусиятҳои шахсии коргар сарчашма мегирад, арзи вуҷуд карда наметавонад. Зеро сифати кори анҷомдодаи коргар натанҳо аз иқтидори меҳнатии ӯ шаҳодат медиҳад, балки дар дилхоҳ тағйиротҳои институтсионалии бозори меҳнат рақобатпазир буда метавонад.

Дигар олими ватанӣ Комилов С.Ҷ. дар доираи таҳқиқотии иқтисодиёти дониш ва татбиқи фаъолияти инноватсионӣ дар бозорри меҳнат, бозори меҳнатро чунин тавсиф додааст: «бозори меҳнат ҳамчун низоми муносибатҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ байни субъектҳо дар муҳити махсуси институтсионалӣ рушд ёфта, инчунин ҳамкорӣ менамояд»[6]. Аз ақидаҳои иқтисоддони тоҷик Комилов С.Ҷ. пай бурдан мумкин аст, ки ӯ асоси ҳамагуна муносибатҳои иҷтимоӣ-иқтисодии аҳолиро дар бозори меҳнат дар фаъолияти инноватсионии онҳо мебинад, аз ҷумла, дониш, қобилияти эҷодкорӣ, зеҳният, малакаю истеъдод ва таъмини муҳити институтсионалиро асоси иқтидори меҳнатӣ ва рақобатпазирии коргарон донистааст.

Дар корҳои илмию таҳқиқотии коллективонаи институти илмӣ-таҳқиқотии меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ масъалаҳои бозори меҳнат ва паҳлӯҳои мухталифи иқтидори меҳнатии аҳолӣ, дар пасманзари мушкилиҳои муҳоҷирати меҳнатӣ мавриди омӯзши қарор дорад. Аз ҷумла, яке аз мутахассисони соҳа дар таҳқиқотҳои монографии худ қайд кардаанд, ки «дар натиҷаи ҷаҳонишавӣ, дар бозори меҳнат муборизаи рақобатпазирӣ шадид гардида истодааст, ки натиҷаи ғолибият дар мадди аввал иқтидори инсониро таъмин менамояд. Шаклҳои рақобат барои захираҳои инсонӣ ҳамагуна имтиёзҳо ва кафолати иҷтимоӣ, инчунин рушди низоми маориф ва омода намудани кадрҳоро тақозо менамояд»[1, 11-37]. Чи тавре, ки маълум мегардад, аз нигоҳи илмӣ ва амалии таҳқиқотҳои мақомоти дахлдори соҳа дар бозори меҳнат асоси рақобатпазирии коргар маҳз дар сатҳи донишу касбияти ӯ асос меёбад. Ба андешаи дигар олими ватани Рустамов Р.У., дар таҳқиқотҳои илмии худ қайд менамояд, ки - “Иқтидори меҳнатӣ маҷмӯи тавсифҳои табии демографӣ, иҷтимоӣ ва маънавию сифатии аҳолии фаъоли қобилияти меҳнатидоштаро, ки тавассути донишҳои касбӣ ва малакаю маҳорати инноватсионии худ метавонанд дар истеҳсолоти ҷамъияти иштирок намуда, қисми ташаккулдиҳандаи бозори меҳнатро ташкил диҳанд” [4:14].

Фикру ақидаҳои олимони хориҷӣ ва ватаниро оиди шарҳи мафҳуми иқтидори иқтисодӣ метавон дидан дар шакли ҷадвали нишон дода шуда (ҷадв.1.).

Ҷадвали 1.

Шарҳи мафҳуми иқтидори иқтисодӣ (меҳнатӣ) дар адабиёти ватанию хориҷӣ

Таҳқиқотчӣ	Шарҳи мафҳуми иқтидори иқтисодӣ	Самти омӯзиш
Г. Беккер ва Т. Шултс	Асоси таъминкунандаи тараққиёти иқтисодӣ ин рушди мунтазами қуввахои истеҳсолкунандаи меҳнат мебошад ва ҷавҳари онро маҳз таълимот (дониш) ташкил медиҳад.	Таълимот (дониш).
Поскуряков В.М.	Мавқеи асосиро дар тараққиёти иқтисоди миллӣ сифати иқтидори меҳнати ишғол менамояд. Ба ибораи дигар барои он ки рушди иқтисодиёт дар кишвар таъмин карда шавад, зарур аст, ки сатҳи дониш, маҳорат ва малакаи қувваи корӣ баланд бардошта шавад.	Дониш, маҳорат ва малакаи қувваи корӣ.
Мочалов Б.М., Мосин В.Н.ва Крук Д.М.	Иқтидори иқтисодӣ ҳамчун маҷмуи имкониятҳои соҳаҳои хоҷагии халқ, имкониятҳои саноат, иҷроиши маблағи сохтмон, интиқоли борҳо ва инчунин хизматрасони ба аҳолӣ.	Имкониятҳои иқтисоди миллӣ ва соҳаҳо.
Грязнова А.Г. ва Думная Н.Н.	Иқтидори иқтисодӣ (меҳнатӣ) аз омилҳои истеҳсолот вобаста аст.	Замин, меҳнат, сармоя, соҳиб-корӣ ва корҳои илмию таҳқиқотӣ.
Якшибаева Г.В.	Иқтидори меҳнатии аҳолӣ – ин қобилияти сифатию миқдорие, ки дар меҳнати коргар, коллективи меҳнатӣ, аҳолии қобилияти меҳнатидоштаи минтақа ё давлати муайян, инчунин иқтидор ба меҳнати ҷисмонӣ, зеҳнӣ ва маданию эҷодӣ ҳангоми мавҷудияти имкониятҳои татбиқи онҳо мебошад.	Қобилияти меҳнатӣ, меҳнати ҷисмонӣ ва зеҳнӣ.
Колосов Р.П.	Иқтидори меҳнатии аҳолӣ ин нишондиҳандаи муҳими сатҳи рушди имкониятҳои эҷодкоронаи фаъоли одамон, омил ва захираҳои инсонӣ мебошад.	Эҷодкорӣ, омилҳо ва захираҳои инсонӣ.
Қодирзода Д.Б.	Раванди ташаккули бозори меҳнат фарқияти байни арза ва тақозо ва қувваи корӣ муайян гардида, инчунин онҳоро аз рӯйи сохтори шуғли аҳолӣ, аз рӯйи соҳаҳо, минтақаҳо, хусусиятҳои сину сол, сатҳи музди меҳнат, сифати иҷрои қувваи корӣ ва сатҳи бекорӣ аз якдигар ҷудо менамояд ва онҳо дар маҷмӯъ захираҳои меҳнатиро ташкил медиҳанд.	Арза ва тақозои қувваи корӣ, шуғли аҳолӣ, музди меҳнат ва сатҳи бекорӣ.
Комилов С.Ҷ.	Дар доираи таҳқиқотии иқтисодиёти дониш ва татбиқи фаъолияти инноватсионӣ дар бозорри меҳнат, имкониятҳои меҳнатро чунин тавсиф додааст: «Имкониятҳои меҳнат ҳамчун низоми муносибатҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ байни субъектҳо дар муҳити махсуси институтсионалӣ рушд ёфта, дар баробари ин ҳамкориро дар истифодаи захираҳо амалӣ менамоянд.	Инноватсия, бозори меҳнат ва муҳити институтсионалӣ.
Ҳодиев Д.А.	Сармояи инсонӣ – ин маҷмӯи дониш ва қобилиятҳои эҷодкорона, инчунин доштани истеъдод, саломатӣ, сифатҳои шахсию ҳавасмандии шахсон, ки дар натиҷаи сармоягузориҳо ба таълимот, омодагии	Дониш, эҷодкорӣ, истеъдод, сало-матӣ ва му-ҳоҷират.

	касбию техникӣ, тандурустӣ, муҳоҷиарт ва инчунин тарбияи кӯдакон бо мақсади дар оянда гирифтани даромад мебошад	
Рустамов Р.У.	Иқтидори меҳнатӣ маҷмӯи тавсифҳои табии демографӣ, иҷтимоӣ ва маънавию сифатии аҳолии фаъоли қобилияти меҳнатидоштаро, ки тавассути донишҳои касбӣ ва малакаю маҳорати инноватсионии худ метавонанд дар истеҳсолоти ҷамъияти иштирок намуда, қисми ташаккулдиҳандаи бозори меҳнатро ташкил диҳанд.	Аҳолии фаъоли қобилияти меҳнатидошта, донишҳои касбӣ, маҳорати инноватсионӣ ва бозори меҳнат дар соҳаи сохтмон.

Таҳияи муаллиф

Ҳамин тавр, мафҳумҳои илмии «иқтидори меҳнати» - ро вобаста ба хусусият ва мавқеи истифодабариашон, инчунин равишҳои методологии муайянсозии моҳияту мундариҷа, унсурҳои алоқаманд ва сохтори мавҷудаи онро таҳқиқ намуда, ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки «иқтидори меҳнатӣ» аз ду қисми асосӣ, яъне қисми одамони дорои қобилияти меҳнатии фаъол, ки дар истеҳсолот мавриди истифода қарор дода мешаванд ва ғайрифаъол иборат мебошад. Қисми аҳолии фаъол, ки ҷузъи таркибии иқтидори меҳнатии мамлакатро ташкил медиҳанд, ин қувваи корӣ мебошад. Ба ақидаи мо, дар доираи масъалаҳои иқтидори меҳнатии аҳолӣ маҳз қувваи корӣ набалки захираҳои меҳнатӣ, ки дар он ҳамаи категорияҳои захираҳои меҳнатӣ дохил мешаванд, иштирокчии фаъоли истеҳсолоти ҷамъиятӣ ва бунёдкунандаи неъматҳо мебошад. Қувваи корӣ ҳаҷми иқтидори меҳнатии аҳолиро муайян намуда, имкон медиҳад, ки истифодабарии имкониятҳои мусоиди як нафар одам ва ё маҷмӯи одамонро баҳо дода, дар таҷрибаи воқеъӣ фаъолгардонии омили инсонӣ ва омилҳои моддии истеҳсолотро таъмин намояд. Ба қисми ғайрифаъоли иқтидори меҳнатӣ бошад, шахсони ба фаъолияти меҳнатӣ қобилиятдоштаро ворид намудан мумкин аст.

АДАБИЁТ

1. «Трудовая миграция в структуре социально-трудовых отношений в Республике Таджикистан». Коллективная монография. – Душанбе, 2016. Ответственные редакторы – Мутиева С.Дж., к.э.н., доцент Юсуфбеков Ю.Р.-С.11-37
2. Becker G.S. Human Capital: A Theoretical and Empirical Analysis. 2-nd ed. Chicago: UCP, 1980. Ch.3.
3. Всемирная история экономической мысли: В 6 т. Т. 2. От Смита и Рикардо до Маркса и Энгельса / МГУ им. М. В. Ломоносова; Гл. редкол.: В. Н. Черковец (гл. ред.) и др.- М.: Мысль, 1988.— 574 с.
4. Д.Б. Қодирзода, Р.У. Рустамов / Механизми истифодаи иқтидори меҳнатии аҳолӣ дар бозори меҳнат [матн]: Монография // Д.Б. Қодирзода, Р.У. Рустамов. – Душанбе-2022: Нашриёти муосир, 2022. - саҳ 14.
5. Кодиров Д.Б., Раджабов Х.Х. Благосостояние населения: теория и пути повышения: монография.-Душанбе: «Сохибкор», 2015.- С.140
6. Комилов С.Ҷ. Теория инновационного развития /С.Дж. Комилов. Монография. – Душанбе: «Шарки озод», 2019.-С.151.
7. Мосин В. Н. Основы экономического и социального прогнозирования / Под ред. Мосина В. Н., Д. М. Крука., М., 1985 г., с. 82.
8. Мочалов Б.М. Экономический потенциал развитого социализма / Под ред. Мочалова Б. М., М., 1982 г., с. 7.

9. Плышевский Б. Потенциал инвестирования // Экономист, №3, 1996 г., с. 3; Тодосийчук А. Научно-технический потенциал социально-трудовой сферы // Экономист, №12, 1997 г. с. 64; Лычкин Ю. Потенциал строительного комплекса // Экономист, №6, 1997 г., с. 28;
10. Поскуряков В.М. Самоукин А.И. Экономический потенциал социальной сферы: содержание, оценка, анализ. – М.: Экономика, 1991. 276 с.
11. Скаржинский М.И. Трудовой потенциал социалистического общества / М. И. Скаржинский, И. Ю. Баландин, А. И. Тяжов. М.: Экономика, 1987. С. 3.
12. Ходиев Д.А. Особенности развития человеческого капитала в условиях переходного периода (на примере Республики Таджикистан)// дисс. ... канд. экон. наук: 08.00.05 – Ходиев Дадахон Абдуллоевич.-Душанбе: Таджикский государственный университет коммерции, 2011. – 160с

УДК -330

Баротзода Ш.М., Муҳаммади А., Назарова Н.С.

АРЗЁБИИ ХАТАРҲОИ САРМОЯГУЗОРӢ ДАР КОРХОНАҲОИ ЭНЕРГЕТИКИИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН

Муаллифон дар мақолаи худ масъалаи арзёбии хатарҳои сармоягузорӣ дар корхонаҳои энергетикии вилояти Хатлонро ҳоро мавриди таҳлил ва омӯзиш қарор додаанд. Қайд намудаанд, ки дар шароити имрӯза ҷалби сармоягузорӣ дар корхонаҳои энергетикӣ, дар асоси баланд бардоштани сатҳу сифати сохтумони нерӯгоҳҳо ва тадриҷан баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ дар назар дошта шудааст.

Калидвожаҳо: энергетика, сармоягузорӣ, минтақа, корхона, қувваи барқ, хатар, ҷалби сармоягузорӣ, лоиҳаҳои сармоягузорӣ, неругоҳ, арзёбӣ.

Баротзода Ш.М., Мухаммади А., Назарова Н.С.

ОЦЕНКА РИСКОВ ИНВЕСТИРОВАНИЯ В ЭНЕРГЕТИЧЕСКИЕ ПРЕДПРИЯТИЯ ХАТЛОНСКОЙ ОБЛАСТИ

В своей статье авторы проанализировали и изучили вопрос оценки инвестиционного риска в энергетических предприятиях Хатлонской области. Они отметили, что в сегодняшних условиях ожидается привлечение инвестиций в энергетические предприятия на основе повышения уровня и качества строительства электростанций и постепенного повышения уровня жизни населения.

Ключевые слова: энергетика, инвестиции, регион, предприятие, электроэнергетика, риск, привлечение инвестиций, инвестиционные проекты, электростанция, оценка.

Barotzoda Sh.M., Muhammadi A., Nazarova N.S.

ASSESSMENT OF INVESTMENT RISKS IN ENERGY ENTERPRISES OF KHATLON REGION

In their article, the authors analyzed and studied the issue of investment risk assessment in energy enterprises of Khatlon region. They noted that in today's conditions, attracting investment

in energy enterprises, on the basis of increasing the level and quality of construction of power plants and gradually increasing the standard of living of the population, is expected.

Keywords: energy, investment, region, enterprise, electric power, risk, investment attraction, investment projects, power plant, evaluation

Айни ҳол дар вилояти Хатлон истифодаи усули барномавӣ-мақсадноки барномарезии рушди минтақавӣ аҳамияти калон пайдо карда истодааст. Вобаста ба ин масъала ҳама минтақаҳои ҷумҳурӣ вазифадор гардидаанд, ки дар доираи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи то соли 2030 барномаи дарозмӯҳлати рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ хешро таҳия намоянд. Аз он ҷумла дар вилояти Хатлон низ ин иқдом амлӣ гашта истодааст. Мақсадҳои дар барнома тарҳрезигардида ба туфайли коркард ва татбиқи лоиҳаҳои сармоягузории амалӣ карда мешаванд. Таҳқиқгари ватанӣ Саидмуродов Ш.М. дар мақолаи илмии худ бо номи «Таҳлили самаранокии татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар вилояти Хатлон» қайд намудааст. «...лоиҳаҳои муҳими сармоягузорӣ он лоиҳаҳое маҳсуб мешаванд, ки амалишавии онҳо ба вазъи ичтимоӣ, иқтисодӣ ва экологии вилоят таъсири назарраси дарозмуддат расонида метавонанд» [5,с.320]. Ҳадафи асосии ин лоиҳаҳои сармоягузорӣ фароҳам овардани шароити мусоиди рушди ноҳияҳои вилоят ва таъмини сатҳи зиндагии аҳолии онҳо мебошад. Татбиқи ин лоиҳаҳои сармоягузорӣ соҳаҳои гуногуни системаи иқтисодии вилоятро фаро гирифта, ба рушди инфрасохтори истеҳсолӣ ва нақлиётӣ таъсир мерасонад, фаъолияти сармоягузории вилоятро пурзӯр менамояд, фазои кории минтақаро низ куллан тағийр дода онро дигаргун месозад.

Ин амал аз он шаҳодат медиҳад, ки дар вилояти Хатлон норасоии захираҳои дохилии сармоягузорӣ эҳсос мегардад. Аз ин рӯ, институтҳои ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон кӯшиш ба харҷ медиҳанд, ки сатҳи муҳити сармоягузориро баҳри ҷалби сармояи хориҷӣ баланд бардоранд. Дар давоми чанд солҳои охир афзоиши воридшавии сармоягузориҳои хориҷӣ ва татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар корхонаҳои энергетикӣ бараъло эҳсос мегардад. Донорҳои асосии вилояти Хатлон дар байни институтҳои молиявии байналхалқӣ, Бонки умумиҷаҳонӣ (БУ), Бонки осиёии рушд (БОР), Бонки Аврупоии таҷдид ва рушд (БАТР). Бонки исломии рушд (БИР) Фонди Саудии Рушд, Бонки Аврупоии Сармоягузорӣ, Бонки осиёгии сармоягузориҳои инфрасохторӣ ва дигарон мебошанд. Мамлакатҳои асосии донор Олмон, Ҷопон, ҶМЧ, Швейтсария, Ҷумҳурии исломии Эрон ва дигарон ба шумор мераванд.

Бояд қайд намуд, ки дар доираи Барномаи рушди иҷтимоию иқтисодии вилояти Хатлон барои солҳои 2016-2020 барои рушди иқтисодиёти вилоят 24 лоиҳа бо маблағи 2362,006 млн. сомонӣ пешбинӣ шудааст, ки аз ин 10,7 млн. сомонӣ ба буҷети ҷумҳуриявӣ 798, ҳазор сомонӣ маблағҳои худӣ ва 235,0 млн. сомонӣ сармояи дохилӣ ва хориҷӣ рост меояд.

Ҷадвали 1

Сарчашмаҳои татбиқи лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар соҳаи энергетика аз ҳисоби ҳамаи манбаҳо барои соли 2016-2020 дар вилояти Хатлон, ҳаз.сомонӣ

№	Нишондиҳанда	Солҳо					Соли 2020 нисбати 2016, маротиба
		2016	2017	2018	2019	2020	
1	Аз ҷумла, буҷети ҷумҳуриявӣ	1820	3360	2000	3600	0	0
2	Маблағҳои худӣ	210	588	0	0	0	0

3	Сармояи дохилӣ	214515	176826	529386	627046	802700	3,74
4.	Сармояи хориҷӣ						
	Ҳамагӣ:	216545	180774	531386	630646	802700	3,70

Сарчашма. Барномаи рушди ичтимоиву иктисодии вилояти Хатлон дар давраи солҳои 2016-2020. С. 97. [2, с.97]

Расидан ба истиқлолияти энергетикӣ яке аз вазифаҳои асосӣ ва самти афзалиятноки Стартегияи миллии рушди иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ба ҳисоб меравад, вале татбиқи ин ҳадаф дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба захираҳои сармоявӣ хеле зиёд ниёз дорад. Механизми мавҷудаи маблағгузории соҳаи энегетика ба ҳавасмандкунии сармоягузорӣ мувофиқат намекунад, ки ин раванд ба фаъолшавии фаъолияти сармоягузорӣ ва идоракунии хавфу хатарҳо дар корхонаҳои энергетикӣ мушкилиро ба миён мегузорад. Ҳамаи ин зарурати таҳлили соҳаи энергетикаи вилояти Хатлон, муайянкунии мавқеи сармоягузорӣ ва идоракунии хавфу хатарҳои онро дар корхонаҳои энергетикӣ тақозо мекунад.

Дар шароити имрӯза ҷалби сармоягузорӣ дар корхонаҳои энергетикӣ, дар асоси баланд бардоштани сатҳу сифати сохтумони нерӯгоҳҳо ва тадриҷан баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолӣ дар назар дошта шудааст.

Дар қатори омилҳои асосии ба даромаднокии ҷалби сармоягузорӣ ва ҳавасмандкунӣ барои ҷалби сармоягузорӣ дар корхонаҳои энергетикии вилоят таъсиррасон, омилҳои зеринро низ бояд ба назар гирифт:

- сатҳу сифати дастгирии давлатӣ ва ҳифзи сармоягузорони ватанию хориҷӣ;
- зиёд намудани талаботи дохилию хориҷӣ нисбат ба хариди яклухти нерӯи барқ дар вилоят;
- паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ;
- кам кардани омилҳои коррупсионӣ ва беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ дар вилоят;
- сифати ҳифзи ҳуқуқи моликияти зеҳнӣ;
- сатҳи маълумот ва сатҳу сифати зиндагии аҳолӣ;
- кам кардани низоми ҳуҷҷатгузорӣ ва ғайраҳо.

Инчунин гуфтан мумкин аст, ки вилояти Хатлон дар шимол бо ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, дар шарқ бо вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон, дар ғарб бо Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва дар ҷануб бо Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ҳамсарҳад аст. Аз рӯи структураи сарҳадӣ бошад ҳудуди вилоят ба 21 ноҳия, 4 шаҳр ва 22 ҷамоатҳои шаҳрак, 133 ҷамоатҳои деҳот тақсим мешавад. Аммо миёни ҳамин шаҳру ноҳияҳо танҳо 2 шаҳру, 1 ноҳия дар вилоят ба истеҳсоли нерӯи барқ машғул мебошанд, ки дар расми 1. нишон дода шудааст.

Инвеститсия дар сармояи асосӣ - маҷмӯи маблағест ки барои харид, бунёд сохтан ва такроистеҳсолии фондҳои асосӣ сарф карда мешаванд [8].

Мувофиқи сохтори истеҳсолӣ ва хусусияти фондҳои асосӣ инвеститсия дар сармояи асосӣ барои хароҷоти иҷрои корҳои сохтмону васлкунӣ ва лоиҳакашию барқарорсозӣ, хариди таҷҳизотҳое, ки ба харҷномаи сохтмон дохил гардидаанд, инчунин хариди таҷҳизотҳои васлгарӣ , барои хароҷотҳои умумӣ дар истеҳсолоти энергетикӣ ва сохтмони иншоотҳои энергетикӣ , ҷудо карда мешавад.

Расми 1. Таҳия муаллиф

Дар соли 2018-ум Дирексия оиди сохтмони иншоотҳои давлатии Дастгоҳи Иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон сармоягузории сармояи асосиро ба маблағи 2623017,2 ҳазор сомонӣ расонид, нисбат ба соли 2014 1,9 маротиба зиёд мебошад. Ҳарчанд истифодаи воситаҳо ва ҳаҷми сармоягузориҳои асосӣ рӯ ба афзоиш дошта бошад ҳам, аммо дар тақсимоти сармоягузории давлатӣ номувозинатӣ мушоҳида мешавад. Масалан сармоягузории равонашудаи соли 2019 ба шаҳри Левакант 7,5%, шаҳри Норак 5,0% ва ноҳияи Данғара 18,9 рост меояд. Илова бар ин таҳлилҳо нишон медиҳад, ки дар зарфи 6 соли охир ба шаҳри Левакант 740429,8 ҳазор сомонӣ, шаҳри Норак 555579,4 ҳазор сомонӣ ва ноҳия Данғара 3388948 ҳазор сомонӣ сармоягузории давлатӣ равона шудааст. (нигаред ба ҷадвали 2.).

Ҷадвали 2.

Ҳаҷми сармоягузориҳо ба нерӯгоҳҳои асосии амалкунандаи вилояти Хатлон дар солҳои 2014-2019 (бо сомонӣ) [4,с.125]

Нишон диҳанда	2014	2015	2016	2017	2018	2019
Сармоягузорӣ дар вилоят	**1391304,4**	**1503783,7**	**2375812,5**	**2179006,3**	**2802570,8**	**2623017,2**
Аз ҷумла						
ш.Левакант	15042,5	11853,1	199456,7	91741,1	225331,3	197005,1
Бо %	1,1	0,8	8,4	4,2	8,0	7,5
ш.Норак	66123,6	153729,7	89681,4	97799,2	19108,3	129137,2
Бо %	4,7	10,2	3,7	4,4	0,6	5,0
н.Данғара	202548,9	294115,2	695617,6	350032,2	1349035,3	497598,8
Бо %	14,5	19,5	29,2	16,0	48,1	18,9

Сарчашма: Дар доираи маълумотҳои Омори солонаи вилояти Хатлон барои солҳои 2014-2019, . С.125, ҳисоб намудааст

Бояд қайд намуд, ки новобаста аз он, ки ҳиссаи сармоягузориҳои давлатӣ дар ҳаҷми умуми дар шаҳри Норак ночиз мебошад, аммо ҳаҷми он дар ноҳияи Данғара зиёд шудааст ва иштироки давлат дар афзун намудани иқтисодиёти вилояти Хатлон фаъол аст.

Ба андешаи мо сармоягузорӣ барои корхонаҳои энергетикӣ метавонад ҳамчун маҷмӯи захираҳо (арзишҳо) ба объектҳои фаъолияти соҳибкорӣ ва дигар фаъолиятҳо бо мақсадҳои ҷамъоварии дар шакли фоида (ё даромад), инчунин гирифтани таъсири мусбати иҷтимоию иқтисодӣ ва ғайра муайян карда шавад. Ҳамчунин ба ҳайси захираҳои сармоягузорӣ пул,

молу мулки манқул ва ғайриманқул, объектҳои ҳуқуқи муаллифӣ, литсензияҳо, патентҳо, маҳсулот, технологияҳо ва арзишҳои дигари зеҳнӣ, ҳуқуқи истифодаи замин, захираҳои табиӣ, инчунин дигар молу мулк ҳамчун захираҳои сармоягузорӣ амал мекунанд.

Дар ҳамаи ин унсурҳои номбаршуда омилҳои хавфноки сармоягузорӣ мавҷуданд.

Ш. М. Саидмуродов, Г. Х. Зубайдуллоева дар таҳлилҳои худ қайд намудаанд, ки «...дар байни маҷмӯи хавфу хатарҳое, ки дар ҳаёти ҷамъиятӣ инъикос ёфтаанд, душвортарин хавфҳо, хавфҳои иқтисодӣ мебошанд. Ҳамаи субъектҳои соҳибкорӣ дар зери ҳолатҳои номуайяни ё хатарнок фаъолият мекунанд. Бинобар ин, илми хатар хамчун назария дар як кисми назарияи иқтисодӣ ташкил ва инкишоф ёфтааст» [6,с.226].

Сармоягузорӣ, яке аз омилҳои муҳим дар рушди системаи иҷтимоию иқтисодии вилояти Хатлон амал мекунад, Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон, дар ин ҳолат дурнамо ва рақобатпазирии иқтисоди миллиро аз рӯи миқёс, сохтор ва самаранокии онро муайян менамояд. Маҳз ҳамин динамикаи сармоягузорӣ параметрҳои муҳими раванди такрористеҳсолкунӣ ҳам дар сатҳи иқтисоди миллӣ ва ҳам дар сатҳи корхонаҳои энергетикӣ мебошад, ки ин тақсимоти нерӯи барқро барои ҳалли эҳтиёҷоти ҷорӣ ва ояндаи вилоят равона менамоянд. Он раванди динамикиро тағйир додани шаклҳои сармоягузорӣ ва фондҳои сармоягузориро ба афзоиши арзиши капиталии захираҳо, инчунин раванде, ки иваз намудани омилҳои истеҳсолро таъмин мекунад, нишон медиҳад.

Диаграммаи 1



Сарчашма: Дар доираи маълумотҳои Омори солонаи вилояти Хатлон барои солҳои 2014-2019, . С.74, ҳисоб намудааст.

Маълумотҳои диаграмма нишон медиҳад, ки дар шаҳри Левакант, ки яке аз ноҳияҳои энергетикии вилояти Хатлон ҳисоб меёбад дар солҳои 2015, 2016 ва 2017 ҳаҷми истеҳсоли нерӯи барқ муътадил буда соли 2019 номуътадил ба чашм расида соли 2019 нисбат ба соли 2014 8,2% истеҳсоли нерӯи барқ кам шудааст. Сарчашмаи асосии истеҳсоли нерӯи барқ дар шаҳри Левакант ин НБО Сарбанд мебошад.

Гуфтан ба маврид аст, ки Нерӯгоҳи барқи обии «Сарбанд» дар доираи бунёди силсиланерӯгоҳҳои барқи обӣ дар дарёи Вахш соли 1962 муваққатан ба кор дароварда шуда, соли 1966 пурра ба истифода дода шуд. НБО Сарбанд се гидроагрегати иқтидорашон 45 ҳазор кВт ва се гидроагрегати иқтидорашон 35 ҳазор кВт насб карда шудаанд. Иқтидори умумии муайяншудаи НБО Сарбанд 240 ҳазор кВт – ро ташкил медиҳад. Ду агрегати аввалини нерӯгоҳ соли 1962 ва 4 агрегати дигар соли 1963 ба кор даромадаанд.

Дар давоми фаъолияти тӯлонии худ нерӯгоҳи мазкур 50 миллиард киловат соат нерӯи барқ истеҳсол кардааст. Иқтидори лоиҳавии ин иншооти муҳими гидроэнергетикии вилояти Хатлон 240 мегаваттро ташкил медиҳад. Аммо он дар натиҷаи фаъолияти тӯлонӣ иқтидори мавҷудаи худро аз даст дода, ҳамагӣ бо тавоноии 160 мегават фаъолият дорад.

Бояд зикр намуд, ки дар натиҷаи ором будани вазъи сиёсии кишвар, фазои мусоид барои сармоягузорӣ муҳаё гардидааст ва бо дастуру супоришҳои бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оиди боз ҳам беҳтар гардидани рушди соҳаи энергетика, тамоми чораҳо андешида шуда, бо ҷалби сармояи байналмилалӣ татбиқи як қатор лоиҳаҳо дар силсиланерӯгоҳҳои барқи обии Вахш ба сомон расидааст.

Дар ҳамин замина Ёддошти ҳамкорӣ байни Вазорати энергетика ва захираҳои об, Вазорати молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ширкати саҳомии холдингии кушодаи “Барқи тоҷик” ва Бонки Осиёии Рушд оид ба “Барқарорсозии Нерӯгоҳи барқи обии "Сарбанд" бо иқтидори 240 мегаватт” ба имзо расид, ки маблағи лоиҳаи мазкур 136 миллион доллари амрикоӣ буда, он аз ду марҳала иборат мебошад ва амалишавии лоиҳа 3 сол ба нақша гирифта шудааст. Мутобиқи қисми якуми лоиҳа, ба анҷом расондани таҷдиду азнавсозии гидроагрегатҳои рақамҳои 1, 2, 5, таъмири асосии гидроагрегатҳои рақамҳои 3,6, таҷдиду азнавсозии дарғотҳои обпарто, таъмири механизмҳои борбардор, системаи ҳавои фишоршудаи нерӯгоҳ, системаи сӯхторхомӯшкунӣ, иваз намудани автотрансформаторҳои қудратии рақамҳои 2 ва 3, сохтани бинои нави маркази идоракунии нерӯгоҳ, иваз намудани таҷҳизот дар устохонаҳои механикию электрикӣ, соҳилмустаҳкамкунии дарё ва канали пайвасткунанда дар назар аст. Дар қисмати дуюми лоиҳа бошад, таҷдиди зеристгоҳҳои тақсимкунандаи кушодаи 220 ва 110 киловолта, таҷдиду азнавсозии зеристгоҳи тақсимкунандаи кушодаи 35 ва 6 киловолта амалӣ хоҳад шуд. Аз ҷумла, соли 2004 бо дастгирии бевоситаи роҳбарияти олии сиёсии Тоҷикистон як адад автотрансформатори нави сефаза бо тавоноии 250 мегаватт бо маблағи 17 миллиону 700 ҳазор сомонӣ иваз карда шуд. Инчунин, дар доираи таҷдиди нерӯгоҳ сохта ба истифода додани хати барқи 220 киловолта байни Нерӯгоҳи барқи обии «Сарбанд» ва НБО-и “Сангтӯда-2” ва иваз кардани 64 адад ҳисобкунаки электронии истеҳсоли Шветсия сурат гирифт. Мувофиқи барномаи ЛОТ-2 бо ҷалби сармояи хориҷӣ таҷдиди гидроагрегати рақами 4-и Нерӯгоҳи барқи обии «Сарбанд» ҳанӯз соли 2012 ба анҷом расонда шуда, айни ҳол дар ҳолати хуби корӣ қарор дорад ва бо тарзи компютерӣ идора мегардад. Ҷиҳати анҷоми ин тадбир 13 миллиону 951 359 доллари амрикоӣ сарф гардид.

Дар шаҳри Норак бошад баъди таҷдиду ивазсозии дастгоҳҳои истеҳсолкунандаи нерӯи барқ истеҳсоли нерӯи барқ рӯ ба афзоиш буда 12,2% нисбат ба соли 2014 зиёд шудааст. Илова бар ин дар шаҳри Норак 65,8% нерӯи барқи ҷумҳурӣ истеҳсол карда мешавад. Сарчашмаи асосии истеҳсоли нерӯи барқ дар шаҳри Норак ин НБО Норак ва НБО Бойғозӣ мебошад. Нерӯгоҳи барқи обии Норак ба номи Турсун Ӯлҷабоев дар дарёи Вахш сохта шудааст. Сохтмони нерӯгоҳ соли 1961 оғоз гардида, гидроагрегати нахустини он соли 1972, охиринаш соли 1979 ба кор дароварда шудааст. Дар Нерӯгоҳи барқи обии Норак 9 гидроагрегати иқтидори лоиҳавиашон 300 ҳазор кВт насб шудаанд. Иқтидори умумии муайяншудаи нерӯгоҳ 3000 ҳазор кВт - ро ташкил медиҳад.

Сохтмони НБО-и Норак соли 1961 оғоз ёфт, агрегати якуми он 15 ноябри соли 1972, бо иқтидори 300 МВт ва нерӯгоҳ бо иқтидори пурраш (2700 МВт) - соли 1979 ба истифода супорида шуд. Соли 1988 ҳамаи нӯҳ агрегати нерӯгоҳ таҷдид гардида, иқтидори ҳар кадом ба 335 МВт ва иқтидори умумии нерӯгоҳ ба 3000 МВт расонида шуд. Дар баробари ин маҳз сохтмони НБО-и Норак исбот сохт, ки захираҳои гидроэнергетикии кишвари мо, ки дар як сол 527 миллиард кВт.сатро ташкил медиҳад ва он аз ибтидои солҳои сиюми асри гузашта мавриди таҳқиқ қарор дошта воқеан ҳам барои рушди иқтисодиву иҷтимоии тамоми минтақа нафъовару манфиатбахш мебошад. Дар заминаи нерӯи барқе, ки дар ин нерӯгоҳ ва дигар нерӯгоҳҳои дар дарёи Вахш сохташуда истеҳсол мегардад, аз солҳои 70-ум асри гузашта сар карда, комплекси истеҳсолии Ҷануби Тоҷикистон, аз ҷумла Заводи нуриҳои азотии Вахш, Заводи электрохимиявии Ёвон, Заводи алюминии тоҷик ва ғайраҳо сохта шуданд. Баландии сарбанди НБО Норак — 300 метр (то соли 2013 аз ҳама баландтарин сарбанд дар ҷаҳон ба шумор мерафт). То 1 январи соли 2010 НБО Норак 353,6 млрд.

кВт.соат нерӯи барқ истеҳсол кардааст. Илова бар ин 20 марти соли 2019 Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Норак ба татбиқи лоиҳаи «Барқарорсозии НБО «Норак» оғози расмӣ бахшиданд. Дар натиҷаи татбиқи ин лоиҳа НБО «Норак» таҷдид ва эътимодноктар гардида, иқтидори лоиҳавияш аз 3000 ба 3300 МВт бардошта хоҳад шуд.

Дигар ноҳияи энергетикӣ дар вилояти Хатлон ин ноҳияи Данғара мебошад, ки ду нерӯгоҳи барқии обӣ дорад. Ин НБО Сантуда 1 ва НБО Сангтуда 2 мебошад. Аммо мо дар ин мақола ҳамчун объекти таҳлилӣ Ҷамъияти саҳҳомии кушодаи Сангтуда 1, ки корхонаи муштараки Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад ва аз 16-уми феврали соли 2005 бо мақсади ба итмом расонидани сохтмон ва истифодаи минбаъдаи нерӯгоҳи барқи обӣ дар дарёи Вахши Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шудааст.

Ҳиссаи тарафҳо яъне Федератсияи Русия дар сармояи оинномавии ҶСП НБО-и Сангтуда 1 75% ҳисса тарҳи 1 ҳисса, ҳиссаи Ҷумҳурии Тоҷикистон 25% ҳисса ҷамъи 1 саҳм мебошад.

Агрегати якуми НБО Сангтуда 1 моҳи январи соли 2008 мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифт, ки дар ҳамон замон вилояти Хатлон дар доираи маҳдудияти баркӣ қарор дошт. Маросими ботантана ва дар шакли пурра ба истифода додани НБО Сангтуда 1 31 июли соли 2009 бо иштироки Президентҳои Русия Дмитрий Медведев ва Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон мавриди истифода қарор дода шуд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки Нерӯгоҳи барқи обии Сангтӯда-1 бо иқтидори 670 МВт марҳилаи панҷуми нерӯгоҳҳои барқи обии Вахш мебошад ва яке аз се калонтарин нерӯгоҳҳои барқи обии Тоҷикистон дар баробари нерӯгоҳҳои барқи обии Норак (3000 МВт) ва НБО Бойғозӣ (600 МВт) мебошад.

Самти асосии корхона истеҳсоли нерӯи барқ мебошад.

Омилҳои асосӣ, ки дар поён нишон медиҳем ҳам ба соҳаи энергетикаи Тоҷикистон ва ҳам ба фаъолияти нерӯгоҳ таъсир мерасонанд инҳо мебошанд:

- табиати системаи энергетикии Тоҷикистон, ки аз ду ҷузъи ҷудошуда - системаи марказии энергетикӣ (асосӣ) ва шарқӣ (Помир) иборат аст;

- мавҷудияти захираҳои бузурги гидроэнергетикӣ, ки сохтори тавлидотии ҷумҳуриро, ки аз 89% нерӯгоҳҳо иборатанд, муайян кард. Аксари нерӯгоҳҳо дар дарёи Вахш ҷойгиранд ва ба силсилаи нерӯгоҳҳои барқи обии Вахш шомиланд. Инчунин ин дарё 95%-и нерӯи барқи истеҳсолгардидаи ҷумҳуриро ташкил медиҳад;

- мавқеи монополияи ШСХК «Барқи Тоҷик», ки дар тамоми қишрҳои бозор (истеҳсол, интиқол, тақсимоти нерӯи барқ, функсияи оператори система) фаъолият мебарад. Қисми зиёди иқтидорҳои истеҳсолкунандаи нерӯи барқ (НБО Норак, НБО Бойғозӣ, НБО Марказӣ, НБО Қайроққум ва ғайра) ба ин ширкати давлатӣ таъллуқ доранд.

Иқтидори умумии нерӯгоҳҳои барқи обии мавҷудаи Тоҷикистон дар соли 2018 5582 МВт-ро ташкил дод. Истеҳсоли умумии нерӯи барқ бошад аз ҷониби тамоми нерӯгоҳҳои истеҳсолкунандаи нерӯи барқ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯи натиҷаҳои соли 2018 19,743 млн кВт / соатро ташкил дод, ки аз ин 17,288 млн кВт / соат ба вилояти Хатлон ё худ 87,3%-и нерӯи барқи ҷумҳури ба вилоят рост меояд [1].

Тамоюлҳои умумии рушди соҳаи энергетика дар соли 2018 бо назардошти омилҳои зерин, ки ба соҳа таъсири назаррас расониданд, муътадил арзёбӣ мегардад:

- оғози содироти қувваи барқ аз моҳи апрели соли 2018 ба Ҷумҳурии Узбекистон;

- ба кор андохтани агрегати якуми НБО Роғун моҳи ноябри соли 2018;

- ба истифода додани иктидори ду Маркази барқию гармидиҳии Душанбе;

- Истеҳсоли нерӯи барқ дар ҷумҳурӣ дар маҷмӯъ нисбат ба соли 2017 1,6 млрд кВт / соат ё 9,0% афзоиш ёфтааст (19,743 млн кВт / соат дар соли 2018 нисбат ба 18,114 млн кВт дар соли 2017);

- ҳаҷми содироти нерӯи барқ аз Тоҷикистон дар соли 2018 зиёда аз 2,4 млрд кВт / соатро ташкил дод ва нисбат ба соли 2017 1,1 млрд кВт / соат ё 1,8 маротиба зиёд шуд.

Соли 2018 НБО Сангтуда 1 бо ШСХК «Барқи Тоҷик», ҷадвали интиқоли нерӯи барқи тавлидшавандаро ба ҳаҷми 1,915 миллион кВт / соат ба имзо расонид. Аммо биобар сабаби зиёд шудани талабот, таъмини воқеъии нерӯи барқ 2382,5 млн. КВт / соатро ташкил дод, ки 467,5 млн кВт / соат ё 24,4% аз нақша зиёд интиқол гардид. Интиқоли ё худ содироти нерӯи барқи Сангтӯда-1 аз Тоҷикистон ба Ӯзбекистон мебошад.

Омилҳои асосии зерин, ки метавонанд дар солҳои оянда ба НБО Сангтуда 1 таъсири манфӣ расонанд, инҳо бошанд:

- зиёд шудани қарзи ШСХК «Барқи Тоҷик», бинобар сабаби пардохти саривақтӣ ва нопурра аз ҷониби ШСХК «Барқи тоҷик» барои нерӯи барқе, ки НБО Сангтуда 1 таъмин менамояд;

- зиёд шудани иқтидори барзиёд аз талабот дар Ҷумҳурии Тоҷикистон фасли баҳору тобистон ва эҳтимол дар давраи тирамоҳу зимистон, бинобар ба кор андохтани агрегатҳои НБО Роғун;

- ба таври пурра истеҳсол нагардидани иқтидори лоиҳавии НБО Сангтӯда-2,7 млрд кВт / соат дар давоми сол.

Асоси ба нақшагирии нерӯи барқии НБО Сангтӯда-1 барои содирот дар доираи Созишномаҳои байни Ҳукумати Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16 октябри соли 2004 ва 30 июли соли 2009 мебошанд, ки ӯҳдадории ҷониби Тоҷикистонро оид ба таъмини содироти нерӯи барқ аз ҷониби нерӯгоҳ тавассути шабакаҳои барқи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бар мегирад.

Ҳамзамон, бояд қайд кард, ки татбиқи имкониятҳои содироти нерӯи барқ, ба ғайр аз самаранокии иқтисодӣ, инчунин аз манфиатҳои сиёсии кишварҳои минтақа ва кишварҳои мададрасон ва инчунин аз мавҷудияти хатҳои интиқоли барқии байнидавлатӣ мустақиман вобаста аст.

Дар асоси Созишномаи байни Ҳукумати Федератсияи Русия ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июли соли 2009 дар бораи ба кор даровардани НБО Сангтуда-1, инчунин байни ШСХК Барқи Тоҷик ва НБО Сангтуда-1, созишномаи хариду фурӯши нерӯи барқ аз 17.09.2009 № 9/78-2009-Э баста шуд.

Тибқи шартҳои ин созишнома, тариф барои 1 кВт / соат нерӯи барқе, ки ба бозори дохилӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба андозаи 0,01994 доллари ИМА бо индексатсияи солона аз 1 январи соли 2010 на камтар аз 4% -и сатҳи нархҳои соли гузашта муайян карда шуд. Аз 1 январи соли 2018, нерӯи барқ тибқи ин қарордод бо нархи 0.02841 доллар бо назардошти ААИ дода шудааст.

Соли 2018 ба ШСХК Барқи Тоҷик аз ҷониби нерӯгоҳ ба андозаи 2,383 миллион кВт / соат нерӯи барқ ба маблағи 620 миллион сомонӣ (бо назардошти ААИ) интиқол дода шуд.

Диаграммаи 2.3.2

Таҳияи муаллиф дар доираи маълумотҳои Омори солонаи вилояти Хатлон барои солҳои 2014-2018.

Аммо сатҳи пардохти маблағҳо аз ҷониби Барқи Тоҷик 58% аз миқдори нерӯи барқ (358,6 млн. Сомонӣ) -ро ташкил дод, ки ин нишондиҳандаи пасттарин дар 5 соли охир мебошад, аз ҷумла аз он ҷумла:

- пардохт бо пули нақд - 260 миллион сомонӣ;
- ҳисобҳоббаробаркуниҳо 98,6 млн.сомонӣ.

Ҷадвали 3

Динамикаи пардохти маблағи неруи барқ дар НБО-и Сангтудаи -1 дар солҳои 2008-2018

Солҳо	Таъминоти нерӯи барқ (млн.кВт*соат)	Арзиши нерӯи барқ (млн.сом)	Пардохти маблағи нерӯи барқ (млн.сом)	Маблағи қарз бо %	Қарздории ШСХК Барқи Тоҷик(млн.сом)
2008	1 106,2	49,2	28,9	59	20,3
2009	1 698,4	124,5	46,7	38	77,8
2010	1 616,1	141,5	104,5	74	37,0
2011	2 151,5	212,4	143,9	68	68,5
2012	1 862,9	199,3	83,0	42	116,3
2013	1 994,4	225,4	118,2	52	107,2
2014	1 855,2	222,8	210,5	94	12,3
2015	1 873,8	293,3	227,0	77	66,3
2016	1 903,8	393,5	245,0	62	148,5
2017	1 849,3	431,1	290,9	67	140,3
2018	2 382,4	620,0	358,6	58	261,4
Ҳамагӣ	**20 294,0**	**2 913**	**1 857,1**	**63,7**	**1 056,0**

Маълумотҳои таҳлили ҷадвали мазкур нишон медиҳад, ки сатҳи таъминот ва истеҳсоли нерӯӣ барқ дар НБО Сангтуда – 1 рӯ ба афзоиш буда нисбат ба соли 2008 1,1 маротиба зиёд шудааст. Арзиши нерӯи барқ бошад аз 49,2 млн. сомонии соли 2008 то 620,00 млн. сомонии соли 2018 баробар шудааст. Аммо пардохти ҳаққи нерӯи барқ аз ҷониби ШСХК “Барқи Тоҷик” дар зарфи 11 соли охир ба ҳисоби миёна 64% буда, қарздории он 1 056,0 млн.сомонӣ мебошад. Маҳз ҳамин мушкили аст, ки имрӯзҳо ҶСК «Сангтуда-1» ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи пардохти маблағ барои интиқоли нерӯи барқ ва афзоиши истифодаи нерӯгоҳҳо, ҷустуҷӯи роҳҳои пардохти қарзи ҷамъшуда ва таъминоти барқ, инчунин ворид шудан ба бозорҳои хориҷиро мавриди омӯзиш қарор дода истодааст. Тибқи натиҷаҳои соли 2018, сармоягузорӣ ба воситаҳои асосӣ 31,9 миллион сомонӣ, нақшаи 28,9 миллион сомонӣ, ки 3 миллион сомонӣ ё 10,3% аз арзиши нақшавӣ зиёдтар аст:

- Азнавсозии техникӣ ва барқарорсозии иншооти нерӯгоҳ ба маблағи умумии 16,9 миллион сомонӣ;
- Хароҷот барои хариди техника ва таҷҳизот истеҳсолӣ 2,7 млн. сомонӣ;
- Сохтмони нав ва такмили объектҳои нерӯгоҳ 1.38 миллион сомонӣ;
- Тадбирҳои амниятӣ 1 миллион сомонӣ; (ташкили системаи электронӣ барои маҳдуд кардани дастрасӣ ба истгоҳ тавассути детекторҳои мавҷи радиои Каштан, харидани детекторҳои металлӣ);
- Хариди техника ва таҷҳизотҳои ғайриистеҳсолӣ 792,48 ҳазор сомонӣ;
- Чорабиниҳои 536.57 ҳазор сомонӣ;
- дигар намуди сармоягузориҳои ба воситаҳои 8,4 миллион сомонӣ.

Дар бисёр соҳаҳои хоҷагии халқ аз ҷумла корхонаҳои энергетикӣ низ хатар таҳдид мекунад. Ба андешаи Ш. М. Саидмуродов, Б. Б. Имомалиев «...низоми идоракунии хавфу хатарҳо иљозат медиҳад, ки хавфҳоро коҳиш дода, сатҳи эътимодро дар бозор баланд бардошта, имкони муваффақияти дарозмуддатро ба вуҷуд оварад» [7,с.186]. Ин, аввалан,

бо давраи нисбатан дарозмуддати сармоягузорӣ ва дуюм, бо мавҷудияти фосилаи вақт байни сармоягузорӣ ва бозгашти маблағи он шарҳ дода мешавад. Ғайр аз ин, дар корхонаҳои энергетикӣ сармоягузорӣ одатан бо сармоягузорӣ дар шакли пулӣ алоқаманд аст, ки истифодаи ғайрисамараноки онҳо метавонад ба натиҷаҳои молиявии сармоягузор таъсири манфӣ расонад. Масъалаи дигаре, ки ба хавфи барнагардонидани маблағ таъсир мерасонад, дар он аст, ки фаъолияти сармоягузорӣ аксар вақт бо иштироки миёнаравон анҷом дода мешавад, дар натиҷа сармоягузор имкон пайдо намекунад, ки мустақилона самаранокии истифодаи маблағҳои молиявиро назорат кунад. Ҳамин масъаларо дар НБО Сангтуда – 1 мушоҳида намудан мумкин аст. Маслан нерӯгоҳ нерӯи барқ истеҳсол намуда барои таъминот ба аҳолӣ ба ШСХК Барқи Тоҷик интиқол медиҳад, аммо ширкат дар ҷамъоварии ҳаққи нерӯи барқ мушиклот дошта, сари вақт ва ба таври пурра маблағи нерӯи баркро ба НБО Сангтуда – 1 таъмин карда наметавонад. Дар ҳамин ҳолат, мушкилии пайдоиши хавфҳо ба миён меояд, ки метавонад ба талафоти ғайричашмдошт барои нерӯгоҳ оварда расонад. Ба андешаи мо дар ин ҳолат сармоягузор ё худ корхонаҳои энергетикӣ бояд қарори дуруст қабул кунанд.

Расми 2

Гурӯҳбандии хавфу хатарҳои корхонаи энергетикӣ



Ҳангоми таҳқиқот, мо хавфу хатарҳои зеринро дар корхонаҳои энергетикии вилояти Хатлон муайян намудем, ки дар расми 2 оварда шудаас[3,с.103].

Мавҷуд набудани механизмҳои бозории нархгузорӣ

Дар айни замон, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон системаи муқарраркунии тарофаҳо дорои хусусияти маъмурӣ дошта он аз ҷониби Ҳукумати Тоҷикистон барои аҳолӣ ва дигар истеъмолкунандагон тасдиқ карда мешавад, ки дар қиёс кишварҳои ИДМ ва ҷаҳон аз ҳама пасттарин мебошад, аммо ба музди меҳнати ҳадди ақал ин нишондод ҳанӯз ҳам мувофиқат намекунад ва қадре баланд низ ҳаст. Вобаста ба ин масъала барои Тоҷикистон, масъалаҳои аз байн бурдани ёрии пулӣ (субсидия)-и байнисоҳавӣ ва баланд бардоштани тарофаҳо барои категорияи имтиёзноки истеъмолкунандагон масъалаҳои иҷтимоӣ мебошанд. Новобаста аз ҳамин масъалаи ҷойдошта аз 1 ноябри соли 2018, бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон (№ 473 аз 25 сентябри соли 2018) нархи 1 кВт/соат барои ҳамаи категорияи истеъмолкунандагон (ба истиснои корхонаи воҳиди давлатии Корхонаи алюминийи тоҷик) 15% зиёд карда шуд.

1. **Имконияти нокифояи фурӯши нерӯи барқ.**

Бо шарофати ба кор андохтани иқтидорҳои нави истеҳсолкунандаи нерӯи барқи нерӯи барқ ва таҷдиди иншоотҳои мавҷуда, аммо бинобар сабаби набудани динамикаи назарраси афзоиши талабот ба нерӯи барқ дар кишвар ва имконнопазирии содироти миқдори зиёдатии барқ ба кишварҳои ҳамсоя, Тоҷикистон метавонад ба зудӣ ба кишвари содиротӣ аз рӯи истеҳсолоти энергетикӣ пешрафта табдил ёбад. Вобаста ба ҳамин ба андешаи мо НБО Сангтӯда-1 ҳамчун истеҳсолкунанда ва таъминкунандаи мустақили барқ,

ки сарбории истеҳсолии онро сохтори бозорӣ дар шакли монополияи табиӣ – ШСХК Барқи Тоҷик муайян менамояд, бояд ба танзим дароварда шавад, дар акси ҳол он ҳам барои ширкат ва ҳам саҳмдорон хавфҳоро ба бор меорад. Тибқи маълумотҳо соли 2018 ҳаҷми интиқоли нерӯи барқ ба системаи энергетикии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳо дар ҳаҷми **19 743** миллиард кВт / соат ташкил намуд, ки 2 398 миллиард кВт / соат ё худ 12,1% ба НБО Сангтуда – 1 таълуқ дошт. .

2. Сатҳи ками пардохтпазирии ШСХК Барқи Тоҷик оид ба истифодабарии нерӯи барқ.

Дар соли 2018 пардохт барои нерӯи барқ аз ҷониби харидори асосии нерӯи барқ яъне ШСХК Барқи Тоҷик, 358 млн. сомонӣ ё худ 58% ё худ маблағи қарзӣ аз фурӯши нерӯи баркро ташкил дод. Ҳамзамон, қарзи пасандозшудаи Барқи Тоҷик дар назди НБО Сангтуда - 1 зиёда аз 261,4 миллион сомонӣ (+ 33%) афзуда, ба санаи 31 декабри соли 2018 1,06 миллиард сомониро ташкил додааст. Умуман, аз замони ба кор даровардани НБО Сангтуда-1 (2008 - 2018), сатҳи пардохт на бештар аз 64% мебошад.

Алоҳида бояд қайд кард, ки вобаста ба беқурбшавии сомонӣ ва болоравии арзиши доллари ИМА, маблағи қарзӣ аз фурӯши нерӯи барқ ба ҳисоби доллари ИМА самаранокии даромад аз фуруши молро тадриҷан паст намуда истодааст.

3. Мушкилотҳои андозӣ.

Андозбандии НБО дар асоси фурӯши нерӯи барқ сурат мегирад. Ҳамин тариқ, маблағи андозҳои ситонидашуда аз сатҳи пардохт барои нерӯи барқ низ вобастагии калон дорад. Дар ҳолате, ки ягона харидори нерӯи барқ ин ШСХК Барқи Тоҷик мебошад ва ҳаққи маблағи истифодаи нерӯи баркро сари вақт пардохт намекунад, дар ин ҳолат нерӯгоҳ низ имкон пайдо намекунад, ки андозҳои ҳисобшударо сари вақт пурра пардохт намояд.

2. Хатарҳои ҳуқуқӣ бошанд омилҳои зеринро дар бар мегиранд:

- Аз сабаби ноустувориии иқтисодиёт дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар низоми танзими санадҳои меъёрӣ - ҳуқуқии соҳавӣ зуд-зуд тағйирот ба амал меояд, ки то андозае ба муносибатҳо дар соҳаи молиявӣ таъсир мерасонад. Масалан пас аз қабули Кодекси андоз дар соли 2013 ба он тағиротҳои гуногун ворид карда шуданд, ки ба маъмурияти андоз, субъектҳои имтиёзҳои андозӣ ва баҳисобгирии манбаи андоз дахл доранд. Тибқи таҳқиқоти институтҳои байналмилалии молиявӣ, Тоҷикистон ҳамчун кишвари дорои сарбории баланди андозҳо тасниф шудааст.

3.Муҳити рақобатии ширкат ва хатарҳои ба он вобаста:

Омилҳои асосии тағирёбии муҳити рақобат дар минтақа инҳоянд:

- Моҳи ноябри соли 2018 ва сентиябри соли 2019 ду агрегати НБО-и Роғун ба кор дароварда шуд; Ин иқтидори мавҷудаи нерӯи баркро дар ҷумҳурӣ тақрибан то 200 МВт афзоиш дод, ки ин метавонад иқтидори барзиёдии Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар баҳор-тобистон ва эҳтимолан дар давраи тирамоҳу зимистон афзоиш диҳад. Бо зиёд шудани баландии сарбанди НБО Роғун, иқтидори муқарраршудаи гидроагрегатҳо меафзояд;
- ба истифода додани иқтидори пурраи Маркази барқу гармидиҳии Душанбе-1 ва 2. Ин норасоии нерӯи баркро дар шаҳри Душанбе, ки бузургтарин истеъмолкунандаи нерӯи барқ дар Тоҷикистон мебошад, фаро гирифт;
- таваҷҷӯҳи як қатор кишварҳо (Чин, Афғонистон, Покистон, Эрон, Қазоқистон, Қирғизистон, ИМА, Ҳиндустон) ба лоиҳаҳои энергетикӣ, ки системаҳои энергетикии Қирғизистон, Тоҷикистон, Афғонистон, Покистон ва Эронро муттаҳид мекунанд.

Лоиҳаи CASA-1000 аввалин тарҳи байниминтақавии Осиёи марказӣ ва Осиёи Ҷанубӣ ба масофаи системаҳои энергетикии Қирғизистон – Тоҷикистон 477 км ва системаи энергетикии Тоҷикистон – Афғонистон – Покистон 750 км истифодаи мақсадноку таъминоти барқи зиёдатиро дар фасли баҳор ва тобистон пешбинӣ мекунад. Ғайр аз он, содироти нерӯи барқ ба ҷануб метавонад ба рушди саноати энергетикаи Тоҷикистон таъсири мусбӣ расонад. Дар шароити рушди бозори энергетикии Тоҷикистон, либерализатсияи танзим ва шаффофияти бештар дар муқарарсозии тарофаҳо (нархномаҳо

барои моли энергетикӣ), инчунин имконияти пайдоиши субъектҳои нав дар бозори фурӯши нерӯи барқ ва пурзуршавии рақобати байнисоҳавиро ба миён меояд. Дар доираи татбиқи лоиҳаи энергетикии CASA-1000 имкон медиҳад, ки интиқоли нерӯи барқ дар як сол то 5 миллиард кВт / соат таъмин карда шавад, ки аз он 70%-ро ҳиссаи Тоҷикистон ташкил медиҳад.

Ифтитоҳи лоиҳа дар амалиётҳои тиҷоратӣ то соли 2022 ба нақша гирифта шудааст. Афзалияти рақобатии ҶСП "НБО Сангтуда-1" дар ин ҳолат таҷрибаи ғании яке аз саҳмиядорони Ҷамъият - ҶСП "Интер РАО" дар соҳаи истеҳсоли нерӯи барқ ва фурӯши он дар бозорҳои дохилӣ ва хориҷӣ мебошад.

Зербоби 2.2-и боби 2-юми диссертатсия ба таҳлили самаранокии лоиҳаҳои сармоягузорӣ дар корхонаҳои энергетикӣ бахшида шудааст. Барои ҳисоб намудани қиматҳои самаранокӣ ва хавфу хатарҳои сармоягузорӣ ва фаъолияти босамари корхонаҳои энергетикӣ, пеш аз ҳама бояд омилҳои таъсиррасонро муайян кардан лозим аст. Бинобар ин дар рафти таҳқиқот муаллиф омилҳои критериявиро барои муайян намуд (ниг. ҷад. 4).

Ҷадвали 4.

Динамикаи истеҳсол ва фурӯши нерӯи барқи НБО Сангтуда – 1 барои солҳои 2013-2019

Солҳо	Истеҳсоли нерӯи барқ (млн.сом)	Фурӯши нерӯи барқ		Ҳаҷми қарз, Бо %
		Пардохти маблағи нерӯи барқ (млн.сом)	Маблағи қарзӣ нерӯи барқ (млн.сом)	
2008	49,2	28,9	20,3	41,2
2009	124,5	46,7	77,8	62,5
2010	141,5	104,5	37	26,1
2011	212,4	143,9	68,5	32,2
2012	199,3	83	116,3	58,3
2013	225,4	118,2	107,2	47,5
2014	222,8	210,5	12,3	5,52
2015	293,3	227,0	66,3	22,6
2016	393,5	245,0	148,5	37,7
2017	431,1	290,9	140,3	32,5
2018	620,0	358,6	261,4	42,1
2019	651,0	376,5	274,5	42,1
Ҳамагӣ	3564	2233,7	1330,4	37,3

Таҳияи муаллиф.

Барои таҳлили самаранокӣ ва хавфу хатарҳои сармоягузорӣ дар корхонаҳои энергетикӣ, истеҳсол ва фурӯши нерӯи барқро ҳамчун омилҳои ктериявӣ истифода менамоем. Дар навбати худ омили фурӯши нерӯи барқро ба ду зеромил- пардохти маблағи нерӯи барқ ва маблағи қарзӣ нерӯи барқи фурӯхташуда ҷудо намудан зарӯр аст. Самаранокӣ ва хавфу хатарҳои сармоягузорӣ дар корхонаҳои энергетикӣ ин аз фаъолияти босамари ва бехавфу хатари корхонаҳои энергетикӣ вобаста мебошад.

Аз инҷо, барои муайянкунии хавф ва самаранокии корхонаҳои энергетикӣ алгоритми зерин пешниҳод карда мешавад:

1. Муайян намудани ҳаҷми истеҳсоли нерӯи барқ бо арзиши сомонӣ;
2. Муайян намудани ҳаҷми фурӯши нерӯи барқи истеҳсолшуда;
3. Муайян намудани маблағи пардохтшуда ва маблағи қарзи нерӯи барқи фурӯхташуда;
4. Ҳисоб намудани самаранокии фаъолияти корхонаҳои энергетикӣ бодарназардошти қимати эҳтимоли аз рӯи озмоиш бо усули Монте-Карло;
5. Муайян намудани коэффитсиенти хавфи даромаднокӣ дар корхонаҳои энергетикӣ.

Аз рӯйи алгоритми овардашуда, самаранокии фаъолияти корхонаҳои энергетикиро барои ҷалби сармоягузорӣ ҳисоб менамоем.

Барои ҳисоби самаранокии фаъолияти корхонаҳои энергетикӣ аз рӯи формаулаи зерин истифода бурда мешавад:

$$С_{КЭ} = \frac{П_{НБ}}{И_{НБ}} * 100 + \omega \quad (2.2.1)$$

Дар инҷо, $С_{КЭ}$ - самаранокии фаъолияти корхонаҳои энергетикӣ, $П_{НБ}$- пардохти нерӯи барқи фурӯхташуда, $И_{НБ}$- ҳаҷми истеҳсоли нерӯи барқ, ω-қиамти эҳтимолӣ, ки дар ҳудуди аз 0 то 1 қимат қабул мекунад.

Коэффитсиенти хавфи фаъолияти корхонаи энергетикӣ аз рӯи формаулаи зерин ҳисоб карда мешавад.

$$КХ_{КЭ} = \frac{И_{НБ} - П_{НБ}}{И_{НБ}} \quad (2.2.2)$$

Дар инҷо,

$КХ_{КЭ}$ – коэффитсиенти хавфи фаъолияти корхонаҳои энергетикӣ.

Формулаҳои (2.2.1) ва (2.2.2)-ро истифода намуда, самаранокӣ ва коэффитсиенти хавфи фаъолияти корхонаи энергетикии НБО Сангтуда – 1 -ро ҳисоб менамоем (ҷад. 5).

Ҷадвали 5

Муайянкунии самаранокӣ ва хавфу хатар дар фаъолияти НБО Сантуда -1

Солҳо	Самаранокии фаъолияти корхонаи энергетикӣ (%)	Коэффитсиенти хавф дар фаъолияти корхонаи энергетикӣ	Қимати тасодуфӣ, w
2008	59,10	0,41	0,362
2009	37,88	0,62	0,368
2010	74,50	0,26	0,651
2011	68,57	0,32	0,824
2012	41,72	0,58	0,074
2013	53,02	0,48	0,579
2014	95,27	0,06	0,793
2015	77,95	0,23	0,552
2016	62,88	0,38	0,615
2017	68,25	0,33	0,775
2018	58,55	0,42	0,716
2019	58,56	0,42	0,718

Ҳисоби муаллиф.

Аз маълумотҳои ҷадвали 2.3.5 бар меояд, дар ду соли охир самаранокии фаъолияти корхонаҳои энергетикӣ назаррас буда аз 33%-и соли 2017 ба 42% дар соли 2019-ро ташкил медиҳад. Дар давоми солҳои 2008-2019 қимати ҳадди ақали самаранокӣ 23%-ро дар бар мегирад, ки ба соли 2015 тааллуқ дорад. Қиматҳои ҳисоб кардашуда бо дарназардошти усули Монте-Карло ҳангоми 45 маротиба гузаронидани озмоиш ба даст оварда шудаанд.

Мувофиқи қиматҳои ҳисобкардашудаи коэффитсиенти хафв дар фаъолияти корхонаҳои энергетикӣ дар соли 2019 ба ҳисоби миёна 0,42 воҳидро ташкил медиҳад, ки қимати мазкур нишонаи хавфи баланд барои фаъолияти корхонаи энергетикиро нишон медиҳад. Аммо коэффитсиенти хавфи соли 2019 нисбат ба солҳои 2009 (0,62 воҳид), 2012 (0,58 воҳид) ва 2013 (0,48 воҳид) хело беҳтар мебошад..

Аз натиҷаҳои бадастомада ба хулоса омадан мумкин аст, ки фаъолияти корхонаи энергетикии НБО Сангтуда – 1 аз рӯи самаранокӣ айни ҳол дар ҳоли хуб ва устувор қарор дорад. Нишондиҳандаҳои мазкур аз он далолат медиҳад. Оид ба пешгирии хавфу хатарҳои корхонаи мазкур пешниҳод карда мешавад, ки чораҳои заррурӣ андешида шавад, дар акси

ҳол, зарари он ба коҳиш додани ҳаҷми саромоягузорӣ ва сари вақт иҷро нагардидани амалиётҳои дар нақшаи миёнамуддати корхона нишондодашуда ва пардохтнопазирии ин амалиётҳои истеҳсолӣ тиҷоратӣ дар корхонаи мазкур оварда мерасонад.

Алгоритми пешниҳодгардида барои ҳисоб намудан самаранокии сармоягузаорӣ ва хавфу хатар дар фаъолияти корхонаҳои дигари энергетикӣ низ тавсия дода мешавад.

АДАБИЁТ

1. Аз рӯи маълумотҳои Вазорати энергетика ва захираҳои обиии Ҷумҳурии Тоҷикистон
2. Барномаи рушди ичтимоиву иктисодии вилояти Хатлон дар давраи солҳои 2016-2020. С. 97.
3. Назарова Н.С. Мукаммалгардонии методњои паст намудани хавфу хатарҳои сармоягузорӣ дар корхонаҳои энергетикӣ(дар мисоли корхонаҳои энергетикии вилояти Хатлон) диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои иқтисодӣ. Душанбе-2020.- С.103
4. Омори солонаи вилояти Хатлон барои солҳои 2014-2019, С.125, С.74.
5. Саидмуродов, Ш. М. Анализ эффективности реализации инвестиционных проектов в Хатлонской области / Ш. М. Саидмуродов // Вестник Бохтарского государственного университета имени Носира Хусрава. Серия гуманитарных и экономических наук. – 2017. – № 1-4(49). – С. 320-324. – EDN YVOIKJ.
6. Саидмуродов, Ш. М. Асосҳои назариявии хавфу хатарҳо дар шароити имрӯза / Ш. М. Саидмуродов, Г. Х. Зубайдуллоева // Ахбори Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон. Шуъбаи илмҳои ҷамъиятшиносӣ. – 2019. – No 2(256). – P. 225-228. – EDN MMQQGS.
7. Саидмуродов, Ш. М. Хавфу хатарҳои ғайримолиявӣ ва идоракунии он дар фаъолияти ташкилотҳои маблағгузории хурд / Ш. М. Саидмуродов, Б. Б. Имомалиев // Кишоварз. – 2019. – No 3. – P. 186-190. – EDN UERTGM.
8. Султонов З.С. Приоритетные направления инфраструктурного обеспечения малого предпринимательства Республики Таджикистан в условиях рынка/ Кабиров Ш.О., Султонов З.С.// Вестник Центра стратегических исследований при Президенте Республики Таджикистан. Таджикистан и современный мир. ISSN 2075-9584. – Душанбе, 2019, № 5(68). - С.163-169.

ИЛМҲОИ ГУМАНИТАРӢ
ГУМАНИТАРНЫЕ НАУКИ

УДК.343.34

Гайратов Т.М., Хакимов Ш.Ш.

МЕЖДУНАРОДНАЯ СИСТЕМА ПРОТИВОДЕЙСТВИЯ НЕЗАКОННОМУ ОБОРОТУ НАРКОТИЧЕСКИХ СРЕДСТВ И ПСИХОТРОПНЫХ ВЕЩЕСТВ

Статья посвящена международной системе противодействия незаконному обороту наркотических средств и психотропных веществ. В статье авторы отмечают, что мировая практика борьбы с незаконным оборотом наркотических средств и психотропных веществ показывает, что ни одно государство в мире, на сколько бы оно не было развито не способно противостоять наркопреступности без консолидации с другими государствами. На основании проведенного исследования авторы делают вывод о том, что конвенции дают возможность точному толкованию терминов и определений, используемых в сфере противодействия незаконному обороту наркотических средств, исключая их неоднозначного толкования. Каждая вновь принятая конвенция является дополнением ранее действовавшей, что вызывает объективную необходимость в их объединении, которое по мнению авторов будет способствовать эффективному противодействию незаконному обороту наркотических средств и психотропных веществ в ее как научной, так и практической составляющей.

Ключевые слова: наркотические средства, психотропные вещества, конвенции, наркотик, угроза, противодействие, система, оборот.

Гайратов Т.М., Ҳакимов Ш.Ш.

СИСТЕМАИ БАЙНАЛМИЛЛАЛИИ МУҚОВИМАТ БО МУОМИЛОТИ ҒАЙРИҚОНУНИИ МАВОДИ МУХАДДИР ВА МОДДАҲОИ ПСИХОТРОПӢ

Мақола ба системаи байналмиллалии муқовимат ба муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир ва моддаҳои психотропӣ бахшида шудааст. Дар мақола муаллифон қайд мекунад, ки таҷрибаи ҷаҳонӣ оиди муқовимат бо муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир ва моддаҳои психотропӣ нишон медиҳад, ки ягон давлати ҷаҳон новобаста аз сатҳи тараққиёташ дар ягонагӣ ва бе мутаҳид шави бо дигар давлатҳо мувафақ шуда наметавонад. Дар асоси татқиқоти гузаронида шуда муаллифон ба хулосае меоянд, ки конвенсия имконият медиҳад, ки ба мафҳумое дар самти муқовимат бо муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир ва моддаҳои психотропӣ истифода бурда мешаванд маънедодкунии ягона таъмин намуда ва онхо бо як маъно фаҳмида шаванд. Ҳар як конвенсияи боз қабул шуда давоми мантиқии конвенсияи амалкунанд мебошад ва бо андешаи муаллифон ҳамроҳ намудани онҳо барои мувафақ шудан дар самти муқовимат бо муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир ва моддаҳои психотропӣ мусоидат менамояд.

Калидвожаҳо: маводи мухаддир, моддаҳои психотропӣ, конвенсия, маводи мухаддир, таҳдид, муқовимат, система, гардиш.

Gayratov T.M., Khakimov Sh.Sh.

INTERNATIONAL SYSTEM FOR COUNTERING ILLICIT TRAFFICKING IN NARCOTIC DRUGS AND PSYCHOTROPIC SUBSTANCES

The article is devoted to the international system of countering illicit trafficking in narcotic drugs and psychotropic substances. In the article, the authors notes that the world practice of combating illicit trafficking in narcotic drugs and psychotropic substances shows that no state in the world, no matter how developed it is, is capable of resisting drug crime without consolidation with other states. Based on the conducted research, the authors conclude that the conventions provide an opportunity for an accurate interpretation of terms and definitions used in the field of countering illicit drug trafficking, excluding their ambiguous interpretation. Each newly adopted convention is an addition to the previously valid one, which causes an objective need for their unification, which, according to the authors, will contribute to the effective counteraction of illicit trafficking in narcotic drugs and psychotropic substances in its both scientific and practical components.

Keywords: narcotic drugs, psychotropic substances, conventions, drug, threat, counteraction, system, turnover.

Незаконный оборот наркотических средств, психотропных веществ и прекурсоров в настоящее время является проблемой не только регионального, но и международного характера. Многие государства мира не зависимо от формы государственного правления, устройства и политического режима расценивают преступления, связанные с незаконным оборотом наркотических средств как угрозу своей национальной безопасности. Несмотря на продолжающийся мировой финансовый и экономический кризис вызванный, прежде всего, пандемией короновируса из бюджета государств выделяются колоссальные средства на противодействие незаконному обороту наркотиков.

Особый научно-практический интерес исследования международной системы противодействия незаконного оборота наркотических средств заключается в том, что наркотики выступают источником такого преступления международного характера как терроризм.

Мировая практика борьбы с незаконным оборотом наркотических средств показывает, что ни одно государство в мире, на сколько бы оно не было развито не способно противостоять наркопреступности без консолидации с другими государствами [1, С.28-31].

Следует согласится с мнением Э.Г. Гасанова о том, что «международно –правовые нормы противодействия наркотизму имеют общесоциальное, законотворческое и правоприменительное значение» [2, С.36].

Республика Таджикистан с первых дней приобретения независимости осуществляла политику конструктивного сотрудничества со всеми заинтересованными субъектами международного права в сфере противодействия незаконному обороту наркотических средств. Таджикистан является участницей всех основополагающих конвенций ООН по наркотикам.

В системе противодействия незаконному обороту наркотических средств особое место принадлежит Единой конвенции о наркотических средствах 1961 г.

Идея создания Единой конвенции была инициативой Соединенных Штатов, страны, преисполненной решимости навязать остальному миру жесткую линию в отношении наркотиков. Цель Единой конвенции Организации Объединенных Наций о наркотических средствах 1961 года заключалась в том, чтобы заменить предыдущие международные соглашения, которые были достигнуты после Международной конвенции по опиуму не очень систематическим образом [7, С.39]. Он включает новые положения, которых не было в предыдущих договорах, и таким образом создает единую, универсальную систему

контроля над наркотиками. Эта система носит явно нетерпимый и запретительный характер в отношении производства и поставки наркотических средств, за исключением их производства и поставки в медицинских и научных целях. Единая конвенция 1961 года расширила существующие меры контроля, включив в них выращивание растений, из которых получают наркотики [3]. Эти положения легли особенно тяжелым бременем на традиционные страны-производители в Азии, Латинской Америке и Африке, где в то время были сосредоточены культивирование и широкое традиционное использование опийного мака, листьев коки и каннабиса. Единая конвенция поставила цель отменить традиционное использование опиума в течение 15 лет и традиционное использование коки и каннабиса в течение 25 лет. Учитывая, что Конвенция вступила в силу в декабре 1964 года, 15-летний период постепенного прекращения употребления опиума подошел к концу в 1979 году, а 25-летний срок для коки и каннабиса истек в 1989 году, «квазимедицинское» использование трех растений пришлось отменить.

Единая конвенция создала четыре перечня или Списка регулируемых веществ и установила процесс включения новых веществ в Списки без необходимости изменения текста статей договора. Четыре списка Конвенции содержат более ста веществ, которые классифицируются в соответствии с различной степенью контроля, которому они должны подвергаться.

Идея переговоров по этому новому соглашению заключалась в том, чтобы отреагировать на диверсификацию употребления наркотиков с целью контроля целого ряда новых психоактивных веществ (которые вошли в моду в 1960-х годах), таких как амфетамины, барбитураты, бензодиазепины и психоделические наркотики, которые были также классифицированы в четырех списках.

В ходе переговоров по Конвенции о психотропных веществах 1971 г. стало очевидным, что давление оказывалось со стороны крупной фармацевтической промышленности Европы и США, опасавшейся, что ее продукция будет поставлена под такой же строгий контроль, какой установлен Единым Соглашением. Необходимость нового договора аргументировалась на основе (сомнительного с научной точки зрения) различия между «наркотическими средствами», подпадающими под действие Конвенции 1961 года, и так называемыми «психотропными веществами» — выдуманной концепцией без четкого определения. По словам сотрудника отдела ООН по наркотическим средствам и секретаря Технического комитета Полномочной конференции в то время: «Важнейшие страны-производители и страны-экспортеры пытались сделать все, чтобы ограничить сферу контроля до минимума и ослабить меры контроля таким образом, чтобы они не препятствовали свободной международной торговле…» [8, С.102]. По сравнению со строгим контролем, установленным Списком Единой конвенции в отношении лекарственных средств, полученных из растений, договор 1971 года установил менее жесткую структуру контроля, за исключением Списка I.

Список I включает вещества, которые, как утверждается, представляют серьезную опасность для здоровья населения, которые в настоящее время не признаны Комиссией по наркотическим средствам (CND) как имеющие терапевтическую ценность. К ним относятся синтетические психоделики, такие как ЛСД и МДМА, широко известные как экстази. Список II включает стимуляторы амфетаминового ряда, имеющие ограниченную терапевтическую ценность, а также некоторые анальгетики и дронабинол* или тетрагидроканнабинол (ТГК), важный ингредиент каннабиса. Список III включает барбитураты с быстрым или средним эффектом, которые были предметом серьезного злоупотребления, несмотря на то, что они терапевтически полезны, а также флунитразепам и некоторые анальгетики, такие как бупренорфин. Список IV включает некоторые более слабые барбитураты, такие как фенобарбитал, другие снотворные, снотворные анксиолитики, бензодиазепины и некоторые более слабые стимуляторы.

Конвенция ООН о психотропных веществах 1971 г. направлена на осуществление универсальных мер против злоупотребления этими веществами, в основном под эгидой Всемирной организации здравоохранения.

Конвенция определяет сферу контроля над психотропными веществами и специальные положения, касающиеся контроля над препаратами. Стороны Конвенции соглашаются ограничить использование перечисленных веществ медицинскими и научными целями. Все производство, торговля и распространение перечисленных веществ могут осуществляться только при наличии лицензии или других мер контроля. Статьи Конвенции охватывают предписания, предупреждения на упаковках и рекламу, записи, международную торговлю, а также ограничения на экспорт и импорт. Специальные положения касаются перевозки психотропных веществ в аптечках на транспортных средствах общественного транспорта, осуществляющих международное сообщение. Стороны будут поддерживать систему инспекций и будут представлять различные отчеты, касающиеся положений настоящей Конвенции. В дополнительных статьях описываются санкции, в том числе уголовные, которые должны применяться в случаях злоупотребления или незаконного оборота психотропных веществ. Конвенция устанавливает процедуры внесения поправок и разрешения споров [4].

Конвенция Организации Объединенных Наций о борьбе против незаконного оборота наркотических средств и психотропных веществ 1988 года является одним из трех основных международных договоров о контроле над наркотиками, действующих в настоящее время. Ее цель состоит в том, чтобы предоставить дополнительные правовые механизмы для обеспечения соблюдения Единой конвенции о наркотических средствах 1961 года и Конвенции о психотропных средствах 1971 года. Конвенция включает меры по борьбе с незаконным оборотом наркотиков, в том числе положения о борьбе с отмыванием денег и утечкой химических веществ-прекурсоров. Он предусматривает международное сотрудничество посредством, например, экстрадиции торговцев наркотиками, контролируемых поставок и передачи производства [5].

Подводя итоги изложенному, следует отметить, что международно-правовую основу в области противодействия незаконному обороту наркотиков составляет Единая конвенция 1961г. с поправками, которая содержат универсальные правовые нормы, являющиеся основой в международном масштабе.

Принятие Единой конвенции заложило основу для унификации норм регулирующих общественные отношения, складывающиеся как в сфере незаконного, так и законного оборота наркотических средств.

Системно структурное исследование норм вышеперечисленных конвенций свидетельствует о том, что они направленны, прежде всего, на защиту жизни и здоровья людей.

Конвенции дают возможность точному толкованию терминов и определений, используемых в сфере противодействия незаконному обороту наркотических средств, исключая их неоднозначного толкования. Каждая вновь принятая конвенция является дополнением ранее действовавшей, что вызывает объективную необходимость в их объединении, которое, по нашему мнению, поспособствует эффективному противодействию незаконному обороту наркотических средств и психотропных веществ в ее как научной, так и практической составляющей.

ЛИТЕРАТУРА

1. Гайратов Т.М. Незаконный оборот наркотических средств как угроза национальной безопасности Республики Таджикистан // Сохибкор (Предприниматель). 2016. С.28-31.
2. Гасанов Э.Г. Борьба с наркотической преступностью. С.36.

3. Единая конвенция о наркотических средствах 1961г.//Сборник международных договоров СССР. Вып.23. М., 1970.
4. Конвенция о психотропных веществах. 1971г. // Сборник международных договоров СССР Вып. 35.М., 1981.
5. Конвенция ООН о борьбе против незаконного оборота наркотических средств и психотропных веществ 1998г.// Сборник важнейших документов по международному праву. Ч.2 (Особенная). М., 1997.
6. Кудратов, Н.А. Уголовное право Республики Таджикистан. Общая часть / Н.А. Кудратов. – Душанбе: Таджикский государственный университет коммерции, 2012. – 366 с. – EDN YYBBPG.
7. Панов В.П. Сотрудничество государств в борьбе с международными преступлениями. Москва. 1993. С. 39
8. Противодействие незаконному обороту наркотических средств и психотропных веществ: уголовно-правовой и уголовно-процессуальные аспекты. - СПб.: Издательство «Юридический центр Пресс», 2003. -С.102.

УДК: 004.915

Ашуров М.Н.

ТЕХНОЛОГИЯИ РАҚАМӢ ВА ЗАРУРИЯТИ ОН ДАР РУШДИ КОРҲОИ ИЛМӢ-ТАДҚИҚОТӢ

Мақола ба рақамикунонии корҳои илмӣ-тадқиқотӣ дар муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар башида шудааст. Дар мақола муаллиф зарурияти индекси иқтибосҳои илмиро ба таври васеъ омухтааст. Қайд кардан ба маврид аст, ки китобхонаи электронии ИИИР барои осон намудани корҳои илмӣ-тадқиқотӣ равона карда шудааст. Инчунин, китобхонаи электронӣ метавонад кори Комиссияи олиии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро низ осон гардонад. Муаллиф дар мақолаи худ доир ба қадамҳои асосии кор дар сомона ва гуруҳбандии равияи иттилоотонии соҳаҳои илмӣ таҳлилҳо гузаронида, роҳҳои ҳалли мушкилоти ҷойдоштаро пешниҳод намудааст. Аз ҷониби муаллиф таҳлилҳо гузаронида шуда рейтинги муассисаҳои таҳсилоти олии кишвар муайян карда шудааст. Инчунин панҷгонаи пешсафони муассисаҳо тавассути диаграмма нишон дода шудааст. Қобили зикр аст, ки иқтисоди рақамӣ ва ҳукумати электронӣ ба пешрафти фаъолияти дилхоҳ соҳа нақши басо муҳим мебозад. Яке аз ин соҳаҳо ин соҳаи илмӣ-тадқиқотӣ ба шумор меравад. Пеш аз таҳлили нишондодаҳо моҳияти онро бояд дарк кард.

Калимавожа: технологияи иттилоотӣ, ташаккулёбӣ, рушд, иқтисоди рақамӣ, ҳукумати электронӣ, корҳои илмӣ, муассисаҳо, индекси иқтибосҳои илмӣ, навоварӣ, истифодабаранда.

Ашуров М.Н.

ЦИФРОВЫЕ ТЕХНОЛОГИИ И ИХ НЕОБХОДИМОСТЬ В РАЗВИТИИ НАУЧНО-ИССЛЕДОВАТЕЛЬСКИХ РАБОТ

Статья посвящена цифровизации научно-исследовательской работы в высших учебных заведениях страны. В статье автор подробно исследовал необходимость индекса научных цитирований. Стоит отметить, что электронная библиотека Института науки и технологий призвана облегчить научно-исследовательскую работу. Также электронная библиотека может облегчить работу Высшей аттестационной комиссии при Президенте

Республики Таджикистан. В своей статье автор проанализировал основные этапы работы над сайтом и группировку информационного процесса по научным направлениям, а также предложил пути решения существующих проблем. Автор провел анализ и определил рейтинг высших учебных заведений страны. Пять лучших учреждений также показаны на диаграмме. Стоит отметить, что цифровая экономика и электронное правительство играют очень важную роль в развитии деятельности желаемого сектора. Одной из таких областей является научно-исследовательская область. Прежде чем анализировать показатели, следует понять его суть.

Ключевые слова: информационные технологии, формирование, развитие, цифровая экономика, электронное правительство, научные труды, институты, индекс научных цитирований, инновации, пользователь.

Ashurov M.N.

DIGITAL TECHNOLOGY AND ITS NEED FOR THE DEVELOPMENT OF SCIENTIFIC RESEARCH WORKS

The article is devoted to the digitalization of research work in higher educational institutions of the country. In the article, the author examined in detail the need for an index of scientific citations. It should be noted that the electronic library of the Institute of Science and Technology is designed to facilitate research work. Also, the electronic library can facilitate the work of the Higher Attestation Commission under the President of the Republic of Tajikistan. In his article, the author analyzed the main stages of work on the site and the grouping of the information process into scientific areas, and also suggested ways to solve existing problems. The author analyzed and determined the rating of higher educational institutions of the country. The top five institutions are also shown on the chart. It is worth noting that the digital economy and e-government play a very important role in the development of the desired sector. One such area is the research area. Before analyzing the indicators, you should understand its essence.

Key words: information technology, formation, development, digital economy, e-government, scientific papers, institutions, science citation index, innovation, user.

Бо афзоиши шумораи аҳолӣ дар ҷаҳон ва сафарбаркунии захираҳо иқтисоди рақамӣ бо тиҷорати савдо ва хизматрасониҳои электронӣ ба ҷабҳаҳои муҳими зиндагӣ, аз қабили тандурустӣ, маориф, интернет-банкинг ва ғайраҳо таъсири мусбии худро мерасонад.

Доир ба масъалаи мазкур дар Паёми хеш Асосгузори Сулҳу Ваҳдати Миллӣ-Пешвои Миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд намуданд “бо мақсади таҳкими асосҳои институтсионалии иқтисоди рақамӣ, рушди инфрасохтори иттилоотиву коммуникатсионӣ дар тамоми қаламрави кишвар, рақамикунонии соҳаҳои иқтисоди миллӣ ва вусъатбахшии раванди амалӣ намудани “ҳукумати электронӣ” ба Ҳукумати мамлакат ва сохтору мақомоти дахлдор супориш дода мешавад, ки доир ба таъсис додани Агентии инноватсия ва технологияҳои рақамии назди Президенти Тоҷикистон чорабинӣ намоянд”[1].

Ҷумҳурии Тоҷикистон дар марҳилаи ибтидоии иқтисоди рақамӣ қарор дошта бошад ҳам, оғози қадамҳои нахустини худро барои гузариш ба рақамикунонии иқтисодиёт дар кишвар тавассути фаъолияти технологияи иттилоотӣ-коммуникатсионӣ дар соҳаҳои мухталифи кишвар ба роҳ монда, солҳои охир як қатор дастовардҳоро ноил гардидааст.

Ҷиҳати татбиқи Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Ҳукумати шаҳри Душанбе таҷҳизоти серверӣ дар ҳуҷраи махсус ва байни сохторҳои дастгоҳи он тавассути барномаи «Гардиши ҳуҷҷатҳои электронӣ SITI-DOC» насб шудааст.

Иқтисоди рақамӣ ҳамчун фаъолияти иқтисодӣ ба технологияҳои рақамӣ, ки бо тиҷорати электронӣ, савдои электронӣ ва истеҳсоли молу хизматрасониҳои рақамии он

пайваст мебошад, асос ёфта, ҳисоббаробаркунии онро барои хизатрасониҳо ва молҳои иқтисоди рақамӣ бо пули рақамӣ пардохт менамояд.

Бо назардошти гузариши назарраси ҳуҷҷатҳо ва алоқа ба васоити рақамӣ гузариши иртибот бо давлат ба платформаи электронӣ, мантиқӣ ба назар мерасад. Ҳукумати электронӣ ва иқтисоди рақамӣ ҳиссаи назарраси хизматрасониҳои электронӣ ва истеҳсоли маҳсулотро барои аҳолии худ ташкил менамояд [2].

Аз нуқтаи назари талаботи байналмилалӣ иқтисоди рақамӣ ин сохтори шабакавӣ, ташаккули низоми фазоии муносибатҳои байни субъектҳои гуногун мебошад.

Хусусиятҳои асосии иқтисоди рақамиро нишондиҳандаҳои муҳим, аз қабили платформаи иқтисоди «рақамӣ», моделҳои хизматрасониҳои инфиродӣ, ҳамкориҳои мустақим байни истеҳсолкунандагон ва истеъмолкунандагон, густариши мубодилаи соҳаҳои иқтисоди миллӣ ва нақши назарраси саҳми иштирокчиёни инфиродӣ муайян мекунад.

Нишондиҳандаи дастрасии аҳолӣ ба шабакаи ҷаҳонӣ аз он шаҳодат медиҳад, ки Интернет нақши асосиро дар доираи иқтисоди рақамӣ ва гузариш ба он мебозад. Дар доираи ташаккул ва рушди иқтисоди рақамӣ Интернет маҷмуи экосистемаи иқтисодиро ташкил намуда, тағйирёбии рақобатпазирии соҳаҳои иқтисоди миллиро ба вуҷуд меорад [4].

Иқтисоди рақамӣ рушди аввалиндараҷаи худро дар доираи рушди индустриалии давлатҳо, яъне тавассути инфрасохтори рақамӣ ба даст овардааст.

Қобили зикр аст, ки иқтисоди рақамӣ ва ҳукумати электронӣ ба пешрафти фаъолияти дилхоҳ соҳа нақши басо муҳим мебозад. Яке аз ин соҳаи илмӣ-тадқиқотӣ ба шумор меравад.

Яке аз рушддиҳандаи соҳа ин Индекси Иқтибосоти Илмии Руссия (ИИИР) ба ҳисоб меравад. ELIBRARY.RU –бузургтарин китобхонаи электронии нашрияҳои илмӣ дар ИДМ буда, он дорои имкониятҳои бойи ҷустуҷӯ ва таҳлили иттилооти илмӣ мебошад. Китобхона бо ИИИР-бо фармоиши Вазорати маориф ва илми Федератсияи Руссия бунёд гардида, он воситаи ройгони оммавии андозагирии фаъолияти нашриявии олимон ва ташкилотҳое ба ҳисоб меравад. ИИИР аз ҷониби ширкати Китобхонаи электронии илмӣ таҳия ва дастгирӣ карда мешаванд.

Платформаи eLIBRARY.RU соли 1999 бо ташаббуси Фонди таҳқиқоти заминавии Руссия бо мақсади фароҳам овардани дастрасии электронӣ ба нашрияҳои пешқадами илмии хориҷӣ таъсис дода шудааст. Ибтидо аз соли 2005 eLIBRARY.RU ҳамкории худро бо нашрияҳои русзабон оғоз намуда, ҳоло китобхонаи электронии пешсафи нашрияҳои даврии илмӣ бо забони русӣ дар ҷаҳон мебошад.

Имрӯз барои ташрифоварони eLIBRARY.RU дастрасӣ ба тезисҳо ва матнҳои пурра, зиёда аз 38 миллион нашрияҳо ва патентҳои илмӣ, аз ҷумла нусхаҳои электронии зиёда аз 5600 маҷаллаҳои илмӣ ва техникӣ фароҳам оварда шудааст. Шумораи умумии корбарон (ташкилотҳо)-и институтсионалии ба қайд гирифташуда зиёда аз 2800 нафарро ташкил медиҳад. Чи тавре аз нишондиҳандаҳои сомона бар меояд дар системаи мазкур 1,7 миллион нафар корбарони инфиродӣ аз 125 давлати ҷаҳон ба қайд гирифта шуда, ҳамасола аз ҷонибаи хонандагони китобхона зиёда аз 12 миллион матни пурраи мақолаҳо ба даст оварда мешавад ва ҳамзамон беш аз 90 миллион рефератҳо аз назар гузаронида мешавад.

Беш аз 4500 маҷаллаҳои илмии давлатҳои ИДМ дар шакли дастрасии озод ҷойгир гардидаанд ва барои пайдо кардани дастрасӣ ба нашрияҳои боқимонда шароити обунашавӣ ё фармоиш додани нашрияҳои инфиродӣ фароҳам оварда шудааст.

Индекси Иқтибосҳои илмӣ- системаи миллии иттилоотию таҳлилие мебошад, ки зиёда аз 11 миллион нашрияи муаллифоне, ки бо забони руссӣ, тоҷикӣ ва англесӣ интишорот доранд ҷамъоварӣ, инчунин маълумот оид ба истинод ба ин нашрияҳоро дар ҳудуди зиёда аз 6000 маҷаллаҳоро дар бар мегирад. Он на танҳо барои таъмини фаврии таҳқиқоти илмӣ бо иттилооти дахлдори истинодӣ ва библиографӣ пешбинӣ шудааст, балки он барои арзёбии натиҷанокӣ ва самаранокии фаъолияти ниҳодҳои тадқиқотӣ, олимон, сатҳи маҷаллаҳои илмӣ ва ғайра воситаи пуркувват ба ҳисоб меравад.

Лоиҳа соли 2005 замоне ба фаъолият оғоз намуд, ки Китобхонаи илмии электронӣ дар озмуни Вазорати маориф ва илми Руссия барои эҷоди индекси иқтибосҳои илмии миллӣ ғолиб омад. Ҳадафи асосии оғози лоиҳа зарурати ташкили системаи объективии баҳогузорӣ ва таҳлили фаъолиятнокии нашрияҳо ва сатҳи истинодҳои муҳаққиқон, муассисаҳо ва нашрияҳои ватанӣ буд. Тасмими эҷоди индекси иқтибосии миллӣ иборат аз он буд, ки танҳо даҳяки тамоми нашрияҳои олимони ИДМ ба пойгоҳи додаҳои илмии байналмилалӣ, ба монанди Web of Science ё Scopus дохил мешаванд. Ғайр аз он, дар он ҷо бисёре аз соҳаҳои илми (масалан, иҷтимоӣ ва гуманитарӣ, техникӣ) аслан инъикос намеёбанд.

Система дар заминаи пойгоҳи иттилоотии библиографӣ, ки дар он мақолаҳои маҷаллаҳои илмии кишварҳои ИДМ ишорабандӣ мегарданд, асос ёфтааст [3]. Солҳои охир ба ИИИР дигар намудҳои нашрияҳои илмӣ низ оҳиста-оҳиста ҳамроҳ гардида истодаанд, аз ҷумла: маърӯзаҳо дар конфронсҳо, монографияҳо, китобҳои дарсӣ, патентҳо, рисолаҳои илмӣ. Пойгоҳ маълумот дар бораи муаллифони нашрияҳо, ҷойҳои кори онҳо, калимаҳои калидӣ ва мавзӯъҳо, инчунин эзоҳу истинодҳоро дар бар мегирад. Муттаҳидсозии ИИИР бо Китобхонаи электронии илмӣ дар аксари ҳолатҳо ба ташрифоваранда имкон медиҳад, ки бо матни пурраи маводи арзёбишаванда шинос шавад.

ИИИР имкон медиҳад, ки дар асоси маълумоти объективӣ самаранокии корҳои тадқиқотӣ арзёбӣ гардад ва омори фаъолияти нашрияҳои беш аз 800 ҳазор олимони кишварҳои ИДМ ва 12 ҳазор ташкилотҳои илмии марбут ба ҳама соҳаҳои дониш мавриди омӯзиши муфассал қарор дода шаванд. Фарогирии хронологии система аз соли 2005 то ба имрӯз, аз рӯи бисёр сарчашмаҳо яке аз бойгониҳои бузург ба шумор меравад. Ҳар сол ба ИИИР беш аз якуним миллион нашрияи олимони кишварҳои ИДМ илова карда мешавад.

Барои тамомии маҷаллаҳои қайдгирифташуда дар ИИИР ҳам омили классикии импактикие, ки дар саросари ҷаҳон барои баҳодиҳии сатҳи маҷаллаҳои илмӣ васеъ истифода мешавад ва ҳам нишондиҳандаҳои мураккабтари библиометрӣ, ки як қатор омилҳои иловагии ба бузургии омили импактикӣ таъсиррасон ва имкондиҳандаи ислоҳи таъсирот мебошанд, ҳисоб карда мешавад. Яъне аз ҷумла, самти мавзӯи таҳқиқот, ҳаҷм, таркиб ва тақсимоти маҷаллаҳо дар пойгоҳи додаҳо, худистинод ва истинод аз ҷониби ҳаммуаллифон, ҳисоби соли нашр, шумораи ҳаммуаллифон, салоҳияти истинодҳо (аз ҷониби кӣ оварда шудааст) ва ғайра ба назар гирифта мешаванд. Чунин нишондиҳандаҳо ҳам барои ниҳодҳои илмӣ ва ҳам барои олимони алоҳида ҳисоб карда мешаванд. Ғайр аз ин, рӯйхати нашрияҳо ва иқтибосоти ҳар як муаллиф, муассиса ва ё маҷалла тавассути тақсимнамоӣ аз рӯи мавзӯъ, сол, маҷаллае, ки дар он мавод чоп шудааст, ҳаммуаллифон, ташкилотҳое, ки дар онҳо мавод иҷро гардидааст, навъи мавод ва ғайра таҳлил карда мешаванд.

ИИИР бо ширкатҳои Clarivate Analytics ва Elsevier дорои шартномае мебошад, ки он имконияти мустақиман ба пойгоҳи додаҳои WebofScience ва Scopus ворид шудан ва дастрасӣ намудани қиматҳои ҷории сатҳи истинодҳои нашрияҳоро фароҳам месозад [4]. Ҳамин тариқ, дар интерфейси ИИИР ҳамзамон шумораи иқтибосҳои нашрия ИИИР, Web of Science ва Scopus инъикос ёфтааст. Ин имконият ба таври ройгон ба кулли муаллифони дар ИИИР сабти номшуда дастрас гардидааст.

Ибтидо аз соли 2011, муаллифони нашрияҳои илмӣ тавонистанд сабти ном намуда, рӯйхати нашрияҳо ва истинодҳои худро дар ИИИР мустақилона тафтиш ва такмил диҳанд, ки дар асоси он ҳисобҳои илмӣ гузаронида мешаванд. Пас аз ифтитоҳи сабти ном, аллакай зиёда аз 430 ҳазор муаллифон аз ин имконият истифода карданд, ки ин тақрибан 90% шумораи умумии олимони дар ҳоли ҳозир нашрнамояндаи бақайдгирифташударо ташкил медиҳад. Ҳар як олими ба қайд гирифташуда як идентификатори такрорнашаваро (SPIN) соҳиб мегардад, ки ба ӯ дар оянда ба ҳайси муаллифи нашрияҳои илмӣ шинохта шуданро имкон медиҳад.

Дар заминаи ИИИР системаи иттилоотию таҳлилии SCIENCE INDEX (воситаҳо ва хидматҳое, ки ба муаллифони ба қайд гирифташудаи нашрияҳои илмӣ пешниҳод карда

мешаванд) таҳия карда шудааст. Ин система пеш аз ҳама барои ниҳодҳои илмӣ пешбинӣ шудааст, ки маҷмӯи васеъи воситаҳои идоракунии рӯйхати нашрияҳои худ ва таҳлили онҳоро фароҳам месозад, аз ҷумла қобилияти илова кардани нашрияҳои дар ИИИР мавҷуднабуда ва на танҳо мақолаҳо дар маҷаллаҳои илмӣ, балки дигар намудҳои нашрияҳои илмиро низ имкон медиҳад. Аз замони ба кор оғоз намудани ин система, охири соли 2012, аллакай беш аз 1000 муассисаҳои илмии кишварҳои ИДМ ба ин хидзматрасонӣ пайваст шуданд.

Соли 2015 Китобхонаи илмии электронии eLIBRARY.RU бо ThomsonReuters (ҳоло Clarivate Analytics), доир ба ҷойгирнамоии 1000 адад маҷаллаҳои беҳтарини илмӣ аз ИИИР дар платформаи WebofScience дар шакли пойгоҳи додаҳои алоҳидаи Russian Science Citation Index, шартнома баст. Лоиҳаи мазкур дастрасӣ ва истиноднокии маҷаллаҳои кишварҳои ИДМ-ро дар фазои иттилоотии байналмилалӣ ба таври назаррас беҳтар намуда, ба баланд бардоштани сифати онҳо тавассути ба стандартҳои байналмилалӣ расонидани онҳо мусоидат хоҳад кард. Маҷаллаҳое, ки ба ин пойгоҳи додаҳо дар натиҷаи санҷиши ҳамаҷониба интихоб шудаанд, инчунин барои ҷудо намудани беҳтарин нашрияҳои олимон дар ИИИР асос гузоштанд.

Бо шарофати тай намудани ҳамаи ин қадамҳо, ИИИР айни замон фаъолияти нашрияи аксар муаллифон ва ниҳодҳои илмии кишварҳои ИДМ-ро комилан ва воқеъбинона инъикос менамояд. Инчунин муҳим аст, ки ИИИР лоиҳаи ғайритиҷоратӣ буда, дар ҳолати дастрасии озод қарор дорад ва ба ҳамаи олимони кишварҳои ИДМ имкон медиҳад, ки ин воситаи таҳлилии тавоноро бидуни маҳдудият истифода баранд.

Қайд кардан ба маврид аст, ки сомонаи расмии eLIBRARY.RU ба истифодабарандагон имконият фароҳам меорад, ки натиҷаи корҳои илмӣ-тадқиқотӣ ба анҷомрасонидаашонро ҷой намоянд то ин, ки истифодабарандагон озодона аз маводҳои онҳо истифода баранд. Омили дигари осон намудани корҳои илмӣ-тадқиқиқотии мазкур барои шахсони ба корҳои илмӣ нав бақайдгирифташуда шароитҳои мусоид фароҳам меорад.

Барои кор дар сомонаи мазкур мо бояд бо чунин қадамҳо ба таври муфассал шинос шавем, ки он дар расми зерин оварда шудааст:

Расми 1. Зарурияти бақайдгирӣ

Сомона ба истифодабарандагон имконият медиҳад, ки натиҷаи корҳои илмӣ-тадқиқотии худро самаранок ба анҷом расонанд. Инчунин, барои муайянкунии муқарризони расмӣ, муассисаҳои пешбаранда барои рисолаҳимоякунандагон, магистрантон ва дигарон кумаки калон мерасонад.

Сомона барои коркарди шаклҳои фарқкунандаи равияи илмӣ равона карда шудааст, ки он дар расми навбатӣ ба таври муфассал нишон дода шудааст.

Расми 2. Гуруҳбандии равияи илмӣ

Таҳлилҳо нишон доданд, ки дар ҶТ айни замон 80395 –адад мақолаҳои сатҳи гуногун дар сомона ба қайд гирифта шудааст, ки натиҷаи он дар диаграмма ба таври муфассал нишон дода шудааст.

Диаграммаи 1. Шумораи мақолаҳо вобаста ба соҳа



	Шумора дар алоҳидагӣ
Иқтисодиёт	12190
Тиб ва тандурустӣ	10470
Кимиё	10870
Ҳуқуқ	5076
Забон ва адабиёт	4383
Таърих	2176
Биология	2723
Техникаи ҳисоббарор	383
Кибернетика	79

(ҳисоби муаллиф дар асоси нишондиҳандаҳои омории сомона)

Аз нишондиҳандаҳои диаграмма бар меояд, ки аз шумораи умумии мақолаҳои чопшуда ба илмҳои иқтисодӣ 15,2%, тиб ва тандурустӣ-13,5%, кимиё-13,1%, илмҳои ҳуқуқшинос-6,3%, таърих 1,5%, биология 3,3%-ро ташкил медиҳад.

Яке аз усулҳои муайянкунандаи рейтинг байни муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ин сомонаи расмии eLIBRARY.RU мебошад.

Тибқи нишондиҳандаҳои расмии сомона 25 муассисаҳои таълимӣ мавриди таҳлил қарор дода шуд, ки натиҷаи он дар ҷадвали 1 ба таври васеъ нишон дода шудааст.

Ҷадвали 1. Нишондиҳандаҳои омории муассисаҳо [5]

№	Номгӯй	Бақайдгирифт ашудагон	Мақола	Иқтибос	Ҳирш
1	Донишгоҳи миллии Тоҷикистон	1633	19769	47192	1930
2	Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М. С. Осимӣ	711	9738	23688	1024
3	Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино	547	6992	13587	772
4	Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров	337	3206	3581	298
5	Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон	348	2338	3483	250
6	Донишгоҳи технологии Тоҷикистон	149	1591	2261	156
7	Донишгоҳи (славянии) Россия ва Тоҷикистон	78	1645	4107	145
8	Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи Садриддин Айнӣ	212	1830	3091	126
9	Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон	82	1166	1778	125
10	Донишгоҳи давлатии тиҷорати Тоҷикистон	70	1345	2675	102
11	Донишгоҳи аграрии Тоҷикистон ба номи Шириншоҳ Шоҳтемур	37	711	1443	61
12	Донишгоҳи давлатии Бохтар ба номи Носири Хусрав	33	941	1191	57
13	Академияи ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон	33	545	577	43
14	Академияи идоракунии давлатии назди Президенти Ҷумҳурии	69	527	303	39
15	Донишгоҳи байналмилалии сайёҳӣ ва соҳибкории Тоҷикистон	16	246	684	28
16	Донишгоҳи давлатии данғара	15	199	472	23
17	Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ	26	193	62	15
18	Донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода	21	233	101	14
19	Донишкадаи омӯзгории Тоҷикистон дар ноҳияи Рашт	27	203	320	12
20	Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев	21	70	100	12

21	Донишкадаи кӯҳӣ-металлургии Тоҷикистон	13	115	69	10
22	Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода	4	53	153	6
23	Донишкадаи энергетикии Тоҷикистон	4	50	44	5
24	Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба. Т. Сатторов	1	13	26	2
25	Донишкадаи ҳарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон	1	9	0	0
		4488	53728	110988	5255

(Ҳисоби муаллиф дар асоси нишондиҳандаҳои сомона)

Аз таҳлилҳо бар меояд, ки шумораи умумии кормандони муассисаҳои таҳсилоти олии касбии дар ҷавалбуда 4488-нафарро ташкил медиҳад ва аз шумораи умумии мақолаҳои дар сомона ҷойгиркардашуда 76,1% ба кормандони муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дахолат дорад, инчунин баъзе аз муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ то ҳол дар сомона худро ба қайд нагирифтаанд.

Дар диаграммаи навбатӣ панҷгонаи пешсафони муассисаҳои таҳсилоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар eLIBRARY.RU ба қайд гирифта шудаанд, мушоҳида намудан мумкин аст.

Диаграммаи 2. Панҷгонаи пешсафон (ҳисоби муаллифон)

Аз нишондиҳандаҳои диаграмма маълум мегардад, ки дар ҷои аввал Донишгоҳи миллии Тоҷикистон бо нишондиҳандаи хирш 1930, Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик М.С.Осимӣ 1024, Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абӯалӣ ибни Сино 772, Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров 298 ва Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон 250 нишондиҳандаро ташкил медиҳад.

Муассисаи давлатии «Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон» мақоми ҷумҳуриявии идоракунии давлатӣ буда, бо мақсади аттестатсияи давлатии кормандони илмӣ ва илмию педагогии таҳассусии олӣ таъсис дода шудааст. Аз соли 2017 сар карда кормандони соҳаи илм рисолаҳояшонро бо забони давлатӣ метавонанд дифоъ намоянд. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз соли 2009 мавриди амал қарор дорад. Бинобар ин барои боз хубтар гардидани натиҷаи корҳои илмӣ-тадқиқотӣ, ғани гардониданӣ маводҳои илмӣ бо забони давлатӣ моро зарур аст, дар қаламрави кишвар индекси иқтибосҳои илмии Тоҷикистонро

ташкил диҳем ва ин ҳамзамон метавонад ба таъмини амнияти иттилоотӣ мусоидат намояд. Инчунин ба баландбардории сатҳ ва сифати корҳои илмӣ таъсири худро мерасонад.

АДАБИЁТ

1. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» 26.01.2021.
2. Ашуров М.Н. Ҳукумати электронӣ ҳамчун консепсияи рушд ва фазои идоракунӣ//М.Н.Ашуров//Паёми молия ва иқтисод. 2021. № 4 (28). С. 141-147.
3. Чумаков Д.М. Электронное правительство как новый способ предоставления государственных услуг/ Д.М.Чумаков// журнал проблемы современной науки и образования №34 (76) 2016 стр.69-71.
4. Шамсов И.С. Электронное правительство в процессе развития информационного общества/И.С.Шамсов// Вестник Таджикского национального университета. Серия социально-экономических и общественных наук. 2016. № 2/2 (197). С. 33-37.
5. Электронный ресурс - https://elibrary.ru/defaultx.asp 05.02.2022.

УДК 32+93/94

Ҷононов С., Абдуллозода Н.А.

САТҲИ ОМӮЗИШИ СИЁСАТИ ХОРИҶИИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР АДАБИЁТИ ВАТАНӢ

Дар мақола масъалаҳои сатҳи таҳқиқи раванди ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ, марҳилаҳои ташаккул ва рушди сиёсати хориҷӣ, мушкилот ва дастовардҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар адабиёти ватанӣ ва хориҷӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Муаллиф ба таҳқиқоти донишмандони соҳа такя намуда, мушкилиҳои дохилӣ ва қадамаҳои нахустини сиёсати хориҷии ҷумҳуриро дар арсаи байналмилалӣ таҳлил намудааст. Сиёсати хориҷии Тоҷикистон бо шарикони худ ва ҳамкории муфиди тарафайн бо давлатҳои хориҷӣ, махсусан бо давлатҳои ҳамҷавор бар пояи муносибатҳои дӯстона асос меёбад. Дар марҳилаи аввали ба даст овардани истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон мушкилиҳои зиёде дар сиёсати хориҷӣ ҷой дошт, зеро ки ҷумҳуриро ба сифати давлати соҳибистиқлол аксарият давлатҳои дунё намешинохтанд. Аммо, бо шарофати истиқлолият ҳамаи ин мушкилот паси сар шуда, Тоҷикистонро ҷаҳониён ҳамчун субъекти комилҳуқуқи муносибатҳои байналхалқӣ шинохта, пешниҳодҳои глобалии онро дастгирӣ намуданд ва дар таҳкими истиқлолияти давлатии ҷумҳурӣ ёрии моддию техникӣ ва молиявию кадрии худро расониданд.

Вожаҳои калидӣ: сиёсати хориҷӣ, истиқлолият, дипломатия, муносибатҳои байналмилалӣ, иқтисод.

Джононов С., Абдуллозода Н.А.

СТЕПЕНЬ ИЗУЧЕНИЯ ВНЕШНЕЙ ПОЛИТИКИ РЕСПУБЛИКИ ТАДЖИКИСТАН В ОТЧЕСТВЕНОЙ ЛИТЕРАТУРЕ

В статье рассматриваются степень исследования процесса обретения государственной независимости, этапы становления и развития внешней политики,

проблемы и дастижения Республики Таджикистан в отечественной и зарубежной литературе. Автор опираясь на разработки ученых данной области, анализирует внутреные сложности и первые шаги внешней политики республики на мировой арене. Внешняя политика Таджикистана со своими зарубежными партнерами, особенно с соседними странами основана на дружественных отношений и взаимовыгодном сотрудничестве. На начальном этапе обретения государственной независимости во внешней политике Республики Таджикистан имело места множество сложностей. Поскольку Республику в качества независимого государство государства не знали большинства стран мира. Но, благодаря независимости все эти сложности были преодолены, и Таджикистан был признан мировым сообществом в качестве полноправного субъекта международных отношений, а его глобальные предложения были поддержаны, ему такие было оказана материально-техническая, финансово-кадровая помощь в укреплении государственнои независимоти республики.

Ключевые слова: внешняя политика, независимость, дипломатия, международные отношения, экономика.

Jononov S., Abdullozoda N.A.

LEVEL OF STUDY OF THE FOREIGN POLICY OF THE REPUBLIC OF TAJIKISTAN IN THE DOMESTIC LITERATURE

The article discusses the degree of research into the process of gaining state independence, the stages of formation and development of foreign policy, and the problems and achievements of the Republic of Tajikistan in domestic and foreign literature. Based on the developments of scientists in this field, the author analyzes the internal difficulties and the first steps of the republic's foreign policy on the world stage. The foreign policy of Tajikistan with its foreign partners, especially with neighboring countries, is based on friendly relations and mutually beneficial cooperation. At the initial stage of gaining state independence, there were many difficulties in the foreign policy of the Republic of Tajikistan. Since the Republic was an independent state, it was not known to most countries in the world. But, thanks to independence, all these difficulties were overcome, and Tajikistan was recognized by the world community as a full-fledged subject of international relations, its global proposals were supported, and it was provided with material, technical, financial, and personnel assistance in strengthening the state and independence of the republic.

Key words: foreign policy, independence, diplomacy, international relations, economy.

“Баъд аз Иҷлосияи таърихии XVI Шӯрои Олӣ дар сиёсати хориҷии мо марҳилаи нав оғоз ёфт. Ҳоло раванди ташаккули самтҳои асосии он идома дорад. Дарҳои Тоҷикистон барои ҳамкорӣ ба рӯйи ҷаҳониён боз аст” [25, с.3].

Сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба муқаррароти Конститутсия (Сарқонун), Эъломияи истиқлолияти давлатӣ, меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, риояи ҳадафҳо ва принсипҳои Созмони Милали Муттаҳид ва дигар ташкилоту созмонҳои ҷаҳонӣ асос ётфааст.

Асосҳои сиёсати хориҷии Тоҷикистон пас аз 9 сентябри соли 1991 муайян карда шудааст. Эъломия «Дар бораи истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» [9, с.175] - ро ҳамчун марҳалаи нави таърихии фаъолияти муайян намуданд. Ин санади дорои аҳамияти таърихӣ аввалин санади қонунгузорӣ дар соҳаи сиёсати хориҷӣ ба ҳисоб рафта, дар он ҳамкориҳои Тоҷикистон дар асоси принсипҳои аз ҷониби умум эътирофшудаи ҳуқуқи байналмилалӣ эълон карда шуд.

Сиёсати хориҷӣ дар муносибатҳои иҷтимоӣ ва байналмилалӣ мавқеи махсусро ишғол менамояд, ки он бо мустақилияти давлат алоқамандии зич дорад. Ҳар як ҷомеа

ҳамчун як ҷисми зиндаи иҷтимоӣ бо роҳҳои гуногун ба маҷрои сиёсат ворид шуда, вусъат меёбад [12, с.207]. Зеро ки сиёсати хориҷӣ дар таъмини истиқлолияти дохилӣ, робитаҳои беруна ва рушди тараққиёти ҷамъият муҳим арзёбӣ карда мешавад.

Эҳёи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароите шурӯъ шуд, ки рӯйдодҳои сиёсии кишвар дар солҳои 1991-1992 ва омилҳои берунае, ки онҳоро мутаҳаррик сохта буданд, ба нуфӯзи байналмилалӣ ва хусусан ба мавқеи он дар минтақа халали ҷиддӣ ворид намуда буданд. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20 апрели соли 2012 оид ба ташаккули сиёсати хориҷии ҷумҳурӣ чунин иброз намуд: «... ба иллати оғоз ёфтани ихтилофоти дохилӣ, шиддат ёфтани он ва ниҳоят, забона задану доман паҳн кардани оташи ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ, раванди шаклгирӣ ва татбиқи сиёсати хориҷии мо бо мушкилоти зиёди мухталиф рӯ ба рӯ шуд» [30, с.10]. Сиёсати навбунёди хориҷӣ ва дипломатия мебоист амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистонро таъмин намуда, истиқлолияти давлатиро мустаҳкам ва ба ҷаҳониён муаррифӣ менамуд. Барои дуруст роҳандозӣ намудани сиёсати хориҷии давлат сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронии худ дар иҷлосияи XVIII Шӯрои Олии Тоҷикистон (моҳи декабри соли 1993) дар бораи зарурати таҳияи Консепсияи сиёсати хориҷии давлат ибрози андеша намуда, панҷ минтақаи манфиатҳои Тоҷикистонро муайян намуд: Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Осиёи Марказӣ, кишварҳои форсизабони ҳамсоя, кишварҳои исломии Шарқ ва ҷомеаи ҷаҳонӣ.

Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи нисбатан кӯтоҳи ороми вазъи дохилии сиёсии охири соли 1991 ва аввали соли 1992 аз ҷониби зиёда аз 83 давлат, аз ҷумла давлатҳои пешсаф – Иёлоти Муттаҳидаи Америка, Британияи Кабир ва Федератсияи Россия расман эътироф карда шуд. Намояндагиҳои Ҷумҳурии Исломии Эрон, Ҷумҳурии Франсия, Ҷумҳурии Халқии Хитой, Ҷумҳурии Федералии Олмон, Ҷумҳурии Туркия ва ғайра [17, с.90-92] ба ҷумҳурии мо сафари расмӣ намуда, кори намояндагии худро оғоз бахшиданд [23].

Дипломатияи тоҷик дар даврони Истиқлол дар ҳаллу фасли муҳимтарин масъалаҳои ҳаёти иҷтимоӣ-сиёсии ҷумҳурӣ – бартараф кардани низои дохилӣ тавассути ҷараён додани гӯфтушунид бо мухолифин, аз байн бурдани оқибатҳои ҷанги шаҳрвандӣ бо иштироки ҷомеаи ҷаҳонӣ, рушду тавсеа бахшидан ба ҳамкориҳои иқтисодӣ бо ҳамёрони хориҷӣ, ҷалби сармояи берунӣ ба лоиҳаҳои гуногуни кишвар нақши муассир дошт [31, с.9].

Аз ин лиҳоз, дар як муддати кӯтоҳе Тоҷикистонро созмонҳои бонфӯзи байналмилалӣ пазируфта, бо аксари мамлакатҳои дунё робитаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангӣ барпо намуд. Бо ҳамин хотир, соли 1992 бо сафоратхонаҳои Тоҷикистон дар кишварҳои Афғонистон, Эрон, Покистон, Белгия, Арабистони Саудӣ, Чин, Ҷумҳурии Туркия, Штатҳои Муттаҳидаи Америка, Ҷумҳурии Федеративии Олмон ва Консулгарии генералӣ дар пойтахти Ҷумҳурии Ҳиндустон шаҳри Деҳлӣ таъсис дода шуданд. Инчунин, Тоҷикистон ба узвияти Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо (1994), Созмони Милали Муттаҳид (2 марти 1992), Хазинаи байналмилалии асъор (ХБА), Бонки Аврупоии Таҷдид ва Рушд пазируфта шуд.

Аъзои фаъоли ин созмонҳои байналмилалӣ будани Ҷумҳурии Тоҷикистон муфид ба ҳисоб рафта, барои минбаъд нигоҳ доштану густариши ҳамкориҳоро дар доираи ин созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ ёрӣ расонид. Узвияти Тоҷикистон дар созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ ҳалли вазифаҳои зеринро дар бар мегирад:

-рушди сифатан нави идоракунии иқтисод, ташаккули муносибатҳои бозории иқтисодиёт, ташкили шароити муосир барои рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ.

-афзоиши бемайлони муомилоти воридоту содирот, такмили ҳамкорӣ дар соҳаҳои илмию техникӣ, сиёсӣ ва истеҳсолию технологӣ [18, с.3].

Дар шаҳри Душанбе кушодашавии сафоратҳои давлатҳои Эрон (8 январи 1992), ҶХХ (13 марти 1992), ИМА (16 марти 1992), Туркия (22 марти 1992), Федератсияи Россия

(4 май, 1992) ва Покистон (6 июни соли 1992) барои мустаҳкамкунии Истиқлоли давлатӣ хеле муҳим буд [7, с.11].

Дар сиёсати хориҷии Ҷуҳурии Тоҷикистон марҳилаи нав пас аз Иҷлосияи таърихии XVI дар шаҳри Хуҷанд оғоз гардида, ҳадафи асосии сиёсати нави хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистони соҳибихтиёр ва соҳибистиқлол 19 ноябри соли 1992 аз тарафи Раиси Шурои Олии Ҷумҳури Эмомалӣ Раҳмон дар аввалин «Муроҷиатнома ба халқи Тоҷикистон» эълон гардид, ки аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ ба хушӣ пазируфта шуд ва дастгирӣ ёфт. Он масъалаҳо аз рӯи тартибе, ки дар Муроҷиатномаи номбурда омадаанд, чунинанд:

1. Ворид шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҷомеаи ҷаҳонӣ;
2. Барпо кардани муносибатҳои дипломатӣ бо ҳамаи мамлакатҳое, ки мехоҳанд бо Тоҷикистон дар асоси баробарҳуқуқӣ ва муносибатҳои муфиди тарафайн ҳамкорӣ кунанд;
3. Омодагии Тоҷикистон барои аъзо шудан ба созмонҳои байналмилалӣ;
4. Мустаҳкам кардан ва боз ҳам инкишоф додани алоқаҳои неки ҳамсоягӣ ва ҳамкории ҳамаҷониба бо Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, пеш аз ҳама бо Федератсияи Россия, ҷумҳурҳои Ӯзбекистон, Қазоқистон, Қирғизистон ва Туркманистон;
5. Дар асоси принсипи баробарӣ ба роҳ мондани ҳамкории тарафайни судманд, ки кишварҳои хориҷӣ эътироф намудаанд, даҳолат накардан ба корҳои дохилии якдигар, барпо намудани муносибат бо ҳамаи мамлакатҳои ҷаҳон, аз ҷумла бо Ҷумҳурии Исломии Эрон, Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, Ҷумҳурии Исломии Покистон, Ҷумҳурии Халқии Хитой ва давлатҳои дигари Осиёву Африқо ва Аврупою Амрико;
6. Ёфтани ҷойгоҳи муносиби худ дар ҷомеаи ҷаҳонӣ [35, с.8].

Рушди босуръати сиёсати хориҷии Тоҷикистон, инчунин муваффақиятҳоеро, ки кишвари мо ба даст овардааст, ба ибтидои соли 1993 нисбат додан мумкин аст, зеро онҳо бо мушаххасоти бузург фаро гирифта ва бо корҳои воқеию далелҳо тасдиқ шудаанд.

Дар даҳаи аввали асри 21 шумораи донишмандоне, ки оид ба таърихи фаъолияти сиёсати хориҷии давлат таҳқиқот мебурданд, ба таври назаррас афзоиш ёфт. Пас аз соли 1998 дар таърихнигории ватанӣ оид ба сиёсати хориҷии Тоҷикистон ва муайян намудани марҳилаҳои рушди он як қатор таҳқиқотҳои ҷиддӣ ба анҷом расонида шуданд.

Мутобиқати нави геополитикии ҷаҳонӣ дар баробари мушкилоти иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсӣ боиси бисёр хатарҳои гуногун гардидааст, ки баррасии онҳо аз ҷониби давлатҳои алоҳида аҳамияти хоса пайдо кардааст. Самти сиёсати давлатиро муносибатҳои байнидавлатӣ, иштирок дар фаъолияти созмонҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ ташкил медиҳанд, ки онҳо муҳимтарин ва мураккабтарин механизми ташаккули муносибатҳои байналмилалӣ ба ҳисоб мераванд.

Тоҷикистонро бо баъзе аз минтақаҳо манфиатҳои сиёсиву иқтисодӣ ва бо дигараш умумияти фарҳангӣ, забон, таърих, дин ва ғайра пайваст мегардонад. Дар маҷмуъ равобити мухталифи Тоҷикистон бо кишварҳои минтақа ва ҷаҳон ба пешрафти иҷтимоиву иқтисодӣ ва рушди ҷомеа асар мегузорад.

Аз ҷумла, дар Эъломияи Истиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд карда мешавад, ки «Тоҷикистон бо давлатҳои хориҷӣ бевосита робита дошта, бо онҳо созишномаҳои гуногуни сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва илмию техникӣ ба имзо расонида, муносибатҳои байни намояндагиҳои дипломатӣ, консулӣ ва тиҷоратиро барқарор менамояд ва дар фаъолияти созмонҳои муҳими байналмилалӣ иштирок менамояд» [10, с.47].

Дар ташаккул ва рушди сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистони соҳибистиқлол саҳми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва асарҳо, паёмҳо, мақолаҳо, маърӯзаҳо, суханрониҳо ва мусоҳибаҳояшон дар ВАО-и Тоҷикистон ва кишварҳои хориҷии дуру наздик самтҳои асосии сиёсати хориҷиро муайян намуда, дар маҷмӯъ илми сиёсии Тоҷикистонро ғанӣ гардониданд [36, с.20]. Сарвари давлат ҳифзи манфиатҳои миллии кишварро ҳамчун мақсади ниҳоии сиёсати хориҷӣ муайян кардааст [28, с.10].

Дар таърихнигории сиёсати хориҷии тоҷик асарҳои Т. Н. Назаров, Р. М. Масов, М. Маликов, Ҳ. Зарифӣ, А. Шарифов, С. Шамсиддинов, С. Сафаров, В. В. Дубовицкий, М. Наимов, С. Ш. Султонова [13], ва дигарон ба таҳқиқи сиёсати хориҷӣ ва ҷанбаҳои гуногуни шарикии Тоҷикистон бо кишварҳои хориҷи дуру наздик бахшида шудааст.

Федератсияи Россия шарики калиди барои ҷумҳурии мо ҳисоб меравад. Федератсияи Россия ба инкишофи сиёсатии хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон таваҷҷуҳи зиёд додааст, ки ин шаҳодати нақши борризи он дар сиёсати хориҷии мамлакат мебошад. Аз соли 1860 империяи Россия забти ҳудуди Осиёи Миёнаро оғоз намуд. Инқилоби Октябри соли 1917 дар ин сарзамин тағйироти куллӣ ба амал овард. Хусусияти ин даврараро олимону тадқиқотчиён то ин замон омӯхтаанд [14]. П. Д. Шоазимов [32] қайд менамояд, ки он замон маҳз ояндаи ин давлатҳо дар тарҳи равандҳои шаклдигаркунии даврааи муосир асоснок карда шуда буд. Қобили зикр аст, ки дар пажӯҳишҳои олимони тоҷик ба роҳандозӣ ва ташаккули робитаҳои беруна дар муносибатҳои Тоҷикистону Россия таваҷҷуҳи зиёд зоҳир мегардад. Мувофиқи маълумоти А.Н. Муҳаммад унсури муҳими низоми амнияти умумии минтақаи Осиёи Марказӣ пойгоҳи низомии 201-ум мебошад, ки дар ҳудуди Тоҷикистон дар асоси Созишномаи байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Федератсияи Россия ҷойгир карда шудааст [15].

Таҳқиқот ва асарҳои сершумори донишмандони соаҳаҳои гуногун, аз ҷумла В. В. Дубовитский ба муносибатҳои Тоҷикистону Россия бахшида шудааст. Дар асарҳои онҳо ба таври боварибахш асоснок карда шудааст, ки муносибатҳои Тоҷикистону Россия дар даврааи воқеаҳои таърихие, ки дар давоми солҳои 1992-1997 ҷой доштанд, намунаи қадрдонӣ аст [8].

Дигар созмони муҳиме, ки дар замони муосир барои давлатҳои минтақа ва ҷаҳони оянда нақши калидиро доро мебошад, ин Созмони Ҳамкории Шанхай (СҲШ) ба ҳисоб меравад, ки он дурнамои бузургеро барои оянда дар назди худ гузоштааст. Чунки шумораи зиёди давлатҳои минтақа бо ин созмон ё ҳамчун аъзо ва ё дар асоси шарикии муколама ё нозирон ҳамкорӣ менамоянд. Сарфи назар аз ихтилофҳои дар созмон мавҷуд буда, дар байни субъектҳои байниминтақавӣ дар минтақаи Осиёи Марказӣ, маҳз СҲШ метавонад дар оянда кафили амнияти минтақавӣ бошад, зеро ки ин созмонро ду қудрат – Федератсияи Россия ва Ҷумҳурии Халқии Хитой дастгирӣ мекунанд, ки бештар ба ҳифзи субот дар минтақа манфиатдоранд. Ҳамон тавре ки муаррих ва сиёсатшиносӣ рус Гаджиев К.С. қад менамояд: «СҲШ консепсияи нави амниятиро муҳофизат мекунад, принсипҳои амнияти умумиро дастгирӣ мекунад, ворид нашудан ба иттифоқҳо, муқовимат, самтҳои муқовимат бо кишварҳои сеюмро риоя мекунад» [5, с.271].

Дар ҳар як ҷаласа ва саммити кишварҳои узви СҲШ бо қабули як қатор қарорҳои созанда оид ба мушкилоти мухталифи минтақа равона карда мешавад. Барои мисол соли 1998 дар Алма-Ато[1, с.67-68] дар бораи идомаи мулоқотҳои васеъ оид ба масъалаҳои амният дар минтақа ва дар маҷмӯъ Осиё, танзими ҳамкориҳои густурда дар заминаи дарозмуддат, ки дар таҳкими эътимоди мутақобила, дӯстӣ ва ҳамсоягии нек байни давлатҳои аъзо, ҳавасмандгардонии ҳамкории судманди байни онҳо дар соҳаҳои сиёсат, иқтисодиёт, савдо, илм, техника, фарҳанг, маориф, энергетика, нақлиёт, экология, ҳифз ва таъмини сулҳ, амният, суботи минтақавӣ ва дигар соҳаҳо муҳим мебошад, аҳд баста шуд. Барои таҳкими ҳамкорӣ дар самтҳои мубориза бо терроризм, сепаратизм, ифротгароии динӣ, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, қочоқи аслиҳа, ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ, инчунин муҳоҷирати ғайриқонунӣ ва дигар чолишҳо ва таҳдидҳои глобалӣ чораҳо андешида шуд.

Доир ба фаъолият ва нақши 20 солаи СҲШ сиёсатшинос ва донишманди тоҷик А. Искандаров андешаҳою тавсияҳои ҷолиб пешниҳод карда шудааст. Аз ҷумла нақши Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ташаккули низомию сиёсӣ, тиҷоратӣ-иқтисодӣ ва фарҳангию гуманитарӣ, дурнамои рушди инкишофи минбаъдаи Созмон ва такмили минбаъдаи фаъолияти СҲШ муҳим арзёби карда мешавад. Муаллиф қайд менамояд, дар таъсиси ин

созмон, асосан «панҷгонаи Шанхай»- Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Мардумии Чин, Ҷумҳурии Қирғизистон ва Федератсияи Россия нақши калидӣ доштанд [1, с.10-15].

Сиёсати хориҷии Тоҷикистон аз марҳилаи ташаккулёбӣ бомуваффақият гузашта, ҷузъи таркибии сиёсати давлатӣ дар давраи нави таърихӣ гардида, шароити геополитикӣ ба ворид шудани кишвар ба ҷомеаи ҷаҳонӣ бомуваффақият мусоидат намуд. Хусусияти хоси таърихнигории сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 90-ум ва ҳатто даҳаи аввали асри XXI дар он аст, ки дар он асосан сиёсатшиносон ва ҳуқуқшиносон корҳои назарраси илмиро анҷом доданд. Дар баробари ин асарҳои зиёди донишмандон ба масъалаҳои фалсафии ташаккули сиёсати берунии Тоҷикистон бахшида шудаанд.

Аз пажуҳишҳое, ки дар ин самт анҷом дода шудааст, ба хулосае омадан мумкин аст, ки мақсади асосии таҳқиқи мавзӯи мавриди баррасӣ ин равшан намудани яке аз саҳифаҳои муҳими таърихи нави сиёсии Тоҷикистон мебошад. Густариши муносибатҳои дӯстона, ҳамкорӣ ва ҳамгироӣ бо дигар кишварҳои узви ИДМ дар оянда низ яке аз афзалиятҳои устувор ва муҳими сиёсати хориҷии Тоҷикистон боқӣ хоҳад монд [21, с.94].

Дар байни тамоми ҷумҳуриятҳои Осиёи Миёна ҳамкории Қазоқистону Тоҷикистон нақши ҳамкории беҳтарин демократитарин ба шумор меравад. Ба ин сатҳи муносибатҳо сафарҳои чандинкаратаи расмӣ ва ғайрирасмии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Ҷумҳурии Қазоқистон, иштироки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар Форуми Шанхай (шаҳри Душанбе, 2000) ва дигар чорабиниҳо, ки дар доираи Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардиданд ва муносибатҳои дутарафа ва бисёртарафа, ба инкишофи муносибатҳои дӯстона ва пурсамари тарафайн мусоидат намудаанд.

Аз ҷумла А. Н. Шарипов дар рисолаи номзадиаш ба муносибатҳои дипломатӣ, тиҷоратӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии Тоҷикистону Қазоқистон диққат дода, омӯзиши масъалаи пайдоиш, ташаккул ва рушди муносибатҳои Тоҷикистону Қазоқистонро яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи замони истиқлолият ҳисобидааст [34]. Муаллиф ба иштироки Қазоқистон дар ҳалли муноқишаи байни тоҷикон таваҷҷуҳи хосса додааст. Тибқи гуфтаи ӯ, дар марҳалаи сеюм (солҳои 2001-2006) муносибатҳои Тоҷикистону Қазоқистон ба сатҳи нави сифатӣ – шарикии васеъ ва ҳамкориҳо расидаанд ва ҳанӯз соли 2000 Қазоқистон ба яке аз шарикони аслии тиҷоративу иқтисодии Тоҷикистон табдил ёфта буд. Феълан бештари маҳсулоти ғизоӣ, бахусус орд ва гандум аз Ҷумҳурии Қазоқистон ба Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид карда мешавад, ки ин саҳми муҳим дар татбиқи Барномаи амнияти озуқавории кишвар ва таъмини суботи сиёсӣ ба ҳисоб меравад.

Дар доираи ИДМ миёни Тоҷикистон ва Ӯзбекистон як қатор созишномаҳо оид ба ҳамкорӣ қабул шудаанд, ки бешубҳа, барои таҳкими минбаъдаи муносибатҳои дуҷониба дар соҳаҳои сиёсат, тиҷорат, иқтисод, фарҳанг ва ғайра заминаи устувори ҳуқуқӣ фароҳам меорад. Бояд тазаккур дод, ки Тоҷикистон бо дар назардошти дурнамои рушди иқтисодӣ, мавқеъи ҷуғрофию геополитикии худ, инчунин решаҳои муштарак ва робитаҳои таърихии байни халқҳои ду кишвари ҳамсояро ба назар гирифта, дар доираи васеи ҳамкориҳои мутақобилан судманд бо Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба рушду тавсеаи минбаъдаи он таваҷҷуҳи доимӣ зоҳир менамояд.

Донишманди дигар тоҷик Ф. Т. Бобозод рисолаи номзадии худро ба омӯзиши муносибатҳои Тоҷикистону Ӯзбекистон бахшида, аҳамияти муносибатҳои Тоҷикистону Ӯзбекистонро дар таҳкими амнияти сиёсии минтақа махсус таъқид кардааст [3]. Ӯзбекистон ба Тоҷикистон ҳанӯз дар солҳои Ҳокимияти Шӯравӣ муносибатҳои неки ҳамсоягӣ доштанд. Ба ақидаи баъзе сиёсатшиносон, Ӯзбекистон дар истиқрори сохти конститутсионӣ дар Тоҷикистон саҳми арзанда дорад.

Муносибатҳои Тоҷикистон бо кишвари дигари ҳамсоя ва узви ИДМ – Ҷумҳурии Қирғизистон низ аҳамияти бузург доранд. Дар чаҳорчӯби ин равобити дуҷониба масъалаи марз муҳим арзёбӣ карда мешавад, ки ҳали оқилонаи масъалаи марзӣ бо Қирғизистон барои Тоҷикистон аҳамияти хоса пайдо намудааст. Рушди муносибатҳо дар самтҳои

афзалиятноки гуногун, аз ҷумла такмил ва таҳкими равандҳои демократӣ ва истиқлолияти воқеӣ аҳамияти муҳим доранд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкориҳои сиёсӣ ва иқтисодии худро бо Туркманистон, ки дар ҷараёни гӯфтушунидҳои мутақобила сурат мегирад, инкишоф медиҳад. Бо вуҷуди он ки миёни Тоҷикистону Туркманистон низоми раводид вуҷуд дорад, дар бисёре аз бахшҳо равобити мутақобилан судманд барқарор шудааст, аз ҷумла созишномаи дуҷониба миёни Тоҷикистону Туркманистон дар мавриди интиқоли маводи сӯхт, аз қабили бензин, мазут ва ғайра баста шудааст [16, с.237].

Сиёсати хориҷие ба рушди кишвар бояд мусоидат намояд, зеро дар ин самт содир кардани хатои хурд метавонад боиси мушкилоти иқтисодӣ ва фалаҷ шудани дигар соҳаҳои ҳаёти ҷомеа гардад. Тоҷикистонро низ зарур аст, ки бо кишварҳои пешрафтаи ҷаҳон ва созмонҳои муҳими байналмилалӣ дар бахшҳои мухталифи ҳаёти ҷомеа равобити хориҷии хешро рушд диҳад.

Ҷумҳурии Исломии Эрон дар таърихи навини Тоҷикистон ҷойгоҳи муҳимро ишғол менамояд. Эрон аввалин давлатест, ки Истиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистонро ба расмият шинохт. Мақолаҳои зиёди олимони тоҷику эронӣ ва рус ба равобити Тоҷикистону Эрон бахшида шудаанд. Муносибатҳои Тоҷикистону Эрон дар пажӯҳиши профессор Н. М. Мирзоев мавриди таваҷҷӯҳи махсус қарор гирифтааст. Бархе аз ҷанбаҳои ҳамкориҳои Тоҷикистону Эрон дар рисолаҳои Ҳ. Аббосиён, М. Маҳмудӣ, М. Малекиён, Ҳ. Қазозӣ ва А.Т.Рофиӣ баррасӣ шудааст [29].

Ҷумҳурии Халқии Хитой дар таъмини суботи иқтисодиву иҷтимоӣ, низомӣ ва сиёсии Тоҷикистон нақши калидӣ бозида, равобити Душанбеву Пекин асосан бар асоси муомилоти гуногун сурат мегирад. Масалан, ба гуфтаи коршиносон, дар зарфи ду сол ҳаҷми муомилоти мол миёни Тоҷикистону Хитой аз 2 миллиард доллари амрикоӣ боло буд. Ин формати ҳамкорӣ, ки аз замони соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон идома дорад, на танҳо ба манфиатҳои ду ҷониб мувофиқат мекунад, балки ба истиқрори манофеъи амнияти устувор ва рушди минтақа низ мусоидат менамояд. Дар чаҳорчӯби ин ҳамкорӣ мулоқотҳои мунтазами намояндагони ду кишвар баргузор мешавад. Аз ҷумла, 15 сентябр Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳошияи ҷаласаи Шурои сарони давлатҳои аъзои Созмони ҳамкории Шанхай дар шаҳри Самарқанди Ҷумҳурии Ӯзбекистон бо Раиси Ҷумҳурии Халқии Хитой муҳтарам Си Ҷинпин мулоқот намуданд. Раиси Ҷумҳурии Халқии Хитой муҳтарам Си Ҷинпин изҳор доштанд, ки ҷониби Хитой нигаронии Тоҷикистонро оид ба вазъи Афғонистон ва мушкилоти минтақавии вобаста ба онро ба хубӣ дарк менамояд ва омодаи идомаи ҳамкориҳои зич дар арсаи амниятӣ ва таҳкими ҳифзи сарҳад бо ин кишвари ҳамсоя мебошад [22].

Рисолаи номзадии Ш. Ш. Шарифов ба таҷрибаи ҳамкориҳои тиҷоратию иқтисодӣ, илмию техникӣ, фарҳангӣ ва таҳсилотии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Халқии Хитой аз замони барпошавии муносибатҳои дипломатӣ байни онҳо бахшида шудааст [34].

Дар мақолаи Х.Умаров «Дар бораи баъзе проблемахои муносибатхои иктисодии Хитой ва Тоҷикистон дар марҳалаи ҳозира» [27, с.23-24], ҳамкории тиҷоратию иқтисодии хар ду давлат таҳлил намудааст. Ӯ пешниҳод менамояд, ки равобити тиҷории Тоҷикистону Хитой ба ислоҳот ниёз дорад. Дар сохтори воридот аз Хитой ҳиссаи мошинаҳои нав ва технологияи хурди саноатиро хеле зиёд кардан лозим аст.

Р. Қ. Алимов [2] дар рисолаи доктории худ, «Шарикии стратегии Тоҷикистон ва Хитой: ҷанбаҳои байналхалқии сиёсӣ, иқтисодӣ ва башардӯстона», маҷмӯи муносибатҳои байнидавлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Халқии Хитой мебошад, ки дар он муносибатҳои сиёсӣ, робитаҳои дипломатӣ, тиҷоратӣ, иқтисодӣ ва гуманитарӣ мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд, ки заминаи шартномавӣ ва ҳуқуқии муносибатҳои байни онҳоро ташкил медиҳанд.

Туркия пас аз Ҷумҳурии Исломии Эрон ва Федератсияи Россия сеюмин кишваре буд, ки Истиқлоли Тоҷикистонро ба расмият шинохт. Моҳи январи соли 1992 миёни ду кишвар муносибатҳои дипломатӣ барпо шуданд. Дар омӯзиши муносибатҳои Тоҷикистону Туркия сиёсатмадори тоҷик Ш. М. Султонов саҳм гузоштааст. Дар нашрияҳояш нисбат ба нақши Туркия дар Осиёи Миёна диққати махсус дода мешавад [24, с.23-47]. Муаллиф таъқид мекунад, ки Туркия дар сиёсати худ нисбат ба давлатҳои Осиёи Миёна таваҷҷуҳи хосса зоҳир менамояд.

Ба андешаи Б. Ғафуров таърихи тоҷикон, мисли ҳамаи халқҳои Осиёи Миёна, бо таърихи бисёр халқҳои шарқи хориҷӣ, қабл аз ҳама, Ҳиндустон, Покистон, Афғонистон, кишварҳои араб ва як қатор давлатҳои дигар алоқаманд аст [6, с.7]. Ҳиндуҳо алоқаи сиёсиву иқтисодӣ ва фарҳангии худро ҳанӯз аз замонҳои қадим ва асрҳои миёна бо мардуми Осиё Миёна ташаккул ёфтаанд. Забони форсӣ ва адабиёти аҷдодони мо дар Ҳиндустон васеъ паҳн гардида, дар муддати садсолаҳо забони расмии дарбор ва коргузории давлатӣ буд. Шарқшиноси англис К. Э. Босворт зикр намудааст, ки агарчи дар сари тахти ин давлат гоҳе турк ва гоҳе афғон ва гоҳи дигар ҳинду нишаста бошад ҳам, вале сохти давлатдории эшон ҳамеша форсӣ-тоҷикӣ буд [4, с.331].

Тавре ки дар рисолаи номзадии С. Н. Суфиев зикр гардидааст, ки аз соли 1992 Ҷумҳурии Ҳиндустон Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистонро эътироф карда, 28 августи ҳамон сол байни кишварҳо муносибатҳои дипломатӣ барпо гардид. Тавре дар Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон омадааст: Ҷумҳурии Тоҷикистон, бо дарназардошти нақшу таъсири Ҷумҳурии Ҳиндустон дар минтақа ва ҷаҳон, равобити бисёрасраи таърихиву фарҳангии халқи тоҷик бо мардуми Ҳиндустон, инчунин, имкониятҳои васеи иқтисодиву фановарии он, ҳамкориҳои гуногунҷанбаро бо ин кишвар густаришу таҳким хоҳад дод [11, с.5-7].

Байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҷумҳурии Исломии Покистон бошад, муносибатҳои дипломатӣ ҳанӯз 6 июни соли 1992 барқарор гардида буд. Аҳамияти омӯзиши ҳамкориҳои илмӣ-адабӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Ҳиндустон ва Ҷумҳурии Исломии Покистон инчунин дар ҷанбаҳои зерин ифода меёбад:

1) истифодаи имкониятҳои технологии Ҳиндустон дар рушди бахши технологияи иттилоотӣ ва барномасозии Тоҷикистон;

2) мустаҳкам кардани ҳамкориҳо дар самти маориф ва илм ба хотири мубодилаи донишҷӯён, коромӯзон ва унвонҷӯён, ташкили таҷибаомӯзиҳои забонӣ миёни муҳассилини кишварҳо ва татбиқи барномаҳои ҳунарӣ ва фарҳангӣ;

3) истифодаи майдони минтақавии ҳамкорӣ (дар доираи Созмони Ҳамкории Шанхай) ҷиҳати тақвияти ҳамкориҳои фарҳангӣ, илмӣ ва адабӣ;

4) зарурати рушди ҳамкориҳо бо Ҷумҳурии Исломии Покистон бо истифода аз қолабҳои дуҷониба, Созмони ҳамкории иқтисодӣ, СҲШ, фарҳангӣ-тамаддунӣ - Созмони Ҳамкории Исломӣ ва байналхалқӣ; [25, с.6-7]

Дастоварди бузурги Тоҷикистон дар сиёсати хориҷӣ ин изҳороти Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар соли 2003 дар бораи сиёсати «Дарҳои кушода» мебошад [36, с.25]. Дар сиёсати хориҷӣ ин роҳро пеш гирифтан чунин маъно дорад, ки ҷумҳурӣ ба ҳамаи давлатҳое, ки мехоҳанд бо он дар асоси баробарҳуқуқӣ, дахолат накардан ба корҳои якдигар, эҳтироми соҳибихтиёрӣ, ҳамкории тарафайни фоидабахш ва дӯстона дошта бошанд, омода аст муносибатҳои дипломатӣ барпо намояд [19, с.30].

Ҳамин тариқ, таҳқиқотҳои гуногун нишон медиҳанд, ки принсипҳои асосии сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳифз ва таҳкими соҳибихтиёрии давлат, таъмини амнияти миллӣ, ва барпо намудани муносибатҳои неки ҳамсоягӣ дар марзҳо ба ҳисоб меравад. Дар мавриди ангезаҳои асосии бастани созишномаҳои дуҷониба дар байни Ҷумҳурии Тоҷикистон ва кишварҳои Осиё ва Аврупо ҳаминро бояд гуфт, ки ҳадафи асосии онҳо

фароҳам овардани заминаи мусоид барои рушди устувори иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии давлат, болоравии сатҳи зиндагии мардуми кишвар мебошад.

Барои ҳамагон маълум аст, ки ҳадафи асосии сиёсати давлатӣ дар ниҳояти кор ин ҳимоя ва таъмини манфиатҳои аст. Аз ин лиҳоз, маҳорати олии сиёсӣ дар арсаи ҷаҳонӣ ин пайдо намудани тавозуни оқилона ва одилона барои ҳимояи манфиатҳои давлатҳои гуногун ҳисобида мешавад [26, с.17-20]. Ҳамин тариқ, дар асоси таҳлили адабиёти мавҷуда ва таҷрибаи ҳамкориҳо метавон гуфт, ки имрӯз сиёсати хориҷӣ яке аз самтҳои бобарори фаъолияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад [28, с.10].

Дар давоми 31 сол Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун иштирокчии комилҳуқуқи муносибатҳои байналмилалӣ мустақилона ва пайгирона сиёсати хориҷии худро амалӣ гардонида, робитаҳои худро бо давлатҳои мухталифи абарқудрати ҷаҳонӣ дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ тибқи талаботи оинномаҳои мавҷуда ва дар асоси принсипҳои ҳуқуқи байналмилалӣ рушд медиҳад. Тавре ки дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» омадааст: «Умуман, бояд гуфт, ки расидан ба сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ ва бо ҳамин роҳ аз хатари нобудӣ наҷот додани давлати тоҷикон ва аз парокандагӣ эмин нигоҳ доштани миллати тоҷик дастоварди бузургтарини таърихии мо дар замони соҳибистиқлолӣ мебошад, ки ба он маҳз ба шарофати дастгириву пуштибонии самимонаи мардуми шарифи Тоҷикистон муваффақ гардидем»[20].

АДАБИЁТ

1. Акбаршо Искандаров. Шанхайская Организация Сотрудничества – гарант безопасности и стабильности Евразия. Душанбе, 2021.,- С.247
2. Алимов Р.К. Стратегическое партнёрство Таджикистана и Китая: международно-политические, экономические и гуманитарные измерения: автореф. Дис. доктора полит. наук. М., 2014.
3. Бобозода Ф.Т. История становления и развития взаимоотношений Таджикистана и Узбекистана в период независимости: автореф. дис… канд.ист. наук. Душанбе, 2016; Хаитпур Р.А. Отображение развития таджикско-узбекских взаимоотношений в печати периода независимости: автореф. Дис.канд. ист. наук. Душанбе, 2016.
4. Bosworth C. E. The Ghaznavids, their empire in Afganistan and Eastern Iran 994-1040. – Edinburgh, 1963. – P.331
5. Гаджиев К. С. Геополитика. М.; Международные отношения, 1997. – С. 271
6. Ғафуров, Б. Тоҷикон: Таърихи қадимтарин, қадим, асрҳои миёна ва давраи нав. [Матн] / Б. Ғафуров. –Душанбе: 2008. – С. 7.
7. Дипломатияи Тоҷикистон: дирӯз ва имрӯз. Дар ду ҷилд. Ҷилди 1. (Зери назари Ҳамрохон Зарифӣ) Силсила: Сиёсати хориҷии Тоҷикистон. Душанбе: «Ирфон», 2009. – С. 11
8. Дубовицкий В.В. Таджикистан и таджики в геополитической системе России // Место Таджикистана в новом международном порядке: материалы 2-ой международной научно-практической конференции. Душанбе: ПРООН. НАПТ, 1997. 341с
9. Заявление о государственной независимости Республики Таджикистан// Дипломатия Таджикистана. Информационный бюллетень. №2. 2002.– С.175
10. Имомов А. Соњибихтиёрии халќ дар Љумњурии Тољикистон. // Давлат ва њуќуќ. 1996. №1. –С. 47.
11. Консепсияи сиёсати хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон. Бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 январи соли 2015, №332 тасдиқ шудааст. [Манбаи электронӣ] URL:http://mfa.tj/ ?l=tj&cat= 109&art=1072. (санаи мурочиат 20.11.2017)//.Суфиев С.Н. Диссертатсия барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих. Ҳамкориҳои илмӣ-

адабӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Ҳиндустон ва Ҷумҳурии Исломии Покистон (охири асри хх - ибтидои асри ххі.). Кулоб, 2021.,- С. 5-7
12. Лебедева М.М. Мировая политика и международные отношения: ключевые слова и понятия / под общ. ред. М.М. Лебедевой, С.В. Устинкина; МГИМО(У) МИД РФ; Нижегородский гос. ун-т им. Н.И. Лобачевского. – М.: Н. Новгород, 2000. – С207
13. Масов Р.М. Россия в исторических судьбах таджикского народа. Душанбе, 1998; Наимов М. Сатторов А. Из истории российско-таджикских экономических взаимоотношений (1917-1990 гг.). Душанбе, 2004. 189 с.
14. Масов Р.М. Таджики: история национальной трагедии. Душанбе, Ирфон, 2008.
15. Махмадов А.Н. Факторы Евразийской интеграции Таджикистана и проблемы безопасности / философии, политологии и права им. А.Баховаддинова АН РТ №4/2015
16. Мамадазимов А. Политическая история таджикского народа. – Душанбе, 2000. – С. 237.
17. Назаров Т.,Сатторзода А. Дипломатияи муосири тоҷик. (Ба шарафи 15-умин солгарди истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон) Душанбе, “Ирфон” 2006.– С.224
18. Назаров Т.Н. Таджикистан: экономика, политика, международное сотрудничество. – Душанбе, 2001. -С. 3.
19. Н. Зовидӣ, В. Ниятбеков, А. Камолов. 25 Одам дар пайи олам. Душанбе: Ирфон, 2016. - С.30
20. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ». ш.Душанбе, 21.12.2021. http://www.president.tj/node/27417.
21. Раҳмонов Э. Истиқлолияти Тоҷикистон ва эҳёи миллат.ҷ. 4. – С. 94.
22. Сомонаи расмии Президенти Ҷумҳурии Ҷоҷикистон. Мулоқот бо Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин Си Ҷинпин, 15.09.2022, Узбекистон. [Манбаи электронӣ] URL:http://president.tj/node/29127.
23. Саидов З. Межгосударственные отношения в двухстороннем формате. Душанбе. “Авасто”, 2001
24. Султанов Ш.М. Геостратегия Турции в регионе Центральной Азии: провал политики пантюркизма и уроки экономического прагматизма // Экономика и управление: проблемы, решения. 2017. №9. С.39-44; Его же. Взаимодействие Республики Таджикистан с Турецкой Республикой и центрально азиатскими странами // Азия и Африка сегодня. 2006. №9.– С.23-47.
25. Суфиев С.Н. Диссертатсия. Ҳамкориҳои илмӣ-адабӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Ҷумҳурии Ҳиндустон ва Ҷумҳурии Исломии Покистон (охири асри хх - ибтидои асри ххі. Кулоб, 2021.,- с. 6-7
26. Сайидов З.Ш. Республика Таджикистан на межгосударственной арене до и после объявления политики «открытых дверей». – Душанбе: 2015. – С. 17-20
27. Умаров Х.У. О некоторых проблемах экономических отношений между КНР и Республикой Таджикистан на современном этапе // Таджикистан и современный мир. Душанбе: ЦСИ при Президенте РТ, 2006. №3. – С.23-34.
28. Фаслномаи Вазорати корҳои хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон. “Сиёсати хориҷӣ: маҷаллаи илмиву назариявӣ ва иттилоотӣ” (Сармуҳаррир-Ҳамрохон Зарифӣ) № 1, ш.Душанбе-2011– С. 204
29. Хома Аббасиан. Ирано-таджикские отношения в 1991-2005 гг.: автореф. Дис.канд. ист. наук. Душанбе, 2006; Махмуди М. Ирано-таджикские отношения в 1991-2009 гг. Душанбе, 2010
30. Ҳ.Зарифӣ, Н.Зоҳидов, Д.Назриев, Х.Сафаров. Эмомалӣ Раҳмон-Бунёдгузори сиёсати хориҷии Тоҷикистон. Душанбе. “Ирфон”-2012.– С.10
31. Ҳамрохон Зарифӣ. Сиёсати хориҷии Тоҷикистон дар масири Истиқлолият. Душанбе «Ирфон» 2011.–С. 9

32. Шоазимов П.Д. Таджикская идентичность и государственное строительство в Таджикистане. Душанбе, Ирфон, 2003.
33. Шарипов А.Н. Дипломатические, торгово-экономические и культурные взаимоотношения Таджикистана с Казахстаном: 1991-2006 гг.: автореф. Дис.канд. ист. наук. Душанбе, 2011.
34. Шарипов Ш.Ш. Установление и укрепление торгово-экономических, научно-технических и культурных отношений между Таджикистаном и Китайской Народной Республикой (1991-2008 гг.): автореф. Дис. канд. ист. Наук. Душанбе: ТНУ, 2010.
35. Эмомалӣ Раҳмон. Тоҷикистон: ҷаҳор соли истиқлолият ва худшиносӣ [Таджикистан: четыре года независимости и самосознания]. Душанбе: Ирфон, 1995.,-С.225
36. Юлдашев К. Эмомали Рахмонов-основатель дипломатии и внешней политики суверенного Таджикистана. Душанбе. Ирфон, 2001, – С.25.

УДК 009

Максумова Н.Д.

САҲМИ МУҲАММАД ЗАКАРИЁИ РОЗӢ ДАР ПЕШРАФТИ ИЛМИ ТАБИАТШИНОСӢ ВА РИЁЗӢ

Дар мақолаи мазкур оид ба масъалаҳои саҳми Муҳаммад Закариёи Розӣ ҳамчун яке аз саромадони илмҳои табиатшиносӣ, тиббу кимиё ва фалсафаю физика оварда шудааст. Ӯ асосгузор ва инкишофдиҳандаи равияи таҷрибавӣ ва мушоҳидавӣ дар илм буда, дар таърихи илмҳои тиббу кимиё ва фалсафаю физика яке аз барҷастатарин донишманди дунёи мутамаддин эътироф гардидааст. Осори гаронбаҳои Розӣ ба забонҳои лотинӣ, форонсавӣ ва англисӣ тарҷума шуда, барои инкишофу такомули илмҳои табиатшиносӣ, тиббу кимиё ва фалсафаю физика нақши муҳим бозидаанд.

Калидвожа: осор, донишманд, тиб, кимиё, физика, риёзӣ, табиатшиносӣ, ситорашиносӣ, табиб, таълимот.

Максумова Н.Д.

ВКЛАД МУХАММАДА ЗАКАРИА РАЗИ В РАЗВИТИЕ ЕСТЕСТВЕННЫХ НАУК И МАТЕМАТИКИ

Данная статья основана на вопросах вклад Мухаммада ибн Закарийа ар-Рази как одного из основателя в области естественные науки, медицины, химии, философии и физики. В данной статье представлен вклад Мухаммада Закариаи Рази как одного из известных ученых в области естествознания, медицины, химии, философии и физики. Он является основоположником и разработчиком экспериментально-наблюдательного подхода в науке, а в истории медицины, химии, философии и физики признан одним из самых выдающихся ученых цивилизованного мира. Ценные труды Рази были переведены на латинский, французский и английский языки и сыграли важную роль в развитии и совершенствовании естественных наук, медицины и химии, философии и физики.

Ключевые слова: произведение, ученый, медицина, химия, физика, математика, естественные науки, астрология, врач, оброзование

Maksumova N.D.

THE CONTRIBUTION OF MUHAMMAD ZAKARIA ROZI TO THE DEVELOPMENT OF NATURAL SCIENCES AND MATHEMATICS

This article presents the contribution of Muhammad Zakariai Razi as one of the famous scientists in the field of natural science, medicine, chemistry, philosophy and physics. He is the founder and developer of the experimental-observational approach in science, and in the history of medicine, chemistry, philosophy and physics he is recognized as one of the most outstanding scientists of the civilized world. Razi's valuable works were translated into Latin, French and English and played an important role in the development and improvement of the natural sciences, medicine and chemistry, philosophy and physics.

Keywords: scientist, medicine, chemistry, physics, mathematics, natural sciences, astrology, doctor, education

Дар асрҳои 1X- XV саҳми уламои форсу тоҷик дар баробари назму насри волои форсу тоҷик қариб тамоми қисматҳои илми табиатшиносӣ, аз он ҷумла риёзӣ, нуҷум, ҳандаса, ҷуғрофия, физика ва кимиё, тиб, фалсафа ва ғайра рушду нумӯъ намуда буд. Аз ин рӯ, таҳқиқи осори онҳо барои насли имрӯзаи тоҷик аҳамияти хеле бузургу гаронбаҳо дорад.

Дар таърихи халқи тоҷик даврони давлатдории Сомониёнро, ки “давраи тиллоӣ”меноманд, илму маърифат ба авҷи аълои худ расид ва нобиғони бузурги миллати мо парвардаи ҳамин давра мебошанд.

Абубакр Муҳаммад ибни Закариё ибни Яҳёи Розӣ аз ҷумлаи он донишмандони ниёкони мо ба шумор меравад, ки дар пешрафти илмҳои табиатшиносию риёзӣ ва тиббию фалсафӣ мавқеъ ва манзалати ҷаҳонӣ дошта, нафақат дар сарзамиҳои Арабу Аҷам, балки тавассути тарҷумаи осораш дар мамолики Аврупо низ шуҳратёр гардидааст. Ба қавли донишманди маъруфи тоҷик Акбар Турсун Закариёи Розӣ яке аз шахсиятҳои пешгоми фарзона ва озодандеши давраи “Эҳёи тоҷик” эътироф шудааст.

Закариёи Розӣ олими ҳамадон(энсиклопедист) буда, аз худ мероси гаронбаҳои илмӣ боқӣ гузоштааст. Ибни Надим дар “Ал-феҳрист”- 167 номгӯи осори ӯро ёдовар шудааст. Абӯрайҳони Берунӣ – 184 ва Ибни Абиусайбия – 238 номгӯи таълифоти Муҳаммад Закариёи Розиро ба қалам додаанд. Маҳмуди Наҷмободӣ шумораи осори ӯро 266 адад нишон додааст.

Мероси ба тиб бахшидаи ӯ зиёда аз 60 китобу рисолаҳоро дар бар мегирад. Ба муҳимтарин асарҳои донишманд “Китоб-ул-ҳовӣ” ва “Китоб-ут-тиб-ул-Мансурӣ» дохил мешавад. Китоби “Китоб-ул-ҳовӣ” аз 30 ҷилд иборат буда, тамоми шоҳаҳои тиббӣ-назариявӣ ва амалиро дар бар мегирад. Дар китоби мазкур назария ва комёбиҳои пешқадами илми тибби қадимаи юнонӣ, ҳиндӣ, арабӣ, форсию тоҷикӣ, дар навбати аввал таҷрибаи амалии худи ҳаким гирд оварда шудааст. Ин асар дар соли 1279 ба забони лотинӣ тарҷума ва дар соли 1486 нусхаи чопии он дастраси аврупоиён гардид, такроран ин шоҳасар ба забони лотинӣ боз ду маротиба дастраси табибону донишмандони мамолики зиёди ҷаҳон мегардад [4, 68].

Алиасғари Ҳалабӣ мавқеъю мартабаи Закариёи Розиро дар илми пизишкии ҷаҳонӣ чунин арзёбӣ кардааст: «Пизишкӣ набуд, онро Букрот (Гиппократ, 460-377 пеш аз мелод Н.М.,) ба вуҷуд овард, пизишкӣ мурда буд, пизишкиро Ҷолинус (Гален,129-200 Н.М.) зинда кард. Пизишкӣ пароканда буд, пизишикиро Муҳаммад Закариёи Розӣ фароҳам овард, пизишкӣ ноқис буд, пизишкиро Бӯалӣ Сино (980-1037) комил кард» [4, 5].

Аз ҷавонӣ ӯ ба касби заргарӣ шуғл дошта некӯ ӯд ҳам менавохтааст [5, с. 28-29]. Баъзе аз муҳаққиқони осори Муҳаммад Закариёи Розӣ бар он қоиланд, ки ӯ дар овони ҷавониаш ба ғайр аз заргарӣ ва ӯднавозӣ ба шеъру шоирӣ иштиёқи зиёд дошта, шеър ҳам

мегуфтааст ва мусиқӣ ҳам менавохтааст [12, с. 58; 5, с. 28]. Дар ҷараёни шуғли заргарӣ тадриҷан диққати ӯро илми кимиё ба худ ҷалб мекунад. Ҳамин тариқ, барои васеъ кардани ҷаҳонбинии худ ӯ ба дигар илмҳои табиатшиносиву риёзӣ ва фалсафа рӯ меорад. Ҳарчанд ӯ дар ҷаҳон пеш ва беш аз ҳама чун табиб машҳур аст, баъд аз омӯхтани дигар соҳаҳои илм охирон ба омӯзиши тиб рӯ оварда буд, ки дар ин ҳангом ӯ 30 сол дошт. Оғози шавқу рақбати Муҳаммад Закариёи Розиро ба илми пизишкӣ Маҳдии Муҳаққиқ ба иқтибос ба маълумоти Насириддини Муншии Яздӣ чунин ҳикоят мекунад. Абӯбакр Муҳаммад Закариёи Розӣ дар ибтидо ба касби заргарӣ ва саррофӣ машғул буд ва сипас ба илми кимиё рӯ оварад. Дар натиҷаи таъсири буғу дудҳои кимиёӣ ва наздикӣ ба оташ, ки дар ҷараёни кор рух медод, чашмони ӯ дардманд шуданд. "... ӯ барои ин ки дарди чашми худро дармон кунад назди куҳоле (чашмпизишк) рафт, куҳол барои дармони ӯ понсад динор аз ӯ дархост кард ва ӯ ночор шуд, ки бипардозад, сипас бо худ гуфт "кимиёи воқеӣ илми тиб аст, на он ки ту бад-он машғулӣ" ва сипас аз он аз илми кимиё дурӣ ҷуст ва ба илми тиб пардохт" [12, с. 5].

Чи тавре ки дар сарчашмаҳо қайд шудааст, Муҳаммад Закариёи Розиро арабҳо "табибу-л-муслимин" ва ба муносибати арабӣ будани китобҳояш, ӯро "Ҷолинусу-л-араб" номидаанд.

Осори пизишкии ӯ чанд аср осори беҳтарини тиббӣ эътироф гашта, дар назди аврупоиён мақому манзалати хосса доштааст. Закариёи Розӣ аз аввалин табибоне буд, ки донишҳои кимиёиро дар илми пизишкӣ татбиқ мекард. Муҳаммад Закариёи Розӣ дар таърихи илм бо лақаби «падари кимиё» шинохта шудааст. Бузургтарин китоби тибби ӯ "ал-Ҳовӣ" ном дошта, дар замонааш барои донишмандони илми пизишкӣ хеле судманд, беҳтарин раҳнамо ва дастурамал маҳсуб меёфт. Муҳаққиқони таърихи илми тиб асоси табобати чандин бемориҳоро дар осори гаронбаҳои ӯ пайдо кардаанд. Бояд қайд кард, ки ӯ даҳҳо асбоби ҷарроҳиро тавсиф намуда, аз аввалин табибоне буд, ки барои ҷароҳатбандӣ пахтаро истифода ва тавсия кардааст.

Дар хусуси табобати дандонҳо ақидаҳои пешқадам дошта, қатъиян зидди кандани дандонҳо буда, барои табобати онҳо нафти гарм ва дигар моддаҳоро пешниҳод намудааст. Инчунин аввалин маротиба дар таърихи илми тиб навиштани таърихи беморӣ низ ба Абубакр Муҳаммад Закариёи Розӣ.мансуб мебошад. Вай ҳатто дар бораи мавзеи сохтани бемористонҳо ақидаи ҷолиберо пешниҳод кардааст, ки ҷанбаҳои муҳими экологӣ дорад. Осори тибби Розӣ ба забонҳои лотинӣ, форсӣ ва англисӣ тарҷума шуда, барои инкишофу такомули илми тиб дар Аврупо нақши муҳим бозидаанд.

Дар илми физикавӣ бошад, аз ниёгони мо қабл аз Абурайҳони Берунию Абӯалии Сино, Умари Хайёму Абдураҳмони Хозинӣ ва дигарон ба физикаи амалӣ шуғл варзида саҳми бузурге гузоштаанд.

Дар соҳаи илми кимиё Муҳаммад Закариёи Розӣ бештар дар масъалаи табдили ҳамдигарии моддаҳои гуногун аҳамияти махсус дода, барои табдили алкимиё ба кимиёи ҳақиқӣ заминаи хубе гузоштааст. Асарҳои ӯ "Китоб-ул-асрор" ва "Аз-мадҳалул-таълимӣ" аз ҷониби олимони исломӣ дар асрҳои баъд ҳамчун асарҳои соҳаи алкимиё омӯхта шудаанд. Абубакри Розӣ дар ин ришта бештар ба Ҷобир ибни Ҳайён пайравӣ кардааст. Вай дар соҳаи сохтани шишаҳои гуногун, махсусан шишаи беранги ҷилонок пешниҳодҳои судманд дорад. Бори аввал дар таърихи кимиё Закариёи Розӣ моддаҳоро ба се гурӯҳ: маъданӣ, рустанигӣ ва ҳайвонӣ ҷудо намудааст [2; 27-35]

Закариёи Розӣ асосгузор ва инкишофдиҳандаи равияи таҷрибавӣ ва мушоҳидавӣ дар илм аст ва бинобар пажӯҳишоти Розишиноси шинохта профессор А.Ш. Комилӣ ӯро яке аз асосгузорони табиатшиносии классикии форсу тоҷик шинохтан ҷоиз аст [7; 11].

Дар таълимоти шинохти олам бошад, ӯ мисли донишмандони Юнони Қадим Демокрит ва Левкипп ибтидои материяро аз заррачаҳои хурд ("атом") медонист. Вале, ҳаройина, дар таълимоти Закариёи Розӣ ва Левкиппу Демокрит дар масъалаи таълимоти атомистӣ тафовуте вуҷуд дорад.

Муҳаммад Закариёи Розӣ дар таърихи илм на танҳо чун физикдони тачрибакор маъруф аст, балки ӯ дар соҳаи муайян намудани вазни хоси ҷисмҳо усули наве фарққунанда аз усули пешиниёну гузаштагон ба миён овардааст.

Ҳанӯз аз замонҳои қадим то охирҳои асри XVIII муайян намудани вазни хоси аҷсом яке аз масъалаҳои муҳими физикаи амалӣ ба шумор мерафт.Чӣ тавре ки сарчашмаҳои мавҷудаи таърихӣ шаҳодат медиҳанд, Муҳаммад Закариёи Розӣ барои муайян кардани вазни хоси аҷсом натанҳо ба корҳои тачрибавӣ машғул будааст, балки дар ин соҳа рисолаи махсусе бо номи «Мизон-ат-табиийа» (яъне «Тарозуи табиӣ» ва ё саҳеҳтараш «Тарозуи физикӣ») таълиф намудааст.

Муҳаммад Закариёи Розӣ агар дар мавриди масъалаҳои оптикаи ҳандасӣ ҳамчун назариётчӣ фикру ақоиди худро иброз дошта бошад, пас дар ҳалли масъалаи муайян намудани вазни хоси ҷисмҳо ӯ ҳамчун физикдони тачрибакор шинохта мешавад.

Агарчанде исми Муҳаммад Закариёи Розӣ дар радифи номи абармардони ниёгонамон қарор дорад, вале осору фаъолияти ӯ нисбат ба Абӯалии Сино, Абурайҳони Берунӣ ва Умари Хайём дар Тоҷикистон камтар таҳқиқ шудааст. Фалсафаи ӯро дар Тоҷикистон бештар аз ҳама академик Мӯсо Диноршоев [3; 14], физикаашро профессор Абдулҳай Комилӣ [6-8;13], химияашро профессор Зуҳуриддин Юсуфов ва доктор Баҳром Қурбонов [9;12] пажӯҳиш кардаанд. Баъзе ҷанбаҳои илоҳиётшиносиаш дар мақолоти файласуфи шинохта Шарипов А.[10] мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Ҳарчанд Муҳаммад Закариёи Розӣ дар таърихи илмҳои тиббу кимиё ва фалсафаю физика яке аз барҷастатарин донишманди дунёи мутамаддин эътироф гардидааст, вале ҳанӯз ҳам ҳамаи ҷанбаҳои фаъолияти ӯ ба таври бояд мавриди омӯзиш қарор нагирифтааст. Яке аз паҳлӯҳои мавриди таҳқиқ нагирифтаи осори ӯ омӯзиши илми риёзӣ мебошад. Мутобиқи маълумоти андӯхтаи розишиноси шинохтаи тоҷик Абдулҳай Комилӣ дар раддабандии илмҳои асримиёнагӣ баъзе аз қисматҳои илми табиӣ (физика)-ро аз қабили оптика ва акустика ва инчунин донишҳои илми ҳайатшиносиро зери унвони илми риёзӣ таҳқиқ мекарданд, ки Муҳаммад Закариёи Розӣ аз он истисно нест [7].

Бо номгӯи баъзе аз чунин рисолоти Закариёи Розиро ошно мешавем;

1. **فی مقدار ما یمکن ان یستدرک من النجوم عند من قال انها احیاه ناطق و من لم یقول ذلک** - “Андар миқдори ситорагони донисташаванда ва ақидаи нафароне,ки онҳо мавҷудоти зиндаанд ва ё ғайри он”
2. **قی الهیاة** -“Андар ситорашиносӣ”
3. **فی علة قیام الارض وسط الفلک** -“Андар сабаби дар маркази коинот ҷойгир будани Замин”
4. **فی انه لا یتصور لمن لم یرتض بالبرهان ان ارض کریة والناس حوالیها** - “Андар нокифояти бурҳоне, ки Замин мудаввар асту одамон рӯи он ҷойгиранд”
5. **مفی ان طلوع الکواکب وغروبها من حرکة السماء دون حرکة الارض** –“Андар вобастагии тулӯъ ва ғуруби ситорагон аз гардиши афлок, на гардиши Замин”
6. **فی علة تحرک الفلک علی استدراة** -“Андар сабаби ҳаракати даврии афлок”
7. **فی ان الضلع غیر مشارک للقطر** -“Андар он ки кунҷ бо қутр шарикият надорад”
8. **قی العلة التی لها یصیق النظر فیر النور و یتسع فی الظلمة** -“Андар сабаби он ки гавҳараки чашм дар рӯшноӣ тангтар мешавад ва дар торикӣ васеътар”

Аз номгӯи рисолаҳои зикргардида, бинобар раддабандии муосири илм танҳо рисолаи ҳафтум бевосита ба илми риёзӣ тааллуқ дорад. Вале, азбаски донишҳои риёзӣ дар ҳама давру замон дар илмҳои табиию ситорашиносӣ татбиқ мешуд ва махсусан масъалаи оптикаи ҳандасиро асосан риёзидонон таҳқиқ мекарданд, рисолаҳои ёдшудаи Муҳаммад Закариёи Розиро аз дониши риёзӣ орӣ донистан номумкин аст.

Забони модарии Муҳаммад Закариёи Розӣ забони порсии дарӣ (тоҷикӣ) буда, забони осори илмиаш – забони илмии асримиёнагии кишварҳои исломӣ, яъне арабӣ буда, эҳтимол меравад, ки забони юнонии қадимро низ медонистааст. Албатта, барои дилхоҳ донишманди воқеӣ дар ҳама давру замон донистани як забон кофӣ нест. Ҳарчанд ки ӯ ҳеҷ асареро ҳам аз забони юнонӣ ба забони арабӣ тарҷума накардааст, аммо пажӯҳишгари шинохтаи осори ӯ

Маҳмуди Наҷмободӣ муътақид аст, ки Муҳаммад Закариёи Розӣ забони юнониро медонист. Бар далели гумони худ ӯ қайд мекунад, ки Муҳаммад Закариёи Розӣ дар охири дастнависи рисолааш “Китаб аш-шукук ала Ҷолинус” (“**كتاب الشكوک على جالينوس**”) мазмуни истилоҳоти тиббии юнониро шарҳ додааст [11, с. 207]. Мантиқист, ки шахси ноогоҳ аз забони бегона ба ҳеҷ ваҷҳ ба ҳамон забон шарҳи калимоту иборот наменависад.

Бояд гуфт, ки Муҳаммад Закариёи Розӣ чӣ дар таълифоти тиббӣ, чӣ дар таълифоти фалсафӣ ва чӣ дар таълифоти табиатшиносиаш ҳамеша аз риояи ақл, одоб, андоза ва хушмуомилагӣ суҳбат мекунад. Дар ҳамин мазмун ҷавоби ҳикматбору муаддабонаи ӯро нисбати ҳасудонаш, ки вақти дар пирӣ нобино шуданаш ӯро таън мезаданд, ба ёд меорем. Азбаски ӯ донишманди қадри аввали замона ва дар баробари он дар роҳи дарку баёни ҳақиқати илмӣ аз ҳар гуна мусолиҳаву созиш орӣ буд, муқарризони ҳасудаш ба ӯ таъна мезананд, ки ин нобиноии ӯ гӯё ҷазои нодуристии ақидаҳои илмиаш будааст, ӯ дар ҷавоб чунин муаддабона ва файласуфона ва омӯзгорона ҷавоб медиҳад, ки чашмони ӯ кӯр нашудаанд, балки аз дидани муқарризони камсаводаш хаста шудаанд ва намехоҳанд дигарбора дидори нодоёнро бубинанд. Чӣ ҷавоби кутоҳу мушаххасе дар чаҳорчӯбаи илму адаб, ки дар худ маънии зиёдеро дар бар гирифтааст

АДАБИЁТ

1. Абу Бакр Ар-Рази. Духовная медицина. – Душанбе: Ирфон, 1990. – 88 с.
2. Гафуров Б.Г., Касымжанов А.Х. Социально-этические трактаты.-Алма-Ата: Наука,1973,-С.27-35.
3. Диноршоев М. Плюралистическая философия Абу Бакра ар-Рази Душанбе: Дониш, 2014 -400с
4. Диноршоев М.Философия Насриддина Туси Душанбе: Дониш,1968,157с.
5. Беков К. Масъалаи нафс дар фалсафаи Муҳаммад Закариёи Розӣ // Изв. АН Тадж. ССР, Серия: Философия. Экономика. Правоведение, 1988, № 2. - С. 16-21
6. Комили Абдулхай. Физика ар-Рази. – М.: МБА, 2015. – 104 с.
7. Комилов А.Ш. Физика ар-Рази и Ибн Сины. – М.: МГУ, 1999. – 160 с.
8. Комилӣ Абдулҳай. Муҳаммад Закариёи Розӣ ва “Тарозуи физикӣ”-и ӯ, Душанбе,СИЭМТ, 2016- 96с.
9. Қурбонов Б.Р., Юсуфов З.Н.,Наврузов Г.Н. Вклад Закариё ар-Рази в возникновение основ практической химии// Тезисы докладов апрельской конференции ТГУ – Душанбе;Сино,1994 35-44с.
10. Шарипов А. Отношение Абубакра Рози к религии. // Известия Академии наук Республики Таджикистан-1986, №3,24-30
11. **محمود نجم‌آبادی مؤلفات و مصنفات ابوبکر محمد بن زکریای رازی چاپخانه دانش ۱۳۳۹**
12. **ناصرالدین منشی یزدی درة الاخبار مجلهٔ مهر سال ۵ آذر ۱۳۱۸**

УДК 378.1

Исмоилов Ш.М.

ГУЗАРИШИ РАҚАМИИ ОМӮЗГОР ДАР ШАРОИТИ РАВАНДИ ТАЪЛИМИ МУОСИР

Дар мақола хусусиятҳои дигаргуншавии таълим дар шароити гузариши ҷомеа ба иқтисодиёти рақамӣ баррасӣ карда шудааст. Хислати асосии раванди таълим дар шароити рақамикунонӣ оварда шуда, технологияҳои таълимие, ки дар шароити таҳсилоти муосир

истифода мешаванд ва таъсири онҳо ба раванди омӯзиш ва таълим дида баромада шудааст. Муқоисаи низоми таҳсилоти анъанавӣ ва рақамӣ гузаронида шуда, натиҷаҳои пешбинишудаи рақамикунонии маориф ошкор ва зарурати гузариши рақамии омӯзгор баён карда шудааст, щамчунин номгӯи салоҳиятҳои асосии омӯзгор дар шароити рақамкунонӣ аз тарафи муаллиф пешниҳод карда шудааст.

Калидвожаҳо: иқтисодиёти рақамӣ, ҷаҳонишавӣ, технологияҳои таълими фосилавӣ, таълими муосир, экосистемаи нави таълимӣ, рақамикунонии таҳсилот, насли рақамӣ, салоҳиятҳои рақамии толибилмон, педагогикаи рақамӣ, муҳити рақамии таълимӣ, моделҳои амудӣ ва уфуқии таълим.

Исмоилов Ш.М.

ЦИФРОВАЯ ТРАНСФОРМАЦИЯ ПРЕПОДАВАТЕЛЯ В УСЛОВИЯХ СОВРЕМЕННОГО ОБРАЗОВАТЕЛЬНОГО ПРОЦЕССА

В статье рассматриваются особенности изменения современного образования в условиях перехода общества к цифровой экономике. Дается основная характеристика процесса образования при цифровизации, описываются образовательные технологии, используемые в условиях современного образованияи их влияние на преподавание и обучение. Осуществляется сравнение традиционной и цифровой систем образования. Раскрываются ожидаемые результаты цифровизации образования, актуализируется необходимость цифровой трансформации преподавателя, предлагается перечень основных компетенций цифрового педагога.

Ключевые слова: цифровая экономика, глобализация, дистанционные технологии обучения, современное образование, новая образовательная экосистема, цифровизация образования, цифровое поколение, цифровые компетенции обучающихся, цифровая педагогика, цифровая образовательная среда, вертикальная и горизонтальная модели обучения.

Ismoilov Sh.M.

DIGITAL TRANSFORMATION OF THE TEACHER IN THE CONDITIONS OF THE MODERN EDUCATIONAL PROCESS

The article deals with the features concerning changes in current education in the context of the transition of society to the digital economy. The article describes the main characteristics of the education process during digitalization, the educational technologies used in modern education and their impact on teaching and learning. The traditional and digital education systems are compared. The expected results of digitalization of education are revealed, the necessity of digital transformation for the teacher is actualized, the list of the main competencies of the digital teacher is proposed.

Keywords: digital economy, globalization, distance learning technologies, modern education, new educational ecosystem, digitalization of education, digital generation, digital competencies of students, digital pedagogy, digital educational environment, vertical and horizontal learning models.

Дар шароити кунунӣ рушди технологияҳои рақамӣ шарти асосии рақобатнокии иқтисодӣ ба шумор рафта, раванди рақамикунонӣ тамоми соҳаҳоро, аз ҷумла соҳаи таълиму тарбияро низ дар бар гирифтааст.

Дар Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2019, № 642 тасдиқ шудааст, омадааст,

ки “баланд бардоштан ва тақвият бахшидани саводнокии рақамӣ дар ҳамаи сатҳҳои таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ бо мақсади дар насли наврас рушд додани қобилияти эҷодӣ ва мафкураи танқидӣ амалӣ карда мешавад” [2].

Дар шароити гузариши ҷомеа ба иқтисоди рақамӣ, ҷаҳонишавӣ ва рушди технологияҳои иттилоотӣ таҳсилоти муосир низ дигаргун мешавад. Мушкилоти замони рақамӣ ба таҳсилот таъсир расонида, мундариҷа ва сохтори он, ҳадафҳо ва усулҳо, хусусияти ҳамкории иштирокчиёни раванди таълимро тағйир медиҳанд. Дар натиҷа, экосистемаи нави таълимӣ, аз ҷумла платформаҳои нави технологӣ, нақши нави омӯзгор ва намуди таълим ташаккул меёбад. Гузариш аз мафҳуми таълими классикӣ ба “lifelong learning” ба амал меояд, яъне омӯзиши якумрӣ, инчунин омӯзиши омехта, ки истифодаи технологияҳои таълими фосилавиро дар бар мегирад.

Тибқи андешаи коршиносон дар шароити таълими муосир чунин технологияҳо ба технологияҳои асосӣ табдил меёбанд: таълими мутобиқшавӣ; воқеияти виртуалӣ; геймификатсия (технологияҳои бозӣ); таълими фосилавӣ; чат-ботҳо; киберпрокторинг; омӯзиши баръакс; омӯзиши иҷтимоӣ ва ғайра.

Ҷомеаи иттилоотӣ «насли рақамӣ»-ро ба вуҷуд меорад, ки аз рӯи назарияи наслҳо «насли Z» ном дорад. Муҳақиқону коршиносон чунин хусусиятҳои насли мазкурро ҷудо кардаанд: диққати парешон, тафаккури "мозаика", захираи маҳдуди луғат, омезиши фазои воқеӣ ва виртуалӣ, набудани қобилияти хондан ва фаҳмидани матнҳои калонҳаҷм, тасаввуроти эҷодии суст инкишофёфта; талабот барои зуд мукофот гирифтан барои кори анҷомдодашуда, имконияти нокифоя ва суст инкишофёфта ба меҳнати мушкил, эътимод ба беназирии худ, зиёд шудани таваҷҷӯҳ ба ҷаҳони ботинии худ, қобилияти инфиродӣ ва ғайра [1].

Дар асоси сифатҳои дар боло зикргардидаи насли рақамӣ бояд фаъолияти касбӣ ва педагогии омӯзгори рақамӣ бунёд карда шавад, ки набояд хусусияти анъанавӣ дошта бошад. Рақамикунонии таҳсилот чӣ маъно дорад? Ба ақидаи як қатор олимон нишондиҳандаҳои рақамикунонии таҳсилот инҳо мебошанд: инфиродикунонии раванди таълим, ки барои ҳар як толибилм ташкилкунии самтҳои таълимии инфиродиро дар назар дорад; назорати доимии натиҷаҳои таълим ва дастовардҳои толибилмон ва рушди шахсии онҳо; истифода бурдани шаклҳои гуногун (инфиродӣ, гурӯҳӣ) дар раванди таълим; ҷалби хонандагон ба фаъолиятҳои фаъоли таълимӣ ва беруназсинфӣ ; инкишоф додани ҳавасмандии мусбати омӯзиш дар байни донишҷӯён; васеъ намудани имкониятҳо барои татбиқи таҳсилоти фарогир; ташкили тамоси фаврӣ бо донишҷӯён; татбиқи баҳодиҳии объективӣ ба натиҷаҳои таълим дар рафти иҷрои вазифаҳои таълимӣ ва эҷодӣ; баланд бардоштани «озодии иттилоотӣ ва шаффофияти низоми маориф» ва ғайра[1].

Хеле муҳим аст, ки раванди таҳсилоти рақамӣ бесарусомон набошад ва дар асоси низоми илмию методӣ - педагогикаи рақамӣ ба роҳ монда шавад, ки он самти нави педагогӣ, илм оид ба ташкили раванди таълим дар иқтисоди рақамӣ мебошад.

Хусусиятҳои асосии ҷорӣ намудани таълими рақамӣ дар ҷанбаҳои гуногун дар асарҳои В.И. Блинов, И. Сергеев, Е.Ю. Есенин, П.Н. Биленко, М.В. Дулинов, А.М. Кондаков ва дигарон акс ёфтаанд [4]. Ҳамчунин дар ҷумҳурии мо ин хусусиятҳо дар Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон баррасӣ гардидаанд. Дар мамлакатҳои собиқ ИҶШС, хусусан Федератсияи Россия бошад «Манифест о цифровой образовательной среде» тарзҳои татбиқи таълими рақамиро инъикос менамояд. Ҳуҷҷати мазкур принсипҳои асосии ташкили муҳити рақамии таълимиро муайян мекунад, ки дар он донишҷӯ на объекти омӯзиш, балки субъект мебошад.

Дар ҳуҷҷати мазкур фарқи байни таҳсилоти анъанавӣ ва табдилёфта комилан равшан нишон дода, хусусиятҳои муҳити муҳити таълимии рақамӣ аз нигоҳи мундариҷаи таълим, ҳавасмандӣ, мавқеи донишҷӯён ва омӯзгорон муайян карда шудааст [4].

Муқоисаи низоми таълими анъанавӣ ва рақамӣ имконият медиҳад, ки чунин хусусият ошкор карда шавад: дар таълими анъанавӣ модели амудии таълим бо нақшҳои

аниқ тақсимшуда байни муаллим ва донишҷӯ бартарӣ дорад. Омӯзгор сарчашма ва барандаи асосии дониш аст. Дар муҳити таълимии рақамӣ (дар шакли фосилавӣ) байни омӯзгор ва донишҷӯ робитаи мустақим вуҷуд надорад; ҳам муаллим ва ҳам донишҷӯ ба дониш дастрасӣ доранд, мубодилаи дониш метавонад бисёрсамта бошад: муаллим-донишҷӯ; донишӯ-донишҷӯ ва ғайра. Аз ҳамин сабаб модели уфуқии омӯзишро мавриди истифода қарор медиҳанд. Маҳз кори муштарак бо истифода аз равиши «баробар бо баробар» боиси ноил шудан ба вазифаҳои гузошташуда мегардад. Нақши омӯзгор дар ин ҳолат ба самти модератори раванди таълим мегузарад. Ба ғайр аз истифодаи воситаҳои инноватсионӣ таъсири калонро ба сифати раванди таълим услуби педагогии муаллим мерасонад.

Олимон В.И. Блинов, И. Сергеев, Е.Ю. Есенина дар корҳои илмии худ тавассути модели SAMR раванди таъсири технологияҳои рақамӣ ба омӯзиш ва таълимро нишон додаанд. Онҳо 4 марҳиларо қайд кардаанд: ивазкунӣ (Substitution), ҷамъкунӣ (Augmentation), тағйирдиҳӣ (Modification) ва табдилдиҳӣ (Redefinition), ки тибқи он сараввал технологияҳои анъанавӣ ба технологияҳои рақамӣ иваз карда мешаванд, сипас интихоби бошууронаи технологияҳои рақамии мувофиқ ҳамчун воситаҳои оптимизатсияи раванди таълим, минбаъд - таҷдиди сохтори раванди таълим дар асоси истифодаи технологияҳои омехтаи омӯзиш, инчунин гузориш ва ҳалли масъалаҳои нави таълимӣ, ки қаблан ҳал карда наметавонистанд, ба амал меояд [1].

Дар шароити муосир сухан дар бораи табдилёбии рақамии омӯзгор меравад, яъне табдилдиҳии ҳамаҷонибаи касбии фаъолияти омӯзгор дар асоси имкониятҳои воситаҳои муосир ва муҳити рақамӣ» [3].

Мутобиқи талаботи муосир омӯзгори рақамӣ бояд дорои чунин салоҳиятҳои касбӣ бошад: идоракунии раванди таълими рақамӣ дар асоси менеҷменти педагогӣ, таҳияи захираҳои гуногуни интерактивии таълимӣ, истифодаи мақсадноки ҳавасмандкунӣ аз воситаҳои самараноки таълими фосилавӣ, гузаронидани мониторинги пешрафт ва натиҷаҳои раванди таълим, истифодаи шаклҳои гуногуни санҷиши дастовардҳои толибилмон; амалисозии ҳамкории синхронӣ ва асинхронӣ байни иштирокчиёни раванди таълим, ташкили тамос бо донишҷӯён ва ғ.

Бояд қайд кард, ки истифодаи оддии технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар модели анъанавии таълим, инчунин интиқоли бевоситаи ӯҳдадориҳои омӯзгор ба технологияи компютерӣ наметавонад асоси гузариши рақамии таълим гардад. Барои ин методология ва амалияи таҳия ва истифодаи оптималии воситаҳои гуногуни рақамӣ, технологияҳои нави иттилоотӣ, ки ба татбиқи ҳадафҳои муайяншудаи таълим нигаронида шудаанд, зарур аст.

Ба андешаи муҳақиқ И.В. Сергеев: «моҳияти таълими рақамӣ нафақат дар истифодаи технологияҳои рақамӣ дар таълим, балки дар татбиқи ин воситаҳо аз нуқтаи назари педагогикаи танқидӣ ифода меёбад» [5].

Олимони дар боло номбаршуда чунин роҳҳои татбиқи самараноки таълими рақамиро пешниҳод мекунанд:

- диққати асосӣ ба ҳамкории тамоми субъектҳои ҷараёни таълим, ки имкон медиҳад малакаҳои зарурӣ рушд ёбад (салоҳиятҳои иҷтимоӣ, зеҳнӣ ва ихтиёрӣ, роҳбарӣ, малакаи муошират, имонияти фаъолият бурдан ба кори дастаҷамъона, эҷодкорӣ, масъулиятнокӣ ва ғайра);
- тарҳрезии педагогии дарси фосилавӣ (технологияи воридшаванда бояд иштироки хамаи толибилмонро дар таълими фосилавӣ таъмин намояд; бояд аз нобаробарии рақамӣ ва аз он, ки на ҳама донишҷӯён аз ҷиҳати техникӣ муҷаҳҳаз шудаанд ё технологияҳои рақамиро доранд огоҳ буд);
- кори дар самти интихоби шакл, восита ва усулҳои оптимали таълими фосилавӣ (технологияеро бояд дарёт намуд, ки барои омӯзгор ва толибилм қуай бошад ва барои ба дастовардани ҳадафҳои гузошташуда имкон диҳад).

Технологияҳои асосии педагогӣ, ки барои ташкили раванди таълими рақамӣ заруранд, инҳоянд : технологияи таълими фосилавӣ (аз ҷумла кейс-технологияҳо), технологияи алоқаи шабакавӣ, технологияи таълими омехта (blended learning), омӯзиши баръакс (flipped learning), таълими мобилӣ; омӯзиши лоиҳавӣ.

Қайд кардан зарур аст, ки воситаҳои дидактикаи рақамӣ ва технологияҳои рақамӣ дар раванди таълими рақамӣ нақши муҳимро иҷро мекунанд, аммо дар баробари ин онҳо набояд бояд шаклҳои анъанавии таълимро иваз кунанд.

Ҳамин тариқ, дар шароити иқтисоди рақамӣ донистан зарур аст, ки пеш аз ҳама бояд худи омӯзгор тағйир ёбад. Барои татбиқ намудани таълими рақамӣ салоҳиятҳо ва фарҳанги нави педагогӣ зарур аст, ки барои гузаронидани оқилонаи усулҳо, услубҳо ва воситаҳои таълими анъанавӣ ба таълими фосилавӣ мусоидат намуда, имкон медихад, ки раванди ҳамкорӣ ва ҳамалоқамандии босифати субъектҳои раванди таълим ташкил карда шавад.

АДАБИЁТ

1. Блинов В.И., Сергеев И.С., Есенина Е.Ю. Педагогическая концепция цифрового профессионального образования и обучения: монография. Москва: Издательский дом «Дело», РАНХиГС, 2020. 112 с.
2. Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон то соли 2040: [Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.12.2019, №642] [Матн]. – Душанбе, 2019. – 31 с.
3. Конференсияи байналмиллалии илмӣ-амалии «Профессиональное образование и занятость молодежи: XXI век. Цифровое образование: от прогнозов к реальности» [Захираи электронӣ]. URL: http://krirpo.ru/institute/news/detail.php?ID=12484&sphrase_id=31252 (санаи мурочиат: 25.09.2022).
4. Манифест о цифровой образовательной среде [Захираи электронӣ]. URL: http://manifesto.edutainme.ru/ (санаи мурочиат: 25.09.2022).
5. Сергеева И.В. Цифровой педагог в онлайн-образовании // Научные труды института непрерывного профессионального образования. 2016. № 6 (6). С. 117–122.

УДК 327

Сияров Қ. М.

ЗАМИНАҲОИ ТАЪРИХИИ ПАЙДОИШ ВА РУШДИ КОНСЕПСИЯИ «ҚУВВАИ НАРМ» ДАР МУНОСИБАТҲОИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ

Муаллиф дар асари худ кушиш кардааст рол ва аҳамияти умумибашарии падидаи «кувваи нарм»-ро дар дурнамоии таърих муйаян кунад. Дар асоси таҳлили гузаронидашуда исбот карда мешавад, ки падидаи «кувваи нарм» дар муносибатҳои байналмилалӣ ва дохилӣ дар тӯли таърихи давлатдорӣ, яъне аз давраи антиқа вуҷуд доштааст ва як ихтирои истисноии олимон ва таҷрибаомӯзон дар соҳаи сиёсати берунии кишварҳои муосир, яъне асри XX ва ё XXI нест, гарчанде худи истилоҳи академӣ маҳз ҳамон вақт пайдо шуда ва ба таври васеъ тарғиб шуда мавриди истифода қарор мегирад. Муаллиф дар асоси баррасӣ ва хулосаи мантиқӣ таърифи хоси «қувваи нарм»-ро додааст.

Вожаҳои калидӣ: «қувваи нарм», «қувваи қудратӣ», муносибатҳои байналмилалӣ, фарҳанг, ҷаҳонишавӣ

Сияров К. М.

ИСТОРИЧЕСКИЕ ПРЕДПОСЫЛКИ ВОЗНИКНОВЕНИЯ И РАЗВИТИЯ КОНЦЕПЦИИ «МЯГКОЙ СИЛЫ» В МЕЖДУНАРОДНЫХ ОТНОШЕНИЯХ

Работа автора представляет попытку определить роль и универсальной значимости феномена «мягкой силы» в его исторической перспективе. На основе проведенного анализа доказывается, что феномен «мягкой силы» сопровождал развитие общественных взаимоотношений с периода эллинистической Античности и не является исключительным изобретением ученых и специалистов практиков в области международных отношений XX века, хотя сам термин появился именно в это время. На основе рассмотрения и логического вывода, автором дается собственное определение «мягкой силы».

Ключевые слова: «мягкая сила», «жесткая сила», международные отношения, культура, глобализация

Siyarov Q.M.

HISTORICAL BACKGROUND OF THE EMERGENCE AND DEVELOPMENT OF THE CONCEPT OF "SOFT POWER" IN INTERNATIONAL RELATIONS

The author's work is an attempt to determine the role and universal significance of the phenomenon of "soft power" in its historical perspective. Based on the analysis, it is proved that the phenomenon of "soft power" has accompanied the development of social relations since the period of Hellenistic Antiquity and is not an exclusive invention of scientists and practitioners in the field of international relations of the XX century, although the term itself appeared at that time. Based on consideration and logical conclusion, the author gives his own definition of "soft power".

Keywords: "soft power", "hard power", international relations, culture, globalization

Мафҳуми «қувваи нарм» якумин бор аз ҷониби олими амрикоӣ, профессори Донишкадаи идоракунии давлатии Ҳарвард Ҷозеф Найи хурд соли 1990 дар мақолаи илмиаш бо номи «Soft power», яъне «қувваи нарм» дар маҷалаи «Foreign Policy» дар доираи назарияҳои муносибатҳои байналмилалӣ истифода шуд.

Тарҷумаи истилоҳи «қувваи нарм» аз забони англиси (soft power) «қувваи нарм» аст. Ин мафҳум тақрибан зиёда аз се даҳсола дар илм ва амал истифода мешавад, вале то ҳол як нигоҳи пурраи умумилмӣ оиди истилоҳи «қувваи нарм» дар илми муосир нест. Чунки ин мафҳум дар ҳар кишвар мувофиқи хусусиятҳои фарҳангиву сиёсии онҳо маънидод карда мешавад. [4].

Омӯзиши ҷанбаҳои таърихӣ, назариявӣ ва амалии падидаи «қувваи нарм» дар ҳоли ҳозир яке аз муҳимтарин самт дар доираи таҳқиқот дар муносибатхои байналмилалӣ мебошад. Омӯзиши ҳамаҷониба ва систематикӣ ба мо имкон медиҳад, ки заминаҳои таърихии пайдоиш ва рушди консепсияи «қувваи нарм» ва механизмҳои асосии татбиқи онро дар сиёсати байналмилалӣ муайян кунем.

Таҳлили рушди муносибатҳои байналмилалӣ ва дохилӣ имкон медиҳад тахмин кунем, ки ҳамчун падидаи мустақил «қувваи нарм» дар доираи мафҳуми «қувваи қудратӣ» вуҷуд доштааст ва бо мурури замон ба як қувваи мустақил мубадал шуда мавриди истифода қарор гифтааст.

Бидуни шак падидаи «қувваи нарм» ҳамеша дар муносибатҳои байналмилалӣ ва дохилӣ дар тӯли таърихи башар вуҷуд доштааст ва як ихтирои истисноии олимон ва таҷрибаомӯзон дар соҳаи сиёсати хориҷии кишварҳои муосир, яъне асри XX ва ё XXI нест, гарчанде худи истилоҳи академӣ маҳз ҳамин вақт пайдо мешавад ва ба таври васеъ тарғиб шуда мавриди истифода қарор мегирад. Истилоҳи «қувваи нарм» ҳамчун падидаи таърихӣ,

тақрибан дар тӯли тамоми таърихи давлатдорӣ вуҷуд дошт, вале ба таври расмӣ истифода намешуд. Ба ибораи дигар, таҷрибаи истифодабарии падидаи «қувваи нарм» танҳо ба ду асри охир нисбат додан аз нуқтаи назари мантиқ хатост. Мавҷуд набудани истилоҳи «қувваи нарм» ба таври расмӣ маънои мавҷуд набудани ин падидаро надорад.

Таърих гувоҳ ҳаст ва мисолҳо оиди истифодабарии сиёсати ғайриҳарбӣ ва ғайриқудратӣ, безуроварӣ дар муносибатҳои байналмилалӣ ва дохилӣ хеле бисёр аст.

Шояд яке аз аввалин чунин намунаҳои татбиқи «қувваи нарм» дар таърих ин сиёсати эллинизм бошад, ки ҳамчун як падидаи махсус дар нимаи дуюми асри IV пеш аз милод ба вуҷуд омадааст ва ба сарлашкари бузурги юнони қадим Искандари Мақдунӣ (356 - 323 то милод) алоқаманд аст. Пирузиҳои низомии Искандари Мақдунӣ таъсири тавонои фарҳангӣ доштанд, ки махсус дар ҳудуди заминҳои навзабтшуда фарҳанги юнониро паҳн мекард.

Оиди давраи эллинизм метавон инро илова кард, ки ин сиёсат, дурустараш сиёсати фарҳангӣ, ки муддати якчанд аср амал мекард, як мероси фарҳангӣ аз худ гузошт. Дар натиҷаи омезиши фарҳанги юнонӣ бо фарҳанги халқҳои аз қониби юнониҳо забтшуда, як фарҳанги нав тавлид мешуд. Гарчанде фарҳанги юнонӣ қавитар аз фарҳанги дигар халқҳо буд. Қобили зикр аст, ки дар бисёр ҳолатҳо халқҳои забтшуда фарҳанги юнониро, ки хеле пешрафта буд, ихтиёран, бе истифода аз сиёсати зуроварӣ, яъне ҳарбӣ ва қудратӣ қабул ва омехта менамуданд.

Мисоли дигари таърихӣ ин сиёсати фарҳангии форсҳо мебошад, ки бе истифода аз сиёсати зуроварӣ дар тӯли зиёда аз 2500 сол дар ҳудуди аксарияти кишварҳои минтақаи Осиёи шимолӣ ва ҷанубӣ таъсири калон дошт.

Дар Ҳиндустон дар тӯли ин солҳо забони форсӣ то омадани инглисиҳо забони расмӣ, яъне забони ҳуҷҷатгузорӣ ва давлатӣ буд. Аз ин рӯ, тааҷҷубовар нест, ки бисёре аз гӯишҳое, ки имрӯз дар ин минтақа гуфта мешаванд, ба мисоли забонҳои покистонӣ, аз қабили урду, пашту, инчунин панҷобӣ ва гуҷаратӣ ба забони форсӣ тааллуқ доранд.

Намунаи дигари таърихие, ки фарзияи моро тасдиқ мекунад ин аст, ки сиёсати «қувваи нарм» дар тӯли беш аз 2000 сол як ҷузъи бунёдии тафаккури низомии Чин низ буд.

Дар асри XVIII забони фаронсавӣ ва фарҳанги фаронсавӣ берун аз марзҳои миллӣ хеле васеъ паҳн шуд, ки ин барои таҳкими қудрати Фаронса дар қитъаи Аврупо кӯмаки назаррас расонд.

Штатҳои Муттаҳида Амрико умуман дар тӯли таърих дар фаъолияти сиёсати берунии худ усулҳои «қувваи нарм»-ро хеле фаъолона ва моҳирона истифода мебурданд ва мебаранд. Дар шуури мардум зина ба зина, сол то сол обруи мамлакате, ки сиёсати ғайритаҷовузкориро таъмин мекунад, собит мекунад. Масалан, дар давраи ҷанги дуюми ҷаҳонӣ Франклин Рузвелт дар Конгресси ИМА суханронӣ карда, паёми худро оид ба масъалаҳои сиёсати хориҷӣ бахшид .

Рузвельт бо нутқи худ ба аҳли ҷахон симои Штатҳои Муттахидаи Амрикоро ҳамчун муборизи роҳи беҳбудии умумибашарӣ, муборизи низоми ҷахоние, ки мо ба он саъю кушиш дорем, ҳамкории байни давлатҳои озод, ки дар ҷамъияти дусту мутамаддин кор мекунанд, таъмин менамояд. Барои ҳамаи мамлакатҳо беистисно ояндаи осоиштаро ваъда медиҳад. Аён аст, ки чунин иқдом дар ҷомеъаи ҷаҳонӣ таассуроти бузурге ба вуҷуд овард, ки то ба имрӯз таъсири мусбии он боқӣ мондааст. Чунин мисолҳо дар таърихи давлатдории башар хеле зиёд аст.

Ҳамин тариқ, бояд зикр кард, ки падидаи «қувваи нарм» -ро кишварҳо пайваста ва доимо дар сиёсати дохилӣ ва хориҷии худ истифода мебурданд. Аён аст, ки сабаб ба маънои пурра дар худи табиати инсон, яъне дар майли модарзодии одам нуҳуфта аст. Ба ибораи дигар, худи падидаи «қувваи нарм» дар худи таърихи башарият реша гирифтааст ва дар ҳали мушкилот оиди ин ё он масъала башар на танҳо аз қудрат, балки аз қувваи сухан, яъне «қувваи нарм» низ истифода мебарад. Аммо, ҳамчун истилоҳи равшан муайян набуд.

Айни замон, сиёсати «қувваи нарм» дар муносибатҳои байналмилалии кишварҳои муосир истифода мешавад ва ҳамчун як силоҳи нуфузи оммавӣ дошта, ки таъсираш аз

воситаҳои ҳарбӣ ва қудратӣ кам нест. Сиёсати «қувваи нарм» дар шароити имруза чунон таъсирбахш аст, ки агар «қувваи кудратӣ» қодир ба несту нобуд кардан бошад, пас «қувваи нарм» объектро маҷбур мекунад, ки ихтиёран, безуроварӣ ба тарафи субъект гузашта арзишҳо ва эътиқоди охиринро қабул кунад.

Бинобар ҳамин, сиёсати «қудрати нарм» дар муносибатҳои байналмилалӣ дар тули солҳои ахир истифода мешавад. Мафҳуми «қувваи нарм» дар шакле, ки онро олим ва сиёсатшиноси амрикоӣ, профессори Донишгоҳи Ҳарвард Ҷозеф Найи хурд таъин ва ба муомилоти илмӣ ворид кардааст, кариб 30 сол боз вучуд дорад. Дар ин муддат ин истилоҳ дар тамоми қитъаҳо паҳн шуда, ҷавоб ба он тағйиротҳое гардид, ки дар охири асрхои XX ва ибтидои асри XXI дар системаи байналмилалӣ ба амал омадаанд. Воқеан, ба шарофати Ҷозеф Найи хурд мафҳуми «қувваи нарм» ба як парадигмаи назариявӣ мураттаб шуда дар доираҳои илмӣ хеле маъмул гашта, аз ҷониби бисёр давлатҳо қабул гардида, ҳатто дар санадҳои қонунгузорӣ, доктринаҳои сиёсӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои барномавии кишварҳои гуногун инъикос ёфтааст.

Пас аз он, ки олими амрикоӣ, профессори Донишкадаи идоракунии давлатии Ҳарвард Ҷозеф Найи хурд консепсияи «қувваи нарм»-ро таҳия ва боз ҳам инкишоф дод, он ташаккул ёфт ва ба як консепсия классикӣ дар доираи назарияҳои муносибатҳои байналмилалӣ мубаддал гашт ва мавриди истифода қабул шуд.

Вале, аҳамияти афзояндаи мафҳуми «қувваи нарм» боиси афзоиши шавқу ҳавас дар ташхиси ин падида гаштааст. Ин боиси сар задани баҳс дар байни коршиносон ва ҷомеаи илмӣ оид ба муносибатҳои байналмилалӣ ва сиёсати ҷаҳонӣ гардид ва он то имруз идома дорад. Асарҳои зиёди илмӣ оиди мафҳуми «қувваи нарм» бахшида шудаанд.

Ҷозеф Найи хурд мафҳуми «қувваи нарм»-ро чунин маънидод мекунад: «қобилияти ба ҳадаф расидан на тавассути маҷбури (coercion), балки тавассути ҷаззобият (attraction) ва ба тарафи худ ҷалб кардан» [3].

Олими муваффақи рус дар мавзуи консепсияи «қувваи нарм» М.А Неймарк хусусиятҳои хоси «қувваи қудратӣ» ва «қувваи нарм»-ро чунин муаян кардааст [1].

Қувваи қудратӣ	Қувваи нарм
Принуждение Понуждение	Ҷаззобият, ҳамкорӣ
Қудрат, Сила санкқииподкуп взятки	Арзишҳо, фарҳанг, сиёсат, иқтисод

Дар асоси таҳлилҳо, мафҳуми «қувваи нарм»-ро чунин маънидод кардан мумкин аст: кишварҳои муосир дар муносибатҳои байналмилалӣ барои ба ҳадаф расидан аз тариқи сиёсати ғайриҳарбӣ ва ғайриқудратӣ, яъне ҷаззобӣ, диққатҷалбкунанда, довталабона истифода мебаранд.

Таваҷҷуҳи зиёд ба ин мавзӯъ комилан фаҳмо аст, чунки пайдоиши бомбаи атомӣ ва яроқу аслиҳаҳои муосир ба таври ҷидди сабаби маҳдуд гардидани истифода аз қувваи низомӣ (қудратӣ) дар муносибатҳо байни кишварҳо гардид.

Илова бар ин, дар охири асри XX ва ибтидои асри XXI давраи ҷаҳонишавӣ (глобализатсия) шуруъ шуд, ки системаи муносибатҳои байналмилалиро ба куллӣ тағйир дод. Тағйиротҳои ба амал омада ва раванди ҷаҳонишавӣ фазои истифодаи механизмҳои анъанавии қудратро дар муносибатҳои байналмилалӣ аз ҷониби кишварҳо коҳиш дод ва боиси тағйири моделҳои рақобати ҷаҳонӣ байни субъектҳо гардид. Инчунин, муваффақиятхои иқтисодӣ, идеологӣ ва фарҳангӣ дар сиёсати кишварҳо, аз иқтидори ҳарбӣ ва соҳиби яроқи ядроӣ будан, муҳимтар гардонд.

Ғайр аз ин, дар муносибатҳои байналмилалӣ кишварҳо бо мушкилотҳои комилан нав рӯ ба рӯ шуданд, ки на дар асри XX ва на дар асрҳои гузашта дучор нашуда буданд. Ниҳоят, андозаҳо дар сиёсати муосири ҷаҳонӣ иваз шуданд, вале як чиз бетағйир монд: ҳадафи ҳамаи кишварҳо дар муомилаи байналмилалӣ қудратманд, тавоно будан ва нуфуз доштан дар арсаи ҷаҳонӣ.

Қобили зикр аст, ки тағйиротҳое, ки пайваста дар сиёсати хориҷии кишварҳои ҷаҳони муосир дар шароити ҷаҳонишавии ҷомеа дар асри XXI ба амал омаданд, ба дигаргунии абзорҳои (усулҳо) идоракунии равандҳои сиёсии ҷаҳонӣ оварда расонд. Тағйироте, ки дар ҷаҳон ба вуқӯъ пайваст, фазои наверо дар сиёсати ҷаҳонӣ ба вуҷуд овард, ки зарурати аз нав дида баромадани мафҳумҳои қудрат, захираҳои энергетикӣ ва рушди технологияҳои муосирро ба миён овард ва ба кишварҳои пурқудрат имкон дод, ки аз ин навигариҳо истифода кунанд ва дар рақобати геополитикӣ муваффақ бошанд.

Яке аз ин навигариҳо, ки дар муносибатҳои байналмилалӣ, яъне дар амалишавии сиёсати хориҷии як қатор кишварҳо пайдо шуд, «қувваи нарм» мебошад.

Ҳамин тариқ, иштироккунандагони равандҳои сиёсии ҷаҳонӣ, яъне акторҳо (кишварҳо) маҷбур шуданд, ки «қувваи нарм»-ро дар арсаи байналмилалӣ истифода баранд. Ва имрӯз, ин омил дар амалисозии сиёсати хориҷии як қатор кишварҳои дунё, аз он ҷумла кишварҳои пурқудрат дар арсаи байналмилалӣ нақши бузургеро мебозад.

Ва инчунин раванди ҷаҳонишавӣ маҷмӯи абзорҳои (усулҳои) фишори иқтисодӣ ба муқобили якдигарро дар муносибатҳои байналмилалӣ низ хеле кам кардааст.

Ҳамин тариқ, падидаи «қувваи нарм» сухангӯи тамоюлҳои нави муносибатҳои байналмилалӣ дар давраи муосир гардид, ки ба гуфтаи А.Торкунов, «рақобати арзишҳо ва моделҳои рушди иҷтимоӣ, давлатӣ ва иҷтимоию иқтисодӣ аст» [2] .

Сиёсати «қувваи нарм» борҳо худро ҳамчун роҳи бениҳоят самарабахши пешбурди сиёсати хориҷии кишварҳои муосир дар арсаи ҷаҳонӣ нишон дод. Зиёда аз он, истифодаи ин сиёсат ба кишварҳо имкон медиҳад, ки ҳадафҳои худро дар асоси нақшаҳои дарозмуддат амалӣ созанд, мавқеъи давлати худро дар арсаи ҷаҳонӣ хеле мустаҳкам кунанд.

Дар шароити муосир воқеият чунин аст, ки консепсияи «қувваи нарм» ҳамчун категорияи таъсирбахш дар муносибатҳои байналмилалӣ ҷои хоси худро дорад. Ва истифодаи консепсияи «қувваи нарм» дар сиёсати хориҷии кишварҳо як раванди ҷаҳонӣ шудааст, ки натиҷаи дилхоҳро барои кишварҳои қудратманд дода қисми ҷудонашавандаи сиёсати берунии давлатҳоро ташкил менамоянд.

Ҳамчунин, қобили зикр аст, ки консептсияи «қувваи нарм» ҳамчун категорияи сиёсӣ ва илмӣ қобилияти на фақат акторҳои сиёсати ҷаҳонӣ (давлатҳоро), балки иштироккунандагони ғайридавлатӣ ба мисоли ширкатҳои бузурги ҷаҳониро низ дар таъмини натиҷаи дилхоҳ ба таввасути ангезаҳо ва ҷаззобият ифода мекунад.

АДАБИЁТ

1. Неймарк М.А. Геополитика «мягкой силы»: опыт России/Дип. Академия МИД России.-2-е изд., перераб. и доп.-Москва: Издательско-торговая корпорация «Дашков и К», 2022. – 350 с.
2. Торкунов А.В. Образование как инструмент «мягкой силы» во внешней политике России // МГИМО –Университета. No 4 (25). 2012
3. Nye, J. Soft power: the means to success in world politics. – New York: Public Affairs, 2004.
4. Nye J. S. Soft power. – Foreign Policy No. 80, Twentieth Anniversary, pp. 153-171, 1990.

УДК 378

Шарипов М.И., Султонов Т.З.

ИНЪИКОСИ МАСЪАЛАҲОИ ЭКОЛОГӢ ДАР ТАЪЛИМОТҲОИ ДИНӢ

Дар мақола сабабҳои пайдоиши буҳрони экологӣ ва роҳҳои ҳалли онҳо аз дидгоҳи дин, махсусан муқаррароти насроният оид ба ҳифзи табиат мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Дар замони ҳозира таҳлили ҷанбаҳои динии масъалаҳои ҳалталаби экологӣ аҳамияти калон ва бисёр муҳим дорад. Махсусан ошкор намудани сарчашмаҳои буҳрони муосири экологӣ аз дидгоҳи динӣ имкониятро ба вуҷуд меорад. Дар мақола рисолаи мутахассис-олими машҳури амрикоӣ Л. Уайт оид ба таърихи дин “Решаҳои (асосҳои) таърихии бӯҳрони экологии мо” баррасӣ гардидааст

Калидвожаҳо: инсон, табиат, буҳрони экологӣ, дини масеҳият, масъалаҳои ҳалталаб, робита, муносибат, муҳофизат, Худованд.

Шарипов М.И., Султонов Т.З.

ОТРАЖЕНИЕ ЭКОЛОГИЧЕСКИХ ПРОБЛЕМ В РЕЛИГИОЗНЫХ УЧЕНИЯХ

В статье анализируются причины экологических кризисов и пути их решения с религиозной точки зрения, особенно положения христианства об охране природы. В настоящее время большое значение имеет анализ религиозных аспектов экологических проблем. В частности, выявление источников нынешнего экологического кризиса возможно с религиозной точки зрения. В статье широко рассматривается научная работа известного американского ученого - специалиста Л. Уайта «Исторические корни нашего экологического кризиса».

Ключевые слова: человек, природа, экологический кризис, христианство, проблемы, общение, отношение, защита, Бог.

Sharipov M. I., Sultonov T.Z.

REFLECTION OF ECOLOGICALLY PROBLEMS IN RELIGIOUS TEACHINGS

The article analyzes the causes of environmental crises and the ways to solve them from a religious point of view, especially the provisions of Christianity on the protection of nature. At present, the analysis of the religious aspects of environmental problems is of great importance. In particular, identifying the sources of the current ecological crisis is possible from a religious point of view. The scientific work of the famous American scientist - specialist L. White "The historical roots of our ecological crisis" is widely considered in the article.

Key words: man, nature, ecological crisis, Christianity, problems, communication, attitude, protection, God.

Замони ҳозира ошкор намудани лаҳзаҳои манфии робитаи дутарафаи байни инсон ва табиат зарурати ошкор намудани роҳу воситаҳои ҳалли масъалаҳои экологиро пешниҳод менамояд.

Аҳамиятнокии муҳими ин масъалаи ҳалталабро барои башарият он вазъияте муайян менамояд, ки қариб тамоми соҳаҳои маданият ба муҳокимаи он машғул мебошанд. Доир ба ин масъала дин ҳам бетараф буда наметавонад.

Дар замони ҳозира таҳлили ҷанбаҳои динии масъалаҳои ҳалталаби экологӣ аҳамияти калон ва бисёр муҳим дошта, хусусан нақшаи ошкор намудани сарчашмаҳои буҳрони муосири экологиро пайдо менамояд.

Яке аз сарчашмаҳое, ки ба мавзӯи шиддатноки муҳокимашаванда бахшида шудаасту шуҳрати баланде касб намуда ва дар Ғарб эътироф гардидааст, ин рисолаи мутахассис-олими машҳури амрикоӣ Л. Уайт оид ба таърихи дин дар мавзӯи "Решаҳои (асосҳои) таърихии бӯҳрони экологии мо (Исторические корни нашего экологического кризиса"), [12 с.15-30] мебошад.

Ин асар теъдоди зиёди раддия ва далелу исботро ба вуҷуд овард, нишон дод, ки ин мавзӯъ хеле мураккаб аст. Ошкор карда шуд, ки кори илмии пешниҳодшуда хеле баҳсталаб буда, машҳур мебошад [13 с.3].

Аҳамиятнокии ин кори илмиро дар адабиёти динии муосири экологӣ ба назар гирифта ба таҳлили он оғоз менамоем.

Эътироф менамоем, ки тамаддуни Ғарб бӯҳрони шадиди экологиро аз сар мегузаронад, муаллиф мақсад дорад, ки решаҳои таърихии онро дар урфу одатҳо, анъанаҳои динҳои яҳудию насронӣ пайдо намуда муқаррар намояд.

Аз рӯи ақидаҳои олими машҳур Л. Уайт хусусиятҳои асосии муносибати инсон ба табиат хоси урфу одатҳои динҳои яҳудӣ -насронӣ буда, муқобилгузории рӯҳи инсон ба ҷисми ӯ ва Худованд инсонро дар замин дар болои тамоми махлуқот ва мавҷудоти зинда ҳукмрон гардонид ба ҳисоб меравад.

Агар сухан дар бораи ин ду тезис равад, тавре ки маълум аст яке аз онҳо нисбатан анъанавӣ мебошад, аммо Фридрих Энгелс дар миёнаи асри XIX чунин қайд намуда буд: "Чи қадаре ки одамон ягонагии худро бо табиат дарк намоянд, он тасаввуротҳои беҳуда ва зиёд дар бораи мухолиф будани рӯҳ ва материя, инсон ва табиат, рӯҳу тан, ки дар Аврупо аз давраи таназзули замони атиқаи классикӣ вусъат ёфта буд, инкишофи олитаринро дар дини насронӣ ба даст оварда" [8 с. 496].

Барои ҳукмронии тасаввуротҳои динии додашуда ақидаи олими машҳур Ж. Ж. Руссо майли бозгашт ба табиат то андозае аксуламали манфиро ба вуҷуд овард.

Агар сухан дар бораи асосу далелҳои илмии олими маъруф Л. Уайт равад, вай ақидаи илмии худро дар заминаи китоби Инҷил (Бытие) баён намудааст: "Худованд ба онҳо баракат дод, насли онҳоро дар руи замин афзуд, то ин ки онҳо дар руи замин ҳукмронӣ намоянд ва он неъматҳое, ки Худованд дар руи замин офариду ато кард аз он ҷумла дар баҳр моҳӣ, паррандагон, ҳайвоноти ваҳшӣ, чорво ва тамоми мавҷудоти заминро истифода намоянд" [2 с. 179].

Л. Уайт ба монанди дигар олимон ин масъалаи ҳалталабро муҳокима намуда дарк намуд, ки яке аз оқибатҳои манфии ҳукмронии урфу одатҳои динҳои яҳудӣ-насронӣ аз он иборат аст, ки барои бартараф намудан, барҳам додани тасаввуротҳои пештараи будпарастӣ ва хусусияти хоси тасаввуроте, ки табиатро Худо пиндошта парастиш мекард, мусоидат намуд.

Тарсу ҳароси рӯҳҳое, ки тамоми мавҷудоти зинда ва предметҳои беҷонро ҳимоя мекунанд, будпарастиро қатъ намуданд. Умуман баъзе ҳайвонҳо муқаддас шуморида шуда, куштани онҳо манъ карда шуда буд. Дигар намуди куштор имконияти хавфу хатари қасосро ба вуҷуд меовард.

Аз рӯҳ ва тарсу ҳароси онҳо, ки аз табиат озод карда шудааст, ба воситаи методҳои объективии илмӣ омӯхтан мумкин аст то ки сипас ин донишро барои дар оянда зиёд намудани ҳокимият аз болои табиат истифода бурда шавад.

Ҳамин тавр аз руи урфу одатҳои динҳои яҳудӣ-насронӣ тавассути илм ва техника аз ҷиҳати идеологӣ онро тайёр намуда, буҳрони экологиро ба вуҷуд овард.

Ақидаҳои олими машҳур Л. Уайтро ба таври аслӣ эътироф кардан мумкин нест, чунки шуҳратмандии он ба зудӣ ба номаш дар давраи муҳокимаҳои беасос ва барзиёд дар атрофи масъалаи экология пайдо шуд.

Дар ибтидои асри ХХ хеле барвақт пеш аз олими машҳур Л.Уайт олими дигар философи машҳури диндори рус Н. Бердяев чунин нуқтаи назари илмии худро баён карда буд: “Инсоният наметавонад аз нуқтаи назари илмӣ табиатро дарк намояд ва ба таври техникӣ онро ба даст орад, то замоне, ки ҳаёти вай аз табиат вобастааст. Ана ҳамин сабаби тараққиёт, пешрафт, инкишофи номаҳдуди техника ва илмҳои табиатшиносии халқҳои қадим гардид. Дини насронӣ инсониятро аз ин вабо - аз ин қуввахои фишурандаи иблисонаи табиӣ озод намуд ва ба таври маънавӣ имконияту тараққиёти техника ва илмҳои табиатшиносиро барои вай тайёр намуда, барои аз худ кардан, забт намудани табиат ва зертобеъ кардани онро барои инсоният мусоидат намуд” [11 с. 23-24].

На муҷозот барои тасарруф кардани табиат, на ғасб кардани он, аз болои табиат ҳукм карда шавад, зертобеъ кардани табиат пеш аз ҳама нақшаи ба таври оқилона идора кардани табиат, ки он ягон мақсади ғайримуқаррарии демографиро надошта, балки мақсади он ғамхорӣ нисбат ба табиат ва афзун намудани боигариҳои он аст.

Барои тасдиқ намудани шарҳи додашуда аз китоби Таврот матни дигарро пешниҳод менамоем, ки дар он сухан дар бораи ҳидояти таврот меравад “Замин парвариш ва муҳофизат карда шавад” [3 с. 180].

Бо таассуф баён мекунем, ки инсоният ин ҳидоятро иҷро карда наметавонад, зеро дар раванди номувофикатии талаботи бемайлони инсоният ва имкониятҳои беҳудуди таъсири илмию техникӣ ба табиат ва имкониятҳои маҳдуди худи табиат вобаста буда, табиат торафт тобеъи инсон гардида истодааст [5 с. 44].

Дар он ҷое, ки амру наҳии дини насронӣ риоя карда мешавад, таъсири инсон ба табиат беҳтару хубтар ташкил карда шудааст.

Ба сифати намуна муқарраротҳои зиёде барои аз худ намудани заминҳои “нобоб, партов ва ботлоқзорҳои беҷон, биёбонҳои сухта аз ҷониби насрониён ба боғҳо ва заминҳои ҳосилхез, майдонҳои шудгори обод табдил дода шудаанд” бисёр мисолҳо оварда мешаванд.

Пас дар байни танқидгарон ва муҳофизони дини насронӣ, ки таврот ҳокимияти инсонро аз болои табиат муайян менамояд, ягон мухолифат вуҷуд надорад, баҳсу мунозира аз он сабаб сурат мегирад, ки дар зери мафҳуми ҳокимият мушаххас чиро фаҳмидан мумкин аст.

Бар хилофи анъанаҳои дертар аз нав ба вуҷуд овардашудаи ғарб дини насронӣ нисбат ба дигар имкониятҳои дигаргунсозандаи инсоният шаккокияи ба худ хоси муқарраршуда дорад, зеро ки фақат дигаргунсозанда ва тағйирдиҳандаи ҷаҳон танҳо Худованд хоҳад буд ва хоҳад монд.

Бинобар ин дар бисёр ҳолатҳо ба ҳамагон маълум аст, ки калисо ҳангоми ҳукмрон буданаш, ҳангоме ки халқро идора мекард, барои амалӣ намудани лоиҳаҳои муҳиме, ки нисбат ба табиат дигаргунсозӣ тағйирот ворид менамуд, халал расонида монеъа ба вуҷуд меовард.

Аз таъсири ҳамин гуна ҳодисаҳо ба табиат хабар дода мешуд ва ин таъсиротҳо айни замон мушоҳида мешаванд. Бинобар ин ҳангоми истифодаи табиат аз ҳадду ҳудуд гузаронидан лозим нест. Ин муқарраротро Худованд таъин намудааст то ин, ки масъалаҳои экологӣ мураккаб нагарданд [1. с. 123].

Шарҳи матнҳои Таврот ва дигар намуди шарҳе, ки аз ҷониби мутафаккири бузурги дини православянии рус С. Трубетский пешниҳод гардидааст мавҷуд мебошад.

Аз руи ақидаи ин олими бузург инсон қобилият дорад тамоми мавҷудоти зиндаро аз зинаи бефоидагӣ ба дараҷаи илоҳӣ расонад.

Ин олими фақеҳи дини православӣ ақидаи худро чунин баён кардааст: “Махлуқ бо умеди ваҳии илоҳии фарзандони Худоро интизор мешавад, ба хоҳише, ки вайро мутеъ кардааст, бо умеде, ки аз ғуломии фаноӣ озод шуда ба ҳамду санои фарзандони Худо дохил мегардад” “Зеро мо медонем, ки махлуқот то кунун то рӯзе, ки дар ҳаётанд, азоб мекашанд” .

Асри оянда аз рӯи ақидаи мутафаккири бузурги дини православии рус С. Трубетский на фақат ба инсоният, балки барои тамоми табиат эҳёи рӯҳан зиндашавиро ба вуҷуд меорад.

Агар мақсади ниҳоии ҷомеаи инсонӣ зинда мондан бошад ”пас бояд, ки тамоми тамоми инсоният дар ибодатгоҳи ягонаи илоҳӣ муттаҳид карда шаванд, тамоми махлуқоти Худо бояд, ки дар атрофи инсоне, ки ин мақсадро ба вуҷуд овардаасту овозаашро паҳн намудааст (Исои Масеҳ –Ш.М.,С. Т.), якҷоя шуда муттаҳид гарданд” [10 с. 53].

Шарҳ додани дини насронӣ ва робитаи он бо инсоният он қадар муҳим нест. Аз як тараф инсоният қуллаи баландтарини мӯъҷизаи Худованд буда, барои вай Худованд табиатро ато кардааст. Чунки он аз нуқтаи назари дини масеҳӣ бо тимсол ва ташбеҳ Худованд одамизодро ба сурати худ офарид, ӯро ба сурати Худо офарид ва инсоният нисбат ба табиат ба Худованд монанд аст, инчунин дигар ақида вуҷуд дорад, ки Худо одамро офарид ва Худованд ба шабоҳати худ ӯро тавлид сохт.

Тасодуфӣ нест, ки олими машҳур М.Штирнер нуқтаи назари файласуфони то даврaи дини масеҳиро, ки оламро ҳамчун расму оини эҷодкорона қабул кардаанду бояд ба тақдир итоат намоянд, ба ҷаҳонбинии дини масеҳӣ аз рӯи ақидаи “Ман дар олам насли худро ба вуҷуд овардам”, “Ин аз ҷониби падари ман Худо ба ман ирсол шудааст” [4 с. 182], муқобил гузошт ва ғалабаи масеҳиро бар зидди худпарастон номид.

Дар мувофиқа ба ин нуқтаи назар дини масеҳӣ аз рӯи меъёри муқарраршуда барои худпарастии шахсӣ, майлу хоҳиши худидоранакунанда, нокифоя будани муҳаббат ба табиат ва пургуноҳии умумӣ, ки арбобони машҳури дин сабаби буҳрони экологӣ ҳисоб мекунанд ҷавобгӯ мебошад. Аз тарафи дигар аз болои инсон ва ҳам аз болои табиат аз рӯи ақидаи дини масеҳӣ Худованд истодааст, ки бояд онҳо ба Худованд итоат кунанд. Мувофиқи ин ақида профессори Академияи динии Ленинград И. А. Заболотский пешниҳод менамояд, ки принсипҳои зӯҳду парҳезкории дини масеҳӣ барои тарбияи одамон истифода бурда шаванд, то ин ки дар рӯҳияи онҳо муносибати дӯстона ба муҳити табиат тарбия намуда, аз рӯи нуқта назари олими машҳур Н. Лосский “тамоми замин ба биҳишт табдил дода шавад”

Ниҳоят иттиҳод байни инсоният ва табиат ҳамчун тӯҳфаи илоҳӣ зоҳир мешавад: “Ҷасорат намуда эҳтиёҷот ва гуруснагиро таъмин менамоӣ, тамоми ҷонварони рӯи заминро наметарсонӣ,чунки ту бо тамоми одамон дӯст, тифоқ ҳастӣ ва тамоми ҷонвароне, ки дар рӯи замин вуҷуд доранд бо шумо дӯст ҳастанд”.[7 с. 571] Дар ин кори илмие, ки мо ибтидо гузоштем олими машҳур Л. Уайт тамоюли асосии экологии амалидоштаро дар ҳамаи анъанаҳои дини масеҳӣ кофтуков намуда онро дар фаъолияти олими машҳури дигар Франсизка Ассизкий, ки барои тамоми мавҷудоти зинда меҳру муҳаббатро таблиғу ташвиқот мекунад ва яке аз воизони дини масеҳӣ, тарғибкунандаи муҳаббати дини масеҳӣ барои ҳайвонот ба ҳисоб меравад ошкор намуд. Барои вазифадор шудан дар дини муқаддаси православӣ оид ба экология асосгузори православии Троице- Сергиево Сергий Радонежский метавонад даъвогар шавад, чунки дар шарҳи ҳол, қиссаҳои ин шахсият бо ҷонварон, хирсон муносибати дӯстона доштан тасвир карда мешавад.

“Ҷонварон суханони муқаддаси ӯро итоат мекунанд”[9 с. 242] . Маълум аст чунин мавқеъ аз он далолат мекунад, ки дини масеҳӣ бархилофи мисол мегирем дини буддоӣ неку, некукориро нисбат ба ҳайвонот ҳидоят наменамояд. Аммо дар ҳар кадом дине, ки бошад муҳаббат бештар аз оне ки Холиқ ба вуҷуд овардааст балки фақат ба Худованд тааллуқ дорад. Таърихшиноси машҳури англис А. Тойнби дар як вақт бо олими машҳур Уайт, ки ақидаҳояшон ба ҳам мувофиқ омад то андозае сабаби бӯҳрони экологиро муайян намуданд. Аз рӯи ақидаи ин олими машҳур тамоми сабабҳои бӯҳрони экологӣ ба яккахудоӣ оварда мерасонад, зеро “дорую дармон барои табобат” ин гузаштан ба тасаввуротҳои яккахудоӣ мебошад, чунки табиат на ҳамчун ганҷ балки мӯъҷизаи илоҳӣ фаҳмида шуда, замин, тамоми офатҳои табиӣ ва ҳодисаҳои он ҳам мӯъҷизаи илоҳӣ [6 с. 242] фаҳмида мешуданд. Чӣ тавре, ки таърихшиноси машҳур А. Тойнби қайд мекунад чӣ қадаре ки шумо ба Шарқ наздиктар шавед ҳамон қадар бисёртар ба динҳои томонотеистӣ наздиктар мешавед.

Муқоиса кардани нуқтаи назар барои муайян намудани мақоми инсон дар табиат, ки хоси динҳо ва тамаддунҳои шарқӣ аст дар замони ҳозира дар Ғарб барои ҷаҳонбии муосири ғарбӣ шуҳратёфта ба ҳисоб меравад. Нуқтаи назари илмии худро доир ба динҳои шарқӣ, ки тасдиқ шудаанд олими машҳур Ф. Капра дар китоби худ "Даои физики" чунин менависад:" Чунончи мактабҳои гуногуни тасаввуфии шарқӣ аз руи бисёр ҷузъиётҳо аз ҳамдигар фарқ мекунанд, аммо ҳамаи онҳо ягонагии умумии коинот, оламро тасдиқ менамоянд, ки хусусияти марказии таълимоти онҳо ба ҳисоб меравад. Мақсади асосии тарафдорони ин мактабҳои тасаввуфии шарқӣ хоҳ ҳинду, хоҳ буддоӣ ё ин ки даосист бошад- ин " дарк намудани ягонагии олам, коинот ва робитаи дутарафаи ҳама чизҳо ба он мебошад"[14 с.24]. Ин олими машҳур боз чунин қайд менамояд, ки ҷаҳонбинии экологии мактабҳои фалсафии шарқ бешубҳа яке аз сабабҳои шӯҳрати баланд гашта дар Ғарб дар байни ҷавонон обрую эътибор пайдо намуд. Ақидаи худро давом дода олими машҳур Ф. Капра чунин иброз кард, ки дар маданияти ғарбии мо нуқтаи назари ҷаҳонбинии нопурра ба олам ҳукфармо буда, бинобар ин қисми зиёди одамон сабаби ба таври васеъ паҳн шудани норозигии ҷамъияти моро мебинанд, дар натиҷа бисёр одамон таваҷҷуҳи худро ба тарзи ҳаёту зиндагии шарқӣ равона месозанд.

Бисёр олимони тадқиқотчии ғарбӣ чунин қайд мекунанд, ки таълимотҳои қадимии фалсафии шарқӣ кушиш менамоянд, ки фаҳмиши ҷаҳонбинии оламро ба сифати ҳакикати ягонаи вокеӣ маънидод намоянд, ки тамоми тарафҳои он робитаи дутарафа дошта ба ҳам вобаста буда, на ҳамчун ақрабаки соат, яъне ҳамчун организми зинда қабул карда шуда, балки ҳамчун мавҷудоти зинда мебошанд.

Хусусан олимони тадкикотчии хориҷиро нақши "органикӣ", "экологӣ"-и ҷаҳони Шарқ ба худ ҷалб намуд, чунончи мисол гирем чунин тасаввуроти олам ҳамчун организми зинда кайҳо боз дар Юнони қадим маълум аст. Дар ҷаҳондарккунии донишмандони шарқӣ "табиат тимсоли хеле бузург, озод, ҳақиқӣ буда, дорои истеъдоди баланди фитрӣ мебошад"[15 с. 30].

Дар зери таъсири ин ақидаҳо, нуқтаҳои назари илмӣ мутахассиси машҳури ҷопонӣ доир ба биологияи молекулярӣ чунин идеяро пешниҳод намуд, ки тамоми олам бояд ҳамчун қувваи фавқуттабиӣ эътироф карда шавад.

Ҳамин тариқ дар шароити муосири буҳрони шадиди экологӣ муқарроти динҳои гуногуни ҷаҳонӣ метавонад дар ҳаллӣ мушкилоти экологии саёра саҳми бузург дошта бошанд.Дар таълимоти дини буддоӣ чунин ақида вуҷуд дорад: "Ҳама барои як кас, як кас барои ҳама". Идеяи ягонагӣ, бутун будани гуногуншаклии табиати олам, ҳар як порча ва қисмҳои он асоси бунёди фалсафаи буддоӣ мебошад.

АДАБИЁТ

1. Герасимчук А.А. Человек и природа: Критика религиозно-идеалистических интерпретаций экологической проблемы. Киев, 1984, С. 123
2. Естествознание в борьбе с религиозным мировозрением М. Наука 1988 С. 179
3. Ҳамон ҷо С. 180.
4. Ҳамон ҷо С. 182
5. Журнал Московской патриархии.М. 1974. № 3. С.44.
6. Житие Сергия Радонежского //Древнерусские предания.М.,1982, С. 242.
7. Книга Иова //Поэзия и проза Древнего Востока.М.,1973. С.571.
8. Маркс К., Энгелс Ф. Соч. 2-е изд. Т. 20. С. 496.
9. Новиков М.П. Тупики православного модернизма. М.,1979. С. 142.
10. Трубетский С. Смысль жизни. М., 1917. С.53.
11. Шахнович М.И. Критика религиозных истолкований экологических проблем. М., 1985 С. 23-24.

12. White L. The historical roots of our ecological crisis//Ecology and Religionin history - Ed.by. D.and E Spring. N.Y, 1974 P. 15-30.
13. Spring D., Spring E. Introduction // Ecology and Religion in history - Ed.by. D/ and E Spring. N.Y, 1974 P. 3.
14. Capra F.The Tao of Physics. P.24.
15. Ikeda D. Dialogue on Life. Vol. f: Buddhist Perspective on life and Univverse.Tokyo, 1976. P. 30.

УДК: 53:004.94(076.5)

Олимӣ А.Р.

МУАЙЯН КАРДАНИ ЗАРЯДИ ХОСИ ЗАРРАҲО БО УСУЛИ МАЙЛКУНИ ДАР МАЙДОНИ МАГНИТӢ (моделсозии компютерӣ)

Дар мақолаи мазкур бо назардошти кори озмоишии анҷомдодашуда, диққати хонанда ба моделҳои компютерӣ дар асоси ҳаракати заррачаҳои заряднок дар майдони электркӣ, магнитӣ ва электромагнитӣ, шинос шудан бо тарзи кори масс-спектрометр ва муайян кардани заряди хоси заррахо, ҷалб карда мешавад. Дар кори мазкур моделҳои компютерӣ дар асоси ҳаракати заррачаҳои заряднок дар майдони электркӣ, магнитӣ ва электромагнитӣ, шинос шудан бо тарзи кори масс-спектрометр ва муайян кардани заряди хоси заррахо, дида баромада мешавад. Ғайр аз ин дар ин кори озмоишӣ ба таври таҷрибавӣ муайян кардани таъсири мутақобилаи зарядҳои электркӣ(баркӣ) ба тариқи моделронии компютерӣ дида баромада мешавад. Моделсозии компютерӣ яке аз усулҳои муосири омӯзиши системаҳои физикӣ мебошад. Моделҳои компютерӣ аксар имкон медиҳанд, ки таҷрибаҳо гузаронида шуда, натиҷаҳои дуруст ба даст оварда шавад. Моделҳои компютерии сода ба мо имконият медиҳад, ки омилҳои асосиеро, ки хосиятҳои объектҳои омӯзиши ва омӯхтани вобастагии системаи физикиро ба тағйир ёфтани параметрҳо ва шартҳои ибтидоии онҳо тавсиф медиҳад, муайян намоем.

Калидвожаҳо: компютер, озмоишгоҳ, виртуалӣ, моделсозӣ, физика, техника, барнома, зряд, электрик, магнити, электромагнить,масс-спектрометр.

Олими А.Р.

ОПРЕДЕЛЕНИЕ УДЕЛЬНОГО ЗАРЯДА ЧАСТИЦ МЕТОДОМ СКЛОНЕНИЕ В МАГНИТНОМ ПОЛЕ (компьютерное моделирование)

В данной статье с учетом проведенных экспериментальных работ внимание читателя обращается на компьютерные модели, основанные на движении заряженных частиц в электрическом, магнитном и электромагнитном полях, для ознакомления с принципом работы масс-спектрометра и определения удельный заряд частиц. Кроме того, в данной экспериментальной работе рассматривается экспериментальное определение взаимодействия электрических зарядов с помощью компьютерного моделирования. Компьютерное моделирование является одним из современных методов изучения физических систем. Компьютерные модели часто позволяют проводить эксперименты и получать точные результаты. Простые компьютерные модели позволяют определить основные факторы, описывающие свойства объектов исследования, и изучить зависимость физической системы от изменения их параметров и начальных условий.

Ключевые слова: лаборатория, виртуальный, моделирование, физика, методика, программа, компьютерный заряд, заряд, магнитный, электромагнитный, масс-спектрометр.

Olimi A.R.

DETERMINATION OF THE SPECIFIC CHARGE OF PARTICLES BY THE METHOD DECLINE IN A MAGNETIC FIELD (computer simulation)

In this article, taking into account the experimental work carried out, the reader's attention is drawn to computer models based on the movement of charged particles in electric, magnetic and electromagnetic fields, to familiarize themselves with the principle of operation of a mass spectrometer and determine the specific charge of particles. In addition, this experimental work considers the experimental determination of the interaction of electric charges using computer simulation. Computer simulation is one of the modern methods for studying physical systems. Computer models often allow you to experiment and get accurate results. Simple computer models make it possible to determine the main factors that describe the properties of objects of study and to study the dependence of a physical system on changes in their parameters and initial conditions.
Key words: laboratory, virtual, modeling, physics, technique, program, computer charge, charge, magnetic, electromagnetic, mass spectrometer.

Мақсади кор: Дар кори озмоишии мазкур диққати хонанда ба моделҳои компютерӣ дар асоси ҳаракати заррачаҳои заряднок дар майдони электркӣ, магнитӣ ва электромагнитӣ, шинос шудан бо тарзи кори масс-спектрометр ва муайян кардани заряди хоси зарраҳо, ҷалб карда мешавад. Ғайр аз ин дар ин кори озмоишӣ ба таври таҷрибавӣ муайян кардани таъсири мутақобилаи зарядҳои электркӣ(баркӣ) ба тариқи моделронии компютерӣ дида баромада мешавад. Моделсозии компютерӣ яке аз усулҳои муосири омӯзиши системаҳои физикӣ мебошад. Моделҳои компютерӣ аксар имкон медиҳанд, ки таҷрибаҳо гузаронида шуда, натиҷаҳои дуруст ба даст оварда шавад. Моделҳои компютерии сода ба мо имконият медиҳад, ки омилҳои асосиеро, ки хосиятҳои объектҳои омӯзиши ва омӯхтани вобастагии системаи физикиро ба тағйир ёфтани параметрҳо ва шартҳои ибтидоии онҳо тавсиф медиҳад, муайян намоем.

Майдони электрӣ. Қуввае, ки ба ҳар гуна заряди q дар нуқтаи додашудаи майдон аз тарафи майдони электрӣ таъсир мерасонад, бо муодилаи зерин ҳисоб карда мешавад

$$\overrightarrow{F_э} = q\overrightarrow{E}, (1)$$

ки дар он $\vec{E}$- вектори шиддат дар ҳамон нуқтаи майдони электрикӣ мебошад, ки дар он заряди q гузошта шудааст. Азбаски q доимии скаляри аст, пас самт вектори қувва $\vec{F}$ бо самти вектори шиддати майдони электрӣ $\vec{E}$ муайян карда мешавад ва аз аломати заряд вобаста аст:[4. С.226]

• агар заряд q>0 бошад, вектори қувва $\vec{F}$ параллел ба вектори шидатнокии майдони электрӣ $\vec{E}$ равона шудааст ва ба ҳамон самте, ки вектори $\vec{E}$ равона шудааст;

• агар адади q<0 бошад, вектори кувва $\vec{F}$ параллел ба вектор шидатнокии майдони электрӣ равона шудааст, яъне ба тарафи муқобил аз вектори $\overrightarrow{E}$ равона шудааст.

Қуввае, ки ба зарра дар майдони якҷинсаи электрикӣ таъсир мерасонад, дар ҳама ҷои майдон якхела аст, бинобар ин шитоби заррае, ки аз тарафи қонунм дуюми Нютон муайян карда мешавад бетағйир мемонад (дар суръатҳои пасти заррачаҳо V<<c, ки дар он с суръат рӯшноӣ дар вакуум мебошад). Ҳолатеро дида бароем, ки қувваи ҷозибаи зарраҳои заряднок (дар аз чумла, электрон) назар ба қувваи майдони электрӣ хеле кам аст.

Пас, мувофиқи қонуни дуюми Нютон, муодилаи ҳаракати зарраҳо намуди зеринро мегирад

$$m\frac{d\vec{V}}{dt} = q\overrightarrow{E}.$$ (2)

Муодилаи вектории хаттӣ ба се муодилаи скалярӣ тақсим мешавад, ки ҳар яки онҳо ҳаракатро аз рӯи тири координатаҳои дахлдор тасвир мекунад. Минбаъд мо танҳо ба баъзе ҳолатҳои махсуси ҳаракат эътибор медиҳем.

Фарз мекунем, ки заррачаи заряднок дар аввал ба самти тири OX бо суръати $\overrightarrow{V_0}$ ба майдони электрии конденсатори ҳамвор, параллел ба руяҳои ҳамвори он парвоз мекунад. Агар масофаи байни руяҳои конденсатор нисбат ба дарозии онхо L хурд бошад, пас таъсири канораҳои онро нодида гирифтан мумкин аст ва майдони электрикии байни руяҳоро якҷинса ҳисобидан мумкин аст. Тири OY-ро параллел ба майдон равона карда, ҳосил мекунем $E_{\text{x}} = E_z = 0$ ва $E_{\text{y}} = E$.

Дар ҳолати муоинашаванда ба заррача танҳо қувва аз тараф майдони электркӣ таъсир мекунад, ки ҳангоми интихоби тирҳои координатӣ пурра ба самти тири OУ равона шудааст. Аз ин рӯ, траекторияи зарра дар ҳамвории XY ҷойгир аст ва муодилаҳои ҳаракат шакли зеринро мегиранд

$$\frac{dV_{\text{x}}}{dt} = 0, \frac{dV_{\text{y}}}{dt} = \frac{q}{m}E.$$ (3)

Ҳаракати зарраҳо, ки таҳти таъсири қувваҳои доимӣ ба амал меояд, ба ҳаракати ҷисми ба таври уфуқӣ партофташуда дар майдони ҷозиба монанд аст. Бинобар ин, зарра дар як вақт дар ду харакат иштирок мекунад - мунтазам аз рӯи уфуқӣ ва мунтазам тағйирёбанда аз рӯи амудӣ ва масири (траекторияи) зарра парабола хоҳад буд.

Аз муодилаҳои (3) интеграл гирифта ҳосил мекунем

$$V_x = \frac{dx}{dt} = const = V_0$$ *(4)*

$$V_{\text{y}} = \frac{dy}{dt} = \frac{q}{m}Et + C,$$ *(5)*

дар ин ҷо t= $\frac{L}{V_0}$ вақти дар майдони электрикӣ будани зарра ва C доимии интегронӣ мебошад. Ҳамин тариқ ҳангоми t= 0 (вақтест, ки зарра ба конденсатор парвоз мекунад) $V_y = 0$, пас C = 0 ва бинобар ин

$$V_0 = \frac{dy}{dt} = \frac{q}{m}\ E\frac{L}{V_0}.$$ (6)

Дар ҳаракати собитшитоб аз рӯи амудӣ, ҳангом $V_{0\text{y}} = 0, V_{0\text{x}} = V_0$, ҳосил мекунем

$$\text{Y}=\frac{q}{m}\frac{E}{2}\left(\frac{L}{V_{0x}}\right)^2$$ (7)

Майдони магнитӣ. Қуввае, ки ба заррачаҳои заряднок дар майдони магнитӣ таъсир мекунад, бо муодилаи зерин муайян карда мешавад

$$\vec{F}_{\text{м}} = q\left[\vec{V}\vec{B}\right],$$ (8)

ки дар ин ҷо q заряди заррае мебошад, ки бо суръати $\vec{V}$ дар майдони магнитӣ харакат мекунад, ки индукцияи магнитии он $\vec{B}$ мебошад.

Ифодаи скалярӣ барои ҳисоб кардани қувваи майдони магнитӣ дар шакли зерин навишта мешавад

$$F_m = qVB\sin\alpha,$$ (9)

ки α кунҷи байни векторҳои суръат $\vec{V}$ ва индуксияи магнитӣ $\vec{B}$ мебошад.

Қуввае, ки ба заряди дар майдони якҷинсаи магнитӣ ҳаракаткунанда таъсир мекунад ба ҳосили зарби индукцияи ин майдон ба заряд, ва суръати харакати он ва синуси кунҷи

байни самти майдони магнитӣ ва самти ҳаракати заряд (яъне байни самтҳои векторҳои $\vec{V}$ ва $\vec{B}$) баробар аст.

Аз муодилаи муайян кардани қувваи магнитӣ (8) чунин бармеояд, ки қувваи майдони магнитӣ ҳамеша ба суръати заррaҳои заряднок перпендикуляр аст, бинобар ин ин қувва кор иҷро намекунад. Ҳамин тавр, қувваи майдони магнитӣ қувваи марказрав буда ба заряди ҳаракаткунанда шитоби нормалӣ медиҳад, яъне самти зарядҳои зарядноки ҳаракаткунандаро тағйир медиҳад, вале модули суръатро тағйир намедиҳад [3. С.186].

Бузургии кунҷи байни векторҳои суръат $\vec{V}$ ва индуксияи магнитӣ $\vec{B}$ имкон медихад, ки дар харакати заррачахои заряднок дар майдони магнитӣ як катор қонуниятҳо муқаррар карда шаванд.

1. Заррачаи заряднок дар майдони магнитии якҷинса бо суръати $\vec{V}$ қад-қади хатҳои индуксияи магнитӣ ҳаракат мекунад: қуввае, ки бо муодилаи (9) ҳисоб карда мешавад, ба сифр баробар аст, яъне майдони магнитӣ ба заррача таъсир намерасонад ва он мунтазам ва ростхатти ҳаракат мекунад [1.с.230].

2. Заррае, ки заряди электрикиаш q ва массааш m аст, ҳангоми дар майдони магнитӣ ҳаракат карданаш суръати он $\vec{V}$ ба вектори $\vec{B}$ перпендикуляр аст: қувваи майдони магнитӣ

$$F_m = qVB \quad (10)$$

аз рӯи модул ва нормал доимӣ, ба вектори суръати зарра баробар мебошад. Мувофиқи қонуни дуюми Нютон, ин қувва шитоби нормалиро ба вуҷуд меорад ва зарра аз рӯи доирае ҳаракат мекунед, ки радиусаш аз шарти зерин муайян карда мешавад

$$qVB = \frac{mV^2}{R} \quad (11)$$

$$R = \frac{m}{q}\frac{V}{B} \quad (12)$$

Масири (траекторияи) заряд дар майдони магнитӣ дар мавриди баррасишаванда доирае дар ҳамвори мебошад, ки ба вектори индуксияи магнитӣ перпендикуляр аст. Давраи гардиши заррача T, яъне вақте, ки дар давоми он заррае як гардиши пурра мекунад аз рӯи муодилаи зерин ҳисоб карда мешавад

$$T = \frac{2\pi R}{V} \quad (13)$$

3. Заррачаи заряднок ба майдони магнитии якҷинса бо суръати $\vec{V}$ таҳти кунҷи α ба вектори $\vec{B}$ индуксияи магнитии ин майдон парвоз мекунад: ташкилкунандаҳои перпендикуляри суръат $\vec{V}$ дар зери таъсири майдони магнитӣ танҳо аз рӯи самт тағйир меёбанд, дар ҳолате, ки ташкилдиҳандаи параллелии суръат доимӣ мемонад; барои ҳамин заррачаи заряднок қад-қади хатҳои спиралшакл, ки тири он ба вектори $\vec{B}$ параллел аст, ҳаракат мекунад.

Майдони электромагнитӣ. Агар майдони электрӣ ва магнитӣ дар як вақт мавчуд бошанд, он гоҳ ба зарраи зарядноки бо суръати $\vec{V}$ ҳаракаткунанда дар майдони электромагнитӣ дар як вақт ҳам қувваи майдони магнитӣ ва ҳам қувваи майдони электркӣ таъсир мекунад; қувваи натиҷавии F, ки ба заррaҳо таъсир мекунад бо муодилаи зерин муайян карда мешава

$$\vec{F} = q\vec{E} + q\left[\vec{V}\vec{B}\right] \quad (14)$$

ва қувваи Лоренц номида мешавад.

Агар дастаи заррачахои заряднокро таҳти кунҷи рост ба самти якдигари майдонхои электрӣ ва магнитӣ гузаронем, ки ба ҳарду майдон перпендикуляр бошад, он гоҳ вобастагии шадидияти майдони электркӣ $\vec{E}$ ва индуксияи майдони магнитӣ $\vec{B}$-ро тавре интихоб кардан мумкин аст, ки дастаи заррaҳои заряднок майл накунанд, дар ин мавриd қувваи майдони

электрӣ ва қувваи майдони магнитие, ки ба ҳар кадоми зарраҳо таъсир мерасонад ва модули ин қувваҳо баробар мебошанд.

Дар асоси он, ки заррачаҳои заряднок дар майдони магнитӣ ва майдонҳои электркӣ майл мекунанд, метавонем заряди хоси зарраро (q / м) –ро муайян кунем, вобастагии заряди зарра q ба массаи он m.

Масс-спектрометр асбобест, ки ба воситаи он заряди хоси ион муайян карда мешавад, яъне вобастагии заряди он ба масса ва агар заряди ион маълум бошад, пас массаи он низ муайян карда мешавад.

Масс-спектрометр дорои камераи вакуумӣ мебошад, ки дорои се лавҳаҳои барои ионҳо ношаффофи I, II ва III бо сӯрохиҳо O_1, O_2 ва O_3 (расми 1) мебошад, ки ба воситаи он ионҳо парвоз мекунанд [5].



Расми 1. Нақшаи масс-спектрометр.

Дар байни қисмҳои I ва II, майдони якҷинсаи электрикӣ бо шиддати $\vec{E}$ ва майдони магнитии якҷинса бо вектори индуксияи магнитӣ $\vec{B}_1$ офарида мешавад, ки перпендикуляр ба вектори $\vec{E}$ равона шудааст.

Агар иони мусбат аз сурохии қисми I бо суръати $\vec{V}$ перпендикуляр ба вектори $\vec{E}$ ва $\vec{B}_1$ парвоз кунад, он гоҳ дар майдони электркӣ ва магнитӣ ба самти муқобил қувваи

майдони электрӣ $\vec{F}_э$ ва қувваи майдони магнитӣ $\vec{F}_м$ таъсир мекунад. Дар ягон суръати муайяни ионҳо ин қувваҳо дар ҳолати мувозинат буда метавонанд, он гоҳ ионҳо ростхата ва мунтазам ҳаракат карда ба воситаи сӯрохиҳо O_2 ва O_3 парвоз карда ба монеъаҳои II ва III бо суръати пешина $\vec{V}$ мегузаранд. Ва агар дар як дастаи ионҳо баъзан суръати гуногун ҷой дошта бошад, пас қувваҳои электркӣ ва магнитӣ мувозинат намешаванд. Пас бо таъсири натиҷавии ин қувваҳо баробар бо фарқӣ $\vec{F}_э$ ва $\vec{F}_м$ ион бо шитоб ба тарафи рост ва чап ҳаракат карда, тавасути сурохиҳои O_2 ва O_3 ворид намешаванд. Инак, бинобар таъсири майдонҳои электрӣ ва магнитӣ байни диафрагмаҳои якум ва дуюм, аз сӯрохи O_3 танҳо ионҳое мегузаранд, ки суръати якхела доранд ва ионҳои дорои суръати гуногун филтр карда мешаванд.

Ионҳои мусбати массаашон m бо заряди q аз сӯрохии O_3 парвоз карда ба майдони магнитии якҷинсаи индуксияаш $\vec{B}_2$ меафтад, ки ба суръати ион $\vec{V}$ перпендикуляр мебошад (расми 1). Дар баробари ин ба он қувваи майдони магнитӣ таъсир мекунад [2. С.400].

$$F_m = qVB_2 \quad (15)$$

ки дар зери таъсири он ион қад-қади камони доираи радиусаш R харакат мекунад

$$R = \frac{m}{q}\frac{V}{B_2} \quad (16)$$

Аз муодилаи (16) муодилаи ҳисоб кардани заряди хоси заррача (q/m)-ро меёбем

$$\frac{q}{m} = \frac{V}{B_2 R}. \quad (17)$$

Экрани масс-спектрометр бо моддае пушонда шудааст, ки бо таъсири ионҳо медурахшад. Масофаро аз сӯрохи O_3 то нуқтаи равшанӣ дар экран, ки ион аз он дар экран зарба мехурад, шумо метавонед ин масофаро баробар тақсим карда радиус R-и нимдавраро, ки аз рӯи он ион ҳаракат мекунад муайян кунед. Дар қиматҳои муайяни суръати ион ва индуксияи майдони магнитӣ B_2 , радиуси масири он R-ро муайян намуд аз муодилаи (17) заряди хоси ион ва массаи онро хисоб кардан мумкин аст.

Бо истифода аз масс-спектрометр олимон массаи ҳамаи элементҳои ҷадвали Менделевро муайян карданд.

Модели компютерии «Ҳаракати заряд дар майдони электркиро" - ро кушода, онро бодиққат тафтиш кунед, ҳама танзимкунандагон ва дигар унсурҳои асосиро дар конспект ҷойгир кунед. (Агар шумо чӣ гуна кор карданро бо системаи компютерӣ фаромӯш карда бошед муқадимаи моделсозиро бори дигар хонед) [5].



Рисунок 2. Окно компьютерной модели «Движение заряда в электрическом поле».

